ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 800 +809.155.0 (81 +81. 2 Тоҷ)

В - 20

ВАЛИЗОДА ҲОКИМХОН САФОЛИЁН

ТАШАККУЛИ ЗАБОНШИНОСИИ НАВИНИ ТОҶИК ВА МАРҲИЛАҲОИ РУШДИ ОН (СОЛҲОИ 1840-УМИ АСРИ XIX ТО ЗАМОНИ БОЗСОЗӢ)

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон

Мушовири илмӣ:
доктори илмҳои филологӣ,
профессор Хоҷаев Д.

Душанбе, 2026

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА 5-20

БОБИ 1. ТАШАККУЛИ ЗАБОНШИНОСИИ НАВИНИ ТОҶИК ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX 21-67

1.1. Ташаккули забоншиносии навини тоҷик то Инқилоби Октябр 21-47

1.2. Ҳаракати маорифпарварӣ ва таъсири он ба афкори забоншиносии навини тоҷик.....48-53

1.3. Китобҳои дарсии мактабҳои усули нав ва инъикоси афкори забоншиносии навини тоҷик дар онҳо.....53-57

1.4. Фарҳангҳои тафсирӣ ва идомаи афкори забоншиносии классикӣ дар онҳо …….....57-63

1.5. Ҳамроҳшавиии Осиёи Миёна ба Русия ва таъсири афкори забошиносии рус дар ташаккули забоншиносии навини тоҷик.....63-67

БОБИ 2. ТАШАККУЛИ ЗАБОНШИНОСИИ НАВИНИ ТОҶИК ДАР СОЛҲОИ 20-30-ЮМИ АСРИ XX.....68-156

2.1. Мубоҳисаҳо атрофи масъалаҳои забони тоҷикӣ ва арзиши забоншиносии онҳо.....68-86

2.2. Саҳми донишмандон, адибон ва рӯзноманигорон дар мубоҳисаҳои солҳои 20-30-юми асри XX.....87-88

2.2.1. Садриддин Айнӣ ва нақши ӯ дар рушди забоншиносии навини тоҷик.....88-96

2.2.2. Турақул Зеҳнӣ ва саҳми ӯ дар ташаккули забоншиносии навини тоҷик.....96-99

2.2.3. Сайидризо Ализода ва афкори забоншиносии ӯ.....99-105

2.2.4. Раҳим Ҳошим ва ҷойгоҳи ӯ дар мубоҳисаҳои солҳои 20-30-юми асри XX.....105-110

2.2.5. Абдурауф Фитрат ва саҳми ӯ дар мубоҳисаҳои солҳои 20-30-юми асри XX.....110-117

2.2.6. Абдулвоҳид Мунзим ва нақши ӯ дар мубоҳисаҳои солҳои 20-30-юми асри ХХ.....118-125
2.2.7. Баҳриддин Азизӣ ва мавқеи ӯ дар мубоҳисаҳои солҳои 20-30-юми асри ХХ .....…….125-131
2.2.8. Бектош (Нарзулло Ҳайдарӣ) ва масъалаҳои забоншиносии навини тоҷик 131-140
2.2.9. Баҳром Ҳоҷизода ва афкори забоншиносии ӯ.....141-148
2.2.10. Ҳомид Бақозода ва мақоми ӯ дар ташаккули забоншиносии навини тоҷик.....148-156
БОБИ 3. ТАШАККУЛИ ЗАБОНШИНОСИИ НАВИНИ ТОҶИК ДАР СОЛҲОИ 40-50-УМИ АСРИ ХХ 157-198
3.1. Баррасии осори илмии муҳаққиқони забоншиноси ин марҳилаи забоншиносии навини тоҷик.....157-159
3.1.1. Лутфулло Бузургзода ва саҳми ӯ дар таҳқиқи баъзе масъалаҳои забоншиносӣ.....159-169
3.1.2. Абдусалом Деҳотӣ муҳаққиқи масоили забони тоҷикӣ.....169-178
3.1.3. Афкори забоншиносии академик Абдулғанӣ Мирзоев 179-198
БОБИ 4. МАСЪАЛАҲОИ ЗАБОНШИНОСИИ НАВИНИ ТОҶИК ДАР СОЛҲОИ 60-УМИ АСРИ ХХ 199-250
4.1. Таҳлили осори илмии муҳаққиқони забоншиноси ин марҳилаи забоншиносии навини тоҷик 199-201
4.1.1. Бобоҷон Ниёзмуҳаммадов ва осори забоншиносии ӯ.....201-210
4.1.2. Масъалаҳои илми сарф аз назари Шавкат Ниёзӣ.....210-214
4.1.3. Додоҷон Тоҷиев ва афкори забоншиносии ӯ.....214-221
4.1.4. Носирҷон Маъсумӣ – муҳаққиқи забон ва услуби адибон.....221-230
4.1.5. Раззоқ Ғаффоров ва масъалаҳои забоншиносӣ.....231-234
4.1.6. Шарофиддин Рустамов ва мақоми ӯ дар ташаккули забоншиносии навини тоҷик.....234-236
4.1.7. Худойдод Ҳусейнов муҳаққиқи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ.....236-247

4.1.8. Муҳаммадҷон Шукуров (Шакурӣ) ва нақши ӯ дар масъалаҳои тозагии забони адабии тоҷик 247-250
БОБИ 5. АНДЕШАҲОИ МУҲАҚҚИҚОНИ ЗАБОН ДАР СОЛҲОИ 70-УМИ АСРИ ХХ.....251-311
5.1. Марҳилаи ҷамъбасти натиҷаҳои пажуҳиш ва таҳқиқи бахшҳои илмҳои забоншиносӣ 251-254
5.1.1. Додоҷон Тоҷиев ва масъалаҳои таҳқиқи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ 254-265
5.1.2. Раззоқ Ғаффоров ва масъалаҳои таҳқиқи шевашиносӣ.....265-268
5.1.3. Шарофиддин Рустамов ва таҳқиқи калимасозӣ 269-274
5.1.4. Баррасии масъалаҳои забоншиносӣ аз назари Абдуғанӣ Эшонҷонов..... 274-277
5.1.5. Мукаррама Қосимова ва масъалаҳои таҳқиқи таърихи забон.....277-280
5.1.6. Саид Ҳалимов муҳаққиқи таърихи забон..... 280-284
5.1.7.Муҳаммадӣ Исматуллоев ва баъзе масъалаҳои наҳви забони тоҷикӣ.....285-289
5.1.8. Фарҳод Зикриёев ва саҳми ӯ дар таҳқиқи наҳви забони тоҷикӣ.....289-291
5.1.9. Ҳомид Маҷидов ва баррасии масъалаҳои фразелогияи забони адабии ҳозираи тоҷик.....291-296
5.1.10. Баъзе масъалаҳои забони тоҷикӣ аз назари Пулод Қурбонов 296-299
5.1.11. Баҳриддин Камолиддинов – муҳаққиқи услубшинос 299-306
5.1.12. Абдусаттор Мирзоев ва масъалаи таҳқиқи ибораҳои забони тоҷикӣ.....306-311
ХУЛОСАҲО 312-319
ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ…….....319-320
РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА.....321-355
ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ……256-259

МУҚАДДИМА

Диссертатсия ба таҳқиқи ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ) бахшида шудааст.

Мубрамии мавзуи (предмети) таҳқиқот: Муҳиммияти таҳқиқи “Ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ)”, пеш аз ҳама, ба зарурати дарки илмии равандҳои таърихӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии афкори забоншиносии навини тоҷик алоқаманд аст. Мавзуи мазкур ҳамчун бахши асосии илми таърихи забоншиносӣ маҳсуб ёфта, дар фаҳмиши ташаккули худшиносии миллӣ ва рушди фарҳанги маънавии ҷомеа нақши муҳим мебозад. Маҳз омузиши ин мавзуъ имкон медиҳад, ки марҳилаҳои гузариш аз анъанаҳои классикии шарқӣ ба методологияи илми муосир муайян карда шуда, равандҳои табдили афкори илмӣ, таъсири омилҳои сиёсӣ ва инчунин, нақши мактабҳои гуногуни илмӣ муайян карда шаванд. Дигар ҷиҳати муҳиммияти омузиши мавзуъ боз дар он зоҳир мешавад, ки дар ин марҳила пояҳои забоншиносии навини тоҷик гузошта шуда, масъалаҳои асосии сарфу наҳв, луғат, овошиносӣ, услубшиносӣ, фразеология ва шеваҳои забони тоҷикӣ ба як қолаби муайяни илмӣ дароварда шуданд.

Таърихи афкори забоншиносии мардуми тоҷик монанди улуми фалсафа, адабиёт, нақди адабӣ, санъату меъморӣ решаи дурударози таърихӣ дорад. Гузаштагони тоҷикон ҳануз пеш аз истилои араб дорои алифбо ва хатти худ буданд. Шарқшиноси машҳури рус В. В. Бартолд дар иртибот ба ин мавзуъ чунин таъкид кардааст: “Хизмати суғдиҳо дар кори паҳн намудани алфавит ба онҳо ҳуқуқ медиҳад, ки дар таърих аз ҷиҳати мавқеъ дар қатори финикиҳо истанд” [37, с. 70].

Ин далели он аст, ки афкори забоншиносии тоҷик то истилои араб дар мардуми мо шояд бо роҳи баҳрабардорӣ аз таҷрибаи Юнону Ҳинд пайдо шуда, дар вазъи шаклгирӣ будааст.

Яке аз аввалин муҳаққиқони афкори забоншиносии тоҷик, профессор Д. Хоҷаев дар иртибот ба пажуҳиши масъалаи мазкур чунин ибрози назар кардааст: “Ҳарчанд ки аз давраи қабл аз ислом барои равшан сохтани саҳифаҳои таърихи илми забоншиносии тоҷик маводди зарурӣ дастрас нест, аммо ба асоси рисолаву дастурҳои забони арабӣ, ки бинобар шаҳодати сарчашмаҳои таърихӣ, аксар муаллифонашон мардуми эронӣ, аз ҷумла, тоҷикон буданд ва маълумоти хеле муътамаду муфассале, ки дар рисолаҳои фалсафӣ, аруз, нақди адабӣ ва мусиқӣ дар аҳди ислом бо забони тоҷикӣ таълиф шудаанд, метавонем итминони комил дошта бошем, ки илми забоншиносии мо решаҳои таърихӣ доштааст” [289, с. 4].

Пас аз истилои араб афкори забоншиносии тоҷик зери таъсиру нуфузи низоми дастури забони арабӣ қарор гирифт. Таъсир расонидани низоми дастури забони арабӣ ба афкори забоншиносии тоҷик ин тақозои замон буд, чунки забони арабӣ ҳамчун забони миллати ҳукмрон афзалият пайдо карда, тамоми қувваҳои илмӣ баҳри такмилу тадвини асосҳои дастури забони арабӣ сафарбар карда шуда буданд. Мувофиқи сарчашмаҳои таърихӣ, аксар тадвинкунандагони дастури забони арабӣ эронитаборон буданд, чунончи, муаллифи асари маъруфи “Ал-китоб” Сибивайҳи форс [246] аз зумраи онҳо буд. Оҳиста-оҳиста нуфузи Хилофат дар сарзаминҳое, ки мардумонашон ғайриараб буданд, суст шудан гирифт ва ин халқҳову миллатҳо имкон ёфтанд, ки илму фарҳанги худро ё аз нав эҳё созанд ё таҳррезӣ кунанд; аз ҷумлаи онҳо халқи тоҷик маҳсуб меёбад, ки он ҳам ба эҳёсозиву заминагузорӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иқтисодию фарҳангӣ ва илмӣ имкон пайдо кард.

Дар ҳамин замина роҷеъ ба илмҳои гуногун, аз ҷумла, илми забоншиносии тоҷик, дар осори донишмандони асри X ва минбаъд қайду ишора ва тавзеҳоти муҳимми забоншиносӣ пайдо шуданд, ки намунаи онро мо дар “Донишномаи Алоӣ” [4]-и Абуалӣ ибни Сино дида метавонем.

Ин донишманди тавоно вобаста ба қонунҳои илми мантиқ як қатор мавзуъҳои марбути забоншиносиро ҳам шарҳ додааст, ки аз диди

забоншиносии муосир ҷолиби таваҷҷуҳанд. Зиёда аз ин, роҷеъ ба илми савтиёт рисолаеро ҳам ба номи “Махориҷ-ул-ҳуруф” [5] таълиф кардааст. Ин анъана, яъне дар заминаи илмҳои фалсафа, аруз, бадеъ, мусиқӣ шарҳ додани қавонини дастури забони тоҷикӣ, то нимаи аввали асри XX идома меёбад.

Ҳарчанд анъанаи шарҳи асосҳои дастури забони тоҷикӣ минбаъд то нимаи аввали асри XIX дар асарҳои улуми сегонаи адабӣ, фарҳангҳои тафсирӣ, баъзе дастурҳо аз асосҳои дастури забони тоҷикӣ идома мепазирад, аз нимаи дуюми асри XIX вазъи афкори забоншиносии тоҷик тағйир меёбад.

Дар нимаи дуюми асри XIX дар сарзамини Осиёи Миёна ҳаракати маорифпарварӣ пайдо шуд, ки намояндагонашон, пеш аз ҳама, ба ислоҳоти соҳаи таълим пардохтанд. Ба ин мақсад онҳо барои такмилу таҷдиди барномаҳои таълимии мадрасаҳо, усули таълим ва мазмуну муҳтавои китобҳои дарсӣ андешаҳояшонро иброз дошта, худашон бевосита ба таълиму тадрис машғул гардида, китобҳои дарсии нав таълиф намуданд.

Пас аз ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Русия, бо таъсири афкору маданияти рус ва ҷараёни маорифпарварӣ мактабҳои типи русӣ-таҳҷоӣ (бумӣ) ва мактабҳои усули нав пайдо мешаванд. Дар ҷаҳонбинию шуури мардуми тоҷик дигаргунӣ ба вуҷуд меояд, баъди ба роҳ мондани раванди таълим ва пайдо шудани назару афкори навини забоншиносӣ замина ба вуҷуд меояд. Кӯшиш карда мешавад, ки дар асоси таҷрибаи забоншиносии рус меъёрҳо ва асосҳои дастурии забони тоҷикӣ барои зинаҳои гуногуни омузиш ва синну соли мухталифи қишрҳои ҷомеаи тоҷикон навишта шаванд. Натиҷаи ҳамин кӯшишҳо буд, ки соли 1841 бо диду усули нав бо унвони “Краткая грамматика персидского языка” [34] (“Грамматикаи мухтасари забони форсӣ”)-и Аббос-Қулӣ Оғо Боқихонов нашр мешавад. Соли 1875 М. А. Терентев китоберо бо номи “Грамматики турецкая, персидская, киргизская и узбекская” (“Грамматикаҳои туркӣ, форсӣ, қирғизӣ ва узбекӣ”) [257] ба нашр мерасонад.

Пас аз нуҳ сол, яъне соли 1884, Мирзо Ҷаъфар китоби “Краткая грамматика персидского языка” [162] (“Сарф ва наҳви форсӣ ба русӣ”)-ро

менависад. Солҳои 1888-1990 И. П. Наликвин ду китоб: яке бо номи “Русско-персидский словарь” [182], дигаре зери унвони “Руководство к практическому изучению персический языка” [183]-ро нашр менамояд.

Ин китобҳо, ҳарчанд ки барои хонандагони синфҳои махсуси донишкадаю донишгоҳҳои забонҳои шарқи ҳамон солҳо тартиб дода шуда буданд ва баъзе мансабдорони русе, ки дар Осиёи Миёна ба мардуми маҳаллӣ сару кор доштанд, аз ин китобҳо истифода мекарданд, дар ташаккул ва рушди минбаъдаи афкори забоншиносии давраи нав ва навиштани китобҳои дарсии нисбатан мукаммал роҷеъ ба асосҳои дастури забони тоҷикӣ заминае гардиданд.

Аз ин ҷост, ки таҳқиқи ҳамаҷонибаи таърихи ташаккул ва марҳилаҳои он барои таърихи афкори забоншиносии навини тоҷик, рушди марҳилаи ҳозира, таълифи китобҳои дарсии зинаҳои гуногуни таълим аз фанни забони тоҷикӣ ва дастури ҷомеъ ё академикӣ аҳаммияти бузурги назарӣ ва амалӣ дорад.

Шуруъ аз нимаи солҳои 20-30-юми асри XX дар матбуоти тоҷик фикру андешаҳо ва мубоҳисаҳои гуногун ба миён омаданд, ки дар онҳо масъалаҳои забони адабии тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Дар ин замина мақолаҳои зиёде ба табъ мерасанд, ки онҳо аз ҷиҳати илмӣ, муҳтаво, мундариҷа ва асолати миллӣ дар як поя нестанд, аммо маҳз ба воситаи ҳамин мақолаҳо асоси илми забоншиносии навини тоҷик то андозае гузошта мешавад. Хушбахтона, ин интишорот аз саҳифаҳои рӯзномаҳову маҷаллаҳо ва бойгониҳо гирдоварӣ шуда, соли 2007 дар шакли китоб ба номи “Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо” [78] ба нашр расонида мешаванд.

Ҳамаи мунозираҳое, ки дар атрофи забони адабии тоҷикӣ, содагардонии он, масоили гуногуни забоншиносии тоҷик баён гардидаанд, заминае шуданд, барои шаклгирии афкори навини тоҷикӣ дар нимаи аввали асри XX, аммо то имрӯз арзиш ва таъсири ин сарчашмаҳо ба афкори забоншиносии марҳилаҳои баъдии он ба таври пурра таҳлилу таҳқиқ нашудааст. Аз ин ҷост, ки муайян кардани арзиши забоншиносии маводди

мазкур аз нигоҳи забоншиносии муосир, муайян кардани саҳми чеҳраҳои барҷаста аз муҳиммӣ ва мубрамии таҳқиқоти мазкур маҳсуб меёбад.

Ҳамчунин, муҳиммияти дигари мавзуи таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки дар доираи он равандҳои шаклгирӣ ва рушди афкори забоншиносии навини тоҷик мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегирад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Роҷеъ ба вазъи забоншиносии навини тоҷик бори нахуст устод Айнӣ изҳори назар кардааст. Устод Айнӣ дар мақолаи “Оид ба вазъияти забоншиносии тоҷик” чунин менависанд: “Забони адабии тоҷик ҳарчанд таърихи ҳазорсола ва грамматикаи мустаҳкам дошта бошад ҳам, то Революцияи Кабири Сотсиалистии Октябр дар ин мавзуъ асари дурусте ба майдон наомада буд” [353, с. 3-8].

Дар иртибот ба ин таъкиди устод ду нуктаро мехоҳем баён кунем, аввалан, аз ин миён, чунонки Д. Хоҷаев дар мақолаи “Назари устод Айнӣ дар бораи афкори забоншиносии гузаштаи тоҷик” [284] зикр мекунад, ки илми луғотро метавон истисно кард, зеро илми луғот дар забони тоҷикӣ собиқаи тулонӣ дорад ва дар аҳди Сомониён ин бахши забоншиносӣ то андозае ба асоси ҳамон анъанаи гузаштаи худ инкишоф ёфт. Дигар ин ки то ибтидои асри XX доир ба асосҳои дастури забони тоҷикии дарӣ дар муқаддимаи фарҳангҳои тафсирӣ, улуми сегонаи адабӣ маълумоту тавзеҳоти зарурӣ дода шудааст ва баъзе дастурҳои таълимӣ низ таълиф шудаанд, ба монанди дастури таълимии “Чаҳор гулзор” [275]-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ (асри XVI), “Рисолае дар сарфу наҳв ва имло” [302]-и Ҳоҷӣ Муҳаммад Каримхони Кирмонӣ (асри XIX).

Соли 1962 мақолаи таҳлилии В. С. Расторгуева зери унвони “Изучение таджикского языка в СССР” [217] чоп мешавад. Дар мақолаи мазкур муаллиф мақолаву рисола ва китобҳоеро оид ба шеваҳо ва хусусиятҳои дастуриву услубии забони тоҷикӣ аз нимаи дуюми асри XIX зикр карда, ҳамчунин роҷеъ ба мақолаи профессори Донишгоҳи Қазон В. В. Григорев ба номи “О некоторых событиях в Бухаре, Коканде и Кошгаре” [60] (“Дар бораи баъзе ҳодисаву воқеаҳои муҳимми Бухоро, Қуқанд ва Қошқар”), ки дар

он оид ба шеваи тоҷикони Бухоро маълумот дода шудааст, мухтасар сухан рондааст.

Ин мақола барои таҳқиқи ҳаматарафаи афкори забоншиносии навини тоҷик дар муддати зиёда аз сад сол маводди зарурӣ дода метавонад. Мақолаи дигар таҳти унвони “Вазъияти забоншиносӣ ва вазифаи забоншиносони тоҷик” [201], ки он ҳам хусусияти шарҳдиҳии умумӣ дошта, баъзе масъалаҳои ҳалталабро дар назди муҳаққиқони забоншиноси тоҷик мегузорад, ба қалами академик Б. Ниёзмуҳаммадов тааллуқ дорад.

Дар мақолаи мазкур муаллиф дар бораи гузаштан аз алифбои арабӣ ба алифбои лотинӣ (1929-30) ва соли 1940 аз алифбои лотинӣ ба алифбои наве, ки дар асоси графикаи русӣ тартиб дода шуда буд, маълумот дода, алифбои навро дар маърифати халқи тоҷик ва омухтани забони русӣ ҳодисаи муҳим шуморидааст. Дар иртибот ба ин масъала муҳаққиқ таъкид менамояд, ки тарҷумаи зиёд аз русӣ ба тоҷикӣ ба сохти грамматикии забони тоҷикӣ низ таъсири самарабахш расониданд.

Муаллифи мақола муҳокимаи худро ин тавр асоснок кардааст: “Дар натиҷаи ин таъсири забони русӣ дар забони тоҷикӣ шаклҳои нави ҷумлаҳои сода ба вуҷуд омаданд. Ба туфайли ин дар солҳои охир сохти синтаксисии забони миллии тоҷик бой, суфта ва равон гашт” [201, с.77].

Дар муҳокимаи фавқи академик Б. Ниёзмуҳаммадов ду нуктае ҳаст, ки баҳсталабу шубҳаноканд: аввалан, бе далел ҳукм карда шудааст, ки “Дар натиҷаи ин таъсири забони русӣ дар забони тоҷикӣ шаклҳои нави ҷумлаҳои сода ба вуҷуд омадаанд” [201, с. 77]. Ин шаклҳои ҷумлаҳои сода кадом ҷумлаҳои содаанд, ки то ин таъсир дар забони адабии классикӣ ва муосири мо вуҷуд надошта будааст ва мо чи тавр бе онҳо мубодилаи афкор карда будаем?! Нуктаи дигар ин аст, ки ба сохти наҳвиёти забони адабии мо, то он дараҷае ки муаллиф таъкид мекунад, таъсир расонидани забони русӣ ҷойи ифтихор надорад, зеро таъсири зиёд ба наҳвиёти забон ин нишона аз заифии забон буда, хатари махлутшавии забони таъсирпазирро мефаҳмонад.

Аз ин нуқтаи назар, таъсири забони дигарро дар бахши наҳвиёти забони тоҷикӣ на ҳодисаи мусбат, балки раванди таъсири манфиовар баррасӣ намуда, ба аҳли қалам бояд ҳушдор дод, ки рахна дар сохтори наҳвии забон ҳодисаи матлуб нест.

Дар фуроварди қисмати муқаддимотии мақолаи мазкур муаллиф чунин таъкид кардааст: “Омухтани баъзе соҳаҳои илми забоншиносии тоҷик (шевашиносӣ ва луғатшиносӣ пеш аз революцсия оғоз ёфта) ва таҳқиқ намудани забони адабии ҳозираи тоҷик дар солҳои Ҳокимияти Советӣ хеле пеш рафт ва дар ин соҳа муваффақиятҳои зиёде ба даст дароварда шудаанд ва дар ҳамин солҳо ба илми забоншиносии тоҷик асос гузошта шуд” [201, с.79].

Албатта, ин андешаи муаллиф мутобиқ ба замони таълифи мақола мебошад. Ҳоло дар асоси таҳқиқоти навтарин, ки маҳсули замони бозсозӣ ва истиқлол аст, метавон қайд кард, ки дар гузашта донишмандони мо ба масъалаҳои дастури забон, тозагии он ва луғату истилоҳ диққат медоданд.

Шуруъ аз асри XIV баъзе рисолаву дастурҳои таълимӣ низ таълиф шудаанд. Аз ин рӯ, афкори забоншиносии тоҷик дар гузашта низ шакл гирифтаву то андозае рушд ҳам ёфта буд.

Муҳокимаву хулосаи академик Б. Ниёзмуҳаммадов, асосан, фарогири ташаккулёбии забоншиносии навини тоҷик (замони шуравӣ) мебошад.

Пас аз ин, академик Б. Ниёзмуҳаммадов доир ба таҳқиқи шевашиносиии тоҷик, ки ду давра: давраи пешазинқилобӣ ва давраи шуравиро дарбар мегирад, изҳори назар кардааст.

Дар мақола муаллиф роҷеъ ба дастури забони адабии тоҷик мулоҳизаҳо оварда, иброз доштаанд, ки бо забони тоҷикӣ асарҳои зиёде эҷод шуда бошанд ҳам, то Инқилоби Октябр сохти грамматикии он таҳлил ва таҳқиқ карда нашудааст ва ба ин эҳтиёҷ ҳам нашудааст, чунки дар мактаб ва мадрасаҳои кӯҳна забони тоҷикӣ ҳамчун фан таълим дода намешуд.

Ин хулосаи академик Б. Ниёзмуҳаммадов низ нисбӣ аст, чаро ки халқе, ки чунин адабиёти оламшумул офаридаасту аз нигоҳи қоидаҳои дастури забони тоҷикӣ нуқсе дар осори адибони классикии мо ба чашм намерасад,

дар асоси қавонини кадом забон осори худро эҷод кардааст? Агар арабӣ гуем, охир, бо забони нобу шоиронаи тоҷикӣ ҳаст-ку, на арабӣ. Албатта, он адибон низоми грамматикаи арабиро меомухтанд, аммо нозукию салосати забони тоҷикиро ҳис мекарданд ва худашон қоидаҳои дастури забони модариашонро матраҳ месохтанд. Масалан, Абуалӣ ибни Сино, Носири Хусрав, Шамси Қайси Розӣ, Насируддини Тусӣ, Маҳмуди Омулӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ мураттибони фарҳангҳои тафсирӣ шуруъ аз “Луғати фурс” [404] то “Ғиёс-ул-луғот” [409] шарҳу тавзеҳи зиёде оид ба асосҳои дастури забони тоҷикӣ оварданд, баъзе дастурҳои таълимӣ низ дар ин замина таълифу тадвин шудаанд.

Муаллиф бо ҳамин равиш корҳои илмӣ-пажуҳишиеро, ки то солҳои 60-уми асри XX роҷеъ ба услубшиносӣ, луғатшиносиву таҳқиқи муқоисавии тоҷикиву русӣ, терминология ва имло аз ҷониби олимони тоҷику шарқшинос навишта шуда буданд, номбар намуда, арзишу аҳаммияти онҳоро таъкид кардааст.

Академик Б. Ниёзмуҳаммадов таъкид кардааст, ки дар баробари дастоварду муваффақиятҳо дар соҳаи забоншиносии навини тоҷик камбудиҳои зиёде ба назар мерасанд, ки вазифаи забоншиносони тоҷик ҳарчи зудтар рафъ кардани онҳо ва дар роҳи рушди илми забоншиносии тоҷик сайъ кардан аст.

Мақола зери унвони “Забоншиносии тоҷик дар даврони советӣ” [386] ба қалами профессор Ш. Рустамов тааллуқ дорад. Тафовути мақолаи Ш. Рустамов аз ду мақолаи пешин дар ин аст, ки ӯ дар аввали мақола бо чанд ҷумла аз собиқаи забоншиносии тоҷик ёд оварда, пас ба шарҳу эзоҳи осори илмиву таълимӣ оид ба забоншиносии навини тоҷик мепардозад ва ёдрас менамояд, ки оғози забоншиносии тоҷик ба асрҳои гузашта мансуб аст.

Лексикографияи тоҷик, – мегуяд муаллиф, – аз асри X оғоз ёфтааст ва дар ин муддат луғатҳои зиёди тафсирӣ ба майдон омадаанд, ки дар бештарини ин луғатҳо ҳангоми тафсири калимаҳо ба сохту таркиби онҳо низ эътибор доданд. Баъзе аз луғатҳои тафсирӣ дорои муқаддимаи лексикиву

грамматикӣ мебошанд, ки дар онҳо хусусиятҳои грамматикӣ ва калимасозӣ то андозае шарҳ ёфтанд” [386, с. 19].

Пас аз муқаддимаи мухтасар муаллиф ба шарҳи ташкили пойгоҳҳои илмиву таълимӣ дар замони шуравӣ, тағйири алифбо, саҳми устод Айнӣ дар инкишофи забони адабии тоҷик гузашта, саҳми олимони русу тоҷик И. И. Зарубин ва Л. Бузургзодаро дар таҳқиқи таркиби овозии забони тоҷикӣ таъкид карда, дастовардҳои муҳаққиқони забоншиноси тоҷикро то солҳои 70-уми асри XX номбар кардааст.

Дар иртибот ба ин мавзуъ, метавон мақолаю гузоришҳои Б. Азизӣ “Ба забони дарӣ дурри суханро суфтан мехоҳам” [9] ва “Дар бораи забони адабии тоҷик” [10], С. Айнӣ “Дар атрофи забони форсӣ ва тоҷикӣ”, “Забони тоҷикӣ”, “Ҷавоби ман” [14; 16; 17;], Ф. Аълозода “Дар гирди забони адабии тоҷик” [32], Бектош “Дар атрофи забони адабии тоҷикӣ [41], Бертелс “Дар бораи забони адабии тоҷик” [46], Н. Бухорӣ “Дар гирди масъалаи забони адабии тоҷик” [54], Ҳоҷаев Валӣ “Дар масъалаи сода кардани забони китобии тоҷик” [276], Думбол “Оё лозим аст, ки забони адабии тоҷикӣ аз нав эҳё шавад” [77], Т. Зеҳнӣ “Мубоҳиса дар бораи забон ва адабиёт”, “Забони “Овози тоҷик”, “Маслиҳатҳои ман дар бораи забон” [87; 88; 92], Мунзим “Дар бораи забони адабии тоҷикӣ” [172], А. Муҳиддинов “Фикрҳои мо дар бораи забони адабии тоҷикӣ” [175], Муъинзода “Дар атрофи масъалаи забони китобӣ-адабӣ” [176], Раҳим Ҳошим “Ба мо забони оммафаҳм даркор аст”, “Дар гирди забони адабии тоҷик чӣ менависанд?”, “Забони меҳнаткашони форсизабон”, “Дар арафаи ҳал кардани масъалаҳои забон, алифбо ва имло” [224; 225; 227; 228]-ро ном гирифт, ки аксаран ба масъалаҳои муҳимми забоншиносӣ даст задаанд ва ба кулли масоили мавриди назар аз нуқтаи назари биниши нави забоншиносӣ баҳо додаанд.

Дар асари бибилиографии А. Юнусов “Таърихи забоншиносии тоҷик” [327] “Нишондиҳандаи умумӣ”-ро оид ба таърихи инкишофи забони адабии тоҷик мавриди таҳқиқ қарор додааст. Муҳаққиқ то қадри имкон саъйу кӯшиш намудааст, ки маводди то Инқилоби Октябр ва дар давраи шуравӣ оид ба

забоншиносии тоҷик дар зарфи 110 сол (солҳои 1861-1971) нашршударо нишон диҳад. Ҳамаи адабиёти “Нишондиҳанда” ба 14 боби асосӣ гурӯҳбандӣ шудааст, ки аксарияти онҳо фаслҳои алоҳидаро фаро гирифтаанд. Масалан, 1. Қисми умумӣ. 2. Хат ва имло. 3. Таълими забони тоҷикӣ. 4. Китобҳои дарсӣ. 5. Барномаҳо. 6. Масоили услубшиносӣ. 7. Таърихи забони тоҷикӣ (Дар ин боб асару мақолаҳое гирд оварда шудаанд, ки бевосита ба забони тоҷикӣ нисбат доранд ва ё онҳо дар матбуоти шуравӣ нашр гардидаанд). 8. Шеваҳои забони тоҷикӣ. 9. Муносибати забони тоҷикӣ бо забонҳои дигар. 10. Сохти забони адабии ҳозираи тоҷик. 11. Лексикология. 12. Лексикография. 13. Библиография. 14. Нишондиҳандаҳои ёрирасон. Ҳар як адабиёт ба мавзуи муайян дахл дошта, маводҳои библиографӣ, ки оид ба забоншиносии тоҷик мутааллиқанд, дар ҷилди охирини китоб оварда шудаанд. Бояд қайд кард, ки асари мазкур ба ҳар як муҳаққиқ, ки ба омузиши таърих ва назарияи забоншиносии тоҷик сару кор дорад, мусоидат хоҳад кард.

Вобаста ба саҳми забоншиносони дохилию хориҷӣ, ки дар ташаккули забоншиносии навини тоҷик саҳм доштаанд, боз чандин таҳқиқоти донишмандони дигарро ҳам номбар кардан мумкин аст. Дар бахшҳои марбутаи диссертатсия ба онҳо ба таври муфассал маълумот дода шудааст.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқи мавзуи диссертатсия нишондиҳандаҳои муҳимми мутобиқати кори илмӣ ба стратегияҳои давлатӣ, самтҳои афзалиятноки рушди илм, ҳамчунин, нишондиҳандаҳои муҳимми сифатӣ ва аҳаммияти кори илмӣ буда, бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" (05.10.2009, № 553), Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030 (аз 28.11.2020, №647), Барномаи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2016 (аз 30.06.2012, 335), Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ" (аз 30.06.2021, №268) ва мавзуъҳои кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон робитаи бевосита дорад. Дар кафедраи мазкур мавзуи “Таърихи афкори

забоншиносии тоҷик” як самти таҳқиқи илмиро ташкил медиҳад. Ин мавзуъ чандин фаслу зерфаслҳоро дар бар гирифта, бахшҳои алоҳидаи он дар курсу семинарҳои тахассусӣ хонда мешавад.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар тавсифи мухтасар ва мураттаби таҳқиқот ҷанбаҳои асосии таҳқиқ муайян гардида, мақсади таҳқиқот бо фарогирии бозбинии рушди забоншиносии муосир, бо вазифагузории иҷрои кори илмӣ, муайян намудани объекти муҳимми таҳқиқот, мушаххассозии мавзуи баррасишаванда, ҷамъбастнамоии кори илмӣ дар марҳилаҳои гуногун ва давраи таҳқиқот, асоснокии илмии мавзуъ ва робитаи он бо назарияҳои мавҷуда, маҷмуи натиҷаҳо, хулосаҳо ва дастовардҳои нави илмие, ки дар давоми пешбурди фаъолияти илмӣ ба даст омадаанд, мавриди баррасии амиқ қарор гирифтаанд. Дар нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда хулосаҳои асосии илмӣ ва комилан нав ба ҳимоя манзур гардидаанд. Ҷанбаҳои асосии аҳаммияти назариявӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия, мутобиқатии диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиб ва амалисозии марҳилаҳои муҳимми раванди таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми он яке аз масъалаҳои муҳимме мебошад, ки дар таҳқиқоти илмӣ пурра мавриди корбарӣ қарор гирифтааст.

Мақсади таҳқиқот. Ҳадафи таҳқиқ ин муайян кардани омилҳо ва марҳилаҳои асосии ташаккули забоншиносии навини тоҷик, махсусан, дар нимаи дуюми асри XIX ва то солҳои 70-уми асри XX мебошад. Кӯшиш ба харҷ рафтааст, ки тамоми маводди дастрас шуруъ аз соли 1840-и асри XIX то солҳои 70-уми асри XX мавриди омузишу баррасӣ қарор дода шавад. Дар асоси маводди таҳқиқшаванда сайъ намудем, ки ташаккули афкори забоншиносии навини тоҷик ва рушди он дар ҳар марҳила вобаста ба омилҳои таъсиргузор муайян ва натиҷагирӣ шавад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои дар пеш гузошташуда ҳаллу фасл намудани вазифаҳои зерин пешбинӣ мегардад:

– таҳлили амиқи асосҳои назариявии забоншиносӣ ва мафҳуми афкори забоншиносӣ;

– муайян кардани марҳилаи ташаккулёбии забоншиносии навини тоҷик;

– ошкор намудани заминаҳо, омилҳо ва ҳадафҳои ташаккулёбии афкори забоншиносии навини тоҷик;

– омузиш ва таҳлили марҳилаҳои асосии ташаккули афкори забоншиносии навини тоҷик;

– мушаххас намудани марҳилаи якуми ташаккули забоншиносии навини тоҷик пас аз Инқилоби Октябр;

– баррасӣ ва таҳлили мубоҳисаҳои илмии солҳои 20-30-юми асри XX, инчунин, арзёбии осори чеҳраҳои барҷаста, ки дар ин раванд, фаъолона иштирок намуданд;

– таҳқиқи марҳилаи дуюми омузишии забони тоҷикӣ ва нақши он дар рушди афкори забоншиносии тоҷик;

– нишон додани тафовути марҳилаи сеюми рушди афкори забоншиносии навини тоҷик, саҳми муҳаққиқони забоншиноси тоҷик дар ташаккули афкори забоншиносӣ.

Объекти таҳқиқот. Объекти таҳқиқи рисоларо осори илмӣ-пажуҳишии шарқшиносони русу тоҷик аз соли 1840 то Инқилоби Октябр ва осори илмии муҳаққиқони забоншинос роҷеъ ба масъалаҳои гуногуни забоншиносии навини тоҷик баъд аз Инқилоби Октябр то замони бозсозӣ фаро мегирад.

Мавзуи (предмет)-и таҳқиқот. Мавзуи пажуҳишро мабоҳиси марбут ба “Ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ)” ташкил медиҳад.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Асосҳои назариявии таҳқиқоти мазкурро дастовардҳои донишмандони ватаниву бурунмарзӣ: Абуалӣ ибни Сино, Носири Хусрав, Насируддини Тусӣ, Шамси Қайси Розӣ, Маҳмуди Омулӣ, Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, Б. Ниёзмуҳаммадов, Д. Т. Тоҷиев, М. Н. Қосимова, Ш. Рустамов, Д. Хоҷаев, Д. Саймуддинов, С. Ҳалимов, А. Ҳасанзода, Т. Ваҳҳобов, С. Назарзода, Ф. Шарифзода, М. Султон, С. Сабзаев, А. Юнусов ва муҳаққиқони хориҷӣ, аз қабили Аббос-Қулӣ Оғо Боқихонов, М. Терентев, Мирзо Джафар, К. Г .Зеленман, В. А. Жуковский, И. П. Наликвин, В. В. Григорев, В. В. Виноградов, Ф . М. Березин, Е. Э. Бертельс, А. Н. Болдирев, В. А. Звегинсев, А. Н. Гвоздев, В. С. Росторгуева, В. А. Ефимов, П. Н. Хонларӣ, М. Баҳор ва дигарон ташкил медиҳанд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар нуктаҳои зерин ифода меёбад:

– ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он дар солҳои 1840 то замони бозсозӣ ба сурати яклухту бунёдӣ баррасӣ шудааст;

– манбаъ ва омилҳои ташаккули афкори забоншиносии навини тоҷик дар заминаи марҳилаҳои таърихӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст;

– аз нигоҳи замон ва муҳтаво марҳилаҳои ташаккул ва рушди афкори забоншиносии навини тоҷик ба ду давра: давраи то Инқилоби Октябр ва давраи пас аз Инқилоби Октябр бо далелҳои фаровон тақсимбандӣ карда шудааст;

– марҳилаи дуюм, ки замони инкишофу ташаккули забоншиносии навини тоҷик маҳсуб меёбад, акнун баъзе насли калонсолу ҷавонони маҳаллӣ ба майдони забоншиносии тоҷик дохил мешаванд, ба сурати густурда бо фарогирии чеҳраҳои дар он нақшдошта баррасӣ гардидааст.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Марҳилабандии таърихиву рушди забони адабии муосири тоҷик, густариши демократикунонии забони адабӣ дар се марҳила (солҳои 20-30-юм; 40 ва 50-ум; солҳои 60, 70 ва 80-уми асри XX) мушаххас карда шуд.

2. Таҳқиқи таълифи китоби грамматикаи мухтасари “Грамматикаи забони форсӣ” (“Краткая грамматика персидского языка”-и Аббос-Қулӣ Оғо Боқихонов, “Краткая грамматика персидского языка”-и Мирзо Ҷаъфар, “Краткая грамматика персидского языка”-и К. Г. Залеман ва В. А. Жуковский) дар инкишофи афкори забоншиносии навини тоҷик заминаи боэътимод гузошта, тибқи манбаъ ва сарчашмаҳои бунёдӣ андешаи олимон Аббос-Қулӣ Оғо Боқихонов, Мирзо Ҷаъфар, К. Г. Залеман, В. А. Жуковский ҷиҳати рушди афкори забоншиносии тоҷик заминаи мусоид фароҳам овард.

3. Саҳми равшанфикрони маҳаллӣ Мирзосайид Абдусалом, Муҳаммадрасул Расулӣ, Маҳмуд Хоҷа Беҳбудӣ, Исматулло Раҳматуллозода дар тарғиби илм ва низоми таълим ба забони модарӣ дастурҳои забони форсӣ дар ташаккули забоншиносии навини тоҷик нақши муҳим гузошт.

4. Мубоҳисаҳои солҳои 20-30-юми асри XX масоили мавриди баррасии Анҷумани нахустини забоншиносони Тоҷикистон (23-28-уми августи соли 1930) аз нигоҳи мавзуъ гурӯҳбандӣ шуда, феҳристи мукаммали бахшу қисматҳои илми забоншиносии тоҷик: Забони адабии тоҷик ва масоили илмиву амалии он, алифбои лотинӣ ва қабули он, имлонигорӣ нави тоҷикӣ, истилоҳ ва истилоҳгузинӣ, сарфу наҳви забони тоҷикӣ, навишти китобҳои дарсӣ, саҳми матбуот дар рушди забоншиносӣ, забони гуфтугӯии тоҷикӣ муайян карда шуд.

5. Саҳми устод Айнӣ, А. Лоҳутӣ, Э. Бертелс, Т. Зеҳнӣ, С. Ализода, Р. Ҳошим, А. Фитрат, Бектош, А. Мунзим, Б. Азизӣ, Ҳ. Бақозода, Б. Ҳоҷизода, ба ташаккули забоншиносии навини тоҷик заминаи мусоид фароҳам овард.

6. Олимону адибони маҳаллӣ ҷиҳати ташаккули забоншиносии навини тоҷик мавқеи хос дошта, дар мубоҳисаву мунозираҳо вобаста ба масъалаҳои меъёри забони адабӣ, ҳусни баён, истифодаи вожаҳои иқтибосӣ, истилоҳот, риояи қоидаҳои дастури забони адабӣ, калимасозиву ибораорой, ҷумлабандӣ,

истифодаи дурусти муродифоти луғавиву наҳвӣ, хусусиятҳои услубии воҳидҳои забон, талаффузу имло ва аломатҳои китобат нақши муассир гузоштанд.

7. Гузариш аз низоми хатти арабиасос ба алифбои лотинӣ ва баъдан ба алифбои сириллики тоҷикӣ яке аз марҳилаҳои муҳимми рушди таърихии низоми хати забони тоҷикӣ маҳсуб меёбад. Бо истифода аз маводди таърихӣ ва забоншиносии тоҷик ин раванд дар заминаи тағйироти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаи шуравӣ сурат гирифта, ташаккул ва такмили меъёрҳои забони адабии тоҷикӣ собит гардид.

8. Дастовардҳои муҳимми муҳаққиқону забоншиносони тоҷик дар шакли дастуру китобҳои дарсии зинаҳои гуногуни таҳсилот, луғату фарҳангҳо, рисолаҳои илмии ҷамъбастӣ дар солҳои 70-уми асри XX китобат шуданд.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Аҳаммияти назариявии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки бори нахуст ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он дар заминаи маводди фаровони солҳои 1840 то замони бозсозӣ, ки он ба рушди минбаъдаи илми забоншиносӣ, такмили асосҳои методологӣ ва амиқтар дарк намудани афкори забоншиносии навини тоҷик мусоидат мекунад, ҳаматарафа ва ба таври густурда таҳлилу баррасӣ шудааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он аст, ки ҷараёни ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он дар замони шуравӣ аз марҳилаи дуюм (солҳои 1925-1926) то замони бозсозӣ муназзам дар асоси маводди фаровон муайян карда шудааст, ки он барои мукаммал гардидани ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он дар замони Истиқлол ва таҳияи китобу дастурҳои таълимии зинаҳои гуногуни таълим, дастури ҷомеи забони тоҷикӣ ва хондани курс – семинарҳои тахассусӣ маводди фаровон дода метавонад. Инчунин, натиҷаву хулосаҳои диссертатсияро метавон дар таълифу тадвини дастурҳои таълимӣ, методӣ ва китобҳои дарсӣ доир ба ташаккули забоншиносии навини тоҷик истифода

бурд. Он ҳамчунин ба донишҷуён, магистрантону докторантон дар раванди таълифи рисолаҳои хатму магистрӣ ва доктор PhD мавриди истифода қарор хоҳад гирифт.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсияи “Ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ)” бо шиносномаи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон мувофиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот пеш аз ҳама, дар ҷамъоварии маводди фаровон оид ба ташаккул забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840 то замони бозсозӣ)”, омузиши назарияҳои донишмандони муосири ватаниву хориҷӣ дар робита ба мавзуи баҳс, таҳия намудани мақолаву маърузаҳо оид ба мавзуи таҳқиқ зоҳир мегардад. Инчунин, интихоб ва бандубасти илмии мавзуъ дар мувофиқа бо мушовири илмӣ сурат гирифта, саҳми довталаб дар муайян намудани ҳадафҳои асосӣ, коркарди мавод, таҳлилу баррасӣ ва хулосабарориҳои илмии мавзуи интихобшуда зоҳир мегардад.

Таҳқиқот дар илми забоншиносии тоҷик пажуҳиши нав ва мубрам маҳсуб меёбад. Дар рафти таҳқиқ муаллифи рисола ба ҳалли масъалаҳои муҳимми дар пеш гузошташуда, аз ҷумла, таҳқиқи мукаммали таърихи афкори забоншиносии навини тоҷик дар асоси маводди фаровон аз соли 1840-уми асри XIX то замони бозсозии асри XX муваффақ шудааст.

Тасвиб ва амалисозӣ. Диссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраҳои таърихи забон ва типология, забони адабии муосири тоҷикӣ, забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бо иштироки мутахассисон аз Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии омузгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (суратҷаласаи №11, аз 08.05.2026) баррасӣ ва муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия карда шудааст.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Хулосаи асосии диссертатсия дар 24 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 18 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 5 мақола дар маҷмуаҳои илмии конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва дар маҷмуаҳои гуногуни илмӣ ба нашр расидааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертасия аз муқаддима, 5 боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои амалии таҳқиқ ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Ҳаҷми умумии диссертатсия 360 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

БОБИ 1. ТАШАККУЛИ ЗАБОНШИНОСИИ НАВИНИ ТОҶИК ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX

1.1. Ташаккули забоншиносии навини тоҷик то Инқилоби Октябр

Афкори забоншиносии классикии тоҷик собиқаи тулонии таърихӣ дошта бошад ҳам, дар ташаккули марҳилаи ибтидоии забоншиносии навини тоҷик, ки давраи муайяни таърихиро то Инқилоби Октябр дарбар мегирад, ба таври мустақим мавриди таҳқиқи алоҳида қарор нагирифтааст.

Аз ин рӯ, манбаъ ва омилҳои ташаккули афкори забоншиносии навини тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX дар заминаи таъсири мутақобилаи шароитҳои таърихию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ инкишоф ёфтаанд.

Яке аз он омилҳои муҳим, ки ба ташаккули афкори забоншиносии тоҷик мусоидат намуд, таълифи “Грамматикаи забони форсӣ” мебошад, ки дар он осори гуногун аз ҷониби донишмандони мухталиф бо шарҳи муфассал ва таҳлили амиқи қоидаҳои муштараки забони тоҷикӣ ва форсии муосир оварда шудааст. Аз ҷумла, “Краткая грамматика персидского языка”-и Аббос-Қулӣ Оғо Боқихонов (Тифлис, 1841); “Грамматики турецкая, персидская киргизская и узбекская”- и Михаил Терентев (Санкт-Петербург, 1875); «Краткая грамматика персидского языка» (Қазон, 1884)-и Мирзо Джафар; “Краткая грамматика новоперсидского языка”-и К. Г. Залеман, В. А. Жуковский (Санкт-Петербург, 1890) аз зумраи онҳост.

Дигар манбае, ки барои ташаккули афкори забоншиносии навини тоҷик то Инқилоби Октябр таъсир расонидааст, дастуру роҳнамоҳо ва очеркҳо оид ба гуйишҳои тоҷикӣ мебошад, ки аз ҷониби шарқшиносони рус таълиф шудаанд. Ба сифати намуна метавон мақолаи П. Е. Кузнетсов «Сравнительный грамматический очерк таджикского и сартовского наречий» [125]-ро овард.

Дуруст аст, ки таваҷҷуҳи Русия ба омузиши забонҳои форсӣ, туркӣ ва тоҷикӣ таърихи боз ҳам қадимтар дорад. Мувофиқи маълумоти баъзе манбаъҳо аввалин бор омузиши забони зиндаи форсӣ дар Русия ба нимаи

якуми асри XVIII рост меояд. Пётри I ҳануз соли 1716 панҷ нафар донишомузро барои омухтани забонҳои форсиву туркӣ ба Эрон мефиристонад.

Афкори забоншиносии ин давра, асосан, масоили таҳқиқи шеваҳои маҳалиро дар бар мегирад. Омузиши шеваҳои тоҷикӣ аз нимаи дуюми асри XIX оғоз меёбад. Ҳама манбаъҳое, ки ба таърихи омузиши забони тоҷикӣ ишора менамояд, тасдиқ мекунанд, ки омузиши забони тоҷикӣ аз шеваҳо шуруъ шуда, он ба номи профессори Донишгоҳи Қазон В. В. Григорев рабт дошта, ба нимаи дуюми асри XIX рост меояд. Чунонки дар манбаъҳо зикр меёбад, В. В. Григореев аз Мирзо Шамси Бухороӣ хоҳиш менамояд, ки ёддоштҳои худро дар бораи баъзе ҳодисаҳои муҳимми Бухоро, Қуқанд ва Қошғар бинависад. В. В. Григорев дар асоси ёддоштҳои Мирзо Шамси Бухороӣ соли 1861 очерки грамматикии “Обозрение диалектических отличий, употребительных у бухарских таджиков персидского языка” [61]-ро навишта, хулосаҳояшро оид ба хусусиятҳои фарқкунандаи шеваи тоҷикони Бухоро аз забони форсӣ ҷамъбаст намудааст. Ин ёддоштҳо ҳамчун заминаи назариявӣ барои илми шевашиносии тоҷик хизмат карда, минбаъд дар шакл гирифтани илми забоншиносии навини тоҷик замина гузоштааст.

Соли 1898 шарқшиноси рус А. А. Семёнов дар ҳайати «Ҷамъияти дӯстдорони табиатшиносӣ» ба Осиёи Миёна омада, дар Бухоро, саргаҳи Зарафшон, Қаротегин, Дарвоз ва дигар ҷойҳо ба таҳқиқи шеваҳои тоҷикон машғул шуда, маводди фаровон пайдо мекунад. Баъдтар соли 1900-1901 дар Москва натиҷаҳои ин экспедитсия дар ду қисм бо номи «Материалы для изучения наречия горных таджиков Центральной Азии» [242] (“Материалҳо барои омухтани шеваи тоҷикони кӯҳистони Осиёи Марказӣ”) аз тарафи А. А. Семёнов чоп карда мешавад, ки дар он шеваи тоҷикони кӯҳистон бо забони форсии он давра дар қиёс омухта шудааст . Соли 1900 дар Самарқанд китоберо В. П. Наливкин бо унвони «Руководство к практическому изучению персидского языка» [183] («Дастур оид ба амалан омухтани забони форсӣ»)

ба табъ мерасонад. Дар ин асар муҳаққиқ бештар ба ҷиҳатҳои ба тарзи амалӣ аз бар кардани забони тоҷикӣ, аз ҷумла, забони гуфтугуӣ эътибор медиҳад.

Хулоса, то Инқилоби Октябр муҳаққиқони эронишиноси Русияи подшоҳӣ, аз як тараф, ба урфу одатҳои мардуми тоҷик, фарҳанг ва рӯзгори онҳо аз наздик шинос мешаванд, аз ҷониби дигар, барои роҳро васеътар кушодан ба ин сарзамин баъзе дастурҳои роҳнамо аз забони ин мардум менависанд ва гуйишҳои тоҷикиро ба таҳқиқ мегиранд.

Таърихи ташаккули забоншиносии навини тоҷик, ҳарчанд дар замони шуравӣ, аниқтараш, солҳои 20-30-юми асри XX шуруъ гардида бошад ҳам, ибтидои он ба нимаи дуюми асри XIX рост меояд. Бояд тазаккур дод, ки дар Русия чи дар марказҳои калонтарини он мисли Санкт-Петербургу Москва ва чи шаҳрҳои дигари музофотҳо ба мисли Қазону Харков таълими забони форсӣ ба роҳ монда шуда, ҳануз аз ибтидои асри XIX, ҳамзамон дастурҳои роҳнамо ва китобҳои дарсӣ ба нашр мерасад. Дар ин давра забоншиносии рус низ ҳамчун илми мустақил шинохта шуда то ҷое ташаккул ёфта буд, ки дар ин бобат хизмати асосгузорону намояндагони мактабҳои забоншиносии Санкт-Петербург, Москва ва Қазон хеле калон аст. Устувор гардидани ин мактабҳои забоншиносӣ дар Русия, аз як тараф, сабаби бо суръати баланд пеш рафтани илми забоншиносии рус гардида бошад, аз сӯйи дигар, барои ташаккули забоншиносии навини дигар халқу миллатҳои шуравӣ замина гардид. Ин масъала дар мақолаи забоншинос профессор Ф. Х. Шарифова “Составление персидских грамматик в XIX веке в России” [308] таҳқиқ шудааст ва муаллиф дар бораи аввалин грамматикаҳои забони форсии дар сарзамини Русия ва минтақаҳои дар зери тасаруфи он буда таълиф гардида, таъсири онҳо ба грамматикаҳои асри XX сухан рондааст: “Дар макотиби олии Русия”, – мегуяд Ф. Х. Шарифова, талабот ба китобҳои таълимии забони форсӣ баробари тадриси фанни “забон ва адабиёти форсӣ” дар асри XIX ба миён меояд” [308, с. 28].

Аз ин рӯ, ҳадафи асосии мо нишон додани таъсири ин грамматикаҳо ба дастуру китобҳои дарсии мактабҳои миёнаву олӣ аз фанни забони тоҷикӣ ва

дар заминаи онҳо нишон додани раванди ташаккул ва рушди афкори забоншиносии навини тоҷик аст.

Дар ин замина як қатор китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ таҳия шудаанд, ки ба қалами эроншиносон Аббос-Қулӣ Оғо Боқихонов, И. Н. Берёзин, К. Г. Залеман ва В. А. Жуковский ва Мирзо Ҷаъфар тааллуқ доранд.

Аз зумраи китобҳои форсиву дастурҳои таълимии фанни забони форсӣ, ки дар шарҳи мавзуъҳои савтиёт, луғат, сарфу наҳви форсиву тоҷикӣ умумият ҳаст, мехостем дар бораи сохтор, муҳтаво ва арзиши забоншиносии се асар: “Краткая грамматика персидского языка” [34] -и Аббос-Қулӣ Оғо Боқихонов, “Краткая грамматика персидского языка” [162]-и Мирзо Ҷаъфар ва “Краткая грамматика новоперсидского языка с приложением метерки и библиографии” [83]-и К. Г Залеман, В. А. Жуковский муфассалтар сухан бигуем.

Осори мазкур ба таълифи китобҳои дарсии забони тоҷикӣ дар солҳои баъдӣ ва асарҳои илмӣ дар боби грамматикаи забони тоҷикӣ ва умуман, ташаккули афкори забоншиносии навини тоҷик таъсири зиёд расонидаанд.

Нахустин грамматикаи забони форсӣ дар Русия “Краткая грамматика персидского языка” [34]-и Аббос-Қулӣ Оғо Боқихонов мебошад. Ин асарро муаллиф соли 1841 ба забони русӣ дар Тифлис ба нашр расонидааст.

Дар бораи грамматикаи худ муаллиф дар муқаддимаи асараш таъкид менамояд, ки соҳибзабонони форс шикоят доштанд, ки ягон дастур, китоби дарсие, ки дар он низоми грамматикаи забони форсӣ, маҷмуи қоидаҳои ин забон дар он гирдоварӣ ва шарҳу тавзеҳ дода шуда бошад, дида намешавад, бинобар ин, нашри аввали онро бо забони форсӣ барои форсидонон ва мардуми форс, ки дар Русия зиндагӣ ва фаъолият доштанд, навиштааст. Албатта, ба назари мо, муаллиф дар қатори форсҳо мардуми тоҷики муқими Осиёи Миёнаро низ дар назар доштааст, зеро баъзе манбаъҳо дар бораи умумияти забони форсу тоҷик ахбор додаанд ва шоял он манбаъҳо дастраси

муаллиф низ будааст. Нашри дуюми онро ба забони русӣ барои онҳое, ки мехостанд забони форсиро биомузанд, ба нашр мерасонад.

Грамматикаи форсии мазкур аз маҷмуи қоидаҳои ҷамъовардае иборат аст, ки барои фаҳмидану шинохтани забони форсӣ чун роҳнамо хизмат мекунад. Грамматикаи мазкур аз се қисм таркиб ёфтааст: қисми якум дар бораи ҳарфҳо, қисми дуюм дар бораи калимаҳо, қисми сеюм дар бораи мазмуни калимаву ифодаҳое, ки дар таркиби ҷумла ё нутқ меоянд.

Қисми якум аз се фасл иборат мебошад. Фасли аввал дар бораи овозҳои нутқ дар забони форсӣ баҳс мекунад. Дар фасли мазкур муаллиф таъкид мекунад, ки дар забони форсии нав 32 ҳарф мавҷуд аст ва ин 32 ҳарфро бо номашон ва тарзи навишташон нишон додааст. Аз ин миқдор овозҳои нутқ 8 овоз хоси забони арабӣ буда, 20 овоз барои забони арабӣ ва форсӣ муштарак мебошанд ва аз он 4 овози хоси форсиву тоҷикӣ (п, ч, ж, г) мебошад, ки дар натиҷа низоми овозҳои ҳамсадои форсии тоҷикӣ аз 24 фонема иборат буда, аз нигоҳи забоншиносии классикии тоҷик ва муосир мувофиқ мебошад.

Мо ин низоми таснифи овозҳои ҳамсадои забони тоҷикиро дар осори илмии марбут бо забоншиносии Абуалӣ ибни Сино, Носири Хусрав, Насируддини Тусӣ, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ва фарҳангҳои тафсирии тоҷикӣ низ дида метавонем. Масалан, дар ин бора Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар рисолаи таълимии “Чаҳор гулзор” [275] (асри XVI) теъдоди овозҳои забони тоҷикиро аз 28 адад гуфтааст, ки аз он ҷумла ҳашт ҳарф аст, ки мустаъмали забони форсӣ набуда, хоси забони арабист. Боқӣ, мегуяд Нисорӣ, “бист ҳарф, ки дар ҳар ду забон мустаъмал аст ва ҳамчунин, чаҳор ҳарфи дигар “пе”-ву “че”-ву ”же”-ву ”гоф” махсуси каломи порсист ва дар арабӣ мустаъмал нест. Дар ин сурат, – таъкид менамояд Нисорӣ, каломи арабӣ мураккаб аз бисту ҳашт ҳарф аст ва забони порсӣ мураккаб аз бисту чаҳор ҳарф” [275, с. 187].

Пас маълум мешавад, ки муаллифи грамматикаи мазкур аз осори классикии забоншиносии тоҷик огоҳ будааст.

Фасли дуюми қисми якум ба ҳодисаи васлшавии ҳарфҳо дар забони форсӣ бахшида шуда, муаллиф мавридҳо ва усулҳои васлшавӣ ва ҷудо

нависии ҳарфҳоро як-як нишон додааст ва тағйири шакл кардани онҳоро навишта калимаҳоро шарҳ додааст.

Дар фасли сеюми қисми сеюм дар бораи ҳаракатҳо дар навишт маълумот дода шудааст. Ин ҳаракатҳо дар навишти калимаҳо ва талаффузу хондани ҳар як калима нақши бисёр муҳим доранд.

Муаллиф ба сурати мушаххас оид ба аломатҳои ҳаракат фатҳа (ً), касра (ٍ) замма (ٌ), ки инҳоро ҳаракати сегона мегуянд ва аломатҳои танвин (ً) , ташдид (ّ), мадда-сокин, ҳамза (ۀ)-ро бо мисолҳо шарҳу тавзеҳ додааст. Ин ҳаракатҳо барои беғалат хондани вожаҳо ва умуман, матн ёрии калон мерасонанд.

Ин анъана дар таърихи дастурнигории классикии тоҷикӣ аз талаботи муҳим маҳсуб меёфт ва дар осори марбути забоншиносии донишмандони гузаштаи мо матраҳ шудааст. Масалан, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар ҳамон дастури таълимии “Чаҳор гулзор” аломатҳои ҳаракат, сукун мадд, тадвин ва ғ. чунин шарҳ додааст: “Ва асомии ҳуруфе, ки ин эъроб (ҳаракатҳо) бар онҳо воқеъ шаванд, бад-ин гуна аст: аввал мафтуҳ (фатҳа) чун “коф”-и кард ва “дол”-и дар; дуюм – мақсур (кутоҳ) чун “мим”-и меҳр ва “син”-и сеҳр; сеюм – мазмум (замма) чун “нун”-и нӯш ва “ҳо”-и ҳуш; чорум – сокин чун “ро”-и кард ва сард; панҷум – мушаддад (ташдид) чун “вов”-и мусаввар ва мудаввар; шашум – мамдуда (мадкашида шуда) ва он алифест, ки дароз хонда шавад, чун “алиф”-и омадан; ҳафтум – мавқуф ва он дар порсӣ баъди ҳарфи сокин яке аз ин эъроби марқума бар ӯ зоҳир нашавад, чун “то”-и дошт ва гашт; ҳаштум – мунавван (танвин), ки бар он ду фатҳа ё ду касра, ё ду замма дарояд ва дар хонданаш “нун”-и сокини ғайримактуб милфуз гардад, чун тавъан ва карҳан ва ғайри он; нуҳум – ғунна (овози димоғӣ) ва он ҳарфи навест, ки баъди ҳарфи иллат, яъне “алиф” ва “вов” ва “ё” воқеъ шавад ва ба забон наёяд ва аз бинӣ талаффуз гардад, чун ҷинон ба маънии биҳиш ва ҷунун ба маънии девонагӣ ва ҷанин ба маънии бача, ки дар ишкам бошад ва “чунон”-у “чунин” [275, с. 215].

Чунонки аз тавзеҳи фавқ бармеояд, донишмандони гузаштаи мо оид ба ин масоили дастурие, ки дар грамматикаи мазкур, ки матраҳ шудаанд, хеле пештар ибрози назар кардаанд.

Қисми дуюми дастури мазкур ба баррасии хусусиятҳои тағйири сохтори калимаҳо дар забони форсии тоҷикӣ бахшида шуда, аз ду фасл иборат аст.

Фасли якум дар бораи калимаҳои забони форсӣ ном дошта, оид ба гурӯҳбандии ҳиссаҳои гуфтор (нутқ) маълумот дода шудааст. Муаллиф таъкид кардааст, ки калимаҳо дар забони форсӣ мувофиқи низоми дастури забони арабӣ ба се даста: исм, феъл ва ҳарф ҷудо карда мешаванд.

1. Дар бораи ном (исм). Ном ҳиссаи нутқест, ки ба се замон: ҳозира, гузашта ва оянда вобаста набуда, худ ба худаш ин ё он мафҳумро мефаҳмонад. Вобаста ба хусусияти худ дар забони форсӣ ном ду хел мешавад: ҳақиқӣ ва маҷозӣ. Номи ҳақиқӣ ё ном (хос ё ҷинс) ё сифат ва ё шумора мешавад. Сипас оид ба исми танҳову ҷамъ, исми сифат, исми шумора, исми забон, исми феъл маълумот медиҳад.

2. Дар бораи феъл. Феъл ҳиссаи нутқест, ки дар яке аз се замон- ҳозира, гузашта ва оянда ягон ҳаракату амали ном ё ҳолати онро мефаҳмонад. Яъне, феъл таъкид кардааст муаллиф, аз шакли номуайяни ном пайдо шуда, ду ҳолат дорад: феъли мозӣ замони гузашта ва феъли музореъ (замони ҳозира – оянда) бо анҷоми якхела. Феъли замони гузашта амалеро мефаҳмонад, ки гузаштааст ва аз шакли номуайянӣ бо анҷомаи “дан” чун “кандан” ё “тан” чун “бохтан” дар натиҷаи ҳазфи ҳарфи “н” ҳосил мешавад, чун “канд”, “бохт”.

Замони гузаштаи феъл вобаста ба шаш ҷонишини шахсии танҳову ҷамъ шаш шакли тавлидӣ дорад. Ҷонишинҳои шахсӣ дар шакли бандакҷонишинҳо ба асоси замони гузаштаи феъл васл гардида тасриф мешаванд, ки инро муаллиф ба сурати нақша чунин нишон додааст:

Шаклҳои замони гузашта аз шакли номии (масдарӣ - Ҳ.В.) кардан ва бофтан

Ҷадвали 1.

Шумораи танҳо-муфрад				
Шахс	**Ҷонишин Замири мунфасил**	**Аломати ҷонишин Замири мутасил**	**Шакли феъл Сиғаи феъл**	**Шакли феъл Сиғаи феъл**
Якум, мутакаллим	ман	ам	кандам	бофтам
Дуюм, мухотаб	ту	ӣ	кандӣ	бофтӣ
Сеюм, ғоиб	вай, он, ӯ		канд	бофт
Шумораи ҷамъ				
Шахс	**Ҷонишини замири мунфасил**	**Аломати ҷонишин замири муттасил**	**Шакли феъл сиғаи феъл**	**Шакли феъл сиғаи феъл**
Якум, мутакаллим	мо	- ем	кандем	бофтем
Дуюм, мухотаб	шумо	- ед	кандед	бофтед
Сеюм, ғоиб	онҳо, онон, вайҳо, ишон	- анд	канданд	бофтанд

Дар ин нақша ба асоси графикаи арабӣ қазоват шудааст, чаро ки шахси якум-мутакаллим, яъне гуянда аст, шахси дуюм-шунаванда, яъне мухотаб мебошад, шахси сеюм ғоиб аст.

Муаллифи дастури мазкур ба ҳамин тартиб шаклҳои тасрифии феъли замони ҳозира-оянда (аорист)-ро низ нишон додааст. Ғайр аз ин, дар бахши шарҳи замони ҳозира - оянда як даста масдарҳоеро оварда, аз онҳо ҳосил шудани шакли аористро нишон додааст, ки барои омузиши забони тоҷикӣ ва форсӣ аҳаммияти бузург дорад, чунончи: оростан ва перостан-ороид ва пероид; шинохтан-шиносад; бастан-банданд; фурӯхтан-фурӯшанд; рафтан-

равад; дидан-бинад; шудан-шавад; будан-бошад; шикастан-шиканад; мурад-мирад; навиштан-нависад; нигаристан - нигарад; дидан-диҳад; омадан-ояд; задан-занад, гирифтан-гирад; шунидан-шунавад; пазируфтан-пазирад; сириштан-сириштад; гаштан-гардад; кардан-кунад; куштан-кушад.

Бояд таъкид кард, ки маълумоти назарие, ки дар ин грамматика доир ба сифати феълӣ дода шудааст, имрӯз ҳам хеле муҳим мебошад, чунончи, муаллиф хусусиятҳои зерини сифати феълиро таъкид кардааст.

1. Сифати феълии замони гузашта аз шакли замони гузаштаи шахси якуми танҳо мисли “кушт” бо иловаи ҳарфи “а” “кушта” пайдо мешавад.

2. Сифати феълии аорист аз шахси якуми танҳои сиғаи амрӣ бо ҳамроҳшавии бандаки **-анда** ҳосил мешавад, чунончи: донанда, нависанда, шикастанда.

Агар бо сифати феълии аорист-мегуяд муаллифи грамматикаи мазкур, исми ом ҳамроҳ шуда, як номро ташкил кунад, он гоҳ пасванди
-анда ҳазф мегардад, чунончи: паймоншикан, хушнавис.

Гоҳо сифати феълии аорист танҳо бо як “о” метавонад ояд, чунончи: доно, яъне донанда, ҷӯё-ҷӯйанда, гӯё-гӯйанда, бино-бинанда.

Баъзе сифати феълии аорист бо “он” ба итмом мерасад, чунончи: хандон, сузон.

Мақолаи сеюми бахши якуми қисми дуюми грамматикаи мазкур ба ҳиссача, яъне ҳиссаҳои ёвари нутқ бахшида шудааст.

Ҳиссачаҳо,-дуруст таъкид мекунад муаллифи грамматикаи мавриди назар, худ ба худ ягон фаҳмишеро на дар бораи шахс на ашё, на замони вуқуи амал дода наметавонанд, аммо дар ифодаи муносибатҳои гуногуни байни исму феъл нақши муҳим мебозанд.

Қисми сеюми грамматикаи мазкур ба муҳокимаи ба ҳам алоқамандии калимаҳо барои ифодаи пураи мазмуни гуфтору навиштор бахшида шуда, аз ду қисм таркиб ёфтааст.

Дар бахши якуми қисми сеюми грамматика сухан дар бораи муносибати байни ҳиссаҳои ёвари нутқ бо ҳиссаҳои мустақилмаънои исм

(ном) ва феъл меравад. Ҳиссачаҳо ё ҳиссаҳои ёвари нутқ дар забони форсӣ дар такя ба низоми грамматикаи забони арабӣ гурӯҳбандӣ карда мешавад: ҳуруфи завобит, ҳуруфи завоид, ҳуруфи ъомила, ҳуруфи ъотифа.

1.Ҳуруфи завобит он калимаҳои ёваре ҳастанд, ки ба исм (ном) ва феъл ва шаклан ба ному феъл як ҷо навишта намешаванд, онҳо вазифаи алоқабандии ҳиссаҳои нутқро адо менамоянд. Масалан, калимаҳои ёвари ҳар гоҳ, агар муносибати шартиро мефаҳмонад.

2. Ҳуруфи завоид, ки бо исм ё феъл васл мешавад, яъне вазифаи калимасозиро адо менамояд, мисли-вар, -гар, -гор, -кор ва ғ, чунончи: ҳунарвар, заргар, омузгор; -лох, -истон, -гоҳ, санглох, гулистон, саҳаргоҳ ва ғ.

Муаллифи грамматика чун ҳиссаи ёвар як даста ҳиссачаву бандакҳои феълиро низ шарҳу эзоҳ додааст.

1. Дар бахши дуюми қисми сеюми граматикаи мазкур дар бораи ибора сухан меравад. Муаллиф дар шинохти ин воҳиди наҳв чунин ақида дорад, ки калимаҳо байни ҳам пайваст шуда нутқро ташкил медиҳад, ки ҷумла номида мешавад. Албатта, ин таъриф саҳеҳу мукаммал нест, аммо дар он даврае, ки муаллиф ин грамматикаро навиштааст, иқдоми нек маҳсуб мешуд, чаро ки ҳоло дар илми забоншиносии тоҷику форс ва рус илми наҳв таҳқиқи бунёдӣ нашуда буд. Барои он ки таърифи муаллиф ба хонанда равшан гардад, мо онро айнан меорем: “Слова, соединенныя между собою въ поняшную ръчь называются предоженіем]” [34, с. 47] (“Калимаҳои аз лиҳози маъно ба ҳам алоқаманд, ҷумла номида мешаванд”).

Ҷумларо муаллиф мисли грамматикаи забони арабӣ ба ду навъ: ҷумлаи феълия ва ҷумлаи исмия ҷудо кардааст.

Ҷумлаи феълӣ аз мубтадо (фоъил) ва хабар (феъл) ва метавонад, ки мафъул дошта бошад, чунончи: Рустам Суҳробро кушт. Рустам- мубтадо (фоъил) Суҳробро (мафъул) ва кушт хабар (феъл) аст.

Ҷумлае, ки ягон ҳиссаи ҷумлаи дигарро эзоҳ медиҳад,-мегуяд муаллифи грамматика, пайрав меноманд (саҳеҳтар, ҷумлаи пайрав-Ҳ.В.) ва

мисоли зеринро шоҳид овардааст: Ҳар ки бо донотар аз худ муҷодала кунад, то бидонад, ки доност, бидонанд, ки нодон аст.

Мисоли овардани муаллифи грамматика ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб аст, ки аз сарҷумла ва якчанд ҷумлаи пайрави ҳархела иборат мебошад.

Ҷумлаи исмӣ ҷумлаест, ки танҳо аз исм (ном) таркиб омада, дигар феълро иваз карда, дар нақши хабар меояд, чунончи: Марди оқил ҳамеша муҳтарам аст.

Дар ин ҳолат узвҳои дигари ҷумла монанди муайянкунанда, пуркунандаву ҳол ба назар гирифта намешавад, чунон ки дар мисоли овардашуда муайянкунанда мубтадоро ва ҳол хабарро эзоҳ додаанд:

Хулоса, “Краткая грамматика персидского языка”]-и Аббос- Қулӣ Оғо Боқихонов дар таърихи афкори забоншиносии тоҷику форс ва омузиши забони тоҷикиву форсӣ нақши муҳим бозида, дар заминаи он чандин грамматикаҳои дигар навишта шудаанд.

Дигар грамматикае, ки дар Русия барои омузиш ва таълими забони форсии тоҷикӣ таълиф шудааст, “Краткая грамматика персидского языка” [162]-и Мирзо Ҷаъфар мебошад, ки соли 1884 бори аввал дар Қазон дар нашриёти Университети императорӣ нашр мешавад ва бори дуюм бо ҳаммуаллифии Ф.Е. Корш соли 1901 чоп мегардад. Ин грамматика дар таълим ва омузиши забони форсӣ дар Русия нақши калон гузоштааст.

“Краткая грамматика персидского языка”-и Мирзо Ҷаъфар аз муқаддимаи мухтасар, фасли алифбои форсӣ, аломатҳои ҳаракат, талаффузи овозҳо, мисолҳо барои хондани матн бо овонавишти русӣ шуруъ шуда, пас аз он қисмати асосӣ, грамматика (сарфу наҳви форсӣ) оварда шудааст.

Масалан, як ғазали Ҳофизи Шерозиро бо овонавишт ин тавр овардааст:

اَگر آن تُرکِ شیرازیِدَست آرَد دِل مارا،

بِخالِ هندُوَیَش بَخشَم سَمرقَندُ وبُخارارا.

Агар он турки ширази бедаст орад деле мара,

Бехале hендуйаш бахшам Самарганд-о- Бохарара [348, с.10].

Дар қисмати грамматика дар бахши “Оғози сарфу наҳв” Мирзо Ҷаъфар оид ба ҷинсият дар забони форсӣ сухан рондааст. Муаллиф дуруст қазоват кардааст, ки дар забони форсӣ ягон анҷома ё нишонаи фарқкунандаи ҷинсият дар ҳиссаҳои нутқ нест, яъне дар калимаҳо хоҳ ба мард нисбат дода шавад, хоҳ ба зан тағйирот рӯй намедиҳад, мисол: Ин мард гуфт. Ин зан гуфт. Ин кӯдак мегуяд.

Барои фарқи ҷинсияти шайъи ҷондор нисбат ба мард калимаи “нар” ва нисбат ба зан калимаи “мода” истифода мешавад. Барои нишон додани муносибати исму сифат ва ташкили ибораву ифодаҳои изофӣ ба исм ҳарфи “и” васл мегардад: китоби хуб.

Ҳамин қоида айнан ҳангоми муносибати ҷонишин бо исм ва ду исм байни ҳамдигар низ риоя мешавад, чунончи: бародари ман, қалами шогирд, аспҳои шумо, бӯйи гул, садои булбул…

Пас аз чунин як тавзеҳи мухтасар оид ба изофат ба шарҳи хусусиятҳои исм шуруъ карда мешавад. Нахуст шуруъ аз исми зот карда шудааст. Муаллиф ҳолатҳои падежи русиро дар забони форсӣ адо кардани бандаки изофӣ ва пешоянду пасояндҳоро нишон додааст. Масалан, вазифаи падежи родителнийро дар забони форсӣ бандаки изофӣ адо мекунад, вазифаи дателний падежро пешоянди “ба” иҷро менамояд, нақши винителний падежро пасоянди “-ро” адо мекунад, творителний падеж ба воситаи пешоянди “бо” ифода мешавад. Дар ифодаи предложний падежи русӣ дар забони форсӣ пешоянди “дар” ба кор бурда мешавад.

Дар ҳамин фасл дар боби “алиф”-и нидо сухан меравад. Дигар таъкиди муҳимми муаллиф дар мавриди пасвандҳои ҷамъсози исм дида мешавад, чунончи; - он (мардак); -гон (бандагон); -ён (доноён); -от (навозишот); -ҷот (қалъаҷот, навиштаҷот); -ҳо (занҳо, хонаҳо).

Пас аз ин чанд исмро тасриф карда, дар шакли нақша овардааст, ки бисёр ҷолиб аст.

Дар бораи сифат маълумоти хеле мухтасар дода шудаст, яъне танҳо оид ба сохтори сифат чанд қайде кардааст:

а) Сифат, асосан, дар таркибу ибораҳои изофӣ меояд, яъне пас аз исм ҷо мегирад, мисли китоби хуб, писари доно…

б) Агар сифат бе изофат омада, пеш аз исм ҷо гирад, он гоҳ як ҷо бо исм сифати мураккабро ташкил медиҳад, чунончи: баландандом, дароздаст, сиёҳчашм; марди баландандом.

в) Дар бораи дараҷаҳои сифат, ки тавассути пасванди «-тар» (арзонтар) ва «-тарин» (ширинтарин) ифода мешавад, таваҷҷуҳ карда шудааст.

г) Ҷолиби диққат аст, ки муаллиф ифодаи дараҷаи олии сифатро тавассути таркиби “аз ҳама” ва “-тар” таъкид кардааст (аз ҳама баландтар).

Қайдҳои муаллифи грамматика доир ба калимасозии исму сифат, ҳарчанд ноқис бошад ҳам, хеле муҳим буда, нозукона баён шудааст.

Дар забони форсӣ бисёр калимаҳои сохтаву мураккаб, ба андешаи муаллифи грамматика, ё исм ё сифатанд. Серистеъмолтарин восита барои сохтани калимаҳо инҳо мебошанд:

А) Сохтани исмҳо аз исмҳо:

1. Аз исмҳои ҷондор ба воситаи пасванди “-ӣ” исмҳои маънӣ сохта мешавад, чунончи: душман+ӣ=душманӣ, дуст+ӣ=дустӣ. Агар исм бо садоноки “а” тамом шуда бошад, пасванд дар шакли “-гӣ” меояд, чунончи: банда+гӣ=бандагӣ.

2. Исмҳои мафҳуми маконӣ дар натиҷаи ба охири исм ҳамроҳ шудани пасвандҳои - истон, - гоҳ, - зор сохта мешаванд: Ҳиндустон, алафзор, шикоргоҳ.

3. Исмҳое, ки рутба, пеша, ҳунар ва машғулиятро мефаҳмонанд ба воситаи васл гардидан бо пасвандҳои “-бон”, “-гар” сохта мешаванд, чунончи, боғбон, заргар, савдогар.

4. Исмҳое, ки ба воситаи пасванди “-дон” сохта мешаванд, монанди қанддон, намакдон.

Б) Исмҳое, ки аз сифат сохта мешаванд: сурх+ӣ=сурхӣ, девона+гӣ=девонагӣ.

В) Исмҳое, ки аз феъл сохта мешаванд:

1) хондан: Ман орзуи хондан дорам.

Ин ҷо бояд ҳамин нуқтаро таъкид намоем, ки муаллиф ҳодисаи исмшавии ҳиссаҳои дигари нутқ, аз ҷумла, масдарро дар назар дорад, чунончи: гуфтан – гуфтор, кардан – кирдор.

2) Вожаҳои пӯшидан, парваридан, оростан низ аз ҳамин ҷумлаанд.

Дар бораи сифатҳои сохта тавассути пасвандҳо низ муаллифи ин грамматика маълумоти зарурӣ додааст.

1. Сифатҳое, ки аз исм ба воситаи пасванди “ӣ” сохта мешаванд, чунончи: оҳан (исм)+ӣ=оҳанӣ (сифат); чӯб (исм)+ӣ=чӯбӣ (сифат).

2. Сифатҳое, ки аз исм ба воситаи пасванди “-ин” сохта мешаванд, монанди: зар (исм)+ин=зарин (сифат), сим (исм)+ин=симин (сифат).

3. Сифатҳое, ки аз феъл ба воситаи пасвандҳо сохта мешаванд, чунончи: хондан+ӣ=хонданӣ. Ман ҳеҷ китоби хонданӣ надорам.

Дар ин фасли грамматика оид ба сифатҳои мураккаб низ маълумоти мухтасар дода шудааст.

1. Сифатҳои мураккабе, ки аз сифату исм сохта шудаанд: баландандом (сифат+исм), дароздаст (сифат+исм).

2. Сифатҳои мураккабе, ки аз исму исм сохта шудаанд: сангдил (исм+исм), харгӯш (исм+исм).

Дар грамматикаи мазкур оид ба ҷонишинҳо дар забони дарии тоҷикӣ маълумоту шарҳи зарурӣ дода шудааст.

Муаллифи грамматикаи мавриди назар чунин ҷонишинҳоро дар забони форсии тоҷикӣ нишон дода, таъкид кардааст, ки дар забони форсӣ чунин хели ҷонишинҳо (исми масдар) мустамъаланд:

1. Ҷонишинҳои шахсӣ: ман, ту, ӯ, он, вай, мо, шумо, эшон, онҳо

2. Ҷонишинҳои соҳибӣ:-ам, -ашон, -атон. Дар грамматикаҳои имрӯзаи забони тоҷикӣ инҳоро бандакҷонишинҳои шахсӣ- соҳибӣ-ам, -атон мегуянд.

3. Ҷонишинҳои ишоратӣ: ин, он, инҳо, онҳо, ҳамин, ҳамон, ҳамчунин, ҳамчунон, ончунон, чандин, чандон.

4. Ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ: худ (худам, худи ман, ман худам).

5. Ҷонишинҳои муайянӣ: ҳама, тамом, ишон, ҳама кас.

6. Ҷонишинҳои саволӣ: кай?, кӣ?, чӣ?, чӣ гуна?, чӣ тавр?, чӣ қадар?, кадом?.

7. Ҷонишинҳои номуайянӣ: касе, яке чизе, баъзе.

8. Ҷонишинҳои инкорӣ: ҳеҷ, ҳеҷ чиз, ҳеҷ кас.

Пас аз ин ҷонишинҳои мазкур тасриф кардашуда, дар шакли нақша оварда шудааст.

Бахши дигар грамматика ба шарҳу тавзеҳи феъл бахшида шудааст. Нахуст муаллиф оид ба шакли тасрифнашавандаи феъл-масдар, ибрози андеша намуда, ду анҷомаи масдарро нишон медиҳад: -дан ва -тан. Мисол: расон-расондан; куш-куштан.

Дар забони форсӣ феълҳо,- таъкид кардааст муаллифи грамматика, ду хел мешаванд, феълҳои дуруст ва нодуруст. Феълҳои дуруст феълҳое ҳастанд, ки ҳамаи шаклҳои замонии онҳо аз асоси феъл ташкил меёбанд. Феълҳои нодуруст феълҳоеанд, ки шаклҳои замони ҳозира, оянда ва амр аз асоси феъл ва дигар шаклҳои тасрифнашаванда, чунончи: “хон” аз масдари “хондан” таркиб меёбанд.

Феъли забони форсӣ,- мегуяд муаллифи грамматика, чаҳор сиға (залог) дорад: действительный и переходящий (средныя (миёна), страдательный и принудительный. Ду сиғаи (залог) аввал аз рӯйи шакл фарқ надоранд, Фарқи онҳо аз рӯйи маъно аст, чунончи: кардан, рафтан.

Страдательный залог аз васлшавии сифати феълии замони гузашта ва феъли ёвари “шудан” ё “кардан” ташкил меёбад, чунончи: баста шудан. Ҳангоми тасриф сифати феълии замони гузашта бетағйир мемонад, аммо феъли ёвар тасриф мешавад.

Прибудительный залог (сиға) аз сифати феълии замони ҳозира ва анҷомаҳои “-дон” ва “-идон” таркиб меёбад, чунончи: “расидан”, “расондан”, “расонидан”.

Хулоса, муаллифи грамматикаи мазкур оид ба феъл ва шаклҳои тасрифиву ғайритасрифӣ, сиғаҳо ва намудҳои феъли форсӣ, ки бо феъл дар

забони тоҷикӣ умумияти зиёд доранд, ботафсил сухан ронда, аз масдари “пойстан” шакли сиғаи амрии “пой” тавонистан- тавон; “хостан”-хоҳ; “зистан”-зӣ; “коҳидан”-коҳ пайдо шуданро нишон додааст.

Дар шакли нақша муаллифи грамматика рӯйхати зиёди феълҳои нодурустро, ки серистеъмоланд, оварда, аз онҳо ҳосил шудани шакли амриро нишон додааст, ба ин тариқ: тавонистан-тавон; костан-коҳиш; хостан-хоҳ; ангоштан-ангор; коштан-кор; нигоридан-нигор; афрохтан-афроз; афрухтан-афрӯз; андухтан -андуз; ангехтан-ангез ва ғ.

Шарҳе, ки дар ин грамматика оид ба сифати феълӣ оварда шудааст, хеле ҷолиб менамояд, ки аз диди имрӯзи забоншиносӣ низ аз фоида холӣ нест.

Мирзо Ҷаъфар сифати феълиро ба ду даста тақсим кардааст: якум сифати феълии замони ҳозира, ки онро исми фоил медонад, дуюм сифати феълии замони гузашта, ки онро исми мафъул гуфтааст.

Сифати феълии шакли якум, ки асоси феъл бо илова гардидани пасванди “-анда” ва шакли дигараш “-он”, чунончи, аз феъли (саҳеҳатараш масдар) гуфтан ба воситаи он пасвандҳо аз асоси замони ҳозира-гӯй сифати феълии гӯйанда ё гӯйон сохта мешавад.

Сифати феълии замони гузашта, мувофиқи ақидаи Мирзо Ҷаъфар, масдар бо ҳазфи-ан ва иловаи “-**а”** сохта мешавад, чунончи: гуфтан (масдар) дар натиҷаи фуругзор шудани “**-ан”** гуфт (асоси замони гузашта) ва иловаи “-а” гуфта-сифати феълии замони гузашта ташкил мешавад [162, с. 43].

Пас аз ин, тасрифи феълҳои ёвар оварда мешавад, масалан, феъли ёвари “будан”, ки баробар ба феъли “ҳастан” мебошад, дар замони ҳозира ба ин тариқ тасриф шудааст:

Ҷадвали 2.

Шумораи танҳо	**Шумораи ҷамъ**
Ман ҳастам-манам	Мо ҳастем-моем
Ту ҳастӣ- туйӣ	Шумо ҳастед- шумоед
Ӯ ҳаст- ӯст	Эшон ҳастанд-эшонанд

Дар замони гузаштаи нотамом	
Ман мебудам	Мо мебудем
Ту мебудӣ	Шумо мебудед
Ӯ мебуд	Эшон мебуданд
Дар забони гузаштаи комил	
Ман будам	Мо будем
Ту будӣ	Шумо будед
Ӯ буд	Ишон буданд
Дар замони гузаштаи муқорини феъл (аз нигоҳи имрӯз гузаштаи нақлӣ)	
Ман будаам	Мо будаем
Ту будаӣ	Шумо будаед
Ӯ будааст	Эшон будаанд
Дар замони оянда	
Ман бошам-хоҳам буд	Мо бошем-хоҳем буд
Ту бошӣ- хоҳӣ буд	Шумо бошед- хоҳед буд
Ӯ бошад-хоҳад буд.	Ишон бошанд – хоҳанд буд

Тасрифи феъли ёвари “будан” дар сиғаи амр дар шахси 2-юм ва 3-юм сурат мегирад, чаро ки амр ба ҳамон ду шахс дар сурати муфрад ва ҷамъ равона мегардад.

Муқоиса шавад:

Шумораи танҳо	**Шумораи ҷамъ**
Ту бош	Шумо бошед
Ӯ бошад	Ишон бошанд

Дар идомаи ҳамин фасл боз якчанд феълҳои дигар бо ҳамин усул тасриф карда шудааст.

Мирзо Ҷаъфар дар шинохти зарф чунин андеша дорад, ки агар сифатҳо бе исм дар ҷумла оянд, зарф мешаванд, мисол: Ӯ сарфу наҳвро хуб медонист. Дар воқеъ, калимаи “хуб” сифат аст, ки аломати шайъро мефаҳмонад: одами хуб, гапи хуб, ҷойи хуб..., аммо вақте ки аломати амалро мефаҳмонад, зарф

аст, чунончи: хуб менавозад. Вожаи “кам” сифат аст, аммо кам-кам зарф; “оҳиста” сифат аст, “оҳиста-оҳиста” зарф мебошад.

Ба ҳамин тарз, Мирзо Ҷаъфар як даста зарфҳоро ба мисли ҷонишинҳои сифатии “чунон”, “чунин”, “чи гуна”, “чи тавр” нишон дода, сифатҳои дараҷаи муқоисавӣ дошта: наздиктар, дуртар, камтар, бештарро зарф гуфтааст. Калимаҳои “боло”, “поён”, “гоҳ-гоҳ”, “бевақт”, “бечо”- ро низ зарф гуфтааст. Дар хотимаи ин қисм як даста калимаҳои дигарро пайиҳам чун сифат овардааст, ки чунинанд: хеле, бисёр, зиёд, бағоят, ниҳоят, андак, кам, ин ҷо, он ҷо, аз ин ҷо, аз он ҷо, куҷо, аз куҷо, ҳар куҷо ки, берун ҳам, ҳамин тавр, кай, субҳ, шаб, шом, имрӯз, дирӯз, парерӯз, фардо, пасфардо, пеш, ҳаргиз, дер, зуд, боҳам, пештар, баъд, пас, инак, доим, мудом, ҳануз.

Тавре ки аз номгӯйи калимаҳои фавқ дида мешавад, ҳамаи ин вожаҳо ҳам дар забони адабӣ ва ҳам гуфтугӯйии тоҷикӣ мустаъмаланд.

Аксари онҳоро дар забони адабии муосири тоҷикӣ ва ҳам дар дастурҳои забони тоҷикӣ ҳамчун зарф таъйин кардаанд.

Тавзеҳе, ки Мирзо Ҷаъфар оид ба пешояндҳо додааст, аз нигоҳи сарфи имрӯз низ ҷолиб аст ва он пешояндҳое, ки овардааст, дар воқеъ имрӯз ҳам пешоянд шинохта мешаванд ва дар забони тоҷикӣ серистеъмоланд, чунончи: аз, ҷуз, ғайр аз, ақиб, бар, андар, бо, то, би, рӯй, дар зер, миён.

Ғайр аз ин, муаллифи грамматикаи мавриди назар якчанд пешояндҳои номии изофиро низ ҷудо кардааст, чунончи: беруни, пеши, паси, ақиби, рӯйи, миёни ва ғ. Ҳамчунин, чанд адад пешоянди таркибии изофиро низ нишон додааст: аз пеши, аз пушти, аз назди, аз тарафи, аз ҷониби, аз ақиби, аз паси...

Дар грамматикаи мазкур доир ба пайвандакҳо ҳам маълумоти мушаххасу мухтасаре дода шудааст. Дар аввал рӯйхати чанде аз пайвандакҳоро ба ин тариқ овардааст: ва, ё, вале, аммо, валекин, лекин, гуё, балки, шояд, ҳар гоҳ, агар, чун.

Пайвандакҳои зеринро ба гурӯҳи пайвандакҳои мураккаб дохил кардааст: чунки, зеро ки, кошки, то ки, ҳамин ки, ҳар вақте ки, ҳарчанд ки, бо вуҷуде ки [162, с. 187].

Аз пайвандакҳои овардаи муаллиф ба истиснои “чунки” дигар ҳамаашон пайвандакҳои таркибианд.

Бисёр ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки Мирзо Ҷаъфар хусусияти ҳиссача доштани “ки”-ро махсус таъкид кардааст. Ӯ дар ҷумлаи зерин таъкид менамояд, ки калимаи “ки” вазифаи ҳиссачаро адо кардааст: Ман ки гунаҳкор нестам.

Ин ҷо як нуктаро бояд таъкид намоем, ки муаллифи грамматика ба шарҳи вазифаҳои пайвандаки “ки” чандон диққат надодааст. Масалан, дар ҷумлаи “Нигоҳ бикунед, ки ӯ чӣ тавр менависад”, “ки”–ро зиёдатӣ медонад, ҳол он ки ин ҷумлаи мураккаби тобеъ аст, ки аз сарҷумлаи “Нигоҳ бикунед” ва ҷумлаи пайрави “ки ӯ чӣ тавр менависад” таркиб ёфтааст. Ин ғалат аз он ҷо сар задааст, ки наҳви ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар ин марҳилаи инкишофи забони форсӣ ва тоҷикӣ омухтаву таҳқиқ нашуда буд. Инро аз мундариҷаи ҳамин грамматикаи мавриди назар ҳам фаҳмидан мумкин аст, чаро ки дар грамматикаи мазкур оид ба ҷумлаи мураккаби тобеъ маълумот дода нашудааст.

Охирин мавзуе, ки дар ин грамматика матраҳ шудааст, дар бораи нидо мебошад. Муаллиф рӯйхати як даста нидоҳоро бешарҳу тавзеҳ овардаасту халос, чунончи: оҳ, ах, ҳайф, афсӯс, амон, ҳей, эй, вой, эй вой, хабардор, ба хайр, вовайло, зинҳор, йовош, оҳиста, офарин, мошоллоҳ, хошо, бадо, дареғо, баракалло.

Дар хотимаи китоб муаллиф якчанд ҳикоя ва порчаҳои матнӣ оварда, луғати онҳоро шарҳ додааст, ки барои қироат ва азбар кардани луғатҳо аҳаммияти калон дорад.

Хулоса, китоби “Краткая грамматика персидского языка”-и Мирзо Ҷаъфар дар омухтани забони форсӣ ва тоҷикӣ ва таълифи грамматикаҳои баъдӣ нақши калон бозидааст.

Дигар грамматикаи форсӣ-тоҷикие, ки дар замони Русияи подшоҳӣ навишта шудааст, “Краткая грамматика новоперсидского языка с приложением метерки и библиографии” [83]-и К. Г. Залеман ва

В. А. Жуковский мебошад. Бояд таъкидан бигуем, ки ин грамматика дар шаклгирии афкори забоншиносии навини тоҷик таъсири зиёд расонидааст. Дар аксар осори забоншиносии навини тоҷик, ки ба сурати рисолаҳои таҳқиқии забоншиносӣ таълиф шудаанд ва дастурҳои таълимӣ ба ин грамматика ишора шудааст. Ин аз он дарак медиҳад, ки грамматикаи мазкур аз нигоҳи забоншиносии навини тоҷикӣ арзиши бештар доштааст. Ҳоло барои то андозае сохтору муҳтавои ин грамматика барои хонандаи имрӯз равшан гардад, мухтасар онро баррасӣ менамоем. Вале пеш аз он ки дар бораи сохтору муҳтавои ин грамматика сухан ронем, лозим медонем, ки суханони худи муаллифонро аз муқаддимаи он оид ба зарурати таълифи ин грамматика биёрем, ки ин аст:

Дар муқаддимаи китоб муаллифон дар бораи зарурати таълифи ин грамматика ва талабот ба он сухан рондаанд ва таъкид кардаанд, ки ба чунин китоб аҳолии Осиёи Миёна низ эҳтиёҷоти зиёд доранд.

Сохтор ва мундариҷаи қисмати асосии ин грамматика ба “Краткая грамматика персидского языка”-и Мирзо Ҷаъфар [162] монанд мебошад.

“Краткая грамматика новоперсидского языка с приложением метерки и библиографии”-и К. Г. Залеман ва В. А. Жуковский [83] аз се боб ва замима иборат мебошад. Ҳоло мо дар бораи тамоми бобҳо ва фаслҳои он муҳокима наронда ба сурати интихоб баъзе нуктаҳои ҷолибро шарҳу бозгӯӣ менамоем.

Боби якуми ин грамматика “Учение о писем и звуках” ном дошта, дар бораи алфавит, аломати қироат, ҳайати овоз, талаффуз, садонокҳо, ҳамсадоҳо, қоидаҳои овозҳо ва зада маълумот дода шудааст.

Оид ба низоми садонокҳо К. Г. Залеман ва В. А. Жуковский чунин нуқтаи назар доранд, ки садонокҳо: кӯтоҳ ва дароз мешаванд:

Садонокҳо:

кутоҳ (садонокҳои кутоҳ)	дароз (садонокҳои дароз)
a ـَ i ـِ y ـُ	ā ـَا ī ـِی ӯ ـُو [ē ـِی ō ـُو]

Дуовоза: ai آی ay آو

Бояд гуфт, ки дар боби якуми ин грамматика сохтори фонетикии забони форсӣ ва тоҷикӣ бисёр нозукона таҳлил шудааст.

Боби дуюми ин грамматика “Учение о формах” (“Таълимот дар бораи шакл”) унвон дорад. Дар ин боб муаллифон нахуст дар бораи исм маълумот дода, дар забони форсии нав аз байн рафтани ҷинсияти грамматикиро таъкид карда, зикр менамоянд, ки барои ифодаи ҷинсияти табиӣ калимаҳои тамоман фарқкунанда ба кор бурда мешаванд, масалан, мурғи наринаро “хурус” мегуянд ва мурғи модинаро “мокиён” ё ин ки гови модинаро “модагов” ва гови нарро “буқа” ва “барзагов” мегуянд. Барои фарқияти ҷинсияти одамон калимаҳои алоҳидаи “мард” ва “зан” ҳаст, чунончи: мардак, занак, ҷавонмард, ҷавонзан, пирамард ва пиразан.

Барои ҷамъбандии исм муаллифони ин грамматика ду пасванди ҷамъсоз “-он” ва “-ҳо” - ро нишон додаанд ва таъкид кардаанд, ки якумӣ барои одамон ва шайъи ҷондор буда, дуюмӣ, асосан, барои шайъи беҷон аст. Аммо дар марҳилаҳои баъдии инкишофи забони форсӣ ва дарии тоҷикӣ пасванди ҷамъсози “-ҳо” доираи истеъмолаш хеле васеъ гардид, чунончи: говон (говҳо), аспон (аспҳо), лабон (лабҳо), чашмон (чашмҳо), рухсорагон (рухсораҳо), сарон (сарҳо).

Бо таъсири ҳамнишинии овозҳои ҷудогона калимаҳои зерин бо пасванди ҷамъбандии “он” ҷамъ баста шудаанд: ирониён, бозувон, кайон, пойон, хубрӯйон.

Муаллиф таъкид кардааст, ки дар забони форсӣ як даста калимаҳо бо пасвандҳои арабӣ ҷамъ баста мешаванд, чунончи: боғот, деҳот, навозишот, меваҷот, қалъаҷот, аҷоибот, аҳволот.

Соли 1861 мақолаи профессори университети Қазон В. В. Григореев дар асоси матни ёддоштҳои Мирзо Шамси Бухороӣ “О некоторых событиях в Бухаре, Коканде и Кошгаре” [60] (“Дар бораи баъзе ҳодисаву воқеаҳои муҳимми Бухоро, Қуқанд ва Қошқар”) ба номи “Обозрение диалектических отличий употребительного у бухарских таджиков персидского языка” [61]

чоп мешавад. Ин мақола барои илми шевашиносии тоҷик дар оянда ва шакл гирифтани забоншиносии навини тоҷик замина гузоштааст.

Соли 1915 мақолаи П. Е. Кузнетсов дар шакли очерки грамматикӣ ба номи “Сравнительный грамматический очерк таджикского и сартовского наречий” [125] нашр мегардад. П. Е. Кузнетсов шеваҳои тоҷикиро ба ду гурӯҳ ҷудо кардааст: гурӯҳи якум гуйиши тоҷикони болооби Амударё, ки ба он Қаротегин, Дарвоз, Рушон, Шуғнон дохил мешаванд, гурӯҳи дуюм гуйиши тоҷикони ҳамворзамин, ки ба он Фарғона ва уезди Тошканд дохил мешаванд.

Тоҷикони маскуни болооби Амударё, – дуруст таъкид мекунад муаллифи мақола, шеваи гуйиши худро хуб нигоҳ доштаанд, нисбат ба тоҷикони ҳамворӣ, чаро ки тоҷикони манотиқи кӯҳистон хеле кам калимаҳои туркиро истифода карда, пешояндҳоро дар ҷойи худ истифода мебаранд.

Гуйиши тоҷикони уезди Тошканд мувофиқи мушоҳидаву таҳқиқи П. Е. Кузнетсов аз гуйиши тоҷикони Бухорову Самарқанд фарқ дорад. Дар гуйиши тоҷикони уезди Тошканд дар муқоиса ба Бухорову Самарқанд иқтибоси калимаҳои туркӣ зиёд аст.

Ҳарчанд таҳқиқи муҳаққиқ ба гуйиши тоҷикӣ бахшида шуда бошад ҳам, бисёр лаҳзаҳои ҷолибе ҳаст, ки хусусияти сирф забоншиносӣ дорад, чунончи, як вижагии овоии забони тоҷикӣ, ба қавли муҳаққиқ, ин аст, ки “Сравнительно с персидском языком, таджикское наречие отличается фонетический более открытым произношением гласных; синтаксический построю предложения на тюрецкий ладъ” (Тафовути лаҳҷаҳои тоҷикӣ аз забони форсӣ танҳо ҳангоми талаффузи овозҳои садонок ба мушоҳида мерасад. Ҷумласозӣ ба монанди ҷумласозии забони туркӣ аст) [125, с. 3].

П. Е. Кузнетсов дар очерки “Сравнительный грамматический очерк таджикского и сартовского наречий” [125] (“Очерк оид ба грамматикаи муқоисавии шеваҳои тоҷикӣ ва сартҳо”) бори нахуст дар таърихи забоншиносии навини тоҷикӣ дар асоси маводди гуйиши тоҷикӣ ва сартҳои уезди Тошканд методи муқоисавӣ-типологиро ҷорӣ намуд. Дар баъзе лаҳзаҳо

муҳаққиқ ин ё он маводро бо забони қирғизӣ, форсӣ низ муқоиса карда, чи тавр бо забони русӣ тарҷума шудани онро ҳам меорад, чунончи: «Частица “да” будеть общею для обоих наречий» [125, с. 34.].

Таджики Бухари и Самарканда говорять:

1.Ман шаар-ба мирум - Я иду в город

2.Ман шаар-ба будам - Я был в город

Точно также скажут сарты в Бухаре и Самарканде:

1.Ман шаар-га бораман

2. Мн шаар-га идем

Таджики Ташкентского уезда говорять:

1. Ман шаар-ба миравам

2. Ман шаар- анда будам

Точно также скажут Ташкентские сарты:

1.Ман шаар-га бораман

2.Ман шаар-да идим (а по киргизки: Мен шеэр- инда идим).

“Таким образом, изменение происшедшее в наречии одной народности казалось и на наречии другой народности, а также местности” [125, с. 29] (“Ҳамин тавр, тағйироти дар шеваи гуфтор (лаҳҷа)-и як халқият бавуҷудомада, ба лаҳҷаи халқият ё маҳалли дигар низ таъсир мегузорад”).

Дар натиҷаи таҳқиқи муқоисавии гуйиши тоҷикони Бухоро, Самарқанд ва тоҷикони уезди Тошканд П. Е. Кузнетсов ба чунин хулоса омадааст: “Истифодаи пешоянд ҳамчун пасванд ё бандакҳои падеж, ба таври фарогир ба кор бурдани сифати феълӣ, сохтани ибораҳо, фаровонии намунаҳои луғатсозии туркӣ – ҳама далели онанд, ки чӣ гуна шеваи гуфтори ноби форсии эронитаборони Осиёи Марказӣ таҳти таъсири забони туркӣ қарор гирифтааст; тоҷикон худ ин далелро таъйид мекунанд ва шеваи гуфтори худро таҳрифшуда меноманд. Ба ҳамин сабаб, афроде аз миёни онҳо, ки таҳсили хубтар мегиранд, кӯшиш мекунанд тибқи имкон бо забони дурусти форсӣ сухан бигуянд. Дар мавриди навиштор бояд гуфт, ки тоҷикон дар ин ҳолат танҳо аз забони форсӣ истифода мекунанд: онҳо шеваи гуфтори худро

дар забони навиштор ҳатто тасаввур карда наметавонанд. Аз ҷониби дигар, тоҷикони туркшуда бидуни тардид, дар ташаккули гуфтори туркие, ки ҳоло сартӣ номида мешавад, иштироки фаъол доштанд: далели он масалан, вожаҳои зиёди форсӣ дар ин забон аст, ки қисме аз онҳо аз ҷониби сокинони эронитабори кишвар ворид карда шуда, мисли калимаҳои тоҷикӣ коркард шудааст. Ҳамчунин, тоҷикони Бухоро ва Самарқанд бо табдил шудан ба сартҳо монанди шеваи гуфтори худ тавонистаанд дар гуйиши сартии маҳаллӣ (бухорой-самарқандӣ) истифодаи ҳиссачаи “ча” ё “ка” (“ка” барои се падеж: барои русии “дательный”, мафъулии самт ва маконӣ)-ро маъмул кардаанд” [125, с. 43].

Азбаски хулосаи профессор П. Е. Кузнетсов имрӯз ҳам хеле муҳимму зарур аст, мо онро пурра овардем. Тавре ки аз иқтибоси фавқ дида мешавад, дар таҳқиқи муҳаққиқ дар асоси маводди мушаххас бисёр масоили гуйишҳои тоҷикӣ ва умуман, масъалаҳои забоншиносии навини тоҷик ишора шудаанд.

Бояд як нуктаи муҳимро таъкид бикунем, ки то таълифи ин се грамматикаи форсӣ донишманди эронӣ Ҳоҷӣ Муҳаммад Каримхони Кирмонӣ аввалин дастури хоссаи забони тоҷикии форсӣ бо номи “Рисола дар сарфу наҳв ва имло” [302]-ро ҳануз соли 1839 таълиф кардааст. Ин рисола таълифи бисёр судманди Ҳоҷӣ Каримхони Кирмонӣ буда, онро монанди як устоди муҳаққиқи забоншиносу забондон ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Дар муқаддимаи рисола муаллиф доир ба гурӯҳбандии ҳиссаҳои нутқ чунин андеша дорад: “Бадон, ки дар ҷомеи луғоти бани одам аз се қисм берун нест: исм, феъл ва ҳарф, зеро он чи дар олам ҳаст ё зоти чизе ҳаст, ё кори чизе, ё робита ва нисбат миёни ду чиз” [302, с. 12].

Дар фасли сарфи афъол Ҳоҷӣ Каримхони Кирмонӣ чунин гуфтааст: “ Бидон, ки аз ҳар модда аз моддаҳои феълҳо форсиён шаш сиға бино кунанд: ду барои ғоиб, ду барои ҳозир, ду барои мутакаллим. Ва аммо он ду, ки барои ғоиб ва ҳозир аст, яке барои муфрад аст ва дигар барои ҷамъ аст ва он ду, ки барои мутакаллим аст, яке барои воҳид ва дигар барои маъалғайр” [302, с. 13].

Ҳоҷӣ Каримхони Кирмонӣ дар бораи замони оянда ва сиғаи амр чунин ибрози назар кардааст: “Сарфи мустақбал низ шаш сиға дорад: меоем, меоӣ, меояд; меоем, меоед, меоянд. Ва амри ҳозирро ду сиға аст: бирав, биравед, ки яке муфрад аст дигар ҷамъ. Амри ғоибро низ ду сиға аст: муфрад ва ҷамъ: биравад, бираванд” [302, с. 13].

Ин донишманди тавоно илми наҳвро чунин таъриф додааст: “Бидон, ки илми наҳв илме аст, ба қавонини адои алфоз дар ҳар луғат ва қоидаи он ҳифзи забон аз хато. Дар форсӣ наҳв бисёр осонтар аз наҳви арабӣ аст, зеро, ки арабон калимоти худро эъроб медиҳанд ва дар забони форсӣ эъроб нест, магар дар калимаи музоф ва мавсуф, ки касра медиҳад ва мегуяд: аспи ЗАЙД, хонаи Ару ва Зайди доно ва ҳамчунин музаккар ва муаннас (ҷинси мардона ва занона) нест ва дар калимоти барои зан ва мард тафовуте намегузоранд, вале дар ишора фарқ мегузоранд ва “ӯ” ба ғайри оқил нагузоранд ва “он” гуянд ва дар ҷамъ масалан, барои уқало равандагон ва ғайри уқало равандаҳо гӯйанд” [302, с. 14].

Хулоса, рисолаи Ҳоҷӣ Каримхони Кирмонӣ аз нигоҳи илмӣ, шинохти қонунҳои сарфиву наҳвӣ, усули шарҳи масоили марбути асосҳои дастурии забони тоҷикии форсӣ як асари таълимии ҳирфаӣ буда, бо андаке такмилу тасҳеҳ имрӯз ҳам шоистаи пазироӣ мебошад. Ба назари ин ҷониб, ин рисолаи Ҳоҷӣ Каримхони Кирмонӣ барои таълими асосҳои дастури забонҳои тоҷикиву форсӣ имрӯз ҳам аз манфиат холӣ нест.

Дар асри XIX, яъне дар давраи ташаккули афкори забоншиносии навини тоҷик боз якдаста дастурҳои таълимии дигар аз асосҳои дастурии забони форсӣ таълиф мегарданд, ки аз нигоҳи муҳтаво ва усули шарҳи масоили забоншиносӣ, ба назари мо, беҳтаринашон инҳоанд: “ Ашраф-ул-қавони форсӣ”-и Сайидашраф Алии Гулшанободӣ (Бомбайи Ҳиндустон, 1876), “Дастури порсиомӯз”-и Убайдулло ибни Аминиддин Аҳмадии Суҳравардӣ (Лакнов, 1880) “Рисолаи наҳви форсӣ”-и Мавлавӣ Имомбахш Саҳбои Деҳлавӣ (Камтур, 1866,) “Дастури сухан”-и Мирзоҳабиби Исфаҳони (Истамбул, 1869) ва ғайра.

Албатта, ин дастурҳо низ шояд то андозае барои ташаккули забоншиносии навини тоҷик таъсир расонда бошанд.

Бояд таъкид кард, ки дар аксари мақолаву рисолаҳои таҳқиқие, ки ба пажуҳиши бахшҳои гуногуни забоншиносии навини тоҷик дар солҳои 40-уми асри XIX ва марҳилаҳои баъдӣ бахшида шудаанд, ба ин дастуру грамматикаҳо ишора шудаанд.

Ба ғайр аз маълумотҳои фавқ марҳилаи дигари омузиши гуйишҳои забони тоҷикӣ ин ташкили экспедитсияи Ҷамъияти дӯстдорони зебоӣ дар Осиёи Миёна мебошад, ки соли 1889 ташкил шуда, дар он эроншиноси машҳур А. А. Семёнов иштирок дошт.

Ин экспедитсия ба таҳқиқу омузиши шеваҳои тоҷикони Дарвоз, Қаротегин, Зарафшон бахшида мешавад. Баъдтар, яъне солҳои 1900-1901 натиҷаҳои ин экспедитсияро бо номи “Материалы для изучения наречия горных таджиков Центральной Азии” [242] дар шаҳри Москва нашр мекунад. Нашри ин мавод боз як қадами ҷиддӣ дар роҳи омузишу таҳқиқи густурдаи шеваҳои тоҷикӣ бошад, аз сӯйи дигар, дар шаклгирии забоншиносии навини тоҷик низ таъсири калон мерасонад.

Пас аз таълифоти А. А. Семёнов дар соли 1900 ду асари дигар: яке асари Наливкин бо номи “Руководство к практическому изучению персидского языка” [183] (Самарканд, 1900), дигар асари П. Е. Кузнетсов бо номи “О таджиках Ташкентского уезда” [123] (Ташкент,1900) чоп мешавад.

Асари якум моҳияти дастурӣ дошта, дар бораи низоми овозҳои забони форсӣ ва баъзе масъалаҳои дигари дастурии ин забон маълумоти мухтасар додааст. Асари дуюм моҳияти этнографӣ дошта бошад ҳам, муаллиф оид ба хусусиятҳои лексикии гуйиши тоҷикони уезди Тошканд ва таъсири забони узбекӣ ба ин гуйиш маълумоти зарурӣ овардааст.

Ҳарчанд ба ҳамин марҳила ё давраи аввали шаклгирии афкори забоншиносиии навини тоҷик ба итмом мерасад ва аз нигоҳи сиёсиву иқтисодӣ ва илмиву фарҳангӣ сохти давлатдорӣ тағйр ёфта, Инқилоби Октябр ғалаба мекунад ва арзишҳо дигар мешаванд, аммо зикри асари дигари

шарқшиноси маъруф А. А. Семёновро, ки соли 1923 бо номи “Образцы таджикских официальных документов” [243] дар Тошканд нашр мешавад, зарур медонем. Ин асар давоми мантиқии асари якуми А. А. Семёнов буда, ба давраи ҳукмронии амир Музаффар (1860-1885) рост меояд. Дар ин асар оид ба баъзе хусусиятҳои дастурии ҳуҷҷатҳои расмӣ-коргузории аморати Бухоро дахл карда шудааст.

Воқеан ҳам, саҳми олимони рус дар рушди илми забоншиносии навини тоҷик назаррас буда, бо асарҳои таълифнамудаи хеш, ки моҳияти дастурӣ дошта, дар бораи низоми овозҳои забони форсии тоҷикӣ ва баъзе масъалаҳои дигари дастурии ин забон маълумоти мухтасар додаанд. Баъзеи онҳо моҳияти этнографӣ дошта бошад ҳам, оид ба хусусиятҳои фарқкунандаи овоӣ, луғавӣ ва дастурии гуйиши тоҷикони минтақаҳои гуногун ва таъсири забонҳои дигар ба ин гуйиш маълумоти зарурӣ додаанд.

Ҳамин тавр, зиёда аз якуним аср боз асару мақолаҳои ин олимон роҷеъ ба масоили сарфу наҳв, луғатшиносӣ, овошиносӣ, таърихи забон, луғати шеваҳо дар шакли асари тадқиқотӣ, монография, луғатнома, фишурдаи рисолаҳои номзадию докторӣ, маъруза чоп шудаанд, мавриди баҳрабардории аҳли илми кишвар қарор доранд.

1.2. Ҳаракати маорифпарварӣ ва таъсири он ба афкори забоншиносии навини тоҷик

Таърихи афкори забоншиносии мардуми тоҷик монанди фалсафа, адабиёт, нақди адабӣ ва санъату меъмориаш решаҳои дурударози таърихӣ дорад. Гузаштагони тоҷикон ҳануз пеш аз истилои арабҳо дорои алифбо ва хатти худ буданд.

Дар воқеъ, мақому манзалати забони тоҷикии дарӣ чи пеш аз истилои арабҳо ва чи пас аз он дар манотиқи гуногуни шарқ нишон медиҳад, ки ин забон дорои низоми дастурии пурқувват буда, тафтишу баррасии қонунҳои дастурии он аз мадди назари соҳибони ин забон, алалхусус, донишмандонаш дур намондааст. Албатта, пас аз истилои арабҳо ин афкор зери таъсир ва нуфузи низоми дастури забони арабӣ монд, ҳарчанд ки тадвингарони низоми

дастури забони арабӣ аксар уламои эронитабор буданд. Ин тақозои замон буд, чаро ки забони арабӣ ҳамчун забони миллати ҳукмрон афзалият дошту ҳамаи қуввахои илмӣ баҳри такмилу тадвини асосҳои дастурии он сафарбар карда мешуд. Оҳиста-оҳиста нуфузи хилофат дар сарзаминҳое, ки аҳолиашон ғайриараб буданд, суст шудан гирифт ва ин мардумон имкон ёфтанд, ки илму фарҳанги худро ё аз нав эҳё созанд, ё тарҳрезӣ намоянд. Аз ин ҷумла, халқи тоҷик ҳам ба эҳёсозию заминагузорӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иқтисодию фарҳангиаш имконият пайдо кард. Ин имконият, махсусан, аз охирҳои асри IX ва ибтидои асри X бештар мегардад.

Дар ҳамин замина оид ба бахшҳои гуногуни илм, аз ҷумла, забоншиносӣ низ осори илмӣ пайдо мешавад, ки намунаи онро мо дар «Донишнома» [3]-и Абуалӣ Сино дида метавонем.

Ин донишманди тавоно вобаста ба қонунҳои илми мантиқ як қатор мавзуъҳои марбут ба забоншиносиро ҳам шарҳ додааст, ки аз диди забоншиносии муосир ҷолиби таваҷҷуҳанд. Зиёда аз ин, оид ба илми савтиёт рисолаеро ҳам бо номи «Махориҷ-ул-ҳуруф» [5] таълиф кардааст. Ин анъана, яъне дар заминаи илмҳои фалсафа, аруз, бадеъ, қофия ва мусиқӣ шарҳ додани қавонини дастури забони тоҷикии дарӣ то нимаи аввали асри XX идома меёбад.

Танҳо дар охирҳои асри XIX бо таъсири ҳаракати маорифпарварӣ ва ислоҳхоҳӣ дар соҳаи таълим дар афкори забоншиносии тоҷик, алалхусус, низоми дастури забони тоҷикӣ низ тағйирот ба амал омад. Ин тағйирот, одатан, аз тариқи таълифи китобу дастурҳои таълимӣ аз забони тоҷикӣ пайдо мешавад.

Ба назари мо, нахустин иқдом дар ин ҷода аз тарафи донишманди шаҳири ҳиндустонӣ Воҷидалии Муҷмалӣ гузошта шудааст. Барои адои ин матлаб Воҷидалии Муҷмалӣ китоби бисёр арзишманде бо номи «Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун» [57]-ро таълиф менамояд, ки дар рушди донишҳои дастури забони форсии тоҷикӣ ва таълими босамари асосҳои дастури забон нақши муҳим гузоштааст. Китоби «Матлаъ-ул-улум ва

маҷмаъ-ул-фунун» соли 1267 (мутобиқ ба соли 1889 мелодӣ) дар матбааи Нувалкишури Ҳиндустон ба табъ расидааст.

Ин донишманди тавоно усули таълими мадориси форсизабонони Ҳиндустон, муҳтавои маводди таълимиро дар онҳо мушоҳида карда, тағйироту таҷдиди назарро ҳам дар усули таълим ва ҳам барномаи таълимии онҳо ногузир мешуморад.

Вай мушоҳидаю андешаҳояшро дар ин бобат чунин баён кардааст: "…Ногоҳ аз файзони он бедорфайз ба хотирам гузашт, ки чун дастури таълимии мубтадиён, ки ба дабистонҳои форсӣ мустамир аст, рӯ ба камоли забунӣ дорад, яъне мутааллимон солҳои дароз ба хондани баъзе аз иншоҳо ва кутуби қасиси ишқомез ва ғайра, ки мубтадиёнро аз он ихтироз мебояд, умри азиз талаф ва ройгон мекунанд ва дар ҳақиқат аз саводи улум бебаҳрае бошанд. Агар ҷиҳати рафъи ин харобиҳои таълими мубтадиён ва таҳсилу осонии толибон ва шоиқон нусхае тартиб бояд, ки онро ду дафтар бошанд: ба дафтари аввал хулосаи улум ва ба дафтари дувум баёни фунун ба ҳолати таҳрир дарояд, мутааллимонро ба андак фурсат ва замонаи қалил бар ҳақоиқи ҷузъияи ҷомеи улум ва фунун ба тариқи иҷмол хибрат ва огоҳӣ метавонад шуд" [57, с. 4].

Азбаски андешаҳои муаллифи ин китоб Воҷидалии Муҷмалӣ дар боби забоншиносии форсии тоҷикӣ аз нигоҳи илми забоншиносии муосири тоҷик арзиши баланд ва моҳияти навҷӯӣ доранд, мо лозим донистем, ки дар бораи муаллиф ва сохтору муҳтавои ин китоб андаке таваққуф намоем.

Чунонки аз шарҳи ҳоли муаллиф бармеояд, волиди бузургвораш ба таълиму тарбияи ӯ таваҷҷуҳи зиёде зоҳир карда, ба ӯ таълими ахлоқи ҳамида дода, ба баракати ҷаҳду сайъи онҳо дар синни 12-солагӣ сайри аксаре аз кутуби дарсии форсӣ мисли "Гулистон", "Ахлоқи Муҳсинӣ", "Калила ва Димна", "Маъдан-ул-ҷавоҳир", "Абвоб-ул-ҷинон" ва баъзе насрҳои муфид, мисли "Се насри Зуҳурӣ", "Туғро", баъзе маснавиҳо ва девонҳо, ки ба ҷиҳати кушоиши зеҳни мубтадиён (навомӯзон) кофист, мисли "Бустон", "Юсуф ва Зулайхо", "Искандарнома", девони Осафӣ, девони Заҳир карда, ба қавли

худаш, саводи бинавиштахонди форсӣ ҳосил менамояд ва дар улуми сарф ва наҳв низ чанд кутуб дар ин айём азбар гирифтааст. Пас аз ин барои фаро гирифтани улуми дигар аз синни 15-16 солагӣ ба шаҳрҳои гуногуни Ҳиндустон сафар мекунад. Натиҷаи ин мутолиаву сафарҳо ва таълим аз уламои давр таълифи ин китоби доиратулмаориф – “Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун” мешавад. Ин китоб барои ҳамаи илмҳо фоидаовар буда, роҷеъ ба илму фунуни гуногун як навъ маълумоти муқаддимотӣ медиҳад. Азбаски мавриди назари мо аз муаррифии ин асари волоарзиш таъкиди арзиши забоншиносии он мебошад, мехоҳем оид ба ин матлаб чанд нуқтаро таъкид бикунем.

Нуқтаи аввал ин аст, ки аксар қайду тавзеҳоти Воҷидалии Муҷмалӣ оид ба илми забоншиносӣ, хусусан, асосҳои дастури забони форсии тоҷикӣ дар “Эҳсоъ-ул-улум”-и Абунасри Фаробӣ, “Донишнома”-и Абуалӣ Сино, “Ҷомеъ-ул-ҳикматайн”-и Носири Хусрав, “Асос-ул-иқтибос”-у “Меъёр-ул-ашъор”-и Насируддини Тусӣ, “Ал-муъҷам”-и Шамси Қайси Розӣ, “Нафоис-уф-фунун фӣ ароис-ул-уюн”-и Маҳмуди Омулӣ, “Бадоеъ-ус-саноеъ”-и Атоулло Ҳусайнӣ, “Фавоиди Зиёия”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ, “Чаҳор гулзор”-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, фарҳангномаҳои тафсирии гуногун ба чашм мерасанд. Тафовут дар ин аст, ки тавзеҳоти Воҷидалии Муҷмалӣ содаю мушаххас буда, мантиқан идомаи афкори донишмандони гузаштаи тоҷик аст.

Нуқтаи дуюм ин аст, ки боби якум ва нуҳуми китоби “Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун” бевосита ба шарҳу баёни масоили забоншиносӣ, махсусан, асосҳои дастури забони форсии тоҷикӣ бахшида шудаанд.

Нуқтаи сеюм ин аст, ки аз нигоҳи илми забоншиносии муосир бисёр мавзуоте, ки муаллиф дар бахши илми наҳв шарҳ додааст, ба бахши илми сарф мансубанд. Ин гувоҳи он аст, ки Воҷидалии Муҷмалӣ ба афкори забоншиносии асримиёнагии донишмандони форсу тоҷик бештар такя кардааст. Дар низоми улуми филологии асримиёнагии форсу тоҷик ба низоми дастури забони арабӣ такя мекарданд. Масалан, фасли дуюми боби нуҳуми “Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун”, “Дар баёни қавоиди наҳви

форсӣ” ном дошта, бо шарҳи гурӯҳбандии калимаҳо ба ҳиссаҳои нутқ шуруъ мешавад, ки аз нигоҳи забоншиносии муосир ин мавзуи баҳси илми сарф аст. Чунончи «Бидон, ки калимоти форсӣ ба се қисм аст: исму феълу ҳарф. Исм он аст, ки маънии мустақил дорад ва замон аз ӯ мафҳум нашавад, чун аспу филу гову хар ало ҳазал қиёс ва осмон, ҷамеи махлуқот, малоик, кавокиб, буруҷ, наботот, ҷамодот, меваҷот. Ва феъл он аст, ки ба маънии он яке аз минҳаи салоса, ки мозӣ ва мустақбал ва ҳол аст, мафҳум шавад, чун “гуфт” – феъли мозӣ ва “хоҳад гуфт” – феъли мустақбал ва “мегуяд” – феъли ҳол. Ва ҳарф он аст, ки на маънии мустақил дорад ва на замоне аз ӯ мафҳум шавад ва бе шумули лафзи дигар фоидаи маънӣ надиҳад, чун «вов»-и атф (عطف) ва «ё»-и ваҳдат ва ғайра. Ва ҳарф ба ду қисм аст: яке муфрад чунончи гузашт, дуюм мураккаб, чун «дар», «бар», «аз», «ро» ва амсоли он ва ин ҳуруф низ бе инзоми калимаи дигар ифодаи маънӣ надиҳад» [57, с. 4].

Воҷидалии Муҷмалӣ дар низоми таълими мадрасаҳо омухтану донистани муҳимтарин мавзуоти асосҳои дастури забони форсии тоҷикиро, аз ҷумла, категорияҳои грамматикӣ, вожасозӣ, ибораороиву ҷумлабандиро зарур медонад. Албатта, ин назару биниши Воҷидалии Муҷмалӣ ва ӯ барин ашхоси донишманду фозил ба афкори забоншиносии замонааш бетаъсир намондааст. Баъзе аз уламову мударрисҳои бедорфикру миллатдӯст барои таълими асосҳои дастури забони форсии тоҷикӣ кӯшишҳо кардаанд. Вале ин кӯшишҳо дар усули таълими мадрасаҳо тағйироти ҷиддӣ ворид сохта натавонист. Оҳиста-оҳиста ин кӯшишҳо ба пайдо шудани ҳаракати маорифпарварӣ сабаб гардиданд.

Дар нимаи дуюми асри XIX дар Осиёи Миёна ҳаракати маорифпарварӣ пайдо гашт, ки намояндагонашон, пеш аз ҳама, ба ислоҳоти соҳаи таълим пардохтанд. Ба ин мақсад онҳо барои такмилу таҷдиди назар шудани барномаҳои таълимии мадрасаҳо, усули таълим ва мазмуну муҳтавои китобҳои дарсӣ андешаҳояшонро иброз дошта, худашон бевосита ба таълиму тадрис машғул шуда, китобҳои дарсии нав таълиф намуданд.

Пас аз он ки Осиёи Миёна ба Русия ҳамроҳ шуд, бо таъсири афкору маданияти рус ва ҷараёни маорифпарварӣ мактабҳои намуди русӣ-таҳҷоӣ (бумӣ) ва мактабҳои усули нав пайдо шуданд. Дар ҷаҳонбинию шуури мардуми тоҷик дигаргунӣ ба вуҷуд омад, дар соҳаи ба забони модарӣ, яъне тоҷикӣ, ба роҳ мондани таълим ва пайдо шудани назару афкори нави забоншиносӣ замина ба вуҷуд меояд. Кӯшиш карда мешавад, ки дар асоси таҷрибаи забоншиносии рус меъёрҳои асосҳои дастури забони тоҷикӣ барои зинаҳои гуногуни омузиш ва синну соли мухталифи қишрҳои ҷомеаи тоҷикон таъйин карда шавад. Натиҷаи ҳамин кӯшишҳо буд, ки соли 1841 бо диду усули нав бо унвони “Краткая грамматика персидского языка” (“Грамматикаи мухтасари забони форсӣ” мураттиб Аббос-Қулӣ Оғо Боқихонов) ва соли 1875 китоби М.А. Терентев бо номи “Грамматики турецкая, персидская, киргизская и узбекская” [341] ба нашр мерасанд. Пас аз нуҳ сол, яъне соли 1884, Мирзо Ҷаъфар китоби “Краткая грамматика персидского языка” (“Сарф ва наҳви форсӣ ба русӣ”)-ро менависад. Солҳои 1888-1900 И.П. Наликвин ду китоб: яке бо исми «Русско-персидский словарь», дигаре «Руководство к практическому изучению персидского языка»-ро нашр менамояд.

Ҳамин тавр, китобҳои мазкур, ки барои хонандагони синфҳои махсуси донишкадаю донишгоҳҳои забонҳои шарқи ҳамон солҳо тартиб дода шуда буданд ва баъзе мансабдорони русе, ки дар Осиёи Миёна ба мардуми маҳаллӣ сару кор доштанд, аз ин китобҳо истифода мекарданд, дар шаклгирӣ ва рушди минбаъдаи афкори забоншиносии давраи нав ва навиштани китобҳои дарсии нисбатан мукаммал аз асосҳои дастури забони тоҷикӣ заминае гардиданд.

1.3. Китобҳои дарсии мактабҳои усули нав ва инъикоси афкори забоншиносии навини тоҷик дар онҳо

Дар низоми таълими мадрасаҳои Осиёи Миёна омузиши грамматика мавқеи асосӣ дошт. Танҳо иллат ин буд, ки он, асосан, фарогири асосҳои

дастури забони арабӣ буд. Бинобар маълумоти устод Айнӣ, ки дар «Ёддоштҳо» овардааст, барномаи таълимии мадрасаҳои Бухоро то Инқилоби Октябр ба ин тариқ будааст:

1 .«Бидон». Дар ин китоб сарфу наҳви арабӣ ва забони форсии тоҷикӣ ба таври сода шарҳ дода шудааст ва он чунин шуруъ мешавад: «Бидон асъадакаллоҳу фидорайнӣ, ки калимоти араб бар се қисм аст: исм аст, феъл аст, ҳарф. Исм ҳамчун рачул, феъл ҳамчун зараба, ҳарф ҳамчун «мин» ва «айн».

2. «Аввали илм». Дар ин китоб зарурияти динӣ ба тарзи саволу ҷавоб оварда шудааст. Чунончи: «Агар шахсе гуяд, ки аввали илм кадом аст? Ҷавоб мегуем, ки аввали илм шинохтани Аллоҳ Таоло ва охири илм гузоштани ҳамаи амрҳост ба сӯйи Аллоҳ Таоло»

3. «Муизӣ». Ин китоб оид ба тасрифи феълҳои забони арабӣ, тағйири калимот баҳс мекунад.

4. «Авомил». Дар ин китоб дар бораи омилҳое баҳс меравад, ки онҳо аз ду бахш иборатанд: яке лафзӣ, дигаре маънавӣ. Ин омилҳо дар маҷмуъ, 100-тоанд. Ин китоб ҳам дар наҳви арабӣ аст.

5. «Кофия». Ин китоб дар сарфу наҳви арабӣ аст. Номи пурраи ин китоб «Алкофия фи ал - наҳв» буда, муаллифи он донишманди араб Ибн ал-Ҳоҷиб мебошад, ки онро соли 1249 навиштааст.

6. «Шарҳи Мулло». Ин асари мутафаккири асри XV Абдурраҳмони Ҷомӣ буда, номи аслиаш «Фавоиди Зиёия» мебошад, ки дар маҷмуъ, 53 мавзуи сарфу наҳви арабиро шарҳ медиҳад.

7. «Шамсия». Ин асар оид ба илми мантиқ баҳс мекунад.

Тавре ки мебинем, дар низоми таълими мадраса мавқеи грамматика (сарфу наҳв) хеле муҳимму густурда будааст.

Дар ҷараёни омухтани қисмати грамматика агарчи меъёрҳои забони форсии тоҷикӣ омухта нашавад ҳам, шарҳу маънидоди меъёрҳои грамматикаи забони арабӣ барои инкишофу рушди нормаҳои грамматикӣ (асосҳои дастури забони тоҷикӣ) ин асарҳо нақши муҳим доштанд. Ин ҳолат

барои минбаъд пайдо шудани як силсила луғатҳои тафсирӣ ва дастурҳои забони форсии тоҷикӣ заминаи боэътимод гардидааст.

Барномаи таълимии дарсҳои мадрасаҳои Осиёи Миёна нишон медиҳад, ки нисбат ба дигар фанҳо мақоми илмҳои филологӣ, алалхусус улуми лисонӣ, хеле калон аст. Дар ҷараёни таълими аксар илмҳои дигар низ ба масъалаҳои забон ва забоншиносӣ бевосита ё бавосита дахл карда мешавад. Масалан, дар зинаҳои минбаъдаи таълим чунин китобҳо ё фанҳо омухта мешуданд, ки ба илми забоншиносӣ, алалхусус, калом, иртиботи бештар доранд:

1. «Аҳаммияти Қутбӣ». Ин китоб шарҳи китоби «Шамсия» буда, масъалаҳои мантиқу каломро дарбар мегирад.

2. «Ақоиди Насафӣ». Ин китобест, ки ба илми калом бахшида шудааст ва таълифи Алломаи Тафтазонӣ мебошад.

3. «Таҳзиб». Ин асар доир ба илми мантиқ ва калом аст.

4. «Ҳикмат-ул-айн». Асарест оид ба ҳикмати табиӣ ва илоҳӣ.

5. «Мулло Ҷалол». Ин асарест доир ба илми калом.

То солҳои 90-уми асри XX дар илмии забоншиносии тоҷик ақидае мавҷуд буд, ки гӯё дар ҷараёни таълими мадрасаҳои тоинқилобӣ забони тоҷикӣ мавқеъ надошт ва забони тоҷикӣ умуман таҳқиқ ҳам намешуд. Ба тарзи дигар гӯем, афкори забоншиносии тоҷикро нодида мегирифтанд, ҳол он ки дар тамоми ҷараёни таълими мадраса забони тоҷикӣ саҳми муҳим дошт.

Дар иртибот ба ин масъала Қ. Рустамов дуруст изҳори андеша кардааст: «Чунин ақидаи нодуруст дар адабиёти илмӣ-методӣ (педагогика) аз он ҷиҳат ба амал омадааст, ки таҳқиқотчиён дар муайян кардани мавқеи забони модарӣ дар мактаб ва мадрасаҳои куҳна нисбат ба забонҳои халқҳои бародаре, ки дар ин ҷо зиндагӣ ва маскан доштанд, муносибат ва рафтори якхела мекунанд, дар натиҷа оид ба мавқеи забони тоҷикӣ ҳам дар протссеси таълими мактаб ва мадрасаҳо хулосаи манфӣ бароварда шудааст, ки гуё дар

онҳо забони тоҷикӣ ҳеҷ гуна роле намебозидааст ва ба мавқеи он аҳаммият ҳам дода нашуда бошад» [235, с. 129].

Дар воқеъ, забони форсии тоҷикӣ дар паҳлуи забони арабӣ дар ҷараёни таълими мадрасаҳо мақоми муҳим дошт ва дар ин замина афкори забоншиносии тоҷик низ рушду инкишоф меёфт. Ин афкор дар мазмуну муҳтавои китобҳои дарсие, ки барои мактабҳои усули нав таълиф мешуданд, инъикос ёфтааст.

Ҳамин тариқ, дар мавқеи устувор пайдо кардани забони тоҷикӣ, қоидаҳои грамматикии он дар таълими мактабҳои усули нав ва шаклгирии афкори забоншиносии навини тоҷик саҳми аввалин китобҳои дарсии мактабҳои маҳаллӣ хеле назаррас аст.

Ба аҳли суханварону сухансозон ва дақиқназарони нуқтапардоз равшану возеҳ аст, ки таълифи китоби дарсӣ аз асосҳои дастури забон бе дониши амиқи забоншиносӣ ва афкори созандаю донандаи масоили марбути илми забон имконнопазир аст. Аз сӯйи дигар, афкори забоншиносӣ ва сухангустарии муаллифони китоби дарсӣ аз асосҳои дастури забон дар он инъикоси худро меёбад. Ҳар қадар вусъату паҳнои фарогирии афкори муаллиф густурдаю фаррох бошад, муҳтаво ва мазмуни китоби дарсӣ ба ҳамон андоза қавию ғанӣ мебошад.

Дар солҳои 20-уму 30-юми асри XX яке аз масъалаҳои муҳимми илму маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳарчи бештар таълифу дастраси мардум гардонидани китобҳои дарсӣ, аз ҷумла, китобҳои дарсӣ аз асосҳои дастури забони тоҷикӣ маҳсуб меёфт.

Ҳарчанд ки то ин давра китобҳои дарсии Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ, Хоҷӣ Муин, Исматулло Раҳматуллозода, «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт»-и Абдулқодири Шакурӣ, «Роҳбари хат»-и Мунзим, «Таҳзиб-ус-сибиён», «Тартил-ул-Қуръон», «Заруриёти диния»-и Садриддин Айнӣ, «Роҳбари форсӣ»-и Муҳаммадрасул Расулӣ, «Мухтасари таърихи Ислом»-и Фитрат ва бисёр дигар китобу дастури таълимӣ барои толибилмони мактабҳои нав таълиф

шуда буданду хондану навиштанро дар ҳамбастагӣ ёд медоданд, вале аз нигоҳи усули таълими аврупоӣ-русӣ ин китобҳо ҷавобгӯ набуданд.

Аз ин рӯ, дар назди равшанфикрону маорифчиёни тоҷик вазифаи басо муҳим – таҳия ва ба чоп омода намудани китоби дарсӣ аз асосҳои дастури забони тоҷикӣ, яъне сарфу наҳви тоҷикӣ, меистод.

Хушбахтона, ин вазифаи пурифтихорро чанде аз фарзандони фарзона, дустдору фидоии миллату ватани тоҷик адо намуданд, ки дар рушди афкори забоншиносии давраи нав нақши муҳим бозиданд. Дар ин давра якчанд дастуру китоби дарсӣ:

1. «Сарфу наҳви тоҷикӣ»-и Сайидризо Ализодаи Самарқандӣ.

2.«Қоидаҳои муҳим аз сарфу наҳви тоҷикӣ»-и Абдурауфи Фитрат.

3. «Сарфи забони тоҷикӣ»-и Турақул Зеҳнӣ.

4. «Дар атрофи забони адабии тоҷик» - и Бектош нашр мешаванд.

Ҳамин тариқ, дар даврони мавриди пажуҳиш маводди басо арзишманди илмию таълимӣ барои омузишу тадрис ва густариши забони тоҷикию форсӣ, ки аз тарафи фарзонагони миллати тоҷик таълиф шуда буданд, мавриди истифодаи аҳли илму таҳсил қарор гирифта буд.

1.4. Фарҳангҳои тафсирӣ ва идомаи афкори забоншиносии классикӣ дар онҳо

Луғатҳои тафсирӣ дар баробари нигоҳдории бойигарии таркиби луғавии забони дарии тоҷикӣ, инчунин, манбаи муҳимми маълумоти нисбатан саҳеҳу мукаммали қоидаҳои дастурии забони адабии дарии тоҷикӣ маҳсуб меёбанд. Ин анъана дар таърихи илму фарҳанги мо ҳануз аз аҳди Сосониён аз пайдоиши аввалин луғатҳо – «Фарҳанги оим-евак» ва «Фарҳанги паҳлавик» шуруъ мешавад. Баъдтар бо пайдошавии фарҳангҳои нисбатан мукаммалтар ба мисли фарҳанги Абуҳафси Суғдӣ, «Фарҳанги Қатрон» ва «Луғати фурс»-и Асадии Тусӣ ин анъана боз ҳам густариш ёфт. Минбаъд баробари рушду инкишофи забони тоҷикӣ ва ба манотиқи гуногуни олам доман паҳн кардани забони дарии тоҷикӣ фарҳангҳои тафсирии сершуморе

таълиф шуданд ва анъанаи сабти қоидаҳои дастури забон дар онҳо такмил ёфта, ин анъана то охирҳои асри XIX идома кардааст.

Дар нимаи аввали асри XIX фарҳанги тафсирии муътабари «Ғиёс-ул-луғот»-и Муҳаммад Ғиёсиддини Ромпурӣ ба табъ расидааст. Фарҳанги «Ғиёс-ул-луғот» [409] бинобар эътирофи уламои гузаштаю муосир муътабартарин луғатест, ки дар шарҳи калимаю ибораҳо ва истилоҳоту таъбирҳо аз тамоми сарчашмаю манбаъҳои муътамад истифода кардааст. Ин луғат, ҳамчунин, манбаи муҳимми нигоҳдории афкори забоншиносии асримиёна ва нимаи аввали асри XIX-и тоҷик маҳсуб меёбад. Дар ин фарҳанг вобаста ба шарҳи вожаю истилоҳот ва ибораю таркибот бисёр қоидаҳои дастури забони дарии тоҷикӣ ниҳоят саҳеҳ ва бо далелу асноди басанда тавзеҳ ёфтаанд. Баъзан, шарҳи дастурие, ки муаллиф овардааст, имрӯз ҳам чун манбаи муҳим хизмат хоҳад кард. Баъзе маълумоти дастурие, ки дар ин луғат сабт шудааст, дар дигар луғату рисолаҳои илмии забоншиносӣ вонамехуранд.

Мо барои он ки ин матлаб тасдиқ гардад, намунае аз ин луғат меорем. Масалан, муаллифи фарҳанг роҷеъ ба ҳарфи изофат чунин овардааст: “Изофат (اضافت) нисбат кардан чизеро ба сӯйи чизе ва махфӣ намонад, ки **изофат** ба истилоҳи наҳвиён нисбатест, ки миёни ду исм воқеъ шавад бар ваҷҳи тақйид. Исми аввалро музоф ва исми сониро музофилайҳ гӯянд” [409, с.67]. Фарҳангнигор иброз медорад, ки дар забони форсӣ изофатро ба даҳ бахш дастабандӣ намудаанд. Чунончи: “Ва дар форсӣ ҳарфи охири музофро бинобар аломати изофат касра медиҳанд дар талаффуз ва ин изофат даҳ қисм аст: аввал тамликӣ, дувум тахсисӣ изофати ибнӣ, савум тавзеҳӣ, чаҳорум табйинӣ, панҷум ташбеҳӣ, шашум тавсифӣ, ҳафтум маҷозӣ, ҳаштум зарфӣ, нуҳум иқтиронӣ, изофати бааднии мулобасат, даҳум изофати бааднии мулобасат” [409, с. 69].

Муаллифи фарҳанги мазкур роҷеъ ба факи изофат чунин ибрози андеша намудааст, ки “ва аз чанд алфози муайяна бинобар зарурати шеърӣ касрати истеъмол ё ғалабаи исмият музоф бар музофилайҳ, хамчунон

муқаддам бошад ва касраи аломати изофатро аз охири музоф соқит кунанд ва ин амалро **факи изофат** хонанд” [409, с. 70]. Масалан, оид ба мавзуи мавриди назар Муҳаммад Ғиёсиддини Ромпурӣ аз ашъори шоирони форс-тоҷик, амсоли Хоқонӣ, Бадр, Заҳири Форёбӣ ба унвони шоҳид зикр мекунад:

Ҷумла бад-ин доварӣ бар дари анқо шуданд,

К-ӯст халифа туюр довари моликрикоб.

Дар байти фавқи Хоқонӣ калимаи мураккаби “моликрикоб”-ро мебинем, ки ба зарурати вазнӣ ҳарфи “и” ҳазф шудааст. Ё ин ки дар мисоли зайли Бадр чунин ҳазфиёт ба назар мерасад:

Эй ба лафози умур бар сари тахти сурур,

Бар ҳама шоҳони аср ҳукми ту моликрикоб.

Хоқонӣ мисоли факи изофати “нун”-ро дар вожаи “**шубон”** мутазаккир мешавад.:

Замири ман амири оби ҳайвон,

Забони ман шубонводии Айман.

Дар байти зерини Заҳирии Форёбӣ **ҳ**азфи касраи изофа аст:

Нисори маҷлисат аз чархи гавҳарӣ бодо,

Ки дар ҳисоб наёяд баҳо чунон гавҳар.

Яъне ҳарфи “ё”-и таҳтонӣ дар охири лафзи баҳо, ки барои изҳори касраи изофат ба тарафи **чунон гавҳар** зарур аст, дар ин ҷо барои истиқомати вазн маҳзуф шудааст. Ва лафзи **аввал** дар баъзе маҳал мақтуъ-ул-изофат ояд [409, с. 71].

Тавре аз мазмуну муҳтавои шарҳи изофат дар фарҳанги “Ғиёс-ул-луғот” дида мешавад, муаллифи фарҳанг чун як забоншиноси ҳирфаӣ тамоми вазифаҳои дастурии ин воситаи муҳимми дастури забони тоҷикиро бисёр ботафсилу мушаххас нишон додааст, арзиши як рисолаи илмиро дорад. Аз ин ҷост, ки ин луғат дар тамоми мадориси форсизабонони дунё яке аз манбаъҳои муътабар дониста мешуд.

Хушбахтона, оид ба арзиши забоншиносии ин луғати муътабар Ф. А. Ҷалолова бо унвони “Афкори забоншиносӣ дар “Ғиёс-ул-луғот”- и Муҳаммад

Ғиёсуддини Ромпурӣ» (Языковедческие воззрения в «Гияс-ал-луготе» Мухаммада Гиясиддина Ромпури) [75] соли 2011 рисолаи илмӣ навишта, дифоъ намудааст. «Ғиёс-ул-луғот» яке аз корҳои муҳим дар соҳаи луғатшиносии тоҷик ба ҳисоб меравад. Дар рисола масъалаҳои асосии зерин мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд: омузиши усул ва принсипҳои луғатнигорӣ дар «Ғиёс-ул-луғот», баррасии шарҳи калимаҳо, истилоҳот ва воҳидҳои фразеологӣ, муайян кардани ҷойгоҳи луғат дар таърихи лексикография ва забоншиносии форсӣ-тоҷикӣ.

Муаллиф нишон медиҳад, ки Ромпурӣ на танҳо маънои калимаҳоро шарҳ медиҳад, балки ба масъалаҳои муҳими забоншиносӣ (мисли истилоҳот, грамматика ва истифодаи калимаҳо) низ диққат додааст.

«Ғиёс-ул-луғот» яке аз ғанитарин луғатҳои тафсирии асримиёнагӣ ба ҳисоб рафта, дар он зиёда аз 17 ҳазор воҳиди луғавӣ ҷамъ оварда шудааст, Луғат хусусияти энсиклопедӣ дошта, дар он калимаҳои адабӣ, истилоҳоти илмӣ ва воҳидҳои фразеологӣ ба таври муфассал шарҳ дода шудаанд. Луғати мазкур барои омузиши таърихи луғатнигорӣ ва забоншиносии тоҷик аҳаммияти калон дорад. Ин луғатро ҳамчун манбаи муҳимми илмӣ барои омузиши соҳаи илми забон: лексикология, фразеология, таърихи забон пажуҳишгарон дар корҳои таҳқиқотӣ истифода менамоянд.

Дигар луғати муътабаре, ки дар асри XIX таълиф шуда, дар густариши афкори забоншиносии тоҷик ва махсусан, асри XIX-и тоҷик нақши муҳим бозидааст, «Ҳафт қулзум» [406]-и Ғозиуддин Ҳайдар Подшоҳи Ғозӣ мебошад. Дар ин фарҳанг маълумот оид ба луғат, дастур ва шакли навишти калимаҳо оварда шудааст. Луғат соли 1815 навишта шуда, ҳадафи муаллиф ёрӣ ба ҳиндувонест, ки забони форсии тоҷикиро мехоҳанд биомузанд. Сохтори луғат ва истилоҳоти он аҷиб аст. Муаллифи фарҳанг ҳангоми тақсими маводди луғат ба бобҳо, фаслҳо ва зерфаслҳо истилоҳоти соҳаи об ба мисли: баҳр, наҳр, ҷӯй, дарё, чашма, соҳил, маъбар, заврақ, поёб, обгир, руд, ҷиҳод, мавҷа, сафина ва ғайраро ба кор бурдааст. Луғат шарҳу тавзеҳи 22309 моддаи луғавиро дар бар мегирад. Тартиби баҳрҳо ин тариқ аст:

қулзуми ҳафтум, яъне ҷилди охирини луғат аз шаш баҳр иборат буда, он ба 7 соҳил, 28 маъбар (ҷойи убр), 270 заврақ, 13 поёб (пастоб), 7 обгир, 11 руд, 3 ҷиҳоз, 30 мавҷа, 24 сафина тақсим карда шудааст. Дар ҷилди 7-ум доир ба луғат (бахши лексика), сарфу наҳв (грамматика), навъҳои адабӣ (назму наср), санъатҳои лафзию маънавӣ, аруз ва қофия маълумот дода шудааст, ки ин аз анъанаи классикии забоншиносии мо шаҳодат медиҳад. Дар фарҳанги «Ҳафт қулзум» тарзи дурусти талаффузу навишти вожаҳо нишон дода шудааст, зеро ин луғат барои форсизабонони Ҳиндустон ва ҳиндувоне, ки забони дарии тоҷикиро меомузанд, таълиф шудааст. Ҳоло барои то андозае равшан гардидани муҳтавои шарҳи дастурии ин фарҳанг чанд заврақеро аз он меоварем.

Заврақи панҷум. Дар баёни «алиф»-и отифа. Ва он миёни ду калимаи мутарадиф дарояд ба маънии «вов»-и отифа бувад.

Ва гоҳе миёни ду калимаи мутафоир дарояд, чун растохез ва гоҳе дар калимаи мутазод ояд, чун шаборӯз.

Заврақи шашум - Дар баёни «алиф»

Ва он баъди сиғаи амр ояд ва маънии кунанда диҳад, чуночи, дар лафзи фармо. Ғанимат гуяд, байт:

Ту ҳам як бор фармо коми ту аз мо,

Сарамро бигузарон аз арш боло [343, 14].

Ва дар лафзи доно, шоире гӯяд, назм:

Ҷаҳде куну бо мардуми доно бинишин,

Ё бо санами латифи хушсимо биншин [343, 21].

Заврақи ҳафтум – Дар баёни «инҳисор»

Ва ӯ он аст, ки маънии “ҳаср” дарёфта шавад, чунончи, дар лафзи саропо аз сар то по Саъдӣ фармояд, байт:

Саросари шикмаш балеғ лоҷарам,

Ба пояш кашад мури кучак кашкам [343, 27].

Муаллифи луғати «Ҳафт қулзум» 38 вазифаи дастурии «алиф»-ро бо байту пораҳои шеърии шоирони классикӣ асоснок карда, шарҳу тавзеҳ

додааст. Албатта, дар таълифоти бисёр донишмандони пешин ин гуна шарҳу эзоҳи «алиф» дида мешавад, аммо ба ин теъдод не, дигар ин, ки тавзеҳи муаллифи луғати мазкур бисёр содаву фаҳмо буда, у анъанаи донишмандони пешинро идома дода, онро пурра гардондааст.

Ҳамин тавр, дар қулзуми ҳафтуми “Ҳафт қулзум” оид ба бисёр масъалаҳои сарфу наҳви забони тоҷикӣ шарҳу тавзеҳ оварда шудааст. Масалан, дар баҳри дуюм, обгири аввал илми сарфро ин тавр таъриф додааст: “Бидон, ки илми сарф иборат аз қавонеъе, ки аз донистани он дониста шавад аҳкоми калима аз рӯйи тағйир ва табдил ва ғояти ӯ он аст, ки аз хондани он маснун монад зеҳн дар фикр аз мазомини лафзе ва мавзуи вай калима аст” [406, с. 268].

Дар обгири дуюм оид ба сиғаи музореъ маълумот дода шудааст, дар поёби якум бошад, доир ба бандакҷонишинҳои шахсӣ-соҳибӣ, бандаки хабарии “аст” тавзеҳоти муфид овардааст. Аз поёби сеюм сар карда то ёздаҳум дар бораи нақши пайвандҳои калимасоз сухан рафта, поёби ёздаҳум ба шарҳу тавзеҳи изофат бахшида шудааст.

Хулоса, қулзуми ҳафтуми “Ҳафт қулзум” як рисолаи илмиву таълимие аз асосҳои дастурии забони тоҷикии форсӣ маҳсуб меёбад.

Дуруст аст, ки фарҳангнигорӣ (лексикография) ҳамчун соҳаи илм барои тартиб додан ва омузиши луғатҳо нигаронида шуда, бо мақсадҳои зерин таҳия мешаванд:

1. Нигоҳдорӣ ва ҳифзи забон:

а) Луғатҳо калимаҳо, маъноҳо ва шаклҳои дурусти онҳоро сабт мекунанд.

б) Ба ҳифзи мероси забонӣ ва пешгирии гум шудани калимаҳои куҳна мусоидат мекунанд.

2. Танзим ва меъёргузории забон:

а) Ба муайян кардани **меъёрҳои дурусти имло, талаффуз ва истифода** кумак мекунад.

б) Барои рушди забони адабӣ асос мегузорад.

3. Манбаи асосӣ барои омузиш:

а) Барои донишҷӯён, омузгорон ва муҳаққиқон воситаи муҳим аст.

б) Ба фаҳмиши дурусти маъно, истифода ва таркиби калимаҳо ёрӣ медиҳад.

4. Рушди илмҳои забоншиносӣ:

а) Ба соҳаҳои гуногуни лексикология, фразеология ва семантика такя мекунад.

б) Барои таҳқиқи таърихи забон ва тағйироти он замина фароҳам меорад

5. Аҳаммияти фарҳангӣ:

а) Луғатҳо на танҳо калима, балки фарҳанг, анъана ва ҷаҳонбинии халқро инъикос мекунанд**.**

б) Калимаҳо бо шарҳҳо ва мисолҳо маънии фарҳангиро низ нигоҳ медоранд.

6. Аҳаммияти амалӣ:

а) Дар тарҷума, рӯзноманигорӣ, таҳрир ва навиштани матнҳо нақши муҳим дорад

б) Ба рушди технологияҳо (мисли луғатҳои электронӣ ва барномаҳои забонӣ) мусоидат мекунад

Афзуд, ки луғатнигорӣ танҳо ҷамъоварии калимаҳо набуда, он воситаи муҳимми нигоҳдорӣ, омузиш ва рушди забону фарҳанг мебошад.

1.5. Ҳамроҳшавиии Осиёи Миёна ба Русия ва таъсири афкори забошиносии рус дар ташаккули забоншиносии навини тоҷик

Аз нимаи дуюми асри XIX, яъне пас аз ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Русия марҳилаи нави ташаккули забоншиносии навини тоҷик шуруъ мешавад. Давраи якуми ҳамроҳшавии Осиёи Миёна соли 1876 бо барҳам додани Хонигарии Қуқанд ва ташкил ёфтани кишвари Туркистон анҷом меёбад. Давраи дуюм бо пурра ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ва муайян кардани сарҳадҳои кишвари Туркистон соли 1895 ба охир мерасад. Аз ҳамин давра сар карда, таъсири илм, фарҳанг, забон ва умуман, маданияти халқи

рус ба ҳамаи манотиқи Осиёи Миёна ва халқияту миллатҳои онҳо шуруъ мешавад. Аз ин миён таъсири забон ва фарҳанги рус ба забону фарҳанги тоҷик низ ривоҷ мегирад. Подшоҳии рус барои шинос шудан ба ҳаёти халқ, омухтани забони он ва ба ин восита тайёр кардани ёрдамчиёни содиқи худ кушодани мактабҳои русӣ-маҳаллиро силоҳи беҳтарин медонад. Албатта, кушодани мактабҳои русӣ-маҳаллӣ, гимназияҳо, ба манотиқи гуногуни Осиёи Миёна фиристодани ҳар хел мутахассисону ҳунармандон сабаби ҳарчи бештар таъсиррасонии забону фарҳанги рус ба забону фарҳанги мардумони ин кишвар, аз ҷумла, халқи тоҷик мегардид.

Таъсири афкори забоншиносии русро ба афкори забоншиносии тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX мо, пеш аз ҳама, аз тариқи китобҳои дарсӣ мебинем, зеро бо таълифи китобҳои дарсӣ муҳаққиқон дар шарҳу маънидоди ҳодисаҳои гуногуни савтӣ, сарфӣ, луғавӣ ва наҳвӣ аз таҷрибаи забоншиносии рус баҳра мегиранд.

Акнун дар низомии таълимии мактабҳои маҳаллие, ки худи талабагони мардуми маҳаллӣ таҳсил мекарданд, усули таълим ба асоси усули таълими мактабҳои русӣ наздик гардонида мешуд. Масалан, агар сохтору муҳтавои як китоби дарсиро, ки барои ҳам синфи русӣ ва ҳам маҳаллӣ хизмат мекард, аз назар гузаронем, мебинем, ки то чи андоза аз китобу дастурҳои мадрасагии таълим фарқ мекунад. Ин китоби дарсӣ «Грамматика турецкая, персидская, киргизская и узбекская» [257]-и М.А. Терентев мебошад, ки аз се қисм мураттаб шудааст: қисми аввал ба хусусиятҳои овозии забони тоҷикӣ, қисми дуюм ба ҷиҳатҳои калимасозию морфологӣ ва қисми сеюмаш ба тартибсозии ҷумла, яъне ҷиҳати наҳвӣ, бахшида шудааст.

Қисми аввали ин грамматикаро ҳамчунон ки таъкид шуд, мавзуъҳои бахши фонетика ташкил медиҳанд. Дар шарҳи ин мавзуъҳо муаллиф аз таҷрибаи дастурнигориии асримиёнагӣ истифода кардааст. Масалан, маълумоте, ки муаллиф дар бораи тағйироте, ки донишмандони тоҷик - муаллифони дастурҳои таълимӣ, бо мақсади ба хусусиятҳои савтиёти забони тоҷикӣ мувофиқ кардани алифбои арабиасоси тоҷикӣ ба он дохил карданд,

яъне ба ҳайати алифбои арабӣ 4 - овоз – г, ж, ч, п ва дар баъзе дастурҳо 5-овоз оварда мешавад, дар дастуру рисолаҳои фонетикии Абуалӣ Сино, Насируддини Тусӣ, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, Ваҷидалии Муҷмалӣ низ дида мешавад.

Ҳамчунин, маълумотеро, ки оид ба ҳаракати сегонаи ҳарфҳо оварда мешавад, ба мисли: фатҳа (ар.) = забар (фор.тоҷ.); касра (ар.) = зер (фор.тоҷ.); замма (ар.) = пеш (фор.тоҷ.); ва ҳарфҳои мунфасилаю муттасила, ҳолатҳои пайвастшавии онҳо, муфрадоту мураккаботи ҳарфҳо ва ғ.

Дар қисмати сарф ва калимасозӣ таъсири низоми дастури аврупоӣ - русӣ бештар ба назар расид. Дар дастуру рисолаҳои пеш аз ин китоби дарсӣ ҳиссаҳои нутқ ба се: исм, феъл ва ҳарф ҷудо карда шудааст, ки ин ба асоси низоми грамматикаи араб аст. Дар китоби дарсии «Грамматикаи форсӣ» бошад, пас аз маълумоти муқаддимотӣ оид ба сарф дар бораи исм, сифат, ҷонишин, шумора, зарф, пешояндҳо, пайвандакҳо, нидо, феъл (бо ҳиссачаҳо) маълумот дода, сипас роҷеъ ба калимасозӣ дар забони форсии тоҷикӣ сухан ронда мешавад, ки ба асоси низоми дастури забони русӣ мебошад. Дар қисми сеюми ин китоби дарсӣ дар бораи саҳми аъзоҳои ҷумла - мубтадо ва хабар, муайянкунанда, пуркунанда ва ҳол ба сурати амалӣ маълумотҳо пешниҳод шудааст.

Чунон ки мебинем, сохтор, муҳтаво ва усули шарҳи масоили наҳвии ин китоби дарсӣ он сохторест, ки минбаъд бо андаке тағйирот дар тамоми китобҳои дарсӣ аз асосҳои дастури забони тоҷикӣ риоя шудааст. Ва дар ҳамин замина шаклгирии забоншиносии давраи нави тоҷик сурат гирифтааст.

Б.Ниёзмуҳаммадов дар бораи забони русӣ ва аҳаммияти он дар инкишофи забону маданияти тоҷик мақолаҳои зиёд навиштааст. Дар он мақолаҳо таъсири лексикӣ, морфологӣ ва синтаксисии забони русӣ ба забони тоҷикӣ бо фактҳои фаровон исбот гардидааст. Аз ҷумла, Б. Ниёзмуҳаммадов дар асараш “Баъзе масъалаҳои забони адабии ҳозираи тоҷик” [200] чунин нигоштааст: “Яке аз сарчашмаҳои муҳимми тараққиёти забони миллати тоҷик забони халқи кабири рус ба шумор меравад. Маорифпарварони

бузурги халқи тоҷик – Аҳмади Дониш, Асирӣ, Айнӣ ва дигарон омухтани забони русиро чизи муҳим ва зарур меҳисобиданд” [200, 43]. Онҳо бо шавқ ҳаракат менамуданд, ки аз навигариҳои илм, техника ва маданияти халқи рус мардумро шинос кунанд.

Ӯ дар мақолаи “Калимаҳои русӣ дар осори Аҳмади Дониш” [204, с. 378] ба таърихи муносибатҳои намояндагони халқи тоҷику рус ва сабаби ба забони Ахмади Дониш дохил гардидани калимаҳои пасланик, ӯгун (сухтор), императур, губирнот, Аврупо, зокун (қонун), телеграф, пушта (почта), газета, коляска, Фитербург (Питербург), Уренбург (Оренбург) сухан ронда, аҳаммияти таърихии ин ҳодисаро баён менамояд.

Албатта, ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Русия ва афзудани таъсири афкори забоншиносии рус ба шаклгирии забоншиносии навини тоҷик таъсири амиқи худро гузоштааст. Ин таъсир дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX, пеш аз ҳама, аз тариқи китобҳои дарсӣ расидааст, зеро бо таълифи китобҳои дарсӣ, дастуру мақола муҳаққиқон дар шарҳу маънидоди ҳодисаҳои гуногуни савтӣ, сарфӣ, луғавӣ ва наҳвӣ аз таҷрибаи забоншиносии рус баҳра мегиранд.

Забоншиносии тоҷикро бе иштироки шарқшиносон – тоҷикшиносони рус, тасаввур кардан номумкин аст. Дар рушд ва шаклгирии афкори забоншиносии тоҷик як гурӯҳ олимони шарқшиноси рус хизмати арзанда намудаанд. Ин муҳаққикони рус ба омузиш ва таҳқиқи масъалаҳои гуногуни забони тоҷикӣ машғул гардида, барои олимони тоҷиктабор роҳ кушоданд

Оид ба пажуҳишҳои анҷомдодаи Аббос-Қулӣ Оғо Боқихонов Мирзо Ҷаъфар, К. Г. Залеман, В. А. Жуковский, М. Терентьев, В. В. Григорев, П. Е. Кузнетсов, В. П. Наливкин, Н. Болдиров, А. А. Семёнов, М. И. Оранский дар фасли 1. “Ташаккули забоншиносии навини тоҷик то Инқилоби Октябр” доир ба забони тоҷикӣ ва фарқи он аз забонҳои узбекиву форсӣ, оид ба забонҳои яғнобӣ, вахонӣ, лаҳҷаи тоҷикони кӯҳистон ва фарқи он аз лаҳҷаи тоҷикони Самарқанду Бухоро, забони гуфтугуии яҳудиёни Самарқанд, дар бораи алифбои нави тоҷикӣ то солҳои бистуми асри XX

маълумот дода шудааст, ки он вақт забоншиносии тоҷик ҳамчун илми мустақил шакл нагирифта буд.

Баъдтар гурӯҳи олимон: В. И. Абаев, М. С. Андреев, В. В. Бартолд, Е. Э. Бертелс, Д. И. Эделман, И. И. Зарубин, М. Н. Боголюбов, А. А. Керимова, Д. Г. Резник, Ю.А. Рубинчик, В. С. Расторгуева, А. З. Розенфелд, Р. Л. Неменова, В. С. Соколова, Н. А. Кисляков ва дигарон ба таҳқиқи масъалаҳои мубрами забонишиносии тоҷик даст заданд. Бештар ба омузиши забони форсӣ-тоҷикии қадима, миёна ва нав, шеваҳои забони тоҷикӣ машғул мешаванд. Ба туфайли асрҳои ин донишмандон, ки дар марказҳои илмии собиқ шуравӣ кор мекарданду осорашон бо забони русӣ нашр мешуд, боис мегардид, ки олимони забоншиноси дигар халқияту миллатҳо бо забони тоҷикӣ ошноӣ пайдо намоянд.

Гурӯҳи дигари забоншиносони рус ба омузиши забони тоҷикӣ дар кишварамон машғули пажуҳиш буданд. Аз ҷумла, А. Л. Хромов, Я. И. Калонтаров, В. А. Капранов, Р. Л. Неменова, Л. В. Успенская, С. В. Хушенова, В. Н. Мешряков ва дигарон.

Махсусан, бахши шевашиносӣ, ки як самти илми забоншиносӣ маҳсуб меёбад, як шохаи забони умумихалқиро ташкил медиҳад ва дар бойшавии таркиби луғавии забон маводди фаровон медиҳад, хеле таҳқиқ гардид. Ташаккули илми забоншиносии навини тоҷик бо омузиши шеваҳо шуруъ шудааст. Муҳаққиқони мазкур шеваи тоҷикони маҳалҳои тоҷикнишини ҷумҳуриҳои Узбекистону Қазоқистон, шеваи тоҷикони Андиҷон, Чуст, шеваҳои Боғистон, Нанай, Бухоро Самарқанд, Фориш, Китоб, Ургут, Шаҳрисабз, Бойсун ва дигар мавзеъҳоро мавриди пажуҳиш қарор дода, маводди фаровоне ҷамъоварӣ намуда, мақолаю асарҳои зиёде ба нашр расонданд. Аз ҷумла, дар 5 ҷилд “Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ” рӯйи кор омад.

Воқеан ҳам, забоншиносии навини тоҷикро бе иштироки шарқшиносон – тоҷикшиносони рус тасаввур кардан мумкин нест. Зеро таҳқиқотҳои анҷомдодаи олимони рус паҳлуҳои гуногуни илми забони тоҷикиро фаро

гирифта, дар ташаккули забоншиносии навини тоҷик саҳми арзишманд дорад.

БОБИ 2. ТАШАККУЛИ ЗАБОНШИНОСИИ НАВИНИ ТОҶИК ДАР СОЛҲОИ 20-30-ЮМИ АСРИ ХХ

2.1. Мубоҳисаҳо атрофи масъалаҳои забони тоҷикӣ ва арзиши забоншиносии онҳо

Масоили ташаккул ва рушди забоншиносии навини тоҷик дар солҳои гуногун, аниқтараш ибтидои асри ХХ яке аз саҳифаҳои муҳимми таърихи афкори забоншиносии тоҷик маҳсуб меёбад. Ин давра ба оғози пажуҳишу таҳқиқи системаноки илмӣ дар соҳаи забоншиносӣ, ташаккулу рушди заминаҳои назариявию методологӣ ва мушаххаскунии бахшҳои муҳимми омузиши забони тоҷикӣ аз дидгоҳи нав тавсиф мешавад. Равандҳои тағйирпазирии амиқи иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеа, дигаргуниҳои низоми нави маориф, пешрафти матбуот ва зарурати танзими нормаҳои забони адабӣ барои бавуҷудоии муҳити илмӣ баҳри таҳқиқу баррасии ҳамаҷонибаи забони тоҷикӣ мусоидат намудаанд.

Вазъи забоншиносии тоҷик дар нимаи аввали асри ХХ якрангу якнавохт нест, балки печида ва мураккаб мебошад. Махсусан, аз ибтидои асри ХХ то солҳои 20-уми асри ХХ давраи ниҳоят пурпечутоб буда, ивазшавии диду афкори қадиму ҷадид сурат мегирифт, ба тарзи дигар гуем, давраи гузариш маҳсуб меёфт. Масалан, нахустин грамматикаҳое, ки солҳои 60-80-уми асри XIX таълиф шуда буданд, барои шунавандагони синфҳои махсуси донишкадаҳои забонҳои шарқ ва қисман барои он мансабдороне, ки дар Туркистон ба халқи маҳаллӣ сару кор доштанд ва донистани забони аҳолии маҳаллӣ барояшон зарур буд, тартиб дода шуда буданд. Аҳаммияту моҳияти ин китобҳо баъдтар аз нигоҳи онҳое, ки ин китобҳоро ба нашр расонида буданд, берун монда, дар кори ба вуҷуд овардани китобу дастурҳои наву мукаммали илмӣ асосҳои дастури забони тоҷикӣ асос мегарданд.

Солҳои 1900-1920 марҳилае буд, ки барои омузишу таълим ва тадриси забони тоҷикӣ дастуру китобҳои методӣ, дарсӣ тартиб дода мешуданд. Ва аз ҳама нуктаи муҳим он буд, ки аксарияти муаллифону мураттибони дастуру китобҳои дарсӣ намояндагони халқи маҳаллӣ ё хатмкардаҳои мактабҳои

русӣ-маҳаллӣ буданд, инчунин, аз шумори равшанфикроне буданд, ки тарғибу таблиғи илму маданияти рус ва низоми таълим бо забони модарӣ аз ҳадафҳои асосии онҳо маҳсуб меёфт. Аз ҷумлаи онҳо, Мирзосаид Абдусалом, Муҳаммадрасул Расулӣ, Маҳмуд Хоҷа Беҳбудӣ, Исматулло Раҳматуллозода ва чанде дигаронро метавон ном бурд.

Дар ишора ба ин масъала, чунонки муҳаққиқи таърихи методикаи таълими забони тоҷикӣ Қ. Рустамов қайд мекунад: «ҷараёни такомулёбӣ ва муайянгардии забони тоҷикӣ ҳамчун фанни таълимӣ дар мактаб дар асри XIX ва ибтидои асри XX шакли аниқро гирифта, дар соҳаи омухтани он таҷрибаи муайяне ҳосил мегардад» [235, с. 98].

Дар ҳақиқат, солҳои 1900-1920 мураккабтарин давраи зиндагии аҳолии Осиёи Миёна, аз ҷумла тоҷикон маҳсуб меёбад, зеро ин замоне буд, ки муборизаҳои шадиди ақидавӣ рух медоданд. Аз ҷумла, дар кори мактабу маориф низ ҳамин гуна муборизаҳо дида мешуд. Дар ҳар сурат, аз ибтидои асри XX дар фаҳмиши моҳияту мазмуни илми забоншиносии тоҷик низ тағйирот рух дод. Аз як тараф, мавқею манзалати забони тоҷикӣ дар таълими мактабҳои нав боло рафта бошад, аз сӯйи дигар, олимони шарқшиноси рус ба таҳқиқу омузиши гӯйишҳои гуногуни тоҷикӣ пардохта, асарҳои илмӣ, мақолаю гузоришҳо таълиф намуданд. Дар ҳамин давра, алалхусус, таҳқиқи шеваю гӯйишҳои манотиқи гуногуни тоҷикнишин шуруъ шуда, чанд таълифе ба дасти мардум мерасад. Ибтидои ин омузишу таҳқиқи шеваҳои тоҷикӣ ба номи профессор В. В. Григорев рабт доранд.

Дар асоси пешниҳоди ин донишманд Мирзо Шамси Бухороӣ ёддоштҳояшро зери унвони «Дар бораи баъзе ҳодисаю нақшаҳои муҳимми Бухоро, Қуқанд ва Қошқар» менависад. Профессор В. В. Григорев дар асоси маводди ёддоштҳо бо номи «Обозрение диалектических особенностей употребительного у бухарских таджиков персидского языка» [61] таҳқиқоти илмӣ анҷом дода, ба ҳамин васила ба бунёди илми шевашиносии тоҷик асос мегузорад.

Охирҳои асри XIX, аниқтараш соли 1898 аз ҷониби Ҷамъияти дӯстдорони зебоӣ баҳри омузиш ва таҳқиқи шеваҳои тоҷикони Дарвоз, Қаротегин, Зарафшон сафари пажуҳишӣ сурат мегирад, ки дар он эронишиноси маъруф А. А. Семёнов иштирок доштааст. Натиҷаҳои аз ин сафари пажуҳишӣ баъдтар дар ду ҷилд бо номи «Материалы для изучения наречия горных таджиков Центральной Азии» [242] (1900-1901) ба чоп расонида мешавад. Ин асар барои омузишу таҳқиқи минбаъдаи шеваҳои тоҷикӣ нақши муҳим гузошт.

Соли 1900 китоби П.В. Наливкин бо номи «Руководство к практическому изучению персидкого языка» [183] чоп мешавад. Ҳарчанд ки муаллиф транскрипсияи овозҳоро дар баъзе маврид нодуруст нишон додааст, аммо ин ҷиҳати асар барои он муҳим аст, ки таълими овозии алифборо пеш гузоштааст. Дар ҳамин соли 1900 асари этнографии П.К. Кузнетсов бо номи «О таджиках Ташкентского уезда» [123] чоп мешавад, ки дар баробари маълумоти этнографӣ оид ба лексикаи тоҷикони Тошканд ва таъсири забони узбекӣ ба ин гӯйишҳо маълумот дода шудааст. Баъдтар, яъне соли 1915 асари дигари ҳамин муҳаққиқ, зери унвони «Сравнительный грамматический очерк таджикского и сартовского наречий» ба табъ мерасад [125].

Аҳаммияти ин асар дар он зоҳир мешавад, ки бори нахуст дар таърихи шевашиносии тоҷик гуйишҳои тоҷикӣ ба ду гурӯҳ: гурӯҳи шеваҳои ҳамворӣ ва гурӯҳи шеваҳои кӯҳистон дастабандӣ мегардад.

Давраи дуюми омузиши забони тоҷикӣ аз соли 1925 шуруъ мешавад. Дар ин давра таҳқиқу муайян намудани сохтори фонетикии забони тоҷикӣ, низоми морфологии он шуруъ мешавад. Дар ин замина мураттаб сохтани алифбои нави тоҷикӣ, ба вуҷуд овардану мувофиқ кунондани низоми истилоҳот ба роҳ монда мешавад. Дар баробари ин, дар асоси пажуҳишу ковишҳои пештар анҷомдодашуда ва таҳқиқотҳои нав чандин асарҳои илмии забоншиносӣ пайдо шуда, барои омузиши ҳамаҷонибаи забони тоҷикӣ мутахассисон тайёр карда мешаванд ва китобҳои дарсӣ омода ва дастрас мегарданд.

Дар ин давра соли 1926 боз экспедитсияи (эъзомия) олимони Донишгоҳи Санкт-Петебург ба Осиёи Миёна бо сарварии профессор И. И. Зарубин шуруъ мешавад.

Ин экспедитсия манотиқи гуногуни Осиёи Миёна, аз ҷумла, ноҳияҳои Мастчоҳ, Фалғар, Искодар, шаҳрҳои Самарқанд, Панҷакент, Истаравшан ва Тошкандро фаро мегирад. Аз рӯйи маводди гирдовардашуда, доир ба этнография, фолклор, шевашиносӣ асарҳои илмӣ навишта мешавад. Натиҷаҳои ҷамъбасти ин экспедитсия дар мақолаи профессор И. И. Зарубин ба номи «Отчёт об этнологичесих работах в Средней Азии летом 1926» [85] бо тафсил инъикос меёбанд.

Дар ин мақола низоми садонокҳои забони тоҷикӣ ба ин тартиб нишон дода мешавад: о, е, й, а, і, и. Ғайр аз ин, ду овози дигар – у, g чун ду фонемаи махсус ҷудо карда мешавад. Садонокҳо аз рӯйи дарозӣ (тамдид) ба ду гурӯҳ ҷудо карда мешавад: а) садоноҳои дароз (долгие): о, е, й ва кӯтоҳ (краткие): і, и, а. Ин ақидаи профессор И. И. Зарубин дар китоби дигари ӯ соли 1928 бо номи «Очерки разговорного языка самаркандских евреев» [86] («Очерки забони гуфтугуии яҳудиҳои Самарқанд») боз такмил дода мешавад.

Тобистони соли 1927 профессор И. И. Зарубин бори дуюм ба Тоҷикистон омада, бевосита ба таҳқиқи шеваҳои водии Зарафшон машғул мешавад. Профессор И. И. Зарубин ба ин экспедитсия олими савтшинос, шогирди академик И.Л. Шерба (Шерба И.Л. мактаби фонологии худро дошт) В. К. Орфинскийро даъват намуда, дар назди ӯ вазифаҳои зеринро мегузорад:

1. Муайян ва мушаххас намудани сохтори фонетикии забони тоҷикӣ.
2. Аз рӯйи қонунҳои фонетикӣ тавсифи фонемаҳои забони тоҷикӣ.

Мутаассифона, В. К. Орфинский забони тоҷикиро намедонист, аз ин ҷост, ки дар якҷоягӣ ӯ бо профессор И. И. Зарубин ба таҳқиқи сохтори фонетикии забони тоҷикӣ машғул шуда, дар ин ҷода муваффақияти калон ба даст меорад. Новобаста ба ин, натиҷаҳои аз ин пажуҳишҳои муҳим ба даст овардаро сари вақт ҷамъбаст намекунад. Танҳо пас аз 18 соли ин экспедитсия натиҷаҳои пажуҳиш дар мақолаи В. К. Орфинский бо унвони «Материалы к

характеристике фонетического состава таджикского языка» [209] нашр мешавад.

Дар қисми фонологии мақола В. К. Орфинский ақидаи профессор И. И. Зарубинро ҷонибдорӣ карда, мавҷудияти фонемаҳои й, е, о, і, а, h-ро дар шеваҳои Самарқанд, Панҷакент, Искодар тасдиқ намудааст. Сонитар, давра ба давра дар боби таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни сохтори дастури забони адабии тоҷик низ мақолаю рисолаҳои алоҳида таълиф мешаванд, ки онҳо барои рушди илми забоншиносии навини тоҷик заминаи асосӣ маҳсуб меёбанд. Масалан, соли 1927 профессор А. А. Семёнов асари худ «Краткий грамматический очерк таджикского языка» [244] («Очерки мухтасари грамматикаи забони тоҷикӣ»)-ро навишта, дар забони тоҷикӣ фонемаҳои о, й, е-ро махсус таъкид кардааст.

Шарқшиноси рус Е.Д. Поливанов солҳои 1923-1928 як силсила мақолаҳо оид ба масъалаҳои гуногуни забони тоҷикӣ менависад, ки дар он солҳо барои рушди илми забоншиносии тоҷик нақши муҳим гузоштанд. Чунончи, дар мақолаҳои ӯ «Вокализм говора Самарканда» [212], «Образцы самаркандско-таджикской речи» [213] дар баробари шарҳу эзоҳи масоили мухталиф вокализмҳои забони тоҷикӣ ба се гурӯҳ ҷудо карда мешавад:

1. Дароз (долгие) -е, э, й;

2. Миёна (средние) - а;

3. Кутоҳ (краткие) - і, и.

Баъди тақсимоти ҳудуди миллӣ соли 1924 дар Осиёи Миёна ва ба сифати ҷумҳурии мухтор дар ҳайати Узбекистон шинохта шудани Тоҷикистон таҳқиқу омузиши забони тоҷикӣ ба зинаи нав ворид шуд. Дар равиши таҳқиқ асосан ба 3 ҷиҳат ё ҷараён эътибори ҷиддӣ дода мешуд:

1. Тайёрӣ ва гузаштан ба алифбои нав, яъне алифбои лотинӣ (солҳои 1924-28).

Ин масъалаҳо дар рӯзномаю маҷаллаҳои ҳамон солҳо, аз ҷумла, «Роҳбари дониш», «Правда Востока», «Овози тоҷик» баррасӣ мешуданд.

Алифбои лотинӣ соли 1928 дар Конференсияи забоншиносӣ қабул ва соли 1930 дар Съезди забоншиносон тасдиқ карда шуд.

2. Самти дуюм – Ин муайян намудани меъёрҳои забони адабии китобӣ, роҳҳои наздик намудани он ба оммаи мардум ва аз ҳисоби омузиши шеваҳои тоҷикӣ такмил додани забони адабии китобӣ мебошад. Бо ин мақсад гурӯҳи олимон бо роҳбарии М. С. Андреев вазифадор гардиданд, ки масъалаҳои асосиро дар бораи сохтори фонетикӣ ва грамматикии забони тоҷикӣ ҷамъбаст намоянд.

Ин вазифа ба тариқи гирдоварии мавод аз забони тоҷикон – хонандагону донишҷӯёни мактабҳои миёнаи махсус ва донишкадаҳои Тошканд анҷом дода шуд. Натиҷаи омузишу таҳқиқи ин мавод дар китоби М. С. Андреев «Краткий обзор некоторых особенносей таджикских говоров» [26] нишон дода мешавад. Дар ин китоб шеваҳои тоҷикӣ ба ду гурӯҳи калон ҷудо карда шудааст: шимолу ғарбӣ, ҷанубу шарқӣ.

3. Самти сеюм ба таҳлилу баррасии масъалаи кор карда баромадани истилоҳ ва бой гардонидани таркиби луғавии забони тоҷикӣ нигаронида шуда буд.

Бояд таъкид намуд, ки аксари муаллифону мураттибони дастуру китобҳои дарсӣ (солҳои 1900-1920) хатмкардаҳои мактабҳои русӣ-маҳаллӣ буданд, ки тарғибу таблиғи илму фарҳанги рус, низоми таълим бо забони модарӣ аз ҳадафҳои асосии онҳо маҳсуб меёфт.

Мубоҳисаҳои солҳои 20-30-юми асри XX дар атрофи забони тоҷикӣ, ҳарчанд ки бештар вобастаи манофеи сиёсӣ буданд, вале моҳияту арзиши тахассусӣ низ доштаанд. Дар иртибот ба ин масъала донишманди тоҷик Абдухолиқи Набавӣ мегӯяд: «…ба шарофати ин маъракаҳои илмиву фарҳангӣ пештар аз дигар соҳаҳои илми суханшиносӣ (филология)-и тоҷик дар охири солҳои 20-ум ва аввали солҳои 30-юми асри XX пояи илми забоншиносии тоҷик гузошта шуд, ки ин, бешубҳа, ба инкишофи минбаъдаи забон мусоидат кард» [177, с. 11].

Воқеан ҳам, ин натиҷагириҳои муаллиф дар мавриди мубоҳисаҳои он солҳо барои таълифи китобу дастурҳои таълимӣ аз асосҳои дастури забони тоҷикӣ ва гузоштани бунёди илми забоншиносии давраи нави тоҷик дар аҳди шуравӣ заминаи мусоид фароҳам овард. Аммо, чунон ки дар раванди таҳқиқи масъала, ки дар фавқ борҳо таъкид гардид, замина ё пояҳои асоси илми забоншиносии навини тоҷик барвақтар, ҳануз дар нимаҳои асри XIX гузошта шуда буд.

Доираи мавзуоти мубоҳисаҳо дар атрофи забони тоҷикӣ чунон васеъ аст, ки кулли бахшу ҷабҳаҳои илми забоншиносиро фаро мегиранд ва аз нигоҳи моҳияти илмӣ низ дар сатҳи гуногун қарор доранд.

Дар бораи моҳияту аҳаммияти ин мубоҳисаҳо ва Анҷумани илмии забоншиносии соли 1930 иддае аз муҳаққиқони суханшинос, аз ҷумла Н. Маъсумӣ, Р. Ғаффоров, Ш. Рустамов, М. Шакурӣ, С. Ҳалимов, С. Назарзода, Т. Ваҳҳобов ва дигарон мулоҳиза рондаанд, аммо ин мавод таҳлили комил ва ҳамаҷонибаи забоншиносӣ нашудааст.

Дар ин фасли диссертатсия кӯшиш намудаем, ки оид ба арзиши забоншиносии ин мубоҳисаҳо андешаҳои хешро ба таври муфассал баён намоем.

Албатта, масъалаи истилоҳ ва калимасозӣ, хат ва табдили он, дурустнависӣ, имлои саҳеҳ ва умуман, такомулу таҳаввули забон ҳамеша мавриди баҳсу андешаҳои донишмандон қарор доранд.

Бояд таъкид кард, ки баҳсҳои солҳои 20-30-юми асри XX дар атрофи илми забоншиносӣ дорои аҳаммияти таърихӣ, илмию фарҳангӣ мебошад.

Аҳаммияти илмии онҳо дар ин аст, ки бо баргузории ин баҳсҳо аҳли илму фазли тоҷик дар рӯбарӯи олимони варзидаи рус – шарқшиносони маъруф истода, аз як сӯй, андешаҳои худро иброз дошта бошанд, аз сӯйи дигар, аз таҷриба, дониш ва фазилати онҳо баҳра бурданд. Ин мубоҳисаҳо дар маҷмуъ омилу сабаби ташаккули забоншиносии тоҷик дар давраи нав, яъне аҳди шуравӣ, гардид.

Масъалаҳои асосии мубоҳисаҳои солҳои 20-30-юми асри ХХ-ро, ки дар нахустин Анҷумани забоншиносони Тоҷикистон (23-28-уми августи соли 1930) баррасӣ гардиданд, аз нигоҳи мавзуъ метавонем, чунин гурӯҳбандӣ намоем:

1. Забони адабии тоҷик ва масоили илмию амалии он;
2. Масъалаи алифбои лотинӣ ва қабули он;
3. Дар бораи имло;
4. Дар бораи истилоҳ ва истилоҳгузинӣ;
5. Сарфу наҳви забони тоҷикӣ;
6. Дар бораи китобҳои дарсӣ;
7. Дар бораи забони матбуот;
8. Оид ба забони гуфтугӯии тоҷикӣ;
9. Баъзе масъалаҳои назариявии забоншиносӣ.

Дастабандии фавқ ба сурати қатъӣ нест ва метавонад аз назари дигар забоншиносон шумораи онҳо бештар ва ё камтар гардад. Он масоиле, ки мавриди таваҷҷуҳи мо қарор дорад, ин баҳсҳо то чи андоза аз нигоҳи фарогирии мавзуъ муҳимманд.

Воқеан, солҳои 20-30-юми асри ХХ солҳои тақдирсоз дар ҳама соҳаҳои ҳаёти мардуми тоҷик маҳсуб меёфт, ки илми забоншиносӣ низ ба ҳамин гурӯҳ дохил мешуд. Мутаассифона, аз таҳқиқи ин масъала ба бардоште расид, ки вазъи илми забоншиносӣ дар солҳои 20-30-юм мавриди таҳқиқу баррасии махсус қарор нагирифтааст. Масъалаи ташаккулу таҳаввули забони адабии тоҷикӣ, меъёрҳои шинохти он, шеваи муттако барои ин забон аз муҳимтарин, печидатарин ва нозуктарин масоили ҳалталаби мубоҳисаҳо дар солҳои 20-30-юми асри ХХ ба шумор мерафт, ки муҳаққиқони забоншиноси тоҷик оид ба ин масоил мубоҳисаҳои зиёде оростаанд, ки чунин ҳолат дар фасли “Дараҷаи омузиши мавзуъ” ишора гардидааст.

Боиси таассуф аст, ки гоҳо бар асари мақсадҳои сиёсати ҷории шуравӣ баъзе масъалаҳо яктарафаю ғайриилмӣ ҳаллу фасл шудаанд, ки дар охир натиҷаҳои номатлуб ба бор оварданд. Бисёр қоидаҳои дастури забони

тоҷикиро, ки таърихан устувор гашта буданд, ба таври сунъӣ сохтанд ё таҳрир карданд ва забони тоҷикиро бисёр омиёна сохтанд.

Академик М. Шакурӣ оид ба вазъияти баамаломада чунин изҳори назар кардааст: “Дар ҳақиқат, чун дар даҳаи бисту сиву чиҳил аз меросбарӣ ва идомакорӣ худдорӣ варзида, аз забони давраи маорифпарварӣ рӯ гардонида, ба "халқияти забон" гаравидем, натиҷа ин шуд, ки як содагӯйи маҳз, як содагароии одии пастмаҳак, як содаписандии бесаводона, ки қоидаи нигориш, риояи таносуби сухан ва мантиқи робитаи ҷузъҳои онро эътироф намекард, ривоҷ ёфт, қаламронии худсаронаи беқоида расм шуд" [314, с. 42].

Бо таваҷҷуҳ ба гуфтаҳои боло устод М. Шакурӣ нафароне, ки ба соданависии беруҳу бемантиқ гаравида буданд, онҳоро зери тозиёнаи танқид кашида, ҳамчун бесавод ба қалам додааст. Дар зимн, яке аз сабабҳои инро академик М. Шакурӣ дар масоили зайл медонад, ки матбуоту нашриёт ва маорифу маданият, хусусан, аз солҳои 30-юм ба дасти онҳое гузашт, ки дирӯз бесавод буданд ва ба ҳам бастани ду ҷумла барои онҳо хеле душворӣ дошт.

Дар воқеъ, ҳамон солҳои 20-30-юм низ барои қабулу мақбул донистани ҳамаи он ҳарфу хулосақабулкуниҳо оид ба содасозию сохтакориҳо сари забони адабии тоҷикӣ, забони адабие, ки ҳануз дар асрҳои IX-X суфтаю равон шуда буд, аз ҷониби ҳамин тоифаи ашхос дастгирӣ ёфтаанд.

Масъалаи муҳимми дигаре, ки дар конференсия ба он эътибори бештар дода мешуд, алифбо ва имлои тоҷикӣ буд. Дар ҳаллу баррасии масъалаҳои марбути алифбо ва имло як зумра донишмандони маъруфи тоҷик ва шарқшиносони рус саҳм гирифта, нуқтаи назари худро ироа намудаанд. Чунончи, мақолаҳои устод С. Айнӣ «Дунёи нав ва алифбои нав» [13], «Масъалаи таърихӣ дар гирди алифбои нави тоҷикӣ» [15], «Алифбои нав дар миқёси ҷумҳурияти ҷавони мо» [18], А. Фитрат «Масъалаи алифбо» [269], «Дар гирди алифбои тоза» [270], «Дар гирди алифбои нав» [271], Т. Зеҳнӣ «Дар бораи алифбои нав» [89], Б. Азизӣ «Ба алифбои нав забони куҷоро асос гирифта шавад?» [8], А. Мунзим «Ба роҳ мондани алифбои нав дар Тоҷикистон» [173], А. Лоҳутӣ «Дар гирди лоиҳаи алифбои нави тоҷикӣ»

[146], Раҳими Мим «Ба муносибати конференсияи алифбои нав» [223], «Дар атрофи масъалаи алифбои нав дар Эрон» [226], Р. Ҳошим «Дар арафаи ҳал кардани масъалаҳои забон, алифбо ва имло» [228], Абдулғанӣ Мирзоев «Дар гирди алифбои нави тоҷикӣ» [163], А. Деҳотӣ (Пирмуҳаммадзода) «Дар бораи имло, алифбо, истилоҳ ва забони адабии тоҷикӣ» [73], А. Аминзода «Масъалаи лотинӣ кардани алифбо» [24], О. Дол «Алифбои лотинӣ дар мамлакатҳои шарқ» [205], А. Одилзода «Дар гирди масъалаи алифбои нави тоҷикӣ» [206], А. Семёнов «Лоиҳаи алифбои лотинӣ бар забони тоҷикӣ» [245], М. Иброҳимӣ «Масъалаи алифбои нав» [102], Ғ. Ализода «Лотинонидан қадами калон ба иҷтимоият аст» [22], Қ. Осимӣ «Дар бораи алифбои нави тоҷикӣ» [210], Ҳ. Ҳусейнзода «Дар бораи имлои муваққатии алифбои нав» [303], М. Улуғзода «Алифбои тоҷикӣ чӣ гуна бояд шавад?» [265], Ҳ. Бақозода «Дар гирди алифбои нави тоҷикӣ» [35], Л. Қосимова «Фикри ман дар бораи алифбои нави тоҷикӣ» [127], М. Сулаймонова «Дар гирди алифбои тоҷикӣ» [251], Ф. Аълозода «Боз ҳам дар атрофи масъалаи алифбои нави тоҷикӣ» [33], М. Расулӣ «Масъалаи алифбо ва имлоро ба зудӣ ҳал кардан даркор» [220] ва ғайра аз он ҷумлаанд.

Баҳси алифбо ва имло дар солҳои 20-30-юм як зумра забоншиносонро ба майдон овард, ки минбаъд барои рушди илми забоншиносии тоҷик нақши муҳим бозиданд. Ин гурӯҳи олимону қаламкашон сайъ менамуданд, ки алифбои нави тоҷикӣ хусусиятҳои савтиёти забони моро дурусту саҳеҳ ифода кунанд, имлои мо бенуқсу иллат бошад ва дар нигориши тоҷикӣ мушкилиҳо пеш наорад. Дар воқеъ, алифбо ва имлоро дар ҳар забон аҳли донишмандону сухансанҷони ҳамон забон таҳияву тасҳеҳ мекунанд. Ин таҷриба дар таърихи илми мо собит ҳам шудааст ва дар луғату фарҳангҳои тафсириамон инъикос низ ёфтааст. Масалан, дар луғати «Бурҳони қотеъ» омадааст: «Имло дар урфи арбоби китобат иборат аст аз навиштани ҳуруфи муфрада ва мураккаба бар наҳҷе, ки асҳоби ин фан таъин кардаанд» [411, с. 217].

Дарвоқеъ, имло тарзи дурусту меъёрии ҳарфу ҳиҷо ва калимаҳо дар навишти каломи ҳар забон мебошад. Имлоро гурӯҳи мутахассисони суханшиносӣ таъйину тартиб медиҳанд ва риояи он аз тарафи ҳамаи онҳое, ки ба китобат машғуланд, ҳатмӣ мебошад.

Аз номгӯйи мақолаҳои фавқ маълум мешавад, ки дар мубоҳисаҳои солҳои 20-30-юм дар атрофи алифбо ва имлои забони тоҷикӣ доираи васеи забоншиносон, адабиётшиносон ва таърихнигорону рӯзноманигорон ширкат варзида, дар баробари ҳалли бисёр масъалаҳои печидаи алифбою имло дар рушди афкори забоншиносии тоҷик, асосҳои илми забоншиносии тоҷикӣ саҳми муҳим гузоштанд. Аксари муаллифон чун мутахассисони варзида ва забоншиносони касбӣ масъалагузорӣ кардаанд, ки имрӯз ҳам он муҳокимаю хулосаҳои онҳо аҳаммияташонро гум накардаанд. Масалан, Абдурауф Фитрат соли 1927 бо номи «Масъалаи алифбо» [269] мақолае навишта андаке аз таърихи зарурияти қабули алифбои лотинӣ сухан ронда, сипас муҳиммии онро барои мардуми тоҷик бо далелҳо нишон дода, соли 1927 лоиҳаи алифбои нави тоҷикиро ба табъ мерасонад. Дар лоиҳаи алифбои нави тоҷикӣ мавсуф бар он назар аст, ки сомитҳо (ҳамсадоҳо) аз 25-то ва соитҳо (садонокҳо) аз 8-то бояд иборат бошад.

Абдурауфи Фитрат чунин ақида дорад, ки ҳарфҳо бояд овозҳои нутқи тоҷикиро инъикоси пурра кунанд. Дар воқеъ, имрӯз масъалае, ки аз ҷониби арузшиносону шоирон мавриди баҳс қарор гирифтааст, ҳамин номувофиқатӣ миёни овозҳои нутқ ва ҳарфҳои алифбо мебошад ва мубоҳисаҳо атрофи масъалаи мазкур то ҳол давом дорад.

Дар аксари мақолаҳое, ки дар бораи алифбо навишта шудааст, асосан, муаллифон аз зарурияти алифбои лотинӣ барои бохату савод шудани оммаи мардум сухан рондаанд. Аз ҷумла, устод Айнӣ дар иртибот ба ин масъала чунин гуфтааст: «Алифбои нав бояд ба тарзе тартиб ёбад, ки ҳар фарзанди тоҷик дар як моҳ ҳарфшинос шуда тавонад ва баъд аз ҳарфшинос шудан ҳар калима ва ҷумлаи тоҷиконро, ки ба он алифбо навишта мешавад, бе хато

кардан дар забар ва зер ва бе ғалат кардан дар лаҳҷа ва шева хонда тавонад» [13, с. 124].

Чунонки мубоҳисаҳои солҳои 20-30-юм собит месозанд, ки андешаҳо перомуни лоиҳаи нави алифбои тоҷикӣ ба истиснои ду нуқтаи назар ихтилофи якдигар буданд. Якум, ҷонибдорони забони адабии матбуоти имрӯзаи Эрон, ки онҳоро бо истилоҳи байналмилалчиён ном мебурданд; онҳое буданд, ки дар асоси забони адабии тоҷикии имрӯза забони як маҳалро гирифтан мехостанд, яъне ба сифати шеваи мутакко ва аслан ин гурӯҳ низ гузаштаи забони адабии тоҷикӣ (ташаккули онро дар асрҳои IX-X) ва умумияти онро ба забони форсӣ қоиланд ва хуб медонанд, эътироф доранд, ки то Инқилоби Октябр ин забонҳо бо исми форсӣ ва форсии дарӣ амал мекарданд. Ба ин гурӯҳ шомил буданд: устод С. Айнӣ, А. Муҳиддинов, Н. Бектош, Т. Зеҳнӣ, профессорони соҳаи филология А. А. Семёнов ва Шияд. Масалан, С. Айнӣ андешаашро ба ин тариқ хулоса кардааст: “… Агар мо роҳи кор фармудани забони авоми тоҷикро ёбем, меҳнаткашони форсизабони беруна ҳам тамоман маҳрум нахоҳанд монд” [14, с. 43].

Ин хулосаи устод, ба назари мо, аввалан забонамонро ба худи мардуми тоҷик наздику фаҳмо созем, ба ҳар роҳе, ки бошад ва онҳоро босаводу бомаърифат гардонем, ба тамаддуни гузаштаашон ошно созем, баъд наздиксозию умумигардонии онро бо форсии Эрону дарии Афғонистон ҷустуҷу кунем. Мулоҳизаҳои А. Муҳиддинов роҷеъ ба масъалаи матраҳшаванда аз нигоҳи илмӣ комилтару амиқтар буда, ҳоло ҳам арзиши илмиашонро гум накардаанд. Ӯ бар он назар аст, ки барои ба вуҷуд овардани забони адабӣ лаҳҷаи як маҳалро чун ба асос гирифтан зарурат надорад, беҳтар он аст, ки мо асосҳои назарӣ ва амалиро мушаххас намоем. Лаҳҷаи кадом ҷой, ки ба асосҳои мо (меъёрҳои забони адабӣ - В. Ҳ.) мувофиқ ва наздик бошад, забони адабии мо низ ба он лаҳҷа наздик мешавад. Мақсади мо ба вуҷуд овардани забони адабии маҳаллӣ нест, балки забони адабие ба вуҷуд овардан зарур аст, ки фаҳмидани он барои ҳамаи тоҷикзабонони шуравӣ осон бошад.

Дар ин мулоҳизаҳои А. Муҳиддинов чанд нуқтаи муҳим ба миён гузошта шудааст ва аз ҳама муҳимтарин ин аст, ки ӯ меъёрҳои шинохти забони адабиро муҳимтарин асос, поя ҳисобидааст. Дар воқеъ, агар ҳамон солҳо меъёрҳои илмии шинохти забони адабии тоҷикӣ саҳеҳан кор карда мешуданду пасон дар асоси он забони адабии тоҷикӣ рушд меёфт, шояд имрӯз тавоноии забони тоҷикӣ бештар мешуду асосҳои дастурии он ба танқид камтар гирифтор мегардид.

Масалан, чаро аҳли зиё ва ҳукуматдорону масъулини ҳамон солҳо натавонистанд, ки аз таҷрибаи забоншиносии араб баҳра бигиранд, аҳли уламои даврро гирд оварда, навиштани асосҳои дастури забони тоҷикӣ, яъне сарфу наҳви меъёрии забони тоҷикиро дастур диҳанд.

Ҳамон меъёрҳое, ки ба ҳадди меъёр нарасида буданд, то имрӯз идома доранд. Меъёрҳои забони адабии классикӣ матрук эълон шуд, аммо барои забони адабии даврои нав меъёрҳои асосноки илмӣ муайян карда нашудаанд.

Дар натиҷа ҳам дар таҳияи китобҳои дарсӣ аз сарфу навҳи тоҷикӣ ва ҳам шинохти забони адабӣ аз меъёрҳои шинохти забони адабии рус ва грамматикаи он пайгирӣ карда шуд. Чунонки мебинем, гузориши масъала аз ҷониби А. Муҳиддинов аз диду афкори баланди забоншиносии ӯ дарак медиҳад. Ӯ дар хотимаи мақолаш ҳамаи мулоҳизаҳои худро дар шаш банд ҷамъбаст намудааст, ки аз диди имрӯзи илми забоншиносии тоҷик муҳиманд. Имрӯз ҳам пас аз 85 сол дар ин нуктаҳое, ки А. Муҳиддинов пешниҳод кардааст, дар роҳи такмил кардани забони адабӣ, забони матбуот зарурат дорад. Муаллиф бар он назар аст, ки мо бояд дар омухтани забони гуфтугӯйии омма кӯшиш кунем, суханҳо, луғатҳои порсӣ, ки дар ҳар ҷо дар байни ҷамоаҳои гуногуни порсигӯй кор фармуда мешавад, ҷамъ кунем ва батадриҷ онҳоро дар адабиёт кор фармоем, умумӣ кунем ва бо ин роҳ доираи забони адабии худро фарох кунем. Махсусан, суханҳои порсӣ, ки ба сабаби тавофути лаҳҷаҳо ва бесаводии мардум талаффузаш вайрон шудааст, бояд ислоҳ кунем, бахусус, дар вақти навиштан мувофиқи қоидаи забон бинависем. Дар гуфтугу ва навиштан суханҳои арабиро кор нафармоем. Бар

ивази луғати арабӣ аз забони гуфтугӯйи омма, махсус аз забони зинда алфози тоҷикӣ интихоб намуда ва мавриди коркард қарор диҳем. Аз луғати арабӣ он калимаҳоеро нигоҳ дорем, ки ҳам аз лиҳози маъно ва ҳам талаффуз равон, фаҳмо ва ба ҳама дастрас бошанд.

Албатта, агар ин фикрҳо ва мулоҳизаҳои А. Муҳиддинов дар вақташ дастгирӣ меёфт мумкин буд, ки як забони адабии мукаммал ва мутобиқ ба меъёрҳои классикӣ ба вуҷуд меовардем.

Аз гуфтаҳои фавқ ба бардоште расид, ки ҳоло ҳам забони адабии мо ба такмилу тағдиди ҳамин нуктаҳо сахт эҳтиёҷ дорад. Маълум мешавад, ки на солҳои 20-30-юм ва на солҳои минбаъда роҷеъ ба такмилу тасҳеҳи ин асосҳо аз ҷониби мутахассисони соҳа таваҷҷуҳи даркорӣ зоҳир нашудааст. Агар ин асосҳо ҳамон солҳо баррасии ҷиддӣ мешуданд, имрӯз зарурати онҳо ба ин андоза эҳсос намешуд.

Дигар мақолаи мубоҳисавии аз ҷиҳати масъалагузорӣ ва тарзи баёну асоси илмӣ дар сатҳи баланди касбӣ навишта шудааст, мақолаи Б. Икромӣ бо номи "Дар гирди масъалаи забони матбуоти тоҷикӣ" [103] мебошад.

Муаллиф порчае аз повести "Одина"-и устод Айниро чун намуна оварда мегуяд, ки мана ин суханҳоро кадом бухороӣ, кадом самарқандӣ, кадом тоҷикистонӣ ва кадом эронӣ нағз намефаҳмад.

Албатта, ҳамаашон баробар мефаҳманд. Ҳеҷ мушкилӣ намекашанд. Ин суханҳо аз забони содаи омма гирифта, ба як сурати ҳаяҷонбахш тартиб дода шудааст. Пас ӯ ҷонибдори ақидаи устод С. Айнӣ аст, ки намунаи забони адабии тоҷикиро бо эҷоди ин повест амалан нишон дода буд. Дар воқеъ, забони повести «Одина»-ро устод Айнӣ кӯшиш кардааст, бо як усули миёна, ки байни забони адабии классикӣ ва забони зиндаи шифоҳӣ қарор дорад, нависад.

Дигар аз донишмандони ин давра, ки андешаҳои судманде дар ин бобат иброз доштааст Баҳриддин Азизӣ мебошад. Ӯ дар мақолаи "Ба забони дарӣ дурри суханро суфтан мехоҳем" [9] чунин андеша рондааст: "…ҳамчунон ки забони ҳозираи Эронро, ки таъсири арабӣ дода шудааст, қабул карда,

адабиёти худро ба омма наздик карда наметавонем, инчунин, забони тоҷикони шаҳрӣ, монанди Бухороро ҳам қабул кардан дуруст набуда, балки забони кӯҳистон – Тоҷикистон, ки алҳол маркази Ҷумҳурияти иҷтимоии шуроӣ аст, забони адабии тоҷикон қабул карда, норасидагиҳояшро аз забони арабӣ ва урупоӣ, ки ҳоло маълум аст, такмил кунем, асоси забони мо забони дарӣ мешавад, ки ба ҳамин забон дурри суханро суфта адабиёти худро оммавӣ мекунем” [9, с. 12].

Муҳаққиқон, забоншиносон ва мутахассисони соҳа дар ин мубоҳисаҳо хеле фаъол буданд аз ҷумла, яке аз донишмандоне, ки барои устувор гардидани ақидаи ба асоси забони омма дурусту саҳеҳ сохтани забони адабии тоҷик мақолаҳои зиёде навиштааст, Т. Зеҳнӣ мебошад. Т. Зеҳнӣ кӯшиш менамуд, ки забони адабии муосири тоҷикӣ бояд аз тарзи баён ва суханпардозиҳои зиёдатӣ орӣ бошад. Забоне бошад, ки дар он набояд тарзи баёни печ дар печ вобаста ба ибораороиву ҷумлаороиҳои мураккаби душворфаҳм, ки ба пурра фаҳмидани фикр халал мерасонад роҳ ёбад. Бояд тазаккур дод, ки дар ибтидои солҳои 30-юми асри XX, махсусан, дар натиҷаи дигаргуншавии шароити иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, ҷуғрофӣ рафта-рафта калима, иттилоот, шаклҳои грамматикӣ, фарқҳои фонетикӣ, махсусан дар забони адабӣ ва ҳам забони гуфтугӯйӣ зиёдтар шуданд.

Мавсуф дар мақолаи "Маслиҳатҳои ман дар бораи забон" [92] аз байни назару андешаҳои зиёде, ки мубоҳисон пешниҳод доштанд, ду ақида ё назарияро ҷудо мекунад, ки бештар ҷонибдор дошта, аз нигоҳи илмӣ низ асосноканд:

1.Татбиқ кардани забони форсии байналмилалӣ

2.Мардумфаҳм кардани забони матбуоти ҳозира

Т.Зеҳнӣ ҷонибдори фикри дуюм буда, ақида дорад, ки нуқтаҳои муҳимми забонро аз забони зинда бардошта, забонро осону авомфаҳм гардонем. Вай тарзи сухан гуфтани дариро, ки бисёр дар осори суханварони классикӣ вомехурд, гуфтугузори кӯҳистонӣ дониста, таъкид мекунад, ки "забони кӯҳистон дар баробари оҳанг чӣ қадар ширинӣ нозукиро соҳиб

бошад, ҳамон қадар ҳам сарфу наҳв ва луғатро нисбат ба забони шаҳрӣ хубтар ба худ нигоҳ доштааст, танҳо аз илму маориф маҳрум шуда аз такомул бозмондааст" [92, с. 434].

Пас аз ин, ӯ ин бартарии шеваҳои кӯҳистонро дар муқоиса бо шеваҳои ҳамвор (шаҳрӣ) дар сатҳи калимасозию калимабандӣ, ибораороию ҷумласозӣ бо мисолҳои мушаххас нишон додааст, ки аз савияи баланди забоншиносию сухансанҷии муаллиф дарак медиҳад. Дар ҳамин ҷо бояд як нуқтаро таъкид намоем, ки саҳми Т. Зеҳнӣ дар рушди афкори забоншиносии тоҷики нимаи аввали асри XX назаррас аст.

Дар мақолаи шарқшиноси рус, устоди Донишгоҳи Санкт-Петербург Евгений Эдуардович Бертелс бо номи “Учебник персидского языка” [44] ("Китоби забони форсӣ»), асосан, сохтори забони адабии тоҷик нишон дода шудааст. Муаллиф дар ин бобат андешаҳои Т. Зеҳниро қобили қабул шуморида, андешаҳои худро такмилдиҳандаи онҳо медонад. Муаллиф кӯшиш кардааст, ки асосҳои илмии забони адабиро нишон диҳад ва дар ин замина моҳияти забони адабии тоҷикӣ, роҳҳою имкониятҳо ва омилҳои ташкили онро мушаххас созад.

Яке аз омилҳо ва роҳҳои такмили забони адабӣ ҳамаҷониба омухтани забони халқ, гирдоварии эҷодиёти шифоҳии мардум, таҳқиқи хусусиятҳои луғавӣ, сарфӣ ва наҳвии гуйишҳои мардумӣ ва дар ин замина луғату истилоҳоти беҳтарин, қолабҳои хушоҳанги ибораю таркибҳоро сода карда, ба меъёрҳои забони адабӣ мувофиқ сохта, ба он ворид кардан мебошад. Аз ин нуқтаи назар, мақолаи Евгений Эдуардович Бертелс мақолаи назариявӣ буда, барои ташаккули забоншиносии навини тоҷик аҳаммияти калон дошт.

Дар доираи баргузориҳои ин мубоҳиса рисолаи алоҳидае бо фарогирии масоили гуногун аз ҷониби донишманди тоҷик Нарзуллоҳи Бектош бо унвони “Дар атрофи забони адабии тоҷикӣ” [41] соли 1930 ба табъ мерасад, ки як навъ моҳияти ҷамъбастсозии ин мубоҳисаҳоро дошт. Масалан, дар мавриди ҷамъбасти масъалаи забони адабии давраи нави тоҷикӣ Н. Бектош таъкид кардааст, ки модоме ки забони адабии оммафаҳми тоҷикии имрӯз дар

майдон аст, модоме ки кам бошад ҳам, "Одина", "Аҳмади девбанд", "Бедонабозӣ" ва ҳоказо… ба забони содаи матлуб ба табъ расидааст, ин қадар гуфтугӯ ва ҷанҷол дар болои кадом масъала аст?" [41, с. 529-531].

Воқеан, барои ҳамон давраи гузариш аз забони адабии классикӣ, ки як навъ забони адабии мадрасагӣ ва китобӣ буда, ба оммаи васеи мардум на он қадар дастрасию фаҳмо буд, забони "Одина" ва "Аҳмади девбанд" намунаи беҳтарин маҳсуб меёфт. Фақат дар даврaҳои минбаъдаи инкишофи забони адабии тоҷикӣ оҳиста-оҳиста бояд салосату нафосати забони адабӣ боло бардошта мешуд. Аҳли эҷод, алалхусус, шоиру нависандагон шукуҳмандии забони осорашонро таъмин намуда, ба ин васила балоғату фасоҳати забони адабиро баланд мебардоштанд. Ниҳоят, мехостем аз муҳтавои як мақолаи дигар дар ин бобат ёдовар шавем, ки он мақолаи О.А. Сухарева "Забони адабии тоҷикӣ" [252] ном дошта, дар мақола, асосан, оид ба асосҳои илмии забони адабии тоҷикӣ изҳори андеша намуда, таҳияи сарфу наҳви фарогири забони адабии тоҷикиро зарур донистааст. Воқеан, чунонки ёдрас шудем, дар шакли як дастури мукаммал ба вуҷуд овардани асосҳои дастури забон, ки пояи мустаҳками илмӣ дошта бошад, аз муҳимтарин масъалаҳо маҳсуб меёфт, ки, мутаассифона, ба истиснои «Сарфу наҳви тоҷикӣ» [23]-и Сайидризо Ализода дар он солҳо чунин асар пайдо нашуд.

Бояд гуфт, ки бисёр нуктаҳое, ки дар қарори Конференсияи илмии тоҷикони Узбекистон дар иртибот ба ҳолату вазъи забони адабии тоҷикӣ қабул гардидааст, аз нигоҳи илми забоншиносӣ мақбул буда, татбиқи онҳо барои рушди илми забоншиносии тоҷик ва афкори забоншиносии тоҷикӣ аҳаммияти бағоят муҳим дошт.

Аввалан, масъалаи асосии ин баҳс таърихан мавҷуд будани забони адабии тоҷикӣ буд, ки оид ба ин масъала дар ин конференсия ба ин натиҷа мерасанд, ки забони адабии тоҷикӣ чандин асрҳо пеш аз ин дар зери шароити иқтисодӣ ва таърихӣ аз Бухоро ба вуҷуд омада, дар натиҷаи раванди таърихӣ якчанд марҳилаҳоро гузаронида ба мо расидааст.

Нуктаи дуюм ин аст, ки шеваи Бухороро аз нуқтаи назари савтиёту имло асос қарор дода, аз ҷиҳати луғату ҷумлабандӣ аз тамоми шеваҳои дигари тоҷикӣ истифода шавад.

Нуктаи сеюм аз ин иборат аст, ки забони адабии тоҷикӣ аз унсурҳои ғализу бегона тоза карда шавад. Ҳамчунин, оид ба истилоҳгузинӣ, таҳқиқу омузиши шеваҳои гуногуни тоҷикӣ нуқтаҳои алоҳида ҷудо намуда, иҷрои саривақтии онҳо тақозо карда мешавад.

Дигар масъалае, ки дар мубоҳисаҳои солҳои 20-30-юм дар маркази гуфтугузори муҳаққиқони аҳли адаб қарор дошта ва барои назария ва амалияи илми забоншиносӣ хеле муҳим буд, истилоҳ ва истилоҳгузинӣ маҳсуб меёфт. Истилоҳгузинӣ ва истилоҳсозӣ воқеан, як кори муҳим ва душвору сангинест, ки меҳнати ҷиддӣ ва дастҷамъонаро металабад.

Бо ҳамин ҷиҳат ишора карда ҳанӯз устод Айнӣ дар қабули нахустин грамматикаи меъёрии забони тоҷикӣ «Сарфу наҳви тоҷикӣ»-и Сайидризо Ализода гуфтааст: «Истилоҳи фаннӣ ва илмӣ он қадар чизи ғайримуҳимме нест, ки як муҳаррир бо ихтиёри худ вазъу қабул намояд» [23, с. 69].

Бояд гуфт, ки ин таъкиди устод Айнӣ имрӯз ҳам аҳаммияти худро гум накардааст. Дар солҳои 20-30-юми асри XX масъалаи истилоҳсозӣ ва қабули истилоҳоти хориҷӣ як масъалаи муҳим ва печидае буд, ки аҳли қаламро барои ибрози назар водор месохт ва чанд мақолаю гузоришҳо низ пайдо шудаанд. Аз ҷумла, А. Деҳотӣ дар мақолаи “Дар бораи имло, алифбо, истилоҳ ва забони адабии тоҷикӣ” [73] қарорҳои Анҷумани илмии Тоҷикистонро шарҳу тавзеҳ дода, оид ба истилоҳ хулосаи анҷуманро пешниҳод кардааст. Аз ҷумла, бар он андеша аст, ки масъалаи истилоҳоти илмӣ: инчунин, нигоҳ доштани истилоҳотеро, ки хоҳ аз забони худи форсии тоҷикӣ, хоҳ аз забонҳои дигар (масалан, арабӣ, юнонӣ ва ғайра) ба забони мо даромада, ҳозир дар забони адабӣ кор фармуда мешаванд, даркор мешуморем. Масалан, калимаҳои нестӣ, ҳастӣ, кимиё, фалсафа, ҷуғрофиё, мусиқӣ ва ғайра бояд дар забони адабӣ нигоҳ дошта шавад. Аз тарафи дигар, дар илмҳои табиӣ (монанди ҳайвонот, наботот) ва ҳамчунин дар хоҷагӣ, дар

луғати кор номи истилоҳоте ҳастанд, ки ҳанӯз ба забони адабӣ надаромада бошанд ҳам, дар забони халқ мавҷуд мебошанд. Инҳоро ба зудӣ ғундошта ба майдон бароварда, аз ҳозир сар карда ба қадри имкон ва зарурат дар эҳтиёҷоти илмӣ ва адабӣ кор фармудан лозим аст. Анҷуман лозим медонад, ки баъд аз ин ба забони адабӣ аз забони араб истилоҳҳои нав гирифта нашавад. Дар вақти эҳтиёҷот ба гирифтани истилоҳоти аврупоӣ – байналмилалӣ беҳтар дониста шавад, вале онҳоро дар шакле, ки (хоси) забони мардум аст, қабул кардан лозим аст.

Чунин гузориши масъала асосан дуруст аст, Бинобар ин, зарур аст, бархе аз истилоҳоте, ки дар забони халқ мавҷуданд, онҳоро ба зудӣ гирдоварӣ намуда, ба забони адабӣ дароварда шавад, на фақат барои солҳои 20-30-юми асри XX муҳим буд, балки имрӯз ҳам назари некбинона ва муфид мебошад.

Дигар андешаи ҷолиби таваҷҷуҳ ин аст, ки истилоҳоти аврупоӣ байналмилалиро мутобиқ ба забони мардум қабул бояд кард. Дар мақолаи М. Расулӣ «Масъалаи алифбо ва имлоро ба зудӣ ҳал кардан даркор» [220] дар иртибот ба масъалаи истилоҳ ду ҷиҳат таъкид шудааст, ки имрӯз ҳам аз муҳимтарин ҷиҳатҳои истилоҳгузинӣ масҳуб мешаванд. «Дар ин ҷо ду масъала аст, ки бояд равшан ҳал карда шавад: як масъала ба муқобили истилоҳҳои рус ва аврупоӣ чӣ гуна истилоҳҳои тоҷикӣ қабул кардан ва масъалаи дувум – истилоҳҳои байналмилалиро, ки мо қабул мекунем, чӣ гуна тоҷиконидан аст» [220, с. 683].

Тазаккур бояд дод, ки баҳсҳои солҳои 20-30-юми асри XX дар атрофи илми забон дорои аҳаммияти муҳимми таърихӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва илмию фарҳангӣ мебошад. Аҳаммияти илмии онҳо, пеш аз ҳама, дар ин аст, ки бо баргузории ин баҳсҳо аҳли илму фазли тоҷик андешаҳои худро баён дошта, тавонистанд оид ба алифбо, имло, истилоҳ ва тозагии забони адабии тоҷик ва муайяни намудани меъёрҳои он пешниҳодҳои судманд манзур намоянд. Бешак, ин мубоҳисаҳо дар ташаккули забоншиносии навини тоҷик дар давраи нав, яъне аҳди шуравӣ, боис гардиданд.

2.2. Саҳми донишмандон, адибон ва рӯзноманигорон дар мубоҳисаҳои солҳои 20-30-юми асри XX

Дар охири солҳои 20-30-юми асри XX дар қатори адибону донишмандони насли калонсол – Садриддин Айнӣ, Абдулқосим Лоҳутӣ, Евгений Эдуардович Бертелс, Турақул Зеҳнӣ, Сайидризо Ализода, Раҳим Ҳошим, Абдуррауфи Фитрат, Бектош, Абдулвоҳиди Мунзим, Баҳриддин Азизӣ, Ҳамид Бақозода, Баҳром Ҳоҷизода, як зумра адибону донишмандон бо назару диди тоза дар ҳаллу баррасии масъалаҳои марбути алифбо ва имло нуқтаи назари худро ироа намудаанд. Чунончи, мақолаҳои устод С. Айнӣ «Дунёи нав ва алифбои нав» [13], «Масъалаи таърихӣ дар гирди алифбои нави тоҷикӣ» [15], «Алифбои нав дар миқёси ҷумҳурияти ҷавони мо» [18], А. Фитрат «Масъалаи алифбо» [269], «Дар гирди алифбои тоза» [270], «Дар бораи алифбои нав» [271], Т. Зеҳнӣ «Дар бораи алифбои нав» [89], Б. Азизӣ «Ба алифбои нав забони куҷоро асос гирифта шавад» [8], А. Мунзим «Ба роҳ мондани алифбои нав дар Тоҷикистон» [173], А. Лоҳутӣ «Дар гирди лоиҳаи алифбои нави тоҷикӣ» [146], Раҳими Мим «Ба муносибати конференсияи алифбои нав» [223], «Дар атрофи масъалаи алифбои нав дар Эрон» [226], Р. Ҳошим «Дар арафаи ҳал кардани масъалаҳои забон, алифбо ва имло» [228], Абдулғанӣ Мирзоев «Дар гирди алифбои нави тоҷикӣ» [163], А. Деҳотӣ (Пирмуҳаммадзода) «Дар бораи имло, алифбо, истилоҳ ва забони адабии тоҷикӣ» [73], А. Аминзода «Масъалаи лотинӣ кардани алифбо» [24], О. Дол «Алифбои лотинӣ дар мамлакатҳои шарқ» [205], А. Одилзода «Дар гирди масъалаи алифбои нави тоҷикӣ» [206], А. Семёнов «Лоиҳаи алифбои лотинӣ барои забони тоҷикӣ» [245], М. Иброҳимӣ «Масъалаи алифбои нав» [102], Ғ. Ализода «Лотинонидан қадами калон ба иҷтимоият аст» [22], Қ. Осимӣ «Дар бораи алифбои нави тоҷикӣ» [210], Ҳ. Ҳусейнзода «Дар бораи имлои муваққатии алифбои нав» [303], С. Улуғзода «Алифбои нави тоҷикӣ чӣ гуна бояд шавад?» [265], Ҳ. Бақозода «Дар гирди алифбои нави тоҷикӣ» [35], М. Қосимова «Фикри ман дар бораи алифбои нави тоҷикӣ» [127], М. Сулаймонова «Дар гирди алифбои тоҷикӣ» [251], Ф. Аълозода «Боз ҳам дар

атрофи масъалаи алифбои нави тоҷикӣ» [33], М. Расулӣ «Масъалаи алифбо ва имлоро ба зудӣ ҳал кардан даркор» [220] ва ғайра аз он ҷумлаанд, ки барои ташаккулу рушди афкори забоншиносии навини тоҷикӣ дар ин солҳо саҳми худро гузоштаанд.

Дар ин фасл саъй карда шуд, ки саҳми чеҳраҳои барҷастаи илмии солҳои 20-30-юми асри XX, ки саҳми онҳо дар рушди илми забоншиносии давраи нави тоҷикӣ назаррасанд, иктифо намоем.

2.2.1. Садриддин Айнӣ ва нақши ӯ дар рушди забоншиносии навини тоҷик

Садриддин Айнӣ дар баробари поягузории насри бадеии адабиёти аҳди шуравии тоҷик дар устувор гардидани меъёрҳои забони адабӣ, тасҳеҳ ва таъйин намудани қоидаҳои дастури забони тоҷикӣ хизмати арзанда кардааст. Ӯ дар баробари таҳия ва эҷоди асарҳои бадеӣ, таърихӣ оид ба масъалаҳои имло, алифбо, сабку услуби нигориши асарҳои осори бадеии классикӣ, луғату истилоҳот як силсила мақолаҳо таълиф намудааст. Ин таълифоти устод Айнӣ дар ташаккул ва рушди афкори забоншиносии навини тоҷикӣ, яъне нимаи аввали асри XX нақши муҳим доранд. Аз ин нуқтаи назар метавон гуфт, ки устод Айнӣ дар илми забоншиносии навини тоҷикӣ низ яке аз поягузорон маҳсуб меёбад. Вай яке аз аввалин муаллифони китоби дарсии «Таҳзиб-ус-сибиён» буда, бо таълифи ин китоб низоми нави таълиму омузишро аз диди маорифпарварӣ пеш мегузорад. Устод Айнӣ мураттиб ва муҳаррири нахустин «Луғати русӣ-тоҷикӣ», «Луғати тоҷикӣ-русӣ» ва муаллифи нахустин «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» мебошад.

Муҳаққиқи нуктасанҷ Саид Ҳалимов, ки оид ба фаъолияти забоншиносии устод Айнӣ ҳануз соли 1964 рисолаи илмӣ таълиф ва дифоъ карда буд, чунин таъкид кардааст: «Адиб ва олими маъруф Садриддин Айнӣ воқеан шахсияти калидӣ дар таърихи фарҳанг ва забони тоҷик буда, пас аз инқилоб, ӯ тамоми неру ва истеъдодашро ба ҳифз ва рушди забони тоҷикӣ равона кард. Талошу муборизаҳои пайгирона на танҳо дар асарҳои бадеии ӯ,

балки дар мақолаҳои илмӣ-назариявӣ, суханрониҳо, номаҳо ва мулоҳизаҳояш равшан инъикос ёфтааст. Ин масъала дар фаъолияти адиб воқеан яке аз баҳсҳои муҳим буда, он пеш аз ҳама ба ҳифзи забони тоҷикӣ аз таъсири амиқи арабӣ, форсӣ ва туркӣ равона шуда, ҳамзамон татбиқи алифбои нав муҳаққиқро бетараф нагузошта буданд» [273, с. 5].

Мусалам аст, ки дар ибтидои асри XX масъалаи содаву оммафаҳм кунонида шудани забони адабӣ таваҷҷуҳи табақҳо ва як идда гурӯҳҳои гуногуни ҷамъиятиро ба худ ҷалб кард. Махсусан, табақаи пешқадами ҷамъиятӣ дар содаву демократӣ кунонидани забони адабӣ ва услуби адабӣ манфиатҳои оммаи халқро медиданд.

Ба ҳамин тарз дар ибтидои солҳои 20-30-юми садаи XX дар содаву ба омма наздик кардани забони адабӣ хидмати Садриддин Айнӣ беҳамто ҳаст. Маълум аст, ки дар ин давра насри бадеӣ хеле кам буд ва вазъ ваҳолати забони наср аз рӯйи китобҳои адабӣ, дарсӣ, рисолаҳои илмӣ тайин карда мешуданд. Аз ин ҷост, ки китоби дарсии Садриддин Айнӣ “Таҳзиб-ус-сибён” [11] дар масъалаи муайян кардани вазъияти забони адабӣ ва забони наср аҳаммияти зиёде доранд забони ин китоб баъзе хислатҳои умумии забони умумихалқии тоҷикро дар бар карда, ҳамчун як намунаи аввалини забони ҳозираи адабии тоҷик намоён мешавад.

Дар воқеъ, чунонки муҳаққиқи афкори забоншиносии навини тоҷик устод Айнӣ дар рисолааш қайд менамояд: “Таълифоти марбути забоншиносии устод Айнӣ асосан масоили зеринанд: забони адабии тоҷикӣ ва роҳҳои рушди он ва қоидаҳои савтиёт, имло, талаффуз, сарф, наҳв, дар бораи забону услуби осори бадеии классикон, қоидаҳои луғатнигориро фаро гирифтаанд [273, с. 23].

Дар солҳои 20-30-юми асри XX дар баробари наздикшавии забони адабии тоҷик ба забони зинда ва оммафаҳм гардидани назм дар матбуот мубоҳисаҳо дар атрофи забони тоҷикӣ, роҳҳои рушду таъмини забони адабӣ бо суръат ба амал меомад. Дар ҳамин солҳо устод Айнӣ бо як қатор мақолаҳои худ барои ба роҳи дуруст ворид шудани афкори забоншиносии

тоҷик саҳми назаррас гузоштааст. Чунончи, яке аз масъалаҳои баҳсноки ин мубоҳисаҳо дар байни забони форсӣ (албатта, форсии Эронро дар назар доранд) ва тоҷикӣ (форсии тоҷикӣ) чӣ фарқиятҳо вуҷуд дорад, маҳсуб меёфт.

Дар ин бобат устод Айнӣ дар мақолаи «Дар атрофи забони форсӣ ва тоҷикӣ» [14] чунин мегуяд, ки касоне, ки ба забони тоҷикӣ дуруст ошно нестанд, «забони тоҷикӣ аз забони форсӣ чӣ қадар фарқ дорад?» [14, с. 162] гуфта мепурсанд, аммо касе, ки ба адабиёти куҳна ва нави форсӣ ва тоҷикӣ шиносоӣ дорад, ба хубӣ медонад, ки дар миёни инҳо фарқи асосӣ нест. Як тоҷик ё як эронӣ асарҳои Саъдӣ, Ҳофиз, Низомӣ ва монанди инҳоро чи қадар фаҳмида ва дӯст дошта хонад, ҳамон қадар ҳам асарҳои Рӯдакӣ, Камоли Хуҷандӣ, Исмати Бухороӣ, Сайфи Исфарангӣ ва монанди инҳоро фаҳмида ва дӯст дошта мехонад. Як тоҷик барои фаҳмидани баъзе луғатҳои аз форсии қадим гирифташудаи Фирдавсӣ ба чӣ андоза ба душворӣ афтад, як эронӣ ҳам барои фаҳмидани онҳо ҳамон қадар душворӣ мекашад. Баъзе нафарон ба сабаби ошно набуданашон бо забони тоҷикӣ, яъне забони авоми тоҷикро, забони форсии вайроншуда мепиндоранд. Лекин агар аз баъзе таъсирҳои ҷузъии забони узбекӣ чашм пушем (масалан, кор фармудани «мӣ» дар мавриди истифҳом – савол), содатарин ва софтарини лаҳҷаҳои форсӣ забони тоҷикӣ аст.

Устод Айнӣ чун як забоншиноси касбӣ дар байни забони форсии тоҷикӣ ва форсии эронӣ мавҷуд набудани тафовути ҷиддиро таъкид кардааст, ки имрӯз ҳам муҳим мебошад, яъне забони адабии форсӣ барои тоҷику эронӣ як аст; дигар ин аст, ки забони гуфтугуии тоҷикӣ ва лаҳҷа ё шеваи форсӣ дониста шудааст, ки ин ҳам барои забоншиносии муосир муҳим мебошад. Ғайр аз ин, устод Айнӣ ба ду масъалаи муҳимми дигар ишора кардааст: якум ин, ки аз забони форсии қадим (авесто, осори ба паҳлавӣ навишта шуда ва ғайра) истифода кардани Фирдавсиро таъкид кардааст, дигар ин, ки бо таъсири забони узбекӣ дар забони тоҷикӣ пайдо шудани баъзе ифодаҳо, аз ҷумла ҳиссачаи пурсишии «мӣ»-ро ишораю таъкид кардааст.

Устод Айнӣ доир ба илми забоншиносӣ асари алоҳидае таълиф накардааст ва аз асосҳои дастури забони тоҷикӣ низ таълифоти мушаххас ҳам анҷом надодааст, лекин дар боби асосҳои дастури забони тоҷикӣ (грамматикаи забони тоҷикӣ) нияти таълифи рисолае доштааст. Воқеан, ӯ забондону забоншиноси нозукфаҳму борикназар буданд ва фитрати азалию худододаш ба ӯ имкон медод, ки аксар илмҳоро фаро гирад. Инро мо аз мақолаю асарҳои илмӣ, баромадҳо, мактубу маслиҳатҳояшон ба адибону қаламкашон ба хубӣ пай мебарем. Масалан, дар бораи умумият ва ягонагии таърихии забони тоҷикӣ ва форсӣ ақидаи устод Айнӣ ин аст, ки забони тоҷикӣ хусусиятҳои забони адабии классикиро бештар нигоҳ доштааст, зиёда аз ин забони матбуоти солҳои 20-уми асри XX форсӣ ба дараҷае аз калимаю таркибҳои арабӣ пур шудааст, ки на фақат барои тоҷикон, балки барои худи форсҳо нофаҳмо аст.

Устод Айнӣ дар мақолаҳои «Забони тоҷикӣ» [16], «Ҷавоби ман» [17] дар бораи роҳҳои инкишофи забони адабии тоҷикӣ, тозагии таркиби луғавии он бисёр андешаҳои муфиду судмане баён кардааст, ки имрӯз ҳам арзишашонро гум накардаанд. Устод Айнӣ забони зиндаи халқро муҳимтарин манбаи бой гардидани таркиби луғавӣ ва сохти грамматикии забони тоҷикӣ медонад.

Устод Айнӣ оид ба савтиёт (фонетика), имло (орфография) ва грамматикаи забони тоҷикӣ низ баъзе қайду ишораҳо доранд. Соли 1926 дар нахустин Анҷумани муаллимони Тоҷикистон масъалаи ба алифбои лотинӣ гузоштан ба миён гузошта мешавад. Дар ин замина баҳсҳои тезутунд сурат мегиранд ва устод Айнӣ дар маъракаи муҳим фаъолона ширкат меварзанд. Ӯ дар мақолаи «Масъалаи таърихӣ дар гирди алифбои нави тоҷикӣ» [15] чунин мегуяд: «Акнун наздик аст, ки алифбои нави тоҷикӣ ранги расмиятро гирифта, ба зиндагонӣ гузаронида шавад. Ин як кори хурд, як кори муқаррарӣ ва ҳаррӯза нест, балки як масъалаи таърихист, ки монандаш дар зиндагии миллати мо як ё ду бор мегузарад. Пас, бояд гуфтугузори ин ҳам ба андозаи худаш бисёр муҳим, бисёр васеъ ва бисёр ҷиддӣ бошад» [15, с. 211].

Вобаста ба алифбои нав табиист, ки масъалаҳои савтиёти забон, аз ҷумла, овозҳои нутқ пайдо мешаванд. Масалан, устод Айнӣ таъкид менамояд, ки таърихан «вов»-и маҷҳул (яъне «ӯ») ва «йо»-и маҷҳул (яъне «й») дар сохти савтиёти забони тоҷикӣ нигоҳ дошта шудааст. Дар масъалаи имло устод Айнӣ, асосан, ҷонибдори риояи усули морфологӣ (сарфӣ) мебошад, зеро усули фонетикӣ (савтӣ), ки ба асоси гуйиш қарор дорад, саҳеҳ нест, чаро ки гуйишҳои гуногуни тоҷикӣ ба ин имкон намедиҳад.

Чунонки қайд намудем, С. Айнӣ ҳамчун омузгор ва олими борикназар дар таҳрир ва таҳияи китобҳои дарсии солҳои 20-30-юм, тақризи онҳо иштирок намуда, ба муаллифону мураттибони онҳо маслиҳату пешниҳодотҳои муҳим манзур намудааст

Масалан, устод Айнӣ дар тақриз ба китоби «Сарфу наҳви тоҷикӣ»-и Сайидризо Ализода чунин овардааст: «Дар ин китоб қоидаҳои сарфу наҳви забони тоҷикӣ, ба қадре ки тамомкунандагони мактаби миёнаро кифоят кунад, дарҷ ёфтааст. Ҷумлаҳое, ки ба тариқи мисол оварда шудааст, бисёртарашон сода, осон ва пурманфиат аст. Аммо дар мавриди баёни қоидаҳо луғатҳои арабӣ бисёр ба кор бурда шудааст» [351, с. 69].

Инчунин, дар солҳои 30-юми асри XX устод Айнӣ барои нигоҳ доштани пасоянди «-ро» кӯшиши зиёд карда, ба муқобили онҳое, ки мехостанд гунаҳои шевагии онро ҷорӣ намоянд, мубориза кардааст.

Дигар самти фаъолияти С. Айнӣ роҷеъ ба забону услуби адибони классикӣ мебошад. Дар асарҳои С. Айнӣ, ки ба эҷодиёти адибони классикии форсу тоҷик бахшида шудаанд, ғановати забони тоҷикӣ, имконияти фаровони он дар ифодаи мафҳумҳо таъкид шудааст. Дар ин росто, устод Айнӣ як даста мақолаю рисолаҳои илмие оид ба ҳаёт ва осори адибони классикии тоҷик ба мисли Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Сино, Саъдӣ, Камол, Восифӣ, Навоӣ, Бедил, Аҳмади Дониш навишта, хусусиятҳои забонии осори онҳоро шарҳ дода, саҳми онҳоро дар шаклгирӣ ва устуворшавии меъёрҳои луғавию грамматикии забони адабии тоҷикӣ махсус қайд менамояд.

Устод Айнӣ дар риштаи луғатнигорӣ низ аз аввалинҳо ва пешдастҳо маҳсуб меёбад. Вай аввалҳои соли 1930 ҳайати мураттибони луғати дуҷилдаи русӣ-тоҷикиро роҳбарӣ намуда, дар интихобу ёфтани калимаҳои муодилу ҳаммаъно хизмати бузург кардааст.

Ба ҳамин муносибат беҳтарин донандаи забону адабиёти тоҷик, шарқшиноси маъруф Е. Э. Бертелс гуфтааст: «Барои иштирок дар таҳияи ин луғат бояд бузургтарин донишмандон, аз ҷумла, рафиқ Айнӣ ҷалб карда шавад. Мо дар дунё аз Айнӣ дида бузургтарин донандаи забони тоҷикӣ надорем ва иштироки ӯ дар таҳияи ин луғат мутлақо ногузир мебошад» [45, с. 79].

С. Айнӣ дар мақолаи “Оид ба вазъияти забоншиносии тоҷик” [353], ки бахшида ба муносибати 2-солагии асари доҳиёнаи И.В. Сталин – “Марксизм ва масъалаҳои забоншиносӣ” [249] нашр мегардад, доир ба он камбудиҳое, ки дар вақти мубоҳисаҳо рӯйи кор омадаанд ва атрофи онҳо дар матбуот мақолаҳои зиёде нашр шуданд, изҳори назар намудааст. Ин нуктаро И. В. Сталин чунин баён кардааст: “...Мубоҳиса, пеш аз ҳама, равшан кард, ки дар органҳои забоншиносӣ чи дар марказ ва чи дар республикаҳо режиме ҳукмфармо будааст, ки ба илм ва аҳли илм хос нест” [249, с. 68]. Баъд аз интиқоди И. В. Сталин дар рӯзномаҳо мақолаҳои хеле зиёд нашр шуда, дар онҳо таъкид мешуданд, ки бояд забоншиносони мо хатоҳои гузаштаро фош карда, масъалаи забоншиносиро бо роҳи таълимоти сталинӣ ҳал кунанд, худтанқидкунӣ пайдо шуданд.

Ба андешаи С. Айнӣ, ин мақолаҳо хусусияти умумӣ дошта, бо тарзи “дар мо ҳам дар соҳаи забоншиносӣ хатоҳо буд, худи ман ҳам баъзе хатоҳо кардаам, дар оянда бояд он гуна хатоҳоро ислоҳ кунем” [353, с. 3] навишта мешуданд. Аммо хонанда аз он мақолаҳо на хатоҳои гузаштаро мефаҳмид ва на роҳи ислоҳи онҳоро ёд мегирифт.

С. Айнӣ аз ин гуна муаллифон Шавкат Ниёзиро ном мебарад, ки ба якчанд хатоҳо роҳ додааст. Масалан, хатои аввали Ш. Ниёзиро дар он мебинад, ки ӯ грамматикаи пеш аз Револютсияи Кабири Сотсиалистии

Октябр таълифёфтаи забони тоҷикро бе ҳеҷ танқид ва таҳқиқ қабул кардааст. Дар гузашта исмҳои ҷондор танҳо бо суффикси “-он” (-гон, -ён, -вон) ва исмҳои беҷон бо суффикси “-ҳо” шумораи ҷамъро ташкил мекарданд, гуфтааст. Ва ҳол он ки дар гузашта – ҳатто чандин асрҳо пеш аз ин ҳам “-он” махсуси исмҳои ҷондор ва “-ҳо” махсуси исмҳои беҷон набуд. Чунончи, Ҳофиз дар асри XIV “Онҳо, ки хокро ба назар кимиё кунанд...” гуфтааст. Агар “-ҳо” махсуси беҷон мебуд, ин шоири забардасти забондон “онон ки...” мегуфт ва дар вазни шеъраш зарар ҳам намерасид. Инчунин, мо як қатор исмҳои беҷонро мебинем, ки ҳам дар адабиёти классикӣ ва ҳам дар забони халқ бо “-он” ҷамъ карда шудаанд – дарахтон, кӯҳсорон, чашмасорон, лолазорон ва монанди инҳо. Дар шеъри халқӣ бошад, – ин куҳнаи мо беҳ аз он навон аст, калимаи “нав” бо “-он” ҷамъ карда шудааст.

“Ш. Ниёзӣ ин хатоҳои худро дарк накарда боз мегуяд: Дар забони адабии ҳозираи тоҷик бошад, чунин фарқ нест шудааст, мегуяд” [353, с. 4]. Ӯ бо ин гуфтори худ тасдиқ менамояд, ки ҷой ва тарзи кор фармудани аломати ҷамъ дар гузашта дигар ва ҳозир дигар аст. Ба қавли Ш. Ниёзӣ, грамматика тағйирёбанда ва дигаргуншавандааст.

Ниёзӣ ин фикри хатои худро инкишоф дода мегуяд, ки “... бешубҳа, дар оянда суффикси ҷамъи исмҳо танҳо суффикси “-ҳо” шуда мемонад” [353, с. 5].

Дар забони тоҷикӣ баъзе исмҳо ҳастанд, ки бо “-ҳо” ҷамъ кардани онҳо мумкин нест: Агар исми ҷондор дар шакли ҷамъ номи ягон мавзеъ ва ё маҳал шуда ояд, бо “-он” ҷамъ кардани вай лозим аст. Чунончи, дар Бухоро Пӯстиндузон, Мехчагарон, Тагбандбофон барин даҳҳо гузарҳо ҳастанд, ки ҳамаи онҳо бо “-он” ҷамъ карда шудаанд. Агар яке аз онҳоро бо “-ҳо” ҷамъ карда, масалан, “Пӯстиндузҳо” гуянд, шунаванда аз вай на гузари маълумро, балки гурӯҳи одамонеро мефаҳмад, ки касбашон пӯстиндузӣ аст.

Мо оид ба тафсилоти он мунозираҳо ва моҷароҳо ҳамин қадарро гуфтан мехоҳем, ки забони адабии оммафаҳми тоҷик дар байни ин

задухурдҳо роҳи худро гум накарда, инкишоф ёфтан гирифт, аммо ҳеҷ гоҳ аз ҳуҷумҳои “чап” ва “рост” тамоман халос нашуд.

Яке аз ин ҳуҷумҳои “чап”, ки вайро режими аракчеевӣ меномиданд, дар солҳои 1937-1939 ташкил ёфта буд. Лоиҳанависони ин ҳуҷум дар зери пардаи “забонро ба халқ наздик кардан” мехостанд, ки як дастури нави забони адабӣ” таҳия намоянд. Лоиҳанависоне, ки худро “забоншинос” мешумурданд, нависандагон ва соҳибқаламонро маҷбур мекарданд, ки ҷумлаҳои мисли “ин Аҳмада китобаш” барин ҷумлаҳоро ҷумлаи тоҷикӣ дониста кор фармоянд ва дуруст шуморанд. Ҳол он ки ин ҷумлаи ба тарзи механикӣ тарҷумаи ҳарф ба ҳарфи вайрони як ҷумлаи забони узбекӣ мебошад.

Инчунин, баъзе рафиқони узбек маънии “то”-и тоҷикиро, ки интиҳоро ифода мекунад, ба назар нагирифта, фақат барои зиннат ба аввали ҷумла дароварда, масалан, “то Фарғонагача бораман” мегуянд.

Лоиҳанависони “забондони мо” ҳам ин ҷумлаи вайрони махлути “аломати интиҳоӣ”-аш такрорёфтаро ба тарзи механикӣ дар шакли “то Фарғоная меравам” тарҷума карда, нависандагонро маҷбур мекарданд, ки ин ҷумларо ба сифати як ҷумлаи “дурусти тоҷикӣ” қабул карда, дар асарҳои худ нависанд.

Ҳарчанд шоирон ва нависандагони забондон ин гуна вайрониҳоро кор нафармоянд ҳам, баъзе ҷавонони камтаҷриба ва баъзе нависандагони маҳалчӣ дар асоси он лоиҳа ҳануз ин гуна чизҳоро дар асарҳои адабии худ дароварда ба хонанда тақдим мекунанд.

Дар имло ҳам дар матбуоти тоҷикӣ ба асоси он лоиҳа вайронкориҳо ҳукмрон буд. Дар ягон забони маданӣ ва аз ин ҷумла, дар забони русӣ, дар навиштан талаффуз асос гирифта нашуда бошад ҳам, дар забони тоҷикӣ талаффузро асос гирифта, масалан, ба ҷойи калимаҳои “анбор, занбар, ҷунбидан” – “амбор, замбар, ҷумбидан” менависанд. Ва ҳол он ки дар забони тоҷикӣ аз талаффуз то навиштан фарқ доштани монанди суханҳои дар боло қайдшуда тасодуфӣ ва ғалати омма набуда, балки ба як асоси илмӣ такя

мекунад, ки ин аз хусусияти забони тоҷикӣ омадааст: Дар забони тоҷикӣ ҳаргоҳ баъд аз нуни сокин (ан, зан, ҷан, қан ва монанди инҳо) ҳарфи “б” ояд дар талаффуз он “б” ба “м” табдил меёбад.

С. Айнӣ бо қайду ишораҳои фаровон, таълифи рисолаҳои илмӣ оид ба забон ва услуби адибони классик, маслиҳату машваратҳояш бо адибону қаламкашон, муаллифону мураттибони китобҳои дарсӣ аз асосҳои дастури забони тоҷикӣ, иштироки фаъолонааш дар баҳсҳои солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX яке аз бунёдгузорони илми забоншиносии давраи шуравии тоҷик маҳсуб меёбад. Саҳми ин донишманди фидоӣ дар рушди афкори забоншиносии навини тоҷик хеле назаррас аст.

2.2.2. Турақул Зеҳнӣ ва саҳми ӯ дар ташаккули забоншиносии навини тоҷик

Турақул Зеҳнӣ аз соли 1926 дар атрофи масъалаҳои мубрами забоншиносӣ ибрози назар намудааст. Мақолаҳои зиёди илмӣ, ба мисли: «Мубоҳиса дар бораи забон ва адабиёт» [87], "Забони «Овози тоҷик» [88], «Дар бораи алифбои нав» [89], «Вазифаи матбуоти тоҷик дар бораи забон» [90], «Фикри ман дар бораи забони чопӣ» [91], «Маслиҳати ман дар бораи забон» [92] маҳсули таълифоти ҳаминдавраинаи Т. Зеҳнӣ мебошанд. Ӯ доир ба масъалаҳои мухталифи таърихи адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик, роҷеъ ба илмҳои адабиётшиносӣ, фолклоршиносӣ ва забоншиносӣ зиёда аз 200 мақолаи илмӣ навиштааст. Т. Зеҳнӣ яке аз аввалин муаллифони китобҳои дарсӣ барои мактабҳои ибтидоӣ ва миёна буд: «Омузиш» (1928, ҳамроҳи В. Маҳмудӣ), «Сарфи забони тоҷикӣ» (1933, ҳамроҳи Б. Ҳоҷизода ва Л. Бузургзода), хрестоматияи «Таронаҳои бачагон». Муҳимтарин асари адабиётшиносии Тӯрақул Зеҳнӣ, ки барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ навишта шудааст, китоби «Санъати сухан» буда, ба санъатҳои маънавию лафзӣ ва вазни аруз бахшида шудааст.

Дар бораи саҳми Т. Зеҳнӣ дар ташаккули забоншиносии навини тоҷик дар нимаи аввали асри XX сухан ронда, ин нуктаи муҳимро аз мақолаи

академик Муҳаммадҷон Шакурии Бухорӣ «Яке аз муборизони роҳи худшиносии миллӣ» [313] муносиб донистем: «Домулло Зеҳнӣ яке аз ҳамин калонсолони хушсавод буданд, ки бо Владимир Капранов як гурӯҳ ташкил намуда, чанд ҳарфи «Фарҳанги забони тоҷикӣ»-ро тартиб доданд. Ин ду нафар ҳарфҳои В, Д, Л, М, С, Ф, Ч, Ш, Ғ, Ҷ-ро тартиб дода буданд. Яъне, аз 1747 саҳифаи «Фарҳанги забони тоҷикӣ» 786 саҳифа ба қалами якумӣ тааллуқ дорад» [313, с. 5].

Дар солҳои 20-30-юми асри XX дар мубоҳисаҳо оид ба содагардонии забони адабӣ, табдили алифбо, қабули имло, истилоҳ ва таҳияи китобҳои дарсӣ аз асосҳои дастури забони тоҷик дар қатори бисёр зиёиёни пешқадами тоҷик Т. Зеҳнӣ низ иштироки фаъол дошт. Вай дар ҳалли ин масъалаҳо, асосан, дар мавқеи устод Айнӣ қарор дошт.

Т. Зеҳнӣ дар равиши ин мубоҳисаҳо ақидаҳои устод Айниро дар бобати ба таври оқилона омезиш додани забони адабии китобӣ бо забони гуфторӣ ҷонибдорӣ намуда, дар мақолаю гузоришҳояш муҳтавои ин масъалаҳоро то дараҷае ба исбот расонидааст. Чунончи, вай дар мақолаи «Забони «Овози тоҷик» [88], ки соли 1926 шудааст, оид ба ташкил намудани як забони ширин ва истилоҳҳои илмӣ ва адабии имрӯза, ки фикри насли наврасро ифода намояд ва ба завқи коргару деҳқон нишинад, таъкид намудааст, ки бояд кӯшиш ба кор бурд, то як забони адабии насрии тоҷикии барои омма фаҳмо ба вуҷуд оварем.

Вай яке аз аввалин муаллифони китоби дарсии асосҳои дастури забони тоҷикӣ дар солҳои 30-юм маҳсуб меёбад. Дар назди муаллифони китобҳои дарсӣ аз асосҳои дастури забони тоҷикӣ дар солҳои 20-30-юми асри XX дар баробари ташкилу тасҳеҳи асосҳои дастури забони тоҷикӣ масъалаи мутобиқу пурра намудани истилоҳот низ меистад. Анҷоми чунин кор аз муаллифи китоби дарсӣ донишу маҳорат ва салиқаи баланди забоншиносӣ, алалхусус, луғатдониро тақозо мекард.

Т. Зеҳнӣ соли 1930 дар пайравӣ аз «Сарфу наҳви тоҷикӣ» [23]-и Сайидризо Ализода «Сарфи забони тоҷикӣ» [97] ном китоби дарсӣ таълиф

намуд. Як бартарии китоби дарсии Т. Зеҳнӣ ин аст, ки ӯ бо таълифи ин асар бисёр истилоҳоту таркиботи соҳаи забоншиносиро тоҷикӣ карда, баъзе қоидаҳои дастуриро такмил дод.

Масалан, ба ҷойи истилоҳоти арабии забоншиносие, ки дар дастурҳои пешин, аз ҷумла, «Сарфу наҳви тоҷикӣ»-и С. Ализода истифода шудаанд, Т. Зеҳнӣ муодили тоҷикӣ-форсии онҳоро ба кор бурдааст. Чунончи: Исми ом-исми ҷинс, исми зирӯҳ-исми ҷондор, исми берӯҳ-исми беҷон, исми муфрад-исми танҳо, исми тасғир-исми хурдӣ, исми маъруфа-исми шинос, исми накара-исми ношинос ва ғайра. Махсусан, хизмати ин донишманди тавоно дар соҳаи луғатшиносӣ ва мураттабсозии луғат хеле назаррас мебошад. Дар шинохтани вожаҳо, таъини маъноҳои нозуки калимаю таъбирҳо Т. Зеҳнӣ дониши ниҳоят васеъ доштанд.

Ин ҷо арзиши забоншиносии як таълифи Т. Зеҳниро бо номи «Аз таърихи лексикаи забони тоҷикӣ» [94], ки натиҷаи ковишҳои дуру дарози ин муҳаққиқи тозакору пуркор аст, бояд таъкид кард. Ин асари таҳқиқии Т. Зеҳнӣ аз чор фасл иборат буда, дар асоси манбаъҳои зиёди таърихӣ таълиф шудааст.

Фасли якум пешгуфтори муаллиф аст, ки се мавзуи муҳим дар он матраҳ шудааст: а). Забони тоҷикӣ – зодаи дарӣ; б). Ташаккули забони тоҷикӣ; в). Баъзе фарқҳои забонҳои ба ҳам хеш – тоҷикӣ ва форсӣ.

Фасли дуюм – Баъзе хусусиятҳои забони дарӣ, ки аз 16 зерфасл иборат мебошад ва дар онҳо бисёр мавзуъҳои муҳим баррасӣ шудаанд.

Фасли сеюми рисола баррасии лексикаи забонҳои дарӣ, тоҷикӣ ва форсиро дарбар мегирад ва аз 15 зерфасл таркиб ёфтааст.

Фасли чаҳорум «Ҳолатҳои истисноӣ», ки дар бораи ҳодисаҳои грамматикии мустасное сухан меравад, ки бо қоидаи маъмули забони дарию тоҷикӣ мухолиф аст.

Хулоса, Т. Зеҳнӣ аз нахустин қадамҳои худ дар ҷодаи илм барои тозагии забони адабии тоҷикӣ, устувор гардидани забони илм, рушди афкори забоншиносии тоҷик дар асри ХХ ва такмили китобҳои дарсӣ аз асосҳои

дастури забони тоҷикӣ пайваста мубориза бурда, дар бахши луғатшиносии тоҷик нақши мондагор гузоштааст.

2.2.3. Сайидризо Ализода ва афкори забоншиносии ӯ

Яке аз чеҳраҳои намоёни илму таълими забоншиносии навини тоҷикӣ Сайидризо Ализодаи Самарқандӣ дар таърихи илму фарҳанги солҳои 20-30-юми асри XX, дар замони дигаргуниҳои азим, муборизаҳои пуршиддати мафкуравӣ дар давоми умри кутоҳи худ тавонист, ки дар шаклгирию рушди бисёр ҷабҳаҳои илму адаби даврони нави тоҷик нақши намоён гузорад. Ӯ аввалин муҳаррири маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» буда, нахустин китоби алифбои тоҷикии замони шуравиро бо номи «Китоби нахустин» навиштааст.

Саидризо Ализода на фақат чун публисисти оташинсухан, тарҷумони маъруф ва нуктадон, ҳамчунин, чун луғатшиноси моҳир низ шинохта шудааст. Ӯ яке аз тартибдиҳандагон ва дар айни ҳол, аввалин муҳаррири «Луғати русӣ-тоҷикӣ» ба шумор меравад, ки соли 1933 аз чоп баромада буд.

Сайидризо Ализода дар баробари фаъолияти пурсамари омӯзгорӣ, публисистӣ, тарҷумонӣ ва луғатшиносӣ дар шаклгирӣ ва рушди афкори забоншиносии давраи навини тоҷик хизмати калон кардааст.

Бояд ба таъкид гуфт, ки афкори забоншиносии ин муҳаққиқ то имрӯз ба сурати густурда таҳқиқ нашудааст. Албатта, дар тули солиёни дароз баъзе забоншиносон ба мақолаю асарҳои ӯ ишора кардаанд, ё ин ки аз вай дар тасдиқу тавзеҳи қоидаҳои сарфу наҳв иқтибосе овардаанд, аммо ба сурати мушаххас оид ба арзиши илмию таълимии осори ин чеҳраи машҳури илму фарҳанги солҳои 20-30-юми асри XX-и тоҷик донишмандони забоншиноси тоҷик С. Атобуллоев, Р. Ғаффоров, Д. Хоҷаев ва А. Ғаффоров изҳори назар кардаанд. Профессор Д. Хоҷаев соли 2006 китоби арзишманди Сайидризо Ализода «Сарфу наҳви тоҷикӣ»-ро аз алифбои форсӣ ба алифбои кириллӣ баргардон карда, дар сарсухани ба он навиштааш арзиши забоншиносии ин китоби дарсии забони тоҷикиро мухтасар дар асоси далелҳо аз худи китоб нишон додааст.

Дар ҳақиқат, дар он солҳо қувваҳои бадхоҳи миллати тоҷик мавҷудияти миллатеро ва забонеро бо исми «тоҷик» эътироф кардан намехостанд ва барои амалӣ намудани ин нақшаи ботилу душманонаашон аз тамоми воситаҳо истифода мекарданд. С. Ализода бо таҳияи «Сарфу наҳви тоҷикӣ» [23] муждаи фараҳбахше аз таърихи афкори забоншиносии тоҷик дод. С. Ализода то таълифи китоби «Сарфу наҳви тоҷикӣ», ки аввалин намунаи дастури меъёрии забони тоҷикӣ дар замони шуравӣ маҳсуб меёфт, худро аз нигоҳи назариявӣ ва амалӣ хеле омода ҳам карда буд. Ӯ ба омухтану таҳқиқ кардани қоидаҳои сарфу наҳви забони тоҷикӣ ва инчунин, забонҳои дигар машғул гардида, дар баробари дарки нозукиҳои забони адабии тоҷик ба омухтану донистани забонҳои дигар низ машғул мегардад.

С. Ализода аз асосҳои дастури забони форсии тоҷикӣ ва арабӣ огоҳии комил дошта, кӯшиш кардааст, ки бештар қоидаҳои дастури забони тоҷикиро дар амал татбиқ сохта, бо ин роҳ дастури забони адабии тоҷикро оҳиста-оҳиста аз қоидаҳои дастури забони арабӣ озод бояд кард. Ин андешаи худро С. Ализода дар таълифи китоби дарсии «Сарфу наҳви тоҷикӣ» то андозае татбиқ ҳам кардааст.

С. Ализода дар таълифи «Сарфу наҳви тоҷикӣ» чун забоншинос дониши фарох ва назари амиқи худро нишон дода, бунёди дастури забони тоҷикиро барои мактабҳои таҳсилоти миёна ва олӣ гузошт. Ҳарчанд ки ин асари С. Ализода китоби дарсии мактабҳои таҳсилоти миёна бошад ҳам, аз нигоҳи илмӣ арзиши баланд дорад, зеро муаллиф дар таълифи он аз илми забоншиносии халқу миллатҳои гуногун истифода бурдааст. Ӯ дар дебочаи китоб дар иртибот ба ин масъала чунин гуфтааст: «Ҳангоми таълифи ин сарфу наҳви тоҷикӣ аз асарҳои зайл истифода шудааст, аз «Дастури забони форсӣ»-и Ғуломҳусайни Кошиф ва Мирзо Абдулазими Эронӣ, аз «Сарфу наҳви арабӣ»-и Аҳмад Ҳодии Мақсудии Қаронӣ, аз «Сарфу наҳви туркӣ»-и Исмоил Ҳикмат ва Абдулло Шоиқи Озарбойҷонӣ, аз «Сарфу наҳви форсӣ»-и Муҳаммад Рифъати Истамбулӣ, аз «Сарфу наҳви русӣ»-и Сухоруф, аз сарфу наҳви гуногуни франсавӣ» [23, с. 22].

Дар воқеъ, китоби «Сарфу наҳви тоҷикӣ»-и Сайидризо Ализода аз чанд ҷиҳат шоистаи пазирой аст. Нахуст ин, ки то таълифи ин китоб он ҳама китобҳои форсие, ки навишта шуда буданд, бо исми забони форсӣ ёд шудаанд ва аввалин бор Сайидризо Ализода вожаи «тоҷикӣ»-ро ба исми китоби дарсӣ ворид сохт; дуюм ин, ки дар натиҷаи баҳрабардорӣ аз дастурҳои гуногун, аз ҷумла, дастурҳои русию аврупой дар шарҳи бисёр масъалаҳои сарфу наҳви тоҷикӣ назари тоза баён шудааст. Ба сурати намуна метавон аз ин қазия ёдовар шуд, ки дар тамоми дастуру осори илмии гузаштаи мо, яъне он дастурҳою осори илмие, ки то «Сарфу наҳви тоҷикӣ»-и С. Ализода таълиф шудаанд, дар гурӯҳбандии вожаҳо ба ҳиссаҳои нутқ ба низоми грамматикии араб такя шуда, калимаҳо ба се даста: исм, феъл ва ҳарф тасниф шудаанд, аммо дар дастури «Сарфу наҳви тоҷикӣ»-и С. Ализода бори аввал дар таърихи афкори забоншиносии тоҷик калимаҳо дар забони тоҷикӣ ба нуҳ ҳиссаҳои нутқ: исм, сифат, адад, замир, феъл, зарф, адот, робита, асвот ҷудо карда мешавад. Ҳарчанд ки дар корбасти истилоҳот аз низоми истилоҳоти арабӣ истифода карда бошад ҳам, он гурӯҳбандии ҳиссаҳои нутқ, ки ба асоси низоми грамматикаи араб дар таълифоти Абунасри Форобӣ, Абуалӣ Сино, Носири Хусрав, Насируддини Тусӣ, Шамси Қайси Розӣ, Маҳмуди Омулӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, Воҷидалихони Муҷмалӣ ва фарҳангҳои тафсирии гузашта риоя мешуд, дар «Сарфу наҳви тоҷикӣ»-и С. Ализода шикаста мешавад.

Дигар аз ҷиҳатҳои ҷолиби «Сарфу наҳви тоҷикӣ»-и С. Ализода дар ин аст, ки шарҳу тавзеҳ ва маълумоти оид ба исму феъл додаи муаллиф табиати забони тоҷикиро инъикос менамояд. Масалан, муаллиф дар бораи исми хосу ом, зоту маънӣ, зируҳу беруҳ, муфраду ҷамъ маълумоти мушаххас додааст, ки имрӯз низ дорои арзиши баланди илмию таълимӣ мебошад.

Дар қисмати феъл С. Ализода чун забоншиноси фарохандешаю муаллими пуртаҷриба муҳимтарин хусусиятҳои маъноӣ ва сохтории онро бо усулу равиши содаю фаҳмо баён намуда, низоми феъли тоҷикиро хубу маърифатшаванда нишон додааст. Ӯ шарҳи дастурии феълро нахуст аз

масдар шуруъ карда, дар такя ба фаҳмиши донишмандони пешин онро ба масдари долӣ ва толӣ, аслӣ ва тахфифӣ ҷудо кардааст. Бояд таъкид кард, ки, алалхусус, шарҳи муаллиф дар бораи замонҳои феъл, сурати ташкили онҳо, тасрифи феълҳо аз рӯйи шахсу шумора хеле ҷолиб аст. Дар ин китоби таълимӣ ҳамаи шаклҳои замонии феъл аз рӯйи сиға оварда шудааст, ки хеле муносиб мебошад.

Дар фасли сеюми китоби мазкур мавзуъҳои бахши наҳв оварда шудааст. Бо сабабҳои муайян доираи масъалаҳо, баррасии мавзуъҳои наҳв нисбат ба сарф дар китоб маҳдудтар аст. Дар воқеъ, бисёр мавзуъҳои марбут ба наҳв дар қисмати сарф шарҳу тавзеҳ ёфтаанд, чунончи, муаллиф зимни мавзуи «ҳолати исм» таърифи мубтадо, саволҳои мубтадо, мафъул (пуркунандаи бевосита бавосита), баъзе ҳолшарҳкунандаҳо, аз ҷумла, ҳоли маконро, ки аз масъалаҳои наҳв мебошанд, дар бахши сарф баррасӣ шудаанд. Ба ҳамин монанд вобаста ба шарҳи вазифаҳои пешоянду пасояндҳо хусусиятҳои дастурии пуркунандаю ҳолшарҳкунанда ба таври муфассал нишон дода шудааст. Ғайр аз ин, вобаста ба ҳолати нидо дар бораи мухотаб тавзеҳ оварда мешавад, чунончи, мунодии мураккаб (нидошуда) он аст, ки дар аввал лафзи «эй» ва ё дар охираш ҳарфи «о» зикр шавад, монанди - Эй бародар, илм омӯз!, Бародаро, аз бадон бигурез!.

Ибораҳои изофӣ, ки нисбат ба калима мафҳуми мураккаби ба ҳиссаҳо ҷудошавандаро мефаҳмонад, дар бахши наҳв омухтаю таҳқиқ мешавад, аммо дар низоми улуми филологии гузаштаи мо вобаста ба изофат дар бахши сарф баррасӣ мешуд. Муаллифи «Сарфу наҳви тоҷикӣ» С. Ализода ба ҳамин анъанаи классикӣ шояд такя карда, ин мавзуъро низ дар бандҳои «ҳолати изофӣ», «фоидаи изофӣ», «қоидаи изофа», «татобеи изофа» – китоби бародари Баҳром, меваи боғи ҳамсояи мо, «изофати мақбулӣ»: корхона (хонаи кор), гулоб (оби гул), «изофаи ломия»: китоби шогирд, «изофаи баёния» (ҷинси муайяншаванда): дарахти тут, рӯзи шанбе, шаҳри Самарқанд вижагиҳои муҳимму асосии муайянкунандаҳои изофии тавсифӣ, соҳибӣ ва баёния нишон дода шудаанд, ки мавзуи баҳси наҳв мебошад. Албатта, бо ин

наметавон аҳаммияти назарию амалии қисмати наҳви ин асари арзишмандро нодида гирифт. Дар фасли «наҳв»-и «Сарфу наҳви тоҷикӣ»-и С. Ализода бисёр қоидаҳо, шарҳу эзоҳ оид ба воҳидҳои наҳв оварда шудааст, ки аз заҳмати бисёр гарон ва назару биниши амиқи ӯ дар боби наҳви забони тоҷикӣ дарак дода, ҷойгоҳи сазовори ӯро дар таърихи афкори забоншиносии давраи навини тоҷик нишон медиҳад. Бояд таъкид кард, ки дар фасли наҳви китоби дарсии С. Ализода якчанд нуқтаҳои муҳимму ҷолибе ба назар мерасад, ки дар ҳамин зинаи шаклгирии афкори навини забоншиносии солҳои 20-30-юми асри XX-и тоҷик аҳаммияти бағоят муҳим дошт ва имрӯз ҳам моҳияташонро гум накардаанд. Яке аз нуқтаҳои ҷолиб ин аст, ки ӯ дар хусуси мувофиқати хабар ба мубтадо чунин қазоват кардааст: «Агар мубтадо исми беҷон (ғайри зируҳ) бошад, мутобиқати нопурра ҷоиз аст: Обҳо равон аст – Обҳо равонанд. Бодҳо мевазад - Бодҳо мевазанд. Ҳамчунин ҳодисаи баръакс, яъне мубтадо дар шакли ҷамъ омада, хабар метавонад танҳо бошад, ё ҷамъ: Лашкари мо диловар аст – Лашкари мо диловаранд». Нуқтаи дигари муҳим ин мебошад, ки С. Ализода оид ба сохтори ҷумла қайду тавзеҳоте овардааст, ки он қоидаҳо имрӯз низ мустаъмаланд. Масалан, ӯ ҷумлаи хулласро ин тавр таъриф додааст: «Ҷумлае, ки фақат аз маҳкум (мубтадо) ва ҳукум (хабар) мураккаб бошад, ҷумлаи муҷаррад (бо истилоҳи имрӯз хуллас Ҳ.В.) мегуянд, ҳамчун: Аҳмад мекушад – Аҳмад кушон аст». С.Ализода оид ба ҷумлаи тафсилӣ низ маълумот додааст, аммо истилоҳи арабии «музайяна»-ро ба кор бурдааст, чунончи: «Ҷумлае, ки ба ҷуз маҳкум ва ҳукум мутаммими дигаре ҳам дошта бошад, ҷумлаи музайяна меноманд, монанди: Аҳмад китоб мехонад, Аҳмад имрӯз бемор аст».

Қайду тавзеҳе, ки С. Ализода доир ба ҷумлаи мураккаби тобеъ овардааст, аз нигоҳи илми наҳвшиносии муосир низ ҷолиб аст. Аз назари ӯ ҷумлаи мураккаби тобеъ аз ду ҷумла: ҷумлаи ибтидоия (сарҷумла-Ҳ.В.) ва ҷумлаи мутаммима (ҷумлаи пайрав ва ё такмилдиҳанда-Ҳ.В.) иборат аст. «Ҷумлаи ибтидоия,-мегуяд С. Ализода, он аст, ки маънои вай дар ҷумлаи

дигар тамом мешавад ва онро ҷумлаи мутаммима гӯянд, монанди: Бипарҳез аз нодоне, ки худро доно шуморад» [23, с. 10-12].

Чунонки дида мешавад, зимни истилоҳи ибтидоия – сарҷумла ва зимни мутаммима муаллиф ҷумлаи пайравро дар назар дорад ва моҳияту нақши наҳвии онҳоро дурусту саҳеҳ баррасӣ намудааст, чунончи, ӯ ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави шартро чунин тавзеҳ додааст: «Ҷумлае, ки дар вай шарт бошад, ҷумлаи шартия ва ҷумлае, ки машрути он бошад, ҷумлаи ҷазоия номанд. Мисол: Агар ба хондан бикушӣ, туро дуст дорам. Дар ин ҷо ҷумлаи «Агар ба хондан бикушӣ» ҷумлаи шартия ва ҷумлаи «Туро дӯст дорам» ҷумлаи ҷазоия мебошад». Дар воқеъ, сарҷумла маънии сазовории шартро дорад ва ҷазо натиҷаи ҳамон шарт аст ва ин хусусияти ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави шарт дар ягон асари илмии марбути наҳви забони тоҷикӣ дарҷ нагардидааст. Дар банди ҷумлаи мураккаби тобеъ як қайди дигари ҷолиби муаллиф дар бораи ҷумлаи муътариза дида шуд. Солҳои зиёд дар бораи ин қолаби ҷумлаи пайравмонанд дар байни забоншиносони аҳди шуравии тоҷик баҳсҳо идома дошт.

Баъзе аз забоншиносон онро ҷумлаи пайрави «истисноӣ», баъзе ҷумлаи пайрави «туфайлӣ», баъзе ҷумлаи пайрави «мавсулӣ», баъзеи дигар ҷумлаи пайрави «иловагӣ» ё «баёнӣ» ва ғайра гуфтаанд. Истилоҳи «ҷумлаи муътариза» сохтаи Сайидризо Ализода нест. Ин истилоҳ бо ҳамин маънӣ дар осори Тафтазонӣ (асри XIV), Атоуллоҳ Ҳусайнӣ (асри XV), Воҷидалихони Муҷмалӣ (асри XIX) дида мешавад, аммо дар забоншиносии навини тоҷикӣ С. Ализода истифода кардааст.

Дигар аз навгонӣ ва хизмати шоистаи С. Ализода, ки баёнгари назари бориконаю мушикофонаи ӯро дар илми забоншиносӣ нишон медиҳад, коркард, шинохт ва муқаррароти аломатҳои китобат дар нигориши тоҷикӣ мебошад. Ӯ дар маҷмуъ нуҳ аломати китобатро ба таври зайл ҷудо кардааст: сакта (вергул), нуқта, нуқта бо сакта (нуқта вергул), ду нуқта, ишорати истифҳом (аломати савол), ишорати нидо (аломати хитоб), форика (тире), аломати муътариза (қавс), муайиза (нохунак). Ҳарчанд аломатҳои китобати

забони тоҷикиро пурра нишон надода бошад ҳам, барои такмили минбаъдаи он асос гузоштааст.

Устод Айнӣ, ки қобилияти забондонӣ, забонфаҳмӣ ва назари илмии С. Ализодаро дар бобати маърифату дарки масъалаҳои сарфу наҳв ва умуман, масъалаҳои умумии забоншиносӣ хуб медонист, нахустин грамматикаи меъёрии мактабиро, ки муаллиф дар таҳия ва нашри он заҳмати зиёд кашида буд, хуш мепазирад ва нуқсони асосии онро дар истифодаи зиёди истилоҳоти арабӣ ба мисли: замир, изофаи ломия, мафъули фиҳ, мафъули маъа, асвот, адот, татобеи изофа медонад. «Вале, – мегуяд устод Айнӣ, … аз ин хусус, муаллифро бозхост карда наметавонем, зеро то ҳол дар бораи истилоҳҳо муҳаррирони тоҷик ба як қарор наомадаанд… истилоҳи фаннӣ ва илмӣ он қадар чизи ғайримуҳимме нест, ки як муҳаррир бо ихтиёри худ вазъу қабул намояд» [351, с. 45].

Дар ҳақиқат, эроди устод Айнӣ дуруст аст, чаро ки дар «Сарфу наҳви тоҷикӣ»-и Сайидризо Ализода баъзе истилоҳоти арабии аз фаҳми хонанда дур истифода шудааст ва ба қавли профессор Д. Хоҷаев: «Агар то андозае аз нигоҳи фарогирии маълумоти назарӣ китоби мазкур содатар, корбасти истилоҳоти арабӣ маҳдудтар ва муодили тоҷикии баъзе истилоҳоти забоншиносии он рӯйи кор оварда мешуд, имрӯз ҳам беҳтарин китоби дарсӣ аз сарфу наҳви забони тоҷикӣ маҳсуб меёфт» [279, с. 13].

Хулоса, Сайидризо Ализодаи Самарқандӣ бо таълифи як даста мақолаҳои забоншиносӣ ва таҳияи китоби дарсии «Сарфу наҳви тоҷикӣ» дар устувор ва ташаккули забоншиносии навини тоҷик, такмили китобҳои дарсии минбаъди забони тоҷикӣ хизмати арзандаю мондагореро анҷом додааст.

2.2.4. Раҳим Ҳошим ва ҷойгоҳи ӯ дар мубоҳисаҳои солҳои 20-30-юми асри XX

Раҳим Ҳошим (5.10.1908 – 24.10.1993) яке аз шогирдони устод Айнӣ мебошад, ки дар мубоҳисаҳои солҳои 20-30-юми асри XX хеле фаъолона

ширкат варзидааст. Ӯ дар атрофи масъалаҳои мавриди мубоҳисаҳои солҳои 20-30-юм қарор гирифта, чандин мақолаҳо ба табъ расонида, андешаҳои худро иброз доштааст.

Раҳими Ҳошим дар мақолаи “Мирзо Фатҳалӣ Охундов” [222] оид ба масъалаи лотинонидани алифбои арабӣ изҳори назар карда, аз ҷумла чунин мегуяд: “Масъалаи лотининонидан ва тағйир додани алифбои араб масъалаест, ки дар натиҷаи эҳтиёҷоти рӯзмарраи миллатҳои турк ва форс ба майдон омадааст” [222, с. 149].

Пас аз ин, муаллиф ба таври мушаххас дар ин бобат заҳматҳои яке аз равшанфикрони асри XIX Мирзо Фатҳалӣ Охундовро ёдрас мешавад. Мирзо Фатҳалӣ Охундов дар бораи тағйири алифбои арабӣ дар соли 1858 ба забони форсӣ китобчае менависад ва соли 1863 барои эълон намудани ин андеша худ ба Истамбул меравад ва китобчаи худро ба Садри аъзами Туркия Фаводпошшо пешниҳод мекунад.

Ин китобчаи Мирзо Фатҳалӣ дар Ҷамъияти илмии Туркия муҳокима карда мешавад ва онро мақбул ҳам мешуморанд. Аммо бо дахолати вазири мухтори Эрон Мирзо Ҳусайнхон ба иҷрои алифбои ислоҳкардашудаи Мирзо Фатҳалӣ иҷозат намедиҳанд. Пас аз ин, Мирзо Фатҳалӣ боз дар мавриди мушкилоти алифбои арабӣ ва зарурати тағйири алифбо китобчаи дигаре навишта ба вазири маорифи Эрон мефиристанд. Ин муроҷиати ӯ низ бенатиҷа мемонад, аммо Мирзо Фатҳалӣ аз ин ҳама дилшикаста нашуда, кори худро идома медиҳад. Ӯ баъд аз ин ҳама машаққатҳо алифбои ягонаи туркӣ, арабӣ ва форсӣ тартиб медиҳад. Албатта, ин ташаббусҳои Мирзо Фатҳалиро тоҷикони Осиёи Миёна ҷонибдорӣ намуда, нуқсону камбудиҳои алифбои арабро фаҳмиданд ва барои қабул кардани алифбои нав масъалагузорӣ намуданд. Бояд гуфт, ки мақолаи Раҳими Мим барои қабули алифбои нав аҳаммияти бузурги тарғиботию амалӣ дошт.

Мақолаи дигари Раҳими Мим “Ба муносибати конференсияи алифбои нав” [223] ном дошта, дар он масъалаи қабул кардани ҳарфи “ҷ” ва “ҷ” баррасӣ шудааст. Конференсияи ноябрии алифбои нав дар бораи дар забони

тоҷикӣ будан ё набудани ин овозҳо ба як қарори қатъӣ омада натавонист, чаро ки дар ин бобат андешаҳои мухталиф пайдо шуд. Баъзеҳо идао мекарданд, ки “аз забони тоҷикони Узбекистон ҳарфҳои мазкур шунида намешаванд”, лекин ба қавли Раҳими Мим, дар ин шакл даъво кардан он қадар дуруст нест. Эҳтимол дорад, ки тоҷикони шаҳри Самарқанд “ڃ”-ро аз ҳалқ ва “ڄ”- ро аз махраҷ намегуянд, аммо бо ин даъво исбот намешавад, зеро агар ба тарзи талаффузи тоҷикони Оҳалиқ, ки аз шаҳри Самарқанд танҳо 11 чақрим дурӣ дорад, диққат кунем, мебинем, ки талаффузи ҳарфҳои “ ڃ” ва “ڄ” аз “و” ва “ا” фарқ дорад ва ин фарқ он қадар равшан аст, ки бо камтар диққат ба ӯ пай бурдан мумкин аст. Аз ин таъкидаш маълум мешавад, ки Раҳими Мим ҷонибдори қабули ин ду ҳарф дар алифбои тоҷикӣ мебошад.

Масъалаи дигаре, ки дар мақола дар бораи он сухан рафтааст, ин аст, ки профессор А.Семёнов барои овози “ا”-и тоҷикӣ (мисли калимаи “хоб” ва “об”) шакли “о”-ро нишон медиҳад. Барои “а”-и русӣ ва барои заммаи ғафс як шакли мураккаби сохта ба майдон мебарояд...

Т. Зеҳнӣ ҳам мақолае бо сарлавҳаи “Дар бораи алифбои нав” [89] нашр карда, дар ин масъала ба гирдоб меафтад ва ба алифбои нави тоҷикӣ “а”-ро ба ҷойи “ا” гирифтан дуруст нест, мегуянд.

“Агар инсоф кунем, ба мо ошкор маълум хоҳад шуд, ки овози “ا”-и тоҷикиро асл на “а”-и қабул карда шуда ва на “о”-и нишон дода мешудагӣ адо мекунад, балки барои ин сода яке шакли машрут гирифтан лозм аст.

Мо, ки “о”-ро ба ҷойи заммаи ғафс гирифтаем, “а”-ро ба ҷойи “ا” бигирем чӣ айб аст? Бо тағйир додани шакли ин овоз мо ба ғайр аз душворӣ чизи дигаре ба даст дароварда наметавонем” [89, с. 200-202].

Дар мақола боз ду масъалаи дигар: яке теъдоди овозҳои садонок ва роҳи ифодаи садонокҳои дароз; дигаре қабул кардан ё накардани ҳарфи калон мебошад.

Ҳамаи мулоҳизаҳои Раҳими Мим ҷолиби таваҷҷуҳ буда, дар алифбои нав, ба истиснои қабули навишти ҳарфи калон, пазируфта мешавад.

Мақолаи дигаре Раҳими Мим бо унвони “Дар гирди забони адабии тоҷик чӣ менависанд?” [225] як назаре ба мақолаҳои Музаффар, Диёкуф, Думбол, профессор Шилд мебошад. Мақола хеле муфассал буда, дар он сухан аз боби забони адабии замони нав кадом аст, ё ба тарзи дигар бигуем, асоси забони адабии нав чиро қарор додан даркор аст?, меравад.

Мақолаҳо сабаби музокираву мубоҳисаҳо дар маҷлиси машваратӣ, ки 10-уми октябри соли 1928 дар Тошканд барои тайёрӣ ба конференсияи алифбои нав гузаронида мешавад, мегардад. Баъд аз ин, машварат барои ҷалби диққати омма дар матбуот мақолаҳо пайдо мешаванд. Дар мақола бо номи “Ба мо забони оммафаҳм даркор аст” [224] муаллиф ҷараёни музокираҳои маҷлиси машваратии Тошкандро тасвир мекунад: Баъзе иштироккунандагони маҷлиси машварат мехостанд собит кунанд, ки забони оммафаҳм забони китобии як табақаи болоии майда аст, ки тарбияи эронӣ гирифтанд. Бо фикри онҳо ин забонро забони адабии тоҷикӣ гуфта ба дасти тоҷикон додан даркор аст. Вале дигарон тақрибан ба оммаи халқи тоҷик фаҳмо набудани забони китобиро қайд карда, мегуфтанд, ки як лаҳҷаи бештар умумишудаи тоҷикиро, ки аксарияти халқи тоҷик онро мефаҳманд, забони адабии тоҷик шинохтан даркор аст.

Раҳими Мим дар мақолаи худ мақолаи Думбол “Оё лозим аст, ки забони адабии тоҷикӣ аз нав эҳё шавад” [77]-ро таҳлил карда, аз он чунин натиҷа мебарорад, ки азбаски забони деҳқонон камбағал мешавад, онро барои забони адабӣ асос қарор додан мумкин нест. Забони Самарқанд ва Бухоро забони савдогарон аст ва бисёр таъбиру калимаҳои узбекӣ ва арабӣ дорад ва ба оммаи тоҷикон бегона аст. Бинобар ин, ӯро ҳам забони умумӣ қарор додан нашояд. Пас чӣ бояд кард? Ба фикри рафиқ Думбол забони “китобатӣ”-и имрӯзаро ислоҳ ва такмил карда, ба шакли забони умумии расмӣ даровардан лозим аст.

Дигар аз мақолаи Раҳим Ҳошим бо тахаллуси Раҳими Мим дар солҳои мубоҳисаҳо дар атрофи масъалаҳои алифбо, имло ва забони адабии тоҷикӣ навиштааст, “Дар атрофи масъалаи алифбои нав дар Эрон” [226] ном дорад.

Дар ин мақола сухан аз он меравад, ки кишвари Туркия низ дар ҳамон соли 1928-29 ба сурати қатъӣ ба алифбои нави ба асоси лотинӣ дуруст кардашуда мегузарад ва ин ҳаракат ба Эрон низ таъсир мерасонад. Аз ҷониби чанд нафар ба мисли Саид Нафисӣ, Рашиди Ёсамӣ, Ҳусайни Зандонӣ лоиҳаҳои гуногун пешниҳод мешавад. Раҳими Мим ҳамаи он лоиҳаҳоро дар мақола оварда, дар хотимаи мақола ҷамъбаст мекунад.

Мақолаи дигари Раҳими Мим бо номи “Забони меҳнаткашони форсзабон” [227] ба нашр мерасад. Дар ин мақола ӯ аз аҳаммияту саҳми забони адабии нави замони шуравии тоҷик дар муборизаи меҳнаткашони Шарқ барои ба даст даровардани озодӣ сухан меронад. Муаллифи мақола чунин изҳори назар кардааст, ки барои паҳн кардани фикрҳои пролетарӣ, барои ёд додани дарсҳои муборизаи синфӣ, барои гуфта додани муваффақиятҳои мо матбуот як аслиҳаи нозук ва муҳимме аст. Аз ин рӯ, мо бояд ба масъалаи забони матбуот ҷиддӣ муносибат намоем, зеро тавассути матбуот мо ба майдони мубориза мебароем ва барои забони адабии нав талош меварзем. Мақолаи дигари Раҳим Ҳошим бо номи “Дар арафаи ҳал кардани масъалаҳои забон, алифбо ва имло” [228] нашр шудааст. Дар мақола таъкид шудааст, ки дар назди конференсияи илмӣ 3 масъалаи муҳим меистад:

1. Масъалаи забони адабӣ
2. Масъалаи алифбо
3. Масъалаи имло

Аммо муаллифи мақола таъкид мекунад, ки аз ин масъалаҳо муҳимтарин ва асоситарин масъалаи забон аст. Дар воқеъ, муҳимтарин ва душвортарин масъала забон маҳсуб меёфт, чаро ки дар атрофи он ақидаи мухолиф ва бисёр ҷиддиву нозук ба майдон омада буд. Масалан гурӯҳе масъалаи қабул кардани забони имрӯзаи матбуоти Эронро ба миён гузоштанд, аммо, забони имрӯзаи Эрон, забони аристократон, забони ташрифот, маддоҳона ва муболиғаҳои хону беку мулкдорони он шуда дар байни давраи феодалӣ ва буржуазӣ дар истифода буд ва моли ин ду синф ба шумор мерафт, аз оммаи меҳнаткаши он сарзамин дур ва аз ин ваҷҳ ба вай

бегона буд. Дар ин қисмати мақола муаллиф фикри мухолифинро дар масъалаи қабули забони матбуоти Эрон бо далелҳои мушаххаси ҳаётӣ рад карда, ба тариқи хулоса чунин ибрози андеша кардааст: “Дар ин конференсияҳо бояд ба фикрҳои хатое, ки дар боло зикр карда шудаанд, зарба дода шаванд ва барои кор кардани забони адабии мавҷудаи тоҷик, барои аз унсурҳои бегона пок кардани вай, барои ҳал кардани масъалаҳои луғат, истилоҳ ва ғайра чораҳо дида шуда, барои тараққиёти ояндаи забони тоҷик роҳҳо кофта шавад” [228, с. 560].

Масъалаи дигаре, ки дар хусуси он Раҳим Ҳошим баҳс мекунад, “вов”-и маҷҳул аст, ӯ мегӯяд, ки “вов”-и маҷҳул ба фалон ҷоҳо маълум нест гуфта, бароварда партофтан ва як туда ҷойҳоеро, ки ин овоз кор кунонида мешавад ва бисёр роли муҳим бозӣ мекунад, фаромуш кардан то чӣ андоза илмӣ аст? Овози “й” дар байни тоҷикон нест гуфтан то чӣ андоза дуруст аст? Ҳалли дурусти ин масъаларо муаллифи мақола дар таҳқиқи илмии гӯйишҳои тоҷикӣ мебинад.

Ҳамин тавр, Раҳим Ҳошим хеле дилсӯзона, беғаразона ва бо диду назари илмӣ дар мубоҳиса ва ҷаласаҳои илмӣ барои ҳалли дурусти масъалаҳои забони адабии тоҷик алифбо, имло ва истилоҳ нақши мондагор гузоштааст.

2.2.5. Абдурауф Фитрат ва саҳми ӯ дар мубоҳисаҳои солҳои 20-30-юми асри XX

Соли 1930 «Қоидаҳои забони тоҷик» (сарфу наҳв) [267], ки ба қалами донишмандони мумтози илму фарҳанги ибтидои асри XX Абдурауфи Фитрат тааллуқ дорад, дастраси хонандагони тоҷик гардид. То таълифи ин асар китобҳои дарсии Сайидризо Ализода «Сарфу наҳви тоҷикӣ» [23], Турақул Зеҳнӣ «Сарфи забони тоҷикӣ» [97] ба табъ расида буданд, аммо замона тақозо дошт, ки грамматикаи шаклӣ навишта шавад, зеро ин амал дар забони русӣ ва забонҳои дигари Иттиҳоди Шуравӣ татбиқ шуда буд.

Муаллиф дар назар дорад он ҳама дастуру китобҳои дарсиеро, ки аз асосҳои дастури забони тоҷикӣ то таълифи асари ӯ навишта шудаанд, боз ҳам набудани як сарфу наҳв, ки махсус барои мактаб ва ба асоси шаклӣ навишта шуда бошад.

Дастури таълимии Абдурауфи Фитрат «Қоидаҳои забони тоҷик» [272] дар натиҷаи таҳлили маводди чандин сол гирдовардаи муаллиф дар муқоиса ва муқобала бо маълумоти кутуби дигар таълиф шуда, маълумоти муқаддимавиеро аз савтиёт ва дастури забони тоҷикӣ фаро гирифтааст. Ҳамчунон ки худи муаллиф дар сарсухан таъкид кардааст, ин китобча аввалин дастурест бо усули ҷадиди шарҳи масоили сарфу наҳв.

Ба хотири он ки бисёр масоилу бахшҳои илми забоншиносии тоҷик ҳоло таҳқиқу таҳлили дурусти илмӣ нашуда буданд, хулосаю ҳукме баровардан дар бораи бисёр ҳодисаҳои дастурӣ душвор ва ҳатто номумкин буд. Дар ҳар сурат муаллиф онро китоби дарсӣ барои мактабҳои дараҷаи 1 ва 2 номидааст ва дар он солҳо ин иқдоми нақиб буд. Дастури таълимии «Қоидаҳои забони тоҷик» (сарфу наҳв) аз муқаддима, қисмҳои савтиёт, сарф ва наҳв мураттаб гардидаст.

Дар муқаддимаи дастур, ки ҳамагӣ 3 саҳифа аст, муаллиф бо усули хеле сода дар бораи забон ва моҳияту арзиши он дар ҷомеа маълумоти кутоҳ дода, сипас роҷеъ ба қавонини забон, воҳидҳои забону қисматҳои илми забоншиносӣ маълумоти муқаддимотӣ оварда, барои дар зеҳни хонанда нигоҳдории ин маълумоти мадхалӣ суолҳои фарогири мазмуни дониши муқаддимотиро низ матраҳ сохтааст, ки хеле хуб аст.

Муаллиф баррасии масъалаҳои марбут ба савтиётро аз шарҳи асбобҳои овозбарорӣ шуруъ кардааст, ки воқеан, дуруст ва мантиқӣ аст. Бисёр ҷолиб аст, ки муҳаққиқ ниҳоят содаю фаҳмо саҳми ҳар кадом аз узвҳои овозсозро дар падидоии овозҳои нутқ нишон дода, вобаста ба тарзи ҳосилшавиашон ба овозҳои алоҳида тавсифи фонологӣ додааст.

Муаллифи дастур дар асоси мушоҳидаҳо ба натиҷае мерасад, ки дар баробари забон барои ҳосилшавии овозҳои нутқ ҳаво, шуш, нойи нафас,

садопардаҳо, тилчак (забонча), димоғ, дандон, лаб, ком, қафаси сина, устухонҳои паҳлу саҳми муҳим доранд.

Бисёр ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки Абдурауфи Фитрат ҳануз дар ҳамон солҳо миқдори овозҳои забони тоҷикиро 31 адад донистааст, ки ба шинохти имрӯзи фонемаҳои забони тоҷикӣ мувофиқ меояд. Ҳам дар тавсифи садонокҳо ва ҳам ҳамсадоҳо Абдурауфи Фитрат бо назари имрӯзи фаҳмиши овозҳои нутқ хеле наздик қазоват кардааст, чунончи: «Овозҳое, ки дар вақти гуфтан ҳаворо дар ягон ҷойи даҳон банд карда, сар медиҳем, монанди к, д, в, р, т, қ. инҳоро овозҳои бесадо (сомит – согласный) меноманд ва овозҳое, ки аз гулу мебарояд ва дар вақти гуфтани онҳо чакак кам ё зиёд кушода мешавад ва ҳаво дар ҳеҷ нуқтаи даҳон банд намешавад, онҳоро овозҳои босадо (соит - гласный) мегуянд [272, с.14]. Босадоҳои забони тоҷикӣ 8 адад буда, ба 3 ҷуфт ва 2 тоқ тақсим мешаванд: 6 босадои ҷуфт – ҷуфт: Ҷадвали 3.

Кутоҳ	У, И, А
Дароз	Ӯ, Ӣ, О

Ду босадои тоқа: е, у.

Бисту се овози боқимонда овозҳои бесадо ҳастанд. Пас аз ин муаллиф овозҳои нутқро тавсифи миқдорию сифатӣ дода, махраҷи онҳоро мухтасар шарҳ додааст, ки хеле ҷолиб мебошад. Дар дастури мазкур ҳодисаи ҳиҷо ва ҳиҷоҷудокунӣ, зада ва қолабҳои заданокии калимаҳои тоҷикӣ мушаххасан шарҳ дода шудааст. Дар қисми сарфи дастур муаллиф кӯшиш кардааст, ки моҳияти сарфи шаклиро кушояд. Аз ин рӯ, саҳму арзиши реша ва пасванду пешвандҳои калимасозу шаклсозро дар созмондиҳии вожаҳо бо мисолҳо нишон додааст.

Ба ин мақсад маъмултарин пасванду пешвандҳои калимасози забони тоҷикиро бо мисолҳо шарҳ дода, саҳми онҳоро дар калимасозию калимабандӣ равшан сохтааст. Маълумоти пурраи дастури «Қоидаҳои забони тоҷик»-и Абдурауфи Фитрат дар бораи сарфи забони тоҷикӣ хеле мувофиқу муфид буда, қариб ҳамаи паҳлуҳои илми сарфи тоҷикиро дар ҳадди таълими

мактаби ҳамагонӣ фаро гирифтааст, чунончи, ӯ таҳқиқи сарфии калимаро дар асоси маънӣ мероси юнониҳо дониста, онро бисёр куҳнашуда медонад ва дар ин ақида аст: «аввалан, сарф ҷиҳати берунии калимаро, яъне шакли калимаро, гирифта, дигаргун шудан ва тағйир ёфтанҳои ҳамон шаклро таҳқиқ мекунад, бинобар ин, агарчи аз ҷиҳати дарунии калима, яъне аз маънии калима, тамоман қатъи муносибат накунад, боз ҳам ӯ (яъне сарф) маънии калимаро асоси корҳои худ карда наметавонад, дуюм тақсими мантиқии сарф як ҳудуди маълум ва муайян надорад, калимае, ки мо вайро сифат мегуем, баъзан исм мешавад ва калимае, ки мо вайро исм мегуем, гоҳо сифат шуда мемонад, чунончи, калимаҳои «бузург», «хурд», «сангин», сифат ҳастанд ва гоҳо исм ҳам мешаванд (Бузург, Хурд, Сангин номи одамҳо ҳастанд) ва калимаҳои «намад», «гов», «муш», исм буда, гоҳҳо сифат ҳам мешаванд: Ҳалими намад, Неъмати гов, Аҳмади муш» [272, с. 65].

Албатта, ин андешаҳои муаллиф аз нигоҳи дастури шаклӣ комилан дуруст аст, аммо бинед, ки ҷо-ҷо худи муаллиф низ маъниро наметавонад, ки сарфи назар кунад, чаро ки калима дар ҳолатҳои мухталиф нақш адо менамояд ва вобаста ба ин ҷилоҳои маъноӣ пайдо мекунад ва аз рӯйи сохт онро ба ин ё он гурӯҳ наметавон дастабандӣ кард. Сохтгароӣ дар дастурнависӣ як даврае мақом пайдо карда буд ва боз ба танқид гирифтор гардид ва баъдтар дар таълифи дастурнависон ҳам хусусиятҳои шаклӣ ва ҳам маъноии калима ба эътибор гирифта шуд.

Мутаассифона, маълумотеро, ки оид ба феъл ва шаклҳои замонӣ, сиғаҳои он овардааст, нисбат ба маълумоти муфассали китоби «Сарфу наҳви тоҷикӣ»- и С. Ализода муътабар нест.

Як хизмати шоиста ва арзандае, ки Абдурауфи Фитрат бо таълифи ин дастур анҷом додааст, ин аст, ки вай мисли Т. Зеҳнӣ, Б. Ҳоҷизода, Ҳ. Бақозода то андозае истилоҳоти забоншиносии марбут ба сарфу наҳв ва савтиётро тоҷикӣ ё наздик ба забони тоҷикӣ кардааст, чунончи: овоз, сарф, наҳв, ҷумлабандӣ, махраҷ, ҳиҷо, зада, часпак, оҳангбахш, бандак, ковок,

ғулба, садопарда, девори ной, роҳи нафас, ҷарангнок, бечаранг, овозбарор, босадо, бесадо.

Шарҳе, ки муаллиф оид ба ин ё он мафҳуми грамматикӣ меорад, дилчаспу сода ва бо лаҳни шево баён шудааст. Чунончи, оид ба реша чунин тавзеҳ овардааст, ки реша асл ва ҷавҳари калима аст, ки маънои калима дар ӯст. Ва часпакҳоро ба худ гирифта калимаҳои часпакдор медиҳад. Реша пеш аз ин ки часпакеро ба худ бигирад, маънии мустақил дорад ва бе ҳеҷ часпаке метавонад, ки дохили ҷумла шуда, дар гуфтугӯй истеъмол шавад.

Часпакҳоро муаллифи дастур вобаста ба вазифаашон ба се навъ: калимасоз, калимабанд ва оҳангбахш ҷудо кардааст: Часпакҳои калимасозро дар навбати худ ба ду ҷудо мекунад: яке часпакҳои калимасозе, ки маънии решаро дигар мекунад. Монанди: кор+гар = коргар, гул + зор = гулзор..., дигаре часпакҳои шаклсоз, ки ба реша тобишҳои нисбату кайфият ё миқдору андоза мебахшанд. Монанди: китоб + ча = китобча, духтар + ак = духтарак, доно + тар = донотар. Ин андешаҳои Абдурауфи Фитрат дар китобҳои дарсии сарфи забони тоҷикӣ имрӯз ҳам мустаъмаланд. Бисёр ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки дар дастури «Қоидаҳои забони тоҷик»-и Абдурауфи Фитрат хусусияти омографии часпаки – ӣ хуб шарҳ ёфта, чунин маъниҳои грамматикии он шарҳ дода шудаанд:

а) Бо сифат ҳамроҳ шуда исми тамоми сифатро ҳосил мекунад. Масалан: сафед+ӣ=сафедӣ, сиёҳ + ӣ = сиёҳӣ, кутоҳ + ӣ = кутоҳӣ, коргар+ӣ=коргарӣ, меҳнаткаш+ӣ= меҳнаткашӣ, тангдил+ӣ= тангдилӣ, мевафурӯш+ӣ= мевафурӯшӣ ва ғайраҳо.

б) Дар охири исм омада, сифати нисбатдор месозад: Самарқанд + и = самарқандӣ; бухор + ӣ = бухорӣ; хиёбон + и = хиёбонӣ; ток + ӣ = токӣ; гусфанд + ӣ = гусфандӣ; навбат + ӣ = навбатӣ; деҳқон + ӣ = деҳқонӣ; мардикор + ӣ = мардикорӣ; боғ + ӣ = боғӣ; замин + ӣ ва дигарҳо;

в) Дар охири исми кор омада, сифати сазоварӣ месозад: шунидан + ӣ = шуниданӣ; дидан + ӣ = диданӣ; хурдан + ӣ = хурданӣ; куштан + ӣ = куштанӣ; рафтан + ӣ = рафтанӣ; омадан + ӣ = омаданӣ; сухтан + ӣ = сухтанӣ; афрухтан

+ӣ = афрухтанӣ; духтан + ӣ = духтанӣ ва дигарҳо; Гоҳо ин шакл, - мегӯяд муаллиф, аз мартабаи сазоворӣ гузашта, сифат ва хубиро ифода мекунад: Ин кор гуфтанӣ аст.

г) Ҳамин сифатҳои сазоворӣ дар маънии сифати хоҳишмандӣ ҳам истеъмол мешавад: Ман ба назди шумо рафтанӣ будам. Ӯро диданӣ ҳастам. Ту ин корро накарданӣ ҳастӣ. Бародарам мактаб хонданӣ аст ва дигарҳо.

Муаллиф ба тариқи танбеҳ таъкид менамояд, ки «Агар пеш аз часпаки «ӣ» соитҳои о, ӯ, у биёяд, часпаки (ӣ) ба (йӣ) ё бо (гӣ) бадал мешавад: саҳроӣ = саҳрогӣ, донаййӣ = донагӣ, хушбуййӣ = хушбугӣ…». Агар пеш аз часпаки (ӣ) соитҳои ӣ, и, а, е биёяд, часпаки (ӣ) бо (гӣ) бадал мешавад: бандагӣ, ҷумъагӣ, шанбегӣ, хоҷагӣ, бухоригӣ…. Бо ҳамин тартибу усул муаллиф тамоми пасванду пешвандҳои калимасозу шаклсоз ва миёнбандҳои дар забони тоҷикӣ мустаъмалро шарҳу эзоҳ додааст.

Ба ҳамин тарик, қисмати сарфи ин китоби дарсӣ бо усули сохтгаро комилан ҷавобгӯ буда, қариб тамоми қоида ва қонунҳои сохтори калимаро фаро гирифтааст.

Дар маҷмӯъ муаллифи дастур дар қисмати калимасозӣ чунин часпакҳои калимасозро бо далелҳо шарҳ додааст: -зор, -дон, -истон, -када, -она, -ан, -иш, -ор, -а, -ӣ, -ин, -ина, -бо, -нок, -о, -манд, -вор, -бон, акӣ, -гор, -гар, бе-, дам-, -чӣ, -анда, -ваш, -осо, вор.

Ин гуна шарҳи дастурӣ дар он солҳо, ки ҳеҷ як мавзуи сарфу наҳви тоҷикӣ ҳоло баррасии илмӣ нашуда буд, танҳо дар натиҷаи огоҳии комил аз афкори забоншиносии гузаштаи тоҷик, араб ва забоншиносии русу аврупо даст медод.

Ҳамин гуна қайду тавеҳи муфидро дар бораи часпакҳои калимабанду оҳангбахш низ дидан мумкин аст. Воқеан, қисмати сарфи дастур бо фарогирии масъалаҳои мавриди назар хеле ҷолиб мебошад. Дар қисмати сарфи дастури Абдурауфи Фитрат агар аз диди имрӯзи забоншиносӣ назар кунем, баъзе нуқсону носаҳеҳиҳо ба чашм мерасанд. Махсусан, дар мавзуи

бандакҳо то андозае омезиши хелҳои бандакҳо, ки вазифаҳои мухталифи сарфию наҳвӣ доранд, дида мешавад.

Дар фасл ё боби феъл ҳам дарҳаму барҳамӣ мушоҳида шуда, шаклҳои замонии феълҳо вобаста ба сиғаҳо бо як низоми муайян дода нашудааст. Чунончи, тартиби феълҳоро ба ин тариқ овардааст: феъли амр, феъли оянда, феъли ҳозир, феъли гузашта, феъли гузаштаи нақлӣ, ҳикоягии гузашта, ҳикоягии гузаштаи нақлӣ. Мутаассифона, муаллиф дар ин бобат аз «Сарфу наҳви тоҷикӣ»-и С. Ализода истифода накардааст, ҳол он ки дар китоби дарсии С. Ализода низоми феъл бо тасриф аз рӯйи сиғаҳо хеле хуб тасвир шудааст. Ҳатто дар китоби дарсии барои мубтадиён таълиф намудаи донишманди фарзонаи асри XVI Хоҷа Ҳасани Нисорӣ «Чаҳор гулзор» [275] низоми феъли тоҷикӣ аз дастури Абдурауфи Фитрат беҳтар дода шудааст.

Дар фасли ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ, ки бо номи «ёрдамчиҳо» омадааст, пешоянду пасояндҳо, пайвандаку ҳиссачаҳо омехта карда шудааст. Чунончи, муаллиф мегуяд: “Агар – ин пешоянд дар аввали калима омада, шартӣ будани ҷумларо ифода мекунад. Агар имрӯз биёӣ, боз ҳам меравем. Агар наёӣ, намеравем. Агар китоб аз туст, бигир. Ё ин ки: **Ҳатто** - ин пешоянд ба ниҳоят расонидани мазмуни ҷумларо ифода мекунад. Бисёр зорӣ карда, ҳатто гирист. Ҳеҷ кас, ҳатто худат ҳам набудӣ. Аслан – Ин ҳам аз арабӣ гирифта шудааст ва хизмати ҳар чизро мекунад. Ин боғ, аслан, мева надорад. Ман туро, аслан, надидаам [275, с. 116].

Қисми сеюми дастури таълимии Абдурауфи Фитратро қоидаҳои марбути наҳв фаро гирифтааст. Муаллиф мафҳумҳои наҳв ва воҳидҳои онро аз диди шаклӣ таҳлилу шарҳ бастааст ва тарафи маъноии ҳодисаҳои наҳвӣ сарфи назар шудааст. Албатта, ин аз диди забоншиносии солҳои 30-юми асри XX буд, аммо баъдтар ин назария ба танқид гирифтор шуд ва усули ё принсипи шаклию маъноӣ пазируфта шуд.

Абдурауфи Фитрат дар шарҳи мавзуъҳои наҳв низ ба дараҷае шаклгаро аст, ки чунин қазоват кардааст: «Наҳв, ки як қисм аз қоидаҳои забон аст,

албатта, аз ҳамин хат (дар назар дорад шакли берунии ҷумлаҳои забонро-Ҳ.В.) баромада наметавонад. Наҳв ҳам шакл ва тартиби берунии ҷумлабандиро ва чӣ гуна тартиб шудани калимаҳои дар ҷумла будагиро тадқиқ мекунад. Инак, аз ҳамин нуқтаи назар наҳвро таъриф мекунем:

«Наҳв – илмест, ки намоиши берунии калимаҳои дар ҷумла будагиро ба шакли берунии таркиби ҷумлабандиро тадқиқ мекунад» [272, с. 38].

Тавре ки аз иқтибоси фавқ маълум аст, дар таъриф ва шинохти наҳву қонунҳои он низ А. Фитрат комилан ба зоҳири ҳодисаву воҳидҳои наҳв эътибор додааст, аммо ҷиҳати маъноии воҳидҳои наҳв, ҳамнишинии мантиқии воҳидҳои сатҳи гуногун дар ҳайати қавлу калом сарфи назар шудааст, масалан, дар як мисоле, ки барои тартиби калима дар ҷумла оварда шудааст, ҳарчанд ҷумла аз нигоҳи қоидаҳои наҳв дуруст бошад ҳам, аз нигоҳи мазмун ғалати маҳз аст, чунончи: Гург одам мехӯрад, Одам гург мехӯрад.

Дар дастури Абдурауфи Фитрат таркиби ҷумла аз хабар шуруъ шудаву баррасӣ шудааст. Муаллиф, воқеан, мақоми хабарро дар ташкили ҷумла назаррас медонад. Дигар аз мавзуъҳое, ки дар қисми сеюми ин китоби дарсӣ аз бахши наҳв ба сурати ҷолибу густурда матраҳ шудааст, пуркунанда мебошад, аммо, мутаассифона, пуркунандаҳоро бо ҳолшарҳкунандаҳо муаллиф омехта кардааст.

Хулоса, китоби дарсии донишманди тавоно Абдурауфи Фитрат дар забоншиносии навини тоҷикӣ аввалин таҷрибае аз усули сохтгаро буда, бисёр ҷиҳатҳои сохтори сарфиву наҳвии забони тоҷикиро равшану возеҳ намудааст. Дар таърихи шаклгирии забоншиносии навини тоҷикӣ бо таъсири назарияи забоншиносии рус ва Аврупо усули сохтгароиро дар таълифи дастурҳои забони тоҷикӣ ҷорӣ намуд. Ҳарчанд ки усули сохтгаро яктарафа бошад ҳам, Абдурауфи Фитрат бо ин усул бисёр ҷиҳатҳои зоҳирии норавшани сарфу наҳви тоҷикиро мушаххас кардааст.

2.2.6. Абдулвоҳид Мунзим ва нақши ӯ дар мубоҳисаҳои солҳои 20-30-юми асри XX

Дар мубоҳисаҳои солҳои 20-30-юми асри XX, ки аз соли 1926 баробар бо нашри асари устод Айнӣ “Намунаи адабиёти тоҷик” ва китоби дарсии Сайидризо Ализода “Сарфу наҳви тоҷикӣ” шуруъ мешавад, бисёр адибону олимон ва муаллимону рӯзноманигорон иштирок мекунанд. Ҳар кадоме аз иштироккунандагон оид ба масъалаҳои забоншиносӣ назари худро баён дошта, аз мавқеи сиёсӣ ё тахассусӣ муҳокима меронд. Доираи мавзуоти баҳсҳои солҳои 20-30 дар атрофи забони тоҷикӣ хеле васеъ буд, аммо як нукта равшан ба назар мерасад, ки маҳз дар заминаи ҳамин мубоҳисаҳо бунёди илми забоншиносии навини тоҷик гузошта мешавад.

Дар поягузории илми забоншиносии навини тоҷик чеҳраҳои алоҳида саҳми муҳим доштанд ва яке аз ин чеҳраҳо Абдулвоҳиди Мунзим маҳсуб меёбад.

Шарифҷон Садри Зиё дар “Тазкор-ул-ашъор”-и худ Абдулвоҳид Мунзимро тавсиф карда, ӯро хирадманд, доно, санҷидагӯ ва зинатафзои насру андалеби хушовози назм номида, дар ҳунари хаттотӣ беҳамто медонад.

Абдулвоҳид Мунзим, чунон ки таъкид гардид, дар мубоҳисаҳое, ки солҳои 20-30-юми асри XX дар атрофи забони тоҷикӣ сурат гирифта буд, фаъолона ширкат варзида, дар роҳи ташаккули забоншиносии навини тоҷик, содаву суфта гардидани забони адабии тоҷик, устувор шудани меъёрҳои он хизмати шоиста кардааст. Вай назари худро оид ба масъалаҳои баҳсталаби забони тоҷикӣ ва асосҳои дастури он дар як даста мақолаҳояш баён кардааст.

Мақолаи аввали А. Мунзим ба номи “Дар бораи забони тоҷикӣ” [170] дар соли 1928 ба табъ расидааст. Мазмуну мундариҷаи мақола оид ба ду ҷараён ё равише, ки мубоҳисакунандагон доир ба забони адабии тоҷикӣ пеш гирифтанд, мебошад.

Гурӯҳе даъво мекарданд, ки мо бояд забони форсӣ, ки то ҳол тоҷикони Эрону Афғонистон ва Ҳиндустон истифода мебаранд, ба сифати забони адабии тоҷикӣ қабул ва ба кор барем, чаро ки гуфтор ва лаҳҷаи тоҷикон

вобаста ба маҳалли зисташон ҳар хел буда, аз ҳам фарқ доранд. Аз ин рӯ, агар мо яке аз лаҳҷаҳоро асос қабул кунему бо он адабиёти бадеӣ эҷод намоем, на ҳамаи намояндагони маҳалҳои гуногун онро мефаҳманд.

Дигар ин, ки агар мо забони форсиро ҳамчун забони адабии худ қабул намоем, мо бо тамоми тоҷикони дунё, аз ҷумла, тоҷикони Эрон, Афғонистон, Ҳиндустон ва дигар манотиқи дунё пайванду наздик мешавем, барои интишори фикру андешаҳояшон имконият пайдо мекунем.

А.Мунзим дар ин ақида аст, ки забони тоҷикиро осон, ҳамафаҳм карда ба ранге даровардан даркор аст, ки ба ҳамаи тоҷикони ҷаҳон дилнишин бошад ва ҳамагӣ ҷӯёи ин забон гарданд ва А. Мунзим ҷонибдори ин ақида аст, ки забони форсии дар Эрон роиҷ буда низ ба ҳамаи тоҷикони бошандаи Эрон фаҳмо нест, зеро он дорои калимаву таркиботу истилоҳоти арабӣ мебошад, агар онро мо қабул намоем, аксари кулли тоҷикон, хусусан, ба ғайр аз аҳли саводе, ки забони арабиро то андозае медонад, ба оммаи мардуми тоҷик фаҳмо нест ва як мисоле аз гуфтори мардуми арабидони Эрон меорад, ки ин аст: “Ҳар кас медонад, ки “ташнае об бинӯшад”- ро чунон ки нависандагони Осиёи Миёна ва Эрон мефаҳманд, оммаи халқи тоҷик низ мефаҳманд, вале “аташоне моъ бишурбид”-ро ба ҷуз адибони Эрон ва чанде арабидонон дигар касе намефаҳманд.

Дар ин мақола А. Мунзим боз мисоли дигар меорад, ки ин аст:

“Гурӯҳи аввал (онҳое, ки забони форсии Эронро ҷонибдорӣ мекарданд - Ҳ.В.) менависанд, ки:

Замин сабз шуд аз нузуми рабеъ
Даромад чу зумруд ба шакли бадеъ”.

Гурӯҳи дувум мегуяд:

Баҳор омад, аз сабза рӯйи замин,
Ҳама гашт зебо зумуррад барин [170, с. 378].

Бубинед, ки аз ин ду байт, – мегуяд А. Мунзим кадомаш осонтару ба фаҳми омма наздиктар аст. Касе, ки адабиёти тоҷикӣ менависад, “баҳор омад”-ро монда ба кадом забон “нузули рабеъ” мегуяд. Шакли “бадеъ”-ро ба

ҷуз якчанд арабидон дигар нафаре намефаҳманд. Агар ошиқони забони Эрон, – суханашро идома медиҳад А. Мунзим, осонро даркор надонанду оммаро ба чашм нагиранд, бисёр ғалат мекунанд” [170, с. 377-380].

Ба ҳамин тариқ, А. Мунзим дар масъалаҳои забони тоҷикӣ ҷонибдори ақидаест, ки забони адабии тоҷикиро сода, осон ва аз калимоту ибораҳои номафҳум тоза карда, дастраси оммаи васеи тоҷикон бояд намуд.

Дар мақолаи дуюми А. Мунзим, ки таҳти унвони “Забони бухориён тоҷикӣ ё узбекӣ?” [171] дар хусуси он сухан меравад, ки мардуми Бухоро, асосан, тоҷиканд ва ҳануз дар ҳамон солҳои аввали собиқ Иттиҳоди шуравӣ қариб ҳамаи мактабҳои ибтидоие, ки дар шаҳр ва атрофи Бухоро будааст, бо забони узбекӣ дарс мехонданд. Таълим ба забони узбекӣ барои кӯдакони тоҷик, ҳамчунон ки А. Мунзим бо мисолҳо нишон додааст, душворӣ доштааст.

Умуман, дар ин мақолаи муаллиф дар масъалаи бо забони тоҷикӣ таълим додани тоҷикони муқими Бухоро сухан рафта, ҳалли онро муаллиф аз масъалаҳои муҳимми маорифу фарҳанг медонад.

Мақолаи сеюми А. Мунзим “Дар бораи забони адабии тоҷикӣ” [172] ном дошта, дар мақола сухан аз мақолаҳои мубоҳисавие меравад, ки дар саҳифаҳои рӯзномаҳои “Овози тоҷик”, “Тоҷикистони сурх” ва маҷаллаи “Роҳбари дониш” нашр шудаанд. А. Мунзим чанде аз онҳоро номбар карда, яке аз онҳоро, ки ба қалами Б. Икромӣ тааллуқ дорад, беҳтарин шуморида, аз он мақола иқтибос оварда, мулоҳизаронӣ кардааст. Мақолаи Б. Икромӣ “Дар гирди масъалаи забони матбуоти тоҷикӣ” [103] ном дошта, дар рӯзномаи “Овози тоҷик” 16-уми декабри соли 1928 нашр шудааст. Дар ин мақола Б. Икромӣ мулоҳизаҳои худро дар бораи ду гурӯҳи мубоҳисакунандагон дар бораи таъйин намудани забони адабии меъёри тоҷикӣ, аз ҷумла, забони матбуоти тоҷик ва забони китобии тоҷикӣ ва муносибати он бо забони оммаи мардуми тоҷик мулоҳизаҳои худро баён мекунад. Дар воқеъ, чунон ки А. Мунзим бо як ҳаяҷону эҳсоси баланд таъкид кардааст, мақолаи Б. Икромӣ бо масъалагузорӣ, муҳокимаву хулосабарориҳои муаллиф беҳтарин мақола

маҳсуб меёбад. Б. Икромӣ ақидаи мубоҳисакунандагонро ба ду гурӯҳ тақсим менамояд. Як гурӯҳ аз нависандагони тоҷик тарафдори ин ҳастанд, ки забони адабии тоҷикӣ, забони форсие, ки то ҳоло дар байни тоҷик, эронӣ афғону ҳиндӣ муштарак аст, қабул карда шавад (Ин ба назари мо ҳамон забони адабии класикии дарӣ аст, ки ба ин минтақаҳо ва минтақаҳои дигар мисли Озарбойҷон доман паҳн карда буд - В.Ҳ.), зеро ки дар ҳар як миллат забони адабӣ аз забони омма фарқ дорад. Ҳеҷ вақт адабиёти як миллат (забони китобии ӯ) бо талаффузи авоми ӯ баробар намеояд. Лаҳҷаи тоҷикон дар ҳар ҷо ҳар хел аст. Барои ҳар кадоми инҳо забони адабӣ тартиб додан имконият надорад. Бинобар он, муқаррар шудани забони форсӣ бо забони адабии тоҷикӣ муттаҳид шудани тоҷикони дунёро таъмин мекунад. Гурӯҳи дигари нависандагони тоҷик тарафдори яке аз лаҳҷаҳои умумитар, масалан, “лаҳҷаи Бухоро” забони тоҷикӣ шинохта шавад, забони тоҷикиро сода, ҳамафаҳм карда, инро ба шакле дарорем, ки тоҷикони дунё ҳам ба қабули ин кӯшиш намоянд.

Б. Икромӣ таъкид мекунад, ки барои исботи даъвои худашон ин ду гурӯҳ, албатта, далелҳо дорад ва ин ду фикрро таҳлилу тафтиш карда, муҳокима ронда ва натиҷа мебарорад. “Матбуоти мо, -мегуяд Б. Икромӣ, матбуоти оммаи меҳнаткашон аст. Ҳамчун матбуоти Эрон (дар назар аст матбуоти солҳои 20-30-юми асри ХХ-и Эронро-В.Ҳ.) танҳо ба фоидаи як мушт зиёиён хидмат намекунад, балки ба оммаи меҳнаткашони тоҷик кор мекунад. Бинобар ин, забони матбуоти имрӯзаи тоҷик чи қадар соф, ҳамафаҳм ва сода шавад, ки тамоми оммаи меҳнаткашони тоҷик бахубӣ фаҳманд” [103, с. 352].

Б. Икромӣ ҷонибдори он аст, ки дар тартибдиҳии ибораву ҷумла аз қолабҳои корхурдаи забони омма истифода бояд кард. Барои тасдиқи андешаҳои худ як порчаи матни повести “Одина”-и устод Айниро меорад, ки ин аст: “Ин андешаҳо ва мулоҳизаҳо хирмани сабру шикебоии Бибиойишаро ба бод медод. Баъд аз соате, ки Одина аз хона дур шуд, Бибиойиша хост ба ҳой-ҳой гириста, нола ва фарёд бароварад. Лекин аз он ҷо ки ин гуна фарёди

бемаҳал сабаби фош гардидани рози Одина ва боиси гирифториаш мешуд, ночор оҳи сарде аз дили пурдард кашида, лаб фурӯ баст” [332, с. 204].

Дар бораи ин порчаи насри бадеии устод Айнӣ Б.Икромӣ бисёр одилона, воқеъбинона ва олимона қазоват карда, ин тавр гуфтааст, ки ин суханҳоро кадом бухоройӣ, кадом самарқандӣ, кадом тоҷикистонӣ ва кадом эронӣ нағз намефаҳмад? Албатта ҳамашон баробар мефаҳманд. Ҳеҷ мушкилӣ намекашанд. Ин суханҳо аз забони содаи омма гирифта, ба як сурати ҳаяҷонбахш тартиб дода шудааст.

Дар хулосаи мақола Б. Икромӣ мегӯяд, ки бояд муносибати забони адабии тоҷикро ба забони оммаи халқ мустаҳкам карда, ҳамчунон ки дар ин соҳа бори аввал “Саргузашти як тоҷики камбағал, ё ки “Одина” ном повести (Б. Икромӣ роман гуфтааст - В. Ҳ.) С. Айнӣ ба дасти хонандагони Эрон расид ва “забони асли форсӣ дар Тоҷикистони шуроӣ будааст” гуфта, таъсирҳо бахшид. Аз ин рӯ, забони матбуоти тоҷик ҳам чи қадаре ки ҳамафаҳм шавад, ҳамон қадар тоҷикони дунёро ба худ кашида, таъсирҳои калон мебахшад.

Дар ҳақиқат, муҳокимаву хулосабарориҳои Б. Икромӣ мантиқан ва илман дурусту асосноканд. Барои оммаи тоҷик, ки аз нигоҳи савод ва дониш дар замони амирӣ хеле қафомонда буд, бо забони адабии классикӣ навиштану суҳбат кардан бисёр вазнин буд. Забони адабии классикии мо барои аҳли китобат ва мадрасаҳои таълимии шаҳрҳои обод дастрас буд, дар музофотҳо ва қисматҳои кӯҳистони тоҷикнишин забони адабии классикӣ, қоидаҳои дастури забон таълим дода ҳам намешуд. Ҳамон мадрасаҳои музофотӣ ҳам, ки миқдорашон хеле кам буд, дастраси ҳама набуданд. Ин вазъиятро устод Айнӣ хеле хуб медонист, бинобар он аз рӯзҳои нахустини мубоҳисаҳо дар атрофи забони адабии тоҷикӣ ҷонибдори ақидаи ба омма наздик ва фаҳмову дастрас шудани забони адабии китобӣ буд. Ӯ таҳсилкардаи чандин мадрасаҳои Бухоро буд ва асосҳои дастури забони арабӣ ва тоҷикиро бисёр хуб медонист ва аз хазинаи бойи забони гуфтугӯйии мардуми тоҷик ва шеваҳои он огоҳии комил дошт, повести “Одина”-ро бо услуби миёнаи забони адабии классикӣ бо истифода аз насри ахлоқии

гузашта, насри омиёна ва забони зиндаи мардуми тоҷик навишт, ки воқеан, намунаи забони адабии муосири тоҷик пазируфта шуд, ки инро ҳам донишмандони тоҷик ва хориҷӣ таъкид кардаанд ва яке аз он аҳли қалами солҳои 30-юми асри ХХ Б. Икромӣ мебошад.

Бояд ин нуктаро ҳам таъкид бикунем, ки А. Мунзим ҳам ба ин мақоми устод Айнӣ дар шаклгирии забони адабии муосири тоҷик ва ҳамчун беҳтарин намунаи забони адабии тоҷикӣ барои давраи нав қоил аст. Аммо дар мақолаи “Дар бораи забони адабии тоҷикӣ” [172], чунонки дар аввал хотирнишон шуд, оид ба забони повести “Одина” баъзе эродҳо гирифтааст. А. Мунзим низ мисли Б. Икромӣ аввал дар бораи повести устод Айнӣ қазоват кардааст. “Саргузашти Одина”, ки ба ҳар як ошнои забони порсӣ ширину дилнишин афтод, оё ин як забони адабии тоза сохтагӣ аст? Не, ширину дилнишинии ӯ аз он аст, ки дар ин саргузашт аз забони зиндаи тоҷик суханҳои равонбахш дароварда, гуфтаҳои равони камарабӣ оварда шудааст” [172, с. 401].

Пас аз ин андешаи холисонаву воқеъбинона А. Мунзим боз суханро ба сари он ду гурӯҳи мубоҳисакунандагон бурда, дар тааҷҷуб шудааст, ки чаро устод Айнӣ фикри нахустинро рад намуда, тарафдори фикри дуюм гардидааст.

Мо нафаҳмидем, ки чи ҷойи дар шигифт мондани А. Мунзим бошад, ки устод Айнӣ фикрашро гуфтааст, ки ӯ ҷонибдори фикри дуюм мебошад ва аввалин шуда роҳи татбиқи амалии онро бо таълифи повести “Одина” нишон додааст ва муҳтарам А. Мунзим аз он намунае оварда, онро пазируфтааст, боз чаро дар тааҷҷуб мемондааст? Пас аз ин А. Мунзим аз устод Айнӣ боз як иқтибос, ки ин аст: “Ман ба забони хушкадаи худам як чанд сатр менависам, то ин ки ба муддаои худ мисол нишон дода бошам” оварда, ҷо-ҷо ба калимаву ибора ва ҷумлаҳои устод Айнӣ эрод гирифта, намунаи худашро пешниҳод мекунад. Устод Айнӣ ба ин эродҳои Мунзим дар мақолаи “Ҷавоби ман” [17] ҷавоби муфассал додаанд.

Ҳоло мо танҳо як ҷавоби устод Айниро, ки ба А. Мунзим додааст, зикр мекунем, чаро ки ин ҷавобҳои устод ба А. Мунзим маводди як мақолаи

алоҳида буда, аҳаммияти муҳимми назарияву амалии забоншиносӣ дорад. Мунзим ба ҷумлаи “Ашур бо Аҳмад... ҳамюғ буданд” эрод гирифта мегуяд, ки миёни тоҷикон фалонӣ бо фалонӣ ҳамюғ шуд зиёд гуфта шавад ҳам, бояд ба забони адабӣ баён нашавад. Мунзим боз ба ҷамъ овардани калимаи “шудан”, эътироз мекунанд ва мегуянд: “фалонӣ бо (ба-А) фалонӣ ҳамюғ шуд мегуянд, фалонӣ бо фалонӣ ҳамюғ шуданд, намегӯянд. Устод Айнӣ мегуянд, ки маълум мешавад, Мунзим “бо”-ро аз “ба” фарқ накарданд, дар ҷумлаи аввал, ки аз забони мардум нақл кардаанд, дар воқеъ “ба фалонӣ” “буда, фоили “шуд”-и он як кас мешавад. Дар он сурат ғайри “шуд” гуфтанд чораи дигар нест, аммо вақте ки “бо фалонӣ гуфта” шавад, фоил ду кас мешавад, ки дар ин сурат ночор бояд “шуданд” гуем.

Дар ҳақиқат ҷавоби устод Айнӣ дуруст буда, мувофиқи қоидаи дастури забон мебошад. Пешоянди “бо” бо пешоянди “ба” дар баъзе ҳолатҳо ҳамвазифа мешавад, вале дар ҳамин ҷумлае, ки устод Айнӣ овардасту ба он А. Мунзим эрод гирифтааст, пешоянди “бо” муносибати ҳамроҳиро фаҳмондидааст ва фоил ҷамъ мешавад, яъне Ашур ва Аҳмад ё Ашуру Аҳмад “ҳамюғ” шуданд. Аммо агар Ашур ба Аҳмад гуем, муносибати пуркунандагӣ, яъне мафъулӣ мешаванд, дар он сурат фоил (мубтадо) танҳо мебошад.

Мақолаи чаҳоруми А. Мунзим “Ба роҳ мондани алифбои нав дар Тоҷикистон” [173] унвон дорад, соли 1929 нашр шудааст.

Дар ин мақола, ки ба тариқи худтанқидкунӣ аст, муаллиф дар бораи Кумитаи алифбои нав, ки худи муаллиф низ узви он мебошад, аз мушкилиҳо ва камбудиҳои кори Кумита ҳарф зада, барои амалӣ шудани татбиқи алифбои нав дар мактабҳо чанд пешниҳоде кардааст.

Мақолаи панҷуми А. Мунзим “Аз кӯи хомушӣ як овоз” [174] идомаи мақолаи чаҳорум буда, муаллиф дар бораи ба кӯи фаромушӣ рафтани масъалаи алифбои нав сухан карда ва худи муаллиф ба муносибати наздик шудани ҷаласаи Кумитаи алифбои нави тоҷикӣ чанд пешниҳодеро манзури хонандагон намудааст.

Хулоса, Абдулвоҳид Мунзим дар мубоҳисаҳои солҳои 20-30-юми асри ХХ дар атрофи забони тоҷикӣ ва масъалаҳои имло, алифбо ва истилоҳ нақши фаъол доштааст.

2.2.7. Баҳриддин Азизӣ ва мавқеи ӯ дар мубоҳисаҳои солҳои 20-30-юми асри ХХ

Баҳриддин Азизӣ (1895-1944) шоир, нависанда ва рӯзноманигори тоҷик мебошад. Яке аз аввалин мақолаҳои Б. Азизӣ, ки ба масъалаи забони тоҷикӣ иртибот дорад, соли 1926 бо номи «Ба муносибати тақсимоти минтақагӣ» [7] ба нашр расидааст. Дар солҳои тақсимоти ҳудудии миллӣ баъзе ноҳияҳои ҳудуди Хуҷандро ба Ҷумҳурии Узбекистон медиҳанд, ки забонашон тоҷикӣ ва миллаташон тоҷик аст, чунончи, Б. Азизӣ мегуяд: «Қитъаи Конибодом ва Исфара, ки ба Ҷумҳурии Узбекистон монда буд, азбаски ҳама тоҷикнажод ва забону одаташон тоҷикӣ буд, маҷбур шуданд, ки корҳои маорифу иқтисодии худро ба забон ва одати худ баранд» [7, с. 94].

Дар мақолаи Б. Азизӣ «Бо алифбои нав забони куҷоро асос гирифта шавад» [8] сухан аз он шуруъ мешавад, ки дар моҳи ноябри соли 1927 дар шаҳри Самарқанд бо иштироки қисме аз зиёиён маҷлис гузаронида мешавад ва дар он лоиҳаи тартибдодаи Фитратро, асосан, бо қадре ихтилоф дар масъалаи қабул кардани ҳарфҳои “ҷ”, “ҳ” қабул менамоянд.

Баъд аз конференсия баъзе соҳибқаламону забондонон дар атрофи лоиҳаҳои Фитрат аз тариқи матбуот бо имзои мустаори «Тоҷик» дар рӯзномаи «Правда Востока» ва маҷаллаи «Роҳбари дониш» дигаре профессор А. Семёнов дар маҷаллаи «Роҳбари дониш» изҳори назар мекунанд.

Б. Азизӣ аз баҳс бо муаллифони мақолаҳо худдорӣ карда, андешаҳои худашро баён намуда, қайд мекунад, ки дар конференсия ва маҷлисҳое, ки дар миёнаи як ҷамоаи зиёиёни шаҳрнишин гузаштааст, ҳал шудани масъалаи асосӣ аз ҳақиқат дур ва кутоҳбинӣ аст. Чанде ҷомеаи тоҷикони Тоҷикистон, ки дар кӯҳистон зиндагонӣ мекунанд, ба забони софи миллии худ моликанд, ки аксар он забонро дар миёни тоҷикони шаҳрнишини Бухоро, Самарқанд,

Хуҷанд, Уротеппа ниҳоят кам шунавида мешавад ва касе, ки дар кӯҳистони Тоҷикистон сайр карда, забони онҳоро ба гӯши таҳқиқ шунавидааст, албатта, ин ҳақиқатро эътироф накарда наметавонад; гумон мекунам, ки дар вақти қабули лоиҳа дар миёни олимон ва зиёиёни шаҳрӣ то муаллим ё талабаи Помир, Ғарм ва Кӯлоб мешуд ва лаҳҷаи гапзании онҳоро аҳли конференсия ба гӯши худ мешунидаанд, ҳароина асоси лаҳҷаро ба дигар ранг мегардониданд.

Аз ин ҷиҳат лоиҳаеро, ки дар конференсияи соли гузашта қабул гардидааст, лаҳҷа ва забони тоҷикони шаҳри Узбекистон бударо дарбар гирифта, аз забони тоҷикони Тоҷикистон хеле дур афтодааст ва мухолифате барои қабул кардани ҳарфҳои “ҷ”, “ҳ” ба алифбои нави тоҷик ба вучуд омадааст, ин ҳам ба назарияи шаҳр ва зиёиёни шаҳрӣ буданаш шубҳае хаст, чунки худ маълум аст, ки тоҷикони шаҳрӣ ҷиҳати ин ду ҳарфро ба забон гирифтан (саҳеҳтараш ҷиҳати ин ду овозро талаффуз кардан - Ҳ.В.) хеле машаққатҳо мекашанд ва аз онҳо ин ду харф хеле бегона афтодааст.

Дар воқеъ, Б. Азизӣ бисёр бо далелҳои қотеъ ва мушаххас ин масъаларо матраҳ сохтааст ва одилонаву воқеъбинона ҳам ҳаст.

Дигар андешаи ҷолиби Б. Азизӣ дар мавриди пешванди шаклсози «би-» мебошад, ки дар воқеъ, таърихи хеле қадимӣ дошта, он ба гунаи «бу-» низ дар гуйиши кӯҳистониён маълум аст ва муаллифони фарҳангҳои пешина донишмандони класикии тоҷик онро «бо-»-и зиннат гуфтанд ва онро яке аз сифатҳои овозии забони дарӣ донистаанд.

Ба назари Б. Азизӣ дар феълҳои гузашта (мозӣ) ва фармон (амр) «ـَ» ё, ки дар вақти сухан кардан онро ба забон намегирад, ба ҷойи «бикард» «кард» ва ба ҷойи «бихон» «хон» мегуяд... валекин ҳар тоҷике аз тоҷикони Тоҷикистон (агар чанде руйи мактабро надидааст) ҳамон «би-»-ро дар вақти сухан гуфтан меоварад.

Дар ҳақиқат баъзе нуктаҳои ин мақола имрӯз низ омузанда мебошад.

Дар мақолаи дигари худ – «Ба забони дарӣ дурри суханро суфтан мехоҳам» [9] Б. Азизӣ ба байти зайли Ҳофизи Шерозӣ

Зи шеъри дилкаши Ҳофиз касе шавад огоҳ,

Ки лутфу табъи сухан гуфтани дарӣ донад [9, с. 294].

такя карда, забони ширину гуворое, ки метавон онро чун забони муттако барои забони адабии имрӯзи тоҷикон шеваи дарӣ ё гунаи дарии форсиро қабул кард»,-мегуяд Б.Азизӣ ва барои ин аз шеваҳои мардуми тоҷики муқими кӯҳистон намунаҳои зиёдеро дар муқоиса ба шеваи тоҷикони шаҳрӣ меорад, ки бисёр ҷолибанд: «Барои мисол нишон додан мумкин аст, ки агарчи дар шаҳр баъзе луғатҳои узбекиро тамоман оғушта карда, сухан карданро омухтаанд, чунончи: дар шаҳри Хуҷанд «ҷуред»-ро ба ҷойи «равед», «қачан»-ро ба ҷойи «кай»; дар Самарқанд «юқлӣ»-ро ба ҷойи «афтод», «қуш»-ро ба ҷойи «ҷуфт»; дар Ӯротеппа «қитиқ»-ро ба ҷойи «ҷурғот», «қаймоқ»-ро ба ҷойи «саршир» ва дар Бухоро «қин»-ро ба ҷойи «душвор», «хубадур сара»-ро ба ҷойи «бисёр хуб» қабул кардаанд» [9, с. 94-96].

Умуман оҳангу лаҳҷаи тоҷикиро тамоман ба оҳанги лаҳҷаи узбекӣ монанд карда, адотҳои дар аввали калима меомадагиро чун узбекон ба охири калима гирифта, ба ҷойи «ба бозор»-«бозорба» гуён ба оҳанги бозоргаҳ гирифта ва ҳам ба ҷойи «он ҷо» «унҷа», ба ҷойи «ин ҷо» -«ин ҷа»; «он сӯ ин сӯ» – «усун-исун» гуён кашидагии забони худҳоро тағйир додаанд, ки агар ҳамин забони шаҳриҳоро асос гирем, гарчи тағйир додани луғатҳо мумкин бошад ҳам, вале оҳанг ва лаҳҷаҳои онро дигаргун кардан зиёда мушкилӣ меоварад ва дарди сари зиёдатӣ аст ва аз ҳамин ру, забони шаҳриён ва бухороиёнро асоси забони тоҷикӣ гирифтан маъқул наменамояд.

Б. Азизӣ мегӯяд, ки бояд роҳи дигаре ҷӯйем, як забони тоҷикии оммафаҳм ёбем, ки аз ҳар дуи ин таъсирот дуру тоза бошад ва ҳамон забонро пур карда, забони адабии худ қабул кунем. “Мисдоқи ин ҳам забони ҳозираи марказии Тоҷикистон, ба иборати дигар кӯҳистон мебошад, ки аз таъсири забонҳои арабӣ ва узбекӣ дур монда, софияти деринаи худро нигоҳ доштааст» [8, с. 362].

Ба ақидаи устод Айнӣ масъалаи хуш карда гирифтани лаҳҷа ва қабул карда гирифтани лаҳҷаҳои умумитар як масъалаест, ки ба андак - мандак кӯшиш ҳал намешавад.

Нависандагони маҳаллӣ, ки дар гирди нашриёти тоҷик ғун шудаанд донотарини онҳо танҳо лаҳҷаи Бухоро, Самарқанд, агар бисёр донанд, Хуҷандро медонанд. Ва ҳол он ки ин масъала ба ин қадарҳо кушода намешавад. Барои оммафаҳм кардани забони адабии тоҷик тафтиш кардан ва донистани лаҳҷаҳои кӯҳистон зарур аст, ки ба ин вазифа то ҳол даст расонида нашудааст. Масалан, агар мо гуем, ки лаҳҷаи Бухороро асос карда мегирем, маънии ин он нест, ки сад фоиз бо риояи лаҳҷаи Бухоро менависем. Балки мақсад он аст, ки лаҳҷаи Бухороро асос карда мегирем, ҷойҳои дигарро тафтиш мекунем, ҳар қадар ки аз ҷойҳои дигар чизҳои муносиб ёбем, ба ин ҳамроҳ мекунем ва чизҳои нобоби лаҳҷаҳои Бухороро бароварда мепартоем.

Ниҳоят, мақолаи охирини Б. Азизӣ, ки дар атрофи масъалаҳои баҳсҳои солҳои 20-30 дар атрофи забони тоҷикӣ менависад, «Дар бораи забони адабии тоҷик» [10] ном дошта, дар маҷалаи «Роҳбари дониш», №7, 1930 чоп мешавад. Ин мақола аз нигоҳи мундариҷа, масъалагузорӣ ва хулосабарорӣ нисбат ба мақолаҳои дигари муаллиф хеле пурмуҳтаво мебошад. Масъалае, ки Б. Азизӣ дар ин мақола дар атрофи он сухан меронад, мавзуи нав нест, балки ҳамон мавзуест, ки дар ҳамаи мақолаҳои пешини ӯ гуфтаву таъкид шудааст. Аммо ӯ бо умеди ин, ки дар конференсияи моҳи июли соли 1930, ки дар шаҳри Сталинобод баргузор мегардад, барои як натиҷаи ҳатмии матлуб сари ин масъала, масъалаи қабули забони адабии ба оммаи тоҷик дастрасу фаҳмо бошад, назари худро ба иштирокунандагони конференсияи мазкур пешниҳод мекунад.

Андешаҳои Б. Азизиро ба ин тартиб гурӯҳбандӣ метавон кард:

1. Забони адабии тоҷик то Инқилоби Октябр махсуси як синфи боло буда, аз дарбор – сарои амирӣ ва мадраса берун набаромада буд, китобе, хоҳ назм ва хоҳ наср аз тарафи ҳамон синф навишта мешуд. Дар мактабу

мадрасаҳо ғайр аз сарфу наҳви забони арабиро хондан аз сарфу наҳви забони тоҷикӣ ё худ форсӣ бӯйе набуд.

Дар ҳамин ҷо Б. Азизӣ дар қавс чунин таъкид мекунад: Рафиқа О.А. Сухарева дар як мақолаи худ дар шумораи 10-11 (25-26) «Роҳбари дониш» «дар мадрасаҳо сарфу наҳви забони форсӣ мехонданд» навиштааст, ки ин тамоман аз ҳақиқат дур мебошад. Албатта, дар гузашта ба номи «Сарфу наҳви тоҷикӣ» дар мактабу мадрасаҳо фанни алоҳида таълим дода намешуд, аммо дар шарҳи «сарфу наҳви арабӣ» аз асосҳои дастурии забони дарии тоҷикӣ, ки дар китобҳои умумии сегонаи адабӣ, фарҳангҳои тафсирӣ ва баъзе дастурҳои таълимӣ сабт гардидаанд, мударрисони огоҳу хуб таълим гирифтаву аз манбаъҳо огоҳ истифода мекарданд.

2. Б. Азизӣ таъкид мекунад, ки ҳамчунон ки меҳнаткашу деҳқони тоҷик дар давраи феодалӣ ва подшоҳӣ аз ҳама ҳуқуқи сиёсӣ ва миллӣ маҳрум буданд, инчунин аз адабиёти хаттии худ ҳам дур афтода буданд. Баъд аз Инқилоби Октябр адабиёти тоҷик як қадар шакли дигар гирифта, матбуоти мо ба омма наздик шуда истодааст. Б. Азизӣ барои тасдиқи гуфтаи худ ду навиштаеро дар сифати як шоири асри XIX бо исми Қорӣ Кароматуллоҳи Тамбурӣ овардааст, яке ба муаллифи тазкираи Афзалӣ ва дигаре ба муаллифи «Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод Айнӣ тааллуқ дорад. Ва таъкид мекунад, ки фарқи онҳо аз замин то осмон аст

3. Акнун, – мегуяд Б. Азизӣ, ба мо вақте расидааст, ки барои адабиётамонро ба оммаи мехнаткашони тоҷик наздик кардан забони адабиро ба як шакли муайян андохта тамоман аз шакли мадрасагӣ халос намуда, мувофиқи ҳамин сарфу наҳви тоҷикиро дуруст кунем. Фикри байналмилаличиён, ки дар сарфу наҳв аз доираи форсӣ набаромадан аст, - мегӯяд Азизӣ, оё оммаи тоҷикони меҳнаткаш ҳазм карда метавонанд ё не? Инчунин сарфу наҳви забони адабии форсии имрӯза дар миёни ҳама лаҳҷаҳои форсӣ фаҳмида ва кор фармуда мешавад ё не?

Дар ҷавоби ин, албатта, гуфтан лозим меояд, ки ин фикри байналмилалчиён хеле заъиф аст. Чунки аз хусуси савтиёт, сарфу

ҷумлабандиҳо дар забони зиндаи тоҷикони Осиёи миёна хусусиятҳое ҳаст, ки сарфу наҳви форсӣ ӯро дарбар нагирифтааст. Албатта, ин хусусиятҳоро дарбар гирифта, мувофиқи ҳамон сарфу наҳви тоҷикӣ сохтанамон лозим меояд.

Дигаркунии сарфу наҳви забони зиндаи тоҷикони Осиёи Миёна аз забони форсӣ хеле ҷузъӣ аст. Ба сабаби ин дигаркунӣ забони тоҷикӣ аз забони форсӣ тамоман ҷудо намешавад, балки бояд аз ҳамин тағйироти ҷузъӣ боз ҳам фикри худро ба оммаи форсизабонон фаҳмондан ба осонӣ мумкин мешавад. Масалан, дар сарфи форсӣ, ки «замони ҳол» нест, ҳамеша сиғаи «музореъ»-ро ба ҷойи он кор фармуда (мекунад, меравад, меояд) менависанд, агар ба ҷойи ин аз забони зиндаи тоҷикӣ (карда истодааст, рафта истодааст, омада истодааст)-ро гирифта татбиқ кунем, албатта, забонро такмил кардагӣ мешавем, на вайрон. Ҳамчунин, дар сиғаҳои мафъул ба ҷойи «шуда» «шудагӣ» навишта, як «гӣ» ҳамроҳ кунем, забони форсӣ вайрон намешавад.

Ҳамин тавр, агар ҷумлабандиҳоро мувофиқи лаҳҷаи зиндаи тоҷикӣ кунем, фаҳмидани он ба дигар форсизабонон он қадар душвор намебошад. Албатта, дар сарфу наҳви тоҷикӣ забони зиндаро риоя кардан зарур аст.

4. Акнун биёем ба фикри гурӯҳи дуюм, ки инҳо ба омма наздик кардани забони адабиро лозим дониста, – мегуяд Б.Азизӣ, ба ин кор ба як шеваи маҳалли тоҷикнишини Осиёи миёна такя карданро лозим медонанд ва дар таъини ин маҳал ихтилоф намуда, гурӯҳе ба шеваи тоҷикони кӯҳистон ва гурӯҳе ба шеваи шаҳри Бухоро ва аз ҷиҳати ҷумлабандӣ ба шеваи тоҷикони кӯҳистон такя карда ва аз дигар ҷойҳо фоида гирифтанро фоиданок медонад.

5. Аз истилоҳҳои бегона, ки ба забони зиндаи имрӯзаи тоҷик даромада ҳазм шудааст, ҳазар нокарда, ба кор бурдан ва аз даркориаш аз кадом забон бошад, худашро гирифта ба қоидаи забони тоҷикӣ тобеъ кардан даркор аст.

Хулоса, дар ин мақола Б. Азизӣ ба бисёр масъалаҳои муҳимми забони адабии муосири тоҷикӣ, ташаккули забоншиносии навини тоҷик (масъалаҳои савтиёт, луғат, истилоҳот, сарфу навҳи тоҷикӣ) дахл карда, андешаҳои худро

ба конференсияи илмии тоҷикон оид ба забони адабии оммафаҳми тоҷикӣ, имлову истилоҳ пешниход кардааст.

2.2.8. Бектош (Нарзулло Ҳайдарӣ) ва масъалаҳои забоншиносии навини тоҷик

Бектош (1900-1938) яке аз шахсиятҳои барҷастаи илми забоншиносии тоҷик дар нимаи аввали асри XX ба ҳисоб меравад. Фаъолияти илмии ӯ дар бахшҳои гуногуни забоншиносӣ, аз ҷумла: алифбо, хусусиятҳои овоии забон, забони адабии тоҷикӣ, истилоҳгузинӣ ва имло хеле назаррас аст. Асарҳо ва рисолаҳои илмии зиёде таълиф намудааст: «Аз куҳна ба нав. Тезис барои ташвиқотчиёни алифбои нави тоҷикӣ». Дар ин мақола масъалаи гузариш аз алифбои куҳна ба алифбои нав ва зарурати мутобиқсозии хат ба талаботи замон баррасӣ шудааст.

Бектош дар таҳия ва таснифи «Луғати тоҷикӣ-русӣ» иштирок кардааст, аммо бо сабаби айбмониҳои сиёсӣ ба табъ нарасидааст.

Бектош дар солҳои 20-уми садаи XX мақолаҳои зиёде дар бораи зарурат ва усулҳои гузариш ба алифбои нав, инчунин, масъалаҳои имло ва истилоҳгузинӣ навиштааст.

Бояд гуфт, ки китоби «Дар атрофи забони тоҷикӣ» [41] як навъ ҷамъбасти андешаҳои забоншинос, тарҷумон ва мунаққиди тоҷик буда, аз маҷмуи мақолаю тезисҳо иборат аст ва андешаҳои забоншиносии Бектошро, ки ба масъалаҳои забони адабӣ, меъёрҳои он ва роҳҳои такмили забон бахшида шудааст, дарбар мегирад.

Ёдовар бояд шуд, ки асоси ғояи мақолаю тезисҳои муаллифро мубоҳисаҳои солҳои 20-30-юми асри XX дар хусуси сода кардани забони матбуоти тоҷик дарбар гирифтааст, ки дар он зиёиён, роҳбарони масъули давлат, аҳли илм ва қалам, аз ҷумла, Бектош низ иштирок кардааст, ташкил медиҳанд.

Аслан, мавзуи баҳсро масъалаҳои забони чопагӣ (адабӣ) ва забони гуфтугӯ, ҷудо ва ба ҳам шудани забонҳо, забонҳо чӣ гуна гум мешаванд?,

забонҳои умумӣ ва адабӣ, мо пеш аз ин забони адабӣ доштем ё не?, забони чопагии имрӯзаи Эрону Тоҷикистон, гап дар болои чист?, як назар ба мубоҳисаҳо, пас дар байни забонҳои оммагии эрону тоҷик чӣ фарқ аст?, магар ҳамин гуна ҷудогиҳо дар байни шевҳои Осиёи Миёна нест?, чӣ гуна фарқи қойидагӣ дидан мумкин аст?, *мо кадом шеваро асос мегирем? ва масъалаи истилоҳро* фаро гирифтанд.

Иштирокдорони мубоҳисаҳо ба ду гурӯҳ ҷудо шуда, яке тарафдори дар асоси шеваю лаҳҷаҳои тоҷикӣ сода кардани забон ва дигаре тарафдори қабули забони умумифорсӣ буданд [41, с. 529-530].

Донишманди тоҷик А. Набавӣ «сабаби баҳсҳо ва гуногунии андешаҳоро дар омехтагии масъалаҳои илмӣ ва амалии забон бо қазияҳои сиёсӣ ва ҳадафҳои мафкуравии ҳизбӣ» [177, с. 11] дарёфтааст.

Ин баҳсҳоро Бектош натиҷагирӣ намуда афзудааст, ки «Дар ин масъала ҷойи ҳеҷ мунозира ва шубҳа нест, зеро ки ин ду масъалаи ба ҳамдигар вобаста низ аз масъалаҳои ногаҳонӣ набуда, аз талабу эҳтиёҷи зиндагии навомӯзи меҳнаткашон нишот кардааст» [41, с. 529-530].

Ба қавли Бектош, оммафаҳм кардани забони чопагиро (адабиро) на ин ки «як туда мунавварони булҳавас» ба миён гузоштаанд, балки аз эҳтиёҷоти худи омма ва шароити ҷамъиятӣ сар задааст.

Муаллиф зикр мекунад, ки ин ду гуна забон - забони чопагӣ (адабӣ) ва забони гуфтугӯ, бо вуҷуди аз як сарчашма об хурдан аз ҳамдигар тафовут доранд, лекин онҳоро бо адабӣ будан ва набудан ҷудо кардан дуруст нест. Зеро забони чопагӣ аз ҷониби адибон ва шоирон коркард шуда, асарҳои адабӣ барои он эҷод мешаванд, ки забони оммагӣ (гуфтугӯ) аз ҷониби халқ, аз тарафи гуяндагон ва достонсароён такмил дода мешавад. Аз нуқтаи назари адабӣ будан ҳарду ҳам баробаранд. Ин забонҳоро ба чопагӣ (китобӣ) ва гуфтугӯ ҷудо намоем, хубтар аст.

Муаллиф дар асари хеш дар мавриди аз ҳам ҷудо шудану бо ҳам омадан ва гум шудани забонҳо изҳори назар намудааст. Ба андешаи Бектош, забони як халқ вобаста ба мавқеи ҷуғрофияш, тарзи зиндагӣ ва дигар сабабҳо

ба шеваю лаҳҷаҳои зиёд ҷудо мешавад. Ҳодисаи ба шохаҳо ҷудо шудани забон, ки бо сабабҳои сиёсӣ ва иҷтимоии дигар ба қабилаҳо ҷудо шуда, дар мавзеъҳои гуногун ҳаёт ба сар мебаранд, бо мурури вақт хусусиятҳои забонии нав ва тоза касб мекунанд, куҳнаҳояшон аз байн рафта, дар қабилаи дигар ҳамон хусусияти аслиаш боқӣ мемонад. Байни забони қабилаҳо фарқиятҳо ба вуҷуд омада, монандии онҳо кам шуда, аз байн меравад ва дар натиҷа аз як забон якчанд забонҳои дигар пайдо мешавад. Дар дунё халқияту миллате нест, ки дар тули ҳаёт забонаш ба тағйирот дучор нашуда бошад. Ба ақидаи Бектош: «забонҳои имрӯзаи ориёнӣ, ки дар рӯйи замин як оилаи бузургеро ташкил медиҳанд, аз ҳамин қабил мебошанд. Лаҳҷаҳои имрӯзаи Эрон, Афғонистон, Ҳиндустон, Осиёи Миёна, ҳатто забонҳои имрӯзаи Помир ва ҳоказо... низ ба ҳамин тариқ аз ҳамдигар ҷудо шудаанд» [41, с. 529-530].

Баръакс, халқҳое, ки аз ҳамдигар дар тули таърих дур зиндагӣ мекарданд, бо ягон сабаб дар як ҷой зиндагӣ оғоз намоянд ва забонҳои онҳо бо ҳамдигар наздик бошад, дубора бо ҳам омезиш ёфта, хусусиятҳои якхела касб карда, як забон шуда мераванд. Муаллиф мисол меорад, ки: «дар натиҷаи зиндагии муштарак булғорҳо (ки нажоди туркианд) бо славянҳо, забони славянӣ булғориро пеша карда, забони умумӣ шудааст. Ё ки яҳудиҳои маҳаллии бухорӣ забони аслии сомии худро тамоман гум карда, ба забони тоҷикӣ гуфтугӯ мекунанд. Ин гуна ҳодисаҳоро таърих бисёр дар оғӯш кардааст» [41, с. 529-530].

Инчунин, дар баробари аз миён бардоштани халқ, ки ба ягон забон сухан мекунанд, забон аз байн меравад. Барои мисол муаллиф забони суғдиро меорад, ки як замон маданияти бузургеро муаррифӣ мекард, халқи бисёре бо он ҳарф мезаданд, имрӯз аз байн рафтааст. Имрӯз намунаи ин забонҳоро танҳо дар сарчашмаҳои таърихӣ вомехурем.

Муаллиф ба масъалаи тафовути забонҳои умумӣ ва адабӣ дахл карда, зикр менамояд, ки дар даврaҳое, ки зиндагии иҷтимоӣ зиёд печ дар печ буд, синфҳое, ки ба дигарӣ тобеъ гаштаанд, пайдо шудани забонҳои давлатӣ –

ҳукуматиро, мебинем. Дар ин забон яке аз лаҳҷаҳои ҳамон кишвар асос мешавад. Дар ин ҷойҳо таъсири синфи ҳоким зиёдтар мегардад.

Чунончи, муаллиф мисол меорад: «дар Шарқи дур, дар даврае, ки савдогарони феодали хитоӣ ҳоким буданд, забони хитоӣ дар Шарқ забони умумии адабӣ шинохта шуда буд. Дар мамлакатҳое, ки капитали савдои араб истило кард, забони арабӣ (қисман забони форсӣ) забони умумии адабӣ шинохта шуд» [41, с. 529-530].

Таҳлилҳои боло аз он шаҳодат медиҳад, ки забонҳои умумӣ ҳамеша дар атрофи давлат, дин ва адабиёт пайдо шуда, тобеи синфу мамлакати ҳоким мебошад.

Дар хусуси масъалаи «мо пеш аз ин забони адабӣ доштем ё не», ки яке аз мавзуъҳои баҳси солҳои 20-30 садаи XX буд, менигорад, ки рафиқони мо дар маҷлисҳои расмию ғайрирасмӣ аз набудани забони адабии тоҷик гап мезананд. Онҳо забони китобиеро, ки аз Рӯдакӣ то Аҷзӣ, Фитрату Пайрав Сулаймонӣ девонҳои зиёд боқӣ мондааст, забони форсӣ гӯён масъаларо ба охир мерасонанд. Одамоне, ки забони адабии тоҷик нест, – мегуянд ва забонеро, ки аз Рӯдакӣ то имрӯз дар адабиёти Осиёи Миёна кор фармуда шудааст, форсӣ гӯён корро тамом мекунанд, дар даъвои худ бисёр яктарафаанд. Ин яктарафагӣ, ба қавли муаллиф, натиҷаи дуруст пажуҳиш карда натавонистан, ё ки риштаҳои борики адабиёти синфии моро равшан дида натавонистан аст. Ҳол он ки забони адабии ҳозираи мо бо вуҷуди форсӣ будан аз таъсиру хусусиятҳои маҳаллии тоҷикӣ тамоман озод нест. Агар дурусттар таҳлил намоем, ин фарқиятҳоро дида метавонем. Миёни услуби шоирони Эрону Туркистон (тоҷикон) ва Ҳинд, байни сабки Бедилу Ҳофиз, Адиб Собири Тирмизӣ, шоирони бухороӣ ва ҳоказо тафовут ба назар мерасад.

Забони тоҷикӣ ва забонҳои эронии оммавӣ (форсӣ, дарӣ) аз як хонаводаи забонҳои эронӣ ҳастанд, вале бо сабабҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ ва таъсири забонҳои маҳаллӣ хусусиятҳои фонетикӣ, луғавӣ ва грамматикӣ доранд, ки онҳоро аз ҳам фарқ медиҳанд. Забони тоҷикӣ бештар дар Осиёи

Миёна ва шимоли Афғонистон паҳн шудааст, дар ҳоле ки форсӣ ва дарӣ бештар дар Эрон ва қисматҳои дигари Шарқи Наздик гуфтугӯ мешаванд. Чаро ин фарқиятҳоро нодида мегиранд, чунки алифбои араб бисёр фарқҳоро дар зери норасоиҳои худ пинҳон медошт.

Муаллиф дар атрофи забони адабӣ ва масъалаи алифбои нав ҷараёни ҷаласаи дар Тошканд баргузоршударо, ки дар он аз ҳамаи минтақаҳои Тоҷикистон намояндаҳо ширкат доштанд, инъикос намуда, баён медорад, ки баҳсу мунозираҳои дар атрофи масъалаи забон суратгирифта иштирокдоронро ба ду гурӯҳ чудо менамуд.

Намояндагони гурӯҳи якум тарафдори аз ҳисоби лаҳҷаҳои зиндаи халқҳои Осиёи Миёна бунёди забони адабии нави оммафаҳми тоҷик ва гурӯҳи дуввум тарафдори забони адабии умумӣ барои ҳамаи форсизабонони Шарқ (Эрону Афғонистон ва Ҳиндустон) буданд. Баъд аз ҷаласаю конференсияи баргузоргардида баҳсу мунозираҳо атрофи забони адабӣ идома ёфт. Дар матбуоти даврии русии ҳамон давра (Правда Востока) ва газетаҳои тоҷикӣ фақат баҳси ин ду гурӯҳ интишор меёфт, ки бештар тарафдорони гурӯҳи дуюм буданд. Лекин онҳо ақидаи устувор ва фикри равшан надоштанд. Ҳам аз забони адабии куҳна даст кашиданӣ набуданд ва ҳам наметавонистанд ба муқобили талаботу эҳтиёҷоти омма бароянд. Ба ибораи халқӣ “на сих сӯзаду на кабоб” гуфта, дурӯягӣ менамуданд. Тарафдорони ин гурӯҳ намехостанд, забони адабӣ ё китобӣ аз ҳисоби лаҳҷаю шеваҳо бунёд гардад. Онҳо тарафдори забони китобии мавҷуда, яъне забони адабиёти синфи феодалии куҳна, ё ки забони имрӯзаи буржуазии матбуоти Эрон буданд. Ба қавли онҳо, забони китобӣ ба тамоми лаҳҷаҳои форсӣ наздик аст. Баръакс, лаҳҷаҳои имрӯзаи Эрону Осиёи Миёна ва Афғонистон аз ҳар ҷиҳат: савтиёт, шакл ва ҷумлабандӣ аз ҳам тафовут доранд.

Гузашта аз ин, гуё бо ин амал тамоми форсизабонони берунмарзиро ба сохтмони ҳаёти сотсиалистии Тоҷикистон ҷалб мекарда бошанд. Даъво мекарданд, ки меҳнаткашони Осиёи Миёна (тоҷикон) беҳуда забони оммафаҳм месозем гуфта, овора нашаванд.

Дар мавриди иваз кардани алифбои куҳна бо алифбои нави лотинӣ низ мубоҳисаҳои тезу тунд ба миён омаданд, тарафдорони низоми куҳан дигар кардани алифборо зарур намешумориданд. Мегуфтанд, ки тоҷикон аз алифбои куҳна даст накашанд, барои он ки меҳнаткашони Эрону Афғонистон ва Ҳиндустон минбаъд аз матбуоти тоҷик бехабар монда, аз идеологияи инқилобӣ дур мешаванд. Аммо ин идаои тарафдорони иваз накардани алифбо ва таклифҳои ғайриҳаётии онҳо талабу эҳтиёҷоти меҳнаткашонро шикаста натавонист.

Ба қавли Бектош, “Модоме ки шароити имрӯзаи меҳнаткашони тоҷик забони адабии ҳамафаҳмро талаб кардааст, мо аз ин гуна талаби инодкоронаи зиндагии нав рӯ гардонида наметавонем. Забони содаи адабӣ, ки имрӯз бо “Одина”, “Аҳмади девбанд,” “Бедонабоз” ва “Омӯзиш” сар шудааст, ҳамин тавр давом мекунад ва торафт пурра шуда меравад [41].

Бектош дар мавриди тафовути байни забонҳои оммагии Эрону тоҷик чӣ фарқ аст, мисолҳои зиёде овардааст. Аввалан, ҳамин қадарашро эътироф кардан лозим аст, ки то имрӯз на шеваҳои алоҳидаи лаҳҷаи Эрон ва на шеваҳои ҷудогонаи лаҳҷаи тоҷик дуруст тафтиш карда шуда, дар ҳолати як кули муносибат ва ҷудогии байни ҳамдигарии онҳо муайян карда нашудааст. То ҳол як сарфу наҳви муқоисавии илмии онҳо аз тарафи ҳеҷ кадом муҳаққиқ пурра тартиб дода нашудааст. Танҳо ҳамин қадар гуфта метавонем, ки дар байни ин лаҳҷаҳо ҳам ба эътибори замон, ҳам ба эътибори макон ва ҳам ба эътибори шеваи маданӣ ва таъсири маданиятҳои гуногун ҷудогӣ ва дигаргуниҳои бузурге пайдо шудааст. Ин дигаргуниҳо, чунон ки дар боло гуфта будем, танҳо дар соҳаи савтиёти забон набуда, дар соҳаи ҷумлабандӣ (қоидаҳои наҳвӣ) равшантар намоён мешавад.

Ба андешаи муаллиф, мо танҳо дар мавриди таҳияи китоби луғати муқоисавии лаҳҷаҳо метавонем, фарқияти онҳоро равшан нишон диҳем. Он якрангие, ки дар байни забонҳои Эронӣ ва Осиёи Миёна ба мушоҳида мерасад, якум аз зиёд истеъмол шудани калимаҳои иқтибосӣ ба ҷойи калимаҳои гуфтугӯӣ бошад, дуюм дигаргуниҳоро пинҳон доштани алифбои

арабӣ аст. Танҳо дар сурати аз алифбои арабӣ ба алифбои лотинӣ гузаштан ва забони матбуотро ба забони омма наздик кардан фарқиятҳои ин забонҳо равшан мегардад.

Муаллиф дар асари хеш ба масъалаи истилоҳгузинӣ низ бамаврид андеша рондааст, ки ҳеҷ як миллате нест, ки аз нуқтаи назари истилоҳҳои фаннӣ аз таъсири забонҳои дигар холӣ бошад. Қайд бояд намуд, ки бештари истилоҳҳо хусусияти байналмилалӣ доранд ва онҳоро тағйир дода, сохтакорӣ кардан нашояд. Инчунин, истилоҳро танҳо дар доираи як забон (русӣ) гирифтан қобили қабул нест. Масъалаи истилоҳ кори дастҷамъона аст ва он истилоҳҳое, ки каму беш кор фармуда мешаванд, ба ҳисоб гирифта нашаванд.

Бектош дар ин маҷмуа умдатарин масъалаҳои муҳимми мақоми забон, меъёрсозӣ, содагардонӣ ва муносибати забони адабӣ бо забони гуфтугӯии мардумро таҳлил кардааст. Кӯшиш кардааст, ки ба масоили калидии забони адабии тоҷик дахл карда, зарурати такмили забонро барои замони муосири худ шарҳ диҳад.

Ӯ яке аз аҳли назар дар масъалаҳои назариявии забони тоҷикӣ, истилоҳот ва имло ба шумор меравад.

Метавонем, андешаҳои муаллифро оид ба масоили забони адабии тоҷик чунин гурӯҳбандӣ намоем:

1.Зарурати сода ва равон гардондани услуб

Бектош таъкид мекунад, ки забони адабӣ бояд равон, сода ва фаҳмо бошад. Ӯ аз истифодаи калимаҳои зиёдатии мураккаб ва нодаркорибекори бегонаҳо ҳазар менамояд ва пешниҳод мекунад, ки бештар аз захираи луғавӣ ва сарвати худи забону лаҳҷаҳои тоҷикӣ истифода шавад.

2. Забони адабӣ – инъикоси эҳтиёҷоти иҷтимоӣ

Ба андешаи муаллиф, забон ҳамчун василаи иртибот бояд манфиати мардум, эҳтиёҷоти ҳаёти воқеии онҳоро ифода кунад ва забон бояд ба забони ҳаррӯзаи мардум ҳар чи бештар наздик бошад. Забони адабӣ бояд воситаи ифодаи фарҳанг, маърифат ва худшиносии миллӣ шавад. Ба андешаи ӯ, ҳам

мазмун ва ҳам шакл бояд мутобиқи талаботи замон ва меъёрҳои илмӣ такмил ёбанд. Арзишҳои миллӣ ва худшиносии забонӣ ба таҳкими ҳуввияти миллӣ таваҷҷуҳи вижа доранд. Забонро унсури марказии фарҳанг ва василаи асосии ифодаи арзишҳои миллӣ медид.

3. Поксозии забон ва интихоби вожаҳо

Ба қавли Бектош, забони адабӣ набояд “ифтихори пур аз бегонасозӣ” бошад. Дар мақола гуфта мешавад, ки буридани калимаҳои ғайриторикӣ ва тақвияти пояи вожагони торикӣ зарур аст. Ӯ истифодаи вожаҳои аслии торикӣ ва сода кардани услубро муҳим мешуморид, то ки забон фаҳмо ва наздик ба гуфтугӯи мардум бошад. Бар пояи андешаҳои Бектош, забони адабӣ бояд аз таҷрибаи забони гуфтугӯии мардум ва захираи лаҳҷаҳо нерӯ бигирад. Забони адабӣ бояд ниёзҳои ҳаррӯзаи ҷомеа ва воқеиятҳои зиндагии мардумро инъикос кунад, то омма онро осон дарк намоянд.

4. Меъёрсозӣ ва таҷрибаи ҷаҳонӣ

Бектош зарурати доштани меъёр ва қоидаҳои возеҳро барои забони адабӣ таъкид менамояд ва истифодаи таҷрибаи дигар миллатҳо, аз ҷумла, забонҳои аврупоиро дар соҳаи меъёрсозӣ муҳим мешуморад. Риояи меъёрҳои адабӣ ва такя ба омузишу таҳқиқоти илмиро дастури зарурӣ медонист. Ӯ ба корбурди таҷрибаи муосири забоншиносӣ ва дастовардҳои илмии ҷаҳонӣ барои такмили забони торикӣ аҳаммияти махсус медод.

5. Муносибати забоншиносии илмӣ

Дар мақола оварда шудааст, ки ислоҳ ва такмили забон танҳо бо ҳавас ва завқ натавонанд, балки ин кор бояд бо таҳқиқи илмӣ, санҷиши таҷрибавӣ ва андозаи забони халқ сурат бигирад.

Китоби “Дар атрофи забони адабии торик” як санаде аст, ки дар он Бектош назари ҷиддӣ ба ислоҳу коркарди забони адабӣ, поксозии он, такя ба эҳтиёҷи мардум ва истифодаи таҷрибаи илмии ҷаҳонӣ медиҳад. Асари мазкур имрӯз ҳам аҳаммияти бузург дорад ва заминаи назариявии оғози забоншиносии муосири торикро гузоштааст. Аз ин бармеояд, ки забони

адабӣ бояд зебо, равону оммафаҳм бошад ва ҳувияти миллӣ ва фарҳангии тоҷиконро ҳамаҷониба таҷассум намояд.

Саҳми Бектош дар рушди афкори навини забоншиносии тоҷик ва таҳкими забони адабии тоҷикӣ хеле назаррас мебошад. Муҳиммияти афкори ӯро метавон ба чанд қисмат ҷудо намуд:

1. Талоши ӯ баҳри тозагии забони адабии тоҷикӣ

Муаллиф таъкид мекунад, ки забони адабӣ бояд равон, сода ва фаҳмо бошад.

2. Истифодаи алифбои мутобиқ ба хусусиятҳои забони тоҷикӣ

Бектош масъалаи истифодаи алифбои мутобиқ ба хусусиятҳои забони тоҷикӣ ва осон кардани хондану навиштанро муҳим медонист. Ӯ гузариш ба алифбои навро яке аз шартҳои муҳим барои рушди маориф ва адабиёт донистааст.

3.Таҳқиқ ва тарғиби мероси классикӣ ва истилоҳоти забоншиносӣ

Бектош ба поксозии забони адабӣ аз калимаҳои бегона ва мураккаб таъкид мекард, то ки забон ба забони гуфтугӯии мардум наздик ва фаҳмо гардад. Ӯ тарафдори содагардонии услуб ва истифодаи вожаҳои аслии забони тоҷикӣ буд, зеро забон бояд оммафаҳм бошад.

Бектош бо осори илмӣ ва мақолаҳои забоншиносии худ дар таҳкими забони адабӣ, такмили алифбо, истилоҳсозӣ ва рушди илми забоншиносии навини тоҷик саҳми арзанда гузоштааст. Осори ӯ то имрӯз барои муҳаққиқон ва донишҷӯёни самти бахшҳои забоншиносӣ манбаи муҳимми пажуҳиш ба шумор меравад.

Омузиши асарҳои Бектош барои фаҳмиши забон муҳим аст, зеро ӯ ҳамчун яке аз мутахассисони барҷастаи забоншиносии тоҷик дар таҳкими забони адабӣ ва поксозии он аз калимаҳои бегона ва мураккаби печдарпеч саҳми арзанда гузоштааст. Андешаҳои Бектош дар бораи содагардонии забон, наздик кардани он ба забони гуфтугӯии мардум ва мутобиқсозии алифбо ба хусусиятҳои забони тоҷикӣ барои рушди забони миллӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифат дар ҷомеа нақши муҳим дорад.

Ҳамчунин, омузиши осори ӯ ба таҳкими худшиносии миллӣ ва эҳтироми забон ҳамчун рукни ҳастии миллат мусоидат мекунад, зеро забон на танҳо воситаи муошират, балки оинаи фарҳанг ва таърихи халқ аст. Фаҳмишу андешаҳои Бектош дар бораи забоншиносӣ ба омузгорон, муҳаққиқон ва ҳар шахсе, ки мехоҳад забони тоҷикӣ ва фарҳанги онро таҳқиқ кунад, заминаи назариявӣ ва амалии устувор медиҳад.

Асарҳои Бектош бо як қатор хусусиятҳои назаррас ба рушди илми забоншиносии навини тоҷик мусоидат кардаанд. Ин хусусиятҳо асосҳои илмӣ ва амалии такмили забони адабиро фароҳам меоранд ва заминаи мустаҳкам барои таҳқиқоти минбаъда мегузоранд.

Бектош дар асарҳояш масъалаҳои назариявии забон, имло ва алифборо баррасӣ кардааст. Дар таҳқиқи Бектош диққати хос ба масъалаҳои алифбо ва мутобиқати хат ба хусусиятҳои савтии забони тоҷикӣ дода шудааст. Ин ҷанбаҳо ба такмили истилоҳот ва афзоиши таҳқиқоти илмии соҳа мусоидат кардаанд.

Муаллиф дар асарҳои худ ба риояи меъёрҳои забон ва эҳёи пояҳои классикии забони тоҷикӣ эътибори махсус додааст. Омузиши мероси классикиро ҳамзамон бо таҷрибаи муосир тавсия медиҳад.

Забон, дар таҳқиқи Бектош ҳамчун рамзи ҳувият таъриф ёфта, дар интишороти ӯ мақоми марказӣ дорад. Дар осори Бектош навоварӣ ва ислоҳоти илмӣ ба назар мерасад. Ӯ пешниҳоди роҳи нави илми забоншиносӣ, аз ҷумла, содагардонӣ, таҳрири истилоҳот ва такмили имлоро пешниҳод менамояд. Ин хусусиятҳо барои рушди минбаъдаи илми забоншиносӣ саҳми назаррас доштанд.

Хулоса, асарҳои Бектош ба поксозӣ ва содагардонии забон, таҳқиқи назариявӣ, эҳёи арзишҳои миллӣ, меъёрҳои адабӣ, мутобиқсозии алифбо, такмили меъёрҳо, таҳкими худшиносии миллӣ ва навоварии илмию амалӣ - ба рушди забоншиносии навини тоҷик ва ба талаботи замон ҷавобгӯ сохтани забон дар ин марҳилаи рушди афкори навини тоҷик заминаи устувор гузоштаанд.

2.2.9. Баҳром Ҳоҷизода ва афкори забоншиносии ӯ

Дар аксари рисолаҳои таҳқиқотие, ки солҳои 50-80-уми асри XX ба масъалаҳои муҳимми наҳви забони тоҷикӣ бахшида шудаанд, ба китоби дарсии М. Беленитский ва Б. Ҳоҷизода «Наҳви забони тоҷикӣ» [42] ишора карда шудааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки асосҳои илмии ин китоби дарсӣ нисбат ба китобу дастурҳои ҳамгунаш саҳеҳтару боэътимодтар аст. Дар воқеъ, аксар шарҳу эзоҳи муаллифон қавию асоснок буда, бисёр таърифу қоидаҳо мухтасару мушаххасанд. Дар маҷмуъ, «Наҳви забони тоҷикӣ» [42]-и М. Беленитский ва Б. Ҳочизода яке аз беҳтарин китобҳои дарсӣ аз наҳви забони тоҷикӣ маҳсуб ёфта, бо алифбои лотинӣ навишта шудааст. Хушбахтона, барои доираи васеи хонандагону омузгоронро ба муҳтаво, сохтори ин китоби дарсие, ки анқариб 90 сол пеш таълиф шудааст, шинос намудан онро аз алифбои лотинӣ ба хатти кириллӣ бе ҳеҷ гуна таҳриру илова ё ихтисор З. Хоҷаева ва О. Додаров баргардон кардаанд.

Як нуқтаро бояд ёдрас шавем, ки то таълифи ин китоби дарсӣ оид ба бахшҳои гуногуни асосҳои дастури забони тоҷикӣ якчанд китоби дарсӣ навишта шуда буд, ки онҳоро шартан ба ду давра ҷудо кардан мумкин аст: давраи аввал аз нимаи дуюми асри XIX то солҳои 20-уми асри XX; давраи дуюм аз солҳои 20-ум то солҳои 40-уми асри XX.

Давраи аввал ба қувват гирифтани ҷараёни маорифпарварӣ ва ислоҳи усули таълим дар мактабу мадрасаҳо иртибот дошт. Аксари муаллифону мураттибони китобҳои дарсии ин давра низ аз ҷумлаи ҳамон маорифпарварону ҷорикунандагони усули нави таълим буданд. Масалан соли 1903 «Баён-ул-ҳуруф»-и Сайид Аҳмад Васлӣ, соли 1905 «Асбоби савод»-и Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, соли 1907 «Раҳбари хат»-и Мунзим, соли 1908 «Таҳзиб-ус-сибён»-и Садриддин Айнӣ, солҳои 1906-1910 «Раҳнамои савод»-и Ҳоҷимуин Шукуруллозода, соли 1910 «Роҳбари форсӣ»-и Муҳаммадрасул Расулӣ, соли 1913 «Роҳбари мактаб»-и Исматулло Раҳматуллозода таълиф гардиданд. Аксари ин китобҳо то солҳои 20-уми асри XX борҳо нашр мешаванд.

Давраи дуюми таълифи китобҳои дарсӣ аз асосҳои дастури забони тоҷикӣ ба солҳои аввали ҳокимияти шуравӣ рост меояд. Намунаи аввалин ва беҳтарини китоби дарсии ин марҳила «Сарфу наҳви тоҷикӣ»-и Сайидризо Ализодаи Самарқандӣ маҳсуб меёбад. Ҳарчанд ки ин китоби дарсӣ аз ҷониби устод Айнӣ ва Сухарева ба танқид дучор шуда бошад ҳам, нақши он дар рушди афкори забоншиносии асри XX ва такмили китобҳои дарсӣ пурҷило аст. Ногуфта намонад, ки «Сарфу наҳви тоҷикӣ»-и С. Ализода, асосан, бо сабаби бештар ба сарфу наҳви арабӣ такя кардани муаллиф ва истифодаи бештари истилоҳоти арабӣ гирифтори танқид шудааст.

Пас аз «Сарфу наҳви тоҷикӣ» [23]-и С. Ализода кӯшиши ҷиддиеро дар роҳи таълифи китобҳои дарсӣ аз асосҳои дастури забони тоҷикӣ Т. Зеҳнӣ кардааст. Хусусан, «Таҷрибаи аввалин аз сарфи забони тоҷикӣ» [93], ки натиҷаи кӯшишҳои дурударози рафиқ Зеҳнист, яке аз муҳимтарин кадамҳое аст, ки дар ин роҳ гузошта шудааст. «Таҷрибаи аввалин аз сарфи забони тоҷикӣ»-и Т. Зеҳнӣ нахустин китоби дарсии мустақил аз асосҳои сарфи забони тоҷикӣ дар замони нав, яъне солҳои 20-уми асри XX маҳсуб меёбад.

Дар воқеъ, «Таҷрибаи аввалин аз сарфи забони тоҷикӣ»-и Т. Зеҳнӣ нисбат ба «Сарфу наҳви тоҷикӣ»-и С. Ализода содатару ба фаҳми хонандагон наздиктар аст, хусусан, дар боби корбасти ислоҳоти забоншиносӣ он ҷавобгуйи руҳи замонааш буд.

Дар ҳуди ҳамон соли 1930 китоби дарсии Абдурауфи Фитрат бо номи «Қоидаҳои забони тоҷик» [267] (сарф ва наҳв) ба табъ мерасад. Як тафовути назарраси китоби дарсии А. Фитрат, ҳамчунон ки худи муаллиф таъкид кардааст, ба асоси шаклӣ таълиф шудани он мебошад. Дар китоби дарсии Фитрат бештар ба ҷиҳатҳои созмонии воҳидҳои забон диққат дода шудааст. Пас аз китоби дарсии Т. Зеҳнӣ «Таҷрибаи аввалин аз сарфи забони тоҷикӣ» ва А. Фитрат «Қоидаҳои забони тоҷик» пайи ҳам якчанд китоби дарсии дигар навишта мешавад. Чунончи: Б. Ҳоҷизода, Л. Бузургзода, П. Деҳотӣ, Т. Зеҳнӣ «Забони модарӣ» (Сарфу наҳв, 1932); Б. Ҳоҷизода, Л. Бузургзода «Забони модарӣ», 1933); Т. Зеҳнӣ, Х. Бақозода, Ҳ. Каримов «Забони тоҷикӣ» (Сарфу

наҳв, имло, 1934); Т. Зеҳнӣ, Ҳ.Бақозода «Сарф» барои мактабҳои миёна (1935).

Тавре ки аз номгӯи ин китобҳои дарсӣ бармеояд, дар тули 5-6 сол сохту муҳтаво ва ҳадафҳои китобҳои дарсӣ аз асосҳои дастури забони тоҷикӣ мукаммалтару мушаххастар мегарданд.

Ин китобҳои дарсӣ, аз як тараф, барои таълими забони тоҷикӣ дар мактабҳои таҳсилоти умумии он солҳо ба сифати як фанни алоҳида хизмат карда бошанд, аз тарафи дигар, дар шаклгирию рушди афкори забоншиносии навини тоҷик, яъне аҳди шуравии тоҷик, асос гардидаанд. Афкор, андеша ва фаҳмиши забоншиносии аҳли улуми адабии тоҷик маҳз дар ҳамин китобҳои дарсӣ инъикос ёфта, паҳн мешуд. Бояд як нуктаро ин ҷо таъкид намоем, ки ин ҳама китобу дастурҳое, ки номбар шуданд, бештару беҳтар масъалаҳои муҳимму мубрами бахши сарфи забони тоҷикиро фаро гирифтаанд.

Соли 1936 бори аввал бо номи «Наҳви забони тоҷикӣ» [42] ба таври мушаххас барои синфҳои VI ва VII китоби дарсии М. Беленитский ва Б. Ҳоҷизода нашр мешавад. Баҳром Ҳоҷизода то таълифи ин китоби дарсӣ бо ҳаммуаллифии Л. Бузургзода ва А. Деҳотӣ якчанд китоби дарсӣ аз сарфу наҳви тоҷикӣ навишта, дар таълифи китобҳои дарсӣ таҷрибаи хуб ҳам пайдо карда буд. Аз ин ҷост, ки китоби дарсии «Наҳви забони тоҷикӣ»-и бо ҳамроҳии М. Беленитский таълиф намудаи ӯ аз беҳтарин китобҳои дарсии наҳви забони тоҷикӣ дар нимаи аввали асри ХХ маҳсуб меёбад. Китоби дарсӣ аз шарҳи воҳиди асосии нутқ – ҷумла, шуруъ шудааст. Муаллифон арзиш ва мақоми ҷумла, яъне хусусияти мухобиротии ҷумларо, ёдрас шуда, муҳокимаҳояшонро ба воситаи мисолҳои мушаххас тасдиқ намуда, чунин хулоса кардаанд: «Як калима ё якчанд калимаҳои ба ҳам алоқадор, ки фикреро мефаҳмонанд, ҷумла номида мешавад» [42, с. 140].

Дар воқеъ, муаллифон ба ҷумла таърифи бисёр содаю фаҳмо ва равону ихчами ба фаҳму идроки хонандаи 13-14 сола мувофиқ додаанд.

Баъд аз ин таъриф ҷумларо аз рӯйи мақсади гуфтор ва оҳанги гӯйиш ба ҷумлаи хабарӣ, суолӣ ва хитобӣ ҷудо кардаанд. Як нуктаи баҳсноку печида

дар шарҳи хелҳои ҷумла ин аст, ки муаллифон амру хитобро аз ҳам ҷудо накардаанд.

Ҷиҳати ҷолиби усули пешгирифтаи муаллифон ин аст, ки ҳиссаҳои ҷумларо аз рӯйи низоми муайян шарҳ додаанд, ки минбаъд ин усул дар китобҳои дарсии забони тоҷикӣ идома ёфтааст. Чунончи, ҳиссаҳои ҷумла,- мегуянд муаллифон, ба се: мубтадо, хабар, ҳиссаҳои пайрав тақсим мешаванд. Таърифе, ки дар шинохти мубтадо муаллифон овардаанд, ба назари мо, на фақат дар сатҳи фаҳмиши ин сараъзо дар солҳои 30-юми асри ХХ, балки дар қиёс бо таърифи ба мубтадо додаи китобҳои наҳви забони тоҷикии имрӯз ҳам беҳтару саҳеҳтар ва таърифи илмӣ мебошад. Чунончи: «Ҳиссаеро, ки кунандаи кор, соҳиби ҳаракат ва таъсирро мефаҳмонад ё ин ки дар ҷумла аз ҳолат, вазъият, чигунагӣ, кӣ будан ва чӣ будани он хабар дода мешавад, мубтадо меноманд» [42, с. 140].

Ба назари мо, агар дар ин таъриф ба ҷойи ҳаракат амал гуфта мешуд, беҳтарин ва саҳеҳтарин таърифи мубтадо имрӯз низ шинохта мешуд.

Дар фасли мубтадою хабар ва ҳиссаҳои пайрав (муаллифон ба ҷойи аъзоҳои пайрав ҳиссаҳои пайрав гуфтаанд, ки ба андешаи мо, хеле хушоҳанг ва созгор аст) муаллифон сохтори ҷумла ва ҳиссаҳои онро дар асоси як ҷумла дар шакли нақша ниҳоят бомавриду ҷолиб тасвир кардаанд.

Ҳамчунин, ифодаи мубтадою хабар ва мувофиқати ин ду сараъзоро хеле содаю фаҳмо ва мушаххас шарҳ додаанд, ки аз савияи баланди диди забоншиносии муаллифони китоб дарак медиҳад. Зимни шарҳи аъзоҳои пайрав онҳоро ба ду хел: пуркунандаҳо, муайянкунандаҳо ҷудо кардаанд. Пуркунандаҳо аз рӯйи вазифа ба 9 навъ ҷудо карда шудааст: сӯй (ба колхоз); замонӣ ва маконӣ (дар сохтмон, дар соати ду); ҳамроҳӣ (Шариф кати); баромад (аз мактаб); сабабӣ (аз баҳри ягонагии башар); интиҳо (то Маскав); борагӣ (дар бораи мусобиқа); фуромад (китобро хондан), истисноӣ (ғайр аз чойхонадор ва пирамард).

Чунон ки дида мешавад, муаллифон ҳамаи холшарҳкунандаҳоро ба пуркунанда нисбат додаанд. Ҳамин омезиши холшарҳкунандаҳо бо

пуркунанда минбаъд ҳам дар китобҳои дарсии наҳви забони тоҷикӣ идома меёбад. Масалан, дар «Синтаксиси мухтасари забони тоҷикӣ»-и Л. Бузургзода [52] айнан, ҳамин сурати ҳол мушоҳида мешавад.

Маълумотеро, ки муаллифон оид ба муайянкунандаҳо овардаанд, то андозае густурда ва ҷолиб аст. Муаллифон муайянкунандаҳоро вобаста ба тарзи алоқа ва маъною вазифаашон ба 7 навъ ҷудо кардаанд: изофӣ (шаҳри Сталинобод, ниҳоли тут); тавсифӣ (чойхонаи сурх, талабаи зарбдор); ададӣ (ду автомобил); монандӣ (пахта чаман барин); ишоратӣ (ин кас); ҳолӣ (шитобкорона); баёния (колхоз-хоҷагии коллективӣ).

Мутаассифона, дар таснифу гурӯҳбандии муайянкунандаҳо муаллифон меъёри ягонаро рӯйи кор наовардаанд. Масалан: вақте ки муайянкунандаи изофӣ мегӯем, меъёр воситаи алоқа-бандаки изофӣ, қарор дода мешавад, пас аз нигоҳи мантиқ гурӯҳи дигари муайянкунандаҳо беизофа мешаванд ва ҳамин хел ҳам ҳаст. Муайянкунандаи тавсифӣ, ки гуфтем, маънӣ дар назар дошта мешавад ва гурӯҳҳои дигари муайянкунандаҳо соҳибию мулкият мешаванд. Вақте ки муайянкунандаи ададӣ мегӯем, ифодаи морфологии муайянкунанда дар назар дошта мешавад. Агар аз ин нуқтаи назар тасниф кунем, бояд муайянкунандаҳои исмӣ, сифатӣ, шуморавӣ, ҷонишинӣ ва ғ. гуем.

Ба ҳамин тариқ, анвои муайянкунандаҳо дар ин китоби дарсӣ саҳеҳу мушаххас тасвир нашудааст. Баъдтар таснифу гурӯҳбандии нисбатан саҳеҳи ин аъзои пайрави ҷумларо мо дар «Синтаксиси мухтасари забони тоҷикӣ»-и Л. Бузургзода мебинем. Дар шарҳи аломатҳои китобатии баёнияҳо дар ин китоби дарсӣ як таъкиди муҳим, ки имрӯз ҳам аҳаммияти худро нигоҳ доштааст, ин аст, ки муаллифон мегӯянд: «Агар калимаи баёншаванда ҷонишин бошад, дар ин сурат баёнияро бо вергулҳо аз байни дигар ҳиссаҳои ҷумла ҷудо мекунанд. Масалан: Мо, зарбдорон, дастаи пешкадами муборизони план мебошем» [52, с. 142].

Мутаассифона, дар навишти имрӯза ана ҳамин қоидаи аломатгузории баёния, ки ҳануз зиёда аз 90-сол пеш ба китоби дарсӣ ворид шудааст, риоя намешавад. Умуман, мавридҳои аломатгузории баёнияҳо бо истиснои як

маврид дурусту саҳеҳ нишон дода шудааст. Он мавриди истисноӣ ин аст, ки муаллифон гуфтаанд: «Агар баёния исми хос бошад, вайро ҷудо намекунанд. Масалан: Падари вай Иброҳим гапи бачаҳоро шунид» [333, с. 8].

Исми хоси Иброҳим барои мушаххас сохтани ибораи «падари вай» оварда шудааст, бинобар ин ҳиссаи возеҳкунанда, яъне баёния, аст. Чунин баёнияҳо низ аз қойидаи умумӣ берун буда наметавонад, аз ин рӯ онҳо ҳам аз ду тараф бо аломати китобат бояд ҷудо карда шаванд. Чунончи: Падари вай-Иброҳим, гапи бачаҳоро шунид.

Муаллифони китоби дарсӣ моҳияти сохторию маъноии ҷумлаи содаю мураккабро дуруст шарҳ доданд, аммо истилоҳи «ҷумлаи мураккаб»-ро истифода накарда, ҷумлаи пайваста гуфтаанд. Чунончи: “Ҷумлаҳое, ки онҳоро боз ба ҷумлаҳои алоҳида тақсим кардан мумкин аст, яъне аз як шудани ҷумлаҳои алоҳида ташкил ёфтаанд, ҷумлаҳои пайваста номида мешаванд.

Ҷумлаҳое, ки аз як зиёда мубтадо ва хабар надоранд ва ҳиссаҳои ҷудогонаашонро ҷумла номидан мумкин нест, ҷумлаи сода номида мешаванд” [55, с. 10].

Дар ин китоби дарсӣ моҳияти дастурии ҷумлаҳои пурраю нопурра, унвонӣ, номуайяншахс, ҷумлаи чидааъзо, мухотаб ва аломатҳои китобат дар онҳо дуруст шарҳ дода шудааст. Махсусан, воситаҳои дастурии алоқабандии аъзоҳои чида хеле ботафсил ва нозукона тарҷеҳ шуда, аломатҳои китобати аъзоҳои чида равшану возеҳ нишон дода шудаанд.

Фасли ҷумлаҳои мураккаби ин китоби дарсӣ мухимтарин кисмати китобро ташкил дода, дар бораи хусусиятҳои созмонӣ ва маъноии ҷумлаҳои мураккаб баҳс менамояд. Дар ин фасл аввал ҷумлаҳои мураккабро бо ду: ҷумлаи пайвастаи ба ҳам тобеъ (муаллифон истилоҳи пайвастро ба маънои мураккаб кор фармуданд, ки он кадар созгор нест, зеро мафҳуми пайваст бо тобеъ дар муносибати тазодии нисбӣ қарор дорад), ҷумлаи пайвастаи ғайри тобеъ.

Дар шарҳи сохторию маъноии ҷумлаи мураккаби тобеъ муаллифон моҳияти сарҷумлаю ҷумлаи пайравро, асосан, дуруст кушодаанд ва истилоҳи сарҷумларо корбаст намуда, ҷумлаи пайравро ҷумлаи тобеъ гуфта, аз истилоҳи ҷумлаи пайрав худдорӣ кардаанд. Ҳамчунин, муаллифон ба ҷойи истилоҳи ҳоло роиҷи пайвандакҳои тобеъкунанда истилоҳи бандакҳои ҷумлабанди тобеъкунандаро истифода кардаанд.

Ҷумлаҳои пайрав (ба таъбири муаллифон ҷумлаи тобеъ)-ро аз рӯйи вазифа ба чунин хелҳо ҷудо кардаанд: ҷумлаи сабабӣ, замонӣ, шартӣ, монандӣ, пуркунанда, мақсадӣ, натиҷагӣ, хилофӣ, муайянкунанда.

Муаллифон моҳияту вазифа ва сохтори ҳар кадоме аз ин ҷумлаҳои пайравро дар доираи барномаи таълимии мактаби миёна хуб шарҳу эзоҳ дода, ҳолатҳои ҷудогонаи ифодаи онҳоро таъкид карданд.

Дар фасли “Ҷумлаҳои тобеи пайдарпай» муаллифон ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркибро шарҳ додаанд, ки ҳоло мо ду қолаби онҳоро дар шакли зайл нишон медиҳем:

1. Ҷумлаҳои тобеъ ба сарҷумла мансуб буда, як ҳисса ё ки якчанд ҳиссаҳои ҷудогонаи сарҷумларо пурра ва эзоҳ медиҳанд.

2. Ҷумлаи аввалини тобеъ ба сарҷумла, ҷумлаи дуввумини тобеъ ба ҷумлаи тобеи аввалӣ ва ҳоказо нигоҳ мекунад.

Дар навбати худ ҷумлаҳои пайрави қолаби аввалро ба ду хел: ҷумлаҳои пайрави якхела ва ҳархела ҷудо кардаанд. Дар интиҳои ин фасл ҳарду хели ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркибро дар шакли нақша тасвир кардаанд.

Муаллифон оид ба ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак маълумоти мухтасар дода, дар ифодаи муносибатҳои наҳвӣ онҳоро ҳамгуни ҷумлаҳои мураккаби пайвандакдор медонанд.

Як ҷиҳати дигари ҷолиби ин китоби дарсӣ дар ин аст, ки муаллифон роҷеъ ба муродифоти ибораҳои сифати феълию масдарӣ бо ҷумлаҳои пайрав маълумоти мухтасар, вале мушаххас овардаанд.

Маълумоти доир ба ҷумлаҳои мураккаби пайваст додаи муаллифон ҳарчанд мухтасар бошад ҳам, асосан, муҳтаво, сохтору мазмуни ин хели

ҷумлаи мураккабро инъикос кардааст. Дигар аз ҷиҳатҳои хуби ин китоби дарсӣ дар охири ҳар мавзуъ овардани маълумоти зарурӣ оид ба аломатҳои китобати марбут ба ҳамон мавзуъ мебошад. Қисмати маълумоти назарии ин китоби дарсӣ бо мавзуи нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда ҷамъбаст мешавад.

Як ҳиссаи калони ин китоби дарсиро матнҳо бо номи “Малакаҳо” ташкил медиҳад. Дар ин қисмат муаллифон матнҳоро мувофиқ ба кулли мавзуъҳои назарии бахши аввал оварда, ҳалли онҳоро ба талабагон ҳавола кардаанд. Воқеан, порчаҳои насрию назмие, ки муаллифон пешниҳод намудаанд, барои инкишофи малакаҳои забонфаҳмию маънишиносии хонандагон, дар зеҳни онҳо парвариш ёфтани донишҳо аз наҳви забони тоҷикӣ аҳаммияти муҳим доранд.

Хулоса, китоби дарсии “Наҳви забони тоҷикӣ”-и М. Беленитский ва Б. Ҳоҷизода имрӯз ҳам арзиши худро гум накардааст ва барои равшан шудани таърихи ташаккули афкори забоношиносии тоҷик дар солҳои 40-50-уми асри ХХ ва таълифи китобҳои дарсии ҷавобгӯйи давру замон аҳаммияти муҳим дорад.

2.2.10. Ҳомид Бақозода ва мақоми ӯ дар ташаккули забоншиносии навини тоҷик

Солҳои 20-30 асри ХХ, ки давраи ташаккули илму фарҳанги замони нав, яъне аҳди шуравии тоҷик, маҳсуб меёбад, нахустин пойдевори риштаҳои гуногуни илму фарҳанг бо диди фарогири ҷаҳонбинии нав гузошта мешавад. Ҳарчанд ки дар риштаи илми филологӣ, аз ҷумла забоншиносӣ, донишмандони асримиёнаи тоҷик таълифоти арзишманде боқӣ гузошта бошанд ҳам, аз нигоҳи замони шуравӣ онҳо “зарароват” дониста шуда истифода нашудаанд. Дар ҳамин рӯзгор як зумра зиёиёни ватандӯст ба таълифи китобҳои дарсӣ аз бахшҳои гуногуни дастури забони тоҷикӣ камари ҳиммат мебанданд. Дар ин замина то андозае дониши забоншиносии худро дар таҳияи китобҳои дарсӣ аз асосҳои дастури забони тоҷикӣ татбиқ карда,

бо ҳамин амали хеш барои шакл гирифтани афкори забоншиносии давраи нав замина муҳайё месозанд. Ба ин амал онҳое даст заданд, ки таълимгирифтаи таълимгоҳҳои Самарқанду Бухоро ва дигар марказҳои илмию таълимӣ буданд. Аз ин миён яке аз зиёиёни фидоии миллат Ҳамид Бақозода буд.

Хизмати Ҳамид Бақозода мисли дигар ҳамсафонаш Сайидризо Ализода, Абдуррауфи Фитрат, Турақул Зеҳнӣ, Баҳром Ҳоҷизода, Лутфулло Бузургзода дар шаклгирӣ ва рушди илми забоншиносии садаи ХХ-и тоҷик хеле назаррас аст. Ӯ ба масъалаҳои забоншиносии тоҷик аз мавқеи амалии ин илм наздик мешавад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки солҳои 20-30-юми садаи ХХ масъалаи сода кардани забони тоҷикӣ дар ҳама сатҳу қабатҳо: луғату истилоҳот, калимасозию ибораорӣ ва ҷумлабандӣ ба миён омад. Вобаста ба ҳалли ин масъала дар саҳифаҳои матбуот ва маҳфилҳои илмӣ мубоҳисаҳои зиёде сурат гирифт. Яке аз ҷавонтарин зиёие, ки дар ин баҳсҳо ширкат меварзид, Ҳамид Бақозода буд, ки ҳамагӣ 17-18 сол дошт. Назари борикбинонаи ӯро аз мақолаи “Забони тоҷикӣ” [36] ба хубӣ мушоҳида метавон кард. Дар ин мақола ӯ ба хусусиятҳои забонии як китобчаи тарҷумашуда, ки ҳамагӣ 30 саҳифа аст, эрод гирифта, аз ҷумла, таъкид кардааст, ки ба ҷойи калимаҳои душворфаҳми арабии «деҳотии мутамаввил», деҳотии мутавасситааҳвол, деҳотии фақир - деҳотии бой, деҳотии миёнаҳол, деҳотии камбағал гуфтан беҳтар аст.

Дар мақолаи дигар, ки бо номи “Дар гирди алифбои нави тоҷикӣ” [35] ном дорад, оид ба низоми (системаи) фонемаҳои садоноки тоҷикӣ баҳс намуда, низоми 7 фонемагиро ҷонибдорӣ мекунад: е, о, а, у, ӯ, и, ӣ.

Ҳамид Бақозода ба онҳое, ки **“и”**-и дароз (ба истилоҳи онҳо зери дароз)-ро қабул надоранд, баҳс карда, мегуяд: “Оё дар байни “**гил”** ва “**тартиб”** фарқи овозӣ нест? Албатта ҳаст. Дар вақти “**гил”** гуфтан овози зери кутоҳ ба кор бурда мешавад, аммо дар вақти “**тартиб”** гуфтан овози зери дароз. Бинобар ин, овози **“и”**-и дароз лозимӣ надорад гуфтан дуруст нест. Хулоса, лозим аст, ки овози дарози **“ӣ”** ба ҷояш истад” [35, с. 518].

Ҳамин гуна андешаи дигари Ҳамид Бақозода дар бораи овози садоноки **ӯ** дида мешавад. Вай ба муаллифи мақолаи «Боз ҳам дар атрофи масъалаи алифбои нави тоҷикӣ» [33] Ф. Аълозода баҳс карда, ин таъкиди ӯро: «Аз алифбо берун кардани шакли **ӣ**-и дароз ва **ӯ**-и дароз хуб аст, он гоҳ, гаранг намешавем» рад намуда, мефаҳмонад, ки: "масъаларо ин навъ гузоштан хуб нест. Мо ҳарфҳои овоздорро (мақсадаш садонокҳо-В.Ҳ.) барои ин қабул кардем, ки ҳар як калимаро мувофиқи оҳанги забон нависем, масъалаи ба куҷо кор фармудани ӯ-ро худи овоз нишон медиҳад. Умуман бояд аз 8 ҳарфи овоздор фақат **ӯ** бардошта шавад ва дигараш қабул гардад" [33, с. 596].

Имрӯз ҳам дар мавриди овози «ӯ» баҳс идома дорад, чаро ки ҳамон солҳо ин баҳс хулосаю анҷоми илмии худро наёфта будааст ва то имрӯз боқӣ мондааст.

Андешаҳои забоншиносии Ҳамид Бақозода, махсусан, дар таълифи китобҳои дарсӣ аз асосҳои дастури забони тоҷикӣ рушди тоза пайдо мекунад. Ба сифати намуна метавон китоби бо ҳаммуаллифии Т. Зеҳнӣ навиштаи ӯ «Сарфи забони тоҷикӣ» [97]-ро, ки соли 1935 нашр шудааст, овард.

Дар сифати ин китоб донишманди шодравон Расул Ҳодизода чунин гуфтааст: «Ман китоби аввалини забони тоҷикиро бо номи Зеҳниву Ҳамид Бақозода гирифтам. Китоби «Сарфи забони тоҷикӣ» буд. Забони софу нобу табии тоҷикиро дар қолабҳои нави қоидаҳои забон чунон хуб, равшан ва равон баён карда буданд, ки бе муболиға ҳар ҳарфу калимаи он имрӯз ҳам дар гӯш садо медиҳад. Бе муболиға гуфта метавонам, ки ҳамон китоби сарф буд, ки саводи аввалини забони тоҷикии маро ташаккул дод» [300, с. 24].

Китоби «Сарфи забони тоҷикӣ» [97]-и Т. Зеҳнӣ ва Ҳ. Бақозода доир ба масъалаҳои сарфи забони тоҷикӣ гуфтугӯ намуда, аз ду бахш: Бахши аввал аз шарҳи муҳимтарин масоили савтиёт ба мисли: узвҳои гуфтугӯ (гуфтор), овозҳои садонок, бесадо (ҳамсадо), тавсифи овозҳои ҳамсадо вобаста ба узвҳои гуфтор, табдили овозҳо, тағйироти савтии калимаҳо, овозҳои кучанда, ҳиҷо, сохти ҳиҷои тоҷикӣ, зада шуруъ шудааст, ки аз савияи баланди забоншиносии Ҳамид Бақозода дарак медиҳад.

Ҳарчанд ин китоби дарсӣ марбут ба сарф аст, аммо муаллифон пас аз маълумоти муқаддимотии савтиёт ба шарҳи ҷумла шуруъ кардаанд. Шояд ин усули пешгирифтаи муаллифон ба асоси анъанаи дастурнависии классикӣ, алалхусус, забони арабӣ бошад (Ин усул дар таълифи китобҳои дарсии имрӯза чандон риоя намешавад).

Дар ин қисмати дастур оид ба мавзуъҳои асосию муҳими наҳв: хелҳои ҷумла, аломатҳои ист дар ҷумла, задаи мантиқӣ дар ҷумла, ҳиссаҳои ҷумла (мубтадо, хабар, пуркунанда, муайянкунанда, ҳол), хелҳои ҷумла, ҷумлаи чидааъзо, ҷумлаи пайваста (ҷумлаи мураккаб) дахл карда, маълумоти зарурӣ дода шудааст.

Қисмати асосии дастур, яъне сарф, аз шарҳи сохти калима: реша ва часпак, асос ва бандак шуруъ шудааст. Мафҳумҳои бо сохтори калима иртиботдошта – реша, асос, часпаку бандакро муаллифон хеле содаю фаҳмо тавзеҳ дода, чунин таъкид намудаанд: “Агар дар ҷумла дигаргунии калима ё сохта шудани калимаҳоро тафтиш кунем, аз ду унсури асосӣ иборат будани онҳоро мебинем. Яке ҳиссаи иловапазир, дуввумӣ ҳиссаи иловашаванда, яъне часпак, агар ба иловапазир дохил шуда, маъно ё миқдори онро дигар намояд, часпаки калимасоз, ё ки танҳо часпак, агар алоқа ва нисбати ӯро ба калимаи дигар бандад, часпаки калимабанд, ё ки танҳо бандак номида мешавад. Иловапазир нисбат ба часпак реша ва нисбат ба бандак асос номида мешавад” [97, с.152].

Пас аз ин таъриф ҳар кадоме аз ин ҳодисаҳои сарфӣ бо мисолҳои мушаххас шарҳу эзоҳ дода шудаанд. Маълум аст, ки мавзуи асосии бахши сарфро гурӯҳбандии ҳиссаҳои нутқ ташкил медиҳад. Баъд аз маълумоти мухтасар оид ба вожаҳои нав муаллифон роҷеъ ба ҳиссаҳои нутқ сухан ронда, калимаҳоро аз рӯйи маъно ва вазифаашон ба 8 гурӯҳ: исм, сифат, шумора, ҷонишин, шумора, феъл, ёрдамчӣ ва нидо ҷудо кардаанд.

Гурӯҳбандии ҳиссаҳои нутқ аз ҷониби муаллифони ин китоби дарсӣ, аз гурӯҳбандии ҳиссаҳои нутқ, ки муаллифи аввалин сарфу наҳви тоҷикӣ Сайидризо Ализода пешниҳод кардааст, он қадар фарқ надорад. Сайидризо

Ализода ҳиссаҳои нутқро аз 9 адад дониста, ба ин тартиб номгузорӣ кардааст: исм, сифат, адад, замир, феъл, зарф, адот, робита, асвод. Чунонки мебинем, гурӯҳбандии ҳиссаҳои нутқ аз ҷониби Сайидризо Ализода аз ду ҷиҳат саҳеҳтар аст; аввал ин, ки ҷонишин ҳиссаи нутқест, ки дар мавридҳои зарурӣ исму сифату шумораро иваз менамояд, бинобар ин салоҳ он аст, ки дар низоми ҷобаҷогузорӣ пас аз шумора оварда шавад; дигар ин, ки аксари ҳиссачаҳо бо нидоҳо ҳамвазифаанд, иддае аз ҳиссачаю нидоро аз ҳам ҷудо кардан душвор аст, бинобар ин, Сайидризо Ализода ҳиссачаҳоро дар гурӯҳи нидоҳо овардааст.

Муаллифон шарҳи ҳиссаҳои нутқро аз исм шуруъ кардаанд, ки ин дуруст аст, аммо пас аз таърифи исм дар бораи гурӯҳҳои луғавии исм маълумот надода, балки оид ба сохти исм маълумот додаанд.

Маълум мешавад, ки муаллифон, асосан, ба ҷиҳати шаклии воҳидҳои забонӣ бештар эътибор додаанд. Аз ин ҷост, ки хусусиятҳои луғавии исм андаке хира ва номукаммал ба назар мерасад.

Маълумоти оид ба сифат овардаи муаллифон хуб аст, зеро муаллифон доир ба маънои сифатҳо (масофаю андоза, хусусияту ҳолат, ранг), сохти сифатҳо, дарачаҳои сифат шарҳи мушаххас дода, онро бо мисолҳо асоснок кардаанд. Дар ин фасл як тартибу низоме, ки дар таълифоти донишмандони асримиёна ва умуман гузаштаи мо роиҷ буд, истифода шудааст. Он тартиб ё усул ин аст, ки маъною вазифаи сифатҳо вобаста ба пешванду пасвандҳои сифатсоз гурӯҳбандӣ карда мешавад.
Бо ин усул муаллифон чунин гурӯҳҳои сифатҳоро ҷудо кардаанд: сифати таъкидӣ (сап-сафед), сифати дорӣ (доно), сифати нодорӣ (нофаҳм), сифати нисбатдор (тирамоҳӣ), сифати монандӣ (маҳваш), сифати фоилӣ (оҳангар), сифати мафъулӣ (фиристода), сифати ҳол (хандон), сифати ҳамроҳӣ (ҳамкор), сифати сазоворӣ (шуниданӣ).

Мавзуи ҷонишинҳо низ хуб шарҳ дода шудааст. Дар шарҳи ҷонишинҳо муаллифон, аз як тараф, усулу равиш ва истилоҳоти классикиро ба кор бурда бошанд, мисли: бандакҷонишинҳои изофӣ,

бандакҷонишинҳои иснодӣ, ҷонишинҳои ибҳомӣ, аз сӯи дигар, кӯшиш карданд, ки истилоҳоти тоҷикӣ ё наздик ба тоҷикиро ба кор баранд, монандӣ: ҷонишин, ҷонишинҳои шахсӣ, пурсишҷонишин, вазифаи ҷонишин дар ҷумла. Аксар шарҳу тавзеҳоти оид ба ҷонишин овардаи муаллифон имрӯз ҳам дар китобҳои дарсии забони тоҷикӣ ҷой доранд.

Дар фасли шумора маълумоти муаллифони китоби дарсӣ роҷеъ ба хелҳои шумора, имлои шумора, вазифаи наҳвии шумора аз диди имрӯзи илми забоншиносӣ низ қобили қабул аст.

Дар китоби дарсии “Сарфи забони тоҷикӣ -и Т. Зеҳнӣ ва Ҳ. Бақозода низ феъл ҳамучун ҳиссаи нутқ мавқеъи муҳим дорад. Нахуст муаллифон ба феъл ҳамчун ҳиссаи мустақили нутқ, чунин таъриф додаанд: “Феъл калимае аст, ки кор, таъсир, ҳаракатро мефаҳмонад ва ба саволҳои (чӣ кард?, чӣ мекунад?, чӣ шуд?) ҷавоб медиҳад. Мисол: навишт, хон, меравад, омада истодааст. Феълҳо аз гурӯҳҳои дигари калима бо замон доштани худ фарқ мекунанд” [97, с. 152]. Муаллифон ҳарчанд дар доираи барномаи синфи 5-ум ҳам бошад, бори аввал системаи феълро хеле муфассалу мушаххас ва то андозае бо фарогирии ҳамаи шаклҳои замониаш, ҳамчунин корбасти истилоҳоти тоҷикӣ тасвир кардаанд. Чунончи, шаклҳои замонии феълро бо чунин тартиб нишон додаанд:

Гурӯҳи феълҳои замони оянда

1. Феъли фармоиш: шахси дуюм (рав), шахси савум (равад).
2. Феъли хоҳишмандӣ: тарзи якум (равам), тарзи дуюм (рафтаниам).
3. Феъли ояндаи тавоноӣ: тарзи якум (рафтан тавонам), тарзи дуюм (тавонам рафт).
4. Феъли орзумандӣ: (равам - чӣ)
5. Феъли замони ояндаи дур (хоҳам рафт)

Гурӯҳи феълҳои замони ҳозира

1. Феъли ҳозира - оянда (меравам: дар се шахсу ду шумора, шаш шакли мусбат, шаш шакли манфӣ).

2. Ҳозираи давомдор (рафта истодам: дар се шахсу ду шумора).

Гурӯҳи феълҳои замони гузашта

1. Феъли гузаштаи дида (рафтам: дар се шахсу ду шумора, шаш шакли мусбат ва шаш шакли манфӣ)

2. Гузаштаи хикоягӣ (мерафтам: дар се шахсу ду шумора, шаш шакли мусбат ва шаш шакли манфӣ)

3. Гузаштаи нақлӣ (рафтаам: дар се шахсу ду шумора, шаш шакли мусбату шаш шакли манфӣ).

4. Гузаштаи дур (рафта будам: дар се шахсу ду шумора, шаш шакли мусбату шаш шакли манфӣ).

5. Феъли нақлии ҳикоягӣ (мерафтаам: дар се шахсу ду шумора, шаш шакли мусбату шаш шакли манфӣ).

6. Гузаштаи нақлии дур (рафта будаам: дар се шахсу ду шумора, шаш шакли мусбату шаш шакли манфӣ).

7. Гузаштаи тавоноӣ (рафта тавонистам: дар се шахсу ду шумора, шаш шакли мусбату шаш шакли манфӣ).

Мо барои тафовут ва арзиши маълумоти ин китоби дарсиро оид ба як мавзуи сарф нишон додан танҳо шаклҳои замони гузаштаро бо маълумоти «Чаҳор гулзор»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, «Сарфу наҳви тоҷикӣ»-и Сайидризо Ализода ва Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик нишон медиҳем.

Муқоисаи шаклҳои замони гузаштаи феъл Ҷадвали 4.

	Шаклҳои замони гузаштаи феъл	«Чаҳор гулзор»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ	«Сарфу наҳви тоҷикӣ»-и Сайидризо Ализода	«Сарф»-и Т. Зеҳнӣ ва Ҳ. Бақозода	Грамматика и забони адабии ҳозира тоҷик

1.	Гуфтам	Мозии мутлақ	Мозии мутлақ	Гузаштаи дида	Гузаштаи наздик
2.	Мегуфтам	Мозии истимрорӣ	Мозии истимрорӣ	Гузаштаи ҳикоягӣ	Гузаштаи ҳикоягӣ
3.	Гуфтаам	Мозии қариб	Мозии нақлӣ	Гузаштаи нақлӣ	Гузаштаи нақлӣ
4.	Гуфта будам	Мозии баъид	Мозии баъид	Гузаштаи дур	Гузаштаи дур
5.	Гуфта бошам	Мозии ташкик	Мозии шартӣ	___	Гузаштаи шартӣ-хоҳишмандӣ
6.	Гуфта будаам	___	Мозии нақлии баъид	Гузаштаи нақлии дур	Гузаштаи дури нақлӣ
7.	Гуфта тавонистам	___	Мозии иқтидорӣ	___	___
8.	Мегуфтаам	___	Мозии истимрории нақлӣ	Гузаштаи нақлии ҳикоягӣ	Гузаштаи нақлии ҳикоягӣ
9.	Мегуфта будаам	___	Мозии истимрории нақлии баъид	___	___
10.	Гуфта истодам	___	___	___	Гузаштаи давомдор
11.	Гуфта истода будам	___	___	___	Гузаштаи давомдори дур

Чунонки аз муқоисаи фавқ бармеояд, дар ифодаи шаклҳои замони гузаштаи феъл, корбурди истилоҳоти марбути он агар маълумоти «Сарфу

наҳви тоҷикӣ»-и Сайидризо Ализода ба маълумоти «Чаҳор гулзор»-и Нисорӣ қаробат дошта бошанд, маълумоти китоби «Сарф»-и Т. Зеҳнӣ ва Ҳ. Бақозода ва истилоҳоти корбаст намудаи онҳо ба фаҳмишу биниши имрӯз наздик буда, ба “Грамматикаи забони адабии муосири тоҷик” мувофиқат мекунанд.

Хулоса, таълифи ин китоби дарсӣ дар қатори “Сарфу наҳви тоҷикӣ”-и Сайидризо Ализода, “Қоидаҳои забони тоҷикӣ”-и Абдурауфи Фитрат барои таҳия ва такмили китобҳои дарсии забони тоҷикӣ ва ташаккули афкори забоншиносии навини тоҷик такони муҳиме шудааст. Воқеан, донишмандони солҳои 20-30-юми асри ХХ назару андеша ва биниши забоншиносии худро то андозае дар шарҳу эзоҳи асосҳои дастури забони тоҷикӣ матраҳ сохтаанд, ки минбаъд дар таҳқиқи масъалаҳои алоҳидаи забоншиносӣ муҳаққиқон аз ин дастурҳо баҳраи фаровон бурдаанд.

БОБИ 3. ТАШАККУЛИ ЗАБОНШИНОСИИ НАВИНИ ТОҶИК ДАР СОЛҲОИ 40-50-УМИ АСРИ ХХ

3.1. Баррасии осори илмии муҳаққиқони забоншиноси ин марҳилаи забоншиносии навини тоҷик

Дар солҳои 40-50-уми асри ХХ, ки давраи хеле вазнин, яъне 5 соли Ҷанги Бузурги Ватанӣ, солҳои барқарорсозии хоҷагии халқ, мактабу дигар муассисаҳои таълимиву илмӣ буд, бо вуҷуди ин аҳли илму адаб кӯшиш карданд, ки ҳам китобҳои дарсӣ барои мактабҳои умумӣ нависанд ва ҳам доир ба масъалаҳои гуногуни забоншиносии навини тоҷикӣ ва шеваҳои мардумӣ мақолаву рисолаҳои илмӣ таълиф намоянд. Як вижагии ин марҳилаи рушди афкори забоншиносии навини тоҷикӣ ин аст, ки дар ин давра дар қатори баъзе муҳаққиқони шарқшиноси русу насли калонсоли донишмандону адибони тоҷик як зумра олимону адибони ҷавони умедбахши маҳаллӣ низ ба майдони илми забоншиносӣ ворид гардиданд. Дар солҳои 40-50-уми асри ХХ дар таҳқиқи масъалаҳои забоншиносӣ, таълифи китобҳои дарсӣ аз асосҳои дастури забони тоҷикӣ барои зинаҳои гуногуни таҳсил ва пажуҳиши шеваҳои тоҷикӣ бисёр муҳаққиқон, аз ҷумла, В.С. Расторгуева, Т. Зеҳнӣ, Сухарева, Ҳ. Бақозода, Б. Ҳоҷизода, С.А. Арзуманов, С.Н. Нестеренко, Л. Бузургзода, Ҳ. Каримов, А. Мирзоев, М. Ғафуров, Ш. Ниёзӣ, Б. Ниёзмуҳаммадов, А. Деҳотӣ, Б. Раҳимзода, Д. Тоҷиев, М. Фозилов, М. Исматуллоев, М. Эшонҷонов ва дигарон хеле фаъол буданд.

Соли 1940 аз хатти алифбои лотинӣ пурра ба хатти кирилӣ гузашта мешавад. Нақшаи алифбои нав 4-уми августи соли 1939 дар “Газетаи муаллимон” чоп мегардад. Баъдтар он пурра дар мақолаи С.Н. Нестеренко бо номи “Алфавити нави тоҷикӣ” [188] ба нашр мерасад.

Дар солҳои 40-уми асри ХХ оид ба шохаҳои гуногуни илми забоншиносии навини тоҷик як қатор мақолаву асарҳои илмӣ ба табъ мерасанд, чунончи: Л. Бузургзода “Фонетикаи забони адабии тоҷик” [50]; “Чорбайтҳои халқӣ ва хусусиятҳои шеваи Конибодом” [51]; “Синтаксиси мухтасари забони тоҷик” [52].

Дар солҳои 40-ум баъзе таҳқиқот оид ба шеваҳои забони тоҷикӣ низ бурда мешавад, ки натиҷаи онҳо дар шакли мақолаву рисолаҳои илмӣ пешниҳод мегарданд. Баъзе маълумот оид ба шеваи Дарвоз соли 1940 дар мақолаи С. И. Климчитский “Дарвазский фахлавиёт” [122] оварда мешавад. Дар соли 1948 таҳқиқи А.Н. Болдирев бо номи “Бадахшанский фолклор” [49] нашр мешавад, ки дар он оид ба хусусиятҳои фонетикӣ ва морфологӣ маълумот медиҳад. Соли 1951 В.С. Расторгуева дар асоси маводди шеваи Фарғона мақолае бо номи “Об устойчивости морфологической системы языка” [215] навишта, дар он оид ба ҳодисаи омехташавии забони тоҷикӣ бо узбекӣ, дузабонагии тоҷикони Чуст ва Косонсой баҳс мекунад.

Ин солҳое буданд, ки ба таҳқиқи шеваҳои тоҷикӣ диққати бисёр дода шудааст. Соли 1948-49 экспедитсияи шевашиносӣ аз тарафи Институти таърих, забон ва адабиёти филиали Тоҷикистонии Академияи фанҳои Иттифоқи Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ бо сардории профессор И. И. Зарубин, В.С. Соколова ташкил карда мешавад, ки дар ҳайати он Р.Л. Неменова, Ю.И. Богород, В. Яблонская дохил карда мешаванд. Объекти таҳқиқи ин экспедитсия таҳқиқи шеваи Кӯлоб ва ҳавзаи дарёи Қизил-су ва Ях-су, Ховалинг, Балҷувон, Сари Хосор, Кангурт, Муъминобод, Шуробод ва Даштиҷум таъин мешавад. Соли 1949 Л.В. Успенская дар мавзуи “Каратагский говор таджикского языка” [266] рисолаи номзадӣ дифоъ карда, соли 1952 дар шакли рисолаи илмӣ чоп мешавад.

Аз ибтидои солҳои 50-уми асри XX як даста асарҳои таҳқиқотии забоншинос, профессор Д. Тоҷиев ба табъ мерасад, ки барои инкишофи бахшҳои гуногуни забоншиносии навини тоҷикӣ заминаи боэътимод маҳсуб меёбанд. Слово “об” – вода в современном таджикском языке” [253]; “О парадигматике таджикского гипотаксиса” [254]; “Сифати феълӣ дар забони адабии тоҷик” [258]; Соли 1954 асари Ш. Ниёзӣ бо номи “Исм ва сифат дар забони тоҷикӣ” [190]; ва соли 1956 асари Б. Ниёзмуҳаммадов “Грамматикаи забони тоҷикӣ. Синтаксис” [198] ва “Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик” [194] нашр мешаванд. Бояд гуфт, ки дар солҳои 50-уми асри

ХХ ба сохти сарфиву наҳвии забони тоҷикӣ диққати махсус дода шудааст. Дар соли 1953 Институти забон ва адабиёти Академияи фанҳои Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон бо номи умумии “Очеркҳо оид ба грамматикаи забони тоҷикӣ” нашри махсусро шуруъ мекунад, ки дар давоми яксол 7 адад китоб аз ин силсила нашр мешавад. Соли 1959 “Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик” [152]-и Н. Маъсумӣ нашр мешавад, ки баъдтар чанд асари таҳқиқӣ оид ба вижагиҳои услубии забону услуби адибон С. Айнӣ, Р. Ҷалил, Ҳ. Карим, Ф. Муҳаммадиев дар пайравии ин асар навишта мешавад.

Дар такомул ва ташаккули илми забоншиносии навини тоҷик саҳми олимони шинохтаи тоҷик Лутфулло Бузургзода, Абдусалом Деҳотӣ, Абдулғанӣ Мирзоев, Шавкат Ниёзӣ, Бобоҷон Ниёзмуҳаммадов, Носирҷон Маъсумӣ, Додоҷон Тоҷиев ва дигарон хеле бузург аст.

3.1.1. Лутфулло Бузургзода ва саҳми ӯ дар таҳқиқи баъзе масъалаҳои забоншиносӣ

Лутфулло Бузургзода (1909-1943) забоншинос, шевашинос, фолклоршинос ва адабиётшиноси номии тоҷик дар поягузории илми забоншиносии навини тоҷик нақши муҳим дорад, хусусан, саҳми ӯ дар бахши хеле камомухтаи ҳамон солҳои забоншиносии тоҷик – наҳв, чашмрас мебошад.

Соли 1935 Л. Бузургзода Донишгоҳи Самарқандро бо дипломи аъло хатм мекунад. Мавзуи рисолаи хатмкунии Л. Бузургзода “Шеваи тоҷикии ҷамоаи Чилгазии Исфара ном дошта, ба он муқарризон С. Айнӣ ва профессор Ғ. Юнусов баҳои баланд додаанд. Ҳангоми донишҷӯӣ ҳамроҳи Баҳром Ҳодизода ва Абдусалом Деҳотӣ китоби дарсии “Забони модарӣ”-ро менависад. Нашри ин китобҳо ба он далолат мекунанд, ки забоншиносии тоҷик дар симои Л. Бузурзода як муҳаққиқи боистеъдоди соҳаи забоншиносиро дарёфтааст.

Фаъолияти лингвистии Л. Бузургзода хеле васеъ буда, асарҳои илмиву китобҳои дарсии навиштаи ӯ ҳамаи қисматҳои забоншиносиро фаро мегирад. Чунончи: “Шеваи тоҷикони Чилгазӣ”, “Материалҳо ба грамматикаи забони тоҷикӣ”, “Шеваи Ленинобод”, “Баъзе хусусиятҳои шеваи Самарқанд”, “Очерки мухтасари диалектологияи тоҷик”, “Харитаи диалектологии шеваҳои тоҷикии водии Фарғона”, “Фонетикаи забони тоҷикӣ”, “Морфологияи забони тоҷикӣ”, “Синтаксиси мухтасари забони тоҷикӣ”. Ин асрҳо дар замоне навишта шудаанд, ки илми забоншиносии тоҷик тавлид ёфта истода буд.

Назариёти наҳвшиносии Л. Бузургзода дар айёме шакл мегирифт, ки дар илми забоншиносии навини тоҷик ҳоло шинохти низоми нави наҳвӣ пайдо нашуда буд. Илми наҳв бошад, то ин давра дар асоси низоми наҳвшиносии араб таълиму тадрис мешуд. Чанд дастуре ҳам, ки то таълифи китоби дарсии Л. Бузургзода “Синтаксиси мухтасари забони тоҷикӣ” [52] рӯйи кор омада буданд, феълан, дар пайравии шадид ва баҳрабардории сирф аз грамматикаи арабӣ таълиф шуда буданд.

Дар ин китоб назари Л. Бузургзода дар боби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ инъикос ёфтааст. Ӯ дар ин асар аз омузиши усули филологӣ наҳв даст кашида (ин усул қоидаҳои наҳвии нутқи китобию шифоҳиро ёд медод) ба усули қонунҳои наҳвии забон рӯй овард.

Усули нави таҳлилу таҳқиқ ва таълими наҳв тақозо мекард, ки қолабҳои наҳвӣ чи тавр бояд истифода шаванд, яъне сухану калом, куллан ба асоси низоми наҳв бояд тарҳрезӣ шавад, на он тавре ки адибони хушзавқ аз онҳо истифода мекунанд. Ин усул дар забоншиносии рус ва Аврупо тавассути асарҳои Я. Гримм, Ф. Боп, В. Гумболдт ба миён гузошта шуда буд.

Дар солҳои 40-уми асри XX масъалаи таълими забони модарӣ ва босуръат саводнок кардани омма аз муҳимтарин ва тағйирнопазиртарин масъалаҳои маориф маҳсуб меёфт. Аз ин ҷост, ки анъанаи классикии омузиш ва таҳқиқи сохти наҳвиёти забони тоҷикӣ бо вуҷуди таърихи тулониаш «корношоям» гардид. Ин равиш бо таълифу тадвини дастуру китобҳои дарсӣ

аз фанни забони тоҷикӣ, аз ҷумла, наҳви забони тоҷикӣ, низ чи барои мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва чи олӣ бетаъсир намонд. Мувофиқ ба ҳамин талабот мебоист ҳама китобҳои дарсӣ таълиф мешуданд ва Лутфулло Бузургзода дар як муддати кутоҳ, аз се қисмати забоншиносӣ – фонетика (савтиёт), морфология (сарф), синтаксис (наҳв) китоби дарсӣ навишт. То таълифи китоби дарсии «Синтаксиси мухтасари забони тоҷикӣ» [52]-и Л.Бузургзода ду китоби дарсии дигар аз наҳви забони тоҷикӣ С. Ализода «Сарфу наҳви тоҷикӣ» [23] ва «Наҳви забони тоҷикӣ»-и А.М. Беленитский ва Б. Ҳоҷизода [42] дастраси хонандагон, донишҷӯён ва омузгорону муҳаққиқони забони тоҷикӣ гардида буд.

Ин ду китоби дарсӣ, чунонки ишора шуд, он қадар ҳаводор пайдо накарданд, чаро ки яке бештар руҳи арабӣ дошта, дар он истилоҳоти арабӣ зиёдтар корбаст шудааст, дигаре бештар моҳияти амалӣ дошта, маълумоти куллияи назарӣ аз наҳв дар он камтар аст. Аммо «Синтаксиси мухтасари забони тоҷикӣ» [52]-и Л. Бузургзода бештар назариёти худи муаллифро фаро гирифта, то андозае маҳсули ақлу заковати ин донишманди фарзона мебошад. Аз ин ҷиҳат ин китоби дарсӣ ҳарчанд барои хонандагони ғоибхони омӯзишгоҳҳои педагогӣ пешбинӣ шудааст, аммо аз назарияи илмии бақувват бархурдор мебошад. Муаллиф дар шарҳи ҳар як мавзуъ кӯшиш кардааст, ки аз осори адибони классикию муосири тоҷик намунаҳои дастчин оварда, афкори назариявиеро, ки аз мутолиаи асарҳои забоншиносии русу Аврупо пайдо намудааст, бо диди амиқу мушкиофонаи хеш татбиқ созад. Дар фаҳмиши масъалаҳои умумии наҳв назари Л. Бузургзода ба назарияи забоншиносии рус такя дорад. Ин аст, ки системаи фаҳмиши низоми наҳвиёти Лутфулло Бузургзода солҳои тулонӣ дар таълифи китобҳои дарсии наҳви забони тоҷикӣ ва таълими он идома ёфтааст. Усули фаҳмишу омузиши наҳвие, ки Лутфулло Бузургзода асос гузошт, дар таҳқиқи илмии масъалаҳои наҳви тоҷикӣ, алалхусус, ҷумлаҳои мураккаби тобеъ таъсири худро гузоштааст.

Бесабаб нест, ки аз ибтидои солҳои 50-уми асри XX омузишу таҳқиқи наҳви ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар илми забоншиносии тоҷик шуруъ шуда, то ибтидои солҳои 90-уми асри XX босуръат идома ёфт. Дар ин муддат ҳамаи анвои ҷумлаҳои пайрав ба сифати рисолаҳои номзадию докторӣ таҳлилу таҳқиқ шудаанд.

Барои тасдиқи ин хулоса мо назари ин донишманди маъруфро дар боби таснифу гурӯҳбандии ҷумлаҳои пайрав аз назар мегузаронем.

Дар “Синтаксиси мухтасари забони тоҷик” [52]-и Л. Бузургзода, ки барои омузишгоҳҳои педагогии ғоибона навишта шудааст, оид ба гурӯҳбандии хелҳои ҷумлаи пайрави таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ маълумоти назариявии густурдатар ва нисбатан нав оварда шудааст. Аз баррасиҳои муаллиф маълум мешавад, ки ӯ аз назарияи забоншиносии рус дар боби ҷумлаҳои мураккаб огоҳии хуб доштааст. Масалан, дар таснифу гурӯҳбандии хелҳои ҷумлаи пайрав ҳам аз усули қиёсан ба аъзоҳои ҷумлаи сода тасниф кардани ҷумлаҳои пайрав (ин усул дар забоншиносии рус аз ҷониби профессор И.Ф. Буслаев такмил дода мешавад) ва ҳам аз усули сохтгароӣ (ин усулро Б. Шапиро пешниҳод мекунад) Л. Бузургзода истифода намудааст. Аммо бисёр ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки ҳануз дар ҳамон солҳои 40-уми асри XX забоншинос дар баъзе ҳолатҳо аз усули сохториву маъноие, ки В.А. Богородитский дар забоншиносии рус пешниҳод карду онро дар солҳои 50-60-уми асри XX Н.С. Поспелов, С.Ч. Крючков, Л.Ю. Максимов, А.Б. Белошапкова, С.Т. Иленко ва дар забоншиносии тоҷик Д. Тоҷиев инкишоф доданд, баҳра бурдааст.

Чунончи, Л. Бузургзода пас аз шарҳу эзоҳи хелҳои ҷумлаи пайрав фикри худро ин тавр хулоса менамояд: “Инак, ҷумлаҳои пайравро ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: а) Онҳое, ки ба аъзоҳои пайрав монанданд; б) Онҳое, ки ба саръазоҳо монанданд; в) Онҳое, ки ба аъзоҳои ҷумла монанд нестанд” [52, с. 142].

Ин гурӯҳбандии ҷумлаҳои пайрав аз ҷониби Л. Бузургзода иқдоми нахустин ва бисёр бомантиқ аст. Аммо муҳаққиқ ҷумлаҳои пайрави макону

замон, сабабу мақсад ва натиҷаро аз хелҳои ҷумлаи пайрави пуркунанда донистааст, чунончи: Ҷумлаҳои пуркунандаи бавосита аз рӯйи маъно ва вазифаи худ ба хелҳои зерин ҷудо мешаванд: а). Ҷумлаи пуркунандаи сӯй (Ту ба куҷое, ки равӣ, ман ҳам ба он ҷо меравам) [336, с. 128]; б). Ҷумлаи пуркунандаи баромад-ҷудоӣ (Бозор аз куҷое, ки гузарад, ман аз он ҷо мегузарам) [336, с. 132]; в). Ҷумлаи пуркунандаи макон (Дар куҷое, ки шолӣ ҳаст, дар онҷо курмак ҳаст) [336, с. 132]; г). Ҷумлаи пуркунандаи замон (Дар вақте ки офтоб ба болои сари Ятим. . . расида буд, туркман аз кулбаи худ баргашта омад) [331, с.213]; ғ). Ҷумлаи пуркунандаи интиҳо (Бо ҳар куҷое ки хоҳӣ, то ба он ҷо бурда мерасонам) [336, с. 132]; д). Ҷумлаи пуркунандаи сабаб (Аҳли маҷлис моро намешинохт, зеро ки ман ба ин район фақат ду рӯз аз ин пеш омада будам) [336, с. 98]; е). Ҷумлаи пуркунандаи мақсад (Ман омадам, ки шуморо бинам) [350, с. 145]; ё). Ҷумлаи пуркунандаи натиҷа (Барф ки борид, хунук шуд) [350, с. 67].

Ба ҳамин тартиб ҷумлаи пайрави ҳамроҳӣ-восита, ҷумлаи пуркунандаи иборагӣ, ҷумлаи пуркунандаи интиҳо низ оварда шудааст.

Л. Бузургзода аксар ҷумлаҳои пайрави ҳолро бо исми ҷумлаи пайрави пуркунанда овардааст. Албатта, ҳамаи ҷумлаҳои пайрав, хоҳ ҷумлаҳои пайраве, ки ба мундариҷаи умумии сарҷумла муносибат доранд, хоҳ ба ҳиссае аз он, яъне ба аъзои ҷудогонаи сарҷумла, хусусияти пурракунии сарҷумларо доранд, аммо аз нигоҳи сохтор ва мазмуну муносибати наҳвӣ фарқ менамоянд.

Ин амали муҳаққиқ аз он сабаб сар задааст, ки дар он солҳо усули сохториву маъноӣ дар таснифоти ҷумлаҳои пайрав дар наҳвшиносии рус роиҷ нагашта буд, балки ду усул ё меъёр; яке қиёсан бо аъзоҳои ҷумлаи сода ва дигаре ба асоси калимаҳои ҳамнисбату пайвандакҳо гурӯҳбандӣ кардани ҷумлаҳои пайрав ҳукмрон буд. Аз ин рӯ, то ин андоза дар бораи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ва гурӯҳбандӣ кардани ҷумлаҳои пайрав аз диди он солҳо хизмати бузург маҳсуб мешуд. Ин андешаи Л. Бузургзода “ҷумлаҳои пайравро мебинем, ки на ба пуркунандаҳо мувофиқат мекунад ва на ба дигар

аъзоҳои пайрав монандӣ доранд,” [52, с. 50] иқдоми нахустин аст дар таснифи саҳеҳ, ки бояд пешниҳод шавад ва аз ноқисии усули қиёсиву сохторӣ дарак медиҳад.

Л. Бузургзода низ ҷумлаҳои пайрави миқдору дараҷа ва монандӣ-қиёсиро аз хелҳои ҷумлаи пайрави тарзи амал донистааст. Ва ҳангоми овардани мисолҳо ҷумлаи пайрави мисли зеринро ҷумлаи пайрави монандӣ-қиёсӣ гуфтааст, ки дуруст нест, балки он ҷумлаи пайрави муайянкунанда мебошад: Девори пастаки кулбаи Мурод бошад, гӯё доре буд, ки барои бозии бузғола кашида мондаанд [52, с. 213].

Ҳануз хеле барвақт дар забоншиносии рус маълум буд, ки ҷумлаҳои пайрав аз рӯйи вазифаю муносибат ба аъзоҳои ҷумлаи сода шабоҳату наздикӣ доранд. Дар грамматикаҳои русии асри XIX ҷумлаҳои пайравро ҳамчун аъзоҳои тафсилии сарҷумла шарҳ додаанд. Соли 1848 П. Е. Басистов дар китоби “Система синтаксиса” [38] ба ҳамин тарзи фаҳмиш ҷумлаҳои пайравро ба панҷ хел ҷудо кардааст:

1.Ҷумлаи пайрави хабар

2.Ҷумлаи пайрави мубтадо

3.Ҷумлаи пайрави пуркунанда

4. Ҷумлаи пайрави ҳол: а) макон, б) замон, в) сабаб, г) тарзи амал.

5.Муайянкунанда

Соли 1858 Ф.И. Буслаев дар асари машҳури худ “Опыт исторической грамматики русского языка” [53] усули таснифи П. Е. Басистовро такмил медиҳад, ки то ҳол бо номи ӯ машҳур аст.

Усули қиёсан бо аъзоҳои ҷумла тасниф кардани ҷумлаҳои пайрав дар забоншиносии рус зиёда аз 100 сол идома ёфт.

Арзиши маълумоти додаи муаллифони ин китоби дарсӣ дар он аст, ки барои мукаммалтар шудани таснифи ҷумлаҳои пайрав дар китобу дастурҳои минбаъда асос гаштааст.

Шояд Л. Бузургзода аз ин китоби дарсӣ истифода бурда бошад, аммо назари Л. Бузургзода дар бораи анвои ҷумлаҳои пайрав ва шинохти онҳо аз ақидаи муллифони «Наҳви забони тоҷикӣ» фарқ дорад.

Дар шинохти ҷумлаи мураккаби тобеъ чун воҳиди нисбатан томи наҳв назари Л. Бузургзода ба фаҳмиши имрӯза наздиктар аст. Чунончи; ҷумлаи мураккаби тобеъро Л. Бузургзода чунин таъриф додааст: “Ҷумлаи мураккабе, ки бо тобеъ намудани яке аз ҷумлаҳои сода бо дигаре сохта шудааст, ҷумлаи мураккаби тобеъ номида мешавад” [52, с. 37].

Дар “Наҳви забони тоҷикӣ”-и М. Беленитский ва Б. Ҳоҷизода ба ҷумлаи мураккаби тобеъ ин хел таъриф дода шудааст: “Ҷумлаи пайвастаи тобеъ чунин ҷумлаҳоро меноманд, ки дар таркиби онҳо як ҷумлаи асосӣ буда, ҷумлаҳои дигар ба ҳамон ҷумлаи асосӣ тобеъ мешаванд” [42, с. 22].

Дар таърифи додаи М. Беленитский ва Б. Ҳоҷизода истилоҳи “ҷумлаи пайвастаи тобеъ” моҳияти таърифро хиратар кардааст, зеро сухан дар бораи ҷумлаи мураккаби тобеъ меравад, аммо дар таърифи додаи Л. Бузургзода истилоҳи “ҷумлаи мураккаби тобеъ” дуруст корбаст шуда, ба моҳияти таъриф созгор аст.

Л. Бузургзода барои мукаммал гардидани таърифи ҷумлаи мураккаби тобеъ ва равшан шудани моҳияту табиати он истилоҳи “сарҷумла ва ҷумлаи пайрав”-ро рӯйи кор оварда, чунин таъкид кардааст: “Ҷумлаи мураккаби тобеъ аз ду ҳисса таркиб меёбад: сарҷумла ва ҷумлаи пайрав.

Он ҷумлаи асосие, ки дигар ҷумларо бо худ тобеъ намудааст, сарҷумла номида мешавад.

Ҷумлае, ки ба сарҷумла тобеъ шуда омада, ӯро ё яке аз аъзоҳои ӯро шарҳ медиҳад, пурра мекунад, ҷумлаи пайрав ном дорад” [52, с. 37].

Дар тавзеҳи фавқ чизи муҳим ин аст, ки Л. Бузургзода моҳияту вазифаи ҷумлаи пайравро комилан дуруст муайян кардааст: яъне ҳиссаи пайрав дар ҳайати ҷумлаи мураккаби тобеъ бар эзоҳи ягон аъзо, гурӯҳи аъзоҳо ё тамоми сарҷумла меояд.

Дар ташкили ҷумлаҳои мураккаби тобеъ Л. Бузургзода нақши пайвандакҳоро хеле муҳим меҳисобад. Вобаста ба пайвандакҳо ҷумлаи мураккаби тобеъро ба ҷумлаҳои мураккаби тобеи пайвандакдор ва бепайвандак ҷудо кардааст. Вай мегӯяд, ки ҷумлаи пайрав ба сарҷумла бештар бо ёрмандии пайвандакҳои тобеъкунанда пайваста мешаванд.

Дар воқеъ, ҷумлаи пайрав, феълан, ба воситаи пайвандакҳои тобеъкунанда ба сарҷумла алоқа мебандад, зеро дар сурати бо пайвандак алоқа бастан муносибати наҳвии ҷумлаи пайрав равшан гардида, алоқаи он бо сарҷумла қавӣ мешавад.

Дар бораи ҷумлаи мураккаби тобеи бепайвандак Л. Бузургзода ин тавр гуфтааст: “...Баъзе аз навъҳои ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бепайвандак ҳам таркиб меёбанд. Алоқаи ҷумлаҳои сода дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеи бепайвандак дар гуфтугӯ бо ёрии интонтсия ва дар китобат бо аломатҳо истифода карда мешавад” [52, с. 53].

Қолиби таваҷҷуҳ аст, ки Л. Бузургзода 10 хели ҷумлаи пайравро бо мисолҳо шарҳ додааст, ки бепайвандак ба сарҷумла алоқа бастаанд.

Л. Бузургзода анвои ҷумлаҳои пайравро ба асоси ду ҷиҳат: маъно ва вазифа муайян кардааст, ки ин меъёр асоси усули анъанавӣ-қиёсан ба аъзоҳои ҷумлаи сода тасниф кардани ҷумлаҳои пайравро ташкил медиҳад.

Худи Л. Бузургзода иброз медорад, ки бештарини ҷумлаҳои пайрав ба аъзоҳои пайрав монанд буда, ба саволҳое, ки аъзоҳои пайрав ҷавоб мешаванд, ҷавоб медиҳанд.

Ҳамчунин, муҳаққиқ эътироф дорад, ки ҷумлаҳои пайрав бо сараъзо низ шабоҳат доранд. Баъзе аз ҷумлаҳои пайрав ба сараъзоҳо монанд шуда меоянд. Ин гуна ҷумлаҳои пайрав ба саволҳое, ки сараъзоҳои ҷумла ҷавоб мешаванд, ҷавоб медиҳанд. Масалан: Ҳар ки ҷӯянда аст-ёбанда.

Назари амиқи Л. Бузургзодаро аз ҳамин чиз пай бурдан мумкин аст, ки ҳанӯз дар ибтидои солҳои 40-уми асри ХХ ин андешаро дар китоби дарсии мактаби таҳсилоти миёнаи махсус баён кардааст.

Ба ҳамин тариқ, Л. Бузургзода ҷумлаҳои пайравро дар навбати аввал ба се гурӯҳ а) ҷумлаҳои пайраве, ки ба аъзоҳои пайрав монанданд: б) ҷумлаҳои пайраве, ки ба сараъзоҳо монанданд: в) ҷумлаҳои пайраве, ки ба аъзоҳои ҷумла монанд нестанд ҷудо мекунад.

Аз назари Л. Бузургзода ҷумлаҳои пайрави ба аъзоҳои ҷумла монанд ба чунин хелҳо ҷудо мешаванд:

а) ҷумлаи пайрави пуркунанда: Ҳозир мо дидем, ки афандӣ омада ба ҳавлӣ даромад.

б) ҷумлаи пайрави муайянкунанда: Ман Зарафшонро бо ин манзарае, ки дар байни Панҷакент- Суҷина дидам, надидаам.

в) ҷумлаи пайрави ҳолшарҳкунанда: Хуб кардӣ, ки зуд омадӣ.

Муҳаққиқи мазкур, ҳамчунин, ҷумлаи пайрави пуркунандаро ба чунин навъҳо дастабандӣ кардааст:

1) ҷумлаи пуркунандаи сӯй;

2) баромад-ҷудоӣ;

3) макон;

4) замон;

5) интиҳо;

6) борагӣ;

7) сабаб;

8) ҳамроҳӣ-восита;

9) мақсад;

10) натиҷа.

Албатта, ин гуна ба ҷумлаи пайрави пуркунанда нисбат додани аксари ҷумлаҳои пайрави ҳол сабаби омехта шудани анвои ҷумлаҳои пайрав гаштааст, аммо ин амал бо ду иллат сар задааст: иллати якум ин, ки мафҳуми пуркунанда дар ин ҳолат аз доираи муносибати мафъули бевосита ё бавосита берун рафта, чун ҳиссаи пуркунии таркиби сарҷумла ба маънии васеъаш, ки яке аз вазифаҳои ҷумлаи пайрав пурра кардани ҳайати ҷумлаи асосӣ мебошад, фаҳмида мешавад. Иллати дуюм ин аст, ки дар он солҳо

масъалаҳои назарии наҳви ҷумлаҳои мураккаб равшан нашуда буд, хусусан, дар забоншиносии навини тоҷик.

Л. Бузургзода ҷумлаи пайрави шартӣ ва хилофиро дар банди ҷудогона ҳамчун гурӯҳи алоҳидаи ҷумлаҳои пайраве, ки ба аъзоҳои пайрави пуркунанда мувофиқат намекунанд, шарҳ додааст. Ҳамчунин ҷумлаи пайрави муайянкунадаро як навъи алоҳида ҷудо карда, моҳияту вазифаи онро хуб шарҳ ҳам бастааст.

Дар гурӯҳбандии Л. Бузургзода ҷумлаҳои пайрави ҳолшарҳкунанда ҳамчун навъи алоҳида дониста шуда, ба ин гурӯҳ фақат ҷумлаи пайрави тарзи амал ва миқдору дараҷаро дохил кардааст, аммо, мутаассифона, баъзе мисолҳои овардаи муаллиф дигар навъи ҷумлаи пайраванд.

Ҷумлаҳои пайрави мубтадо ва хабарро бо номи “Ҷумлаҳои пайрави сараъзо” дар гурӯҳи алоҳида оварда, хусусияту аломати сохторию маъноии онҳоро бо далелҳо хеле нозукона шарҳ додааст.

Дар боби ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб низ назари амиқу мӯшикофонаи ин донишманди беназир мушоҳида мешавад.

Л. Бузургзода се қолаби аслии ин хели ҷумлаи мураккаби тобеъро нишон додааст: Қолаби якум-ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб бо ҷумлаҳои ҳархела.

Қолаби дуюм-ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб бо ҷумлаҳои ҳампайрави якхела.

Қолаби сеюм-ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб бо ҷумлаҳои ҳампайрави дараҷа.

Агар назари ин донишманди забоншиносро дар мавриди шинохти ҷумлаҳои мураккаби тобеъ хулоса кунем, чунин аст:

1. Л. Бузургзода хусусиятҳои маъноию сохтории ҷумлаи мураккаби тобеъро дар пояи афкори забоншиносии ҳамон солҳо, асосан, дуруст муайян намуда, дар таснифи умумии ин қолаби ҷумла ба назарияи имрӯза хеле наздик андеша рондааст.

2. Ба назари мо, истилоҳи сарҷумла ва ҷумлаи пайравро бори нухуст ба ин андоза саҳеҳу дуруст маҳз ӯ шарҳ дода, ба китоби дарсӣ ворид сохтааст.

3. Истилоҳи пайвандакҳои тобеъкунандаро, ки дар дастуру китобҳои пешин бо номҳои гуногун истифода мешуд, асоснок карда, ҷумлаҳои пайравро вобаста ба иштироки пайвандакҳо ба ду хел: ҷумлаҳои мураккаби пайвандакдор ва бепайвандак ҷудо кардааст, дар сурате ки ҷумлаҳои мураккаби тобеи бепайвандак ҳоло ҳам дар забоншиносии тоҷик аз нигоҳи илмӣ таъину тадқиқ нашудааст.

4.Муҳаққиқ анвои ҷумлаи пайравро дуруст гурӯҳбандӣ кардааст, аммо ҳангоми дастбандӣ бештар ба вазифаю маъно такя карда, баъзе аломату нишонаҳои сохториро сарфи назар намудааст. Дар натиҷа иддае аз ҷумлаҳои пайрав омехта шудаанд. Аз ин ҷост, ки аксари ҷумлаҳои пайрави ҳолшарҳкунанда ба ҷумлаи пайрави пуркунанда нисбат дода шудааст.

5. Л. Бузургзода бори аввал дар забоншиносии тоҷик қолабҳои асосии (се қолаб) ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркибро бо далелҳо асоснок намуда, бо мисолҳо шарҳ додааст, ки баъдтар ин қолаби ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб аз ҷониби наҳвшиноси маъруфи тоҷик, профессор Д.Т. Тоҷиев ҳамҷониба таҳқиқ гардида, дар ин замима 40 қолаби фаръии онҳо ошкор карда мешавад.

Хулоса, Л. Бузургзода умри кутоҳ дида бошад ҳам, дар ташаккул ва инкишофи ҳам илми забоншиносӣ ва ҳам адабиётшиносиву фолклоршиносии тоҷик хизмати босазо кардааст. Корҳои илмии ӯ аз рӯйи мундариҷаву услуб ва тарзу ҳалли худ намунаи барҷастаи қорҳои илмӣ таҳқиқотӣ буданд. Аксарияти он таҳқиқотҳо то ҳол аҳаммияти илмии худро гум накардаанд.

3.1.2. Абдусалом Деҳотӣ муҳаққиқи масоили забони тоҷикӣ

Мубоҳисаҳо оид ба забони адабӣ дар давоми солҳои 1928-1930, қабули алифбои нави лотинӣ ва табдили он ба алифбои кириллӣ дар солҳои 1938-1940 дар назди зиёиёни тоҷик вазифаҳои муҳиммеро мегузошт. Хушбахтона,

як зумра зиёиёни пешкадам бо сарварии устод Айнӣ дар натиҷаи ҷидду ҷаҳди зиёде роҳи дурусти ҳалли ин масъаларо нишон доданд. Мо дар ин фасли диссртатсия кӯшиш намудем, ки роҷеъ ба осори забоншиноси тоҷик А. Деҳотӣ (14.03.1911-30.01.1962), ки маҳсули ҳамин солҳост, бо далоили муътамад таваққуф намоем.

Доираи фаъолияти адабӣ ва илмии А. Деҳотӣ хеле васеъ мебошад. Ин серпаҳлугии фаъолияти ӯ, аз як тараф, тақозои замон ва таъсири ҳамкорӣ бо устод Айнӣ бошад, аз тарафи дигар, натиҷаи шавқу ҳавас, истеъдоди табиии вай буд. Ӯ дар баробари нависанда, шоир, драматург, мутарҷим, адабиётшинос буданаш, боз забондон ва забоншиноси хуб ҳам ба ҳисоб мерафт. Дар ҳақиқат, корҳои дар соҳаи луғатшиносӣ, имло, таҳрири адабию услуби нигориши асарҳои бадеӣ, тозагии забону тартиби китобҳои дарсӣ анҷомдодаи А. Деҳотӣ шоистаи таҳлилу таҳқиқи махсуси илмӣ мебошад. Алифбои нави лотиниро, ки солҳои 1928-1930 қабул шуда буд, дастраси омма гардонидан, қонуну қоидаҳои онро дар таълими забони тоҷикӣ ҷорӣ кардан аз аҳли қалам ва тамоми зиёиёни тоҷик кори зиёдеро талаб менамуд. Хеле ҷолиби диққат аст, ки А. Деҳотӣ пас аз конфронси якуми алифбои нави тоҷикӣ дар муддати як сол, аз январи соли 1930 то декабри соли 1930, чанд мақола навиштаст, аз ҷумла мақолаи “Дар бораи имло, алифбо, истилоҳ ва забони адабии тоҷикӣ” [73]. Дар ин мақола оид ба тозагии забони тоҷикӣ, ба вуҷуд овардани забони адабии китобӣ, имло ва истилоҳоти он ақидаҳои ҷолиб баён намудааст. Аз ҷумла, А. Деҳотӣ дар хусуси истилоҳоти забони тоҷикӣ чунин менигорад: “Калимаи тоҷикӣ ва ҳамафаҳм истода чаро мо истилоҳоти узбекӣ, арабиро истеъмол мекунем? Магар мусаллас (секунҷа), мураббаъ (чаҳоркунҷа), муқааб (шашкунҷа), хатути носиф (хатҳои нафскунанда), ашколи мутасовӣ (шаклҳои баробар) гуфтан дуруст аст?” [73, с. 281].

Ин мақола ҷавоб ба онҳое буд, ки ба таркиби луғавии забони адабии тоҷикӣ ҳар гуна калимаю ибораҳои номафҳум ва душворфаҳмро дохил намуда, забони тоҷикиро аз омма дур карданӣ мешуданд. Яке аз воситаҳои

равон ва ҳамафаҳм гардонидани забон ба сода ва якранг шудани истилоҳот вобаста аст. А. Деҳотӣ ба ҳамин ҷиҳати масъала дахл намуда, фикри баъзе рафиқонро, ки истилоҳотро ба навъе, ки аз забони халқ шунида мешавад, ҳамон тавр кор фармоем, – мегуфтанд, рад карда мегуяд: “Ба фикри ман истилоҳотро аз забони халқ гирем» гуфтан дуруст нест, чаро ки мувофиқи гуфтугуи халқ: аэропланро айриплон... бояд нависем” [73, с. 310]. Дар ин сурат истилоҳот хунук менамояд. Ин қайдҳои А. Деҳотӣ ҳоло ҳам аҳаммияти худро гум накардаанд. Забони адабии ҳозираи тоҷикӣ дар айни ҳол имконияти васеи ифодаи ҳама гуна мафҳумҳоро дорад, вале баъзан дар матбуоти даврӣ ва адабиёти бадеии тоҷик калимаю истилоҳҳое вомехуранд, ки нисбат ба муродифҳояшон истилоҳҳои муқаррарии онҳо душворфаҳманд. Мо танҳо бо овардани як мисол қаноат менамоем, зеро ин мавзуъ баҳсу андешаҳои зиёдеро талаб менамояд: “Дирӯз дар аэропорти Душанбе тайёраи калонтарин дар ҷаҳон АН – 22 фуруд омад” (Маориф маданият, №4 (IX-1971). Дар ин ҷумла ба ҷойи калимаи ба ҳамаи тоҷикон фаҳмои **самолёт** истилоҳи арабии он **тайёра** кор фармуда шудааст, ки он ба ҳама фаҳмо нест.

А. Деҳотӣ дар мақолаи дигари худ “Дар хусуси имло ва ҳарфҳои калон” [74, с. 197] оид ба имлои ҳарфҳои калон сухан ронда, дар бораи пайвандакҳои пайвасткунанда хулосаҳои муфид мебарорад. Вай хамчун донишманди нуктасанҷ дар асоси маводди забони зиндаи халқ ва матбуоти даврӣ, ки чанд вақт боз дар китоб ва газетаҳо бандакҳои **-у, -ву, -ю -ро** аз калимаҳо ҷудо менависанд: ҷой ӯ нон у ош, себ у зардолу. Ин гуна навиштан ҳеҷ гуна маъно надорад. Масалан, гандум у ҷав у арзан, дег у табак, бубинед, ки у-ро ҷудо навиштан оҳанги ҷумларо вайрон ва хунук кардааст. Сониян, номҳои сохта, монанди зардолу, боғбон ва ғайраро зард олу, боғ бон гуфта нанавишта, балки як карда нависем, дуруст аст, гуфта таъкид намудааст.

Ин қайдҳои А. Деҳотӣ қимати баланди илмӣ дошта, баъдтар дар амал татбиқ гардидаанд ва ҳоло ҳам дар илмои забони тоҷикӣ риоя карда мешаванд.

А. Деҳотӣ дар тартибу таҳрири имлои забони тоҷикӣ ҳамеша фаъолона иштирок мекард ва фикру мулоҳизаҳои худро баён менамуд. Соли 1947 Комиссияи доимии орфографияи забони тоҷикӣ таъсис меёбад, ки дар қатори олимони намоёни соҳаи забону адабиёти тоҷик Б. Ниёзмуҳаммадов, А. Мирзоев, Л. Бузургзода, Ш. Ниёзӣ, С. Арзуманов ва Ҳ. Каримов А. Деҳотӣ низ дохил мешавад. Бо ташаббуси ин комиссия Қоидаҳои асосии имлои забони тоҷикӣ ва луғати имлои он тартиб дода мешавад, ки дар ин кор ҳиссаи А. Деҳотӣ низ хеле калон буд.

А. Деҳотӣ ба мисли устод Айнӣ доимо ба масъалаи тозагии забони адабии тоҷик, ғановатмандиву суфтагии он ва услуби нигориши адибон диққати ҷиддӣ медод. Вай нозуктарин паҳлуҳои забони тоҷикиро дар эҷоди асарҳои бадеӣ, дар баромаду суҳбатҳои доимӣ риоя менамуд ва аз рафиқону ҳамкасбони худ низ онро талаб мекард.

Забони адабии тоҷик дар тули асрҳо шакл гирифта, ба меъёрҳои муайян соҳиб шуда, бою суфта гардидааст. Маҳз ба воситаи ҳамин забон мутафаккирони бузурги адабиётамон асарҳои гаронбаҳои худро, ки дорои аҳаммияти оламшумули таърихӣ мебошанд, эҷод кардаанд. Мутаассифона, баъзе қаламдастон ё нотиқон, мегуяд А. Деҳотӣ, аз нодонии худ боигарии забони моро ғорат мекунанд ва ин ё он суханро бемаврид дар ҳама ҷо кор фармудан мегиранд. Масалан, калимаи «меҳнатдӯст»-ро гирем. Ин маънои меҳнаткашро медиҳад. Агар ба калимаи русӣ муқоиса кунем, меҳнатдӯст ба маънои «трудалюбивый» буда, меҳнаткаш ба маънои «труженик» аст. Имрӯзҳо радиои мо аз пагоҳ то бегоҳ ба маъно аҳаммият надода дар ҳама ҷо фақат «меҳнатдӯст»-ро кор мёфармояд. Масалан: «Меҳнатдӯстони фалон қишлоқ, ду купруки вайронро дуруст карданд». Ҳол он ки барои дуруст кардани купрук меҳнатдӯст будан шарт нест, балки вазифаи худро шинохтан кифоя аст. Дар ин ҷо калимаи аҳолӣ ё меҳнаткашони фалон қишлоқ, гуфтан мувофиқ аст» [74, с. 223].

Эродҳои А. Деҳотӣ хеле бамаврид буда, воқеиятро инъикос мекунад, зеро ки дар матбуот, радио ва телевизиони имрӯзаи мо ҳам ин хел ғалатҳо зиёд ба мушоҳида мерасанд.

Ба қавли устод Айнӣ, агар асари нависанда ба хонанда забон ёд надиҳад, забони ӯро бой ва маданӣ накунад, вай чӣ хел асари адабӣ мешавад? Абдусалом Деҳотӣ низ ба ҳар як асари бадеӣ аз ҳамин нуқтаи назар нигариста, ба он диққат медод, ки услуби адиб, нигориши вай чӣ гуна аст ва ӯ аз имкониятҳои забон ҳамчун воситаи асосии санъати бадеӣ чӣ тавр истифода бурдааст. Масалан, ӯ дар мақолаи “Адабиётамонро ба омма наздик кунем” [74, с. 264] ба забон ва услуби шеърҳои Суҳайлӣ дахл намуда, аз ду шеъри вай як идда калимаҳоеро мисол меорад, ки онҳо аз фаҳми хонандагони оддӣ хеле дуранд. Чунончи: дай, андалеб, фурӯғ, накҳат, машшота, аморӣ, анодил, сано, нигин, минқор, ҳадиқа, душ, посух, далел, саҷода, бадр, шиканҷ, мизмар, хилъат, ҷаъд, маъзар, нисоб, равза, тарамбоя, хирқа, мушрид, фусун ва ғайра. Ба ақидаи муаллифи мақола, барои фаҳмидани чунин асарҳо ба ҳар як хонанда як донагӣ “Ғиёс-ул-луғот” лозим мешавад. Яке аз манбаъҳои муҳимми бой гардонидани забони адабӣ чи аз ҷиҳати таркиби луғавӣ ва чи аз ҷиҳати сохтори дастурӣ забони зиндаи халқ маҳсуб меёбад, аммо истифода аз ин манбаъ ҳадду ҳудуд дорад. Адиб бояд чун заргари нодиркор аз ин хирвори фаровони халқ калимаю ибораҳои зебо ва ҳамафаҳмро интихоб намуда, ба қонуну қоидаҳои забони адабӣ онҳоро мувофиқ гардонида, тавассути асарҳои худ онҳоро ба меъёри забони адабӣ табдил диҳад.

А. Деҳотӣ ба ҳамин ҷиҳати масъала дахл намуда, дар мақолаи “Аввал андеша, в-он гоҳе гуфтор” (ҷавоб ба Ғаффор Мирзо) чунин қайд намудааст: “Калимаи ғамбемор, ки мунаққид ба маънои одами гирифтори бемории маъюсӣ ва ғамгинӣ овардааст, фаҳмост ва монанди ғамзада ба нормаи забони адабӣ даромада метавонад. Аммо калимаи ҳуҷбемор, ки бевосита баъди **ғамбемор** овардааст, аз доираи забони адабӣ дур аст. Чунки калимаи **ҳуч** барои аксарият қатъиян номаҳфум аст. Ғ. Мирзо онро чунин шарҳ медиҳад: “беморе, ки ҳеҷ хоб намекунад, мегардад». Аз ин шарҳ чунин фаҳмида

мешавад, ки ба маънои “гирифтори бемории бехобӣ (бедорхобӣ)” будааст. Ҳол он ки дар натиҷаи пурсиш аз рафиқон маълум шуд, ки дар лаҳҷаи Кулоб ин калимаро ба маънои “бемори ба пой, бемори сари дупо, бемори пойравон” зидди бемории барҷомонда ё аз пой монда мебошад, истеъмол мекарданд” [74, с. 335].

Абдусалом Деҳотӣ дар мақолаи дигари худ “Кадомаш дуруст аст – “ту” ё “шумо?” дар бораи дараҷаи истеъмоли ҷонишинҳои **ту** ва **шумо** сухан меронад. “Аввалан, - мегуяд Деҳотӣ, - аз худ калонро дар ҷануби республика ту ва шимол **шумо** мегуянд гуфта, дар ин хусус ҳамаи тоҷиконро ба ду ҳиссаи баробар ҷудо кардан дуруст нест” [74, с. 291]. Аз ин тафсири муаллиф чунин бармеояд, ки баъзе аз мардумони кӯҳистон ҳам ба маънои ҳурмату эҳтиром ба ҷойи **ту шумо** мегуянд. Аммо А. Деҳотӣ дуруст тавзеҳ додаст, ки гап дар сари он нест, ки дар кадом шева ин ҷонишинҳоро чӣ хел истифода мебаранд, балки гап дар он аст, ки барои ҳамаи тоҷикон забони адабии ягона вуҷуд дорад. Бинобар он, ҷонишини **шумо** ба ғайр аз он ки шахси ҷамъро мефаҳмонад, дар ҳолатҳои зерин истифода мешавад:

1. Ба ҳар меҳмон ва ҳар касе, ки бо эҳтиром муроҷиат карда мешавад.

2. Дар мавридҳои гуфтушунидҳои расмӣ, муносибатҳои байналхалқӣ, фиристодани табрикномаю телеграммаҳо...

3. Дар ҳангоми муроҷиат бо муаллимон, донишмандон ва монанди онҳо.

А. Деҳотӣ ба риоя карда шудани нормаи забони адабии ҳозираи тоҷик низ диққати махсус медод. Вай дар яке аз мақолаҳояш оид ба ин масъала чунин ибрози назар намудааст: “Агар мунаққид бо назари холисона нигоҳ мекард, медид, ки ҳам дар Луғати русӣ -тоҷикӣ ва дар Луғати тоҷикӣ - русӣ дар мавридҳои даркорӣ, масалан, дар тарҷимаи калимаҳои (мачеха ва отчим) дар баробари “модари угай” ва “падари угай” “модарандар”, “моиндар” ва “падарандар” дода шудаанд. “Пияндар” барои он гуфта нашудааст, ки шакли аслии худ (“падарандар”)-ро тамоман гум карда, ба дараҷаи шинохта

нашуданӣ тағйир ёфтааст. Аз ин ҷиҳат ба намояндагони бисёр лаҳҷаҳои дигар номафҳум аст ва ба нормаи забони адабӣ даромада наметавонад. Мо бояд ба луғат шакли адабии онҳоро “модарандар”, “падарандар”, “писарандар” ва ғайраро дохил намоем. Ин калимаҳоро гирифта, аммо калимаи “угай-ро аз забон партофтан мумкин нест, зеро ки ба як қисми калони халқи мо маҳз чунин калима мафҳум аст, на онҳое, ки бо “андар” ё чиндар сохта шудаанд” [248, с. 348].

А. Деҳотӣ бо мақсади бой кардани сохти грамматикии забони адабии ҳозираи тоҷик бо таъсири забони асарҳои устод С. Айнӣ баъзе қонуну қоидаҳоро аз забони асарҳои классикони тоҷик гирифта истифода кардааст. Чунончи, С. Айнӣ пас аз Инқилоби Октябр аз забони асарҳои классикони адабиёти тоҷик дар баробари хелҳои дигари ҷумлаҳо типи ҷумлаи мураккаби тобеъи бо пайвандаки “бе он ки”-ро гирифта, ба забони адабӣ дохил карда буд, ки ҷумлаи пайрави он ҳоли тарзи амалро ифода мекунад.

Вай бо таъсири забони русӣ якчанд қоида ва қонунҳои забониро инкишоф дода, ба сохти синтаксисии забони адабии тоҷик дохил кардааст.

А. Деҳотӣ дар асарҳои худ ҷумлаҳои навъи яккалимагӣ эҷод кард. Вай бо ин кори худ сохти синтаксисии забони адабии тоҷикро то як дараҷа осон, суфта ва бой намуд. Масалан: Маҳтобшаб. Соат аз як 20 дақиқа гузаштагӣ ва ҳама ҷо ором буд.

Ҳаминро қайд кардан лозим аст, ки чунин ҷумлаҳои аз як калима ташкил ёфтагӣ ҳам як фикри томро ифода мекунанд ва дар ин сурат)дар ин хел ҷумлаҳои яккалимагӣ ҳам) мубтадою хабар якҷоя ифода меёбанд.

Боз як хизмати А. Деҳотӣ дар роҳи бой кардани забони адабии тоҷик аз ҳамин иборат аст, ки вай аз фолклор беҳтарин латифаҳоро ҷамъ намуда, бисёр хусусиятҳои хуби забони зиндаро дар латифаҳо гирд оварда, ба забони адабии тоҷик дохил кардааст ва мақолу зарбулмасалҳои халқиро дар мавқеҳояш моҳирона истифода бурдааст.

Луғатшиносӣ яке аз соҳаҳои муҳимми фаъолияти пурсамари А. Деҳотӣ ба шумор меравад. “Дар солҳои Ҳокимияти советӣ тартиб додан ва нашр

кардани луғати дузабона пеш рафт, ки дар ин кор хизмати устод Айнӣ, Е. Э. Бертелс ва А. Деҳотӣ хеле калон аст. А. Деҳотӣ ба кори тартибу таҳрири луғат хеле барвақт даст зада, дар ин бобат меҳнати зиёде кардааст. Ҳануз солҳои 1930-1933 як гурӯҳ олимон, адибон бо сардории устод Айнӣ луғати дуҷилдаи русӣ-тоҷикӣ тартиб дода буданд, ки дар ин кори муҳим Деҳотӣ иштирок дошт. Соли 1949 зери таҳрири А. Деҳотӣ ва Н.Е. Ершов луғати калони русӣ-тоҷикӣ нашр мегардад. Дар ҳақиқат, як давраи начандон калони зиндагии А. Деҳотӣ ба кори тартиби луғати номбурда гузаштааст. Гарчанде иҷрои ин вазифа ӯро муваққатан аз кори эҷоди асарҳои бадеӣ боз дошта бошад ҳам, фахр менамояд, ки кори хайреро ба итмом расонидааст Бе ягон шубҳа таҳрири чунин луғати калон, ки зиёда аз 45 ҳазор калимаю ибораро дар бар мегирад, меҳнати зиёдеро талаб менамуд.

А. Деҳотӣ дар таҳлилу таҳқиқи осори пешгузаштагони адабиётамон низ хизмати шоистае намудааст. Вай ҳангоми ба нашр ҳозир кардани осори онҳо ба забон, услуби баёни классикон диқати ҷиддӣ дода, луғати онҳоро низ тартиб додааст. Бояд гуфт, ки А. Деҳотӣ дар иҷрои ин кор бисёр дақиқназарона муносибат менамудааст. А. Деҳотӣ бо ҳамроҳии устод Айнӣ соли 1940 бо номи «Устод Рӯдакӣ» дар бораи шарҳи аҳвол ва эҷодиёти устод Рӯдакӣ китоберо навишта чоп менамоянд. Дар ин китоб ҷамъ 2045 калимаю ибора ва байтҳо аз ашъори шоир маънидод карда шудааст, ки асоси лексикаи осори шоирро дарбар мегирад.

Соли 1940 иборат аз ду қисм «Намунаҳои адабиёти тоҷик» [339] манзури хонандагон мегардад. Дар ин китоб А. Деҳотӣ оид ба шарҳи аҳвол ва эҷодиёти шоирон Адиб Собири Тирмизӣ, Низомии Ганҷавӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдулқодири Бедил, Ҷинайдулло Ҳозиқ, шоирони кӯҳистонӣ (Парии Ҳисорӣ, Ҳасрати Ҳисорӣ, Баҳриддини Дарвозӣ, Ирсии Ҳисорӣ) маълумоти мухтасар дода, намунаҳои осори онҳоро дар поварак оварда, луғати душворфаҳмро тартиб додааст, ки аз онҳо чанд намуна меорем:

Аз ашъори Адиб Собири Тирмизӣ:

Миҷмар – зарфе, ки дар вай уд (чуби хушбӯй)-ро андохта дуд мекунанд ва ангишт месузанд.

Зиреҳ – куртаи турини симин, силоҳи ҷанг.

Аз ашъори Низомии Ганҷавӣ:

Сиҳоӣ – банди нома – ресмоне, ки дар вақтҳои қадим ба миёни мактуб мепечониданд.

Нофа – дар ин ҷо киноя аз мӯйи маъшуқа.

Паранд – матои абрешимини нафис, ҳарир.

Аз ашъори Камоли Хуҷандӣ:

Ҳотиф – овоздиҳанда.

Давот – дар ин ҷо ғайр аз маънои маъмулаш, ки «давои ту» мебошад, ба маънои «сиёҳидон» ҳам омадааст.

Парвона – дар ин ҷо ба маънои «фармоишнома» аст ва калимаи парвонагӣ ҳам аз ҳамин калима бо ҳамин маънояш сохта шудааст.

Аз ашъори Ҷунайдулло Ҳозиқ:

Фитрок – тасмаи ду тарафи зин, ки ба вай шикор ва чизҳои дигарро мебанданд.

Мистар – ҷадвали ресмонӣ, ки бо вай дар коғаз ҷойҳои хатнависиро рах мекашанд [339, с. 70]. Ба ҳамин тариқ, ҷамъ аз намунаҳои ашъори шоирони боло 108 калимаю ибора ва таъбирро адиб шарҳ додааст.

А. Деҳотӣ соли 1946 бо номи «Достони ишқи бемарг» дар саҳифаҳои маҷаллаи «Шарқи Сурх» оид ба достони «Комде ва Мадан» -и Мирзо Абдулқодири Бедил мақолае менависад. Ҷиҳати муҳиммии мақола дар он аст, ки муҳаққиқ тамоми калимаҳои номафҳуми асарро ба таври муфассал шарҳу эзоҳ додааст, ки луғати он ба 140 расидааст. Дар ин луғатнома, аз ҷумла, ифодаи **рақси бисмил** ба таври зайл шарҳ дода шудааст: «Як рақсест, ки рақос дар вақти бозӣ бо ҳаракатҳои худ, ҳолати мурғи гарданбуридаи ҳануз ҷонаш набаромадаро нишон медиҳад». Ё ин ки таъбири «**наъл дар оташ**»-ро «киноя аз беқарорӣ» маънидод кардааст.

Соли 1948 ба муносибати 500-солагии рӯзи таваллуди асосгузори адабиёти классики узбек Алишер Навоӣ А. Деҳотӣ дар журнали «Шарқи Сурх» аз осори тоҷикии ӯ намунаҳо чоп мекунад ва луғати калимаю ибораҳои онро тартиб медиҳад, ки он ба 50 адад расидааст.

А. Деҳотӣ соли 1948 достони ишқи безавол – «Лайлию Маҷнун»-и Низомии Ганҷавиро ба чоп тайёр менамояд. Муаллиф дар кори ба нашр ҳозир намудани ин достон барои истифодаи умум заҳмати зиёде кашида, нусхаҳои гуногуни онро муқоиса мекунад ва дар охири китоб луғати ботафсили достонро иборат аз 1157 калимаю ибора, таъбир ва мураттаб сохтааст. Дар ин луғат ҳар як калимаю ибора бо чандин муродифҳояшон шарҳ дода шуда, маънои дар матн ифода намудаи онҳо таъкид мегардад. Луғати номбурда калимаю ибора ва таъбироти танҳо як достонро шарҳ диҳад ҳам, қимати як фарҳангро дорад.

Соҳаи дигари фаъолияти илмӣ-омузгории А. Деҳотиро тартиб додани китобҳои дарсии мактабӣ ташкил медиҳад. Вай ҳануз соли 1930 ба кори тартиб додани китобҳои дарсии забони модарӣ барои мактабҳои тоҷикӣ шуруъ намуда буд. Ӯ соли 1932 бо ҳамроҳии забоншиносон: Баҳром Ҳоҷизода ва Л. Бузургзода барои синфи чоруми мактабҳои ибтидоӣ «Сарфу наҳв» ном китобро тартиб дода буд. Дар китоби мазкур дар бораи ҷумла, мубтадо, хабар, пуркунанда ва ҳам дар бораи чида шуда омадани аъзоҳои ҷумла, инчунин дар бораи хели калимаҳо (калимаҳои мустақилмаъно ва калимаҳои ёридиҳанда) маълумот дода шудааст. Муаллифони китоб бо мақсади малака ҳосил кунонидани хонандагон ба ҳар кадом қоида ду ва ё якчадтогӣ супориши хонагӣ низ додаанд.

Паҳлуи дигари фаъолияти илмии А. Деҳотиро масъалаҳои хуб шудан ва ба як қонуну қоидаи муайян даромадани имлои забони имрӯзаи тоҷик ташкил медод, ки дар ин кор фаъолона иштирок менамуд.

Хулоса, доираи фаъолияти адабӣ ва илмии А. Деҳотӣ хеле васеъ буда, ин серпаҳлугии фаъолияти ӯ, агар аз як тараф, тақозои замон ва таъсири ҳамкорӣ бо устод Айнӣ бошад, аз тарафи дигар, натиҷаи шавқу ҳавас, истеъдоди

табиии вай буд. Ӯ дар баробари нависанда, шоир, драматург, мутарҷим, адабиётшинос буданаш боз забондон ва забоншиноси хуб ҳам буданд. Имрӯз вақти он аст, ки оид ба корҳои илмии дар бахшҳои гуногуни забони тоҷикӣ таълифнамудаи А. Деҳотӣ пажуҳишгарон рисолаҳои илмӣ таҳия ва анҷом диҳанд.

Албатта, осори илмии мондагори А. Деҳотӣ дар ташаккули забоншиносии навини тоҷик саҳми беандоза дорад.

3.1.3. Афкори забоншиносии академик Абдулғанӣ Мирзоев

Академик Абдулғанӣ Мирзоев (22.11.1908-16.08.1976) аз нимаи дуюми солҳои 30-юми асри XX то поёни умр бо фаъолияти пурсамари илмӣ дар соҳаи адабиётшиносӣ, алалхусус, адабиёти классикии тоҷик машғул гардидааст. Аммо бояд батаъкид бигуем, ки оид ба фаъолияти забоншиносии ин донишманди тавоно, ки марҳилаи аввали фаъолияти илмии ӯро дарбар мегирад, камтар сухан гуфта шудааст.

Доир ба фаъолияти забоншиносии ин донишманди тавоно баъзе ишораҳо ва қайду тавзеҳи мухтасар бо номбар кардани осори марбути ӯ ба илми забоншиносӣ дида шавад ҳам, таҳқиқи алоҳидаю густурдае, ба истиснои мақолаи профессор Д. Хоҷаев бо номи «Саҳми академик Абдулғанӣ Мирзоев дар рушди илми забоншиносии тоҷик» [280] ба табъ нарасидааст.

Дар воқеъ, саҳми ин донишманди борикназар дар рушди забоншиносии навини аҳди шуравии тоҷик хеле назаррас аст.

Ҳануз соли 1930 ӯ зери унвони «Дар гирди алифбои нави тоҷикӣ» [163] (хулосаи фикри баъзе аз рафиқону талабаҳои ман) мулоҳизаҳои як зумра муҳаққиқону хонандагонро таҳлилу баррасӣ намуда, андешаҳои худро дар ин замина иброз доштааст. Масалан, ӯ чунин нигоштааст: «Чанд вақт аст, ки баъзе рафиқон дар гирди алифбои нави тоҷикӣ (лотинӣ) ба майдони

мубоҳиса баромада, ба воситаи матбуоти пролетарӣ фикру талаби худашонро изҳор карда истодаанд, дар бораи ба ҳоли аввалаашон гузоштан ё кам кардани ҳарфҳои овоздор, тағйир додан ё ба ҳоли аввалааш гузоштани «опостроф», дар бораи ҳарфи «ҽ» ва ғайра ба фикри якдигар ҳамроҳ нашуда, далелҳо нишон дода истодаанд» [163, с. 583].

Дар иртибот ба ин масъала А. Мирзоев фикри рафиқони ба мубоҳиса баромадаро ёдрас шуда, андешаҳои худро нисбати онҳо мухтасар баён кардааст. Дар масъалаи ҳарфи калон андешаи А. Бухоризодаро меорад, ки гӯё ҳарфи калон дар таълим душворӣ меоварда бошад, аммо масъала гузоштаю бетараф меистад. Аз ин ҷост, ки А. Мирзоев таъкид кардааст, ки оё касе, ки душворӣ овардани чизеро мефаҳмад, чаро дар бораи қабул шудани он бетараф меистад.

Фикри А. Бухоризодаро мубоҳисакунандагони дигар Обид Исматӣ низ ҷонибдорӣ карда, зикр кардааст, ки назари рафиқон хато аст, гуё дар таълим душворӣ меоварда бошад. Ҳоло он ки қабул кардани он андаке барои таълим душворие оварад ҳам, аммо аҳаммияти бузурге дорад. Дар техника тарзи навишт, ҳусни хат, ёфтани сарҷумла, исмҳои хос, зарур будани он дар илми ҳандаса ва ғайра осониҳои калоне меоварад.

Дар бораи «опостроф» ҳам фикрҳои мухталиф баён карда мешавад. А. Мирзоев фикри мубоҳисакунандагон – Бухороӣ, Обид Исматӣ ва Юлдошзодаро дар бораи тағйири шакли «опостроф» рад карда, фикр меронад, ки ба фикри ман, саҳеҳ нест, чунки опостроф дар имлои мо ду вазифаро ба ҷо меоварад:

1.Маълум кардани овози ҳамза монанди «аʾ ло», «аʾ мо», «аʾ зам».

2.Ҷудо кардани ҳиҷои калима, монанди «маʾ қул», «масʾ ул» [163, с. 583].

Ҳамчунин, А. Мирзоев дар бораи овозҳои садонок (соитҳо) дар масъалаи тағйир додани баъзе ҳарфҳо, аз ҷумла, ҳарфи қ (ҽ) низ андешаҳои муфид баён кардааст.

Ин мақолаи академик А. Мирзоев дар он солҳо моҳияти тарғиботӣ дошт, ки ин андешаро худи муаллиф дар хотимаи мақола чунин таъкид кардааст: “Ман дар ин мақолаи худ фикри якчанд рафиқонро, ки дар рӯзномаҳои “Овози тоҷик” ва “Тоҷикистони сурх” нашр шудааст, қисман дарҷ намудам. Мурод аз ин мақсад он аст, ки ҳар як нависандае, ки дар ҳар гушаи Тоҷикстон ҳастанд, аз фикри рафиқон огоҳ бишаванд» [163, с. 583].

Аз мақолаи мазкур, ки яке аз аввалин таълифоти академик А. Мирзоев дар соҳаи илми забоншиносӣ маҳсуб мешавад, назари ин муҳаққиқи соҳибистеъдоду ҷӯянда равшан маълум мегардад.

Вай мадхали забоншиносӣ ва забоншиносии умумиро аз академик Н.Я. Марр, профессор И. И. Мешанинов, И.Ю. Крачковский меомузад. А. Мирзоев грамматикаи таърихӣ ва забони форсиро аз узви вобастаи Академияи фанҳои Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ А. А. Фрейман, забоншиносии муқоисавиро аз И. И. Зарубин, таърихи халқҳои Осиёи Миёнаву Эрон ва илми бостоншиносиро аз А.Ю. Якубовский, назмшиносиро аз А. Лоҳутӣ, матншиносиро аз А.Н. Болдирев, курси пурраи адабиётшиносӣ ва таърихи адабиёти тоҷику форсро аз профессор Е. Э. Бертелс меомузад.

Тавре ки мебинем, А. Мирзоев тамоми бахшҳои илми филологияро аз машҳуртарин донишмандони ҳирфаӣ азбар кардааст ва худ ба пажуҳиши мавзуъҳои мубрами илмӣ мепардозад.

Аввалин қадамҳои ӯ дар ҷодаи илми филология ба бахши забоншиносӣ иртибот мегирад ва ҳануз дар айёми донишҷӯӣ ба таҳқиқи мавзуи “Дар атрофи палеонтологияи забон” [163] машғул мешавад ва онро соли 1935 бо алифбои лотинӣ ба нашр мерасонад.

Ин таълифи академик А. Мирзоев дар илми забоншиносии тоҷик муҳимтарин ва навтарин таҳқиқ ба шумор рафта, имрӯз ҳам аз беҳтарин пажуҳиш маҳсуб меёбад. Баҳои воқеӣ ва холисонаву ҳидояткунандаро ба ин таҳқиқи муҳаққиқи ҷавон-академики оянда Абдулғанӣ Мирзоев, акдемики собиқ Иттиҳоди шуравӣ-шарқшиноси машҳур Э.Е. Бертелс додааст. Воқеан

хам, ба шакли сода ифода кардани асосҳои фанни забоншиносӣ вазифаи осоне нест. Барои хонандагоне, ки ба ин фан ошно нестанд, мумкин аст, бисёр масъалаҳо торик монад. Инчунин, имконияти надоштани дарҷ кардани мисолҳои муфассали эзоҳотӣ мумкин аст сабаби баъзе хатоҳо гардад, бинобар ин ҷойи тааҷҷуб нест, ки ҳатто дар забони русӣ низ дар ин соҳа асарҳои тамоман қаноатбахш бисёр кам мебошад. А. Мирзоев бо вуҷуди душвориҳое, ки дар ин соҳа дар пеши вай истода буд, дар ҳар ҳол кушиш кардааст, ки дар ин соҳа барои хонандагони тоҷик асаре пешниҳод кунад. Новобаста ба он ки асари мазкур вазифаи худро то охир пурра иҷро накарда ва дар айни ҳол баъзе масъалаҳоро комилан ба дараҷаи кифоя фаро нагирифтааст, дар ҳар сурат ин кушиши нахустиназ фоида холӣ нест ва барои дар байни хонандагони тоҷик паҳн кардани фанни асосҳои нави забоншиносӣ ёрӣ хоҳад дод. Дар асари “Дар атрофи палеонтологияи забон” масъалаҳои хеле душвор, ки солҳои 30-40 асри XX академик Марр ва пайравони ӯ ба миён гузошта буданд, баррасӣ шудааст, чунончи:

1.Тавзеҳоти механикӣ дар атрофи палеонтологияи забон;

2.Моҳияти хулосаи палеонтология;

3.Баъзе самараҳои фароҳамовардаи он.

Барои ошкор намудани моҳияту арзиши фанни нави забоншиносӣ, яъне палеонтология, муҳаққиқ ба омилҳои пайдоиши он рӯ оварда, таъкид менамояд, ки фанни нави забоншиносӣ дар оғуши фанни забоншиносии буржуазӣ – мактаби муқоисавӣ-таърихӣ нашъунамо ёфта, методи муқоисавиро ба кор бурда, барои тараққии ояндаи худ роҳ мекушояд. Пас аз ин А. Мирзоев дар бораи таълифоти бунёдгузори фанни нави забоншиносӣ бо исми яфетидологияи академик Марр сухан ронда, қайд мекунад, ки асарҳои лингвистӣ-забоншиносӣ, ки дар бораи забонҳои яфисӣ ва хешӣ-наздикии ин забонҳо бо забонҳои сомӣ (гурӯҳи забонҳои арабӣ, яҳудӣ, ошурӣ- бобулӣ (ассиро - вавилонский) ва якчанд забонҳои дигар) навишта шудааст, қонуни савтиёти муқоисавӣ монанди як базаи асосӣ риоя карда шуда ва ин қонун – методи як такягоҳи азназаргузаронӣ ва тадқиқоти

забонҳои яфисӣ гардидааст. Алалхусус, бинобар таҳқиқи А. Мирзоев, академик Марр дар соли 1922 дар натиҷаи амиқ гардидани таҳлилоти палеонтологӣ дар «Яфисҳо» ном асари худ дараҷаи инкишофи фанни нави забоншиносиро ба панҷ зинаи муайян тақсим карда, муваффақиятҳои ҳар як аз ин дараҷаҳоро алоҳида тасвир мекунад.

Хулосаи ин давраҳоро А. Мирзоев ин тариқа ҷамъбаст кардааст:

Давраи якум – тамоми диққат ва тадқиқоти илмист, ки дар атрофи муносибатҳои дутарафаи забонҳои яфисӣ ва забонҳои сомӣ дар як нуқта марказият пайдо кардаанд.

Давраи дуюм – тадқиқ кардани забонҳои бехат – беалифбои Кавказ мебошад, ки ин таҳқиқот ба равшан гардидани масъалаи ба ду шоха тақсим шудани забонҳои яфисии Кавказ: ба шохаҳои сибилантӣ ва спирантӣ имкон медиҳад. Инчунин, тадқиқи забонҳои бехат дар бораи навъҳои ҷуфтшавии (скрешение) ин забон ҳаваси назариявиро тавлид мекунад.

Давраи сеюм – пурқувват гардидани омузиши хатти мехӣ мебошад. Дар ин ҷо чунин ҳақиқате ба миён меояд, ки гӯё забонҳои имрӯзаи яфисии Кавказ ва забонҳои хаттии мехӣ ҳомил – барандаи қадимтарин типи забони яфисӣ мебошанд.

Давраи чорум – ёфтани забони вертикӣ (дар Помир) ва муайян кардани забонҳои яфисии ғарбӣ- атрусӣ, баскӣ (баскиский) ва ғайраҳо мебошад.

Давраи панҷум – дар натиҷаи чуқур гардидани таҳлилоти палеонтологӣ ба амал омадани инкишофи давравии забон ва дар натиҷаи протсеси ҷуфтшавӣ (скрешение) гузаштан аз як давра ба давраи дигар мебошад. Дар ин ҷо забонҳои ҳиндуаврупо монанди дигар забонҳо на як оилаи забонҳои дорои хосияти хос ва мустақил аз забонҳои дигар (чи навъе ки мактаби муқоисавӣ-таърихӣ пешниҳод мекунад), балки давраи баъдинаи тараққии худи забонҳои яфисӣ гуфта, қабул карда мешавад (Дар ин ҷо мурод аз забонҳои яфисӣ ҳамон гурӯҳи забонҳоеанд, ки протсеси умумии геотогонӣ (протссеси умумии тараққии забон) хосияти махсуси як даврароро ба худ инъикос карда, дар баробари ба худ гирифтани як хел система ба давраи

сеюми тараққии забон дохил мешавад, ҳамон хосиятро нигоҳ дошта меояд, на оилаи забонҳои дорои хосияти хосро ва худ яфиситидология як фанни нави фарогирандаи умумии забоншиносиро ташкил мекунад.

Пас аз он ки назарияи яфисии академик Марр вусъати тоза пайдо намуда, инкишоф меёбад, олимони забошиноси собиқ Иттиҳоди шуравӣ дар муносибат ба ин назария ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд.

Аз ин се гурӯҳи забоншиносон – таъкид мекунад А. Мирзоев, яке ба ду тақсим мешавад:

Якум, касоне ҳастанд, ки дар мусодамаҳои яфетидология тайёр шуда, ё пайравӣ карда омада ва имрӯз низ ҳамон позитсияи (мавқеи-Ҳ.В.) худро тағйир надодаанд.

Дуюмини ин гурӯҳи қисми якум онҳоеанд, ки баъд аз ғалабаи ин фан ва комилан равшан гардидани моҳияти вай нишондодҳои асосии ӯ ба ин тараф гузаштанд.

Дуюм – тарафдорони назарияи мактаби ҳиндуаврупо мебошанд, ки аз аввал ба муқобили фанни нави забоншиносӣ мубориза карда омада ва ҳанӯз саргарми позитсияи худ мебошанд.

Ба қисми сеюм, – мегуяд А. Мирзоев, касоне дохил мешаванд, ки фанни нави забоншиносиро рӯякӣ мефаҳманд.

Ба ин гурӯҳи назариячиёни механикии соҳаи фанни нави забоншиносӣ муаллифи асари «Назарияи яфисии академик Марр» Г.И. Пинигинро, ки соли 1932 дар Тошканд нашр шудааст, дохил менамояд.

Муҳаққиқ А. Мирзоев таъкид менамояд, ки Г.И. Пинигин ба асарҳои пештараи академик Марр такя карда, ба таври механикӣ мулоҳиза ронда, аз истифодаи асарҳои баъдинаи академик Марр ва ба сурати ҳақиқӣ ифода кардани масъалаҳои муҳим канорагирӣ мекунад. Масалан, “Таълимоти забон ва тафаккур” ва вобастагиҳои ҷудонопазири ӯ, ки яке аз асоситарин қисмати фанни нави забоншиносӣ ва ягона бақои назарияи академик Марр мебошад, Г.И. Пинигин дар асари худ дар ин бора чизе дарҷ накарда, ҳатто забон ҳам

намекушояд, ҳол ин ки ин асари академик Марр як сол пеш аз асари Г. И. Пинигин чоп ва паҳн карда шуда буд”.

Ба ҳамин тариқ, муҳаққиқ А. Мирзоев андешаҳои худро оид ба ин асари Г.И. Пинигин ба ин тарз хулоса кардааст: “Дар бораи чаҳор унсури забон: ҷуфтшавӣ (скрешение), палеонтологияи забон низ фикрҳои механикӣ ва хатоҳои аз ҳад зиёде дида мешавад.

Умуман, ин асар ҳамин гуна тартиб дода шудааст, ки аз манфиат зиёдтар ба хонанда зарар мерасонад”.

Пас аз ин муҳаққиқ А. Мирзоев боз дар бораи палеонталогияи забон фикру андешаҳои профессор Бошинҷакиянро оварда, нуктаҳои ҷолиби андешаҳои ӯро ҷонибдорӣ намуда, таъкид кардааст, ки палеонтологияи забон ҳамчун методи таҳқиқи лингвистӣ ба муқобили методи муқоисавӣ-формалистии буржуазӣ меистад. А. Мирзоев дар такя ба манбаъҳо талаботи методи палеонтологияро аз се чиз иборат медонад:

“1.Омухтани ҳамаи фактҳо ва ҳама зуҳуроти забон дар таърихи инкишоф ва пайдоиши онҳо.

2.Омухтани ҳамаи фактҳои забон бо мураккабию печдарпечӣ ва муносибати дутарафаи онҳо.

3.Омухтани ҳамаи фактҳои забон, тамоми зуҳуроти забон ва умумии протссесе, ки дар соҳаи забон ва дар масруфи иҷтимоии он (социальной обусловленности) зуҳур мекунад” [164, с. 45].

А. Мирзоев чунин фикри академик Марро, ки палеонтологияи яфисӣ барои омухтани дигар забонҳо, ҳатто забонҳои ҳиндуаврупо дорои хатти мутавозӣ мебошад, қабул надошта, аммо палеонтологияи забоншиносии ҳиндуаврупоиро, ки ба куллӣ, аз бех то сар, хости муаммоӣ (проблематический) мебошад, ҷонибдорӣ намуда, камбудиҳои методи муқоисавӣ-таърихии буржуазиро танқид кардааст. Ӯ таъкид менамояд, ки инкишофи ҷамъият дар ҳар як давра монанди дигар қисматҳои ҳаёти инсонӣ ба муносибатҳои истеҳсолӣ дар соҳаи забон низ дигаргунӣ ба амал бароварда, гоҳо дар қисмати калимоти забон шакл ва мундариҷаи нав бино

мекунад ва гоҳо дар баробари нигоҳ доштани шакли аввал мундариҷаи тозаеро ҳамроҳ мекунад. Барои тасдиқи андешаҳои худ ду калимаро аз забони тоҷикӣ оварда таҳлил мекунад.

Он ду калима: яке вожаи байналхалқии «пролетар» ва дигаре калимаи «раис» мебошад. Муҳаққиқ вобаста ба тағйироту инкишофи ҳаёти сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ тағйири маъно кардани ин вожаҳоро бо далелҳо нишон додааст.

Дар хотимаи таҳқиқи палеонтологияи забон муҳаққиқ А. Мирзоев хулосаҳои дар бораи забони ягонаи умумии ҷаҳони оянда баровардаи академик Марро оварда, чунин таъкид кардааст: “Академик бо ин хулосаи баровардаи худ исбот кард, ки дуруст аст, дар инсон ҳар нафас ва ҳар рӯз барои як забони умумии ҷаҳонӣ эҳтиёҷ зиёд мешавад. Ба вуҷуд омадани забон ва тафаккури умумии ҷаҳонӣ ба сохтмони ҷамъияти бесинфи умумиҷаҳонӣ, ки коммунизм ва муқаддимаи ӯ сотсиализм бошад, маҳкам вобаста аст” [375, с. 27].

Асари дигари академик А. Мирзоев, ки пас аз “Дар атрофи палеонтологияи забон” [164] соли 1936 дар шаҳри Ленинград (ҳозираи Санкт-Петербург) навишта шудааст, «Духтархона чист?» [165] мебошад. Ин асар соли 1940 дар Нашриёти давлатии Тоҷикистон шуъбаи таълим – педагогӣ бо алифбои лотинӣ чоп мешавад.

Ин асар таҳқиқи забоншиносӣ-таърихӣ барои муайян кардани мафҳуму мавқеи грамматикии вожаи мураккаби тобеи «духтархона» мебошад.

Дар тақризе, ки ба ин асари муҳаққиқи ҷавон профессор Э. Бертелс навиштааст, аз ҷумла чунин гуфта шудааст: «Ин асар яке аз аввалин ташаббусест, ки барои дар як давраи муайяни таърихӣ аз назар гузаронидани як термини тоҷикӣ бурда шудааст, дар баробари ин тадқиқ кардани ҳамин тариқа терминест, ки таърихи вай таҳлили муфассали ҳаёти куҳнаи халқҳои Осиёи Миёнаро талаб менамуд». Ба ин рисолаи мухтасари А.Мирзоев устод Айнӣ низ тақриз навишта, аз ҷумла чунин таъкид кардааст: «… Дар ин китоби тадқиқоти забонӣ бо тадқиқоти иҷтимоӣ, экономикӣ ва таърихӣ

вобаста карда бурда шуда…, барои ба дурустӣ ҳал шудани масъала муаллиф нуқтаи назари исломро ба ғулом ва каниз, ҳам маънии иқтисодиву сиёсии ин нуқтаи назарро ва ҳам ҳодисаҳои таърихиро, ки ба иваз шудани калимаи «духтархона» ба ҷойи каниз омил шудаанд, бо фактҳои равшан ва бо ситатҳое (иқтибосот-Ҳ. В.), ки аз муаллифони фиқҳи ислом овардааст, равшан нишон додааст. Дар натиҷа бо ҳам муносибати қавӣ доштани калимаи “духтархона”-ро бо калимаи «каниз» исбот карда тавонистааст… ва мавқеи грамматикии “духтархона”-ро муайян намудааст” [165, с. 65].

Дар воқеъ, ин рисола, ки ба таҳқиқи як истилоҳи аз нигоҳи сохт мураккаби тоҷикӣ бахшида шудааст, арзиши баланди забоншиносӣ, яъне решашиносии калима, маънишиносӣ ва таърихию иҷтимоӣ ва сиёсӣ дорад.

Муҳаққиқ А. Мирзоев таъкид кардааст, ки “духтархона” чист ва чиро ифода мекунад? Ва худ бо як ҷумлаи мураккаби пайваст ҷавоб медиҳад: – Вай маънии “каниз”-ро ифода мекунад, духтархона исми канизи миллист. “Дар ин ҷо, боз таъкид мекунад муҳаққиқ, танҳо ин ду ҷумла ҷавоби калимаи «духтархона» шуда наметавонад, зеро барои ба хубӣ равшан кардани семантикаи ин калима ба як қатор саволҳо, махсусан, ба саволҳои зерин ҷавоб додан лозим меояд:

1. Дар сурате ки калимаи “духтархона” бо семантикаи худ аз калимаҳои монанди “нонхона” фарқ мекарда бошад, чаро ин калимаҳо шаклан як ҳамрангӣ ва ҳамоҳангиро дарбар кардаанд, таркиби калимаи “духтархона” ва таркиби он калимаҳое, ки исми маконро ташкил мекунанд, як аст ё не?

2. Чаро “духтархона” маънии “каниз”- ро ифода мекунад ва аз куҷо функсияи “каниз”- ро дар бар кардааст?

Барои ҳалли масъалаи маънои нав гирифтани калимаи “духтархона” ва шакл иваз кардани вазифаи “каниз” муҳаққиқ ба маводи бозгӯяндаи назари ислом рӯй овардааст, зеро бетафтишу баррасии ин мавод сабаби ба зимаи калимаи «духтархона» гузаштани функсия ё вазифаи калимаи «каниз»-ро равшан кардан аз имкон берун аст. Аз ин ҷиҳат, муаллиф бисёр маводеро аз манбаву осори исломӣ оварда, мазмуни онҳоро ба вазифаҳои «духтархона»,

ки аз нақлу ҳикояи ашхоси духтархонагиро аз сар гузаронида ё ӯро дидаву ҳамсуҳбат шуда пайдо гардида муқоиса намуда, дар ин замина ба хулосае мерасад, ки «он чизе, ки муаллифони асарҳои фиқҳии ислом нисбат ба «канiз» иҷозат додаанд, нисбат ба «духтархона» ба куллӣ ба кор бурда шудааст, яъне ҳамаи функсияе, ки калимаи «канiз» дошт, «духтархона» дарбар кардааст».

Муаллифи рисола А. Мирзоев омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии тағйири маъноии вожаи «духтархона»-ро низ то ҷое равшану мушаххас кардааст.

Таҳқиқу баррасии хусусиятҳои дастурии вожаи «духтархона» ва таркиби он низ дар асар ҷолиби таваҷҷуҳ мебошад. Масалан, муҳаққиқ комилан дуруст таъкид мекунад, ки «духтархона» бо мафҳуми худ аз калимаҳои навъи саисхона, кукнорхона, соячихона, чойхона, лулихона ва ингунаҳо тамоман фарқ мекунад, дар таркиби худ низ аз ин гуна калима фарқ дорад. Аммо ин муҳокимаву хулосаи муҳаққиқ, ба назари мо, баҳстоб аст: «Инро бояд донист, ки ин навъ калимаҳо (яъне калимаҳои навъи чойхона) дар таркиби худ, чи навъе ки баъзе забоншиносон мепиндоранд, аз шаклҳои дигаргуншудаи конструксияи шаклҳои изофии категорияи исмҳои забони тоҷикӣ намебошанд, зеро аввалан, ин гуна калимаҳо, масалан: хасхона, меҳмонхона, коҳхона, ангурхона ва ғайра дар практика, азбаски соҳаи семантика иҷозат намедиҳад, бо изофат (бо сифати муайяншаванда ва муайянкунанда ба кор бурда шудани ҳар қисмати калимаҳо) кор фармуда нашудаанд ва намешаванд» [165, с. 65].

Агар ба хона тааллуқ доштани хусусияти ягон чизро ифода кардан лозим ояд, яъне муносибати дохилии чизе ва калимаи хонаро (ҳамчун муайяншаванда ва муайянкунанда) бо қолаби изофӣ ифода кардан рост ояд, одатан дар охири калимаи хона пасванди нишондиҳандаи хусусияти нисбӣ (гӣ) пайдо мешавад, ки калимаҳои нонхона шакли нони хонагӣ, кори хонагӣ, паррандаи хонагӣ, ҳайвони хонагӣ-ро дар бар мегиранд.

Муҳокимаҳои фавқи муаллиф ҷолиби таваҷҷуҳ буда, калимаҳои мураккаби навъи чойхона, хасхона, меҳмонхона, коҳхона, ангурхона бо калимаҳои мураккаби сарчашма, соҳибхона аз ҷиҳати маъно ва таркибу тарзи алоқаву қолаб дар як қатор намеистанд. Калимаҳои чойхона – хонаи чойнӯшӣ; хасхона – хонаи хаснигоҳдорӣ; меҳмонхона – хонаи меҳмонпазироӣ; коҳхона – хонаи коҳнигоҳдорӣ; ангурхона – хонаи ангурнигоҳдорӣ калимаҳои мураккаби типи тобеъ буда, калимаи «хона» ҷузъи асосии калимасоз мебошад, ки ба ин қолаби калимасозӣ ҳанӯз дар асри VIII Шамси Қайси Розӣ ишора карда, бо калимаи «об» 22 вожаи мураккаб, ба мисли гулоб, дулоб, кудоб, селоб, ғарқоб, гирдоб, заҳоб, сароб, буноб, шуроб, поёноб, тезоб, кӯроб, зардоб, хуноб, симоб, сапедоб, хушоб, душоб, қитъаоб, кузоб, симоб-ро овардааст [317, с. 61].

Дар ин мавқеъ калимаи “об” хусусияти серистеъмолӣ пайдо кардааст ва аз ҷиҳати маъно ҷузъи асосӣ ҳисоб мешавад. Вожаи “хона” низ ҳамин хусусиятро доро мебошад, дар зинаи имрӯзаи инкишофи забони тоҷикӣ бо калимаи “хона” тахминан 30 калима сохта мешавад, мисли китобхона, чойхона, мактабхона, беморхона, шифохона, туйхона, тарабхона, ҳалвохона, шарбатхона, ошхона, хасхона, коҳхона, аспхона, уштурхона молхона, кабкхона, хирсхона, оғилхона, мурчахона, кабутархона, парандахона, мурғхона, мушхона, саисхона, лулихона....

Дар калимаҳои навъи овардашуда муносибати дастурии таъинот аст, яъне хонае, ки китоб нигоҳ дошта мешавад, хонае, ки ҷой ва макони чойнушӣ аст, хонае, ки вазифаи мактабро адо менамояд…

Дигар аз масъалае, ки муҳаққиқ дар бораи он муҳокимаву андешаҳои ҷолиб баён кардааст, рад намудани ақидаест, ки гӯё калимаи “духтархона” шакли тағйирёфтаи калимаи “духтархон” бошад.

Дар поварақ муҳаққиқ А. Мирзоев аз нигоҳи маъно вожаи “духтархон”-ро бо тафсил чунин шаҳр додааст: “Мафҳуми ин калимаҳо (муаллиф дар назар дорад, калимаҳои “духтархон”, “хоҳархон”, “падархон”, “модархон”, “апахон”, “акахон”) чунин аст: одаме, ки фарзанд надорад, духтару писари

каси дигарро аз хурдӣ гирифта, тарбия намуда, бо худ писар ё духтар мехонанд (яъне фарзанди худ ҳисоб мекунад-қарор медиҳад), ҳатто ӯ пас аз сари худ вайро меросхӯр ҳам мегардонад”.

Инчунин, зане, ки аз ақрабони худ марди наздик надорад, мардеро додар ва ё падар мехонад (марди мазкур низ он занро духтар ва ё хоҳар мехонад) бо ин коре, ки дастраси ӯ нест, ба воситаи падархон ва ё додархони худ пеш мебарад; ин тариқа падархонӣ ва хоҳархонӣ одатан дар вақтҳои дармондагӣ - дар вақтҳои беморӣ пайдо шуда метавонад, яъне вақто ки каси беморшуда одами наздик надорад ва ягон каси бегона сар карда ба вай нигоҳбин мекунад, дар ин мавқеъ, барои барҳам додани мамониаҳои аз номаҳрамӣ (сатр) пайдо мешудагӣ хоҳархон ва додархон карда, ба худ маҳрам мегардонад. Яъне, агар зан бошад, пас аз ин, аз одами падархондагиаш рӯй намепушонад.

Дар ин ҷо, яъне дар ин калимаҳо лафзи “хон” (хонд) ғайр аз мафҳуми одии худ аҳаммияти қабул намуданро ҳам дарбар мекунад.

Тавре ки аз тавзеҳи фавқ бармеояд, муҳаққиқ тафовути маънои вожаҳои “духтархон”-ро аз “духтархона” хеле содаву мушаххас нишон додааст.

Ба ҳамин тариқ, муаллифи рисолаи “Духтархона чист?” аз таҳқиқи худ дар 7 банд натиҷагирӣ кардааст, ки фишурдаи он ин аст:

1. “Каниз” ва “духтархона” бо функсияи худ як маъно як мафҳумро дарбар карданд. Духтархона ҳамон канизи миллӣ аст ва тараққии минбаъдаи худи каниз аст.

2. Он нуқтаи назаре, ки ислом дар бораи каниз ва ғуломдорӣ дошт, дар натиҷаи тағйироти ҳаёт ва муносибатҳои ҷамъиятӣ, дигаргуниҳои политикӣ экономикӣ ва ғайраҳо бо як ҳолат истода натавониста, тағйир ёфта меояд...

3. Он фикре, ки муаррихони буржуазӣ паҳн карда буданд ва ҳоло баъзе ин муаррихони давраи мо низ ҳамон фикрро дунболагирӣ мекунанд, яъне пас аз муоҳидаи соли 1873 ғулом ва каниздориро дар Осиёи миёна ба куллӣ ва абадан барҳам ёфтагӣ мешуморанд, тамоман дуруст нест.

4. Сабаби ягонаи абадан барҳам ёфтани каниздорӣ – духтархонадорӣ танҳо Революцияи Кабири Сотсиалистии Октябр шуд. Вай на танҳо духтархонадорӣ- каниздориро барҳам дод, балки асос ва решаи духтархонадорӣ, яъне он тарзи ҳаёти ҷамъиятиро, ки хоҳу нохоҳ каниз-духтархона, аз вай зуҳур карда меомад, ба куллӣ аз реша барканд ва духтархонаҳои беҳуқуқро ба ҳуқуқҳои инсонӣ мушарраф гардонид.

5. Калимаи “духтархона” на дар мафҳум, на дар таркиби худ ба калимаҳои шакли нонхона (ҳамчун исми макон) ба “духтархона” муносибат надорад.

6. “Духтархона” бо таркиби худ шакли ивазшудаи конструксияи изофӣ-духтари хона мебошад, ки ҷараёни семантикавӣ ва таъсири факторҳои иҷтимоӣ таърихан ин ду (“духтархона” ва “духтари хона”)-ро ба калимаҳои мустақили ифодакунандаи мафҳумҳои конкретии хоси аз якдигар фарқкунандае мубаддал гардонидаанд.

7. “Духтархона” ҳоло дар забони тоҷик танҳо мавзеи исм (исми канизӣ миллӣ)-ро ишғол кардааст ва бояд дар грамматика ва лексияи забон ҳамон таърифро дар бар гирад.

Хулоса, муҳаққиқ А.Мирзоев дар асоси маводҳои илмӣ, таърихӣ, забоншиносию мардумшиносӣ маънии семантикии вожаи “духтархона”-ро, таркиби сарфиву вазифаи наҳвии онро вобаста ба сиёсату иқтисод, ҳаёти иҷтимоӣ, зинаҳои инкишофи ҷамъият таҳқиқи густура намудааст.

Бо таълифи ин ду асар муҳаққиқ А. Мирзоев дар шаклгирии бахшҳои маъношиносию палеонтологияи забоншиносии навини тоҷик саҳми арзанда гузоштааст.

Академик А. Мирзоев яке аз муҳаққиқони пуркору борикназаре буд, ки ба муҳимтарин мавзуъҳои илми забоншиносию адабиётшиносии тоҷик даст зада, дар шаклгирӣ ва рушди ин ду илм саҳми арзанда ҳам гузоштааст. Фаъолияти илмии ин донишманди тавонову нозукандеш аз таҳқиқи масъалаҳои забоншиносӣ шуруъ шудааст. Яке аз аввалин таҳқиқи илмии ӯ

дар боби забоншиносӣ «Фарқҳои семантикаи суффикси «-ак» [374] ном дорад.

Мақолаи мазкур аз муқаддимаи муфассал (тахминан 4 саҳифа), ки масъалаҳои муҳимми назарии забоншиносиро фаро мегирад, иборат мебошад.

Дар қисмати муқаддимотии мақола муаллиф дар бораи забон, алоқаи он ба таффакур, ягонагии ҷудонопазирии онҳо бо ҳаёт пеш рафтан, дар бораи тағйир, дигаргунӣ, тарзи хоҷагӣ ва тараққӣ кардани забону таффакур сухан кардааст. Дар ҳамин замина дар натиҷаи зуҳуроти тозаи эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ дар тафаккури инсон низ дигаргуниҳои тоза ба амал омада, тағйир меёбад. Ин тағйирот дар калимаҳои забон низ рух медиҳад. Шояд дар таърихи инкишофи худ калимаҳои зиёде тағйири маъно кардаанд ва дар зинаҳои инкишофи минбаъдаи худ низ ба тағйири маънову вазифа боз дучор шаванд. Масалан, дар ин ҷараён баъзе исмҳо ба сифат, иддае аз сифат ба исм ё аз феъл ба исм, аз исм ба пешоянду пасоянд гузаранд ва ҳоказо.

«Он тағйироти ҳаёти ҷамъиятӣ, муносибатҳои истеҳсолии ҷамъиятӣ, эҳтиёҷот ва талаби ҷамъиятӣ аввалан мартаба дар тафаккури инсон инъикос мешавад, – мегуяд академик А. Мирзоев, бо ин восита нормаҳои фикр – семантика – маънои калимаҳои дахлдор таъсир мекунад. Ин унсурҳои тоза мумкин аст, бидуни тағйир ёфтани маъно эҳтиёҷоти ҷамъятиро таъмин карда тавонад. Яъне, он эҳтиёҷоте, ки барои ифода кардани маъноҳои иловагӣ ё худ маъноҳои дигаре пайдо гардида буд, имкон аст, дар рамкаи (қолаби-Ҳ.В.) шакли аввала зуҳур карда тавонад. Ё ин ки пайдоиши унсурҳои тозаи маънавӣ мумкин аст, дар рамкаи шакли аввала ҷойгир нашавад, шакли дигареро талаб кунад ва шакли аввала барои комилан ифода кардани мундариҷаи нав қодир набошад» [374, с. 22].

Дар ҳақиқат, чунон ки худи муаллиф таъкид кардааст, ин зуҳуроти мутақобила, ки аз мундариҷаи калимаҳо ба вуқуъ меояд, сабаби тағйири маънии калимаҳо ва тағйироти шаклии онҳо мегардад.

Муаллифи мақола ин хусусияти забонро бо мисолҳои мушаххас аз забони тоҷикӣ матраҳ сохтааст. Пас аз ин гуфтори муқаддимотӣ дар бораи омилҳои пайдоиши пасванди «ак» ва роҳҳои тараққии он дар забони тоҷикӣ қазоват намудааст.

Пеш аз ҳама, муҳаққиқ А. Мирзоев таъкид ба он кардааст, ки суффикси «-ак» як унсуре нест, ки хусусияти забони тоҷик бошад. Ин суффикс, ба қавли муҳаққиқ А. Мирзоев, дар як қатор забонҳои халқҳои Осиёи Ғарбӣ (ва аз он ҷумла Осиёи Миёна) ва Аврупои Шарқӣ як зуҳуроти умумӣ мебошад, ки дар натиҷаи (чи навъе гуфта шуд) эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ пайдо мешавад [374, с. 23].

Ба фикри профессор Фрейман ҳамроҳ шуда А. Мирзоев таъкид мекунад, ки шаклҳои гуногуни ин суффикс дар забонҳои «форсии қадим», «форсии миёна» (забони паҳлавӣ) ва дар суғдӣ бо функсияи калимасозӣ хурдӣ ва ғайраҳо дида мешавад. Масалан, калимаҳои корнома ва банда дар забони форсии қадим ба тарзи кор+нама+ка, банда+ка бандак-ро дар бар кардааст [374, с. 23].

Муҳаққиқ қавли яке аз забоншиносони немис Гайгерро меорад, ки чунин аст: «унсуре, ки дар охири реша омада, исми феъл (инфинитив) месозад, суффикси «-ак» мебошад, ки дар забони ҳозира омада, ҳамчун реша зуҳур мекунад: «бинак» (нигоҳ кардан), «нидак» (нишастан), «карак» (кардан)» [374, с. 23].

Дар воқеъ калимаҳои мазкур бо ҳамин шаклу мазмун дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ мустаъмаланд, масалан, вожаи “бинак” ба маънии “нигоҳ кардан” ва “шинак” ба маънии “нишастан” имрӯз ҳам дар гӯйиши ҷанубии тоҷикон зинда аст.

Муҳаққиқ А. Мирзоев дар такя ба манбаъҳо, вазифаҳои дастурӣ ва маъноии «ак»-ро дар якчанд забонҳо: курдӣ, яфисӣ, арманӣ, русӣ ва чанде аз забонҳои эронӣ бо мисолҳо нишон додааст. Дар ин замина таъкид намудааст, ки дар забоншиносии тоҷик тарафдорони «сарфи шаклӣ», асосан, вазифаи семантикаи хурдкуниро қабул кунанд, ҷонибдорони «сарфи вазифавӣ»

вазифаи хурдкуниро рад карда, аҳаммиятҳои навозиш ва таҳқир - камшумориро қабул доранд. Муҳаққиқ дуруст таъкид кардааст, ки онҳо муносибати ниҳоядараҷа наздик доштани ин се соҳаи семантикаро намебинанд ва чунин мешуморанд, ки гӯё тарафҳои семантикӣ, ки ҳар кадом ба тарзи ҷудогона таъин кардаанд, дар тамоми соҳаҳои дахлдори ҳаёти ҷамъиятӣ як хел ва бе фарқ ба кор бурда мешуда бошад.

А.Мирзоев оид ба маъноҳои ин калима чунин хулосаи худро пешниҳод кардааст: «Функсияҳои навозиш, хурдкунӣ, таҳқир – камшумории суффикси «-ак» ба якдигар муносибати ниҳоятдараҷа наздик доранд, ҳатто дар вақти дар ҷумла ба кор бурда шудан, агар хусусиятҳои иҷтимоӣ – аз тарафи кӣ, нисбат ба кӣ, ба чӣ, ба кадом муносибат дар лаҳзаҳои зиндагӣ диққат карда нашавад, аз якдигар фарқ кардан душвор аст». Пас аз ин ба шарҳи семантикии «-ак» шуруъ намуда, чанд вазифаву маънои онро мекушояд [374, с. 24]:

1. Вазифаи хурдкунии «-ак». Суффикси «-ак», асосан, дар қисмати ҷизҳои беҷон зуҳур мекунад, аммо дар қисмати ҳайвонот ва парандагон (монанди чизҳои беҷон) он тариқа як шакли умумиро дар бар намегирад. …Умуман хурдкунӣ фавран аҳаммияти таҳқир - камшумури (ё ин ки навозиш) – ро дарбар мегирад. Чаро? – чунки нисбат ба одамон ба кор бурда шудани суффикси «ак» (асосан) кам карда нишон додани қаду басти он одам нест, балки кам кардани сифатӣ аст, яъне ба сифатҳои нодон, пастӣ, бемаълумотӣ, хорӣ ва ғайраҳу ёд кардан мебошад. Масалан, чи навъе ки материалҳои истифода бурдашуда тасдиқ мекунанд, пеш аз инқилоб давлатмандони саҳро ва қишлоқ бо одамони қадпасти ҳамсинфи худ (дар ҳолати одӣ) қатъиян «мардак», «занак» - ро бо ифодаи мазмуни хурдкунӣ - таҳқир кор намефармуданд.

2.Вазифаи навозиш, асосан, - мегӯяд муҳаққиқ, нисбат ба одамон дар ҳаёти оилавӣ ва дар қисмати одамони наздик, хеш, ҳамробита, ҳамманзил, рафиқ, шинос ҳамчун:

“Додаракам, ба хона рав!

Модаракатро гӯй!

Писаракам хон!

Хоҳаракам омад!” [374, с. 24].

ба кор бурда мешавад. Аммо нисбат ба одамони дур – бегона, ин сифат дода намешавад, ки дар ин ҷо фуксияи навозиш якҷоя раҳмхуриро ифода мекунонад.

3.Дар қисмати чизҳои беҷон ифода шудани функсияи навозиши ин суффикс ҳамоно нисбат ба чизи худ ба чизи ҳамон одам (дар бораи ӯ сухан рафта истодагӣ) дахлдор, наздик монанди: «Либосакатро шӯй!», «Ҷомаакатро пуш!», «Ба мактабакат рав!», «Китобакатро бихон!» [374, с. 25] истифода бурда шуда, нисбат ба чизи бегона ба кор бурда намешавад.

4.Функсияи навозиш назаран ба ҳайвонот ва парандагони ваҳшӣ дар қисмати ҳайвоноти хонагӣ ва парандагони хонагии дастӣ ба таври умум хеле зиёд ба кор бурда мешавад. Дар ҷумлаҳои «Говакатро об деҳ!», «Аспакатро савор шав!», «Ба кафтаракат дон деҳ!» нисбат ба ин гуна ҳайвонот ва парандагон навозиш, дӯстдорӣ ва ифода кардани муҳаббатро мебинем. Дар қисмати ҳайвонот ва парандагони ваҳшӣ функсияи навозиш ба ин тариқа ба кор бурда намешавад. Пас аз ин муҳаққиқ дар бораи мавқеъ ва ҷойи корбасти ин се вазифаи «ак» навозиш, хурдкунӣ ва таҳқир сухан ронда, бо мисолҳои мушаххаси ҳаётӣ онро баррасӣ кардааст, ки дар бахши маъношиносии илми забоншиносии тоҷик аҳаммияти ниҳоят калон дорад.

Муҳаққиқ барҳақ таъкид намудааст, ки суффикси «-ак» таърихан калимасоз шуда ҳам омадааст. Ин функсияро, - мегуяд муҳаққиқ, на фақат дар қисмати унсурҳои забони тоҷик, балки дар қисмати калимаҳои ғайритоҷикӣ (махсусан арабӣ), ки дар забони тоҷикӣ дучор мешаванд, низ адо мекунад. Ба сифати мисол калимаи «ам»-ро меорад, ки дар арабӣ бародари падарро мегӯянд. Дар забони тоҷикӣ ба он суффикси «-ак»-ро ҳамроҳ карда, он калимаро тоҷикӣ гардонида, дар шакли амак пешниҳод кардааст.

Дар забони тоҷикӣ аз ҳисоби калимаҳои ифодакунандаи мафҳуми ашёҳо ва асосҳои феълӣ бо пасванди «ак» як даста исмҳои нав сохта шудааст, ки муаллифи мақола онҳоро махсус ҷудову таъкид кардааст, чунончи: кирм = кирм+ак = кирмак (номи кирми пилла - кирми абрешим); сар = сар +ак = сарак (сари гандуму ҷав); банд (феъли амр ва ресмон) = банд + ак = бандак (ҳуруфи атф); хар = хар + ак = харак (исми як хел ҳашарот, ки дар хонаҳои деҳа мешавад); буз = буз +ак = бузак (исми як хел ҳашарот, ки дар шудгор мешавад).

Муаллифони «сарфи вазифагӣ» дар қисми «сифатҳои феълии пайваста»-и асари худ, – мегуяд муаллифи мақола, қайд мекунанд, ки суффикси «-ак» исми ҳолат ҳам месозад. Ин таъинот дар «Таҷрибаи аввалин аз сарфи забони тоҷикӣ»-и Т. Зеҳнӣ низ нишон дода шуда буд. Ин, – таъкид менамояд муаллифи мақола, дуруст аст, вале бояд гуфт, ки вазифаҳои исми ҳолат сохтани суффикси «-ак» як чизе нест, ки ба фоил (каси ба ҳамон олат коркунанда ё худ каси барандаи вазифаи ҳамон ҳолат) муносибат надошта бошад. Дар ин ҷо ин суффикс назаран ба вазифаҳои фоил исми ҳолат месозад. Пас аз муҳокимаи фавқ мисолҳои зерин шоҳид оварда шудаанд [374, с. 26]:

“Оташгир” (киноя аз одаме, ки ба оташгирӣ машғулият дорад) = оташгирак – исми олат;

“Рӯйпоккун” – каси рӯйпоккунанда – рӯйпоккунак – исми олат;

“Қаламтарош” – қаламтарошанда – қаламтарошак – исми олат;

“Пашазан” – пашазананда – пашазанак – исми олат;

“Сангобдав” [374, с. 26] – ба сангоб роҳраванда – сангобдавак – номи як хел парранда, ки дар сангоб макон дорад .

Дар бораи калимаи «хапак», ки аз асоси феъл – хап ва пасванди «-ак» сохта шудааст, муаллифи мақола чунин қазоват кардааст: «Суффикси «ак» дар баъзе ҷой аз феъл исм – сифат сохта омадааст, масалан, калимаи «хап» (хап – лафзи амри феъли «хапидан») бошад, ҳар гоҳ агар суффикси «-ак» бо ин феъли амр ҳамроҳ шавад (ҳамчун «хапак») феъли мазкурро ба исм – сифат

мубаддал мекунад, яъне агар аз «хап» маънои дам, хомӯш бош, зоҳир шавад, «хапак» – одами камгап ва дамдуздро ифода мекунад. Инчунин «хапак» номи бозие ҳам аст.

Тавре ки аз муҳокимаи фавқи муҳаққиқ бармеояд, «хапак» вобаста ба мавқеи истифода, вазифаи дастуриаш гоҳе сифат ва гоҳе исм мешавад.

Калимаҳои тақлидӣ – овозӣ дар забони гуфтор ва китобии тоҷикӣ ҷойгоҳи худро дошта, бештар аломату амалиётро мефаҳмонанд ва ба ин гурӯҳи вожаҳо низ васл гардида, калима сохтани пасванди «-ак»-ро муаллифи мақола қайд кардааст, чунончи: – Дар забони мо ба овоз тақлидкунӣ як ҷойи хеле калонеро ишғол мекунад. Дар вақти ба вуҷуд омадан, ё худ ба вуҷуд баровардан хеле амалиёти (ҳамчун: таппӣ карда ғалтид, фаррӣ карда парид, тиззас зада омад) ба овоз – оҳангҳои зоҳир шуда тақлид карда мешавад. Дар ин ҷо суффикси «-ак» барои ба ҳамон оҳангҳои тақлидан ба забон ронда шуда васл гардида, исми ҳамон чизи оҳангдиҳандаро сохтааст, масалан:

“Шип – шип” = шиппак (кафши бепошнаи тезгард);

“Шар – шар”= шарак =шар – шара;

“Ғир – ғир” = ғирғирак = номи олатҳои бозӣ назаран ба овозашон;

“Фир – фир” = фирфирак [374, с. 27] (ба назари мо олати бозӣ кардан Ҳ.В.).

Муҳаққиқ А. Мирзоев вазифаи дастурии пасванди «-ак»-ро дар гӯйишҳои мардумӣ низ нишон додааст, чунончи, ӯ гуфтааст: «… Мо дар феъл ду функсияи тоза ҳосил кардани суффикси «-ак»-ро мебинем. Аз ин ду функсия яке функсияи дар лаҳҷаи халқии як қатор маҳаллаҳои шимоли ғарбӣ (Самарқанд, кӯҳистони Китоб ва дигарҳо) бошад, функсияи дигар хусусияти лаҳҷаи халқҳои шарқи ҷанубӣ мебошад. Дар шимоли ғарбӣ (махсусан, Самарқанд) суффикси «-ак» ба охири исми феъл васл шуда, зарфи ҳол месозад, масалан: рафтан + ак – Бозор рафтанак муаллимро хабар кун» [374, с.27].

Омадан + ак – «Аз бозор омаданак китоб харидам».

Дидан + ак – «Талабагон муаллимро диданак хомӯш шудан».

Гирифтан + ак – «Китобро гирифтанак аз хона баромадам».

Дар ҷумлаҳои боло – таъкид кардааст муҳаққиқ, суффикси «-ак» аз як тараф, зарфи ҳол созад, аз тарафи дигар, зудӣ - тезии ҳамон амалиёти шударо ифода мекунад» [374, с.27].

Дар лаҳҷаи халқҳои ҷануби шарқӣ суффикси «-ак» бо асоси замони гузаштаи феъл омада, замони гузаштаи наздикро тасдиқ мекунад,-мегуяд муаллифи мақола ва мисолҳои зеринро овардааст:

“Кардак”, “дидак”, “рафтак”.

Дар хотимаи мақола, забоншинос академик А. Мирзоев чунин хулоса мебарорад: «Вале набояд пиндошт, ки фарқҳои семантикии суффикси «-ак» фақат чизҳои дар ин мақола нишон дода шуда мебошанду бас. Он тариқа нест, ғайр аз таъиноти ин мақола мумкин аст ин суффикс як қатор соҳаҳои семантикии дигаре низ дошта бошад... Вазифаи боз ҳам равшан ва хубтар нишон додани ин соҳа ба он вазифаи умумии навбатӣ, тартиб додани сарфи илмии забони тоҷик дохил хоҳад шуд» [374, с.28].

Ин мақолаи академик А. Мирзоев дар маъношиносӣ (семантика), сарфшиносӣ, алалхусус, калимасозӣ таҳқиқи бисёр муҳим буда, барои ташаккул ва рушди забоншиносии навини тоҷик нақши мондагор гузоштааст.

Ҳамчунин, А. Мирзоев дар мақолаҳои “Семантикаи функсиявии академик Марр” [375], “Баъзе мулоҳизаҳо дар атрофи калимаҳои нумеративӣ” [376] ва “Забони адабиёти классикӣ ва муносибати он ба забони имрӯзаи тоҷик” [378] оид ба андешаҳои акдемик Марр, хусусиятҳои калимаҳои нумеративӣ ва муносибати забони адабиёти классикӣ ба забони имрӯзаи тоҷик аедешаҳои ҷолиб баён намудааст.

Академик А. Мирзоев дар ҳаммуаллифӣ бо дигарон ба таълифи китобҳои дарсӣ низ аз забони тоҷикӣ машғул шудааст.

Хулоса, академик А. Мирзоев бо таълифи мақолаю асарҳои хеш тавонистааст, ки дар ташаккули забоншиносии навини тоҷик саҳмгузор бошад.

БОБИ 4. МАСЪАЛАҲОИ ЗАБОНШИНОСИИ НАВИНИ ТОҶИК ДАР СОЛҲОИ 60-УМИ АСРИ ХХ

4.1. Таҳлили осори илмии муҳаққиқони забоншиноси ин марҳилаи забоншиносии навини тоҷик

Солҳои 60-уми асри ХХ марҳилаи асосии инкишофи илми забоншиносии навини тоҷикӣ маҳсуб меёбад. Дар ин давра бисёр асарҳои ҷамъбастӣ дар бораи шеваю гуйишҳои тоҷикӣ ва бахшҳои гуногуни забоншиносии навини тоҷик таълифу нашр шуданд. Аз натиҷаи таҳқиқоти илмии олимони забоншинос ва устодони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ китобҳои дарсӣ чоп гардиданд.

Соли 1960 асари Б. Ниёзмуҳаммадов “Очеркҳо оид ба баъзе масъалаҳои забоншиносии тоҷик” [195] ба нашр мерасад.

Муҳаққиқи забоншинос Х. Ҳусейнов дар илми забоншиносии навини тоҷик аввалин шуда, соли 1960 дар мавзуи “Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави замон дар забони адабии ҳозираи тоҷик” [305] рисолаи номзадӣ дифоъ мекунад. Пас аз нашри рисолаи Х. Ҳусейнов таҳқиқи бахши ҷумлаҳои мураккаби тобеъ суръати тоза мегирад. Соли 1961 асари М. Н. Қосимова “Ҷумлаи пайрави шартӣ дар забони адабии тоҷик” [128] нашр мешавад. Ш. Рустамов аз ибтидои солҳои 60-ум ба таҳқиқи ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави сабаб машғул шуда, соли 1964 дар ин мавзуъ рисолаи номзадӣ дифоъ менамояд, ки он соли 1968 дар шакли китоб бо номи “Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави сабаб дар забони адабии ҳозираи тоҷик” [236] чоп мешавад. Тайи солҳои 60-уми асри ХХ забоншиноси нозуктабъ таълимгирифтаи мактаби забоншиносии Санкт – Петербург Д. Тоҷиев оид ба наҳви ҷумлаҳои мураккаби тобеъ як қатор мақола, аз қабили “Ҷумлаи пайраи натиҷа” [387]; “Ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа” [388];. “Ҷумлаи пайрави тарзи амал” [389]; “Ҷумлаи пайрави монандӣ” [390]; “Доир ба сермаъноии ҷумлаҳои пайрав” [391]; “Ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиба” [259] “Калимаҳои ҳамнисбат дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ”

[260] ба табъ мерасонад, ки барои боз ҳам таҳқиқи ҳаматарафаи бунёдии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар марҳилаҳои баъдӣ замина гардиданд.

Аз соли 1960 то соли 1970 китоби дарсии Ниёзмуҳаммадов Б., Ш. Ниёзӣ, Грамматикаи забони тоҷикӣ. Синтаксис. Барои мактабҳои миёна [198]; Ниёзмуҳаммадов, Ш. Ниёзӣ, Каримов А. “Забони тоҷикӣ”, қ. 2. Синтаксис. Барои синфҳои VII-VIII [199] борҳо нашр мегардад.

Соли 1968 асари Б. Ниёзмуҳаммадов ва Ш. Рустамов “Баъзе масъалаҳои синтаксиси забони адабии ҳозираи тоҷик” [202] нашр мешавад.

Дар солҳои 60-ум ду асари илмӣ-таҳқиқотӣ оид ба забону услуби адибони тоҷик ба табъ расид, ки яке асари Р. Ғаффоров “Забон ва услуби “Одамони ҷовид”-и Раҳим Ҷалил [349] ва дигаре асари Б. Камолиддинов “Забон ва услуби Ҳаким Карим” [112] ба нашр мерасад.

Дар ин солҳо яке аз забоншиносони хушсалиқа С. Ҳалимов оид ба саҳми устод Айнӣ дар инкишофи забони адабии ҳозираи тоҷик ва ташаккули забоншиносии навини тоҷик чандин мақолаҳо менависад. Яке аз мақолаҳои С. Ҳалимов бо унвони “Муборизаи С. Айнӣ барои тозагии забони адабии тоҷикӣ” [395] ба табъ мерасад. Натиҷаҳои таҳқиқи ӯ дар соли 1964 ҷамъбаст гардида, ҳамчун рисолаи номзадӣ бо номи “С. Айни как языковед” [273] онро дифоъ менамояд.

Дар солҳои 60-уми асри XX дар илми забоншиносии навини тоҷикӣ ҳам насли калонсол ба мисли Т. Зеҳнӣ, В.С. Расторгуева, Б. Ниёзмуҳаммадов, А. Мирзоев, Д. Тоҷиев, Н. Маъсумӣ, М. Фозилов, М. Беҳбудӣ, Р.Л. Неменова, А.З. Розенфелд, А.Л. Хромов, Х. Ҳусейнов, М. Қосимова, С. Ҳалимов ва ҳам як зумра забоншиносони дар он вақт ҷавон чун Б. Камолиддинов, Р.Х. Додихудоев, Ш. Рустамов, А. Каримов, М. Муҳаммадиев, Ҳ. Маҷидов ва дигарон ба таҳқиқи масъалаҳои гуногуни забоншиносӣ машғул мешаванд.

Дар ин марҳилаи инкишофи илми забоншиносии навини тоҷик бисёр муҳаққиқону забоншиносон назари хешро оид ба масъалаҳои гуногуни забон дар шакли асару китобҳо ва дастурҳои алоҳида ба табъ расонидаанд. Ба

хотири наафзудани ҳаҷми рисола афкори забоншиносии муҳаққиқонеро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додаем, ки дар рушди забоншиносии навини тоҷик нақши назаррас гузоштаанд.

4.1.1. Бобоҷон Ниёзмуҳаммадов ва осори забоншиносии ӯ

Яке аз пажуҳишгароне, ки дар аҳди шуравӣ тамоми фаъолияти хешро ба омузиши илми забоншиносии тоҷик бахшидааст, академик Ниёзмуҳаммадов Бобоҷон Ниёзович (1906-1979) мебошанд.

Воқеан, академик Б. Ниёзмуҳаммадов дар самтҳои гуногуни илми забоншиносӣ: шеваҳои забони тоҷикӣ, паҳлуҳои гуногуни забони адабии ҳозираи тоҷик, забони асарҳои бадеӣ, маҳорати илмию забондонии устод Айнӣ ва наҳви забони тоҷикӣ пажуҳиш анҷом дода, дар таҳияи китобҳои дарсии зинаҳои гуногуни таҳсилот ширкат ва роҳнамоӣ намудааст.

Фаъолияти ҷамъиятӣ, рӯзноманигорӣ, омузгорӣ ва илмии Б. Ниёзмуҳаммадов мувозӣ ҷараён гирифта, нигоштаҳои ӯ аз таҷриба гузашта, ҳамчун корҳои илмию амалӣ аҳаммияти хос пайдо кардаанд. Ӯ асарҳои илмии хешро бо як услуби хос, бо забони содаю оммафаҳм таълиф намудааст.

Б.Н. Ниёзмуҳаммадов зимни таҳлили масоили забоншиносӣ ба ду сарчашмаи асосӣ диққат додааст: “Ӯ фактҳои фаровони забонро тасниф карда, дар асоси он ба хулосаҳои илмӣ меояд ва дар айни замон муваффақиятҳои илми забоншиносии умумӣ, пеш аз ҳама, илми пешқадами русро ба асос мегирад” [200, с. 8].

Яке аз омилҳои асосии такмилу инкишофи забони адабӣ, забони халқи бародари рус мебошад. Таъсири ҳамаҷонибаи забони русӣ дар такомулёбии забони адабии тоҷикӣ, услубиёти он ва тайёр намудани кадрҳои илмӣ хеле калон аст.

Шиносоӣ бо олимони намоёни забоншиноси рус пайроҳаи илмро ба рӯйи ӯ мекушояд. Махсусан, диққати олими намоёни рус профессор Л. И. Жирковро истеъдоди Б. Ниёзмуҳаммадов ҳангоми таҳсил дар курси

сесолаи аспирантайёркунии Институти тадқиқотии илмии забоншиносии шаҳри Москва (соли 1932) ба худ ҷалб менамояд. Ин аст, ки баъди хатми аспирантура соли 1938 дар шурои илмии Институти шарқшиносии Ленинград (Санкт-Петербург) диссертатсияи илмии худро, ки ба таҳқиқи шеваи ноҳияи Конибодом бахшида шудааст, зери роҳбарии профессор Л. И. Жирков дифоъ мекунад. Ин кори илмӣ бори нахуст соли 1961 таҳти унвони “Шеваи Конибодоми забони тоҷикӣ” [193] (“Канибадамское наречие таджикского языка”) нашр гардидааст.

Албатта, аввалин нафаре, ки ба омузиши шеваҳои забони тоҷикӣ машғул гардидааст, олими рус, профессор В. В. Григорев мебошад. Устод Б. Ниёзмуҳаммадов, ҳамчунин хизматҳои олимони рус А. А Семёнов, М. С. Андреев ва И. И. Зарубинро дар ин самт таъкид намуда, ба корҳои илмии ин олимон баҳои арзанда дода, дар мақолаи “Оид ба се асари профессор А. А. Семёнов дар соҳаи забоншиносии тоҷик” доир ба аҳаммияти амалию назариявии асарҳои ӯ изҳори назар намудааст.

Б. Ниёзмуҳаммадов дар таҳқиқи “Шеваи Конибодоми забони тоҷикӣ” усулҳои тадқиқоти олимони рус И. И. Зарубин ва забоншиноси нозукбин Вера Сергеевна Расторгуеваро истифода намудааст. В.С. Расторгуева оид ба омузиш ва таснифоти шеваҳои забони тоҷикӣ дар 5 ҷилд “Очерки по таджикской диалектологии” [214] (“Очеркҳо оид ба шевашиносии тоҷик”) ва асарҳои илмӣ навиштааст. Муаллиф чунин қайд мекунад: “Ҳангоми ба як система даровардани фактҳои фонетикӣ ва грамматикаи шеваи Конибодом мо ғайр аз навиштаҷоти худ, инчунин, аз материалҳое истифода кардем, ки дар корҳои номбаршудаи Б. Ниёзмуҳаммадов ва Л. Бузургзода чоп шудаанд” [214, с. 5].

Бояд афзуд, ки, мутаассифона, дар китоби “Шеваи Конибодоми забони тоҷикӣ” хусусиятҳои луғавӣ ва синтаксисии ин шева, ки дар шеваҳои шимолии забони тоҷикӣ мавқеи муҳим доранд, шарҳу тавзеҳ ва инъикос нагардидаанд.

Ҳамчунин, Б. Н. Ниёзмуҳаммадов ба ҷузъ “Шеваи Конибодоми забони тоҷикӣ” атрофи шеваи Шаҳртуз таҳқиқот анҷом дода, на танҳо оид ба шева ва лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ, балки дар бораи тарзи таҳқиқ ва вазифаҳои шевашиносон дастурҳо додааст.

Солҳои 1948-1956 давраи камолоти корҳои ҷамъиятию илмии академик Б.Н. Ниёзмуҳаммадов маҳсуб меёбад. Маҳз дар ҳамин давра беҳтарин мақолаю асарҳои илмии эшон, ки дар боло зикр намудем, ба майдони илм ворид шуда, дар саҳифаҳои маҷаллаю рӯзномаҳо дар мавриди забони адабии тоҷик ва масъалаҳои умумии забоншиносӣ як силсила мақолаҳо ба нашр расонидааст. Аз ҷумла, Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик” [194], “Очеркҳо оид ба баъзе масъалаҳои забоншиносии тоҷик” [195], “Вазъияти забоншиносӣ ва вазифаҳои забоншиносони тоҷик” [201], “Сарчашмаҳои миллии забони тоҷик” [204] ва ғайраҳо мисол шуда метавонанд

Аз таҳлили мақолаҳо бармеояд, ки забони адабии тоҷик дар тули асрҳо баробари мушкилоту муборизаҳо ба муваффақиятҳо низ ноил гаштааст. Масалан, агар дар мубориза бо арабҳо забони хешро ҳифз карда бошем, ҳамчунин, аз калимаҳои забони арабӣ таркиби луғавии забонамонро бой намудаем. Муносибатҳои дӯстию бародарӣ, ҳамсоягии нек бо кишварҳои ҳаммарз ва ҳамроҳшавии Осиёи Миёна бо Русия баъди ғалабаи Инқилоби Октябр сабаби ба таркиби луғавии забонамон воридшавии калимаҳои иқтибосӣ аз забони русӣ гардид. Академик Б. Н. Ниёзмуҳаммадов ҳамин масъалаҳоро дар мақолаҳояш бо далелҳои муътамад нишон додааст.

Академик Бобоҷон Ниёзмуҳаммадов соли 1948 диссертатсияи докториро дар мавзуи “Синтаксиси ҷумлаҳои сода дар забони адабии тоҷик” [192], ки аввалин кори муакаммали илмист, дифоъ менамояд. Дар ин асар доир ба синтаксис (наҳв) чунин муҳокима рондааст: “Синтаксис ҳамон қисмати грамматика аст, ки дар бораи ҷумлаҳо, қоидаи сохта шудани онҳо, ибораҳо ва дар бораи қонуниятҳои нутқ сухан меронад” [191, с. 7].

Б.Н. Ниёзмуҳаммадов ҷумларо яке аз воҳидҳои асосии забон медонад. Ҳар кадоми онҳо фикри томро ифода менамояд. Ҷумла, ба андешаи Б. Н. Ниёзмуҳаммадов, метавонад аз як калима иборат бошад, метавонанд аз ду-се калимаҳои бо ҳам алоқаманд таркиб ёбад. Онро метавон боз аз рӯйи иштироки мубтадою хабар ба ҷумлаҳои яктаркибаю дутаркиба ва аз рӯйи ширкати узвҳои пайрав (пуркунандаю муайянкунанда ва ҳол) ба хулласу тафсилӣ ҷудо намуд.

Дар ин асар муаллиф, ба ғайр аз ба кадом ҳиссаҳои нутқ ифода ёфтани мубтадою хабар, инчунин оид ба мувофиқати хабар ба мубтадо изҳори назар намудааст.

Аммо зикр бояд намуд, ки ҳолатҳои мутобиқат накардани хабар ба мубтадо низ дар асар мавриди таваҷҷуҳ карор гирифтааст. Ин номутобиқатӣ дар мавриди дар шакли танҳо омадани мубтадои ҷамъ бо хабари танҳо, ҳангоме ки мубтадо бо предметҳои беҷон ва ё номи узвҳои инсон меояд, ба мушоҳида мерасад. Чунончи: Сахтиҳои рӯзгор Одинаи хурдсолро хеле соҳибтадбир ва таҷрибакор карда буд [332, с. 19].

Таҳлилу таҳқиқи аъзоҳои пайрави ҷумла яке аз қисматҳои асосии “Ҷумлаҳои сода дар забони адабии ҳозираи тоҷик” [196]-ро ташкил медиҳад. Муаллифи асар, воқеан ҳам, дуруст қайд менамояд, ки дар ҷумла муайянкунанда нисбат ба дигар аъзоҳои пайрави ҷумла хусусияти фарқкунанда дорад: “вай дар сохти синтаксисии забони адабии тоҷик дар таркиби мубтадо, хабар, пуркунанда ва ҳол меояд” [196, с. 39].

Дар ин боб муаллиф оид ба вазифаҳои изофат (и) дар алоқамандии аъзоҳои ҷумла дар забони адабии ҳозираи тоҷик диққати зиёд додааст. Дар робитаи муайянкунандаҳои сифатӣ ва соҳибӣ бо муайяншаванда изофат мавқеи асосиро мебозад.

Боби пуркунанда ва ҳол низ дар асар ҳаматарафа мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Ҳарчанд дар бораи ибора боби алоҳида ҷудо накардааст, аммо таърифи онро дар муқаддима оварда, хелҳои ибора ва роҳҳои ташкили онро дар таркиби аъзоҳои ҷумла баррасӣ намудааст.

Бояд таъкид намуд, ки академик Б. Н. Ниёзмуҳаммадов дар китоби “Ҷумлаҳои сода дар забони адабии ҳозираи тоҷик” ба бисёр масъалаҳои норавшану номакшуф нуқта гузошта бошад ҳам, баъзе масъалаҳои баҳсталаб аз қабили ҷумлаи яктаркибаи муайяншахс ва воситаҳои алоқа дар китоби мазкур зикр нашудаанд.

Инчунин, саҳми академик Б.Н. Ниёзмуҳаммадов дар таҳриру таълифи барномаю китобҳои дарсӣ низ назаррас аст. Аммо тартиб додани китобҳои дарсӣ барои мактабҳои миёна басо кори сангину мушкил аст. Дар мадрасаҳои Бухоро, зикр мекунад ӯ “. . . дарси забони модарӣ мутлақо набуд, забони модариро ҳар кас ба қадри қувва ва қобилияти худ аз зиндагӣ ва аз мутоилаи китобҳо меомухт” [196, с. 201].

Бинобар ин, муаллифони аввалин китобҳои дарсӣ, бахусус, Сайидризо Ализода, Ҳамид Бақозода, Баҳром Ҳоҷизода ва Беленитский заҳматҳои зиёд кашидаанд.

Соли 1941 Бобоҷон Ниёзмуҳаммадов бо ҳамроҳи Лутфулло Бузургзода қисми аввали китоби дарсии грамматикаи забони тоҷикиро бо номи «Фонетика ва морфологияи забони тоҷикӣ» [191] таълиф менамоянд. Дар он сохти морфологии забон мавриди таҳлил қарор гирифта, ҳамаи даҳ ҳиссаи нутқ таҳлил шудаанд. Дар китоби мазкур доир ба решаю асос ва фарқи онҳо, дар бораи пасвандҳо муфассал маълумот дода шудааст.

Ҳарчанд ки дар ин китоб хусусиятҳои морфологии калимаҳои мустақилмаъно ва ёридиҳанда зиёдтар таҳқиқ ёфта бошанд ҳам, мисолҳо камтар оварда шудааст.

Соли 1942 китоби дарсии «Грамматикаи забони тоҷикӣ», қисми 2. Синтаксис барои мактабҳои ҳафтсола ва миёна нашр мегардад, ки муаллифонаш А. Мирзоев, Ш. Ниёзӣ, М. Ғафуров буда, муҳаррирони китоби мазкур забоншиносон Л. Бузургзода, Б. Ниёзмуҳаммадов мебошанд. Китоби

мазкур бори аввал соли 1942 ва то соли 1950 чаҳор маротиба (1942, 1945, 1948, 1950) бознашр шудааст.

Дар сохти синтаксиси забони тоҷикӣ ҷумлаҳои мураккаб ҷойгоҳи махсусеро ташкил медиҳад. Ба қавли академик Б. Ниёзмуҳаммадов, ҷумлаи мураккабро ҷумлаҳои сода ташкил менамоянд, онҳо “барои ҷумлаи мураккаб замина ва воситаи муҳимми ташаккул мебошанд” [192, с. 7].

Бо ташаббуси Б.Н. Ниёзмуҳаммадов қисми якуми “Грамматикаи забони тоҷикӣ” (фонетика ва морфология)” [198] барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ соли 1956 рӯйи чоп меояд ва дастраси донишҷӯён мегардад. Муқаддимаи ин китоби дарсӣ ва боби пайвандакҳо ба қалами Б.Н. Ниёзмуҳаммадов тааллуқ дорад.

Академик Б.Н. Ниёзмуҳаммадов ба маълумоти китоби дарсии мактабҳои миёна ва олӣ оид ба хусусияти морфологии калимаҳо қаноат накарда, доир ба исм, сифат ва зарф мақолаҳо таҳия менамояд. Муаллиф иброз медорад, ки зарф ҳамчун ҳиссаи нутқ дертар аз ҳисоби дигар ҳиссаҳои нутқ ташаккул ёфтааст.

Академик Б. Ниёзмуҳаммадов дар таълифи ин ду мақола баъзе меъёрҳои таснифоти ҳиссаҳои нутқ ва усули морфологӣ-синтаксии калимасозиро сарфи назар кардааст.

Б. Ниёзмуҳаммадов аз соли 1952 то соли 1985 яке аз муаллифони қисми дуюми “Грамматикаи забони тоҷикӣ” барои мактабҳои олӣ буд, дар ин китоби дарсӣ аввал дар бораи синтаксис ва вазифаҳои он сухан рафта, сипас дар бораи ҷумла, хелҳои он, ибора ва роҳҳои робитаи калимао дар ибора мухтасар маълумот дода мешавад.

Китобҳои грамматикаи забони тоҷикӣ барои мактабҳои олӣ на танҳо барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ ва муаллимони мактабҳои миёна ҳамчун китоби дарсӣ кумак мерасонад, балки ин китоб ҳамчун манбаи илмӣ барои анҷом додани таҳқиқҳои илмӣ хизмат карда метавонад.

Яке аз самтҳои дигари фаъолияти забоншиносии академик Б. Ниёзмуҳаммадовро масъалаи луғат ва луғатшиносӣ ташкил медиҳад. Ӯ дар

ин соҳа низ бисёр корҳоро анҷом додааст. Аз ҷумла, дар муҳокимаи луғатҳои дузабонаи тоҷикӣ – русӣ ва русӣ – тоҷикӣ ширкат варзида, барои беҳтар шудани сифати луғатҳои мазкур маслиҳатҳо додааст.

Албатта, агар ба таърихи забони адабии тоҷик ва тағйиротҳои он назар андозему бо шоҳкориҳои бо ин забон иншошудаи адабиёти оламшумули классикиамон ва адабиёти муосир таваҷҷуҳ намоем, зурурати баръало оид ба тартиб додани луғати тафсирӣ ба миён омадааст. Зеро луғатҳои тафсирии то Инқилоби Октябр мавҷудбуда талаботи хонандаи имрӯзаро қонеъ кунонда наметавонист, чунки ба таркиби луғавии забонамон вожаҳои зиёде аз забонҳои халқҳои дигар ворид гардида буданд.

Аз ин рӯ, муаллиф зарурияти тартиби луғати тафсирӣ, принсипҳои асосии онро таъкид намуда, меафзояд, ки дар баробари нишон додани тарзи шарҳи калима, таркибҳои фразеологӣ, идиоматикӣ, роҳҳои истифода ва нишон додани сарчашмаҳоро ба эътибор бояд гирифт. Ин аст, ки “Фарҳанги забони тоҷикӣ” (аз асри Х то ибтидои асри ХХ) бори нахуст тартиб дода шуда, соли 1969 чоп гардид.

Ба туфайли дигаргунии сохти ҷамъият ва болоравии иқтисодиёту фарҳанг аз забони русӣ ва дигар забонҳо ба забони тоҷикӣ калимаҳои нав-истилоҳҳо, ворид гардиданд. Дуруст аст, ки барои баъзе истилоҳот аз рӯйи муҳтавою мазмуни он муодили тоҷикии онҳо кор фармуда мешуданд, аммо як гуруҳ калимаҳое буданд, ки дар забони тоҷикӣ муодили тоҷикии худро надоштанд, бинобар ин бо ҳамон шакл пазируфта шуданд.

Академик Б. Ниёзмуҳаммадов дар соҳаи истилоҳот махсус мақола надошта бошад ҳам, ба ин масъала дар мақолаҳои “Вазъияти забоншиносӣ ва вазифаҳои забоншиносони тоҷик” [201] дахл намуда, дар пеши мутахассисони ин соҳа вазифаҳои нав гузоштааст.

Пажуҳиши забони асарҳои бадеӣ, мақом ва мавқеи адибон дар ташаккули забони адабии тоҷик яке аз самҳои асосии фаъолияти илмии академик Б. Ниёзмҳаммадовро ташкил медиҳад. Мавзуи мазкур аз ибтидои фаъолияти илмӣ таваҷҷуҳи Б. Ниёзмуҳаммадовро ба хеш ҷалб намуда,

бештари мақолаҳои ӯ ба мавқеъ ва роли устод С. Айнӣ дар ташаккули забони адабӣ бахшида шудаанд. Ҳамчунин, дар бораи дигар адибони классику муосири тоҷик аз қабили: Носири Хусрав, Ҷалол Икромӣ, Абдусалом Деҳотӣ ва Мирзо Турсунзода мақолаҳо ба нашр расонидааст. Ҳатто дар асари нухустинаш ”Шеваи Конибодоми забони тоҷикӣ” [197] дар бораи мавқеи устод дар ҳимояи забони адабӣ аз ҳамлаҳои душманон, инкишоф ва дараҷаи омухта шудани он маълумот додааст. Бештар дар китоби “Очеркҳо оид ба баъзе масъалаҳои забоншиносии тоҷик” [195] ва мақолаи “Чанд сухан оид ба роли устод Садриддин Айнӣ дар бораи асоси забони миллии тоҷик ва инкишофи он” [204, с. 299-301] ин масъаларо инкишоф додааст. Махсусан, дар “Очеркҳо” бо унвонҳои “Роли устод Айнӣ дар инкишофи забони адабии тоҷик”, “Устод Айнӣ дар бораи асоси забони миллии тоҷик”, “Хизмати устод Айнӣ дар бораи аз ҳисоби забони зинда такмил додани забони адабии тоҷик”, “Устод Айнӣ дар бораи хусусиятҳои забони асарҳои як қатор классикони адабиёти тоҷик” ва “Устод Айнӣ дар бораи хуб кардани услуби забони адабии тоҷик ва тозагии нормаи он” ин масъаларо хеле равшану возеҳ баён намудаанд. Зеро дар тули асрҳо вобаста ба услуби печдарпечи анъанавӣ забони адабии тоҷик аз забони умумихалқӣ хеле дур рафта буд. Аз ин рӯ, ба миён омадани чунин масъала, аз муаллиф тақозо менамуд, ки ба услуби печидаю тумтароқи пешина хотима дода шавад.

Дар мақолаҳои ба устод Айнӣ бахшидаи академик Б. Ниёзмҳаммадов қолиб он аст, ки устод Айнӣ ба душманони миллат, махсусан, пантуркистон, ки тоҷиконро чун миллат ва забони тоҷикиро забони мустақили дорои таркиби луғавӣ намеҳисобиданд, зарбаи ҳалокатовар задааст.

Ӯ бар хилофи даъвоҳои беасоси миллатчиён таърихи зиёда аз ҳазорсола доштани забону маданияти халқи тоҷикро собит кард, барои содаву оммафаҳм намудани забони адабии тоҷик ва инкишофи он хизмати шостаи таърихӣ намуд.

Академик Б.Н. Ниёзмҳаммадов дар бораи устод С. Айнӣ мақолаи ёддоштӣ низ навиштаанд, ки дар китоби “Забоншиносии тоҷик” [204] бо

номи “Аввалин мулоқоти ман бо устод Садриддин Айнӣ”, “Ҳамкории мо бо устод Айнӣ дар Академияи фанҳои Ҷумҳурии Сотсиалистии Тоҷикистон”, “Устод Айнӣ дар бораи меҳнатдӯстӣ ва интизом” ҷамъоварӣ гардидаанд.

Чунонки дар боло зикр намудем, академик Б. Н. Ниёзмҳаммадов бо ҳамроҳии Л. Бузургзода оид ба забони асарҳои Носири Хисрав мақола бо номи “Носири Хисрав” нашр намудаанд, ки фаъолияти илмию адабии ин шоири ҳақиқатнигорро тасвир менамояд. Дар мақола сабабҳои ба исмоилия рӯ овардани шоир ва хушбаёнию содагии забони шоир равшанӣ андохта шудааст.

Инчунин, дар мақолаи “Хизмати Абдусалом Деҳотӣ дар забоншиносии тоҷик” [204, с. 346 -350] аз рӯзгор ва фаъолияти илмии забоншинос, забондон ва шоир Абдусалом Деҳотӣ ибрози назар карда, бештар ба фаъолияти илмии ӯ таваҷҷуҳ намудааст. Махсусан, дар омузиши забон ва инкишофи луғатҳо, аз ҷумла, луғатҳои дузабона осори ӯ аҳаммияти амалӣ ва назарӣ дорад. Хизмати А. Деҳотӣ дар бой гардидани таркиби луғавии забон аз ҳисоби забони гуфтугӯйӣ ва такмили грамматикаи забони адабии тоҷик калон аст. А. Деҳотӣ яке аз муаллифони китоби дарсии забони тоҷикӣ буда, бо ҳамроҳии Б. Ҳоҷизода ва Л. Бузургзода соли 1932 “Сарфу наҳв” [72]-ро менависанд. Ӯ барои ба тартиб ва қоидаи муайян даромадан ва хубтар шудани имлои забони тоҷикӣ саъю кушиши зиёд намудааст.

Академик Б.Н. Ниёзмуҳаммадов оид ба эҷодиёт ва забони асарҳои устод Мирзо Турсунзода низ мақолаҳо таълиф кардааст. Махсусан, мақола “Оид ба хусусиятҳои забонии осори Мирзо Турсунзода” [204, с. 314-346] аз беҳтарин мақолаҳои ӯст. Ба қавли муаллифи мақола, шоир барои ифодаи мақсадҳои худ аз тамоми захираҳои забони тоҷикӣ истифода намуда, барои бой шудани таркиби луғавии забони тоҷикӣ ва суфтаву равон шудани он ҳиссагузор мебошад. Мирзо Турсунзода барои рангорангии забони асарҳояш, инчунин, барои дилчаспу равон шудани каломаш аз адабиёти классикӣ ва эҷодиёти шифоҳии халқ ба таври фаровон истифода намудааст. Ин аст, ки забони асарҳои шоир аз дигар ҳамкасбонаш бо сабки баёну истеъмоли

вожаҳо тафовут дорад. Халқ ҳамаи сурудаҳои шоирро, ки содаю оммафаҳм мебошад, бо шуру шавқ ва меҳру муҳаббат мутоила ва замзама менамоянд.

Ҳақ ба ҷониби устод Айнӣ аст, ки гуфтааст: “Бояд нависанда аз ҷиҳати забон дар ҷое истад, ки дасти халқ ба вай расад ва бо як ишорат ва ҳимояти ӯ халқ ба паҳлӯи ӯ баромада тавонад. Нависанда аз забони халқ чӣ гуна бояд истифода кунад? Ба фикри ман ва таҷрибаи ман, забони халқ анбори холинашавандаи моли хом аст. Вазифаи нависандагон ин молҳои хомро ғундошта дар майнаи худ кор карда, боб ва дилкаш намуда, ба халқ додан аст” [204, с. 106].

Академик Б.Н. Ниёзмуҳаммадов “Мактуби кушода ба рафиқ Толис” [204]-и устод Айниро мутоила ва таҳлил намуда, онро беҳтарин мақола ва ғамхорӣ нисбат ба забони тоҷикӣ медонад, ки дар замони мо низ муҳтавои он ҳолати имрӯзаи забони асарҳои бадеӣ ва вазифаҳои минбаъдаи нависандагонро муайян намудааст.

Паҳлуи дигари фаъолияти серҷабҳаи академик Б. Ниёзмуҳаммадов пешаи омузгорӣ ва ташкилотчигӣ мебошад. Пас аз дифои рисолаи номзадӣ дар Институти педагогии ба номи Т. Г. Шевченко (ҳозира Донишгоҳи давлатии омузгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ) ба фаъолият шуруъ менамояд. Ба системаи муайян даровардани таълими забоншиносии тоҷик ва омода намудани як зумра забоншиносони соҳибистеъдод, ба монанди Шавкат Ниёзӣ, Малоҳат Шаҳобова, Назиршо Бозидов, Қурбоной Саидова, Абдусаттор Мирзоев, Салом Абдураҳимов, Саидмурод Ҳоҷиев, Абдусаттор Абдуқодиров, Восит Қосимов саҳм гирифтааст. Номбаршудагон зери роҳбарии академик Б Ниёзмуҳаммадов рисолаҳои илмии хешро анҷом дода, дифоъ кардаанд.

4.1.2. Масъалаҳои илми сарф аз назари Шавкат Ниёзӣ

Фаъолияти илмию педагогии Шавкат Ниёз (1905-1962) аз таълифу тартиб додани китобҳои дарсӣ ва дастурҳои амаливу барномаҳои таълимӣ сар мешавад. Ӯ барои омузишгоҳҳои педагогӣ “Грамматикаи забони тоҷикӣ”,

“Супоришҳо аз грамматикаи забони тоҷикӣ” (фонетика ва морфология) ва ҳамроҳи Лутфулло Бузургзодаву Бобоҷон Ниёзмуҳаммадов барои мактабҳои миёна китоби дарсии “Грамматикаи забони тоҷикӣ” менависад. Ғайр аз ин, дар таълифи аввалин китоби дарсии мактабҳои олӣ “Грамматикаи забони тоҷикӣ” аз фонетикаю морфология иштирок кардааст.

Фаъолияти илмии Шавкат Ниёзӣ бештар ба таҳқиқ ва омузиши масъалаҳои гуногуни қисмати морфологияи грамматикаи забони тоҷикӣ бахшида шудаанд. Роҳҳо, усулҳо ва қолабҳои калимасозии исму сифат нисбатан пурра ва ҳаматарафа аз тарафи ин муҳаққиқ мавриди баррасӣ ва омузиш қарор гирифтааст. Вожаи инфикс ба тавассути Ш. Ниёзӣ ба забони тоҷикӣ ворид гардида, доир ба вазифаҳои грамматикии он мақолаи ҷулогона бахшидааст. Доир ба ҳиссаҳои номии нутқ ва феълҳои таркибии номӣ чандин мақола навишта, ба ин қисмати сарфи забони тоҷикӣ равшанӣ андохтааст. Умуман, ба омузиши ҳиссаҳои номии нутқ ва махсусан исму сифат олим таваҷҷуҳи зиёд намудааст.

Муаллиф аз мушоҳида ва маводҳои гирдоварда оид ба ҳиссаҳои нутқ гуфтаҳои олимони забоншиносро ба низом дароварда, такмил дода, мулоҳизаҳои дурусти илмӣ баён намудааст. Ӯ ҳиссаҳои номии нуткро бо феъл ва ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ қиёс намуда, тафовути онҳоро аз рӯйи категорияҳои грамматикӣ:

1) Категорияи шумора;

2) Категорияи ягонагӣ ва номуайянӣ;

3) Категорияи муайянӣ

мушаххас намудааст.

Шавкат Ниёзӣ дар мақолаи “Оид ба ҳиссаҳои номии нутқ дар забони тоҷикӣ” [189] ва асари “Исм ва сифат дар забони тоҷикӣ” [190] назару андешаҳои хешро баён кардааст. Мавзуи мазкур дар забоншиносии навини тоҷик мавриди таҳлили нисбатан ҷиддӣ қарор гирифтааст.

Аслан, Ниёзӣ дар пояи мулоҳизаҳои асари В. С. Расторгуева “Очеркҳо аз диалектологияи тоҷик” хулосаҳои хешро ҷамъбаст намудааст.

Ба андешаи Ш. Ниёзӣ, дар забони тоҷикӣ аломатҳои грамматикии муайянкунандаи гурӯҳи калимаҳо ба исм ва сифат хеле маҳдуд аст, зеро дар забони тоҷикӣ калимаҳое вомехуранд, ки ба исм ва ё сифат ҷудо кардани онҳо мушкил аст. Чунончи, калимаҳои зӯр, ҷавон, пеш, таг, паҳлу, савор, далер, аспакӣ, пиёда ва ғайра. Ин калимаҳоро муаллиф исм ном бурдааст. Маънои калимаҳо танҳо дар ҷумла, ҳангоми ифода намудани вазифаи синтаксисӣ муайян карда мешавад. Ин калимаҳо метавонанд, ки дар адои вазифаи синтаксисӣ чун аъзоҳои пайрави ҷумла муаррифӣ шаванд. Инчунин, муаллиф калимаҳоро ба ду гурӯҳ: якум исм, ки дорои категорияҳои грамматикӣ мебошад ва гурӯҳи дуюм сифатҳо, ки категорияи грамматикии мустақил надоранд.

Муаллиф меафзояд, ки гурӯҳи якум-исм, метавонад ба гурӯҳи дуюм ворид шавад, лекин сифат танҳо ҳангоми иҷрои вазифаи синтаксисӣ метавонад ба исм гузарад. Чунончи, калимаи сурх ва сафед. ***Сурхҳо*** омаданд, ***сафедҳо*** гурехтанд.

Ба қавли муаллиф, категорияҳои грамматикии ҳар забон натиҷаи маҳсули давраи дуру дарози таърихии инкишофи сохти грамматикии забон мебошад. Дар категорияхои грамматикӣ сохти грамматикии ҳар як забон ифода меёбад. Ҳиссаҳои номии нутқ танҳо аз гурӯҳи лексикии калимаҳо иборат набуда, балки аз гурӯҳи лексикӣ-грамматикӣ низ иборат мебошад.

Назару мулоҳизаҳо атрофи исму сифат дар забони тоҷикӣ моро ба хулосае меорад, ки ин ҳиссаҳои мустақили нутқ аз ҳамдигар тафовути лексикию грамматикӣ дошта бошанд ҳам, байни худ муносибат ва алоқаи зичи грамматикӣ доранд.

Муҳаққиқи забоншинос Ниёзӣ Ш. дар бораи хусусиятҳои хоси лексикӣ, калимасозӣ ва категорияҳои грамматикии исм ва сифат дар забони тоҷикӣ, ки байни дигар ҳиссаҳои мустақили нутқ мавқеи хосро соҳиб мебошад, дар асараш “Исм ва сифат дар забони адабии тоҷикӣ” [190] маълумоти мушаххас додааст.

Таваҷҷуҳи муаллиф дар пажуҳиши анҷомдода ба масъалаи категорияҳои грамматикии исм ва сифат зиёдтар буда, аз ҷумла, исмро ба исми хос ва ҷинс, ҷондор ва бечон, муайянӣ, номуайянӣ ва ягонагӣ ҷудо намуда, барои тасдиқи фикраш мисолҳои фаровон овардааст. Чунончи, исми **хос:** Сталинобод, майдони Москва, Туркманистон, Ибни Сино ва мисоли ин; исми **ҷинс:** падар, шаҳр, кӯҳ, кабк ва мисоли ин; исми **ҷондор:** одам, хонанда, колхозчӣ; исми **бечон**: *боғ, кӯҳ, шаҳр, чашма* ва ғайра.

Муаллиф зимни таҳлили категорияи шумора, яъне ҷамъбандии исмҳои ҷондору бечон, баъзе мисолҳои ҷолиби диққат овардааст, ки истисно, аз қолаби маъмулии ҷамъбандии исм аст ва дар мавриди ин мисолҳо шарҳи дурусте додааст. Масалан, маъмул аст, ки бо суффикси **он** бештар исмҳои ҷондор ҷамъ баста мешаванд, аммо дар мисолҳои ҷамъовардаи Ш. Ниёзӣ суффикси "**-он"** бо исмҳои бечон низ калимаҳо сохтаанд. Барои мисол калимаҳои ифодакунандаи номи аъзоҳои ҷуфти бадан: **чашм** – *чашмон,* ***абру*** – *абрувон***, ангушт** – *ангуштон***, гесу –** *гесувон***, китф –** *китфон*. Аммо дар исмҳои **пой** ва **рӯй**, ки аъзои ҷуфт мебошанд, шакли ҷамъро ифода накардаанд. Агар **поён** ё **рӯён** гӯем, шакли ҷамъро нагирифта, калимаи **поён** исми *макон* ва калимаи **рӯён** феъли *амр, масдари рӯёнданро* мефаҳмонанд. Вале бо суффикси "**-ҳо"** маънои ҷамъро дода метавонанд. Масалан: **Лабонаш** ғафс ва **рӯйҳояш** чутур буданд [349, с. 69].

Ш. Ниёзӣ зимни баррасии боби сифат дар мавриди ба сифати аслӣ баргаштани сифатҳои нисбӣ мисолҳои ҷолиб овардааст. Муаллиф зикр мекунад, ки баъзан сифатҳои нисбӣ метавонанд сифати аслиро ифода намоянд. Албатта, ин ҳолат ба вазифаи дар нутқ кор фармуда шудани он вобаста мебошад. Яъне, дар нутқ гоҳе сифат ба вазифаи сифати нисбӣ ва гоҳе ба вазифаи сифати аслӣ метавонад хизмат кунад. Чунончи, кӯпруки *оҳанин* (купруке, ки аз оҳан сохта шудааст **– оҳанин –** сифати нисбӣ). Ин одам ***ба иродаи оҳанин*** молик аст. Дар ин мисол сифати нисбӣ ба маънои маҷозӣ омадааст ва мефаҳмонад, ки ин одам-дорои иродаи мустаҳкамест, ки мисли оҳан аст. Инчунин, сифати нисбӣ ба вазифаи сифати аслӣ омада, хусусиятҳои

грамматикии сифати аслиро ифода намояд, дараҷаи муқоисавӣ ва олиро мефаҳмонад (ҷангҳои ***боз ҳам хунинтар*** рӯй дода буд), бо калимаҳои зарф, ки андоза ва миқдори каму беши сифатро нишон медиҳад. Чунончи: одами ***хеле сангин.***

Ҳамин тариқ, муаллиф дар асари хеш оид ба ифодаи ҷинсият, зада, шумора, калимасозӣ, калимаҳои мураккаби кутоҳшуда ва вазифаи синтаксисии исм, сифат ва гурӯҳҳои асосӣ (аслӣ ва нисбӣ), дараҷа, ба сифати аслӣ баргаштани сифати нисбӣ ва калимасозӣ дар сифат андешаронӣ намуда, вобаста ба тараққиёти ҷомеа, беҳтар шудани шароити иҷтимоӣ ва рушду тағйирёбии забон хулосаҳои илмӣ манзур намудааст, ки пажуҳишгарон, хонандагону донишҷӯён аз онҳо чун маводи илмӣ истифода менамоянд.

Дар забоншиносии тоҷик Ш. Ниёзӣ аз зумраи он олимонест, ки доир ба имлову зада ва инчунин ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва баъзе воситаҳои грамматикии алоқаи байни ҷумлаҳоитаркиби он фикру мулоҳизаҳо баён намудааст. Оид ба проблемаи ибораи забони тоҷикӣ маълумот манзур намуда, масъалаи омухтани ибораро дар забони тоҷикӣ аввалин бор ба таври ҷиддӣ ба миён мегузорад.

Ш. Ниёзӣ бар асоси таълимоти забоншиноси рус В. В. Виноградов масъалаҳои омухтани ибора, вазифаи ибора дар нутқ, таърифи ибора, хелҳои луғавию грамматикии ибора, фарқи ибора аз дигар аносири луғавӣ, бахусус таркиб, синтагма, инчунин тафовути байни ибораву ҷумларо мухтасаран қайд намуда, ниҳоят аҳаммияти бузурги ибораро дар таълими забони тоҷикӣ ба қалам овардааст.

Монографияи Ш. Ниёзӣ “Исм ва сифат дар забони адабии тоҷикӣ” ҳоло ҳам аҳаммияти худро гум накардааст. Шавкат Ниёзӣ дар тарбияи як қатор забоншиносони точик саҳми босазо дорад.

4.1.3. Додоҷон Тоҷиев ва афкори забоншиносии ӯ

Профессор Додоҷон Тоҷиев (1915-1987) таълимгирифтаи мактаби забоншиносии Донишгоҳи Санкт-Петербург буда, дар илми забоншиносии

тоҷик саҳми муҳим гузоштааст. Д. Тоҷиев аз айёми донишҷӯйӣ ба таҳқиқи масъалаҳои забоншиносӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд ва таҳти роҳбарии профессор А. А. Фрейман ба таҳқиқи маъноиву калимасозии вожаи “об” дар забони тоҷикӣ машғул мешавад, баъдтар (соли 1952) бо тақризу тавсияи профессор И. И. Зарубин дар Институти забоншиносии АИ СССР бо номи “Слово “об” – вода в современном таджикском языке” [253] мунташир мешавад.

Муҳаққиқ бо ҷузъи “об” дар забони тоҷикӣ зиёда аз 170 вожа пайдо менамояд, ки баъзеашон дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ маъноҳои аҷиб пайдо кардаанд. Тасодуфи аҷибро бинед, ки ҳануз дар асри XIII донишманди тоҷику форс Шамси Қайси Розӣ дар “Ал-муъҷам” ба хусусияти калимасозии (пасвандгунагии) калимаи “об” ишора карда, вожаҳои зеринро бо ҷузъи “об” овардааст: гулоб, дулоб, кудоб, селоб, ғарқоб, гирдоб, заҳоб, сароб, буноб, шӯроб, поёноб, тезоб, куроб, зардоб, хуноб, симоб, сапедоб, хушоб, душоб, қитъаоб, кузоб, панироб (22 адад вожа).

Ба назари мо, устод Д.Тоҷиев аз маълумоти ин маъхаз огоҳӣ надоштанд, аммо назари амиқ ба ӯ имкон додааст, ки ин ҳодисаи муҳимми забоншиносиро дарк ва мушикофона таҳқиқ намояд.

Охири солҳои 40-уми асри XX диққати Д. Тоҷиевро бештар таҳқиқи сохти наҳвиёти забони адабии тоҷик мутаваҷҷеҳ сохт, чаро ки ӯ хуб дарк мекард, ки сохти наҳвиёти ҳар забон руҳи миллии ҳамон забонро нишон медиҳад. Муҳаққиқи ҷавон таҳти роҳнамоии эроншиноси маъруф, профессор А. А. Фрейман ба таҳқиқи муҳимтарин категорияи наҳви забони тоҷикӣ-муайянкунанда, ҷиддӣ машғул шуд. Мавсуф соли 1951 натиҷаи ин таҳқиқи бисёр боарзишро ба сифати рисолаи номзадӣ бомуваффақият дифоъ мекунад ва соли 1955 ин таҳқиқоти ӯ бо номи “Способы связи определения с определаемыи в современном таджикском литературном языке” [263, с.151-211] ба нашр мерасад.

Бояд як нуктаро таъкид намоем, ки дар таҳқиқи ин мавзуъ низ назари амиқу диди нозуки устод Тоҷиев дида мешавад. Мо барои мушаххас

намудани ин андеша назари профессор Додоҷон Тоҷиевро ба андешаи донишманди мумтози улуми адабӣ дар асри XVI – муаллифи дастури таълимии “Чаҳор гулзор” [275] Хоҷа Ҳасани Нисорӣ муқоиса намудем.

Донишманди мазкур дар бораи изофат нисбат ба дигар манбаъҳои таърихӣ тавзеҳи мушаххасу мукаммал дода, изофатро аввал ба чаҳор навъ ҷудо кардааст:

1. Изофати баёнӣ (рӯзи ҷумъа);
2. Изофати мавсуфӣ (сухани дурушт, мардуми қобил);
3. Изофати ташбеҳӣ (баҳри илм, кӯҳи ҳилм);
4. Изофати истиора (канори ҷаҳон, чашми осмон).

Дар баробари ин, муҳаққиқ изофати баёниро ба 7 хел дастабандӣ намудааст. Чунончи:

1. Изофати баёнии мутакаллим (писари ман, падари ман, сари ман);
2. Изофати баёнии мутакаллим маалғайр (саломи мо, паёми мо);
3. Изофати баёнии мухотаб (писари ту, падари ту, сари ту);
4. Изофати баёнии мушорунилайҳ (писари ӯ, падари ӯ, сари ӯ);
5. Изофати баёнии истифҳом (вақти хурдан, ҳангоми нишастан);
6. Изофати баёнии тахсисӣ (дарахти анор, байти Саъдӣ);
7. Изофати баёнии музоф ва музофунилайҳ (аспи Амру).

Изофати мавсуфиро низ Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ба 7 гурӯҳ ва ду зергурӯҳ ҷудо кардааст:

1. Изофати мавсуфии муҷҷарад (мардуми қобил, қавми дуруст);

2. Изофати мавсуфии нафӣ (мардуми беҳунар, мурғи бекор, маҷлиси бешароб);

3. Изофати мавсуфии баёни ҳол (ёри ширингуфтор, аспи тезрафтор, писари саодатниҳод);

4. Изофати мавсуфии таркибӣ, ки он ду қисм аст: а) яке мураккаб аз исму сиғаи амр (марди суханчин, ёри дилнишин, чашми айббин;) б) мураккаб аз исму калимае, ки фоидаи маънии фоил диҳад (фарзанди саодатманд, олими паҳрезгор, маъшуқи хашмгин);

5. Изофати мавсуфии ташбеҳӣ (мардуми сангдил, ёри паричеҳра);

6. Изофати мавсуфии таркибии нафӣ (ёри номеҳрубон);

7. Изофати мавсуфии сифатайн (соҳиби мушфиқи меҳрубон).

Бояд ин нуктаро таъкид кард, ки аз ҳамаи он таҳқиқоте, ки дар бораи вазифаҳои дастурии изофат муҳаққиқони забоншиносии навини тоҷикӣ ба табъ расонидаанд, мукаммалу саҳеҳ ва ба афкори забоншиносии классикии тоҷик, аз ҷумла, низоми пешниҳодкардаи Хоҷа Ҳасани Нисорӣ наздиктар ба таснифоти профессор Д. Тоҷиев мебошад, ки забоншиноси мазкур изофатро ба 3 бахш гурӯҳбандӣ намудааст

1. Изофати сифатӣ (гули сурх, духтари зебо);
2. Изофати соҳибӣ (китоби Аҳмад, дафтари талаба);
3. Изофати баёнӣ (Ҳайрати шоир, Каримови муаллим).

Ҳамчунин, профессор Д. Тоҷиев изофати сифатиро ба се навъ ҷудо кардааст:

1. Изофати сифати тавсифӣ (дарвозаи калон, дарахти сабз).
2. Изофати сифати нисбӣ (дарвозаи оҳанин, либоси бачагона, лолаи кӯҳӣ)
3. Изофати сифати феълӣ (дарсҳои гузашта, шогирди хондагӣ)

Изофати соҳибиро профессор Д. Тоҷиев ба чор гуруҳ ҷудо намудааст:

1. Изофати мансубӣ: китоби талаба.
2. Изофати фоъилӣ (субъект): хондани Ҳофиз, омадани Аҳмад.
3. Изофати мафъулӣ (объектӣ): хондани китоб, чидани пахта.
4. Изофати ҳолӣ: сайри Ширбадан, сафари Москав.

Изофати баёнӣ дар таълифи профессор Д. Тоҷиев ба 3 хел ҷудо карда шудааст:

1. Изофате, ки номи рӯзномаву маҷалла, китобу рисола, иншоот, номҳои ҷуғрофӣ месозад: рӯзномаи “Паёми Душанбе” маҷаллаи “Садои Шарқ”, романи “Одамони ҷовид”, қишлоқи “Гулистон”, дарёи “Вахш”, шаҳри Душанбе.

2. Изофате, ки барои алоқаи ҷузъҳои ифодаҳои муносибати хешу таборӣ ва муроҷиат хизмат мекунад, чунончи: акои Олим, тағои Холмат, апаи Зебӣ, амаки Шариф, тағои Мирзо.

3. Изофати баёние, ки унвону дараҷа, пешаву машғулиятро мефаҳмонад, чунончи: Лоиқи шоир, Шарифови профессор, Раҳимови майор, Каримоваи муаллима, Нозими дуредгар, Абдуллоҳи кулол, Қодири найчӣ...

Чунонки мебинем, муаллифони ҳар ду асар бисёр маъноҳои дастурии изофатро бо назари амиқ мушоҳида кардаанд. Дар таснифоти вазифаҳои дастурии изофат дар маҷмуъ, ба истиснои истилоҳоти марбути изофат, баъзе хели изофат, умумият дида мешавад, ки ин аз нозукандешии устоди шодравон, профессор Д. Тоҷиев дарак медиҳад.

Дар фаъолияти илмии устоди зиндаёд масъалаҳои сарфи забони тоҷикӣ низ нақши муҳим дорад. Ҳанӯз дар асари “Калимаи “об” дар забони адабии тоҷикӣ”, чунон ки таъкид гардид, устод ба яке аз мазуъҳои муҳимми сарф-калимасозӣ, даст задааст. Мавзуи дигаре, ки аз бахши сарф диқати устод Д. Тоҷиевро ҷалб менамояд, сифати феълӣ мебошад. Таҳқиқи ин мавзуъ аз ҷониби устод анҷом дода мешавад ва соли 1954 бо номи “Сифати феълӣ дар забони адабии тоҷик” [258] нашр мешавад. Дар ибтидои солҳои 50-уми асри XX аллакай истеъдоди табии ин олими ҷавон ба аҳли илму адаби тоҷик маълум гардида, дар илми забоншиносии навини тоҷик мақому манзалати хоса пайдо мекунад. Далели ин қазия мактуби кушодаи устод Айнӣ ба ин олими нозукбин мебошад, чунончи, устод дар он мактуб мегуяд: “Мақолаи Шуморо дар газетаи “Коммунист Таджикистана” (чоршанбе, 9 январи соли 1952, №7) дар бораи танқиди луғати рӯсӣ-тоҷикӣ хондам. Мақола аз ҷиҳати танқиди илмӣ, асосан, пурра аст ва таланти баланди соҳиби худро ва инчунин, дониши васеи ӯро дар забони русӣ равшан нишон медиҳад” [20, с. 385].

Истеъдод ва табъи латифу маҳорати таҳқиқгориву ҳунари волои ин донишманди ҳирфаии забоншинос, махсусан, дар бахши наҳв ҷойи ӯро дар қуллаи баланди ин бахши забоншиносӣ мегузорад.

Дар ин ҷо мехостем андешаи донишманди асримиёнагии тоҷик Закариёи Розиро биёрем, ки гуфтааст: “Касоне, ки ба улуми сарфу наҳв ва балоғат машғул ҳастанд, бояд донанд, ки дар ин улум манфиати зиёде ниҳон аст. Таҳқири ин гуна улум ва олимони он чизи ноҷоизу норавост, зеро дар байни асҳоби улуми сарфу наҳв ва балоғат касоне ҳастанд, ки Худованд ба онҳо шарафи зиёде ва қудрати комил додааст ” [82, с. 72].

Дар воқеъ, устод Д. Тоҷиев дар илми сарфу наҳв истеъдоди баланди модарзодӣ дошт, махсусан, дар илми наҳв. Ин буд, ки аз солҳои 60-уми асри XX комилан ба таҳқиқи сохти наҳвиёти забони адабии муосири тоҷик машғул шуд ва дар ин бахши илм асарҳои бунёдӣ таълиф намуд.

Натиҷаҳои аввалини ин баррасиҳои пайвастаи муҳаққиқ ба воситаи асари ӯ “Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб” [259] дастраси умум гардид.

Профессор Д. Тоҷиев солҳои зиёд ба омузишу таҳқиқи яке аз воситаҳои муҳимми алоқаи наҳвии ҷумлаҳои пайрав бо сарҷумла - калимаҳои ҳамнисбат, ҷиддӣ машғул гардида, дар ҳалли ин масъалаи наву таҳқиқнашудаи наҳви ҷумлаҳои мураккаб дар забоншиносии тоҷик дастёб шуд ва соли 1971 рисолае ба исми “Воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии тоҷик” [261] ба табъ расонид. Маҳз ба туфайли мақола, маърузаву гузоришҳо, китобу дастурҳои ин донишманд, истилоҳи воҳидҳои ҳамнисбати ҷумлаҳои пайрав дар илми наҳвшиносии тоҷик роиҷ гардида, имрӯз мустаъмал аст.

Профессор Д. Тоҷиев дар давоми солҳои 60-70 асри XX оид ба масъалаҳои гуногуни ҷумлаҳои мураккаби тобеъ зиёда аз 20 мақола, тезису маъруза ба нашр мерасонад, ки ҳар яке аз онҳо дар илми наҳвшиносӣ сухани наве буд.

Яке аз мақолаҳои назариявии ин донишманд соли 1975 дар маҷмуаи “Теоретические проблемы синтаксиса современных индоевропейских

языков” ба табъ расидааст. Ин мақола матни маърузаи ӯ аст, ки дар конференсияи байналмилалӣ таҳти унвони “Теоретические проблемы синтаксиса современных индоевропейских языков” манзури донишмандон гардидааст. Конференсияи мазкур соли 1971 дар шаҳри Ленинград (Санкт-Петербурги ҳозира) баргузор гаштааст. Маҷмуа аз 4 фасл иборат буда, мақолаи устод Д. Тоҷиев дар фасли аввал бо номи “О гипотаксисе таджикского языка” чоп шудааст.

Дар маърузаи профессор Д. Тоҷиев оид ба фаҳмишу шинохти парадигмаи ҷумлаи мураккаби тобеъ дар асоси маводди забони адабии тоҷик дар сатҳи забоншиносии ҷаҳон изҳори назар карда, бо забоншиноси маъруфи рус муҳаққиқи шинохтаи наҳви ҷумлаҳои мураккаб Леонард Юревич Максимов баҳс намуда, омилҳои сар задани парадигмаи ҷумлаи мураккаби тобеъро нишон медиҳад.

Аз рӯйи ақидаи Л.Ю. Максимов, омили асосӣ барои сар задани парадигмаи ҷумлаи мураккаби тобеъ шаклҳои феълӣ мебошад, аммо профессор Д. Тоҷиев ғайр аз шаклҳои феълӣ саҳми пайвандакҳои тобеъкунанда, ҷойи ҷумлаи пайрав, калимаҳои ҳамнисбат, интонатсияро низ ба сифати омилҳои муҳимми пайдошавии шаклҳои парадигматикаи ҷумлаи мураккаби тобеъ пеш мегузарад.

Соли 1977 мақолаи дигари проблемавии саросар назарияии устод Д. Тоҷиев дар маҷаллаи “Вопросы языкознание” доир ба омузишу таҳқиқи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони тоҷикӣ ба табъ мерасад.

Муҳаққиқ дар ин мақола устувории сохти наҳвиёти ҷумлаҳои мураккаби тобеи забони тоҷикиро маҳсули даврaҳои дурударози инкишофи ин забон дониста, таъкид менамояд, ки дар дарозои асрҳои зиёд ин сохтори наҳвии қавӣ имкон додааст, ки забони тоҷикӣ дар ҳамаи услубҳои нутқ вазифаи мухобиротии худро бо ифтихор адо намояд.

Дар навбати аввал,-таъкид намудааст профессор Д. Тоҷиев, ҷумлаи мураккаб ҷиҳати махсуси созмонӣ дорад, ки дар натиҷа ҳар аъзои он дорои воситаҳои алоқа буда, ин воситаҳо онҳоро чун як воҳиди том муттаҳид

менамояд. Ҷумлаи мураккаб маҷмуи ҷумлаҳои сода набуда, балки як воҳиди томи наҳвӣ аст, ки сохту маънои ягона дошта, вазифаи мухобиротиро дар бутунии том адо менамояд.

Устод Д. Тоҷиев дар савия ва сатҳи забоншиносии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ масъалаи омузишу таҳқиқи ҷумлаҳои мураккаби тобеъро ба миён гузошта, дар радифи таълифоти донишмандони машҳури рус, назариячиёни наҳви ҷумлаҳои мураккаб А. А. Шахматов, А.М. Пешковский, С.А. Богородитский, В. В. Виноградов, Н.С. Поспелов, Л.С. Бархударов, Л.Ю. Максимов, М. Крючков, В.А. Белошапкова ва дигарон хусусиятҳои созмониву маъноии ҷумлаҳои мураккаби забони тоҷикиро равшан менамояд.

Дар натиҷаи пажуҳиши бисёр густарда Д. Тоҷиев дар сохтори наҳви забони адабии тоҷикӣ 40 қолаби парадигматикии ҷумлаи мураккаби тобеи муқаррарӣ; 3 қолаби аслӣ ва 40-50 қолаби фаръии ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркибро бо далелҳо нишон додааст. Инчунин, соли 1981 китоби ҷомеъ ва комили муҳаққиқи мазкур таҳти унвони “Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик” [262] интишор ёфт, ки то ба ҳол арзиши илмии худро аз даст надодааст.

4.1.4. Носирҷон Маъсумӣ – муҳаққиқи забон ва услуби адибон

Дар таърихи илми забоншиносии давраи навини тоҷик Н. Маъсумӣ (2. 05. 1915-16. 08. 1974) яке аз чеҳраҳои дурахшон маҳсуб меёбад. Ӯ ҳамчун муҳаққиқи забоншинос дар боби таърихи забон, услубшиносӣ, луғат ва сарфу наҳв мақолаву дастур ва рисолаҳои алоҳида таълиф намуда, дар рушди забоншиносии навини тоҷикӣ дар солҳои 40-70-уми асри ХХ саҳми муҳим гузоштааст.

Таъкид бояд кард, ки доир ба забони адабии охири асри XIX ва ибтидои асри ХХ дар забоншиносии тоҷик Н. Маъсумӣ дар мақолаи худ “Баъзе мулоҳизаҳо оид ба забон ва услуби А. Дониш” [370] таваққуф намудааст. Ин мақола, асосан, таҳлили мухтасари забони асарҳои Аҳмади Дониш ва ҳолати забони адабии ин даврaро дарбар мегирад.

Н. Маъсумӣ дар мақолаи дуюми худ “Вазъияти забони адабии тоҷик дар ибтидои асри ХХ” [154, с.117-142] баробари таҳлили нопурраи забони асарҳои баъзе аз маорифпарварон, ба таҳлили забони “Туҳафи аҳли Бухоро”-и Мирзосироҷи Ҳаким ҳам майл намуда, қайд кардааст, ки “Забони асар соддаю оммафаҳм буда, дар он як қатор хусусиятҳои забони умумихалқии тоҷикро дидан мумкин аст” [154, с. 127].

Ғайр аз ин, муаллиф доир ба категорияҳои лексикӣ ва грамматикии забони адабии ин давра аз “Туҳафи аҳли Бухоро” баъзан мисолҳои ҷудогона овардааст. Ин гуна мисолҳо ба ҷамъбандии исмҳо ва истеъмоли калимаҳои русӣ – интернатсионалӣ дахл доранд. Фикрҳои Н. Маъсумӣ нисбат ба забони адабии ибтидои асри ХХ хеле диққатҷалбкунанда буда, ҳар кадом таҳқиқоти алоҳидаро талаб мекунанд. Хусусан, масъалаҳои демократӣ кунонидани забони адабии тоҷик, ба забони адабӣ бештар дохил гардидани унсурҳои забони халқӣ, пайдоиши шаклҳои нави грамматикӣ, серистеъмолии калимаҳои русӣ барои тадқиқотчиёни забони адабии ин давр аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб мераванд.

Устод Н. Маъсумӣ хеле хуб қайд кардааст, “ки дар ибтидои асри ХХ забони адабӣ вобаста ба шароити таърихӣ ва ҷамъиятӣ роҳи тараққиёти таърихии худро бо оҳистагӣ тай мекард. Ҷараёни такомули дарбаркунии сифатҳои нав ва аз ҳисоби забони зиндаи умумихалқӣ торафт бой ва содашавии забони адабӣ, ба ҳақиқати зиндагӣ наздик шудани услуби он ба таври махсус давом менамуд. Ин ҳаракати пешрафтаистодаи забонро боздоштан мумкин набуд” [154, с. 72].

Яке аз масъалаҳои хеле муҳим ва ҷолиби диққат омӯхтани адабиёти пешазинқилобӣ масъалаи забон ва тарзи баёни асарҳои назмӣ ва насрӣ ба ҳисоб меравад.

Дар хусуси тарзи ифодаи забони асарҳои насри классикӣ адабиётшиносон ва забоншиносон хулосаҳои умумӣ бароварда қайд кардаанд, ки тараққиёти забони адабӣ ва алахусус, забони насри бадеӣ ва таърихӣ то нимаи асри XIX асосан бо роҳи мураккабии тарзи ифода ва

истифодаи печ дар печи таркиби луғавӣ давом кардааст. Маълум аст, ки дар насри классикӣ иборасозиҳои печ дар печ, бо маҷоз аз ҳад зиёд оро додани фикр, истеъмоли афзуни калима ва ибораҳои арабӣ, тавсифу таърифҳои бемазмун, усули пургӯии барзиёд қисман характернок буд. Ин ҳолат забони баъзе асарҳои насриро ба дараҷае расонд, ки унсурҳои оммафаҳми забони зинда аз қалами нависандагон дур шуда буданд. Ҳангоми аз назар гузаронидани асарҳои бадеӣ ва таърихии насри классикӣ кас ба чунин хулоса меояд, ки гуё он асарҳо танҳо барои гурӯҳи муайяни одамон навишта шуда бошанд, зеро забон ва услуби онҳо то дараҷае мушкилу душворфаҳманд, ки ба ҷуз нависандагону шоирон дигарон фаҳмида наметавонанд. Аз ин гуна асарҳо мардум тамоман бебаҳра мемонанд.

Албатта, мо бо ин даъвои онро надорем, ки тамоми асарҳои насри классикии то ибтидои асри XX навишта шуда саросар бо забони душвор ва мушкил навишта бошанд, баръакс асарҳои бо забони сода ва оммафаҳм таълиф гардида низ ҳастанд, вале миқдоран кам буда, дар муайян кардани услуби соданависӣ меъёр шуда наметавонад.

Аҳли тадқиқ исбот намудаанд, ки насри пешина дар тарзи ифода ҳамеша якрангу якхел воқеъ нашудааст. Дар ибтидо вай бисёр сода буд, аз асри XII сар карда рӯ ба вазнинӣ ва душворфаҳмӣ ниҳод ва дар асри XIX вобаста ба шароити давр боз ҳам вазнинтар гардид. Дар тамоми марҳилаҳои инкишофи насри классикӣ ду услуб: содабаёнӣ ва мураккабнависӣ амал мекард ва аз якдигар фарқ дошт.

Аввалин касе, ки ин вазъиятро ҳис карда ба муқобили он мубориза эълон кардааст, маорифпарвари халқи тоҷик – Аҳмади Дониш буд. Забони адабӣ дар давраи ӯ пурра набошад ҳам, қисман ба тағйирот дучор гардид. Ӯ барои содагии забон саъй намуд ва шогирдони худро талқин кард, ки аз усули пургӯии каммазмун ва суханбозии бемазмун даст кашанд, забони асарҳояшро то дараҷае ба забони халқ наздик намоянд.

А.Дониш нисбат ба пешгузаштагонаш аз ҷиҳати услби эҷод хеле пеш рафта бошад ҳам, вале дар масъалаи содданависӣ маҳдудияти таърихӣ ҳам

дошт. Бо гуфти Н. Маъсумӣ “вобаста ба шароити таърихии ҳамонвақта, забон ва тарзи баёни А. Дониш бо андаке тағйироти сифатӣ асосан дар ҳолати забони насри классикӣ истодан гирифт ва дар истеъмоли калимаҳои арабии ба омма номафҳум ва кӯҳнашуда аз нормаи луғавии забони адабии пешина асосан берун набаромадааст”.

Албатта, кӯшишҳои ислоҳотпарварии А. Дониш доир ба забон бисёр барҷаста набошад ҳам, бо вуҷуди ин дар он замон як қадами ҷиддие ба пеш буд. А. Дониш дар навишт забони адабии даврро, ки хусусияти расмӣ, анъанавӣ дошт, асосан риоя кардааст. Хизмати А. Дониш дар демократонидани забони адабӣ аз инҳо иборат буданд: вай маъниҳои баланди иҷтимоиро ба тарзи “равшантар аз моҳ” ба қалам дод, барои наздик овардани забони адабӣ ба забони омма то андозае майл намуд, кам бошад ҳам, калима ва таъбироти нави халқиро истифода кард, якчанд калимоти русиро ба забони адабӣ дохил намуд. Вале душворфаҳмии забони асрҳои А. Дониш ба мо имконият намедиҳанд, ки тарзи баёни ӯро содаю оммафаҳм гӯем. Забони асарҳои вай барои хонандаи одии замонаш ва имрӯза хеле душворфаҳм аст. Бо гуфти Р. Ғаффоров навиштаҳои ӯро на фақат хонандагони оддӣ, балки онҳое ҳам, ки саводи олии филологӣ доранд, бе дидани китобҳои луғат ва таҳқиқ намудани вазифаи грамматикии шаклу воситаҳои алоҳида ба осонӣ сарфаҳм рафта наметавонанд. Ҳамин тавр, забони асарҳои А. Дониш аз забони имрӯзаи адабии мо ва ҳамзамононаш фарқи барҷастаи сифатӣ надорад.

Баъди А. Дониш дар охири асри XIX ва ибтиидои асри XX як гурӯҳ нависандагону адибони дигар пайдо шуданд, ки ба соданависӣ майл доштанд. Ба ин гурӯҳ Шоҳин, Возеҳ, Сомӣ, Асирӣ, Ҳайрат, Савдо, Мирзосироҷи Ҳаким, Садри Зиё ва Муҳаммадсодиқи Гулшаниро дохил кардан мумкин аст. Ин адибон, аз як тараф, аз пайи А. Дониш рафта бошанд, аз тарафи дигар, дар асарҳояшон луғатҳои халқии гуфтугуиро бештар истеъмол карда тамоюли услуби соданависиро тақвият доданд. Забони асарҳои ин адибон аз ҷиҳати тарзи ифода аз услуби анъанавии пешина як

андоза фарқ пайдо кард. Ба маврид аст қайд намоем, ки забони асарҳои на ҳамаи онҳо ба услуби сода воқеъ шудааст ва на ҳамаи намудҳои жанри адабӣ беистино дар ин масъала якрангӣ дошт. Асарҳое ҳам буданд, ки барои фаҳмидани онҳо хонанда ба воситаҳои ёрирасон, аз қобили луғату тафсирҳо муҳтоҷ мешуд. Бинобар он баъзе адибон барои ба муқобили услуби мураккаби душвор баромад кардан маҷбур буданд. Дар ибтидои асри XX ба соданависӣ майл зоҳир намудани маорифпарварон – пайравони А. Дониш ва гурӯҳи адибони дигар, ба вазъияти таърихии давр вобаста буд:

1. Дар шароити таърихии Осиёи Миёна дар ибтидои асри XX як қатор навигариҳо ба вуҷуд омад. Дар ибтидои асри XX дар Осиёи Миёна, хусусан, дар хоки аморати Бухоро сохти феодалӣ оҳиста - оҳиста муносибатҳои капиталистӣ тавлид ва инкишоф меёфт. Халқҳои Осиёи Миёна батадриҷ бо ҳаёти халқҳои Русия, ки маркази ҳаракати револютсионӣ шуда буд, шинос мегардиданд. Дар ин давр алоқаи иқтисодӣ ва маданӣ дар байни Руссия ва Осиёи Миёна ба суръат инкишоф меёфт, саноати капиталистӣ роҳ пайдо карда, ҳар гуна заводҳо, роҳҳои оҳан, банк, почта ва ғайра сохта мешуданд. Ҳамаи ин навигариҳои замон ба ҳаёти иқтисодӣ ва мадании халқ ва ба ин восита ба забони гуфтугӯӣ ва адабӣ, бешубҳа, таъсир мерасониданд, чунки забон инъикоскунандаи ҳама гуна ҳодиса ва воқеаҳо мебошад. Дар ин давр ба лексикаи забони тоҷик аз забони русӣ як қатор калимаҳои нав иқтибос шуданд ва аз забони зинда як гурӯҳ калима ва ибораҳои халқӣ дохил шуда, таркиби луғавии забонро такмил доданд ва ин дар навбати худ ба фаъолияти таркиби луғавӣ ва барои сода шудани забони тоҷикӣ то як андоза кӯмак расонид.

2. Шогирдон ва пайравони А. Дониш – Савдо, Шоҳин, Ҳайрат, Асирӣ, Мирзосироҷи Ҳаким, Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ, Садри Зиё ва Садриддин Айнӣ дар роҳи маърифати халқ камари ҳиммат бастанд. Ин адибон ба халқ наздик кардани забони адабии тоҷикро мехостанд. Аксарияти онҳо тарғибкунандаи маданияти пешқадами халқи рус буданд. Онҳо дар асарҳояшон калима ва ибораҳои халқӣ, инчунин калима ва ибораҳои русӣ –

интернатсионалиро аз рӯйи зарурат ва эҳтиёҷ кор фармудаанд. Онҳо кӯшиш мекарданд, ки мардуми тоҷик маърифатнок гарданд.

3. Дар натиҷаи ба шаҳрҳо ва деҳоти Осиёи Миёна роҳ пайдо кардани муносибатҳои капиталистӣ буржуазияи маҳаллӣ низ бо хислату характерҳои ба худ хос оҳиста - оҳиста дар ҳаёти иҷтимоӣ реша давондан гирифт.

Оид ба фаъолияти забоншиносии Н. Маъсумӣ профессор Р. Ғаффоров рисолае бо номи “Устоди бузурги сухан” [70] ба табъ расонда, дар рисола самтҳои асосии фаъолияти забоншиносии мавсуф ботафсил шарҳу эзоҳ ёфтааст, аммо доир ба саҳми ӯ дар боби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ тавақкуф накардааст.

Назару андешаи Н. Маъсумӣ дар боби ҷумлаи мураккаби тобеъ дар ду асари ӯ: 1. “Нишондодҳои методӣ ва супоришҳо аз забони модарӣ”, қисми II барои синфҳои III-IV омузишгоҳҳои педагогии ғоибона [149]; 2. “Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик” [152] инъикос ёфтааст.

Асари якуми Н. Маъсумӣ “Нишондодҳои методӣ ва супоришҳо аз забони модарӣ” (минбаъд “Нишондодҳо”) асар ё дастури таълимиест, ки асосан мавзуъҳои наҳви забони тоҷикиро дар бар мегирад. Дастур аз 93 саҳифа иборат буда, 70 саҳифаи он ба наҳви ҷумлаи сода ва 24 саҳифа ба наҳви ҷумлаи мураккаб бахшида шудааст. Аз 24 саҳифаи ба наҳви ҷумлаи мураккаб танҳо 3 саҳифа ба ҷумлаи мураккаби пайваст тааллуқ дорад.

Ин ҳолат аз он дарак медиҳад, ки дар солҳои 40-уми асри XX ҷумлаи мураккаб ҳоло таҳқиқи илмӣ нашуда буд. Ин мавзуъ дар сатҳи барномаи таълимии мактабҳои таҳсилоти умумӣ то андозае матраҳ шуда, ба китобу дастурҳои таълимӣ ворид карда шудаанд. Аз ин ҷост, ки дар якчанд китоби дарсие, ки то ибтидои солҳои 40-ум ба табъ расидаанд, ба мисли “Сарфу наҳви тоҷикӣ”-и Сайидризо Ализодаи Самарқандӣ (Самарқанд, 1926), “Қоидаҳои забони тоҷикӣ”-и А. Фитрат (Тошканд, 1930), “Наҳви забони тоҷикӣ”-и А. М. Беленитский, Б. Ҳодизода (Сталинобод, 1936), “Грамматикаи забони тоҷикӣ. ” Қисми 2. Синтаксис. А. Мирзоев, Ш. Ниёзӣ, М. Ғафуров. – Сталинобод, 1942, “Синтаксиси мухтасари забони тоҷик”-и Л.

Бузургзода (Сталинобод,1942) барои омузишгоҳҳои ғойибона дар ҳаҷми барномаи таълимӣ маълумот оварда шудаанд.

Мувофиқи таъкиди профессор Р. Ғаффоров дар навиштани “Нишондодҳо” Н. Маъсумӣ аз “Синтаксиси мухтасари забони тоҷик”-и устодаш Л. Бузургзода баҳра бардоштааст, аммо муҳаққиқ дар боби ҷумлаи мураккаби тобеъ ин муҳокимаро матраҳ накардааст.

Дар китоби “Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик” [152] оид ба ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар повести “Марги судхӯр”-и устод Айнӣ муаллиф дар ҳаҷми 38 саҳифа маълумот додааст, ки муҳимтарин онҳоро дар ду нукта хулоса менамоем:

1. Мувофиқи таҳқиқи Н. Маъсумӣ, дараҷаи истеъмоли ҷумлаи мураккаби тобеъ дар повест нисбат ба ҷумлаи сода ва мураккаби пайваст камтар аст.

2. Натиҷагириҳо аз баррасии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар повест нишон медиҳад, ки аз хелҳои ҷумлаҳоии мураккаби тобеъ дар повест бештар ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави тарзи амал серистеъмол будааст.

Азбаски хусусиятҳои сохториву маъноии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ то солҳои 70-уми асри XX дар забоншиносии тоҷик пурра омухтаву таҳқиқнашуда буд, Н. Маъсумӣ дар “Очеркҳо” баъзе хелҳои ҷумлаи пайравро ба тарзи омехта баррсӣ кардааст, масалан, ин ду хели ҷумлаи пайравро дар як қатор гузашта, ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави ҳоли тарзи амал гуфтааст. Масалан:

1. Бо ин шаклу шамоил намуди зоҳирии ноиб ба ҷуволи пургандум монанд буд, ки даҳони вайро як қабза карда бо даҳанбанд баста бошанд [332, с. 23].

2. Булбулон, чи тавре ки парвона ба гирди шамъ мегардида бошад, ба гирди сари мо чарх мезаданд [332, с. 65].

3. Дар ҷумлаи аввал сарҷумла: “Ба ин шаклу шамоил намуди зоҳирии ноиб ба ҷуволи гандум монад буд,” мебошад ва ҷумлаи пайрав “ки даҳони вайро як қабза карда бо даҳанбанд баста бошанд,” аст.

Дар ҷумлаи дуюм сарҷумла: “Булбул ба гирди сари мо чарх мезад” буда, ҷумлаи пайрав “чи тавре ки парвона ба гирди шамъ мегардида бошад” мебошад.

Акнун ин ду ҷумлаи мураккаби тобеъро аз нигоҳи сохт ва мундариҷа баррасӣ менамоем ва мебинем, ки онҳо як хели ҷумлаи мураккаби тобеанд, ё хелҳои гуногунанд.

Дар ҷумлаи мураккаби тобеи аввал шайъи ташбеҳшаванда ва ташбеҳкунанда ва адоти ташбеҳ дар таркиби сарҷумлаанд ва ҳолати шайъи ташбеҳкунанда дар ҷумлаи пайрав ифода шудааст, яъне ҷумлаи пайрав намуди зоҳирии ибораи “ҷуволи гандум”-ро шарҳ додааст ва тавассути мундариҷаи ҷумлаи пайрав намуди зоҳирии ташбеҳшаванда, яъне намуди зоҳирии ноиб, низ маълум гардидааст, ба тарзи дигар гуем, дар таркиби сарҷумла ташбеҳдиҳанда, ташбеҳкунанда, адоти ташбеҳ омаааст, аммо ваҷҳи ташбеҳ дар ҷумлаи пайрав дарҷ гардидааст. Мундариҷаи сарҷумла аз ташбеҳ додани намуди зоҳирии ноиб ба ҷуволи пургандум иборат аст. Ибораи “ҷуволи пургандум” дар нақши пуркунандаи бавосита омадааст ва мундариҷа ё мазмуни ҷумлаи пайрав аломати зоҳирии ҳамон пуркунандаи сарҷумла-исми “ҷувол”-ро шарҳ додааст.

Дар асоси ин ҳама омилҳо ҷумлаи пайравро наметавон ҷумлаи пайрави ҳоли тарзи амал ё ҳоли монандӣ номид, балки ин омилҳо далолат менамояд, ки ҷумлаи пайрав ҷумлаи пайрави муайянкунандаи монандӣ-ташбеҳӣ аст.

Дар ҷумлаи мураккаби тобеи дуюм мундариҷаи ҷумла тасдиқи амали субеъекти ҷумла, яъне мубтадо ва макони вуқуи он амал мебошад ва мундариҷаи ҷумлаи пайрав ташбеҳи амали субеъкти сарҷумла ба субъекти ҷумлаи пайрав аст. Аз ин рӯ, ҷумлаи пайрав ҷумлаи пайрави тарзи амал буда, амали фоили сарҷумларо бо роҳи монандкунӣ шарҳ додааст.

Солҳои 70-уми асри XX дар таҳқиқи ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави муайянкунанда ин хели ҷумлаи пайравро аз рӯйи ифодаи маънову вазифаи худи ҷумлаи пайрав ва шайъи эзоҳшавандаву воситаҳои алоқаи

дастурӣ як хели ҷумлаи пайрави муайянкунанда-ҷумлаи пайрави муайянкунандаи монандӣ-ташбеҳӣ номидаанд.

Бояд қайд кард, ки тобиши монандӣ доштани чунин хели ҷумлаи пайрави муайянкунанда сабаби он гардидааст, ки дар баъзе асарҳои илмии ба таҳқиқи ҷумлаи мураккаби тобеъ бахшидашуда ва китобҳои дарсии наҳви забони тоҷикӣ ин хел ҷумлаи пайравро ба қатори ҷумлаи пайрави тарзи амал ва монандӣ дохил карда, чунин ҷумлаҳоро мисол овардаанд: Ӯ монанди чакраи муме, ки аз шамъи афрӯхта мечакад, фаврӣ ях баста монда буд [ЗЗЗ, с. 27].

Абрҳои хурд монанди моҳиҳои хокистаранг, ки дар баҳри васеи шаффоф сайр карда гарданд, дар ҳавои соф шино мекарданд [ЗЗЗ, с. 30].

Маводҳои гирдовардаи мо нишон медиҳад, ки ин хели ҷумлаи пайрав дар забони адабии тоҷик ва гӯйишҳои он хеле серистеъмол буда, дар он як навъ махсусгардонӣ ва ҷудокунии шайъи эзоҳшавандаи сарҷумла дида мешавад. Дар ин хели ҷумлаи пайрави муайянкунанда аломату сифат, хислату хусусиятҳои шайъи тавзеҳшаванда бевосита не, балки ба воситаи ташбеҳу монандкунии он ба шайъи дигар баён мегардад, чунончи: Ҳезумкашон монанди мурғоне, ки пас аз борон барои донёбӣ мебароянд, заминро ханҷол мекашиданд [ЗЗЗ, с. 32].

Дар мисоли мазкур мубтадои сарҷумла-исми ҷамъи “ҳезумкашон” дар худи сарҷумла бо исми ҷамъи ҷондори “мурғон” монанд карда шудааст. Нависанда ба мақсади қиёси ҳоли ташбеҳшавандаву ташбеҳкунандаро равшан намудан ташбеҳкунандаро бо ёрии ҷумлаи пайрави муайянкунанда эзоҳ додааст.

Устоди шодравон Н. Маъсумӣ низ зимни таҳқиқи вижагиҳои наҳвии повести “Марги судхӯр”-и устод Айнӣ ин хели ҷумлаҳои пайравро ҷумлаи пайрави муқоисавӣ-ташбеҳӣ номида, ҷумлаи зеринро намуна овардааст: Қорӣ. . . фарёд мекашад ва монанди бачае, ки бозичаро аз дасташ базӯр мегиранд, ҳунгос зада гиря сар мекунад [ЗЗЗ, с. 68].

Дар ҷумлаи мураккаби тобеи мазкур монандкунӣ дар таркиби сарҷумла аст, на дар ҷумлаи пайрав. Дар ҷумлаи пайрав ҳолату вазъияти исми ташбеҳкунанда, яъне исми шахс-“бача,” баён шудааст, ки он ҳолату вазъият, вақҳи ташбеҳ ё монандкунандаи Қорӣ ба бача мебошад. Аз ин рӯ, исми “бача” ҳамчун аъзои эзоҳшаванда артикли “-е” гирифтааст ва он исмро муҳтоҷи эзоҳи ҷумлаи пайрав кардааст. Ҷумлаи пайрав, бешубҳа, ҷумлаи пайрави муайянкунандаи монандӣ-ташбеҳӣ аст.

Оид ба аҳаммият ва мақоми “Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик” дар таърихи афкори забоншиносии навини тоҷик сухан ронда, се ҷиҳати асари мазкурро зикр намудан муҳим аст: нахуст бо таҳлили забон ва услуби повести устод С. Айнӣ “Марги судхӯр” маҳорати беҳамтои нависанда дар ҷодаи забон собит карда шудааст; дуюм, агар ба қавли муҳақиқон равиши наве дар забони адабӣ аз солҳои 60-уми асри XX оғоз шуда бошад, пас саҳми устод Н. Маъсумӣ дар самти нигориши илмӣ яке аз аввалинҳо маҳсуб меёбад; сониян, асари мазкур ба мактаби нави забоншиносӣ-услубшиносӣ ибтидо гузошт. Ниҳоят, муҳаққиқон ва забоншиносони намоён А. Ғаффоров дар таҳқиқи забон ва услуби романи “Одамони ҷовид”-и Р. Ҷалил, Б. Камолиддинов дар таҳлилу баррасии забон ва услуби ҳикояҳои Ҳ. Карим, Х. Ҳусейнов дар таҳлил ва баррасии забон ва услуби назми М. Турсунзода ва чанде дигар ба асари “Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик” пайравӣ карда, худро бо ифтихор шогирдони мактаби Н. Маъсумӣ ҳисобиданд. Асари мазкур барои чандин насли муҳаққиқони тоҷик, ки ба омузиш ва баррасии забон ва услуби асари бадеӣ машғул мешаванд, аз намунаҳои ибрат гардида метавонанд.

Бо таваҷҷуҳ ба гуфтаҳои боло Н. Маъсумӣ бо таълифи осори гаронарзиш тавонистааст, ки дар рушду инкишофи масоили камомухтаи бахшҳои забоншиносии тоҷик саҳми арзанда гузорад.

4.1.5. Раззоқ Ғаффоров ва масъалаҳои забоншиносӣ

Яке аз пажуҳишгароне, ки бештари фаъолияти худро ба таҳқиқи забон ва услуб бахшида, дар рушди шаклгирии забоншиносии навини тоҷик саҳм гузоштааст, профессор Р. Ғаффоров (1932-2001) мебошад.

Забоншинос Р. Ғаффоров дар китоби худ “Революцияи Октябр ва инкишофи забони адабии тоҷик” [71] дар асоси асарҳои Аҳмади Дониш ва маорифпарварони дигар оид ба ҳолати забони адабии тоҷик дар охири асри XIX ва аввали асри XX баъзе фикрҳои ҷолиби диққат баён кардааст.

Муаллиф роли маорифпарвар Аҳмади Донишро дар инкишофи забони адабӣ ва демократӣ кунонидани он нишон дода, қайд менамояд, ки Аҳмади Дониш на фақат барои содагии забон саъй менамуд, балки истифодаи унсурҳои халқиро аз санъатҳои бадеии шеър дониста, дигаронро низ талқин мекард, ки аз ин манбаи боигарии сухан баҳраманд шаванд. Дар ин асар мавқеи асосиро таҳлили мухтасари забони “Рисола” ё “Таърихча”- и А. Дониш ишғол менамояд. Муаллиф унсурҳои забони арабӣ ва баъзе ҳодисоти грамматикии ин асарро дар муқоиса бо забони адабии имрӯза бо мисолҳои зиёд нишон медиҳад. Ин қисми асарро яке аз беҳтарин таҳқиқи мухтасари илмӣ доир ба забони асарҳои А.Дониш шуморидан мумкин аст.

Албатта, омухтани забон ва услуби асари бадеӣ дар такмили маҳорати адабии нависандагон ва пешрафти адибони ҷавон аҳаммияти калон дошта, такмили як шохаи илми забоншиносӣ – услубиёт, мегардад.

Гузашта аз ин, омузиши ин самт ба беҳтар шудани сифати таълими забон ва адабиёт дар мактабҳо кумак расонида, ҷиҳати босифат таълиф ёфтани китобҳои дарсӣ оид ба забону адабиёт ва услубшиносӣ замина муҳайё менамояд.

Дар забоншиносии тоҷик оид ба ин бахши забоншиносӣ корҳои зиёде анҷом дода шудааст, ки яке аз онҳо рисолаи забоншиносии Р. Ғаффоров “Забон ва услуби Раҳим Ҷалил” [66] мебошад, ки дар инкишофи услубшиносии муосир ва забони имрӯзаи адабии тоҷик нақши муҳимме бозидааст].

Дар ин асар ба таҳлили забон ва услуби барҷастатарин романи нависанда Раҳим Ҷалил «Одамони ҷовид» бахшида шудааст.

Муаллиф кӯшидааст, ки боигарии забони ин асарро бо роҳи ба ҳисоб гирифтани маводҳои зарурии тамоми эҷодиёти нависанда дар муқоиса бо забони асарҳои насрнависони дигари тоҷик таҳлил намояд.

Тасвири хусусиятҳои грамматикии роман бо мақсади асосии таҳқиқгар-муайян кардани воситаҳои грамматикии такмилдиҳандаи забони модарӣ, аниқ кардани шаклу тарзҳои грамматикии дорои аҳаммияти услубӣ, равшан кардани хусусияти фардӣ ва муносибати махсуси нависанда дар бобати кор фармудани шаклу воситаҳои грамматикии забони адабию умумихалқии тоҷик ва шохаҳои шевагии он вобастагии қавӣ дорад.

Муаллиф забони романи «Одамони ҷовид»-ро ҳамчун қисми асосии забони нависанда аз назари таҳқиқ гузаронида, аз рӯйи фактҳои забони нависанда доир ба категорияҳои алоҳидаи морфологӣ ва синтаксисӣ хулосаҳои илмӣ баровардааст.

Ба назари мо, Р. Ғаффоров ҳамчун шахси донандаи нозукиҳои табиати забони тоҷикӣ ва пайхаскунандаи нозукиҳои забону маҳорати адабии нависанда вазифаҳои дар назди худ гузоштаро бо муваффақият ҳал кардааст. Дар ин боб гоҳо муаллиф ба масъалаҳои маъмули грамматикие дахл мекунад, ки зикри онҳо зарурат надорад. Аммо ин тарзи таҳлил дар бисёр мавридҳо аз он ҷиҳат ногузир шуда мемонад, ки бо ин роҳ тадриҷан хусусиятҳои забони нависанда, комёбиҳои вай, баъзан ҳатто, камбудиҳои забони асарҳои ӯ бо асосҳои илмӣ шарҳу тавзеҳ меёбанд.

Муаллиф дар асоси таҳлили воситаҳои лексикӣ, фразеологӣ, грамматикӣ ва тасвири бадеии роман на фақат маҳорати адабӣ ва услуби фардии нависандаро муайян мекунад, балки хидмати ӯро дар инкишофи забони адабӣ, тараққиёти забон ва услуби насри муосири тоҷик хеле барҷаста инъикос менамояд.

Забоншинос Р. Ғаффоров ин мавзуъро пайгирӣ намуда, доир ба ин масъала асари дигаре бо номи “Нависанда ва забон” [69] таълиф менамояд,

ки то ба мушкилоти дар ин самт мавҷуда посух гуяд ва ба пажуҳишгарон дар ҳалли муаммоҳо роҳнамоӣ намояд.

Профессор Р. Ғаффоров забонро яроқи асосии нависанда, омили тасвири бадеӣ ва нахустин унсури адабиёт медонад. Ӯ бар он андеша аст, ки забонро хуб надониста, онро ба итоат надароварда, асари хубу комил офаридан имконнопазир аст. Сухани устод М. Горкийро меорад, ки чунин гуфта буд: «Чунон ки дуредгар чубро, оҳангар оҳанро бояд нағз донад, адиб ҳам бояд забон ва суханро нагз донад, вагарна ӯ наметавонад таҷриба, ҳиссиёт, тафаккури худро акс кунонад, лавҳаҳо, характерхо офарад ва ба майдон оварад» [69, с. 91]

Халқ офаридгор, соҳиб ва ҳокими забон аст. Вай чи барои ифодаи хурсандию шодӣ, чи барои ифодаи ғаму андуҳ, чи барои таърифу ситоиш, чи барои таъну танқид, чи барои ифодаи ҳазлу мутоиба-хулоса, дар ҳама бобати зиндагӣ чунин суханҳои сара, шинам ва образнок офаридааст, ки маънии дилхоҳро дар ниҳояти равшанӣ ифода ва талқин месозанд. Каломи халқ ҳамеша кутоҳ, муъҷаз ва зебост. Ин аст, ки аввалин сарчашмаи фасоҳат ва такмили забони ҳар нависанда маҳз забони зинда, забони оммаи халқ, ба шумор меравад.

Асоси забон ва услуби ҳар як асари бадеиро забони адабии муосир, нормаҳои услубии он, ки бузургтарин сарвати маънавии халқ аст, ташкил менамоянд. Нависанда дар талқини мароми эчодӣ, пеш аз ҳама, аз ҳамин сарчашма истифода намуда, дар зимни шароити мусоиди он услуби фардӣ зоҳир мекунад. Ин аст, ки хусусиятҳои услубӣ дар адабиёти бадеӣ маҳз дар доираи нормаи забони адабии муосир ба зуҳур меоянд. Ин гап чунин маънӣ надорад, ки тамоми нависандагон дар як қолиб, ба як сурати ҳамранг ва умумӣ асар меофаранд. Не, ҳаргиз ин тавр нест. Майдони забони адабӣ бисёр фарох аст. Ҳар як адиб аз рӯйи лаёқат ва табъ дар он ба тарзи худ метавонад ҷавлон занад. Аз ҳамин ҷост, ки адибони машҳури имрӯзаи мо, ҳарчанд ҳамаашон аз забони адабии муосир истифода кардаанд, дорои услуби фардӣ,

тарзи баёни хосанд. Онҳо дар истифодаи забони адабии давр ва имкониятҳои эстетикии он муносибати фардӣ зоҳир кардаанд.

Масъалаи риояи меъёри забони адабӣ ва дар зимни он сурат гирифтани услуби фардӣ дар адабиёти бадеӣ аз муҳимтарин талаботест, ки дар назди шохаи олии услубиёти забон-услуби бадеӣ, меистад. Баръакси чунин қоидаи ҳатмӣ баъзан чунин суханҳое ҳам гӯшрас мешаванд, ки нависанда дар истифодаи забон озод аст, ӯ ҳақ дорад, дар ин соҳа мувофиқи хости худ амал намуда, баъзе қоидаҳоро шиканад.

Ҳамчунин, тағйирот дар ҳаёти иҷтимоии ҷамъият боиси дигаргунии ҷиддии нормаи забони адабӣ мешавад.

Дар ин давра нависандаи забардаст чун нобиғаи даврон сарвати услубӣ, анъанавиро мӯшикофона таҳқиқ намуда, имкониятҳои созгори онро ба шароити нав мутобиқ мекунад, ҳамаи унсурҳои наверо, ки бо тақозои муҳити тоза ба амал омадаанд, заргарона санҷида ба кор мебарад ва бо ин амал ба тамоюли нави инкишофи забон сарварӣ менамояд, - таъкид мекунад муҳаққиқи услубшинос, профессор Р. Ғаффоров [69, с. 8].

Ҳамин тариқ, доираи таҳқиқи профессор Р. Ғаффоров фарох буда, бахшҳои лексика, фразеология, услубшиносии забони тоҷикиро дарбар гирифта, баъдтар ба таҳқиқи шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ майл пайдо мекунад ва дар ин самт низ хизмати шоистаро адо кардааст. Таҳқиқи забоншиносии мукаммалу мудаллали муҳаққиқ забони романи «Одамони ҷовид» мебошад. Инчунин, китоби “Нависанда ва забон” аз зумраи он таълифоти забонишинос Р. Ғаффоров мебошад, ки дар такмили улуми забоншиносии тоҷик аз мақому мартабаи хосе бархурдор аст.

4.1.6. Шарофиддин Рустамов ва мақоми ӯ дар ташаккули забоншиносии навини тоҷик

Шарофиддин Рустамов (1.05.1931 – 12.05.2007) ба майдони илми забоншиносии навини тоҷик охири солҳои 50-уми асри XX ворид гардидааст. Аз рӯйи навиштаи профессор Ш. Рустамов дар китобчае, ки ба устодаш

академик Б. Ниёзмуҳаммадов – “Академик забоншинос” [240] бахшидааст, маълум мешавад, ки Носирҷон Маъсумӣ ӯро ба академик Б. Ниёзмуҳаммадов шинос мекунад. Фаъолияти илмии Ш. Рустамов аз таҳқиқи ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави сабаб шуруъ мешавад. Ш. Рустамов ба сурати алоҳида ва ҳаматарафа дар солҳои 60-уми асри XX омухтаву таҳқиқ нашудани ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави сабабро ба назар гирифта, таҳқиқи ҳамаҷонибаи онро мақсади худ қарор медиҳад.

Солҳои 60-уми асри XX марҳилаи устувор гардидани усули маъноиву сохтории таснифи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар наҳвшиносии рус маҳсуб мешуд. Дар ин бобат аз муҳаққиқони забоншиноси рус Н. С. Паспелов, И. Г. Чередниченко, Е. В. Кротович, С. Е. Крючков, Л. Ю. Максимов, Н. А. Широкова, А. К. Федоров, К. П. Орлов, В. А. Белошапкова, аз донишмандони шарқшинос Ю. А. Рубинчик, А. Шафоӣ ва аз забоншиносони тоҷик Б. Ниёзмуҳаммадов, Д. Тоҷиев, Н. Маъсумӣ ва дигарон нақши муҳим бозидаанд.

Ш. Рустамов пас аз омузишу баррасии мавзуи “Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави сабаб дар забони адабии ҳозираи тоҷик” [236] рисолаеро бо ҳамин унвон, бо муҳтавою сохтори зерин ба ҳимоя ва пасон ба ба шакли китоби алоҳида пешниҳоди донишмандону хонандагон гардонид. Рисола аз муқаддима, чор боб ва хотима иборат аст.

Боби якум хусусиятҳои грамматикӣ ва моҳияти ҷумлаи пайрави сабаб, мавқеи истеъмоли онро дарбар мегирад. Дар ҳамин боб муаллиф хусусияти эзоҳӣ, исботкунии ҷумлаи пайрави сабаб ва хосияти сабаб – натиҷагии ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави сабабро нишон додааст.

Дар боби дуюми рисола Ш. Рустамов дар таркиби ҷумлаи мураккаби сертаркиб омадани ҷумлаи пайрави сабабро дар асоси мисолҳои мушаххас таҳқиқ кардааст.

Боби сеюми рисола таҳқиқи баррасии воситаҳои дастурии алоқаи ҷумлаи пайрави сабаб ба сарҷумларо фаро гирифтааст. Муҳаққиқ мавқеъ ва дараҷаи истеъмоли пайвандакҳои хоси сабабӣ, ки теъдоди онҳо хеле зиёд

асту дар равшан гардидану шинохти ҷумлаи пайрави сабаб нақши калон доранд, пайвандакҳои муштараквазифа, воситаҳои дигари алоқаи ҷумлаи пайрави сабабро бо далелҳо нишон додааст.

Боби чоруми рисола ба масъалаи муродифоти ҷумлаи пайрави сабаб бо ибораҳо бахшида шудааст.

Хулосаи кор дар асоси натиҷаҳои ба дастовардаи муҳаққиқ дар чанд банд нишон дода шудааст. Рисолаи забоншинос Ш. Рустамов дар таҳқиқи наҳви ҷумлаҳои мураккаби забони адабии тоҷик сеюмин кори илмии махсус буда, барои таҳқиқи типҳои ҳолати дигари ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар наҳвшиносии тоҷик нақши муайян бозидааст.

Тазаккур бояд дод, ки Ш. Рустамов ибтидои фаъолияти илмии хешро аз бахши наҳв оғоз намуда бошад ҳам, фаъолияти баъдии хешро пурра ба бахши сарфи забони тоҷикӣ бахшидаст.

Азбаски фаъолияти илмии забоншинос Ш. Рустамов дар марҳилаҳои дигари рушди забоншиносии навини тоҷик низ идома ёфтааст, мо таҳлилу баррасиҳоро оид ба осори илмии профессор Ш. Рустамов дар боби панҷум мавриди ҷамъбаст қарор медиҳем.

4.1.7. Худойдод Ҳусейнов муҳаққиқи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ

Дар ҳақиқат, то солҳои 50-уми асри XX, ки шуруъ аз солҳои 20-уми асри XX давраи шаклгирии забоншиносии навини тоҷикӣ маҳсуб меёбад ва то ҷое танҳо дар доираи барномаҳои таълимии забони тоҷикӣ дар мактабҳои миёна қоидаҳои овоӣ, лексикӣ ва сарфию наҳвӣ матраҳ ва ба низом дароварда мешуд, ҳеҷ асари таҳқиқии алоҳидае оид ба бахшҳои забоншиносии навини тоҷик ба майдон наомада буд. Маҳз аз ибтидои солҳои 50-уми асри XX таваҷҷуҳи муҳаққиқони забоншиноси тоҷик ба масъалаҳои мушаххаси забони тоҷикӣ бештар мегардад.

Таҳқиқи хусусиятҳои шаклию маъноии ҷумлаҳои мураккаб ҳарчанд ки дар осори илмию таълимии гузаштаи мо ба сурати мухтасар вобаста ба қазияҳои мантиқӣ ва шарҳи санъатҳои лафзию маънавӣ дида шавад ҳам, дар

забоншиносии навини тоҷикӣ, яъне забоншиносии аҳди шуравии тоҷик, феълан, дар заминаи таълифи китобҳои дарсӣ аз фанни забони тоҷикӣ шуруъ шудааст.

Яке аз пажуҳишҳои ҷиддӣ дар боби наҳви ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забоншиносии тоҷик асари забоншиноси шодравон, номзади илми филология Х. Ҳусейнов бо номи «Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави замон дар забони адабии ҳозираи тоҷик» [305] ба шумор меравад. Воқеан, ин асари таҳқиқӣ барои омухтани ҷумлаҳои мураккаб бо ҷумлаҳои пайрави гуногун як заминае гардид ва то солҳои 80-уми асри XX ҳамаи хели ҷумлаҳои пайрав бо сарҷумлаашон таҳқиқи бунёдӣ шудаанд.

Дар муқаддимаи рисола доир ба муҳиммияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи инъикоси он дар китобу дастурҳои таълимӣ, забоншиносии форсӣ сухан рафта, муаллиф ба ин натиҷа расидааст, ки дар бораи ҷумлаҳои пайрави замон дар забони адабии ҳозираи тоҷик, инчунин, дар забони форсӣ маълумоти пурра мавҷуд нест (саҳеҳтараш дар забоншиносии тоҷикию форсӣ гуфтан беҳтар буд-Ҳ. В.).

Рисолаи таҳқиқии Х. Ҳусейнов мувофиқ ба ҳадафи пешгузоштаи муаллиф, ки муайян кардани хусусиятҳои грамматикии сарҷумла ва ҷумлаҳои пайрави замон, нишон додани алоқаи синтаксисӣ, муносибатҳои замонӣ: хусусиятҳои замонии хабарҳо – хабари ҷумлаи пайрави замону сарҷумла, ифодашавии замонҳои гуногун, пайвандакҳои тобеъкунандаи замон, ҷойи пайвандакҳо дар таркиби ҷумлаи пайрав, инчунин, муайян намудани ҷойи ҷумлаи пайрави замон дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ мебошад, таҳрезӣ шудааст.

Бо таълифи ин асар бисёр нуқтаҳои торику норавшани хусусиятҳои сохторию маъноии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, омилҳои луғавию дастурии онҳо, аломатҳои шинохти ин хели ҷумлаи мураккаб равшану муайян гардид ва барои таҳқиқи хелҳои дигари ҷумлаҳои мураккаби тобеъ заминаи асосӣ гардид. Масалан, дар забоншиносии тоҷик бори аввал хусусиятҳои сохторию маъноии ҷумлаи мураккаби тобеъ дар ин асар мушаххасан чунин баён карда

шудааст: «Дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ҳама гуна ҷумлаҳои сода чи аз ҷиҳати сохт ва чи аз ҷиҳати маъно бо ҳамдигар вобаста гардида, маънои мустақили худро то андозае гум мекунанд ва яке ба дигаре тобеъ мешавад, ки типи махсуси ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ҳам аз ҳамин ҷо сар мезанад» [305, с. 10].

Аз иқтибоси фавқ маълум мегардад, ки муаллифи рисола ҳанӯз ҳамон солҳо ба усули структурӣ-семантикие, ки ибтидои солҳои 50-уми асри XX дар забоншиносии рус пайдо шуда буд, огоҳ будааст. Ҳол он ки ин усули таҳқиқи ҷумлаҳои мураккаб дар забоншиносии тоҷик тавассути асару мақола ва маърузаю гузоришҳои профессор, шодравон Д. Т. Тоҷиев роиҷу устувор гардид.

Дар таҳқиқи забоншиноси дақиқназар Х. Ҳусейнов меъёри қиёсан ба аъзоҳои ҷумлаи сода тасниф кардани ҷумлаҳои пайрав низ мавқеъ дорад, ки инро аз қавли зерини муҳаққиқ метавон пай бурд: «Ҳамаи ҷумлаҳои пайрав дар нишон додани вазифаи синтаксисӣ ба аъзои ҷумлаҳои сода (сараъзо ё аъзоҳои пайрав) монанд мебошанд. Аз ин рӯ, онҳо дар таркиби ҷумлаи мураккаб (ҷумлаи мураккаби тобеъ-Ҳ. В.), аъзои ҷумлаи сода кадом вазифаро, ки иҷро кунад, айнан ҳамон вазифаро ба ҷо меоранд» [305, с. 11].

Ба назари ин ҷониб, ифодаи “айнан” дар муҳокимаи фавқ саҳеҳ нест, чаро ки ҳеҷ гоҳ ибораҳои ҳаммаъниву муродифи ҷумлаҳои пайрав айнияти якдигар буда наметавонанд. Онҳо воҳидҳои мухталифи наҳвианд, ки дар ифодаи мазмунҳои тавсифию тавзеҳӣ гоҳо бо ҳам муродиф мешаванд ва бештар аҳаммияти услубӣ доранд. Ҷумлаи пайрав воҳиди передиктивии нутқ аст, аммо ибора воҳиди номинативӣ, аз ин ҷиҳат ин ду воҳидро айни якдигар донистан раво ҳам буда наметавонад.

Он ҳама андешаҳои муаллиф, ки дар шинохти ҷумлаи мураккаби тобеъ баён кардааст, ҳарчанд ки аз диди забоншиносии муосири умумӣ ва забоншиносии имрӯзи тоҷикӣ ноқисӣ дошта бошад ҳам, аз нигоҳи замон, ки ҳоло меъёрҳои таснифи ҷумлаҳои пайрав дар забоншиносии умумӣ устувор нагардида буд, иқдоми ҷиддӣ маҳсуб мешуд. Масалан, муаллиф дар шинохти

ҷумлаи пайрави замон ин тавр қазоват кардааст: “Вазифаи асосии синтаксисии ҷумлаи пайрави замон хоҳ ба таври умумӣ бошад, хоҳ ба таври конкретӣ нишон додани замони ба вуқуъ омадани амалу ҳолатҳои сарҷумла мебошад” [305, с. 12].

Пас аз ин таърифи бисёр содаю фаҳмо муаллиф бо мисолҳои мушаххас вижагиҳои сохторию маъноии ҷумлаи пайрави замон, муносибатҳои замонии хабари сарҷумлаю ҷумлаи пайрави замонро шарҳ додааст. Дар шарҳи ҳамин вазифаи асосии ҷумлаи пайрави замон як нуқтаи муҳим ин аст, ки муаллиф ҳиссаи сарҷумлаю ҷумлаи пайрави замонро хеле нозуку саҳеҳ ҷудо кардааст, чунончи: Вай, ҳар вақте ки ба район меомад, ба ин чойхона даромада чой менушид [350, с. 98].

Дар мисоли фавқ ҳиссаи “Ҳар вақте ки ба район меомад” ҷумлаи пайрави замон буда, ҷонишини “вай”, ки фоили (мубтадо) ҳам сарҷумла ва ҳам ҷумлаи пайрави замон аст, бо аломати вергул (,) ҷудо карда шудааст, ки хеле мантиқӣ ва аз нигоҳи дастури забон ҳам дуруст аст. Мутаассифона, имрӯз гоҳе ин қоида дар навиштаҳои баъзе аз аҳли қалам риоя намешавад.

Яке аз дастовардҳои бисёр боарзишу муҳимми шодравон Х. Ҳусейнов дар рисолаи мазкур, ба назари мо, ин мебошад, ки ӯ бори аввал ба сурати муфассал дар мисоли ҷумлаи пайрави замон оид ба ҳодисаи сермаъноии ҷумлаҳои пайрав мулоҳиза рондааст. Ҳодисаи сермаъноии ҷумлаҳои пайрав имрӯз ҳам чи дар забоншиносии умумӣ ва чи дар забоншиносии тоҷик комилан ҳалли худро наёфтааст ва аз масъалаҳои душвору баҳсангез маҳсуб меёбад. Аммо дар солҳои 50-уми асри ХХ дар ин бобат қазоват кардани муаллифи рисола аз борикназарии ӯ дар таҳқиқи наҳвиёти забони тоҷикӣ дарак медиҳад. Шодравон Х. Ҳусейнов дар ин бобат чунин андешаронӣ кардааст: “Ҷумлаи пайрави замон дар бисёр мавридҳо баробари нишон додани замони воқеъшавии амалҳои сарҷумла ва муносибатҳои замонӣ ифодаҳои шарт, сабаб, натиҷа ва дигар хусусиятҳои амалҳоро ифода карда метавонанд, яъне онҳо бо ифодаи замонӣ маҳдуд нагардида, хислатҳои

мухталифи ба амали сарҷумла вобаста бударо низ нишон медиҳанд” [305, с. 21].

Муҳаққиқи шодравон Х. Ҳусейнов кӯшише ҳам кардааст, ки баъзе омилҳои сермаъношавии ҷумлаи пайрави замонро нишон диҳад, ки ин барои шинохти хелҳои ҷумлаи пайрав бисёр муҳим аст. Масалан, муаллифи рисола барои ифодаи маънои шарт дар ҷумлаи пайрави замон ин тавр қазоват намудааст: “Барои ифодаи шарти воқеъ гардидани амалҳои сарҷумла ва ҷумлаи пайрави замон хабарҳои онҳо роли муҳим мебозанд. Одатан, барои нишон додани амалу ҳолатҳои дар замони оянда воқеъ мешудагӣ сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ ба кор бурда мешавад. Ин сиға замонҳои гуногунро ифода мекунад. Ҷумлаҳои пайрави замоне, ки хабари онҳо аз сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ иборат аст, бештар дар замони оянда воқеъ шудани амали сарҷумларо нишон дода, маънои иловагии онҳо ба ҳисоб меравад” [305, с. 21].

Аз муҳокимаҳои муаллиф маълум мегардад, ки яке аз омилҳои сермаъно ё маънои иловагӣ пайдо кардани ҷумлаи пайрави замон ифодаи хабарҳои сарҷумлаю ҷумлаи пайрав бо шаклҳои замонии сиғаҳо мебошад. Ин матлабро мо аз муҳокимаи дигари муаллифи рисола пай мебарем, чунончи: “Ифодаи маънои замонӣ ва шартӣ хусусияти хабарҳои ҷумла мебошад. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки ҷумлаҳои пайрави замон баробари нишон додани замони воқеъ гардидани амалҳо, ҳамчун маънои иловагӣ шарти ба вуқуъ омадани ҳама гуна ҳаракатҳои сарҷумларо низ ифода карда метавонанд” [305, с. 22].

Бисёр ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки муҳаққиқ ҳодисаи дар як ҷумлаи пайрав ифода шудани чандин тобишҳои иловагии маъно, масалан, замон, сабаб ва натиҷаро низ таъкид кардааст ва аз ин миён муайян кардани маънои асосӣ ва иловагӣ ба мазмуни умумии матн вобаста аст, ки комилан дуруст мебошад.

Таснифу гурӯҳбандии ҷумлаҳои пайрав ҳамеша аз муҳимтарин масъалаҳои наҳви забонҳои дунё маҳсуб меёбад. Ин масъала дар забоншиносии рус, ки барои забоншиносии навини тоҷикӣ асоситарин

манбаи назариявӣ ба шумор мерафт, пайваста мавриди баҳсу баррасии илмӣ қарор дошт. Аз ин ҷост, ки муаллифи рисолаи мавриди назари мо низ ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ҷумлаҳои пайравро вобаста ба хусусиятҳои наҳвиашон ба се гурӯҳ тасниф кардааст:

а). Ҷумлаҳои пайраве, ки аъзоҳои асосии бо исм, сифат, шумора, ҷонишин ва ё зарф ифодаёфтаи сарҷумлаҳоро шарҳу эзоҳ медиҳанд: ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда;

б). Ҷумлаҳои пайраве, ки танҳо ба хабари сарҷумлаҳо тобеъ шуда меоянд. Ба ин гурӯҳ ҷумлаҳои пайрави пуркунанда, ҷумлаҳои пайрави замону макон, ҷумлаҳои пайрави сабабу мақсад, шартӣ ва қиёсию натиҷа мансуб мебошанд.

в). Ба гурӯҳи сеюм ҷумлаҳои пайрави хилофӣ дохил мешаванд, ки онҳо, одатан, ба тамоми сарҷумлаҳо тобеъ шуда меоянд.

Албатта, ин таснифот шартию нисбӣ аст, чаро ки меъёри ягонаю қавӣ ҳоло рӯйи кор наомада буд. Дар таснифи ҷумлаҳои пайрав дар наҳвшиносии муосир 6-7 ва ҳатто аз ин ҳам зиёд омилҳо ба назар гирифта мешавад, аммо дар он солҳо ин иқдоми бузурге маҳсуб меёфт.

Баъдтар таҳқиқи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ба сурати густурдаю бунёдӣ дар таълифоти наҳвшиноси соҳибтабъу нозукбин, профессори зиндаёд Д. Тоҷиев вусъати тоза пайда карда, меъёрҳои таснифи ҷумлаҳои пайрав такмилу устувор мегардад.

Дар таҳқиқи сохторию маъноии ҷумлаҳои пайрав воситаҳои алоқа ҳамчун объекти таҳқиқ нақши муҳим дорад, зеро онҳо, аз як ҷониб, ҷумлаҳои пайравро ба сарҷумла алоқа банданд, аз сӯйи дигар, муносибатҳои наҳвии онҳоро дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ равшан месозанд.

Аз ин ҷост, ки боби дуюми рисолаи шодравон Х. Ҳусейнов ба таҳқиқи пайвандакҳои тобеъкунандаи замонӣ дар тартиби ҷумлаҳои пайрави замон бахшида шудааст. Дар воқеъ, воситаҳои дастурии алоқаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ барои дар як таркиб чун воҳиди мухобиротӣ муттаҳид гардидани сарҷумлаю ҷумлаи пайрав ва ифодаи муносибати наҳвии онҳо

саҳми муҳим доранд. Ба ҳамин ҷиҳати пайвандакҳои тобеъкунандаи ҷумлаи пайрави замон ишора карда, муаллиф гуфтааст, ки пайвандакҳои тобеъкунандаи замон дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ барои нишон додани алоқаи грамматикии сарҷумлаю ҷумлаи пайрав роли муҳим мебозанд. Онҳо дар таркиби ҷумлаҳои мураккаб аъзои ҷумла намешаванд, вале барои таъмин намудани алоқаи синтаксисии ҷумлаҳои ба ҳам тобеъ хизмати ниҳоят бузург доранд. Маҳз ба туфайли пайвандак ба таркиби он дохил мешавад, мустақилии худро гум мекунад. Қисми дуюми ҷумлаи мураккаб, ки пайвандак надорад, назар ба ҷумлаи пайвандакдор озодтар меистад. Ҷумлаи озод ҷумлаи пайвандакдорро тобеи худ мегардонад:

Вақте ки ман ба ягон коре ба шаҳр меравам, шумо ё Олечка ба ӯ таълим медиҳед [350, с. 47].

Дар мисоли боло, таъкид менамояд муаллиф, ҳар ду қисми ҷумлаи мураккаб дар асл ҷумлаи мустақилмаъно мебошад. Аммо дар баробари ба таркиби онҳо дохил шудани пайвандаки тобеъкунанда (вақте ки Ҳ. В.) дар байни ҷумлаҳо алоқаи тобеи синтаксисӣ ҳукмрон гардидааст. Аз ин ҷост, ки ҷумлаҳо яке ба дигаре тобеъ гардида, вобастаи ҳамдигар шудаанд ва дар якҷоягӣ як фикри мураккабро ташкил додаанд. Ҳар қисми ҷумлаи мураккабе, ки дар таркиби худ пайвандаки замон дорад, ба қисми дигар-сарҷумла, аз ҷиҳати ифодаи маънои замонӣ вобаста шуда мемонад ва замони воқеъшавии амали он қисмро нишон медиҳад. Дар ҳақиқат муҳаққиқ Х. Ҳусейнов дар заминаи ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави замон бисёр хусусиятҳои маъноиву сохтории марбут ба ҷумлаҳои мураккаби тобеъро дар забони адабии тоҷик нишон додааст, ки арзиши назариявӣ доранд. Масалан, ҳамон андешаи “яке аз қисмҳои ҷумлаи мураккаб, ки пайвандак ба таркиби он дохил мешавад, мустақилии худро гум мекунад” [305, с. 35].

Дар воқеъ, пайвандакҳо воситаи муҳимми алоқаи ҷумлаи пайрав ба сарҷумла буда, дар шинохти хелҳои ҷумлаи пайрав ва ифодаи муносибатҳои наҳвии онҳо ба сарҷумла саҳми калон доранд. Аз ин ҷост, ки муаллифи рисола дар асоси маводи фаровони забони адабии тоҷик пайвандакҳои

тобеъкунандаи замониро таҳқиқи ҳамаҷонибаи густурда намуда, теъдоди онҳоро анқариб аз панҷоҳ адад медонад. Ғайр аз ин, муаллифи рисола оид ба ҷойи пайвандакҳо дар таркиби ҷумлаи пайрави замон, вазифаҳои пайвандакҳои замон, таркибҳои ҷудогонае, ки ба пайвандакҳои замон шабоҳат доранд, қазоват кардааст, ки имрӯз ҳам моҳияташонро гум накардаанд.

Аз ин миён, хусусан, муҳокимаю хулосаҳое, ки муаллифи рисола оид ба таркибҳои ҷудогонаи ба пайвандакҳои замон шабоҳатдошта баён доштаанд, хеле ҷолиб ва аз нигоҳи назарию амалӣ имрӯз ҳам дорои аҳаммияти калон мебошанд. Дар забони адабии тоҷик як даста таркибҳое мустаъмаланд, ки аз нигоҳи шакл ба пайвандакҳои таркибии ҷумлаи пайрави замон шабоҳат доранд. Дар сохтори он таркибҳо калимаҳои ифодакунандаи мафҳуми замонӣ-вақт, замон, ки категорияи фалсафӣ аст ва воҳидҳои ченаки он-аз хурд то бузург, мисли: давр, аср, сол, моҳ, ҳафта, рӯз, соат, дақиқа, лаҳза, дам, сония меоянд ва аксар ин категория ва воҳидҳои ченаки замон маънои луғавии худро дар матн нигоҳ медоранд ва гоҳо аломату хусусияти зотии онҳо ба воситаи ҷумлаи пайрави муайянкунанда баёну кушода мешаванд. Дар чунин ҳолат ба ҳеҷ ваҷҳ онҳоро пайвандаки тобеъкунандаи ҷумлаи пайрави замон шумурдан мумкин нест. Дар ин бобат муҳаққиқи ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави замон-шодравон Х. Ҳусейнов, чунин изҳори назар кардааст: “Хулоса, ин калима ва таркибҳоро (дар назар аст калимаву таркибҳои ба пайвандакҳои тобеъкунандаи замон шабоҳатдошта Ҳ. В.) барои он ки дар ҷумла маънои лексикии худро ба таври пурра нигоҳ медоранд, барои он ки аъзои сарҷумла шуда, вазифаи ҳолшарҳкунандаро иҷро мекунанд, пайвандаки тобеъкунанда ҳисоб кардан дуруст нест. Он ҷумлаҳои пайраве, ки пас аз ин калима ва таркибҳо меоянд, ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда мебошанд” [305, с. 50].

Профессор Д. Хоҷаев соли 1980 дар таҳқиқи ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави муайянкунанда ба сифати рисолаи номзадӣ як фасле бо номи “Тафовути ҷумлаи пайрави муайянкунанда аз баъзе ҷумлаҳои пайрави

дигар” нахуст оид ба тафовути ҷумлаи пайрави муайянкунанда аз ҷумлаи пайрави замон изҳори назар карда аст. Мо ҷоиз медонем, ки ба сурати фишурда муҳтавои андешаҳои беш аз чиҳилсолаи ӯро барои арзиши асари Х. Ҳусейнов зикр кунем: “Агар исмҳои ифодаи замонидоштаи лаҳза, дам, сония, дақиқа, соат, айём, рӯз, шаб, субҳдам, пагоҳ, саҳар, нисфирӯзӣ, бегоҳ, шом, ҳафта, моҳ, сол, муддат, давр, аср, вақт, замон ва монанди инҳо ба маънои мустақили луғавии худ омада бошанд, он гоҳ чун исмҳои дигар ба вазифаи аъзои эзоҳшаванда омада, ҷумлаи пайрави муайянкунанда гирифта метавонанд. Дар ин вазифа калимаҳои номбурда аломату категорияҳои муҳим ва зарурии исмро қабул мекунанд. Х. Ҳусейнов дуруст қайд мекунад, ки вақте, замоне, даме, таркибҳои дар вақте, дар замоне, аз даме, дар даме ва монанди инҳо бо пайвандакҳои тобеъкунандаи замон дохил нашаванд, онҳо дар ҷумла ҳамчун ҳолшарҳкунандаи замон хизмат мекунанд. Дар ин ҳолат ҷумлаи пайрав муайянкунандаи ин калима ва таркибҳо шуда меоянд” [396, с. 8].

Бинобар он, дар назар доштан лозим аст, ки онҳо дар кадом вақт чун калимаи мустақил ба вазифаи аъзои тавзеҳшаванда омада, ҷумлаи пайрави муайянкунанда мегиранд ва кадом вақт ҳамчун ҳиссаи номии пайвандакҳои таркибӣ ё калимаи ҳамнисбати ҷумлаи пайрави замон хизмат мекунанд.

Муқоиса карда шавад:

1. Аз афти кор вақте расидааст, ки душманони табиат ба таври ҷиддӣ маҳкум карда шаванд [335, с. 18].

2. Дар вақте ки хуҷандиён дар зери роҳбарии Темурмалик қалъаи обӣ месохтанд, ҳар рӯз аз сафи ҷанг хабарҳои бад-хабарҳои ноумедона, мерасид [335, с. 31].

3. Ҷавон вақте сар бардошт, ки офтоб ба қуллаи кӯҳ партав афкандааст [335, с. 65].

Дар ин се мисол оё аз ҷиҳати ифодаи маъною вазифаи синтаксисӣ байни ҷумлаҳои пайрав тафовут дида мешавад?. Албатта, байни онҳо фарқи ҷиддие мушоҳида мешавад. Дар мисоли якум байни сарҷумла ва қисмати

пайрав муносибати атрибутивӣ (муайянкунандагӣ) буда, ҷумлаи пайрав бар эзоҳи исми мафҳуми замонидошта “вақт” омада, махсусияту ягонагии айнизамонии онро таъкид ва таъин намудааст. Аз ин рӯ, ба ҷумлаи пайрав аз сарҷумла саволи кай? гузоштан ҳеҷ мумкин нест, фақат саволи чӣ хел вақт? ё кадом вақт? гузоштан ҷоиз аст. Дар ҷумлаи дуюм ва сеюм бошад, маънои замонӣ барҷаста ва равшан ифода ёфтааст, бинобар он ҳар дуи ҷумлаи пайрав ба саволи кадом вақт? пурра ҷавоб мешаванд. Дуруст аст, ки ҷумлаи пайрави сеюм ба саволи кадом вақт? ҷавоб мешавад, вале дар ин ҳолат низ амали сарҷумларо аз ҷиҳати замон эзоҳ додани ҷумлаи пайрав равшан мебошад. Ғайр аз ин, дар мисоли охирин калимаи “вақт” маънои луғавии худро ба дараҷае ки дар мисоли дуюм мушоҳида мешавад, суст накардааст. Бинобар он дар ҷумлаи дуюм калимаи “вақт” дар шакли таркибии “дар вақте ки” омада, ба қатори пайвандакҳои таркибии ҷумлаи пайрави замон дохил гардида бошад, дар мисоли сеюм чун калимаи ҳамнисбати ҷумлаи пайрави замон истеъмол шудааст. Таҳлили мисолҳои зиёде, ки мо дар даст дорем, ба чунин хулосаҳо оварданд:

А) Агар калимаҳои ифодаи замонидошта дар таркиби сарҷумла ҳамчун исм ба маънои мустақили луғавӣ омада, аз рӯйи вазифаи наҳвиашон мубтадо, пуркунанда, муайянкунанда ва ҷузъи номии хабар шуда бошанд, бар эзоҳи онҳо омадани ҷумлаи пайрави муайянкунанда равшан ва бебаҳс аст:

1. Дақиқаҳое мешуд, ки ман ғарқи хаёлу орзуҳои ширин ҳатто барои чӣ ба чарогоҳи сабзкӯҳ рафта истодани худро фаромуш мекардам [335, с. 134].

2. Имрӯз рӯзи наве буд, ки истибдоди куҳнаи чандсолаи амир ва амирӣ аз миён рафт [337, с. 78].

Б) Агар калимаҳои ифодаи замонидошта ба вазифаи калимаҳои ҳамнисбат омада бошанд, бар эзоҳи онҳо низ ҷумлаи пайрави замон меояд:

Темурмалик ба боронӣ вақте расид, ки Ҷалолиддин бо як лашкари калони чингизиён меҷангид [335, с. 31].

Дар мисоли боло, чунон ки Х. Ҳусейнов низ қайд намудааст, ҷумлаи пайрав барои муайянкунии калимаҳои мафҳуми замонидошта хизмат намуда, маънои калимаҳои мафҳуми замонӣ доштаро мушаххас гардонидаанд.

В) Агар калимаҳои ифодаи замонидошта ҳиссаи номии пайвандакҳои тобеъкунандаи таркибии замон шуда бошанд, ҷумлаи пайрави чунин ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ҷумлаи пайрави муайянкунанда не, балки ҷумлаи пайрави замонанд.

Ба мисоли зерин эътибор диҳед:

Вақте ки ин қисса ағоз мешуд, санаи мелодӣ як ҳазору нуҳсад – ибтидои асри ХХ, буд [333, с. 128].

Г) Агар калимаҳои мафҳуми замонидошта бо ҷонишину пешояндҳо дар як таркиб омада, морфемаи “е” гиранд, онҳо аз рӯйи хусусият, вазифа ва сохташон ба ҷузъи номии пайвандакҳои таркибии ҷумлаи пайрави замон ё ҳоли замон наздик мегарданд ва ҷумлаи пайрави ин хели ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ҳам ҷумлаи пайрави замон маҳсуб меёбад, чунончи:

Лекин аҳвол, то замоне ки ману ту зинда бошем, чунин аст [331, с. 96].

Бозор, дар рӯзҳое ки аз сафар фароғат меёфт, ба чаронидани гусфандони хуҷаинаш машғул мешуд [336, с. 45].

Бинобар ин, ҳангоми ҷудо намудани чунин хели ҷумлаҳои мураккаби тобеъ вазифаи наҳвии исмҳои ифодаи замонидоштаи таркиби сарҷумла, маънои луғавии онҳо, саҳму мавқеи калимаҳои ҳамнисбат, вазифаю мазмуни ҷумлаи пайрав, ҳамчунин воситаҳои дигари алоқаи ҷумлаи пайрав ба сарҷумла дар ягонагии томи онҳо ба назар гирифта мешавад.

Боби сеюми рисоларо муаллиф ба таҳқиқи муносибатҳои замонии сарҷумлаю ҷумлаи пайрави замон бахшидааст. Албатта, дар боби алоҳида таҳқиқ кардани муносибатҳои замонии ҳиссаҳои ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави замон барои кушода гардидани ҳамаи шаклҳои замонии феъл ва саҳми онҳо, созмонёбии ин хели ҷумлаи мураккаб аҳаммияти калон дорад, ҳамчунон ки муаллиф ин корро дар таҳқиқи пайвандакҳо низ анҷом додааст. Аммо ҳам пайвандакҳо ва ҳам мутобиқати шаклҳои феълӣ воситаи

алоқаи наҳвии ҳиссаҳои ҷумлаи мураккаби тобеъ маҳсуб меёбанд, бинобар ин онҳоро дар як боб муттаҳид карда, воситаҳои дигари алоқаи тобеи ҷумлаи пайрави замон, ба мисли ҷойи ҷумлаи пайрави замон, оҳанги гӯйиш ва ғайраро низ ба онҳо ҳамроҳ месохтанд, беҳтар мебуд.

Боби чаҳоруми ин асар “Мафҳуми замонии ҷумлаи пайрави замон дар ибораҳои феълӣ” ном дорад, ки ба назари ин ҷониб он қадар саҳеҳу мантиқӣ нест, чаро ки сухан, асосан, дар бораи хусусиятҳои муродифии ибораҳо бо ҷумлаи пайрави замон меравад.

Аз ин ҷиҳат, агар онро “Муродифоти ибораҳои феълӣ бо ҷумлаи пайрави замон” ном мегузоштанд, моҳияти масъаларо беҳтару саҳеҳтар мефаҳмонд. Ин маъниро муаллиф низ таъкид кардааст, ки ибораҳои феълиро барои он ки дар иҷрои вазифаи синтаксисӣ бо ҷумлаҳои пайрави замон баробаранд, муродифи ҷумлаҳои пайрави замон меҳисобанд.

Албатта, дар бораи ин масъалаи бисёр муҳиме, ки ба хусусиятҳои услубии ин ду воҳиди муродифӣ дахл дораду таҳқиқи густурдаи илмӣ нашудааст, қазоват кардани муаллиф иқдоми нек маҳсуб меёфт ва барои таҳқиқи он дар оянда заминаи боэътимод мегардад.

Хулоса, асари таҳқиқии забоншинос Х. Ҳусейнов “Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави замон дар забони адабии ҳозираи тоҷик” дар наҳвшиносии навини тоҷикӣ аз нахустин таҳқиқоти махсуси ҷиддӣ маҳсуб ёфта, пас аз он як силсила рисолаҳои илмӣ оид ба ҷумлаҳои пайрави шарт, сабаб, мубтадо, хабар, тарзи амалу монандӣ, муайянкунанда, пуркунанда ва асари ҷамъбастию бунёдии наҳвшинос Д. Тоҷиев бо номи “Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик” [262] ба табъ расидаанд. Бояд гуфт, ки забоншинос Х. Ҳусейнов ғайр аз ин рисолаи боарзиш боз чандин китобу рисолаҳои дигар низ таълиф кардааст ва дар рушди афкори забоншиносии навини тоҷикӣ дар ин марҳила ва марҳилаҳои баъдӣ саҳми арзанда гузоштааст.

4.1.8. Муҳаммадҷон Шукуров (Шакурӣ) ва нақши ӯ дар масъалаҳои тозагии забони адабии тоҷик

Муҳаммадҷон Шакурӣ (1925-2012) яке аз шахсиятҳои барҷастаи илму фарҳанг ва адабиёти тоҷик буда, ҳамчун филолог, забоншинос, адабиётшинос, нависанда ва академик саҳми бузурги хешро дар таҳқиқи забон ва адабиёт ва фарҳанги тоҷик гузоштааст. Муаллифи зиёда аз 50 китоб ва зиёда аз 500 мақола дар забоншиносӣ, адабиётшиносӣ ва таърихи фарҳанг мебошад. Осори илмии олим на танҳо дар сатҳи миллӣ, балки дар миқёси ҷаҳон низ нуфузи илми тоҷикро муаррифӣ намудааст.

Аз солҳои 60-ум дар илми забоншиносии навини тоҷик ба маданияти сухан ва шакл гирифтани он эътибори ҷиддӣ дода шуда, сари масъалаҳои меъёри забони адабӣ, ҳусни баён, риояи қоидаҳои дастури забони адабӣ, хусусиятҳои услубии воҳидҳои забон, имло ва аломатҳои китобат мақолаҳои зиёде ба нашр расиданд. Солҳои шасту ҳафтод ва ҳаштод давраи ривоҷ ёфтани тамоюлоти нав дар инкишофи забони адабӣ, қувват гирифтани кӯшишҳо дар роҳи худдорӣ аз одисуханӣ, афзудани диққати назар нисбат ба меъёрҳои халқию классикӣ ва асолати сухан мебошад [311, с. 8].

Устод М. Шакурӣ бештар дар атрофи маданияти нутқ, забони матбуот, истифодаи дурусти сухан, ҷой ва мақоми он мақолаю асарҳо нигоштааст. Чунончи, дар мақолаи “Як воситаи муҳимми инкишофи маданияти нутқ” [311] чунин ибрози андеша баён намудаанд: “Яке аз воситаҳои муҳимми инкишофи маданияти нутқ забони радио ҳисоб мешавад. Радио бояд забони бурро, тоза ва равон дошта бошад. Фақат дар ҳамин сурат мазмуни баланди материалҳои он ба шунавандагон дастрас шуда, таъсир бахшида метавонад, вале забони радиошунавонӣ дар республика ҳануз аз бисёр ҷиҳат ба ин талабот ҷавоб дода наметавонад” [311, с. 37]. Инчунин, дар мақолаи “Шаммае аз аҷоиботи забони матбуот” [315] дар мавриди истифодаи кур-куронаи калимаҳо баҳс менамояд, ки одамон ба маънои калимаҳо сарфаҳм нарафта онҳоро истифода менамоянд. Бештари ин нофахмиҳо аз ҷониби тарҷумонҳо рух медиҳад. Чунончи: “Тарҷумонҳои мо калимаи “ташриф”-ро

тарҷумаи “визит” қарор доданд ва чунин ҷумлаҳо месозанд: “Ҳайати вакилон ташрифи дӯстона оварданд” ва ҳоказо. Бо ин тарз кор фармудани “ташриф” ҳоло бисёр дида мешавад, ки нодуруст аст. Чаро? Чунки “ташриф” аз “шараф” буда, маънои он шарафёб кардан, бузург кардан ва бузург доштан мебошад. Устод Шакурӣ таъкид менамояд, ки ин гуноҳи ходимони матбуот аст, онҳо бояд нуктасанҷ бошанд.

Ҳамин тавр, пажуҳишҳои устод натиҷаи ҷолиб доданд ва соли 1964 як силсила мақолаҳое ба табъ расонида, зери унвони “Сухан аз забон ва тарзи баёни аҳли матбуот” [319] соли 1965 чоп шуд. Ин силсиламақолаҳо соли 1968 бо номи “Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад” [319], аз ҷониби нашриёти “Ирфон” нашр гардид. Дар матбуот доир ба ҳусну қубҳи ин асари тозанашр тақризҳо пайдо шуданд. Аз ҷумла тақризи доктори илми филология Р. Гаффоров “Дар боби ҳусни сухан” [357] ва доктори илми филология Ш. Рустамов “Калимасозӣ ва услуб” [384] дорои андешаҳои ҷиддӣ буда, муаллифро ба ҷустуҷуҳои доманадор водор намуд. М.Шакурӣ ба муаллифон посух дода, аз ҷумла чунин баён доштанд: “Муаллифони баъзе тақризҳо тамоман бехабар аз асли матлаби соҳиби китоб сухан рондаанд ва гоҳ моҳияти эроди онҳо чандон равшан нест. Ин ҳол, масалан, аз тақризи академик Б. Ниёзмуҳаммадов “Мулоҳизаҳо дар бораи як китоб” ба хубӣ равшан мешавад” [204, с. 21]. М. Шакурӣ пажуҳишро дар ин самт идома дода, китоби дувуми худро бо ҳамин ном дар ҳаҷми 367 саҳифа соли 1985 дар нашриёти “Ирфон” чоп намуд.

Ин асар баъд аз қабули “Қонуни забон” бо такмилу иловаҳо соли 2005 бознашр гардид. Асар аз пешгуфтор, оғози сухан, силсилаи мақолаҳо (82 номгуй) ва анҷоми сухан таркиб ёфтааст. Чунонки таҳлили асар собит сохт, масъалагузории муаллиф тариқи мақолаҳо танҳо хусусияти назарӣ надошта, ҳамчунин, ба дастури амалӣ шабоҳат доранд, мулоҳизаю хулосабарорӣ сари масъалаҳои инкишофи забони адабии тоҷик мебошад. Албатта, хотирнишон бояд намуд, ки ҳамаи ин мисолҳо ва натиҷагириҳо бардошт аз мушоҳидаҳои устод М.Шакурӣ дар давоми фаъолияти илмӣ ва эҷодӣ мебошанд.

Устод М. Шакурӣ боз як асари бунёдие бо номи “Забони мо ҳастии мост” [311] ба нашр расонидааст. Дар ин маҷмуа мақолаҳои дар мавзуъҳои тозагии забон ва маданияти сухан, масъалаҳои худшиносию худогоҳӣ ва арҷгузорӣ ба забони миллӣ навишташудаи академик М. Шакурӣ, гирдоварӣ карда шудааст.

Ҳамин тавр, академик М. Шакурӣ дар баробари таълифи осори адабиётшиносӣ ба таҳқиқу баррасии ҷанбаҳои забоншиносӣ пардохтааст. Устод М. Шакурӣ нахуст ба баъзе китобҳову мақолаҳои забоншиносӣ тақризу назариёти хешро манзур гардонида, баъдан китобҳои “Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад” ва “Забони мо ҳастии мост” пешниҳоди аҳли мутоила намуд.

БОБИ 5. АНДЕШАҲОИ МУҲАҚҚИҚОНИ ЗАБОН ДАР СОЛҲОИ 70-УМИ АСРИ ХХ

5.1. Марҳилаи ҷамъбасти натиҷаҳои пажуҳиш ва таҳқиқи бахшҳои илмҳои забоншиносӣ

Солҳои 70-уми асри ХХ марҳилаи ҷамъбасти натиҷаҳои пажуҳишу таҳқиқи бахшҳои илми забоншиносии навини тоҷикӣ маҳсуб меёбад. Дар ин марҳилаи илми забоншиносии навини тоҷикӣ тамоми дастовардҳои муҳаққиқони забоншиноси тоҷик дар шакли дастуру китобҳои дарсии зинаҳои гуногуни таҳсил, луғату фарҳангҳо, рисолаҳои илмии ҷамъбастӣ омодаву ба нашр расонда мешаванд.

Дар ҳар марҳилаи инкишофи таърихи илми забоншиносии навини тоҷик атрофи масъалаҳои меъёри забони адабӣ, ҳусни баён, истифодаи вожаҳои иқтибосӣ, истилоҳот, риояи қоидаҳои дастури забони адабӣ, калимасозиву ибораорӣ, ҷумлабандӣ, истифодаи дурусти муродифоти луғавиву наҳвӣ, хусусиятҳои услубии воҳидҳои забон, талаффузу имло ва аломатҳои китобат мубоҳисаҳо ба вуқуъ омадаанд. Дар солҳои 70-уми асри ХХ ин гуна баҳсу андешаҳо дар саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллаҳо ба чашм мерасанд.

Дар ин бобат мақолаву асарҳои зиёди донишмандони суханшиноси навини тоҷик ба мисли М. Шукуров, Н. Маъсумӣ, Р. Ҳошим, Т. Зеҳнӣ, Р. Ғаффоров, Ш. Рустамов, Э. Муллоқандов, Ғ. Ҷӯраев, Б. Камолиддинов, С. Ҳалимов ва дигарон ба табъ мерасад, чунончӣ: “Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад” [319]-и М. Шукуров, “Дар боби ҳусни сухан” [357]-и Р. Ғаффоров, “Чанд мавриди эзоҳталаб дар тарзи баён” [398]-и Ғ. Ҷураев, “Ҳусни забон ва талаби замон” [378]-и Э. Муллоқандов.

Бояд гуфт, ки дар аксар мақолаҳои чопшуда иллати ғалатнависӣ ва риоя нашудани ҳусни баён, огоҳии дурусту комил надоштани баъзе аз забоншиносон аз асосҳои дастури забон таъкид шудааст.

Дар даҳсолаи 70-уми асри ХХ ба таҳқиқу баррасии масъалаҳои дастури забони адабии тоҷик ва луғатшиносӣ низ диққати ҷиддӣ дода мешавад, ки

дар натиҷа илми забоншиносии навини тоҷикӣ дар ин давра, яъне солҳои 70-уми асри XX хеле пеш меравад.

Муҳаққиқони забоншиноси тоҷик оид ба бахшҳои гуногуни забоншиносии навини тоҷик дастуру китобҳои дарсӣ, мақолаву рисолаҳои илмӣ таълиф намудаанд. Дар ин давра омузиши муқоисавии масъалаҳои гуногуни забоншиносии тоҷик низ ривоҷ мегирад. Соли 1970 дар Душанбе конференсияи байналмилалии илмии байнидонишгоҳии филологияи эронишиносӣ баргузор мегардад, ки дар он оид ба масъалаҳои забони тоҷикӣ маърузаҳо шунида мешавад. Аз ҷумла: В. И. Абаев “Таджикское “Olufra,” Д. Тоҷиев “Калимаҳои ҳамнисбат дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ”, Г. Зариназаде “Сравнение “Сихах-ал-Аджам” и “Сихах-ал-Фурс”, Б. Ниёзмуҳаммадов “Дар бораи ҷумлаҳои пайрави чида”, В.А. Капранов “О некоторых особенностях персидско-таджикской лексиографии в Индии X-XIX вв”, Д. Карамшоев “О диалектном членении шугананского языка”, С. Ҳалимов “Дар бораи сифатҳои сохта ва мураккаби умумиҷузъ ва ё ҳамкомпонент”, Ҳ. Маҷидов “Сабабҳои бавуҷудоӣ, роҳҳои ташаккул ва инкишофи минбаъдаи воҳидҳои фразеологии феълии забони ҳозираи тоҷик”.

Дар нимаи аввали солҳои 70-ум дар баробари насли калонсоли забоншиносон як зумра ҷавонон низ зери роҳбарии устодони таҷрибадор ба таҳқиқи мавзуъҳои мухталифи забоншиносӣ машғул мешаванд. Ин муҳаққиқони ҷавон аз натиҷаи пажуҳиши худ мақолаҳо навишта, дар маҷмуаҳои дастҷамъӣ ба нашр мерасонанд. Дар солҳои 70-ум чандин маҷмуаи мақолаҳои муҳаққиқони ҷавони забоншинос ба табъ расидааст, ки намунаи мақолаҳои онҳо ин аст: Ш. Кабиров “Ҷумлаҳои беаъзо дар забони адабии ҳозираи тоҷик” [110], Ҳ. Талбакова “Истеъмоли калимаҳои ифодакунандаи касбу ҳунар (дӯзандагӣ) дар “Маъвои дил”-и Р. Ҷалил” [256], К. Қаландаров “Ташаккул ва такомули ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии тоҷик” [126], К. Қурбонов “Як типи нави ҷумлаи пайрав дар забони адабии ҳозираи тоҷик” [139], А. Солиев “Доир ба ибораҳои номии пешояндӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик” [248].

Ҳамин тариқ, дар солҳои 70-ум як зумра забоншиносони тоҷик ба монанди Т. Зеҳнӣ, Р. Ҳошим, Б. Ниёзмуҳаммадов, М. Исматуллоев, Д. Тоҷиев, Н. Маъсумӣ, Р. Ғаффоров, А. Халилов, Р. Х. Додихудоев, А. Каримов, А. Мирзоев, Ш. Рустамов, С. Хушенова, М. Эшниёзов, Б. Сиёев, С. Ҳалимов, Х. Ҳусейнов, М. Қосимова, С. Раҳматова, Ҳ. Маҷидов, Т. Хаскашов, М. Муҳаммадиев, Б. Камолиддинов, Ҳ. Раупов, Н. Шарофов, Т. Мақсудов, А. Абдуқодиров, С. Атобуллоев ва Ф. Зикриёев ба таҳқиқу ҷамъбасти масъалаҳои мубрами забоншиносӣ машғул шуда, осори гаронарзише ба ҷой гузоштанд.

Ин марҳила давраи рушду такмили илми забоншиносии аҳди шуравии тоҷик маҳсуб меёбад. Аз як тараф, масъалаҳои камтаҳқиқшуда таҳқиқи ниҳоӣ мешуданд, аз тарафи дигар, масъалаҳои таҳқиқшуда ҷамъбасту натиҷагирӣ карда мешуд. Аз натиҷаҳои таҳқиқи дастҷамъона тарҳи лоиҳаи “Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик” барои нашри академӣ сохта мешавад.

Доир ба қисматҳои гуногуни забоншиносии тоҷик асарҳои алоҳида ба нашр мерасанд. Дар бахши лексикаи забони адабии тоҷик асари соли 1972 Н. Шарофов бо номи “Калимаҳои русию интернатсионалӣ дар забони адабии тоҷик” [310] ба табъ мерасад, ки дар он оид ба роҳҳои инкишофи лексикаи забони адабии тоҷик дар замони шуравӣ, қабули калимаҳои русию интернатсионалӣ, хусусиятҳои фонетикии баъзе калимаҳо, мавқеъ ва саҳми калимаҳои русию интернатсионалӣ дар калимасозӣ андешаҳои муаллиф баён гардидааст. Дар асар ҳамчунин, роҳҳои дар луғатҳои дузабона овардани калимаҳои русию интернатсионалӣ нишон дода шудааст. Доир ба таърихи фарҳангнигорӣ асари Ҳ. Рауфов соли 1972 бо номи “Фарҳанги ҷаҳонгирӣ” – ҳамчун сарчашмаи лексикаграфияи тоҷикӣ форсӣ” [221] ба нашр мерасад.

Дар боби сарф дар ин давра, махсусан, асарҳои профессор Ш. Рустамов: “Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик” [237], “Таснифоти ҳиссаҳои нутқ ва мавқеи исм” [238], “Исм” [239], ки доир ба

арзиши забоншиносии онҳо дар фасли алоҳида сухан хоҳем ронд, мавқеи муҳим доранд.

Дар бахши наҳви забони тоҷикӣ асару мақолаҳои профессор Д. Тоҷиев нақши муҳим дорад, ки оид ба мақоми ӯ дар фасли алоҳида таваққуф хоҳем кард.

Дар боби наҳви забони тоҷикӣ дар ин марҳилаи рушди забоншиносии навини тоҷикӣ чандин асарҳои дигар низ навишта шудаанд, масалан, доир ба ибораҳои озоди наҳвӣ асари бунёдии Абдусаттор Мирзоев “Ибораҳои феълии замонӣ дар забони адабии тоҷик” [168], С. Абдураҳимов “Ибораҳои исмӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик” [28], М. Акрамов “Ибораҳои сифатӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик” [2], С. Раҳматова “Воҳидҳои хулосакунанда дар забони адабии ҳозираи тоҷик” [229]. Доир ба фразеология соли 1971 рисолаи илмӣ-назариявии С. В. Хушенова бо номи “Изофетные фразеологические единицы таджикского языка” [293] ва дар бахши таърихи забон соли 1972 дастури А. Каримов “Предлог APAR в среднеперсидском языке” [117] чоп мешаванд.

5.1.1. Додоҷон Тоҷиев ва нақши ӯ дар таҳқиқи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ

Фаъолияти илмии Д. Тоҷиев аз охирҳои солҳои 40-ум ва ибтидои 50-уми асри XX шуруъ шуда, то аввалҳои нимаи дуюми солҳои 80-ум давом кардааст. Ин муҳаққиқ дар солҳои аввали фаъолияташ оид ба ҳамаи бахшҳои забоншиносӣ асару мақолаҳои илмӣ таълиф намудааст, зеро ин талаботи замона буд, аммо аз нимаи дуюми солҳои 60-ум диққати ӯро, асосан, масъалаи наҳви ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ҷалб намуд.

Профессор Д. Тоҷиев дар таҳқиқи бунёдии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ нақши бисёр муҳиму боарзиш дорад. Ӯ то ба нашр расонидани рисолаи илмии пурмуҳтавои худ “Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони ҳозираи тоҷик” [262] чандин мақолаву маъруза ва дастуру китобҳо дар боби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ манзури хонандагону муҳаққиқон намуда, дар

конференсияҳои сатҳҳои гуногун оид ба хусусиятҳои сохториву маъноии ин воҳиди наҳв маърузаҳо ироа кардааст. Соли 1966 асари ӯ “Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиба” [252] ба табъ мерасад, ки дар шинохти ин қолаби ҷумлаи мураккаби тобеъ дастури роҳнамо ба шумор мерафт. Профессор Д. Тоҷиев дар масъалаи таснифу гурӯҳбандии анвои ҷумлаи пайрав саҳми воситаҳои алоқаро бисёр муҳим медонад, бинобар ӯ ба таҳқиқи воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои пайрав ба сарҷумла чанд сол ҷиддӣ машғул мешавад ва натиҷаҳои пажуҳиши хешро ба сурати бисёр пухтаву мантиқӣ, бе суханпардозиву лафзбозӣ, ки баъзан дар қисме аз таҳқиқҳо ба чашм мерасад, арзишу саҳми воситаҳои алоқаи дастурии ҷумлаҳои пайравро ба сарҷумла дар рисолаи “Воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик” [261] бисёр мушикофона нишон медиҳад. Ин донишманд ба мақсади дар сатҳи ҷаҳон шиносонидани наҳвшиносон соли 1971 мақолае дар конференсияи байналмилалии “Теоретические проблемы синтаксиса современных индоевропейских языков” (Тезиси докладов).-Л., 1971, с. 45-46 чоп мекунад. Баъдтар матни пурраи мақолаи ӯ соли 1975 дар китоби “Теоретические проблемы синтаксиса современных индоевропейских языков” бо номи “О парадигматике таджикского гипотаксиса” [254] чун беҳтарин маърузаи назариявӣ чоп карда мешавад. Дар маъруза профессор Д. Тоҷиев бо бисёр наҳвшиносони машҳури рус оид ба омилҳои пайдоиши шаклҳои парадигматикии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ баҳс мекунад. Ҳамчунин, муҳаққиқи шинохтаву борикназар дар маҷаллаи бисёр бонуфузи забоншиносӣ “Вопросы языкознания”, мақолаи назариявие бо номи “Проблема изучения сложноподчиненного предложения” [255] ба табъ мерасонад ва бо ҳамаи ин ӯ ба муҳиммии мавзуи таҳқиқи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забоншиносии навини тоҷик башорат дода, сипас натиҷаҳои бадастовардаашро дар шакли рисолаи докторӣ ҷамъбаст намуда, бомуваффақият дифоъ мекунад, ки соли 1981 аз тариқи нашриёти “Дониш” чоп мешавад. Нашри ин рисолаи наҳвшиноси борикназар дар илми забоншиносии навини тоҷик як дастоварди азим маҳсуб меёфт.

Дар ин рисола дар асоси дастовардҳои навтарини забоншиносии рус ва ҷаҳон назарияи сохториву маъноии шинохти ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави ҳол таҳқиқи бунёдӣ ва густурда шудааст.

Аммо масъалаи таҳқиқи яклухти ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави ҳол зарур буд, чун ки дар таҳқиқоти пештар анҷомдодашуда меъёри ягонаи таҳқиқ комилан шакл нагирифтааст.

Дар баъзе таҳқиқотҳо ҳоло ҳам такя ба усули қиёсан ба аъзоҳои ҷумлаи сода баррасӣ шудани ҷумлаҳои пайрав мушоҳида мешуд, омилҳои сар задани шаклҳои парадигматикии ҷумлаҳои пайрав равшану саҳеҳ муайян карда нашуда буд. Ҳодисаи сермаъноии ҷумлаҳои пайрав ва омилҳову сабаҳои он ошкор карда нашуда буданд. Ин ҳама як таҳқиқи бунёдиву густурдаро талаб мекарданд. Аз ин ҷиҳат профессор Д. Тоҷиев баҳри ҳалли масъалаҳои мубрами ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забоншиносии навини тоҷикӣ дар асоси маводди фаровон ин рисолаи бисёр арзишмандро таълиф намуданд, ки дар забоншиносии навини тоҷикӣ ҷойгоҳи хос пайдо кард.

Сохтору мундариҷаи рисолаи профессор Д. Тоҷиев “Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик” [262] хеле қавӣ ва мантиқӣ тарҳрезӣ шудааст, ки барои назария ва амалияи наҳви забони тоҷикӣ аҳаммияти бузург дорад. Рисола аз муқаддима, 4-боб, хулоса таркиб ёфтааст. Дар муқаддимаи рисола муаллиф ба сурати муъҷаз оид ба муҳиммии мавзуъ, дараҷаи омузиш, манбаву сарчашмаҳо, ҳолату вазъи таҳқиқи он дар забоншиносии тоҷик ва форс маълумот дода таъкид менамояд, ки “Ҳоло дар забоншиносии советӣ (собиқ Иттиҳоди шуравӣ-Ҳ. В.) аз рӯйи сохт ва маъно тасниф кардани ҷумлаҳои мураккаби тобеъ беш аз пеш вусъат меёбад. Дар ин соҳа олимони забоншинос таснифоти нав пешниҳод карда, хусусиятҳои муҳимми ҷумлаҳои мураккаби тобеъро қайд кардаанд. Ба ҳар ҳол таснифоти қатъии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ҳануз вуҷуд надорад. Бесабаб нест, ки ин проблема дар конференсияҳои илмии умумииттифоқӣ ва конгрессҳои байналхалқӣ муҳокима мешаванд. Мо,-таъкид кардааст профессор Д. Тоҷиев, “кӯшиш намудем, ки дар ҷараёни кор ана ҳамин масъалаҳои муҳимми

синтаксиси ҷумлаҳои мураккаби тобеъро дар асоси материали фаровони забони адабии тоҷик нишон диҳем. Интихоби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави ҳол чун мавзуи тадқиқ бесабаб нест: дар онҳо муносибатҳои маъно ва сохт, системаи воситаҳои алоқаи тобеъ, ҷиҳатҳои умумӣ ва фарқкунандаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ махсусан равшан ифода мешавад” [262, с. 8].

Боби аввали рисолаи Д. Тоҷиев ба масъалаҳои назариявии ҷумлаи мураккаби тобеъ бахшида шудааст. Муаллиф дар шинохти ҷумлаи мураккаби тобеъ чунин қазоват кардааст: “Ҷумлаҳои содаи алоҳида (хоҳ сарҷумла, хоҳ пайрав) дар таркиби ҷумлаҳои мураккаб мустақилияти маъно ва интонатсионии худро аз даст дода, ба як ифода табдил меёбанд. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар давоми инкишофи забони адабии тоҷик ба шакл даромада, дорои ягонагии маъно, сохт ва интонатсия гардидаанд” [262, с. 10].

Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки Д. Тоҷиев дар забони форсии қадим ва Авесто вохӯрдани ҷумлаҳои мураккаби тобеъро таъкид карда, таърихи баъзе пайвандакҳои тобеъкунандаро низ нишон медиҳад, ки барои назарияи ҷумлаи мураккаби тобеъ хеле муҳим аст. Дар он замон, – таъкид менамояд профессор Д. Тоҷиев, барои ифодаи алоқаи тобеъ якчанд пайвандаки тобеъкунанда низ буданд, ки ба ҷонишини нисбӣ ё нисбӣ-ишоратӣ ва суффиксҳои зарфӣ кор фармуда мешуданд. Бояд қайд кард, ки баъзе аз пайвандакҳои тобеъкунанда вобаста ба сиғаи феъл сермаъно буданд. Масалан, як пайвандаки тобеъкунандаи забони Авесто (йат) маънои замон, сабаб, мақсад, натиҷа ва ғайраро ифода карда метавонист. Дар забони ҳозираи адабии тоҷик пайвандаки “ки” вазифаҳои худро васеъ карда, ҳамаи ҷумлаҳои пайравро ба сарҷумла тобеъ мекунад.

Масъалаи дигаре, ки дар ин боб матраҳ гардидааст ва муҳимтарину душвортарин мавзуъҳои наҳви ҷумлаҳои мураккаб ба шумор рафта, то таълифи ин асари Д. Тоҷиев ҳеҷ кадоме аз забоншиносони тоҷик ба сурати алоҳида ва махсус ба он даст назадааст, масъалаи сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ мебошад. Хушбахтона, дар ин

асари бунёдӣ наҳвшиноси ҳирфаӣ Д. Тоҷиев ба ин мавзуи душвору мураккаб даст зада, аз ҷумла чунин изҳори назар кардааст: “Ҷумлаҳои пайрав аз ҷиҳати сохти синтаксисӣ ва ифода баъзан ба ҳамдигар монанд шаванд ҳам, бо тобишҳои зиёди маъноӣ фарқ мекунанд. Сермаъноии онҳо ба маъно ва вазифаҳои пайвандакҳои тобеъкунанда ва калимаҳои ҳамнисбат, ба ифодаи хабар ва мутобиқати шаклҳои гуногуни феъл, ба муносибатҳои маънои асосӣ ва иловагӣ, хусусиятҳои интонатсионӣ ва ҷойи ҷумлаҳои пайрав вобаста аст” [262, с. 87].

Бинобар ин, хелҳои гуногуни ҷумлаҳои пайрави забони тоҷикӣ бо ҳамдигар маъно ва тобишҳои гуногуни маъноӣ дошта бошанд ҳам, мо онҳоро танҳо аз руйи маъно ба як навъи ҷумлаи пайрав дохил карда наметавонем. Дар ин сурат ҷиҳати сохт ва тарзи ифодаи онҳо муҳимтар аст.

Барои исботи фикр чанд мисол: 1. Вай дастархонро ба зери санги дастос гузошта, гандуми донашударо ба сурохии миёнаи вай рехта, чарх занонидан гирифт, ки даме нагузашта аз байни сангҳо берун рехтани ҳома сар шуд [332, с. 86]. 2. Рафта-рафта дасти коргарон он қадар суст шуд, ки пунбадонаи тирхоидаро бо ду-се пас гардондан ҳам гузаронида наметавонистанд [332, с. 213]. 3. Шарофатхола бо қаҳру ғазаб фарёд карда, духтарашро коҳиш додан гирифт, ба тавре ки бачаҳо бедор шуда гиря бардоштанд [350, с. 128].

Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеи боло ҷумлаҳои пайрав маънои натиҷаро мефаҳмонад, вале ҳамаи онҳоро ба ҷумлаи пайрави натиҷа дохил карда наметавонем, зеро маънои натиҷа дар аксари ҷумлаҳои пайрави мазкур асосӣ нест. Онҳо аз руйи сохт ва воситаҳои алоқаи тобеъкунанда ба хелҳои гуногуни ҷумлаҳои пайрав дохил мешаванд. Сохти ҷумлаҳои пайрав, калимаҳои ҳамнисбат, мутобиқати шаклҳои феълӣ, ҷойи онҳо, инчунин аъзоҳое, ки ҷумлаҳои пайрав бар эзоҳашон омадааст, талаб мекунанд, ки онҳо ба хелҳои мухталифи ҷумлаҳои пайрав дохил шаванд. Дар ҷумлаи мураккаби аввал ҷумлаи пайрав аслан натиҷа аст. Дар ҷумла мутобиқати шаклҳои феълӣ махсусан муҳим аст. Дар ҷумлаи мураккаби тобеи дуюм

ҷумлаи пайрави миқдору дараҷаро мушоҳида мекунем, ки тобиши маънои иловагии натиҷаро медиҳад. Дар ин ҷумла калимаи ҳамнисбати «он қадар» типи ҷумлаи пайравро муайян мекунад. Дар ҷумлаи мураккаби тобеи сеюм ҷумлаи пайрави тарзи амалро мебинем, ки маънои натиҷаро ҳам мефаҳмонад. Пайвандаки «ба тавре ки» ба ҷумлаи пайрави тарзи амал мансуб аст» [262, с. 21].

Дар воқеъ, барои муайян намудани маънои асосӣ ва иловагии ҷумлаҳои пайрав ҳар як калима, таркиб ва ибораи таркиби сарҷумла ва ҷумлаи пайрав; пайвандакҳо, калимаҳои ҳамнисбат, мутобиқати шаклҳои феълӣ-хабари сарҷумлаю ҷумлаи пайрав, калимаву таркибҳои ишоракунанда саҳм дошта метавонанд.

Аз ин рӯ, дар таъин намудани хели ҷумлаи пайрав ва ҷудо кардани маънои асосӣ ва иловагии ҷумлаи пайрав ҳам ҷиҳати маъноӣ, ҳам сохтори сарҷумлаву ҷумлаи пайравро дар якҷоягӣ бояд ба назар гирифт.

Профессор Д. Тоҷиев дар асоси мисолҳои мушаххас таъкид менамояд, ки ҳатто як ҷумлаи пайрав метавонад чанд маънои иловагӣ дошта бошад. Пас аз ин муаллиф дар 21 банд тобишҳои иловагии ҷумлаҳои пайрави забони тоҷикиро нишон додааст, ки барои таҳқиқи яклухту бунёдии ин мавзуъ заминаи асосӣ маҳсуб меёбад.

Муҳаққиқ дар хотимаи боби якуми рисола хулосаи зеринро пешниҳод кардааст, ки аҳаммияти назариявӣ дорад: “Хулоса, ҳамаи масъалаҳои зикршуда талаб мекунад, ки ҷумлаҳои мураккаби тобеъ аз рӯйи муносибатҳои сохт ва маънои сарҷумла ва ҷумлаи пайрав тасниф карда шаванд, зеро мафҳумҳои сохт – структура ва маъно – семантика, ҳамаи ҷиҳатҳои ҷумлаҳои мураккаби тобеъро дар бар мегиранд. Ҳангоми таҳлил ва таснифи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ,-мегуяд профессор Д. Тоҷиев масъалаҳои зерин бояд ба эътибор гирифта шаванд:

1. Роли пайвандакҳои тобеъкунанда;
2. Вазифаи калимаҳои ҳамнисбат;
3. Мутобиқати шаклҳои феълӣ – хабарҳои сарҷумла ва ҷумлаи пайрав;

4. Ҷойи ҷумлаҳои пайрав;

5. Хусусиятҳои интонатсионии сохти ҷумлаи мураккаби тобеъ;

6. Муносибатҳои маънои асосӣ ва иловагии ҷумлаҳои пайрав ва сарҷумла;

7. Ба ягон аъзо, гурӯҳи аъзоҳои сарҷумла ё ин ки ба тамоми сарҷумла мансуб будани ҷумлаи пайрав [262, с. 26].

Бояд гуфт, ки меъёрҳои шинохти ҷумлаҳои пайрав, ки профессор Д. Тоҷиев пешниҳод кардааст, дар таҳқиқи минбаъдаи умумии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ва масъалаи сермаъногии ҷумлаҳои пайрав дар забоншиносии навини тоҷикӣ такони муҳим дод.

Боби дуюми рисолаи профессор Д. Тоҷиев ба таҳқиқи воситаҳои алоқа дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бахшида шудааст. Муҳаққиқ тамоми воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои пайрав бо сарҷумларо дар асоси мисолҳои фаровон нишон додааст, махсусан, оид ба пайвандакҳои муштараквазифа ва мутобиқати шаклҳои феълӣ, калимаҳои ҳамнисбат маълумотҳои наву тоза овардааст.

Боби сеюми рисола таҳқиқи яклухти хусусиятҳои сохториву маъноии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави ҳолро дар бар мегирад.

Дар ин боб муаллиф хусусиятҳои ҳар як навъи ҷумлаи пайрави ҳолро омухтаву муносибатҳои маъноӣ ва грамматикии ҷумлаи пайраву сарҷумларо муайян карда, муносибатҳои навҳӣ ва мавқеи сарҷумлаву ҷумлаҳои пайрави ҳолро муқаррар сохтааст.

Боби чаҳоруми рисола ба таҳқиқи бунёдиву густурдаи ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб бахшида шудааст. Муаллиф ба таҳқиқи ин қолаби ҷумлаи мураккаби тобеъ ҳанӯз аз ибтидои солҳои 60-ум машғул шуда, натиҷаҳои пажуҳиши хешро соли 1966 дар шакли китобчаи алоҳида бо номи “Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиба” [259] ба табъ мерасонад.

Дар ин боби рисола дар асоси таҳлили муфассали сохти синтаксисии навъҳои гуногуни ҷумлаи мураккаби тобеъ бо якчанд ҷумлаи пайрав, сарҷумла ва ҷумлаҳои пайрави он, муносибатҳои маъноӣ ва грамматикӣ,

воситаҳои алоқаи синтаксисӣ ва инчунин мавқеи сарҷумла ва ҷумлаҳои пайрав муайян карда шудааст.

“Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо якчанд ҷумлаи пайрав ду хел мешавад,- мегуяд муҳаққиқ:

А) Ҷумлаҳои мураккаби тобее, ки ҳамаи ҷумлаҳои пайрави онҳо фақат бо сарҷумла тобеанд. Онҳо ҷумлаҳои ҳампайрав ҳисоб мешаванд.

Б) Ҷумлаҳои мураккаби тобее, ки як ё якчанд ҷумлаҳои пайрави онҳо тобеи сарҷумла буда, ҷумлаҳои пайрви дигарашон ба ҷумлаҳои пайрави гуногун тобеъ мешаванд. Дар ин сурат ҷумлаҳои пайрави паёпай ё дараҷагӣ ба вуҷуд меояд” [259, с. 77].

Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои ҳампайрав, чунон ки муҳаққиқ таъкид менамояд, ба ҷумлаҳои ҳампайрави чида ва ҳампайрави ғайричида ҷудо мешаванд. Агар ягон хели ҷумлаҳои пайрав аз рӯйи хусусиятҳои синтаксисӣ ба як аъзо ё тамоми сарҷумла тобеъ гардида, онро аз як ҷиҳат эзоҳ диҳад, ба як савол ҷавоб шавад ва байни ҳамдигар алоқаи пайваст дошта бошад, ҷумлаҳои ҳампайрави чида мешаванд. Ба андешаи муаллиф дар ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркибае, ки ҷумлаҳоии пайрави чида доранд, ду алоқаи синтаксисӣ мушоҳида мешавад: байни ҷумлаҳои ҳампайрави чида алоқаи пайваст, дар муносибати ҷумлаҳои ҳампайрави чида бо сарҷумла алоқаи тобеъ. Аммо дар ин ҷумлаҳо алоқаи тобеи синтаксисӣ асосӣ аст.

Пас аз ин маълумоти назариявӣ ҷумлаҳои мураккаби зеринро чун мисол овардааст:

1. Азбаски дар канори рӯд дарахтони тут сабзида буданд ва ҳар ҳафта ё понздаҳ рӯз аз рӯд об мегузашт, бошишгоҳи ман дар шароити он вақтаи Бухоро манзараи хубе буд [331, с. 321].

2. Мехоҳад, ки дар қишлоқи ӯ низ хоҷагии деҳқонӣ ташкил шавад, корҳои кишту кор ва деҳқонӣ равнақ ёбад, мардум аз бечорагӣ ва ақибмонӣ халос шаванд [350, с. 197].

Дар воқеъ дар ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиби якум ду ҷумлаи пайрави сабаб ба воситаи пайвандаки “азбаски” ба як сарҷумла тобеъ шуда,

ба як савол ҷавоб мешаванд. Агар ин ҷумла дар шакли нақша тасвир карда шавад, чунин аст: Ҷадвали 5.



Дар ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиби дуюм се ҷумлаи пайрави пуркунанда ба хабари сарҷумла ба воситаи пайвандаки “ки” тобеъ шудааст. Агар ин ҷумларо ба сурати нақша тасвир кунем, ин тарҳро мегирад:

Ҷадвали 6.



Агар дар ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиба ҷумлаҳои пайрави хелҳои гуногун тобеи як сарҷумла ё ягон аъзои он шавад, ё ин ки як хели ҷумлаи пайрав ба аъзоҳои мухталифи сарҷумла тобеъ шуда бошад, ҷумлаҳои ҳампайрави ғайричида ҳисоб мешаванд, бинобар ин ҷумлаҳои ҳампайрави ғайричида ду хел мешаванд: ғайричидаи ҳархела ва ғайричидаи якхела.

Хулоса, ин асари забоншиноси нозукбину соҳибистеъдод, ки табиатан наҳвшинос буд, бо таълифи асаре, ки мо ба сурати бисёр фишурда муҳтавои онро нишон додем, дар наҳвшиносии давраи навини тоҷик саҳми беандоза бузурге гузоштааст ва барои таҳқиқи баъзе ҷумлаҳои пайрави наомухташуда

ё кам таҳқиқшудаи сохти наҳвиёти забони адабии тоҷик заминаи устувор гузоштааст.

Аз ибтидои солҳои 70-уми асри XX як зумра забоншиносони ҷавони тоҷик бо таъсир ва баҳрабардорӣ аз афкори забоншиносии профессор Д. Т. Тоҷиев, хусусан, назариёти ӯ дар боби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ба таҳқиқу баррасии баъзе аз ҷумлаҳои пайрав пардохтанд. Масалан, забоншиноси хушсалиқа С. Атобуллоев оид ба ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави мубтадо ва хабар дар шакли рисолаи илмӣ дар шакли китоби алоҳида бо номи “Ҷумлаҳои пайрави мубтадо ва хабар дар забони адабии тоҷик” [31] ба нашр мерасонад.

Дигар аз муҳаққиқоне, ки дар ин давра ба таҳқиқи ҷумлаи пайрави тарзи амал ва монандӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик машғул гардида, якчанд мақола оид ба ин мавзуъ таълиф намудааст, Ф. Зикриёев мебошад, ки натиҷаҳои таҳқиқи худро соли 1977 дар шакли рисолаи илмӣ бо номи “Ҷумлаҳои пайрави тарзи амал ва монандӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик” [100] ба нашр мерасонад.

Муҳаққиқи дигаре, ки дар боби ҷумлаҳои мураккаб пажуҳиш анҷом додааст, К. Қаландаров мебошад. Ӯ то ҷамъбасти таҳқиқи худ дар маҷаллаву маҷмуаҳои илмӣ мақолаҳои зеринро ба табъ мерасонад: “Ташаккул ва такомули ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии тоҷик (асрҳои X–XIX)” [126]; “Ҷумлаи пайрави шартӣ дар “Бадоеъ-ул-вақоеъ” [360]-и Восифӣ; “Ҷумлаи мураккаби омехта [361]. К. Қаландаров соли 1977 натиҷаҳои таҳқиқи худро бо номи Сложноподчиненные предложения в таджикском литературном языке XV-XVI вв (На основе материала «Бадаи ал-вакаи» Восифи)дар шакли рисолаи номзадӣ дифоъ менамояд.

Дар монографияи Кароматулло Қаландаров “Ташаккул ва такомули ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии тоҷик (асрҳои X-IX)” масъалаҳои душвори наҳви забони тоҷикӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Муҳаққиқ дар ин асар як давраи калони таърихи забони адабии

тоҷик - ташаккул ва такомули ҷумлаҳои мураккаби тобеъро дар асрҳои X-IX таҳқиқ намудааст.

Асари мазкур аз 3 боб иборат буда, дар боби якум оид ба “Роҳҳои асосии ташаккули ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони тоҷикӣ” (асрҳои X-IX), боби дуюм роҷеъ ба ҷумлаи пайрави хабар, муайянкунанда ва пуркунанда маълумот дода мешавад. Дар боби сеюм ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави ҳол таҳқиқ шудааст.

Дар хулосаи асар муҳаққиқ назару андеша ва бардоштҳои худро оид ба мавзуи матраҳшуда дар 10-банд натиҷагирӣ кардааст.

Дар боби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ боз чанд нафар аз ҷавонони ҷӯйандаву хушсалиқаи дигар дар ҳамон солҳои 70-уми асри XX таҳти роҳнамоиву ҳидоятҳои профессор Д. Тоҷиев ба таҳлилу омӯзиш ва таҳқиқи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ шуруъ менамоянд. Масалан, Раҷаб Асоев ба таҳқиқи ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа машғул шуда, аз натиҷаҳои таҳқиқи худ мақолаҳои зеринро манзур мегардонад: “Ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа бо маънои иловагии шарт” [354]; “Ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа ё натиҷа?” [355].

Ба таҳқиқи ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави муайянкунанда таҳти роҳбарии профессор Д. Тоҷиев дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Д. Хоҷаев машғул гардида, дар ин боб мақолаҳои зерин ба табъ мерасонад: “Калимаҳои ҳамнисбат ва ҷумлаи пайрави муайянкунанда” [392]; “Тобишҳои маънои иловагии ҷумлаи пайрави муайянкунанда» [392]; “Як хели ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар “Ғуломон”-и устод Айнӣ” [277]; “Таълими ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар синфи VIII» [394] ва ғ.

Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забони адабии ҳозираи тоҷик Д. Хоҷаев таҳқиқи ниҳоии ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави муайянкунандаро ба сифати рисолаи номзадӣ “Сложноподчиненные предложения с придаточными определительными в современном таджикском литературном языке” [274] дифоъ менамояд. Баъдтар дар шакли китоб бо номи “Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забони

адабии ҳозираи тоҷик” [287] рӯйи чоп меояд Д. Хоҷаев таҳқиқро боз дар бахши таърихи забон ва афкори забоншиносӣ идома дода, асарҳои зиёди бунёдӣ таълиф менамояд. Аз ҷумла, “Ташаккул ва таҳаввули илми забоншиносии форсу тоҷик дар асрҳои миёна” [278]; “Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X–XVI” [285]; “Таърихи афкори забоншиносии тоҷик” [289]; “Афкори забоншиносии устод Айнӣ дар таҳқиқи Сайид Ҳалимиён” [290]. Ҳамчунин дар навиштани китоби дарсии “Забони тоҷикӣ” барои синфи 9 [288] саҳмгузор аст.

Дар давоми солҳои 70-уми асри XX оид ба ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб забоншинос М. Набиев якчанд мақола ба нашр расонидааст, чунончи: “Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави якхелаи ғайричида” [379]; “Чор қолаби синтаксисӣ бо ҷумлаҳои пайрави якхелаи ғайричида” [380]. Натиҷаҳои таҳқиқи худро Муродалӣ Набиев дар шакли рисолаи номзадӣ ҷамъбаст карда, соли 1979 бо номи “Сложноподчиненные предложения усложнённого типа в современном таджикском литературном языке” [178]” дифоъ менамояд.

Хулоса, профессор Д.Т. Тоҷиев дар илми забоншиносии навини тоҷикӣ дар ҳама бахшҳои он таълифоти мондагор анҷом додааст, алалхусус, назари амиқу фарохи ин донишманд дар бахши наҳвшиносӣ ба шинохти махсусан наҳви ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар сатҳи забоншиносии собиқ Иттиҳоди шуравӣ ва ҷаҳон муҳокима ронда, масъалаҳои назариявии ин боби наҳвро пешниҳоду баррасӣ намудааст.

5.1.2. Раззоқ Ғаффоров ва масъалаҳои таҳқиқи шевашиносӣ

Дар солҳои 50-60-уми асри XX забоншинос Р. Ғаффоров, асосан, ба таҳқиқи забон ва услуби адибон ва масъалаҳои маданияти нутқ машғул шуда, чандин китобу рисола ва мақолаҳои зиёде ба табъ расонидааст.

Аз ибтидои солҳои 70-уми асри XX диққати ин донишманди пуркорро таҳқиқи бунёдии сохти наҳвиёти шеваҳои тоҷикӣ ба худ ҷалб менамояд. Ӯ ин масаъаларо дар асоси муқоисаи ҷумлаи сода дар гуйишҳои тоҷикӣ ба нақша

мегирад ва пас аз гирдоварии маводди фаровон ба таҳқиқи густурдаи ин масъала машғул гардида, натиҷаҳои пажуҳиши худро дар охири солҳои 70-ум ба сифати рисолаи докторӣ пешниҳод ва дифоъ мекунад.

Аз адабиёти илмии марбут ба шевашиносии тоҷик маълум мегардад, ки аз ибтидои омузишу таҳқиқи шеваҳои тоҷикӣ то солҳои 60-уми асри XX муҳаққиқон гуйишҳои алоҳидаро ба таҳқиқ гирифтаанд ва шуруъ аз солҳои 50-ум таҳқиқи монографии баъзе шеваҳо шуруъ мешавад. То ибтидои солҳои 60-уми асри XX оҳиста-оҳиста методу усулҳои таҳқиқ қавӣ гардида, методи таҳқиқи муқоисавӣ низ шакл мегирад. Дар ин бобат Р. Ғаффоров дар муқаддимаи рисолаи худ чунин таъкид кардааст: “Дар соли 1964 В.С. Расторгуева асари худ “Опыт сравнительного изучения таджикских говоров” [219]-ро ба нашр расонд. Асари мазкур ба тариқи чашмрас аз тамоми асарҳои таҳқиқии соҳаи диалектологӣ фарқ менамояд [358, с. 3].

Албатта, чунонки худи муаллиф низ таъкид кардааст, ин асар барои минбаъд ба тариқи муқоисавӣ таҳқиқу омузиши шеваҳои тоҷикӣ асос гузоштааст.

Бояд гуфт, ки қисми асосии рисолаи Р. Ғаффоров ба таҳқиқи синтаксиси ҷумлаи сода дар гӯйиши ҷанубӣ тоҷикӣ бахшида шудааст, ки соли 1979 ин қисмат бо номи “Синтаксиси ҷумлаи сода” (Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ) [67] чоп мешавад. Дар ин қисмати рисола масъалаҳои зерин: тафовут дар сохтори ибораҳо; тафовутҳои шевагӣ дар шакли (сохтори) хабар; хабарҳои феълии сода, тафовут дар хабарҳои феълии сода, ки бо феълҳои сода ва таркибӣ ифода ёфтаанд, тафовутҳои диалектологӣ дар хабарҳои содаи феълии мураккабсохт; хабарҳои таркибӣ; шаклҳои асосии хабарҳои номӣ, тафовути диалектологӣ дар истифодаи мухобиротии сифати феълӣ; ифодаи хабар бо шакли сифати феълии замони гузашта бо-гӣ, ифодаи хабар бо шакли сифати феълии замони ҳозира, ифодаи хабар бо шакли замони ояндаи сифати феълӣ, хабарҳои мураккабсохти бо сифати феълӣ ифода ёфта; тафовутҳо дар шаклгирии пуркунандаҳои гуногун, пуркунандаи бевосита; пуркунандаи бавосита; тафовутҳои диалектологӣ дар ифодаи

ҳолшарҳкунандаҳо (ҳоли макон, замон, сабаб, мақсад, тарзи амал, миқдору дараҷа, монандӣ. хилофӣ) ва тафовутҳо дар сохтори ҷумла хеле муфассал баррасӣ шудаанд.

Боби аввали рисолаи Р. Ғаффоров аз шарҳу тавзеҳҳои ибора дар гӯйиши шеваи ҷануб шуруъ мешавад. Муҳаққиқ таъкид менамояд, ки дар гӯйиши шеваи ҷануб мисли гӯйиши дигар шеваҳои тоҷикӣ ва забони адабии тоҷик ҳамаи хелҳои ибораҳо дида мешавад. Аммо тафовут низ ба назар мерасад. Ин тафовут, асосан, дар сохтори воситаҳои алоқа, дараҷаи истеъмоли он воситаҳо бештар ба назар мерасад. Дар шеваи ҷануб ин тафовутҳо бештар дар созмондиҳии ибораҳои номӣ равшан мушоҳида мешавад. Муҳаққиқ оид ба ибораҳои қолаби исм + сифат, исм + исм, ибораҳои қолаби исм + шакли феълии шахс ва сифати феълӣ ва қолабҳои фаръии онҳо бо тафсил муҳокима ронда, хулосаҳои ҷолиб баровардааст.

Боби дуюми рисолаи муҳаққиқ Р. Ғаффоров ба таҳқиқи сараъзоҳои ҷумла ва сохтори онҳо бахшида шудааст. Дар муайян намудани мавқеъ, вазифа ва хусусиятҳои дастурии сараъзоҳои ҷумла дар шеваҳои тоҷикӣ муаллиф ба манбаъҳои назариявии зиёде такя карда, асоси муқоисаи маводи шеваҳои гуногуни тоҷикӣ ва забони адабии ҳозираи тоҷик натиҷагирӣ кардааст.

Дар масъалаи ифодаи мубтадо муҳаққиқ бештар ба тафовутҳои он аз забони адабӣ диққат дода, ифодаи мубтадоро бо ҷонишинҳои шахсӣ, ҷонишинҳои номуайянӣ, ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ нишон додааст.

Ифодаи хабарҳои феълӣ дар гуйишҳои забони тоҷикӣ мувофиқи таҳқиқи муаллиф аз нигоҳи сохт ду хел мешавад: сода ва таркибӣ. Хабарҳои содаи феълӣ дар гуйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ мисли забони адабии ҳозираи тоҷикӣ хели асосӣ ва серистеъмоли хабарҳои феълӣ маҳсуб меёбад. Дар шарҳу тавзеҳи хабарҳои номӣ дар шеваи ҷануб муҳаққиқ ба масъалаи назарии ин мавзуъ, яъне ба муйянкунанда наздик будани вазифа ва муносибати дастурии хабарҳои номӣ ва ҳиссаҳои номии нутқ мувофиқат

накардани ифодаи хабарҳои номӣ дахл кардааст, ки ин масъала ба наҳви забони адабии муосири тоҷик низ дахл дорад.

Дигар масъалае, ки дар боби сараъзоҳо муаллифи рисола ба миён гузоштааст, тафовути хабарҳои феълӣ аз хабарҳои номӣ мебошад. Муҳаққиқ таъкид мекунад, ки ду хели хабарҳо – хабарҳои номӣ ва хабарҳои феълӣ аз ҳам ба таври қатъӣ фарқ доранд, чӣ аз ҷиҳати мундариҷаи наҳвӣ, чӣ аз ҷиҳати воситаҳои дастуриву ифодаашон. Аммо дар забоншиносии Эрон, аз ҷумла дар таҳқиқоте, ки ба забони тоҷикӣ ва форсӣ (саҳеҳтараш ба наҳви ҷумлаҳои содаи забони адабии тоҷику форс-Ҳ.В.) бахшида шуда нозуктарин вижагӣ ва сохтори хабарҳои феълию номӣ нишон дода нашудаанд. Дар ин замина, ба таҳқиқи номзади илмҳои филологӣ А. Эшонҷонов бо номи “Хабарҳои номӣ ва тарзи ифодаёбии онҳо дар забони адабии тоҷик” [320] ишора шуда, аз мақолаи А. Эшонҷонов иқтибос оварда шудааст, ки чунин аст: “Яке аз аломатҳои барҷастаи фарққунандаи хабарҳои феълӣ аз хабарҳои номӣ дар он аст, ки ҳангоми ба вазифаи хабар омадани феълҳо онҳо тасриф мешаванд, ки дар натиҷа ба категорияҳои шахс, шумора ва замон доро мешаванд” [320, с. 74].

Муҳаққиқ ба муҳокимаи А. Эшонҷонов эрод гирифта, ин тавр қазоват кардааст: “Маълум аст, ки хабарҳои номӣ низ аз категорияҳои грамматикии ишора шуда, дар сурати акс онҳо наметавонанд, ки маркази мухобиротии ҷумларо созмон диҳанд” [320, с. 74].

Муҳаққиқи мавзуи хабарҳои номӣ А. Эшонҷонов низ категорияи шахс, шахс, шумора ва замонро дар хабарҳои номӣ инкор накардааст. Агар шодравон бо як мақолаи А. Эшонҷонов қаноат накарда ҳамон рисолаи илмии ӯ “Хабарҳои номӣ ва тарзи ифодаи онҳо”-ро пурра аз назар мегузаронид, шояд аз ин эроди гирифтааш худдорӣ мекард.

Хулоса, рисолаи илмии забоншинос Р. Ғаффоров “Синтаксис таджикских говоров в сравнительном освещении (Простое предложение)” [58] дар шевашиносии солҳои 70-уми асри XX-и тоҷик дастоварди муҳим ба ҳисоб меравад.

5.1.3. Шарофиддин Рустамов ва таҳқиқи калимасозӣ

Мо дар боби чаҳоруми рисола осори забоншиносии марҳилаи аввали ин забоншиносро то андозае баррасӣ намудем ва таъкид ҳам кардем, ки нахустин асари таҳқиқии вай ба ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави сабаб бахшида шудааст. Аммо баъдтар диққати ин муҳаққиқро масъалаҳои сарфи забони тоҷикӣ, аз ҷумла, исм, категорияҳои он, калимасозии ин ҳиссаи мустақил ва номии нутқ ҷалб менамояд. Аз ин ҷост, ки то таҳқиқи яклухту бунёдии исм чандин мақолаҳо дар нашрияҳои мухталиф нашр менамояд, дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ бо маърузаҳо баромад карда, доираи васеи донишмандонро ба масъалаии таҳқиқи худ ошно месозад. Ин мавзуъро дар мақолаҳое чун: “Исмшавии сифат” [382]; “Калимасозии факки изофат” [383]; “Калимасозӣ ва услуб” [384] “Як қолиби калимасозии исм” [385] баррасӣ намудааст.

Бо таваҷҷуҳ ба мақолаҳои фавқ исм ҳамчун ҳиссаи мустақил ва номии нутқ дар ҳалқаи ҳиссаҳои дигари нутқ мавқеи меҳварӣ дорад ва тамоми ҳиссаҳои нутқи дигар дар атрофи он давр мезанад. Аз ин ҷост, ки омузиш, таҳқиқу баррасии ҳамаҷониба муҳаққиқро ба таҳқиқи густурдаву амиқи ин ҳиссаи нутқ водор сохт. Ӯ дар ин замина ду рисолаи илмӣ: “Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик” [237] ва “Таснифоти ҳиссаҳои нутқ ва мавқеи исм” [238]-ро навишт.

Мавсуф дар охири соли 1972 рисолаи доктории худро таҳти унвони “Имя существительное в современном таджикском литературном языке” ҳимоя кард, ки баъдтар, яъне соли 1981 бо номи “Исм” [239] ба забони тоҷикӣ нашр шуд.

Рисолаи доктории Ш. Рустамов дар сарфшиносӣ ва умуман забоншиносии навини тоҷик як дастоварди муҳим маҳсуб меёбад ва барои рушди бахши сарфшиносӣ заминаи мусоид фароҳам овард. Рисола аз муқаддима, 5 боб таркиб ёфтааст. Дар муқаддима муҳаққиқ дуруст таъкид менамояд, ки дар забоншиносии навини тоҷик ҳарчанд ки мавзуи исм ҳадафи таҳқиқу омӯзиши зиёд қарор гирифта шуда бошад ҳам, аммо бисёр

масъалаҳои печидаву душвори он ҳал нашуда мондаанд, бинобар таҳқиқи бунёдиву ҷамъбастии он зарур гардид, чаро ки исм дар паҳлуи феъл аз муҳимтарин ва асоситарин ҳиссаҳои нутқ ба шумор рафта, ду меҳвари бунёдӣ мебошанд. Дар боби якум ба масъалаи омӯзишу таҳқиқи исм дар забоншиносии тоҷик бахшида шудааст. Як навигарӣ ё бартарии андешаҳои муҳаққиқ дар он аст, ки ӯ аз таърихи таҳқиқи масъала огоҳ аст, ҳол он ки дар таҳқиқотҳои замони шуравии то ин таҳқиқи Ш. Рустамов аз қайду ишораи донишмандони асримиёнаи тоҷик дар бораи исм ё танҳо ишорае дида мешавад, ё умуман чизе гуфта нашудааст. Аммо Ш. Рустамов ба фарҳангҳои “Фарҳанги ҷаҳонгирӣ”, “Фарҳанги Рашидӣ”, “Бурҳони қотеъ”, асари ба улуми сегонаи адабӣ бахшидаи Шамси Қайси Розӣ “Ал – Муҷам” ишора карда, аз онҳо дар бораи ҷамъбандии исм бо пасвандҳои ҷамъсози “он”, “ҳо”; пасвандҳои калимасозу шаклсоз “- сор”, (-и) стон, -гон, -гор, -лох, -вор, ва ғайра намуна овардааст. Масалан, муҳаққиқ аз “ойин”-и нуҳуми “Фарҳанги ҷаҳонгирӣ” намунаҳои зеринро овардааст: -манд (хирадманд, донишманд), -ванд (Худованд), -гор (хидматгор, омузгор, созгор), -вар(тоҷвар, ҳунарвар), -ур (ганҷур, ранҷур, муздур, дастур), -лох (санглох, девлох, рудлох), -сор (намаксор, шохсор, кӯҳсор), -зор (гулзор, сабзазор),-бор (дарёбор, ҳиндбор, рудбор), -(и) стон (бистон, гулистон, сангистон), -гар (косагар, шишагар), -бон (филбон, дарбон), -вон (уштурвон, астарвон), -ор (харидор, фурухтор, рафтор, кирдор, гуфтор), -иш (дониш, омузиш).

Мутаассифона, муаллиф таърихи масъаларо аз “Фарҳанги ҷаҳонгирӣ” донистааст, ҳол он ки ин таърих боз ҳам қадимтар аст, яъне то “Фарҳанги ҷаҳонгирӣ” дар фарҳангҳои “Адот-ул- фузало”-и Қозихон Бадр Муҳаммади Деҳлавӣ (соли таълифи фарҳанг 1419), “Шарафномаи Аҳмади Мунярӣ”-и Иброҳим Қавомиддини Форуқӣ (соли таълифи луғат 1473-74), “Муайид фузало”-и Муҳаммади Лод (соли таълифи луғат 1519). Маълумоти мухтасари дастурӣ, аз ҷумла, оид ба пасвандҳои шаклсоз дида мешавад. Дар ин боби рисола Ш. Рустамов аз таърихи омузишу таҳқиқи исм дар забоншиносии форсӣ ва тоҷикӣ таваққуф намуда, андешаҳои худро оид ба арзиши он

таҳқиқот иброз намудааст, маслан, ӯ таъкид мекунад, ки дар диссертатсия аз хулосаҳои муҳаққиқони сохтори забони форсӣ: В.С. Расторгуева, Л.С. Пейсиков, Ю.А. Рубинчик, И.К. Овчиникова, Н.З. Хотамӣ, Ж. Лазар ва дигарон истифода кардааст. Профессор Ш. Рустамов таҳқиқи ҳамаҷонибаи сохти дастурии забони тоҷикиро чи дар шакли хаттию навиштӣ ва чи шифоҳиву гуфторӣ ба замони шуравӣ нисбат дода, дар ин бобат хизмати олимон – шарқшиносони русро, махсус таъкид менамояд. Ӯ дуруст таъкид мекунад, ки ба сифати як дарси таълимӣ ба барномаи мактабҳо ворид шудани фанни забони тоҷикӣ зарурияти таълифи китобҳои дарсиро аз асосҳои дастури забони тоҷикӣ ба миён гузошт. Нахустин китоби дарсӣ аз асосҳои дастури забони тоҷикӣ соли 1926 бо номи “Сарфу наҳви забони тоҷикӣ” аз ҷониби Сайидризо Ализода навишта мешавад. Дар ин китоби дарсӣ,-мегуяд Ш. Рустамов, муаллиф ба сурати фишурда ҳиссаҳои нутқи зеринро ҷудо кардааст: Исм, сифат, адад (шумора), замир (ҷонишин), феъл, зарф, адот (пешоянд), робита (пайвандак), асвод (нидо). Чунон ки аз тавзеҳи фавқ дида мешавад, муаллифи китоби дарсӣ ба анъанаи низоми дастурии забони арабӣ такя карда, истилоҳоти арабиро ба кор бурдааст. Ин гурӯҳбандии ҳиссаҳои нутқ дар китобҳои дарсии минбаъд нашршуда идома меёбад, чунончи: Вадуд Маҳмуд. Сарфи амалӣ. – Самарқанд Ташкент, 1928; Т. Зеҳнӣ. Сарфи забони тоҷикӣ. Таҷрибаи аввал. – Самарқанд – Ташкент, 1929 (Дар ин китоби дарсӣ баъзе истилоҳ иваз карда шудааст-Ҳ.В.), Т. Зеҳнӣ, Ҳ. Бақозода. Сарф. – Сталинобод-Самарқанд, 1935; Б. Ҳоҷизода, Л. Бузургзода, А. Деҳотӣ. Забони тоҷикӣ. Сарф ва наҳв. – Сталинобод, 1932; Ҳ. Бақозода. Китоби дарсии забони тоҷикӣ. Сарф ва наҳв. – Сталинобод, 1936.

Танҳо соли 1940 дар китоби дарсии “Грамматикаи забони тоҷикӣ”-и С. А. Арзуманов, Л. Бузургзода, Ҳ. Каримов ва С. Нестеренко ба низоми гурӯҳбандии ҳиссаҳои нутқи китобҳои дарсии пешин як ҳиссаи нутқи дигар – ҳиссачаҳо илова карда мешавад. Профессор Ш. Рустамов дар мисоли шарҳу тавзеҳи ҳиссаҳои нутқ ба хулосае меояд, ки дар солҳои 30-40-и асри XX сифати китобҳои дарсӣ аз забони тоҷикӣ нисбат ба солҳои 20-ум хеле беҳтар

мегардад. Воқеан дар ин солҳо зери таъсири низоми грамматикаи забони русӣ, истилоҳоти он ва усулу тартиби мураттабсозии китобҳои дарсӣ оҳиста-оҳиста, зина ба зина шакл мегирад.

Дар боби дуюми рисола Ш. Рустамов доир ба гурӯҳбандии ҳиссаҳои нутқ ва мавқеи исм дар низоми ҳиссаҳои нутқи забони тоҷикӣ сухан меронад. Ӯ дар асоси як қатор асарҳои забоншиносони рус, ки оид ба масъалаи таснифи ҳиссаҳои нутқ дар забонҳои гуногун изҳори назар кардаанд. Чунончи: Морфологическая структуратура слов в языках различных типов; Морфологическая типология и проблемы классифакации языков; Вопросы теории частей речи на материалах языков различних типов; Учение о частях речи в русской грамматической традиции; Учение акд. А. А. Шахматова о грамматических формах слов и о частях речи в современном русском языке; Из трудов А. А. Шахматова по современному рускому языку ба хулосае меояд, ки масъалаи ҳиссаҳои нутқ на танҳо дар забоншиносии навини тоҷик, балки дар тамоми забоншиносии ҷаҳон аз муҳимтарин, душвортарин ва ҳалнашудаи грамматика маҳсуб меёбад.

Ба ҳамин тариқ, муҳаққиқ шинохти исмро дар мақолаву рисола ва китобҳои дарсии забони тоҷикӣ аз назар гузаронида, бурду бохти онҳоро нишон дода, дар ин бобат андешаҳои худро низ баён намудааст.

Дар боби сеюми рисола масъалаи категорияҳои грамматикӣ (дастурии) исм таҳқиқу баррасӣ шудааст. Муаллиф дар асоси маводи фаровони забони адабии тоҷик чунин категорияҳои грамматикии исмро муфассал шаҳр додааст.

Категорияи шумора ба сифати аломати асосии категорияи грамматикии фарқкунандаи исм аз сифат баромад мекунад. Муҳаққиқ пасвандҳои ҷамъбандии классикӣ, арабӣ ва муосири тоҷикиро шарҳу тавзеҳ дода, ба хулосае меояд, ки барои категорияи ҷамъбандии забони тоҷикӣ воситаи асосӣ ва серистеъмол пасвандҳои ҷамъсози -ҳо ва -он маҳсуб меёбанд. Дар воқеъ, дар таърихи афкори забоншиносии тоҷик донишмандони гузаштаи мо

ҳам барои исмҳои зируҳ пасванди “-он”-ро ва ҳам барои исмҳои беруҳ пасванди “-ҳо”-ро чун пасванди ҷамъсоз донистаанд.

Дар боби чаҳоруми рисола Ш. Рустамов масъалаи калимасозии исмро таҳқиқу баррасӣ кардааст. Дар таҳқиқи ин масъала ӯ ба андешаҳои муҳаққиқи шинохтаи таърихи забон профессор В.А. Лившитс такя карда, изҳор менамояд, ки калимасозӣ воситаи асосии боигарии таркиби луғавии забони тоҷикӣ ба шумор рафта, бо ин роҳ таркиби луғавӣ бо калимаҳои нав такмил меёбад.

Воқеан, калимасозӣ дар тамоми марҳилаҳои инкишофи забони тоҷикӣ яке аз роҳҳои пурмаҳсули такмили таркиби луғавии забони тоҷикӣ, таъмини имкониятҳои пешрафти забони ноби тоҷикӣ ва салосату нафосати он ба шумор рафта, дар ин бора муаллифони фарҳангҳои пешин, асарҳои ба улуми сегонаи адабӣ бахшида шуда қайдҳои муфид ҳам кардаанд.

Профессор Ш. Рустамов барои калимасозии исм 5 роҳу воситаро нишон додааст:

1. Роҳи морфологӣ: а) исмсозии пасвандӣ; б) исмсозии пешвандӣ; в) исмсозии пешвандиву пасвандӣ.
2. Роҳи синтаксисӣ – морфологӣ (мураккабшавӣ): а) мураккабшавии “соф”; б) мураккабшавии пешванду пасвандӣ.
3. Ихтисоршавӣ
4. Аббревиатсия
5. Аз як ҳиссаи нутқ ба ҳиссаи нутқи дигар гузаштан

Ниҳоят, боби панҷуми рисолаи Ш. Рустамов “Вазифаҳои синтаксисии исм” ном дошта, чунон ки худи муҳаққиқ таъкид кардааст, ин масъала дар забоншиносии навини тоҷик дар солҳои 70-уми асри XX пурра ҳал шудааст. Аммо муаллиф кушиш кардааст, ки баъзе лаҳзаҳои баҳсноку норавшани ин мавзуъро матраҳ созад.

Ҳамин тариқ, дар солҳои 70-ум профессор Ш. Рустамов як силсила мақола ва чанд дастуру рисолаҳои дигар ҳам навиштааст, аммо рисолае, ки мо онро баррасӣ намудем, дар ин марҳилаи инкишофи афкори забоншиносии

навини тоҷикӣ нақши алоҳида дошта, махсусан, барои дар солҳои баъдӣ ба майдон омадани чандин рисола дар боби калимасозӣ таъсири калон расондааст.

5.1.4. Баррасии масъалҳои забоншиносӣ аз назари Абдуғанӣ Эшонҷонов

А. Эшонҷонов хатмкардаи Донишгоҳи давлатии Санкт-Петербург буда, аз эроншиносони маъруфи собиқ Иттиҳоди шуравӣ сабақ омухтааст. Солҳои аввали фаъолияти ӯ, асосан, ба омузгорӣ ва навиштану таҳияи барномаҳои таълимӣ аз фанни забони тоҷикӣ, навиштани мақолаҳову дастурҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ сипарӣ шудааст. Масалан: “Сохти дарси грамматикаи забони тоҷикӣ”, “Грамматикаи забони тоҷикӣ”, “Грамматика, имло, инкишофи нутқ”. китоби дарсӣ барои синфи III (бо ҳамроҳии Додоҷон Тоҷиев, Боқӣ Раҳимзода), ки чандин бор нашр шудааст. “Вазъияти таълими забон ва адабиёти тоҷик дар мактабҳои республика”, “Методикаи таълими забони тоҷикӣ” (барои омузишгоҳҳои педагогӣ) аз дигар осори забоншиносии муҳаққиқи мазкур мебошад.

Шуруъ аз охирҳои солҳои 50-ум ин муаллими шоиста дар паҳлуи корҳои методӣ ва таълифи китобҳои дарсию дастурҳои роҳнамо ба таҳқиқи масъалаҳои камомухташудаи забоншиносии тоҷик низ машғул мешавад, чунончи: “Феълҳои тасрифшаванда дар мавқеи хабарҳои номӣ” [400], “Именное сказуемое в современном таджикском литературном языке” [323], “Именное сказуемое и способы его выражение в таджикском литературном языке” [393], “Хабарҳои номии маъмул” [401], “Хабарҳои номӣ ва тарзи ифодаёбии онҳо дар забони адабии тоҷик” [320], “Аъзоҳои чидаи ҷумла дар забони ҳозираи тоҷик” [321], “Ҷумлаҳои чидааъзо ва баъзе хусусиятҳои грамматикии он” [322]. “Ҷумлаи пайрави муайянкунанда ва хусусиятҳои он дар забони адабии ҳозираи тоҷик” [402].

А. Эшонҷонов, ки солжи 1959 дар мавзуи “Хабарҳои номӣ ва тарзи ифодаёбии онҳо дар забони адабии тоҷик” [320] – рисолаи номзадӣ дифоъ карда буд, онро соли 1969 ба шакли китоби алоҳида ба нашр мерасонад. Ин

асар дар наҳви ҷумлаҳои сода яке аз беҳтарин таҳқиқ маҳсуб меёбад. Тавре ки дар сарсухани ин асари худ муаллиф таъкид кардааст, ӯ дар ҳамаи ифодаи хабарҳои номӣ ба воситаи исм, мафҳумҳои предметонидашуда, сифат ва хелҳои он, шумора, ҷонишин ва хелҳои он, зарф, масдар, сифати феълӣ, ибораҳои пешояндӣ, ибораҳои рехта ва ғайрирехта ифода гардидааст, факту далелҳои зиёд гирд оварда шудааст. Бояд таъкид кард, ки дар ин асар дар баробари фароҳам овардани мисолу далелҳои фаровон баъзе масъалаҳои назариявии мубтадо ва хабар низ, ки ду меҳвари воҳиди асосии наҳв – ҷумларо, ташкил медиҳанд, дар мадди назар доштааст.

Асар аз ду қисми асосӣ иборат мебошад. Дар қисми якум-ифода шудани хабар ба воситаи ҳиссаҳои гуногуни нутқ баррасӣ шудааст. Ба андешаи муҳаққиқ, дар ташаккули хабарҳои номӣ, пеш аз ҳама исм, сифат, шумора, зарф хеле фаъол аст. Ғайр аз ин, ҳиссаҳои нутқ мафҳумҳои сифатию исмӣ ва сифати феълӣ низ дар нақши хабарҳои номӣ меоянд. “Дар забони адабии ҳозираи тоҷик ҳамин факти забониро низ қайд кардан зарур аст, ки ба вазифаи хабар омадани исми хос (ҷондор ва беҷон) ба феълҳои ёридиҳанда не, балки холис ва ё бо бандакҷонишинҳои хабарӣ,-муаллиф, бештар ифода меёбад: Ҳамин ҷавон Абуалӣ ибни Синост. Яке аз шаҳрҳои қадими Осиёи Миёна Бухорост. Ин дарё Сир аст.

-Номи падарат! – Бозор.

-Куҷоӣ мебошӣ? – Кӯлобӣ [334, с. 5-6].

Бо ҳамин усул доир бо ҳама хели исмҳо мисолҳои фаровон оварда, ҷо – ҷо вижагиҳои онҳоро дар адои нақши хабари номӣ таъкид карда, сохту таркибашонро ҳам нишон додааст.

Дар ифодаи хабарҳои номӣ бо сифатҳо муҳаққиқ чунин қазоват кардааст: “Сифатҳо дар забони адабии тоҷик ҳам холис ва ҳам ба воситаи қабул кардани бандакҷонишинҳои хабарӣ бо илова шудани феълҳои ёридиҳандаи будан, шудан, гардидан, намудан, кардан, шуморидан ва ғайра дар якҷоягӣ гурӯҳи калони хабарҳои номиро ташкил медиҳанд” [320, с. 10].

Дар асоси маводи забони тоҷикӣ муҳаққиқ собит намудааст, ки дар ифодаи хабарҳои номӣ нақши ҳиссаҳои дигари нутқ, аз ҷумла, шумора, ҷонишин, зарф, сифатҳои феълӣ калон аст.

Қисми дуюми ин рисолаи А. Эшонҷонов ба таҳқиқи таркиби хабарҳои номӣ бахшида шудааст.

Муҳаққиқ хабарҳои номии забони тоҷикиро аз ҷиҳати сохту тарзи ифодаёбиашон ба чунин гурӯҳҳо тақсим кардааст:

1. Хабарҳои номии сода
2. Хабарҳои номии таркибӣ
3. Хабарҳои номии тафсилӣ:

а) изофӣ;

б) масдарӣ;

в) сифати феълӣ;

г) ибораҳои пешояндӣ

Дар таснифоти фавқ, ба назари мо, меъёри ягона дида намешавад, хусусан, дар зергурӯҳи “хабарҳои номии тафсилӣ” меъёри асосӣ чӣ аст, маълум нест.

Дар ҳамин қисми рисола муаллиф мисолҳои фаровон оид ба ҷойи хабарҳои номӣ дар ҷумлаи сода ва мувофиқати хабарҳои номӣ ба мубтадо маълумоти хуб додааст.

Муҳаққиқи мавзуи хабарҳои номӣ А. Эшонҷонов категорияи шахс, шахс, шумора ва замонро низ дар хабарҳои номӣ инкор накардааст. Дар ин бобат А. Эшонҷонов дар рисолаи зикргардида ин тавр қазоват кардааст: “Аз рӯйи шахсу шумора ва шакл мувофиқат кардани хабар ба мубтадо дар ҷумла алоқаи бевосита байни ин ду сараъзоҳои ҷумла мебошад. Дар ин бобат роли хабар хеле калон аст, зеро вай хоҳ шаклан ва хоҳ мазмунан таҷассумкунандаи субъект ва ҳукм мебошад ва ин ҳодиса, алалхусус, дар хабарҳои феълӣ характернок аст. Ана ҳамин хусусиятро дар ифодаи хабарҳои номӣ ҳам аз рӯйи тартиби калимаҳо дар ҷумла ва ҳам ба воситаи оҳанги талаффуз низ муқаррар кардан мумкин аст [320, с. 3].

Хулоса, ин рисолаи забоншинос А. Эшонҷонов дар таҳқиқи наҳви ҷумлаҳои сода дар забоншиносии навини тоҷикӣ дар солҳои 70-уми асри XX яке аз муҳимтарин таҳқиқот маҳсуб меёбад.

5.1.5. Мукаррама Қосимова ва масъалаҳои таҳқиқи таърихи забон

М. Қосимова яке аз забоншиносони сермаҳсули тоҷик маҳсуб ёфта, дар ҳамаи самтҳои илми забоншиносии тоҷик таълифоти судманде анҷом додааст. Аввалин таҳқиқи ҷиддӣ ва нисбатан густурдаи ӯ ба наҳви ҷумлаҳои мураккаби тобеъ тааллуқ дорад. Солҳои 60-уми асри XX таҳқиқи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забоншиносии тоҷик бо суръати баланд идома меёбад, натиҷаи ҳамин аст, ки соли 1962 М. Қосимова ҳамчун муҳаққиқи ҷавону ҷӯянда таҳти роҳнамоии профессор Д. Тоҷиев дар мавзуи “Ҷумлаи пайрави шартӣ дар забони адабии тоҷик” [128] рисолаи номзадӣ дифоъ менамояд.

Ин асари М. Н. Қосимова дар таърихи илми забоншиносии навини тоҷик пас аз рисолаи номзадии М. Шаҳобова “Подчинительный союз «ки» в современном таджикском литературном языке” [318], Х. Ҳусейнов “Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави замон дар забонии адабии тоҷик” [305] сеюмин таҳқиқи махсус дар боби ҷумлаи мураккаби тобеъ буда, дар он хусусиятҳои маъноиву сохтории як хели ҷумлаи пайрави дар сохтори наҳвии забони адабии тоҷик мустаъмалу серистеъмол ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ шудааст. То таълифи рисолаи мазкур М. Н. Қосимова аз натиҷаҳои пажуҳиши худ чанд мақолае навишта, манзури муҳаққиқон гардонидааст. Яке аз мақолаҳои ин муҳаққиқ ҳануз соли 1956 бо номи “Ҷумлаи пайрави шартӣ дар забони адабии тоҷик” [128] ба табъ мерасад, ки хеле муфассал буда, муҳимтарин хусусиятҳои сохтириву маъноии ин хели ҷумлаи пайравро дар сохтори наҳвии забони адабии тоҷик нишон додааст.

Як бартарии ин муҳаққиқи ҷавон дар ин аст, ки ӯ бар хилофи баъзе муҳаққиқон дар тасдиқи мулоҳизаҳои худ, асосан, кӯшиш мекард, ки аз асарҳои адабии мансури муосир мисолҳо биёрад ва агар аз осори манзум ягон-ягон намуна оварданӣ шавад ҳам, онро аз назми муосир меовард, вале

ин муҳаққиқи ҷавон аз осори манзуми классикӣ ба сурати фаровон истифода кардааст.

Ин усули таҳқиқ тасдиқи он ҳақиқати таърихиро қувват медиҳад, ки забони адабии муосири тоҷикӣ идомаи ҳамон забони адабии тоҷикии дариест, ки ҳануз дар асри X комилан шакл гирифта, дар ҳамаи услубҳои нигориш мустаъмал буд.

Муқоиса шавад:

Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ
Бар куру кар - ар нукта нагирӣ, мардӣ [342, с. 74].

****

Санги бадгуҳар агар косаи заррин шиканад,
Қимати санг наяфзояду зар кам нашавад [343, с. 54].

****

Халқи ҳиндуи ситамкашро расон аз мо салом,
Эй суруди ман, агар дорӣ ту ҳам болу паре [344, с. 53].

Бубинед, ки дар назми се шоири тоҷик, ки яке дар асри X, дигаре дар асри XIV ва сеюмӣ дар асри XX эҷод кардаанд, ифодаи ҷумлаи пайрави шарт ҳеҷ тафовути назаррас надорад.

Дар мақола оид ба шинохти ҷумлаи пайрави шарт, ҷумлаи пайрави шартии пайвандакдор, ҷумлаи пайрави шартии бепайвандак, ҷойи пайвандак дар ҷумлаи пайрави шартӣ, ҷойи ҷумлаи пайрави шартӣ, шаклҳои феълие, ки дар ҷумлаи пайрави шартӣ кор фармуда мешаванд, изҳори назар шудааст.

Ин андешаҳову таҳқиқи муҳаққиқ дар рисолаи “Ҷумлаи пайрави шартӣ дар забони адабии тоҷик” [128] вусъати тоза пайдо намуда, ҳамаи паҳлуҳои мундариҷавию сохтории ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави шартро дар забони адабии тоҷик фаро мегирад. Дигар аз бартарии ин рисола дар он аст, ки муҳаққиқ дар таҳқиқи ҷумлаи пайрави шартӣ аз назарияи нави таснифу шинохти ҷумлаҳои пайрав, ки дар забоншиносии рус профессор Н. Поспелов ба миён гузошта буд, бо роҳнамоии наҳвшинос профессор Д. Тоҷиев, ки роҳбари илмии муҳаққиқи мазкур буд, баҳра бардошта, ҷо-ҷо аз меъёри

сохториву маъноӣ истифода кардааст, ки ин барои устувор гардидани усули нав дар таҳқиқи наҳви ҷумлаҳои мураккаби тобеи забони тоҷикӣ замина гардид.

Дар солҳои 70-уми асри XX фаъолияти илмиву таҳқиқии ин муҳаққиқи пуркор боз ҳам густариш ёфта, пажуҳишу таҳқиқро дар боби масоили наҳви забони адабии тоҷик идома дода, дар баробари таълифи чандин дастуру китоби дарсӣ як даста мақолаҳои илмӣ ба табъ расонидааст, ки онҳо аз "Ибораҳои изофии масдарӣ" [364], "Мухтасар оид ба як хели ҳол дар забони адабии тоҷик" [365], "Як навъи ибораҳои феълӣ" [366], "Доир ба ибора дар забони тоҷикӣ" [367], "Мухтасар оид ба ибораҳои изофии номӣ" [368]. "Суффикси "-"ча" [129] ва "Ҳиссачаи "-ми" [130] иборатанд.

Дар нимаи солҳои 70-уми асри XX дар атрофи китобҳои дарсӣ аз фанни забони тоҷикӣ мубоҳисаҳо сурат мегирад, ки М. Н. Қосимова дар ин замина мулоҳизаҳои худро оид ба муҳтаво, сохтор ва камбудиҳои китоби дарсии "Забони тоҷикӣ" [203], ки муаллифон Б. Ниёзмуҳаммадов ва А. Каримов мебошанд, изҳори назар намуда, барои беҳтар шудани сифати ин китоби дарсӣ пешниҳод манзур доштааст.

Шуруъ аз нимаи дуюми солҳои 70-ум М. Н. Қосимова ба таҳқиқи вижагиҳои наҳвии осори классикии забони адабии тоҷик мепардозад ва дар ин замина чандин мақола, маҷмуаи матнҳо барои коркарди мавзуъҳои наҳв ва дастури таълимӣ таълиф намудааст, чунончи: "Очеркҳо оид ба синтаксиси ҷумлаҳои содаи асри XI" [131], "Практикум аз забони адабии тоҷик" [132], "Хат ва имлои матни классикии тоҷик" [133], "Маҷмуаи машқҳо оид ба синтаксиси забони тоҷикӣ" [134], Принципы написания учебника «Исторический синтаксис таджикского языка» [119].

Натиҷаҳои таҳқиқи масоили синтаксиси ҷумлаҳои содаи осори насрии асри XI муҳтавои рисолаи доктории ӯро дарбар мегирад, ки соли 1979 бо номи "Синтаксис простого предложения таджикской прози XI века" [118] дифоъ менамояд.

Дар солҳои 80-уми асри XX фаъолияти илмии ин забоншиноси пурмаҳсули тоҷик идома меёбад.

5.1.6. Саид Ҳалимов муҳаққиқи таърихи забон

Яке аз забоншиносони сермаҳсули тоҷик, ки дар солҳои 60-70-уми асри XX бо таълифоти худ дар рушди афкори забоншиносии навини тоҷик саҳми арзанда гузоштааст. Дар ин ду даҳсола ӯ ғайр аз чанд китобҳои таълимӣ барои калонсолон асарҳои зеринро таълиф намудаву ба нашр расонидааст: С. Айнӣ – лексикограф [294], С. Айнӣ ва баъзе масъалаҳои инкишофи забони адабии тоҷик [295], Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои IX-X) [296], Забони ҳозираи тоҷик (ҳиссаҳои номии нутқ) [296].

Ҳоло мо дар бораи баъзе аз ин таълифоти муҳаққиқи ин давра С. Ҳалимов ба тариқи мухтасар изҳори назар менамоем.

Асари С. Ҳалимов бо номи “С. Айнӣ – лексикограф” аз муқаддима, фаслҳое чун: “Мухтасар дар бораи корҳои лексикографии С. Айнӣ”, “Ҷараёни кори лексикографии С. Айнӣ” а) Тарзҳои муайян намудани маънои калимаҳо; б) Дар бораи баъзе вариантҳои фонетикии калимаҳо; в) Шарҳи грамматикии калимаҳо; г) Қайдҳои этимологии Айнӣ дар луғат; д) “Сарчашмаҳои лексикографии луғати чопнашудаи С. Айнӣ” иборат мебошад.

Устод Айнӣ, ҳамчунон ки С. Ҳалимов таъкид кардааст, ҳофизаи қавӣ дошт, луғати зиёдеро бо тамоми тафсилоташ ва ҷузъиёташ аз ёд медонист, вале носанҷида, луғатро нодида ба навиштани он рухсат намедод, албатта луғатеро, ки маънии онро комил надонад кас. Вай маънии ҳар як калимаро, ба суханаш идома дода мегӯяд: С. Ҳалимов ҳарчанд донад ҳам, боз луғатҳоро медид ва ба дигарон ин корро тавсия медод”. Ҳамчунин, Раҳим Ҳошим аз аввалин шогирдони устод дар ин бора чунин менависад: “Боре устод дар бораи калимаи “тарҷумон” гап зада, дар асл тоҷикӣ – тарҷумон, ба маънии донандаи ду забон ва баёнкунандаи матлабе аз як забон ба забони дигар будан ва ба арабӣ гузашта, ба шакли тарҷумон даромадани онро ба муносибате гуфта буд. Баъд аз чандин моҳ ман барои санҷидани ин ки устод

ин калимаро чӣ навъ шарҳ медиҳад, маъно ва баромади онро пурсидам. Он чиро, ки чанд моҳе пеш гуфта буд, айнан нақл кард, вале баъд аз тамом шудани гуфтугӯ боз луғати “Ғиёс”-ро, ки ҳама вақт болои столаш буд, гирифта ҳамон калимаро ёфта хонд ва ба дурустии ҳофизаи худ боварӣ ҳосил карда, ба тарафи ман нигоҳе кард” [294, с. 48].

С. Ҳалимов оид ба фаъолияти лексикографии устод Айнӣ пардохта, чунин ибрози андеша кардааст: “Фаъолияти С. Айнӣ дар соҳаи лексикография хеле гуногун аст. Вай худаш луғат менависад ва тарҳи онро мекашад, ба луғватнависҳо маслиҳат медиҳад ва ба онҳо роҳбарӣ мекунад. Вай асарҳои классиконро ба чоп тайёр карда, ба онҳо луғати тафсирӣ тартиб медиҳад, то ки хонандагон бештар аз онҳо баҳравар шаванд ё ин хел луғатҳоро таҳрир мекунад” [294, с. 150].

Ҳамин тавр, омузишу таҳқиқи фаъолияти луғатнигории устод Айнӣ, диққати муҳаққиқи забоншинос С. Ҳалимовро бештар ҷалб мекунад ва ӯ ба таҳқиқи фаъолияти забоншиносии устод Айнӣ шуруъ карда, дар бораи ин ҷабҳаи фаъолияти ӯ, яъне забоншиносии устод Айнӣ, чандин мақолаву маърузаҳо манзури аҳли назари соҳаи забоншиносӣ намуда, ба сурати рисолаи номзадӣ соли 1964 бо унвони “С. Айнӣ ҳамчун забоншинос” (С. Айни как языковед) [273] дифоъ менамояд.

Азбаски рисолаи номзадии С. Ҳалимов ба таҳқиқи афкори забоншиносии устод Айнӣ бахшида шудааст ва ин масъала ба мавзуи рисолаи мо алоқаи бевосита дорад, мо лозим донистем, ки дар бораи ин рисолаи илмии С. Ҳалимов махсус таваққуф намоем.

Бояд таъкид кард, ки устод Айнӣ дар баробари асосгузори адабиёти навини тоҷик будан бунёдгузори афкори забоншиносии навини тоҷик низ маҳсуб меёбад.

Муҳаққиқи забоншиносии устод Айнӣ – забоншинос С. Ҳалимов хуб қазават кардааст, ки пас аз Инқилоби Октябр С. Айнӣ ба кори омузгорӣ ва рӯзноманигорӣ як муддат машғул мешавад ва таҷрибаи омузгорию рӯзноманигорӣ, мулоқоту суҳбатҳо ба доираи васеи мардум назари ӯро ба

забони адабӣ ва масъалаҳои мубрами он устувор сохт ва афкори забоншиносии устод хеле густурда гардид [273, с. 6].

Дар рисолаи номзадии С. Ҳалимов ҳамаи паҳлуҳои фаъолияти забоншиносии устод Айнӣ таҳқиқи густурда шудааст. Рисолаи С. Ҳалимов аз чаҳор боб ва ҳар боб аз зерфаслҳо ва хулоса мураттаб гардидааст.

Боби якуми рисола “С. Айнӣ дар бораи роҳҳои инкишофи забони тоҷикӣ” ном дошта, он ба фаслҳои “С. Айнӣ дар бораи муносибати байни забони тоҷикӣ ва форсӣ”, “С. Айнӣ дар бораи роҳҳои инкишофи забони адабии тоҷикӣ”, “Муборизаи С. Айнӣ барои тозагии забони тоҷикӣ” ҷудо карда шудааст. Ин ҳама масъалаҳое, ки устод Айнӣ аз бозтоби андешаҳои худ онҳоро матраҳ сохтааст, арзиши забоншиносиашон дар рисолаи С. Ҳалимов муайян карда шудаанд, имрӯз низ аҳаммияташонро гум накардаанд. Дар фасли аввали боби якуми рисола муаллиф назару андешаи устод Айниро дар бораи муносибати забони тоҷикӣ бо форсӣ чунин хулоса кардааст: “То Инқилоби Октябр шоирону нависандагони тоҷику форс муддати дароз бо як забони адабии умумӣ, ки бо номҳои дарӣ ё форсӣ ё порсии дарӣ ёд мешуданд, осори худро навиштаанд” [273, с. 11].

Аз таҳқиқоти муҳаққиқон бармеояд, ки дар ибтидои асри XVI дар натиҷаи ҳодисаҳои таърихӣ ҳаёти халқҳои тоҷику форс ба тарзи гуногун сурат мегирад, ки дар натиҷаи он меъёрҳои пештара дар бахшҳои савтиёту луғат ва сарфу наҳв ва услубиёт на ҳамеша риоя мешуданд. Дар асрҳои баъдӣ ин ҷараён боз ҳам вусъат мегирад, алалхусус, дар асри XIX ва ибтидои асри XX хеле густариш меёбад.

Дар зербоби дуюми боби якум муҳаққиқ назару андешаи устод Айниро дар бораи роҳҳои инкишофи забони адабии тоҷик таҳлилу таҳқиқ карда, аз мақолаҳои ба ин мавзуъ бахшидаи ӯ намунаҳои зиёде овардааст. Бинобар таҳқиқи С. Ҳалимов, устод Айнӣ яке аз аввалин забоншиносонест, ки масъалаи дастрас будану оммафаҳмии забони адабии тоҷикӣ, аз забон баровардани истилоҳоту таркиботи нофаҳмои арабӣ, қолабҳои ғайритоҷикии ҷумласозиро ба миён гузоштааст.

Боби дуюми рисолаи С. Ҳалимиён “Қайдҳои С. Айнӣ оид ба фонетика, имло, грамматикаи забони тоҷикӣ” ном дорад. Дарвоқеъ, дар бисёр мақолаҳо ва мактубҳои устод Айнӣ қайдҳои ӯ оид ба мавзуъҳои алоҳидаи бахшҳои забоншиносӣ мушоҳида мешавад. Масалан, як қайди устод Айнӣ дар бораи садоноки “ӯ” ва “е” ин аст, ки ӯ мегӯяд: “вов”-и маҷҳул ва “йо”-и маҷҳули таърихӣ (“ӯ” ва “е”) дар забони тоҷикӣ нигоҳ дошта шудааст, вале дар забони форсӣ ин фонемаҳо дар шакли “у” ва “и” мустаъмаланд.

Ҳарчанд ки устод Айнӣ оид ба асосҳои дастури забони тоҷикӣ, яъне грамматикаи забони тоҷикӣ асаре таълиф накардааст, аммо ҳамчун омузгору донишманди ин риштаи илм дар бисёр мақолаҳои худ доир ба бисёр мавзуъ ва масъалаҳои дастури забони тоҷикӣ қайду ишораҳои муҳим баён намудааст, ки имрӯз ҳам арзишашонро гум накардаанд.

Боби сеюми рисолаи худро С. Ҳалимов “С. Айнӣ дар бораи забони тоинқилобии адабиёти классикӣ” унвон дода, таълифоти устод Айниро дар бораи вижагиҳои забони осори адибони классики тоҷик: Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Саъдӣ, Камол, Восифӣ, Навоӣ, Бедил, Аҳмади Дониш таҳлилу бозгӯӣ кардааст. Таҳқиқи осори ба илми забоншиносӣ иртиботдоштаи устод С. Айнӣ дар пажуҳиши С. Ҳалимов нишон медиҳад, ки дар зинаи аввали шаклгирии забоншиносии навини тоҷик хизмати устод С. Айнӣ хеле назаррас аст.

Боби чоруми рисолаи С. Ҳалимов ба таҳқиқи фаъолияти луғатнигории устод Айнӣ бахшида шудааст. Ин боби рисоларо муҳаққиқ ба се қисмат ҷудо намудааст:

1. Мухтасар дар бораи корҳои лексикографии устод Айнӣ;

2. Корҳои лексикографии устод Айнӣ дар болои луғати тафсирӣ;

3. Манбаъҳои лексикографии нашрнамудаи луғати тафсилии устод Айнӣ.

Дар ибтидои солҳои 30-юми асри XX ба мураттабсозии луғатҳои дузабонаи тоҷикӣ-русӣ ва русию тоҷикӣ талабот пеш меояд. Бояд дар ин луғатҳо тамоми боигарии таркиби луғавии забони тоҷикӣ инъикос ёбад.

Донишманди шарқшинос Е. Э. Бертелс иштироки бевоситаи устод Айниро дар ин кор хеле заруру муҳим мешуморад ва чунин мегуяд: “Барои иштирок дар таҳияи ин луғат бояд бузургтарин донишмандон, аз ҷумла, рафиқ Айнӣ ҷалб карда шавад. Мо дар дунё аз Айнӣ дида бузургтар донандаи забони тоҷикӣ надорем ва иштироки ӯ дар таҳияи ин луғат мутлақо ногузир мебошад” [294, с. 79].

Ба ҳамин тариқ, устод Айнӣ дар муҳокима, нақди луғати тоҷикӣ-русӣ (соли 1939), таҳриру муҳокимаи луғати тоҷикӣ-русӣ (соли 1954) иштирок менамояд.

Дар ин ҷо боз як нуктаи дигарро бояд таъкид кард, ки устод Айнӣ ҳар осори адабии классикиро, ки ба чоп омода намудааст, луғати онро мураттаб сохтааст, ки дар маҷмуъ як луғати тафсириро ташкил медиҳад.

Дар бораи ин рисолаи забоншинос С. Ҳалимов профессор Д. Хоҷаев чунин хулоса пешниҳод намудааст, ки воқеан, омузанда мебошад: “Хулоса, афкори забоншиносии устод Айнӣ тамоми риштаҳои илми забоншиносии навини тоҷикиро фаро гирифтааст ва таҳқиқи он ба сурати рисолаи номзадӣ аз ҷониби забоншиноси нозукбину хушсалиқа, устоди равоншод Сайид Ҳалимиён дар солҳои 60-уми асри XX иқдоми бисёр нек маҳсуб меёфт ва арзиши ин таҳқиқ имрӯз ҳам кам нагаштааст. Аммо ҷойи бисёр афсус аст, ки дар ҳамон солҳо ин таҳқиқ ба сурати густурдаву ҷамъбастӣ бо фарогирии афкори дигар ҳамсафону шогирдони устод Айнӣ мисли Сайидризо Ализода, Туғрал, Зеҳнӣ, Абдурауфи Фитрат, Абдулвоҳиди Мунзим, Ҳомид Бақозода, Баҳром Ҳоҷазода, Лутфулло Бузургзода, Абдусалом Деҳотӣ, Абдулғанӣ Мирзоев ва дигарон идома наёфт. Агар ин кор анҷом дода мешуд, бисёр нуктаҳои норавшану торики таърихи афкори забоншиносии навини тоҷикӣ равшану муайян мегардид ва мундариҷаю муҳтавои китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ аз асосҳои дастури забони тоҷикӣ беҳтару асолати милливу илмиашон бештар мегардид” [290, с. 17].

5.1.7. Муҳаммадӣ Исматуллоев ва баъзе масъалаҳои наҳви забони тоҷикӣ

М. Исматуллоев солҳои 70-уми асри XX дар таҳқиқи мавзуъҳои наҳви забони тоҷикӣ фаъол буд. Фаъолияти илмии ӯ дар илми забоншиносии тоҷик барвақт шуруъ шуда, бештар атрофи китобҳои синтаксиси забони тоҷикӣ, ки дар онҳо омехта кардани ҳоли макон бо пуркунанда ба назар мерасад, изҳори назар кардааст. Баъдтар диққати ӯро таҳқиқи мавзуи “Пуркунандаи бевосита дар забони адабии ҳозираи тоҷик” ҷалб менамояд. Дар атрофи ин мавзуъ пажуҳишу ковишҳои зиёде анҷом дода, аз натиҷаи таҳқиқи худ чанд мақола ба табъ расонида, аз ҷамъбасти ниҳоии он рисолаи номзадӣ омода сохта, онро соли 1953 бо унвони “Прямое дополнение в современном таджикском литературном языке” [104] дифоъ менамояд. Баъдтар, соли 1955, ин таҳқиқи ӯ бо забони русӣ ва соли 1961 бо забони тоҷикӣ бо номи “Пуркунандаи бевосита дар забони адабии ҳозираи тоҷик” [105] нашр мегардад. Соли 1963 мақолае бо исми “Оид ба ҷумлаи пайрави истисноӣ” [106] ба табъ мерасонад.

Аз нимаи дуюми солҳои 60-уми асри XX диққати ӯро аъзоҳои пайрави дигари ҷумла – ҳолшарҳкунандаҳо ҷалб менамояд.

Дар боби ҳолшарҳкунандаҳо таҳқиқи густурдае анҷом дода, соли 1971 бо номи “Очеркҳои грамматикӣ оид ба ҳолшарҳкунандаҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик” [108] қисми 1 (ҳоли макон ва замон) ба табъ расонидааст, қисми дуюми ин, очеркҳои грамматикӣ солҳои 80-уми асри XX нашр мешавад. Чунон ки худи муаллиф дар сарсухан ба қисми якуми “Очеркҳо....”-таъкид кардааст, ӯ таҳқиқи мавзуи ҳолшарҳкунандаҳоро дар солҳои 1962-1966 анҷом додааст, аммо ба сурати китоби алоҳида қисми якуми онро соли 1971 ва қисми дуюми онро соли 1986 ба нашр мерасонад.

Забоншинос М. Исматуллоев дар натиҷаи таҳқиқу омузиши маводди забони адабии тоҷик дар такя ба ин ақидаи академик В. В. Виноградов, ки сохти грамматикии забон ва воситаҳои ифодаи синтаксисии он дар доираи

анъанавии таснифоти аъзоҳои пайрави ҷумла пурра акс ёфта наметавонанд, ҳолшарҳкунандаҳоро аз 9 хели анъанавӣ ба 14 хел мерасонад, яъне 5 хели ҳолшарҳкунандаи дигарро бо номи ҳоли вазъиятӣ, ҳоли ҳолат, ҳоли қиёс, ҳоли вазифа, ҳоли мутобиқат илова менамояд. Агар амиқтару саҳеҳтар назар афканем, ин ҳама хели ҳолҳои ҷудокардаи ӯ ба ҳамон 9 хели ҳол дохил мешаванд.

Хизмати забоншинос М. Исматуллоев дар таҳқиқи ҳоли макон ва замон дар ин аст, ки он нуқсу камбудиҳоеро, ки дар китобҳои дарсии забони тоҷикӣ дар шинохти ҳоли макон мавҷуд буд, ислоҳ менамояд ва аломату нишонаҳои ин хели ҳолшарҳкунандаро то ҷое муайян намуда, тафовути онро аз пуркунанда нишон медиҳад.

Ин забоншинос дар таҳқиқи ҳоли замон ҳам заҳмат кашида, моҳият ва роҳҳои ифодаёбии онро бо мисолҳои зиёде нишон додааст.

М. Исматуллоев дар мақолаи “Мухтасар оид ба ҳоли вазифа” [107] таъкид кардааст, ки оид ба ҳоли вазифа бори аввал дар асари тадқиқотии бахшида ба ҳолшарҳкунандаҳои забони русӣ навиштаи профессор В. М. Никитин сухан ронда шудааст. Ҳоли вазифа дар забони русӣ аз ҳисоби категорияи грамматикии объекти бавосита ҷудо карда шудааст: Он работает **летчиком**. Вай дар вазифаи **летчикӣ** (ё ки летчик шуда) кор мекунад. Дар забони тоҷикӣ то ҳол оид ба хислати ин категорияи грамматикӣ чизе гуфта нашуда буд. М. Исматуллоев дар ин масъала бо профессор В. М. Никитин ҳамфикр шуда, чунин категорияи грамматикиро ба хели мустақили ҳол ҷудо кардааст.

Ҳоли вазифа мансаб, касбу ҳунар, машғулият, ваколатдории субъекту объектро ифода мекунад. Ҳоли вазифа нисбат ба субъекту объект ягон предмети дигар набуда, балки ҳолату вазъияти онро шарҳ медиҳад ва дар ҷумла, асосан, ба воситаи калимаву ибораҳои дорои мафҳуми мансаб, кору ҳунар, машғулият ва бо ёрии пешоянди таркибии **“дар вазифаи, “ба вазифаи”**, **“ба сифати”** пешояндҳои **“чун”**, **“ҳамчун”** ва пасояндҳои феълии **“шуда”**, **“карда”** сурат ёфта, ифода мегардад.

Ҳоли вазифа бо калимаву ибораҳои дорои мафҳуми мансабу амали маъмурӣ, касбу кор, ваколатдорӣ ва машғулияти гуногун, ки бо ёрии воситаҳои грамматикии дар боло номбаршуда сурат меёбад, ифода мегардад. Азбаски ҳоли вазифа моҳиятан аҳволу вазъияти субъекту объектро шарҳ медиҳад, аз ин рӯ, яъне ба эътибори моҳияти худ, як андоза ба ҳоли ҳолат қаробатӣ – монандӣ дорад. Аммо ба эътибори он ки ҳоли ҳолат, ҳолату кайфияти ботинӣ ва зоҳирии субъекту объектро шарҳ медиҳад, вале ҳоли вазифа бошад, танҳо ҳолати субъекту объектро аз ҷиҳати вазифадорӣ, яъне соҳиби ягон вазифаи маъмурӣ, касбу кор будан ва навъи машғулият ва ваколатдориро ифода мекунад ва ба худ воситаҳои грамматикии хос дорад, бинобарин, ба хели алоҳидаи ҳол ҷудо карда шуд.

Ҳоли вазифаю ҳоли ҳолат аз ҳамдигар ҳам аз ҷиҳати мафҳум ва ҳам аз ҷиҳати воситаҳои грамматикии худ фарқи куллӣ доранд ва сабаби ба хелҳои мустақили ҳол ҷудо карда шудани онҳо низ дар ҳамин аст.

Ба ҳамин тариқа, ҳоли вазифа бо ёрии воситаҳои грамматикии зерин сурат меёбад:

1. Пешоянди **“ба вазифаи**”: Ҳоли вазифа бо ёрии пешоянди мазкур бештар ба вазифаи маъмурии объект ишора мекунад: Шуъбаи маорифи халқ...**ӯро ба вазифаи директори мактаби 11-солаи ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ** таъин кард (Мактаби советӣ. – 1954. – № 3. – С. 19-25).

2. Пешоянди “дар вазифаи”: Пешоянди мазкур вазифаи маъмурии субъектро шарҳ медиҳад: Зарифа чор сол боз **дар вазифаи мудири боғчаи бачагони колхоз** хизмат мекунад (Мактаби советӣ. – 1956. – № 6. – С. 10-16).

3. Пешоянди “ба сифати”: Ҳоли вазифа бо ёрии ин пешоянд дар забони адабии ҳозираи тоҷик суратёфта ифода мегардад. Ҳоли вазифа бо ин пешоянд суратёбанда нисбатан мафҳуми васеъ дорад. Доираи васеи истеъмоли ин пешоянд дар забони матбуоти даврагӣ ва асарҳои бадеӣ – илмӣ ба таъсири пешоянди таркибии “в качестве”-и забони русӣ вобаста аст. Пешоянди мазкур на танҳо ба ҳолату вазъияти субъекту объекти шахсро ифодакунанда, балки ба ҳолату вазъияти ҳама гуна субъекту объекти

грамматикӣ ишора карда метавонад. Аз ин рӯ, пешоянди мазкур дорои тобишҳои грамматикии зерин мебошад:

а) Ба вазифаи маъмурии субъект ишора мекунад: ... ва ба тарбияи бачагони шаҳрча **ба сифати мудири боғчаи бачагони ин ҷо** вақти бисёре сарф менамояд [350, с. 35].

б) Ба ваколатдорӣ ва намояндагии субъект ишора мекунад: Оқсаққоли деҳа ба **сифати вакили мардум** дар кофтуков пеш даромада, ҳавлии берун ва дарунро... нишон дод [350, с. 396].

в) Ба ҳунару ихтисоси субъект ишора мекунад: Аксарияти онҳо ба артел **ба сифати найчаандоз** қабул карда мешуданд [349, с. 202].

г) Ба ҳолату вазъияти субъект қиёсан ишора мекунад: Дохунда ба **сифати як большевик** пешопеши фақирон медавид... [334, с. 419].Ман **ба сифати одами бовиҷдон** ҳақиқатро мегуям... [330, с. 601].

д) Ба ҳолат ва ё ба вазифадории объект ишора мекунад: ...мутаваллӣ **маро** бурда, **ба сифати саркор** кор фармуд [331, с. 49]. Аммо ӯ ... намехост, ки мардум **ӯро ба сифати шоир** шиносад [331, с. 276]. Арбоб хост, ки ... **Қорӣ Ишкамбаро ба сифати тамошобин** иштирок кунонад [333, с. 125].

Пешоянди “чун, (ҳамчун)”: Пешояндҳои мазкур муродифи пешоянди “ба сифати” буда, истеъмолашон дар забони адабии ҳозира як андоза маҳдуд аст ва ба ваколатдорӣ, пеша ва ҳолату вазъияти субъекту объект ишора мекунанд: Ҳамдам... **ҳамчун устоди ҷавони пахтакор** дар қишлоқ ном бароварда буд [350, с. 164]. ...лекин модаркалони меҳрубон ӯро **ҳамчун нишонаи яккаю ягонае аз фарзанд** ба зери болу пари худ гирифт [350, с. 307].

Пасоянди феълии “шуда”: Вазифаи пасояндии феъли ҳоли “шуда” дар зери таъсири феъли ҳоли “бӯлиб” – и забони ӯзбекӣ рӯидааст. Бо ёрии ин пасоянд ҳоли вазифа бештар дар таркиби ҷумлаҳои хабарашон бо феълҳои “кор кардан, ҷанг кардан, хизмат кардан таъин шудан” ифодашуда омада, ба вазифаи маъмурӣ ва ҳолату вазъияти субъект ишора мекунад: “Ман бояд, ки **сарҳадчӣ шуда** ба муқобили ҷосусони хориҷӣ... ба даст яроқ гирифта

биҷангам **Пешоянди “чун, (ҳамчун)”**: Пешояндҳои мазкур муродифи пешоянди “ба сифати” буда, истеъмолашон дар забони адабии ҳозира як андоза маҳдуд аст ва ба ваколатдорӣ, пеша ва ҳолату вазъияти субъекту объект ишора мекунанд: ... он кас дар колхоз бригадир шуда кор мекунанд [331, с. 164].

Бояд гуфт, ки мо ин қабил калима ва ибораҳоро дар назди феъли “таъин кардан” қисми компоненти хабари феълии ҷумла номида будем. Ин мулоҳиза соли 1954 баён шуда буд. Дар натиҷаи тадқиқи фактҳои нав маълум шуд, ки дар назди феълҳои номбаршуда калимаву ибораҳои мафҳуми вазифаи маъмурӣ ва ҳаргуна тобиши машғулият дошта ҳоли вазифаи суратнаёфта ба шумор мерафтаанд: Маҷлис як аъзои колхозро ба клуб **мудир** (ё ки **“мудири клуб”**) таъин кард. Ин факт ба он шаҳодат медиҳад, ки дар роҳи омухтан ва тадқиқ кардани сохти грамматикии забонамон сол то сол муваффақияти забоншиносии навини тоҷик тадриҷан зиёд шуда меравад ва доираи дарк намудан ва кашфи ҷиҳатҳои хоси забони адабии тоҷик васеъ шуда истодааст.

Чи тавре аз таҳлил бармеояд, дар мақолаи мазкур муаллиф тавонистааст, дар бобати ба воситаи ҳиссаҳои нутқ, ибораи мухталиф ифода шудани ҳоли вазифа, чида шудан, бо баёнияҳо шарҳ ёфтан ва тобишҳои гуногун бахшидани чанде аз ҳиссачаҳо ба ҳоли вазифа, инчунин ҷойи омадани ҳоли вазифа дар ҷумла вобаста ба фактҳои дастрасшуда шарҳ дода шудааст.

5.1.8. Фарҳод Зикриёев ва саҳми ӯ дар таҳқиқи наҳви забони тоҷикӣ

Ф. Зикриёев (1940-2015) солҳои 1962-65-уми асри XX таҳти роҳнамоии Носирҷон Маъсумӣ ба таҳқиқи ҷумлаи мураккаб бо ҷумлаҳои пайрави тарзи амал ва монандӣ машғул мешавад ва соли 1970 онро ба сифати рисолаи номзадӣ дифоъ менамояд. То таълифи рисолаи номзадӣ В. Зикриёев чандин маъруза, мақола аз натиҷаҳои таҳқиқи худро манзури муҳаққиқони забоншиносу хонандагон гардонидааст, чунончи: “Ҷумлаҳои туфайлӣ ва

муносибати онҳо бо ҷумлаҳои пайрави тарзи амал” [98], “Хусусияти грамматикии воҳидҳои туфайлӣ” [99].

Соли 1977 рисолаи номзадии Ф. Зикриёев бо номи “Ҷумлаҳои пайрави тарзи амал ва монандӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик” [100] ба нашр мерасад.

Бояд як нуктаро таъкид намоем, ки солҳои 60-80-уми асри XX давраи рушду инкишофи наҳвшиносии тоҷик маҳсуб меёбад. Дар ин давра, алалхусус, наҳви ҷумлаҳои мураккаб ба истиснои баъзе масъалаҳои баҳсангези он пурра таҳқиқ шудааст. Ана дар ҳамин давра, саҳеҳтараш солҳои 70-ум таҳқиқ шудани ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави тарзи амал ва монандӣ дастоварди назаррас буд.

Дар рисолаи мазкур баъзе мулоҳизаҳои ҷолибу тоза ба назар мерасад, ки назарияи наҳви ҷумлаҳои мураккаби тобеъро такмил медиҳанд. Масалан, яке аз масъалаҳои баҳсангези ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар он солҳо дар шинохти калимаҳои ҳамнисбат буд. Муҳаққиқи ҷавони хушсалиқаи наҳвшинос дар заминаи афкори забоншиносии шуравӣ ва таҳлилу муқоисаи афкори забоншиносии мавҷуда ба сурати густурда доир ба моҳияту нақши калимаҳои ҳамнисбат дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ андеша ронда, бо далелу мисолҳои мушаххас зарурати корбасти онҳоро дар панҷ банд муфассал шарҳу тавзеҳ дода, назарияи ин категорияи наҳвиро, ки профессор Д. Тоҷиев дар наҳвшиносии навини тоҷик пешниҳод кардааст, тақвият додааст. Дар мавриди воситаи дигари алоқаи ҷумлаҳои пайрав ба сарҷумла, яъне пайвандаки муштараквазифа ё наҳвии “ки” дар мисоли ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави тарзи амал андешаи ҷолибе баён кардааст: “Ҷумлаи пайрави тарзи амал бо пайвандаки “ки” ба сарҷумла вақте алоқаманд мегардад, ки дар таркиби сарҷумла калимаи ҳамнисбат омада бошад. Ин лаҳза ҷумлаҳои пайрав ҳамеша пас аз сарҷумла меоянд. Хусусияти чунин ҷумлаҳои пайрав дар ин аст, ки ба ибораҳои гуногун бармегарданд” [100, с. 43].

Яке аз масъалаҳои дигари мубрам ва мушкил дар наҳви ҷумлаҳои мураккаб дар забоншиносии навини тоҷик ин мавзуи сермаъноии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ маҳсуб меёбад. Дар ҳақиқат ин масъала дар шинохту таснифи ҷумлаҳои пайрав, таълими ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар зинаҳои гуногуни таҳсил таъсири зиёд мерасонад. Аз ин ҷост, ки муаллифи рисола дар ҳар ду бахши рисола ба масъалаи сермаъноии ҷумлаҳои пайрав ва ҷумлаҳои пайрави тарзи амалу монандӣ, махсусан диққат додааст. Ӯ дар асоси маводди фаровоне, ки аз осори манзуму мансур гирд овардаасту онҳоро хеле дақиқназарона санҷишу баррасӣ кардааст, ҳашт маъноии иловагии ҷумлаҳои пайрави тарзи амалро нишон додааст: а) тобиши маънои иловагии натиҷа; б) мақсад; в) монандӣ – муқоисавӣ; г) тавсифӣ – муайянкунандагӣ; ғ) сабаб; д) замон; ё) хилоф; ж) қиёсӣ – хилофӣ.

Дар боби “Ҷумлаи пайрави монандӣ” бошад, чаҳор маънои ё тобиши маънои иловагиро нишон додааст: а) маънои иловагии муайянкунандагӣ – баёниягӣ; б) сабаб; в) мақсад; г) хилоф.

Минбаъд, яъне аз соли 1977 ба таҳқиқи бунёдии ҷумлаи мураккаби пайваст, ки дар забоншиносии навини тоҷикӣ шинохту таҳқиқи он пайдо нашуда буд, шуруъ менамояд.

Муҳтавои натиҷаҳои таҳқиқи ӯ дар рисолаи доктории мавсуф ба номи “Структурно-семантические особенности сложносочиненных предложений в современном таджикском литературном языке” (“Хусусиятҳои сохториву маъноии ҷумлаҳои мураккаби пайваст дар забони адабии ҳозираи тоҷик”) [101] инъикос мегардад.

Ф.Зикриёев бо осори таълифнамудаи хеш дар таҳқиқи сохтор, хусусиятҳои маъноҳои ҷумлаи пайрав дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ва шинохту пажуҳиши ҷумлаи мураккаби пайваст равшанӣ андохтанд,

5.1.9. Ҳомид Маҷидов ва баррасии масъалаҳои фразелогияи забони адабии ҳозираи тоҷик

Дар илми фразеологияи муосири тоҷик то ба имрӯз таҳқиқоти зиёде вобаста ба паҳлуҳои мухталиф ва табиати забонии воҳидҳои фразеологӣ ҳамчун як навъи воҳидҳои махсуси забон дар илми забоншиносии муосир як қатор пажуҳишҳои қобили қабул ва судманд рӯйи кор омадаанд. Ин ҷо метавон аз заҳматҳои бесобиқаи муҳаққиқи ин бахши забоншиносӣ Ҳомид Маҷидов андеша баён намуд.

Профессор Ҳ. Маҷидов аз овони донишҷӯйӣ ба мавзуи воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ машғул мегардад ва дар мавзуи “Ибораҳои фразеологӣ дар романи Раҳим Ҷалил «Одамони ҷовид» [155] рисолаи дипломӣ таҳти роҳбарии профессор Ҳ. Каримов навишта, соли 1961 дифоъ менамояд.

Ҳамзамон ба таҳқиқи “Хусусиятҳои лексикӣ-семантикии воҳидҳои фразеологии феълии забони адабии ҳозираи тоҷик” [156] машғул шуда, таҳқиқи онро соли 1968-ум ба анҷом расонида, ба сифати рисолаи номзадӣ дифоъ менамояд. Муҳаққиқи ҷавон то дифои рисолаи номзадиаш оид ба ҷабҳаҳои мухталифи воҳидҳои фразеологӣ чандин мақола манзури аҳли илми забоншиносӣ менамояд, аз ҷумла: “Ибораҳои фразеологӣ дар романи Раҳим Ҷалил “Одамони ҷовид” [155], “Аломатҳои фарқкунандаи воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ” [157]; “Сабабҳои бавуҷудоӣ, роҳҳои ташаккул ва инкишофи минбаъдаи воҳидҳои фразеологии феълии забони ҳозираи тоҷик” [158], “К вопросу о классификации фразеологических единиц таджикского языка” [147], “Некоторые вопросы фразеологии современного таджикского языка» [148].

Профессор Ҳ. Маҷидов дар мақолаи “Аломатҳои фарқкунандаи воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ” [157] дар бораи воҳидҳои фразеологӣ ҳамчун яке аз воситаҳои муҳими ифодаи фикр барои офаридани образҳои барҷастаи бадеӣ, портрет ва лавҳаҳои ҷудогонаи зиндагӣ, баҳодиҳӣ ба ҳодисаю воқеаҳои ҳаёт андеша баён намуда, таъкид кардааст, ки дар воҳидҳои фразеологии ҳар забон зимни шакли ифодаҳои ниҳоят мухтасар ва

муъҷаз таҷрибаи ҳаётии бисёрсола, табъу кайфият, урфу одат ва таъриху маданияти ҳамон халқ инъикос гардидааст.

Таҳқиқи ин қисмати муҳими забони ҳозираи тоҷик аҳаммияти калони илмӣ – амалӣ дошта, барои ҳалли як қатор масъалаҳои баҳсталаби лексикология, этимология, грамматика, услубшиносӣ ва соҳаҳои дигари он кумак хоҳад расонд. “То ҳол дар забоншиносӣ (давраи шуравӣ)-мегуяд муаллиф, – доир ба масъалаҳои асосии ин соҳа аломатҳои асосии фарқкунандаи воҳидҳои фразеологӣ, ки бо онҳо аз дигар воҳидҳои забонӣ ва воситаҳои тасвирии нутқ фарқ мекунанд, ҳаҷм, моҳият ва мавқеи воҳидҳои фразеологӣ дар системаи воҳидҳои дигари забонӣ фикру ақидаи тадқиқотчиён ниҳоят гуногун ва гоҳо ба ҳам зид аст” [157, с. 61].

Сабаби чунин ҳолат ҳам маълум, то ҳол проблемаи фразеология ҳаматарафа таҳқиқ нашудааст. Ба ифодаи яке аз муҳаққиқони маъруфи ин соҳа профессор Б.А. Ларин “фразеология ҳамчун соҳаи забоншиносӣ” ҳанӯз ҳам дар марҳилаи “тараққиёти пинҳонист” [143, с. 200].

Хусусиятҳои ба худ хоси воҳидҳои фразеологӣ, аломатҳои фарқкунандаи онҳо ҳама вақт диққати тадқиқотчиёни ин соҳаро ба худ ҷалб карда меояд. Ин бе сабаб нест. Масъалаҳои дигари воҳидҳои фразеологиро дар натиҷаи муаёян намудани аломатҳои асосии онҳо ҳал кардан мумкин аст. Маълум, ки воҳидҳои фразеологӣ аз ҷиҳати ифодаи маъно ва сохту таркиб гуногун буда, ба хусусиятҳои зиёде соҳибанд.

Оид ба аломатҳои фарқкунандаи воҳидҳои фразеологӣ ҳанӯз дар вақти худ муҳаққиқи барҷастаи франсуз Шарл Балли таваққуф карда буд. Дар забоншиносии шуравӣ доир ба ин масъала яке аз тадқиқотҳои беҳтарин ба академик В. В. Виноградов тааллуқ дорад. Ӯ доир ба аломатҳои фарқкунандаи воҳидҳои фразеологӣ ба таври алоҳида наистад ҳам, ҳангоми ҷудо намудани ҳар як гурӯҳи фразеологӣ хусусияти ба худ хоси онҳоро нишон медиҳад. Ибораҳои фразеологии рехта (фразеологические сращения), ки гурӯҳи аввали воҳидҳои фразеологии таснифоти ӯро ташкил медиҳанд, аз рӯи аломатҳои фарқкунандаашон ба чор гурӯҳи дигар ҷудо карда мешаванд:

“а) ибораҳое, ки дар таркибашон калимаҳои куҳнашуда ва архаистӣ мавҷуданд (чунончи, дар тоҷикӣ: “бори накав”, “салмаи сақат”); б) ибораҳое, ки дар таркибашон архаизмҳои грамматикӣ доранд (“ҳарчи бодо бод”); в) ибораҳое, ки аз ҷиҳати пуробарангӣ, фардӣ кунонида шудаанд (ана халос! Вой дод!!!); г) ибораҳое, ки ҷузъҳои таркибиашон мустақилии маъногии худро пурра гум карданд ва барои фаҳмидани маънои яклухти он аҳаммияте надоранд (“аз афти кор”, “аз ду сар”)” [157, с. 63].

Маънои яклухти воҳидҳои фразеологӣ на ҳама вақт дар асоси маънои таҳтуллафзии ҷузъҳои таркибӣ ба вуҷуд меояд. Гоҳо маънои яклухти воҳиди фразеологӣ бо маънои ҷузъҳои таркибӣ мувофиқат намекунад. Дар ин ҳолат маънои яклухти ибора, мумкин аст, ё дар натиҷаи архаистӣ гардида фаромуш шудани маънои баъзе ҷузъҳо, ё ин ки дар натиҷаи маънои маҷозӣ гирифтани мундариҷаи яклухти ибора ба вуҷуд ояд.

Дар протсесси инкишофи мунтаззами ҳамаи соҳаҳои забон, махсусан, маънои калимаҳо, аз ҷумла маънои ҷузъҳои таркибии воҳидҳои фразеологӣ низ як зайл тағйир ёфта меистад. Чунончи доираи истеъмоли калимаҳои куҳнашудаи: “қабл” – пеш; “хондан” – даъват кардан; “ҳофиза” – хотира; “фартут” – барҷомонда аз ҷиҳати ифодаи маъно ниҳоят танг шуда, танҳо дар таркиби воҳидҳои фразеологии “қабл аз ин” – пеш; “меҳмони нохонда” – даъватнашуда; “қувваи ҳофиза” – хотира; “пири фартут” – пири барҷомонда вомехуранд” [157, с. 68].

Алоқамандии байни маънои яклухт ва маънои ҷузҳои таркибии воҳидҳои фразеологӣ як зайл наемонад. Дар протсесси истеъмоли пай дар пай маънои яклухти воҳидҳои фразеологӣ то рафт равшантар ва барҷастатар ифода ёфта, сохту таркиби он то рафт рехтаву суфта мегардад. Дар ин ҳолат маънои яклухти воҳиди фразеологӣ бо маънои ҷузъҳои таркибӣ ҳама вақт мувофиқат намекунад. Ба ақидаи профессор Ҳ. Маҷидов “Ин намуди воҳидҳои фразеологӣ бағоят пуробарнг буда, дар онҳо хусусиятҳои ба худ хоси забони миллии тоҷик бо тамоми нозукиҳои худ инъикос гардидаанд ва колороти махсуси миллии такрорнашавандаеро ба вуҷуд овардаанд, чунончи:

“гуш ба қимор” – омода, ҳушёр; “аз дил гузаронидан” – андешидан, фикр кардан; “димоғи касеро сӯхтан” – касеро ранҷонидан, хафа кардан ва монанди инҳо.

Ҳамин тариқа, маънои яклухти воҳидҳои фразеологӣ дар заминаи мундариҷаи таҳтуллафзӣ, маҳдуд гардидани маънои яке аз ҷузъҳои таркибӣ, маънои маҷозии тамоми ибора ба вуҷуд омада метавонад. Дар натиҷа гоҳо алоқамандии байни маънои яклухт ва маънои ҷузъҳои таркибӣ аз ҳам дур мегардад ва воҳидҳои фразеологӣ ба ифодаҳои рехтаву суфтагардидаи забон, ба эквивалентҳои пуробуранг ва таъсирбахши калимаҳо табдил меёбанд. Вале маънои яклухти воҳидҳои фразеологӣ бо кадом тарзе, ки ба вуҷуд наояд, вай ба “предмет” бевосита равона карда шудааст, ифодакунандаи таркибии предметҳо, аломат, ҳолат ва амали онҳо мебошад.

Минбаъд дар мадди назари Ҳ. Маҷидов масъалаи таҳқиқи бунёдии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ қарор мегирад ва дар ин бобат пажуҳиши густурдаро идома медиҳад ва дар солҳои 70-ум як силсила мақолаҳои дигар ба табъ мерасонад, ки паҳлуҳои норавшану баҳсноки воҳидҳои фразеологияи забони тоҷикиро дарбар мегиранд, чунончи: “Ибораҳои фразеологии феълӣ” [371], “Ҷумлаҳои фразеологӣ” [372], “Тартиби фразеологӣ” [373], “Об особенностьях предикативных фразеологических единиц таджикского языка” [150].

Муҳаққиқи воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ Ҳ. Маҷидов пажуҳиши муназзамро оид ба ин масъала идома дода, дар монографияи доктории хеш, ки зери унвони «Фразеологическая система современного таджикского литературного языка» [151] ба чоп расидааст, назарияҳои охирини илми фразеологияи тоҷик ҷамъбасти худро ёфтаанд. Дар он ба масъалаҳои ҷойгоҳи системаи фразеологии забон дар миёни дигар системаҳои забонӣ, аломатҳои фарқкунанда ва вижагиҳои категориявии воҳидҳои фразеологӣ, аломат, сохтор ва маънои фразеологӣ, ҳамчунин гурӯҳҳои сохтории воҳидҳои фразеологӣ – таркиб, ибора ва ҷумлаҳои фразеологӣ таваҷҷуҳи махсус дода шудааст. Ҳангоми муқаррар намудани

маънои фразеологӣ ва қабатҳои маъноии он дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологӣ зикр мегардад, ки дар тавлиди маъноҳои сирф мафҳумӣ, мафҳумию образнок, образнок, эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ саҳми воситаҳои тасири бадеӣ хеле назаррасу устувор аст. Дар ин рисола аввалин бор мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ таҳлили амиқи илмӣ шуда, сохтори маънои фразеологӣ нишон дода мешавад.

Албатта, хизматҳои шоёну бесобиқаи забоншиноси нуктасанҷ, профессор Ҳ. Маҷидовро дар ташаккул ва рушди илми фразеологияи тоҷик махсус бояд таъкид кард. Бо боварӣ метавон гуфт, ки мавсуф бо таълифоти пуразиши хеш тавонист илми фразеологияро ҳамчун як шохаи инкишофёфта ва мустақили илми забоншиносии тоҷик муаррифӣ намояд.

Бо сайъи комилу пайвастаи профессор Ҳ. Маҷидов давра ба давра масъалаҳои мубрами вобаста ба табиати забонии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ қисман ҳаллу фасл гардиданд

5.1.10. Баъзе масъалаҳои забони тоҷикӣ аз назари Пулод Қурбонов

П. Қурбонов аз шогирдони профессор М. Исматуллоев буда, дар боби наҳви ҷумлаҳои сода таҳқиқи илмӣ бурдааст. Фаъолияти илмии П. Қурбонов солҳои 60-уми асри XX шуруъ гардида, солҳои 70-80 идома ёфтааст. Мавзуи таҳқиқи ӯ баёнияҳо буда, доир ба ин мавзуъ як силсила мақолаҳо ба табъ расонидааст, чунончи: “Дар бораи баёния” [137], “Дар бораи баёнияи изофӣ” [138], “Як типи нави ҷумлаи пайрав дар забони адабии ҳозираи тоҷик” [139], “Ифода ёфтани муносибати баёниягӣ ба воситаи ҷумлаи пайрав” [140], “Баёнияҳои истисноӣ аз ҷиҳати ифодаи маъно ва муносибати синтаксисӣ” [144] “Дар бораи баёнияи истисноӣ” [369].

Муаллиф кӯшиши зиёд кардааст, ки дар мақолаҳои хеш оид ба хусусиятҳои наҳвии баёния, сохту маънои ин навъи ёрираснони аъзоҳои ҷумла ибрози назар намояд. Чунончи, дар мақолаи “Дар бораи баёнияи изофӣ” андешаҳояшро зимни изофат ва баёнияи изофӣ баён намуда, таъкид кардааст, ки: “изофат, ҳамчун воситаи грамматикӣ, дар забони тоҷикӣ роли

муҳим мебозад. Дар китоби грамматикаи мактабии забони тоҷикӣ вазифаи асосии изофат – ба ҳам алоқаманд кардани калимаҳо шарҳ ёфтааст. Бо вуҷуди ин фактҳои забони тоҷикӣ нишон медиҳад, ки дар грамматика вазифаи грамматикии изофат ҳамаҷониба кушода нашудааст, вобаста ба ин як қатор мавзуъҳои ба изофат алоқамандбуда, аз ҷиҳати илмӣ пурра таҳқиқ нагардидаанд” [138, с. 41]. Ба ин гурӯҳ баёнияи изофӣ низ дохил мешавад.

Дар забони тоҷикӣ ду роҳи ифодаи баёния мушоҳида мешавад: ба воситаи изофат ва бе изофат, аз ин сабаб ҳам баёнияи изофӣ ва беизофа мегуянд. Масалан, баёнияи изофӣ (шаҳри Душанбе, Салоҳиддини ронанда, Юнусбои раис) алоқаи изофиро ташкил мекунад, баёнияи беизофа бошад (ронанда Салоҳиддин, раис Юнусбой) ба воситаи алоқаи ҳамроҳӣ (примыкание) ва интонатсия бо баёншавандаи муносибати грамматикӣ пайдо мекунад. Қайд бояд намуд, ки дар бораи баёнияи беизофӣ ҳамфикрӣ дида шавад ҳам, вале дар бораи баёнияи изофӣ байни олимони забоншиноси тоҷик фикрҳои гуногун дида мешавад. Баъзеҳо баёнияи изофиро ба гурӯҳи муайянкунандаҳои сифатӣ, ё ба гурӯҳи муайянкунандаҳои нисбӣ дохил намуда, бо ин онро ҳамчун шакли махсуси муайянкунанда ба ҳисоб намегиранд. Як гурӯҳ баёниҳои изофиро шакли махсус ҳисобида бошанд ҳам, вале тавофутҳои байни онҳоро кушода натавонистаанд. Ин гуна фарқиятҳо дар китобҳои дарсии ба синтаксис бахшидашуда (А.М. Беленитский ва Б. Ҳоҷизода – “Наҳви забони тоҷикӣ” ва Л. Бузургзода – “Синтаксиси мухтасари забони тоҷикӣ” ба мушоҳида мерасанд. Дар ин китобҳо таърифи баёния як хел нест. Чунончи, дар китоби “Наҳви забони тоҷикӣ”-и Беленитский ва Б. Ҳоҷизода таърифи баёния чунин тарз мебошад: “Муайянкунандае, ки бо муайяншаванда ба воситаи бандаки изофат баста нашуда, бо роҳи ташкил додани мусовот (баробарӣ) ӯро (муайяншавандаро) равшан ва эзоҳ мекунад, баёния номида мешавад”. Дар китоби Л. Бузургзода – “Синтаксиси мухтасари забони тоҷикӣ” баёния ҳамчун муайянкунандаи ғайриизофӣ ба ҳисоб гирифта шудааст. Аз таҳлили муаллиф бармеояд, ки дар муайян намудани баёнияи изофӣ дар асари Н. Маъсумӣ – “Нишондодҳои

методӣ ва супоришҳо аз забони модарӣ” ва Б. Ниёзмуҳаммадов – “Ҷумлаҳои содда дар забони адабии ҳозираи тоҷик” назарҳои гуногун ҷой доранд. Н. Маъсумӣ баёнияро як хели муайянкунанда номидааст. Б. Ниёзмуҳаммадов “Дар ҷумла ибораҳое, ки бо аъзоҳои ҷумла якҷоя омада, онҳоро эзоҳ ва шарҳ медиҳанд, баёния ном дорад” – гуфта шарҳ додааст. Дар асарҳои зикргардида таърифҳоии ба баёния дода шуда гуногун бошад ҳам, вале асоси он таърифхо дурустанд, яъне онҳо ҷиҳати асосии баёния – аз ягон ҷиҳат конкрет кардан ва эзоҳ додани исми нисбат ба худаш (баёния) мафҳуми кул доштагиро нишон додаад. Баёния, хусусан баёнияи изофӣ, яке аз намудҳои махсуси муайянкунада мебошад. Вай аз муайянкунандаҳои дигар ҳам аз ҷиҳати муносибати ба муайяншаванда (баёншаванда) доштанаш ва ҳам аз ҷиҳати ифодаи маъно фарқ мекунад. Баёншаванда нисбат ба баёния мафҳуми умумӣ (кул) дорад, баёния бошад, онро танҳо аз ягон ҷиҳат – хел, ҷинс, нав ва монанди ин конкрет мекунад, эзоҳ медиҳад.

Аз мазмуни мақолаи “Баёнияҳои истисноӣ аз ҷиҳати ифодаи маъно ва муносибати синтаксисӣ” ва баъзе шарҳу эзоҳи муаллиф чунин бармеояд, ки ӯ зимни ифодаи «баёнияи истисноӣ» аъзоҳои истисноиро дар назар дорад. Ба андешаи муаллиф баёнияи истисноӣ аъзои эзоҳшавандаро шарҳ дода истода, ба он муносибати синонимӣ пайдо мекунад. Дар чунин ҳолат баёнияи истисноӣ моҳиятан ҳиссаи эзоҳшавандаро бо номи дигар ё бо тарзи дигар ифода намуда, бо ҳамин мазмуни онро қувват медиҳад, равшантар мегардонад. Муаллиф пас аз ҳамин тезис чунин мисолҳоро намуна овардааст: Айёми хуби ҷавонии ман – баҳори умри ман, дар ин шаҳр гузаштааст [349, с. 44]; Қариби шом, говгум, ба манзил расидем [331, с. 157]; Албатта, падарат туро ба дасти шавҳарат – соҳибат, бароварда месупорад [349, с. 44]. Чунон ки аз мисолҳо бармеояд, дар ҷумлаи якум ибораи “баҳори умри ман” мубтадо, дар ҷумлаи дуюм калимаи “говгум” ҳоли замон ва дар ҷумлаи сеюм калимаи “соҳибат” пуркунандаи ҷумларо шарҳу эзоҳ доданд ва чун мубтадои истисноӣ, ҳоли замони истисноӣ ва пуркунандаи истисноӣ воқеъ гаштаанд.

Аммо бо кадом асосу далел, бо чи мақсад онҳоро баёнияи истисноӣ номидани муаллиф ба мо маълум нагардид [369, с. 12].

П. Қурбонов зимни тадқиқи баёнияҳо хусусияти эзоҳию иловагӣ доштани чунин аъзоҳоро зикр намуда, ин тавр таъкид намудааст: «Агар дар ҷумла ё худ ибора вазни асосӣ ва задаи фразеологӣ ба исми баёншуда афтад, яъне вай ҳамчун фоили асосӣ тасаввур карда шавад, кор фармудани баёния ҳатмӣ нашуда мемонад, яъне хоҳ онро гӯяд хоҳ нагӯяд, чандон фарқе надорад, вай танҳо барои эзоҳ додан ё худ конкретонидани баёншаванда хизмат мекунад. Чунончи: Зани Сайфиддинов-Марзия, меҳмононро хушу хуррам қабул карда, ба тараддуди меҳмондорӣ афтод [349, с. 132].

Муҳаққик аломату хусусиятҳои аъзои истисноиро хуб шарҳу эзоҳ додааст, аммо исми «Марзия»-ро чун баёнияи истисноӣ донистааст. Ба фикри мо, исми «Марзия» барои адои ҳамон вазифае омадааст, ки ифодаи «зани Сайфиддинов» адо кардааст, яъне мубтадои истисноӣ аст.

Пас аз таълифи мақолаҳои фавқ ва гузоришу маърузаҳо дар бораи баёния ӯ рисолаи номзадиашро соли 1974 дар мавзуи “Баёния дар забони адабии ҳозираи тоҷик” [142] дифоъ менамояд.

Ҳодисаи истисношавии аъзоҳои ҷумла яке аз воситаҳои муҳими саҳеҳии тарзи ифода, таъсирнокию амиқии гуфтору баён маҳсуб меёбад. Аъзоҳои истисноӣ дар қолаби калима, таркибу ибора ва ҷумламонандҳо омада, ягон аъзои ҷумларо мушаххас месозанд ё умуман оид ба фикри дар ҷумла баёнгардида ахбори иловагӣ оварда, матлаби баёншударо боз ҳам возеҳу равшантар месозанд.

5.1.11. Баҳриддин Камолиддинов – муҳаққиқи услубшинос

Б. Камолиддинов (08.10.1935-13.05.2020) яке аз поягузорони мактаби муосири услубшиносии тоҷик маҳсуб меёбад. Фаъолияти илмии ӯ ба 3 самт равона гардидааст:

1. Синтаксис

- ҷумлаҳои дутаркиба

- муродифоти наҳвӣ
- сохтори ҷумла

2. Услубшиносӣ

- услуби илмӣ
- услуби матбуот
- таҳлили услуби нависандагон

3. Фарҳанги нутқ

- меъёри забони адабӣ
- равонии баён
- интихоб ва таъсири калима

Аз нахустин қадамҳои худ ба ҷодаи илм Б. Камолиддинов ба таҳқиқи хусусиятҳои забони асарҳои яке аз адибони хушсалиқаву навҷӯи насри бадеии тоҷик Ҳаким Карим машғул мешавад. Пас аз таҳқиқи баррасиҳои зиёде соли 1966 дар мавзуи “Забон ва услуби Ҳаким Карим” [112] рисолаи номзадӣ дифоъ менамояд.

Дар солҳои баъдӣ оид ба услубшиносӣ, ҳусни баён, маданияти сухан як силсила дастуру мақола таълиф менамояд. Баъдтар диққати Б. Камолиддиновро бештар масъалаҳои наҳвшиносӣ ҷалб менамояд ва ӯ ба таҳқиқи яке аз мавзуъҳои хеле кам омухташуда – муродифоти наҳвӣ машғул шуда, ин мавзуъро муддати 18 сол таҳқиқ карда, онро ба сифати рисолаи докторӣ соли 1988 бо унвони «Синтаксическая синонимия в современном таджикском литературном языуке» [115] («Муродифоти наҳвӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ») дифоъ менамояд. Дар рисола масъалаҳои зерин мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд:

1. **Мафҳуми муродифоти наҳвӣ (синтаксисӣ)**
   - чӣ гуна воҳидҳои гуногуни наҳвӣ (ҷумла, ибора, сохторҳои грамматикӣ) метавонанд як маъно ё маъноҳои наздикро ифода кунанд.
2. **Навъҳои муродифоти наҳвӣ дар забони тоҷикӣ**
   - муродифоти ҷумлаҳои сода ва мураккаб;
   - муродифоти ибораҳои феълӣ, исмӣ ва дигар сохторҳо;

- шаклҳои гуногуни ифодаи як фикр.

3. **Воситаҳои грамматикӣ ва услубии ба вуҷуд омадани муродифот**

- ҷойивазкунии аъзои ҷумла;
- истифодаи пайвандакҳо, калимаҳои ёридиҳанда, шаклҳои феъл;
- табдили ҷумлаҳои тобеъ ва сода ба ҳамдигар.

4. **Нақши муродифоти наҳвӣ дар ҳусни баён ва фарҳанги нутқ**

- чӣ гуна интихоби сохтори мувофиқ нутқро равон, таъсирбахш ва дақиқ мегардонад.

5. **Хусусиятҳои услубии муродифоти наҳвӣ**

- истифодаи онҳо дар услуби бадеӣ, илмӣ, публисистӣ ва гуфтугӯӣ.

Назарияи муродифоти наҳвӣ самти асосии рисолаи доктории Б. Камолиддинов мебошад, ӯ исбот мекунад, ки як фикрро бо чанд сохтори гуногуни наҳвӣ ифода кардан мумкин аст.

Намунаи 1: ҷумлаи сода ва мураккаб

- Ман шунидам, ки ӯ омад.
- Омадани ӯро ман шунидам.

Ҳар ду як мазмун доранд, вале сохтори наҳвӣ гуногун аст.

Намунаи 2: ҷумлаи феълӣ ва исмӣ

- Ӯ зуд қарор қабул кард.
- Қабули қарор аз ҷониби ӯ зуд сурат гирифт**.**

Ҷумлаи аввал табиӣ ва гуфтугӯӣ, ҷумлаи дуюм бештар илмӣ ё расмӣ аст.

Намунаи 3: ҷумлаи пайрав ва сифати феълӣ

- Шахсе, ки омад, устод буд.
- Шахси омада устод буд.

Инҳоро Б. Камолиддинов муродифи синтаксисӣ меҳисобад.

Ба андешаи Б. Камолиддинов интихоби шакли ҷумла на танҳо масъалаи грамматика, балки масъалаи услуб, мақсади гуфтор ва таъсир ба шунаванда мебошад.

Ин назария имрӯз ҳам дар омузиши синтаксис, услубшиносӣ ва фарҳанги нутқи тоҷик истифода мешавад.

Таснифи муродифоти наҳвӣ дар таълимоти профессор Баҳриддин Камолиддинов яке аз бахшҳои муҳимми пажуҳишҳои ӯст. Ӯ дар асоси маводи забони адабии тоҷик нишон медиҳад, ки муродифоти наҳвӣ танҳо ивазшавии шаклҳои ҷумла нест, балки бо маъно, сохтор ва вазифаи услубӣ вобастагии зич дорад. Аз ин ҷиҳат ӯ онҳоро шартан ба чанд гурӯҳи асосӣ ҷудо мекунад:

. Муродифоти грамматикӣ (сохторӣ)

Ин навъ вақте ба вуҷуд меояд, ки як мазмун бо сохторҳои гуногуни грамматикӣ ифода шавад.

а) Ҷумлаи сода ва ҷумлаи мураккаб

Мисол:

- Ман медонам, ки ӯ меояд.
- Омадани ӯ ба ман маълум аст.

Ҳар ду як мазмун доранд, аммо:

- ҷумлаи аввал - ҷумлаи мураккаби тобеъ;
- ҷумлаи дуюм - ҷумлаи сода бо масдар.

б) Ҷумлаи пайрав ва ибораи сифати феълӣ

- Китобе, ки ман хондам, ҷолиб аст.
- Китоби хондаи ман ҷолиб аст.

в) Ҷумлаи феълӣ ва номӣ

- Муаллим дарсро оғоз кард.
- Оғози дарс аз ҷониби муаллим сурат гирифт.

Б.Камолиддинов инро табдили шаклҳои синтаксисӣ медонад.

2. Муродифоти лексикӣ – наҳвӣ

Дар ин ҷо ҳам сохтор ва ҳам интихоби калимаҳо таъсир мерасонанд.

а) Иваз шудани воҳидҳои луғавӣ дар як қолаби наҳвӣ

- Ӯ сухан гуфт.
- Ӯ нутқ кард.
- Ӯ ҳарф зад.

Сохтор як аст, аммо калимаҳо маънои гуногунӣ медиҳанд.

б) Ифодаи як маъно бо воситаҳои гуногун

- Ӯ шод шуд.
- Ӯ ба хурсандӣ омад.
- Ӯ хурсанд гардид.

Ба андешаи Камолиддинов, чунин тағйирот ба тобиши маъно ва муҳити нутқ вобаста аст.

3. Муродифоти услубӣ

Ин навъ аз муҳимтарин бахшҳои таҳқиқоти ӯ мебошад. Дар ин ҷо шаклҳои гуногуни ҷумла аз рӯи **соҳаи истифода** фарқ мекунанд.

а) Гуфтугӯӣ ва китобӣ

- Ӯ корро тамом кард.
- Ӯ анҷоми корро таъмин намуд**.**

Ҷумлаи аввал – гуфтугӯӣ ва табиӣ.

Ҷумлаи дуюм – расмӣ ва китобӣ.

б) Бадеӣ ва илмӣ

- Офтоб баромад.
- Тулӯи офтоб оғоз гардид.

Аввалӣ – бадеӣ ва сода;

Дуюм – илмӣ ё публисистӣ.

Муродифоти тартиби калима (позитсионӣ)

Б. Камолиддинов махсус нишон медиҳад, ки тартиби калима дар забони тоҷикӣ воситаи муҳими муродифсозист.

Мисол:

- Ман имрӯз ӯро дидам.
- Имрӯз ман ӯро дидам.

- Ӯро ман имрӯз дидам.

Маънои асосӣ нигоҳ дошта мешавад, аммо:

- таъкид,
- маркази хабар,
- таъсири услубӣ тағйир меёбад.

5. Муродифоти пурра ва нопурра

Пурра:

Ду сохтор қариб як маъно доранд:

- Ӯ омад.
- Ӯ ҳозир шуд**.**

Нопурра:

Маъно наздик аст, вале баён фарқ мекунанд:

- Ӯ гуфт.
- Ӯ изҳор намуд.
- Ӯ таъкид кард.

Б. Камолиддинов дар асоси маводди забони адабии тоҷик нишон медиҳад, ки муродифоти наҳвӣ танҳо ивазшавии шаклҳои ҷумла набуда, балки бо маъно, сохтор ва вазифаи услубӣ вобастагии зич дорад.

Ба андешаи ӯ: «Муродифоти наҳвӣ воситаи ғанигардонии нутқ, дақиқии фикр ва интихоби мувофиқи шакли баён мебошад».

Маҳз ҳамин назария асоси омузиши услубшиносӣ**,** фарҳанги нутқ ва синтаксиси амалии забони тоҷикӣ гардид.

Мувофиқи таълимоти ӯ муродифоти наҳвӣ се вазифаи асосӣ дорад:

1. Коммуникативӣ – дақиқ расонидани фикр;

2. Услубӣ – интихоби шакли мувофиқ барои вазъияти нутқ;

3. Экспрессивӣ – таъсиргузорӣ ба хонанда ё шунаванда.

Андешаҳои профессор Б. Камолиддинов оид ба ҷумлаҳои дутаркиба ва муродифоти наҳвӣ аз муҳимтарин дастовардҳои забоншиносии тоҷик ба шумор мераванд. Ӯ ин масъалаҳоро махсусан, дар мақолаҳои илмии худ «Дар бораи ҷумлаҳои яккалимагӣ» [111], «Роҳҳои гуногуни ифодаи як муносибати

ҳолӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик» [113] ва китобҳои «Муродифоти синтаксисӣ ва ҳусни баён» [114], «Хусусиятҳои услубии сарфу наҳви забони тоҷикӣ» [116] таҳлил кардааст.

Б. Камолиддинов таъкид мекунад, ки ҷумлаи дутаркиба танҳо сохтори грамматикӣ нест, балки воҳиди маъноӣ ва услубӣ низ мебошад.

Масъалаҳои асосие, ки ӯ баррасӣ кардааст:

а) Муносибати мубтадо ва хабар

Ба ақидаи ӯ, мубтадо ва хабар танҳо аз ҷиҳати грамматикӣ вобаста нестанд, балки аз ҷиҳати мантиқӣ ҳамдигарро пурра мекунанд.

Мисол:

- **Донишҷӯ китоб мехонад.**
- **Китобро донишҷӯ мехонад.**

Ба назари Б. Камолиддинов, маъно асосан як аст, аммо **таъкиди фикр** дигар мешавад:

- дар ҷумлаи аввал диққат ба амал;
- дар ҷумлаи дуюм диққат ба иҷрокунандаи амал.

Инро ӯ яке аз воситаҳои услубии сохтани ҷумла мешуморад.

б) Озодии ҷойивазкунии аъзои ҷумла

Ӯ нишон медиҳад, ки дар забони тоҷикӣ тартиби калима нисбатан озод аст ва ин барои ифодаи нозукиҳои маъно хизмат мекунад.

Мисол:

- **Падар имрӯз омад.**
- **Имрӯз падар омад.**
- **Омад имрӯз падар.**

Аз нигоҳи грамматикӣ ҳамаи онҳо имконпазиранд, вале бори услубӣ гуногун аст.

в) Навъҳои ҷумлаҳои дутаркиба

Ӯ ҷумлаҳои дутаркибаро аз рӯи:

- тарзи ифодаи хабар,
- пурра ё нопурра будан,

- вазифаи услубӣ,
- муносибати маъноӣ

ба гурӯҳҳо ҷудо кардааст.

Махсусан, натиҷаҳои таҳқиқи забоншиносии Б. Камолиддинов дар солҳои 70-80-ум хеле назаррас мебошад.

5.1.12. Абдусаттор Мирзоев ва масъалаи таҳқиқи ибораҳои забони тоҷикӣ

Профессор Абдусаттор Мирзоев (1932 - 2009) бо пажуҳишҳои амиқ ва фаъолияти омузгории пурсамар дар пешрафти забоншиносии тоҷик саҳми назаррас гузоштааст. Осори илмии ӯ барои муҳаққиқони ҷавон манбаи боэътимоди дониш ва роҳнамои таҳқиқ ба шумор меравад

А. Мирзоев солҳои 1962-1965 дар аспирантура таҳсил намуда, соли 1968 дар мавзуи «Ибораҳои феълии замонӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик» [168] рисолаи номзадӣ ва дар соли 2002 дар мавзуи «Масъалаҳои ибора дар забони тоҷикӣ» [169] рисолаи докторӣ ҳимоя кардааст. Таҳқиқотҳои ӯ бо навгонӣ, амиқандешӣ ва истифодаи фаровони манбаъҳои илмӣ фарқ мекунанд. Маҳз ҳамин хусусиятҳо ҷойгоҳи ӯро дар рушди илми забоншиносии тоҷик устувор гардонидаанд.

Махсусан, асари “Ибораҳои феълии замонӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик” дар забоншиносии тоҷик аз зумраи нахустин таҳқиқотҳое мебошад, ки ба масъалаҳои назариявӣ ва таҳлили гурӯҳҳои луғавию тобишҳои маъноии ибораҳои феълии забони тоҷикӣ**,** инчунин даврачаи омухта шудани ин навъи ибораҳо, хелҳои ибора ва муносибатҳои замонии онҳо бахшида шудааст. Ин асар аз сарсухан, ҳафт боб ва рӯйхати адабиёти илмӣ таркиб ёфтааст. Дар боби якуми асар ибораҳои озоди забони адабии ҳозираи тоҷик аз рӯйи сохт ва маъно тасниф ва баъзе масъалаҳои назарияи ибора баён карда шудаанд.

Инчунин, дар ҳамон ҷо дарачаи омухта шудани ибораҳои феълие, ки маънои замонӣ доранд, мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Ин навъи ибораҳо дар низоми ибораҳои феълӣ мақоми махсусро ташкил мекунанд. Дар асар

сохт ва маънои ибораҳои номбурда хеле батафсил баён шудаанд. Махсусан, механизми ибораҳои феълии пешоянду пасояндор мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, чунки дар ташаккули ин навъи ибораҳо пешоянду пасояндҳо аҳаммияти калон доранд. Дар боби дуюм бошад “Ибораҳои феълии замонӣ бо пешояндҳои аслӣ”, боби сеюм “Ибораҳои феъли замонӣ бо пешояндҳои номии таркибии замонӣ”, боби чорум “Ибораҳои феълии замонӣ бо пешояндҳои номии таркибии ғайризамонӣ, боби панҷум “Ибораҳои феълии замонӣ бо пешояндҳои номии содаи изофӣ”, боби шашум “Ибораҳои феълии замонӣ бо пасоянд ва бо пешоянду пасоянд ва боби ҳафтум “Ибораҳои феълии замонии алоқаи ҳамроҳӣ” -ро фаро гирифтааст.

Асар, бешубҳа, барои таҳқиқи синтаксиси ибораҳо ёрии калон расонида, диққати таҳқиқгарони сохти синтаксисии забонҳои дигарро ба худ ҷалб карда метавонад.

Бар замми ин, саҳми А. Мирзоев дар ташаккули баъзе самтҳои муҳимми забоншиносии навини тоҷик назаррас аст. Мавсуф яке аз поягузори таҳқиқоти илмии ибораҳои феълӣ дар забоншиносии тоҷик мебошад. То таҳқиқотҳои А. Мирзоев ибораи феълӣ бештар дар доираи мавзуъҳои наҳв баррасӣ мешуданд. А. Мирзоев нахустин шуда, вижагиҳои сохторӣ, маъноӣ ва дастурии ибораҳои феълиро ба таври мустақил таҳқиқ намуда, ҷойгоҳи онро ҳамчун аносири мустақили наҳвӣ дар забони тоҷикӣ муайян кард.

Аҳаммияти таҳқиқотҳои А. Мирзоев боз дар он зоҳир мешавад, ки сохтор, маъно ва вазифаҳои ибораро мавриди таҳқиқ қарор дода, масъалаҳои тасниф, навъҳои алоқа, қолаббандии ибора, қонуниятҳои сохтори ибора, фарқи ибора аз ҷумла, таркиб, синтагма, воҳидҳои фразеологӣ ва дигар хусусиятҳои ин воҳиди наҳвиро ба таври амиқу густарда таҳлилу баррасӣ кардааст.

Махсусан, оид масъалаҳои гуногуни забони тоҷикӣ корҳои арзишманд анҷом дода, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Ӯ дар ин бахшҳо ба комёбиҳои намоён ноил гардида, асарҳои пуразиш офаридааст. Аз ҷумла, “Ибораҳои феълии замонӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик» [168],

«Қоидаҳои асосии имлои забони тоҷикӣ», «Луғати имло», «Имлои забони тоҷикӣ», «Масъалаҳои ибора дар забони тоҷикӣ» [169], Забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои хонандагони синфи 6-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (бо ҳаммуаллифӣ) ва ғайра.

Профессор А. Мирзоев, инчунин, масъалаҳои муҳимми грамматика ва имлои забони тоҷикиро мавриди омузиш қарор дода, дар бораи бисёре аз онҳо андешаҳои ҷолиб ва пешниҳодҳои судманд баён намудааст. Ба масъалаҳои навъҳои ибора, воситаҳои алоқаи грамматикӣ, ибораи феълӣ, меъёрҳои имлои забони тоҷикӣ ва усули таълими забон таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардааст. А. Мирзоев ҳамчунин, ба сифати котиби комиссия дар таҳия ва қабули имлои забони тоҷикӣ ширкат варзидааст.

Инчунин, А. Мирзоев дар таҳия ва таълифи “Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик” (се ҷилд: 1985, 1986, 1989) иштирок намудааст.

Ташаккули ҷаҳонбинии илмии ӯ, пеш аз ҳама, дар доираи мактаби забоншиносии давраи шуравӣ сурат гирифтааст. Ин мактаб бар пояи андешаҳои назариявии донишмандони маъруфи он давра, ба мисли Ф.Ф. Фортунатов, А.И. Пешковский, А. А. Шахматов, В. В. Виноградов, В. П. Сухотин, Л.С. Пейсиков, Н.Н. Пропокович ташаккул ёфта, заминаи устувори илмӣ пайдо кардааст.

Профессор А. Мирзоев дар фаъолияти илмии худ усули таҳқиқи системавиро татбиқ намуд. Ин усул имкон фароҳам оварад, ки воқеияти мавҷудият ва қонуниятҳои амалкарди забони адабии муосири тоҷик бо дақиқият ва таҳлили амиқи илмӣ баррасӣ гардад. Дар натиҷа, мактаби хоси илмии ӯ ташаккул ёфта, дар рушди забоншиносии навини тоҷик саҳми арзанда гузошт.

Саҳми А. Мирзоев чун олими асил дар рушди илмҳои забоншиносӣ, бахусус дар бахшҳои иборашиносӣ, грамматика ва имло бузург аст. Мактаби иборашиносии мавсуф яке аз мактабҳои эътирофгардидаи забоншиносии навини тоҷик ба шумор меравад. Бахусус, монографияҳои «Ибораҳои феълии замонӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик» ва «Масъалаҳои ибора дар забони

тоҷикӣ» дар муҳити илми забоншиносӣ нақши бузургеро ба ёдгор гузошт ва дар бунёди иборашиносӣ заминаеро ба бор овард.

А. Мирзоев солҳои тулонӣ машғули таҳқиқи ҳамаҷонибаи масъалаҳои ибора буд. Мавсуф дар пажуҳиши масъалаҳои назариявии ибора бо пайравӣ аз назарияи олимони Аврупо ва рус, пеш аз ҳама, академик В. В. Виноградов тавонист мавқеи ибораро дар низоми наҳви забони тоҷикӣ мушаххас муайян намояд ва дар илми забоншиносии навини тоҷик як мактаби иборашиносиро ба вуҷуд оварад.

Дар хусуси он пажуҳишҳое, ки ба таҳқиқи масъалаҳои мубрами ибора бахшида шудааст, монографияи «Масъалаҳои ибора дар забони тоҷикӣ» [169] мақоми хосса дорад. А. Мирзоев дар баробари таҳлилу баррасии назари мухталиф роҷеъ ба ибора масъалаи диду шинохти ибораи феълиро низ ба таври густарда мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Дар ин бобат мавсуф таъкид менамояд, ки «Масъалаҳои назариявии ибора имкон медиҳад, ки таҳқиқгари забон тавассути онҳо бо дигар масъалаҳои мураккаби грамматикаи забон тоҷикӣ, аз ҷумла ҳиссаҳои нутқ, феълҳои таркибии номӣ, ифодаи намудҳои феъл, пешоянду пасояндҳо ба таври махсус таҷдиди назар намояд” [169, с. 9]. Дар шинохти ин воҳиди мустақили наҳв, яъне ибораҳои феълӣ ӯ бо чанде аз муҳаққиқон, забоншиносон баҳсу мунозираҳо ороста, назари хоссаи (оригиналӣ-В.Ҳ.) худро дар хусуси шинохти вижагиҳои хоси ибораҳои феълӣ ба миён мегузорад. Ин асари бунёдӣ натиҷаи ҷамъбасти заҳматҳои чандинсолаи муаллиф буда, дар ҳалли масъалаҳои норавшани назарияи иборашиносӣ ба сифати сарчашмаи муҳим арзиши баланди илмию амалӣ дорад.

Ин олими донишманд ба мавқеи ибора дар забони тоҷикӣ махсус таваҷҷуҳ намуда, вобаста ба масъалаҳои ибора ва ҷумла фикру андешаҳои худро чунин ҷамъбаст намудааст: “Ҳамин тариқ, бознигории адабиёти забоншиносии умумӣ ва ба вижа забоншиносии рус ва забоншиносии ҷузъӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки аз замонҳои қадим то кунун олимони намоён ба проблемаи ибора таваҷҷуҳи зиёд зоҳир кардаанд. Вале дар ҳалли масъалаҳои

муҳимми назариявии ибора фикру ақидаи ягона ба назар намерасид. Масъалаҳои асосӣ ва марказии ибора, аз қабили сохтор ва ҳаҷми ибора, муносибати ибора бо ҷумла, муносибати ибора бо синтагма, муносибати ибораҳои наҳвӣ бо ибораи фразеологӣ, муносибати ибора бо калима (ба вижа бо калимаҳои мураккаб ва таркибӣ), муносибати ибора бо аъзои ҷумла, муносибати ибора бо пайвастҳои чида, восита ва хелҳои алоқаи наҳвӣ дар ибора ва дар ҷумла , гурӯҳҳои луғавию грамматикии ибораҳо, муносибатҳои наҳвию семантикии ибораҳо ва ғайра дар асару мақолаҳои олимони забоншинос ба таври мухталиф баррасӣ гардидаанд” [169, с. 231].

А. Мирзоев ҳамчун забоншиноси варзида доимо дар андешаи таъмини бомароми рушди забони тоҷикӣ буд ва эҳтиёҷмандии меъёрҳои забони тоҷикиро ба услуби илмӣ, забони суфтаю шево ва оммафаҳмии матбуот, забони коргузории устувор, истилоҳоти ягонаи соҳаҳо ва имлои нисбатан возеҳу комил ёдрас мешуд, ки хушбахтона, ин муҳаққиқи зиндаёд то охири умр дар ин ҷода заҳмат кашида ва аз он хушҳолу хурсанд буд, ки баъди ба даст овардани истиқлолият таваҷҷуҳ ба забони тоҷикӣ бо талошҳои қотеонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сатҳи давлатӣ ҷойгоҳи вижаи худро пайдо кард.

Таъкид аз он мекард, ки риояи меъёри сухану қоидаҳои имло, бахусус, дар суханрониву қаламкашии зиёиён василаи покизагии забони ноби тоҷикӣ маҳсуб меёбад, зеро хатое ба навиштору гуфтори онҳо роҳ ёбад, он ба ғалати умум табдил меёбад, зеро забон омили асосии эҷоди фарҳанг, василаи рушду инкишофи ҷамъият мебошад.

Ниҳоят, бояд тазаккур дод, ки самтҳои таҳқиқоти Абдусаттор Мирзоев фарогири масъалаҳои иборашиносӣ, грамматика, имлошиносӣ, забони адабии муосир ва методикаи таълими забон буда, дар байни онҳо иборашиносӣ мақоми меҳварӣ дорад. Маҳз таҳқиқоти ӯ дар соҳаи ибораи феълӣ ва назарияи ибора заминаи ташаккули мактаби илмии иборашиносии тоҷикро фароҳам оварда, барои рушди минбаъдаи забоншиносии тоҷик аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ касб намудааст.

Ҳамин тариқ, аз баррасии осори муҳаққиқон ва забоншиносони ин марҳила ба чунин бардошт расидем, ки солҳои 70-уми садаи ХХ -ро солҳои авҷи ташаккули забоншиносии навини тоҷик метавон арзёбӣ намуд. Маҳз дар ҳамин давра дар ҳама бахшҳои илми забоншиносии тоҷик, аз ҷумла, овошиносӣ, луғатшиносӣ, сарфу наҳв, услубшиносӣ ва истилоҳот таҳқиқотҳо анҷом дода шуда, дар ҳамин замина асарҳои бунёдӣ таълиф гардиданд. Ин маводҳо барои таҳқиқи марҳилаҳои минбаъдаи рушди забоншиносии тоҷик ҳамчун сарчашмаи муътамади илмӣ хидмат карда метавонанд.

ХУЛОСА

Мо аз таҳлилу баррасии мавзуи таҳқиқшаванда ба хулосаҳои зерин омадем:

1. Аз таҳқиқоти дар солҳои истиқлол анҷом додашуда бармеояд, ки ташаккули забоншиносии навини тоҷик таърихи тулонӣ дошта, он ба давраи қабл аз Хилофати араб рост меояд, аммо зинаи аввали ташаккули забоншиносии навини тоҷик, аз солҳои 40-юми асри Х1Х, яъне замони Русияи подшоҳӣ, шуруъ шудааст. Яке аз ин омилҳо аз ҷониби муҳаққиқони забоншинос ва шарқшиносон таълифи китоби грамматикаи мухтасар зери унвони “Грамматикаи забони форсӣ” (“Краткая грамматика персидского языка”-и Аббос-Қулӣ Оғо Боқихонов, “Краткая грамматика персидского языка”-и Мирзо Ҷаъфар, “Краткая грамматика персидского языка”-и К. Г. Залеман ва В. А. Жуковский) мебошад, ки дар инкишофи афкори забоншиносии навини тоҷик саҳм гузоштаанд. Дар ин грамматикаҳо асосҳои дастури забони форсӣ шарҳу тавзеҳ ёфтааст, ки аксари мавзуъҳои матраҳшуда ба хусусиятҳои дастурии забони адабии классикӣ ва муосири тоҷикӣ низ дахл дорад.

2. Дар доираи чунин пажуҳишҳо то Инқилоби Октябр таваҷҷуҳи махсуси муҳаққиқони шарқшиноси Русияи подшоҳӣ дар баробари омузиши ҳамаҷонибаи урфу одатҳои мардуми тоҷик, фарҳанг, тарзи зиндагӣ ва дигар хусусиятҳои иҷтимоӣ, инчунин, ба таҳқиқи системанок ва амиқтари гуйишҳои забони тоҷикӣ равона гардида буд. Аз ин ҷост, ки дар натиҷаи чунин пажуҳишҳо аз ҷониби онҳо бо мақсади густариши равобити илмӣ ва иҷтимоӣ бо ин сарзамин як қатор асарҳои арзишманди илмӣ, дастуру роҳнамоҳо бо забони тоҷикӣ таълиф намуданд, ки барои шаклгирии афкори забоншиносии навини тоҷикӣ то Инқилоби Октябр таъсир расонидааст.

3. Дар ин давра бо вуҷуди маҳдудиятҳои сиёсӣ ва илмиву иҷтимоии замон дар заминаи афкори пешқадами муҳаққиқон ва шарқшиносони намоён баъзе дастуру роҳнамоҳо ва очеркҳо таълиф гардидаанд, ки онҳо дар ташаккул ва рушди афкори забоншиносии навини тоҷик, бахусус, таълифи

китобҳои дарсии нисбатан мукаммал нақши муҳим бозидаанд. Шеваҳои забони тоҷикӣ нахуст аз тарафи профессори университети Қазон В. В. Григорев дар асоси ёддоштҳои Мирзо Шамси Бухорой бо номи “Намунаи шеваи тоҷикони Бухоро” мавриди таҳқиқ қарор гирифта, баъдан забоншиносони дигар дар ин ҷода кори илмӣ-пажуҳишӣ ба сомон расонидаанд. Ин асари В. В. Григорев ба илми шевашиносии тоҷик асос гузошт ва дар марҳилаҳои баъдии таҳқиқи шеваҳои тоҷикӣ муҳаққиқони шевашинос ба ин асар чун нахустин таҳқиқ ишора кардаанд.

4. Таҳқиқи забони форсӣ ва тоҷикӣ дар замони Русияи подшоҳӣ ба мақсади омузиши ин забонҳо аз ҷониби шаҳрвандони Русия ва ба ин восита шинос шудан ба фарҳанг, урфу одати ин халқҳо ва кушодани роҳи васеъ барои тиҷорат ба ин сарзаминҳо маҳсуб меёфт.

5. Таълифи дастуру роҳнамоҳои зиёде аз забони форсӣ, ки аксари онҳо қоидаву қонунҳои дастури забони тоҷикиро низ инъикос менамуданд, ба дастурнигории баъдии забони тоҷикӣ ва дар ин замина шаклгирии афкори забоншиносии навини тоҷик низ аз ҳадафҳои муаллифони он грамматикаҳо ба ҳисоб мерафт.

6. Таълифи асари этнографии П.К. Кузнетсов бо номи “О таджиках Ташкентского уезда” дар баробари маълумоти этнографӣ оид ба лексикаи тоҷикони Тошканд ва таъсири забони узбекӣ ба ин гуйиши тоҷикӣ тавзеҳоти муҳим баён доштааст. Дар асари дигари ин муҳаққиқ ба номи “Сравнительный грамматический очерк таджикского и сартовского наречий” бори аввал дар таърихи шевашиносии тоҷик гуйишҳои тоҷикӣ ба ду гурӯҳ: шеваи водиҳо (ҳамворӣ) ва шеваи кӯҳистон ҷудо карда шудааст.

7. Таъсири афкори забоншиносии русро ба афкори забоншиносии тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX мо, пеш аз ҳама, аз тариқи китобҳои дарсӣ мебинем, зеро бо таълифи китобҳои дарсӣ муҳаққиқон дар шарҳу маънидоди ҳодисаҳои гуногуни савтӣ, сарфӣ, луғавӣ ва наҳвӣ аз таҷрибаи забоншиносони рус баҳра мегиранд, ки ин ҳам яке аз омилҳои шаклгирии забоншиносии навини тоҷик маҳсуб меёбад.

8. Собит шудааст, ки забони адабии тоҷикӣ пас аз Инқилоби Октябр ба марҳилаи нави рушд ворид шуд. Майли содабаёнӣ, ки намояндагони аҳли қалами охири асри XIX оғоз карда буданд, дар солҳои баъдӣ барои густариши равияи демократӣ кунонидани забони адабӣ замина фароҳам овард. Муҳаққиқон ва мутахассисони соҳа ҳамин нуқтаи назарро ба инобат гирифта, таърихи рушди забони адабии муосири тоҷикиро ба се марҳила ҷудо намуданд: 1) солҳои 20-ум; 2) солҳои 30-юм, 40-ум ва 50-ум; 3) солҳои 60-ум, 70-ум ва 80-уми асри XX.

9. Пас аз Инқилоби Октябр масоили забони адабии тоҷик ва пурра демократӣ кунонидани он, ҳамчун яке аз проблемаҳои муҳимми сиёсӣ ва давлатӣ, дар маркази таваҷҷуҳ қарор мегирифт. Сохтори нави ҷамъиятӣ, шароити куллан нави сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ нақши забони адабии тоҷикро тадриҷан зиёд карда, мазмуну моҳияти онро нисбат ба пешина дигаргун намуд. Забони адабӣ дар заминаи рушди инқилоби фарҳангӣ дар Тоҷикистон, рушди адабиёт, матбуот ва маориф бо нигоҳ доштани фонди асосӣ ва таркиби луғавӣ ва принсипҳои сохти грамматикии мавҷудаи худ вобаста ба таркиби луғавӣ, сохту қоидаҳои дастурӣ ва вижагиҳои услубӣ ҷанбаҳои комилан навро фаро гирифта, бар асоси худ хусусиятҳои забони умумиро бештар касб намуд ва хусусияти умумихалқӣ пайдо кард. Омузиш ва таҳқиқи услуби адабиёти бадеӣ баҳри пурратар ва равшан нишон додани моҳият ва вижагиҳои раванди ташаккул, рушд ва такомули забони адабӣ ва забони адабиёти бадеӣ имконияти васеъ фароҳам овард.

10. Вазъи забоншиносии тоҷик дар ибтидои асри XX хеле печидаву мураккаб будааст. Аз ибтидои асри XX то солҳои 20-уми асри XX давраи ивазшавии бинишу афкори қадиму нав маҳсуб мешавад. Дар ҳамин давра як силсила китобҳои дарсӣ таълиф шудаанд, ки муаллифонашон намояндагони халқи маҳаллӣ ё аз ҷумлаи хатмкунандагони мактабҳои русӣ-маҳаллӣ буданд.

Инҳо равшанфикроне буданд, ки тарғиби илму маданияти рус ва низоми таълим ба забони модарӣ, яъне тоҷикӣ, мақсаду маромашон буд. Ба

ин гурӯҳ муаллифони дастурҳои забони форсӣ Мирзосайид Абдусалом, Муҳаммадрасул Расулӣ, Маҳмуд Хоҷа Беҳбудӣ, Исматулло Раҳматуллозода ва чанде дигар дохил мешуданд. Муҳаққиқони мазкур дар шаклгирии афкори забоншиносии навини тоҷик нақши муҳим бозидаанд.

11. Гузариш аз низоми хатти арабиасос ба алифбои лотинӣ ва баъдан ба алифбои сириллики тоҷикӣ яке аз марҳилаҳои муҳимми рушди таърихии низоми хати забони тоҷикӣ маҳсуб меёбад. Таҳлили маводди таърихӣ ва забоншиносии тоҷик собит менамояд, ки ин раванд дар заминаи тағйироти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаи шуравӣ сурат гирифта, ба ташаккул ва такмили меъёрҳои забони адабии тоҷикӣ таъсири назаррас гузоштааст.

12. Гузариш ба алифбои нав дар баробари таҳкими робитаҳои байни миллатҳо ва густариши фазои ягонаи фарҳангиву маърифатӣ, дастрасии густарда ба иттилооти бештар барои рушди минбаъдаи соҳаи маориф, матбуот, фарҳанг ва илми тоҷик низ заминаи мусоид фароҳам овардааст. Аз ин рӯ, масъалаи мазкурро метавон ҳамчун яке аз омилҳои муҳимми рушди минбаъдаи забони адабии тоҷикӣ дар давраи шуравӣ арзёбӣ намуд.

13. Баъди тақсимоти ҳудуди миллӣ соли 1924 дар Осиёи Миёна ва ба сифати ҷумҳурии мухтор дар ҳайати Узбекистон шинохта шудани Тоҷикистон таҳқиқу омузиши забони тоҷикӣ ба зинаи нав ворид мешавад.

Дар ин давра дар равиши таҳқиқ, асосан, ба ду ҷиҳат эътибори ҷиддӣ дода шудааст:

а). Тайёрӣ ва гузаштан ба алифбои нав, яъне алифбои лотинӣ (солҳои 1924 – 28).

б). Муайян кардани меъёрҳои забони адабии китобии тоҷикӣ ва роҳҳои наздик намудани он ба оммаи мардумро дарбар мегирифт.

14. Мубоҳисаҳои солҳои 20-30-юми асри XX дар атрофи забони тоҷикӣ, ҳарчанд ки бештар гирифтори манфиатҳои сиёсӣ буданд, вале моҳияту арзиши тахассусиву илмӣ низ доштанд. Бисёр донишмандони ҳирфаӣ масъалаҳои муҳимми илмиро ба миён мегузоштанд, аммо ҳалли бештари онҳо амалӣ намегашт. Ин мубоҳисаҳо дар баробари таълифи

китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ аз асосҳои дастури забони тоҷикӣ барои гузоштани бунёди илми забоншиносии давраи нави тоҷик, яъне забоншиносии навини тоҷик дар аҳди шуравӣ, заминаи мусоид фароҳам овард.

15. Дар мулоҳизаҳои бархе аз муҳаққиқони тоҷик доир ба вазъи забони тоҷикӣ дар солҳои 20-30-юми асри XX чанд нуктаи муҳим ба миён гузошта шудааст ва аз ҳама муҳимтарин ин аст, ки устод Айнӣ, А. Муҳиддинов ва пайравони ӯ асосҳо ё меъёрҳои шинохти забони адабиро муҳимтарин ҷиҳат шуморидаанд. Дарвоқеъ, агар ҳамон солҳо меъёрҳои илмии шинохти забони адабии тоҷик рушд мекард, шояд имрӯз тавоноии забони тоҷикӣ бештар мешуду камтар асосҳои дастурии он ба танқид гирифтор мегардид.

16. Дар мубоҳисаҳои солҳои 20-30-юми асри XX бисёр адабиону олимон, омузгорону муҳаққиқон ширкат мекунанд. Ҳар кадоме аз онҳо оид ба масъалаҳои забоншиносӣ назари худро баён дошта, аз мавқеи сиёсӣ ё тахассусӣ муҳокима меронад. Доираи мавзуоти баҳсҳои солҳои 20-30-юм дар атрофи забони тоҷикӣ хеле васеъ буд, аммо як нуқта равшан ба назар мерасад, ки маҳз дар заминаи ҳамин мубоҳисаҳо бунёди илми забоншиносии навини тоҷик гузошта мешавад.

17. Масъалаҳои асосии мубоҳисаҳои солҳои 20-30-юми асри XX-ро бо ҳамроҳии масоили мавриди баррасии Анҷумани нахустини забоншиносони Тоҷикистон (23-28-уми августи соли 1930) аз нигоҳи мавзуъ гурӯҳбандӣ намоем, феҳристи мукаммали онҳо тамоми паҳлуҳо, бахшу қисматҳои илми забоншиносии тоҷикро дарбар мегиранд, чунончи: 1. Забони адабии тоҷик ва масоили илмиву амалии он. 2. Масъалаҳои марбут ба алифбои лотинӣ ва қабули он. 3. Дар бораи имлои нави тоҷикӣ. 4. Дар бораи истилоҳ ва истилоҳгузинӣ. 5. Сарфу наҳви забони тоҷикӣ. 6. Дар бораи китобҳои дарсӣ. 7. Дар бораи забони матбуот. 8. Оид ба забони гуфтугӯии тоҷикӣ. 9. Дар бораи наздик намудани забони адабии тоҷик бо забони омма. 10. Баъзе масъалаҳои назариявии забоншиносии тоҷик.

Дар атрофи ин масъалаҳо дар рӯзномаву маҷаллаҳои ҳамон давра теъдоди зиёди мақолаҳо чоп шудаанд, ки аксар муаллифони он мақолаҳо чун мутахассисони касбӣ ба масъалаҳои муҳимми забоншиносӣ даст задаанд ва ба кулли масоили мавриди назар аз нуқтаи назари диди нави забоншиносӣ баҳо додаанд.

18. Дар ибтидои солҳои 30-юми асри ХХ дар қатори устод Айнӣ, А. Лоҳутӣ, Э. Бертелс, Т. Зеҳнӣ, С. Ализода, Р. Ҳошим, А. Фитрат, Бектош, А. Мунзим, Б. Азизӣ, Ҳ. Бақозода, Б. Ҳоҷизода, як зумра адибону донишмандони хушсалиқа бо назару биниши тоза дар паҳлуи устод Айнӣ, барои рушди афкори забоншиносии навини тоҷик дар он солҳо саҳми худро гузоштанд. Ба ин гурӯҳ А. Деҳотӣ, А. Мирзоев ва Л. Бузургзода дохил мешаванд.

19. Солҳои 40-50-уми асри ХХ давраи хеле вазнини ҳаёти халқҳои собиқ шуравӣ буд, бо вуҷуди ин дар таҳқиқи масъалаҳои забоншиносӣ, таълифи китобҳои дарсӣ аз асосҳои дастури забони тоҷикӣ барои зинаҳои гуногуни таҳсил ва пажуҳиши шеваҳои забони тоҷикӣ, як зумра муҳаққиқон, аз ҷумла. В. С. Расторгуева, Л. Бузургзода, А. Мирзоев, М. Ғафуров, Н. Маъсумӣ, О. Ҷалолов, Б. Ниёзмуҳаммадов, Д. Т. Тоҷиев, Ш. Ниёзӣ, А. З. Розендфелд ва дигарон бо таълифи асару мақолаҳои илмӣ дар рушди илми забоншиносӣ дар ин марҳила саҳм гузоштаанд. Ин муҳаққиқон, аз як тараф, дар таълифи китобҳои дарсӣ барои зинаҳои гуногуни таҳсил фаъолона иштирок карда бошанд, аз тарафи дигар ба таҳқиқу омузиши масъалаҳои гуногуни бахшҳои илми забоншиносии тоҷик машғул шуданд

20. Дар солҳои 60-уми асри ХХ дар илми забоншиносии навини тоҷикӣ забоншиносон ба монанди Т. Зеҳнӣ, В. С. Расторгуева, А. Мирзоев, Б. Ниёзмуҳаммадов, Д. Т. Тоҷиев, Н. Маъсумӣ, М. Фозилов, М. Беҳбудӣ, Р. Л. Неменова, А. З. Розендфелд, А. Л. Хромов, Х. Ҳусейнов, М. Қосимова, С. Ҳалимов, М. Исматуллоев, Б. Камолиддинов, Р. Х. Додихудоев, Ш. Рустамов, А. Каримов, М. Муҳаммадиев, Ҳ. Маҷидов, А.Мирзоев, П. Қурбонов ва

дигарон ба таҳқиқи масъалаҳои гуногуни забоншиносии навини тоҷик машғул мешаванд.

21. Солҳои 70-уми асри XX дар илми забоншиносии навини тоҷик марҳилаи ҷамъбасти натиҷаҳои пажуҳишу таҳқиқи бахшҳои илми забоншиносӣ маҳсуб меёбад. Маҳз дар ҳамин давра тамоми дастовардҳои муҳаққиқони забоншиноси тоҷик дар шакли дастуру китобҳои дарсии зинаҳои гуногуни таҳсилот, луғату фарҳангҳо, рисолаҳои илмии ҷамъбастӣ омодаву ба нашр расонда шудаанд.

Дар солҳои 70-ум як гурӯҳ забоншиносон монанди Т. Зеҳнӣ, Р. Ҳошим, Б. Ниёзмуҳаммадов, Д. Тоҷиев, Н. Маъсумӣ, Р. Ғаффоров, М. Исматуллоев, А. Халилов, Р. Х. Додихудоев, А. Каримов, А. Мирзоев, Ш. Рустамов, С. Хушенова, М. Эшниёзов, Б. Сиёев, С. Ҳалимов, Х. Ҳусейнов, М. Қосимова, С. Раҳматова, Ҳ. Маҷидов, Т. Мақсудов, М. Муҳаммадиев, Б. Камолиддинов, Ҳ. Раупов, Н. Шаропов, Т. Хаскашев, А. Абдуқодиров, П. Қурбонов, С. Атобуллоев, Ф. Зикриев ва дигарон ба таҳқиқи ҷамъбастии масъалаҳои мубрами забоншиносии навини тоҷикӣ машғул шудаанд. Дар солҳои 70-уми асри XX дар забоншиносии тоҷик зарурати таҳияи “Грамматикаи илмии забони адабии ҳозираи тоҷик” ба миён омада, дар ин давра ба навиштани лоиҳаи он шуруъ намуданд. Ташаббускори он Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон маҳсуб меёфт. Дар ин давра “Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик”(1977) нашр гардид ва дар таҳияи ин асари арзишманди илмӣ гурӯҳи муҳаққиқону донишмандон ва забоншиносони намоён саҳм гирифтанд. Натиҷаи меҳнати арзишманди забоншиносон дар ин даврон бар он овард, ки солҳои 80-ум китоби мазкур дар се ҷилд (солҳои 1985-1989) ба табъ расид. Бо вуҷуди арзиши муҳимми илмӣ доштани Грамматикаи илмии мазкур баъзе масъалаҳои мубрам аз доираи баррасии он берун монда буд.

Нахуст масъалаҳои назариявии марбут ба проблемаҳои дастурӣ (грамматика) ба таври кофӣ, равшан ва амиқ ҳалли худро наёфтанд. Махсусан, масъалаҳои назариявии ибора ба таври зарурӣ матраҳ нашудаанд;

дуюм таҳлилу тавсифи маводди забонӣ, асосан, дар пояи забони адабии муосири тоҷикӣ сурат гирифта, намунаҳои забони адабиёти класикӣ қариб, ки истифода нашудааст.

22. Дар нимаи дуюми солҳои 70-уми асри XX дар қатори насли калонсолу миёнсол як гурӯҳи ҷавонони хушсалиқа ба таҳқиқи масъалаҳои гуногуни бахшҳои забоншиносии навини тоҷик мепардозанд ва аввалин мақолаҳои таҳқиқии худро дар маҷаллаҳову маҷмуаҳо ба нашр мерасонанд.

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Аз таҳлилу натиҷагириҳои мавзуи таҳқиқотӣ метавон нуктаҳои зеринро ба сифати тавсияҳои амалӣ пешниҳод намуд:

1. Арзиш ва таъсири ин мавод барои омузиши афкори забоншиносии марҳилаҳои баъдӣ заминаи хубе шуда метавонад;

2. Нишон додани арзиши забоншиносии ин мавод аз нигоҳи имрӯзи забоншиносӣ, муайян кардани саҳми чеҳраҳои алоҳида аз муҳиммияти дигари ин мавзуъ маҳсуб меёбад;

3. Аз нигоҳи замон марҳила ба марҳила шаклгириву рушди афкори забоншиносии навини тоҷик барои даврабандии забони адабии тоҷикӣ ва даврабандии комили таърихи афкори забоншиносии тоҷик мусоидат карда метавонад;

4. Аз баррасии маводди таҳқиқшуда бармеояд, ки новобаста аз таҳқиқотҳои анҷомдода дар омузиши афкори забоншиносии тоҷик ҳануз ҳам корҳои анҷомноёфта зиёданд;

5. Натоиҷи мавзуи мазкур дар таҳияи донишномаи забоншиносии тоҷик маводди судманд дода метавонад;

6. Пажуҳиши мабоҳиси афкори забоншиносии навини тоҷик, ки дар диссертатсия мавриди арзишдоварӣ қарор гирифтааст, дар рушду инкишофи илми забоншиносии муосири тоҷик заминаи мусоид мегузорад;

7. Равиши илмие, ки дар баррасии кор интихоб шудааст, имкон фароҳам меорад, таҳқиқи афкори забоншиносии навини тоҷик бештар мавриди омузиш ва баррасӣ қарор гирад;

8. Хулосаҳо ва нукоти назарие, ки дар диссертатсия оид ба афкори забоншиносии навини тоҷик ба даст омадаро метавон дар таҳия ва тадвини китобҳои дарсӣ, монографияҳо, таҳқиқоти диссертатсионӣ ва дастурҳои таълимӣ-методӣ истифода кард.

9. Натиҷаҳои таҳқиқи мазкур барои бознигарии бисёр масъалаҳои забоншиносии навини тоҷик мавод дода метавонад.

10. Аз натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ дар таълифи дастури ҷомеаи забони тоҷикӣ баҳра бурдан мумкин аст.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

I. Адабиёти илмӣ

1. Абаев, В. И. Таджикское «olufta» [Текст] / В. И. Абаев // Иранская филология: (материалы V Всесоюзной межвузовской научной конференции по иранской филологии, г. Душанбе, 25–27 апреля 1966 г.). – Душанбе, 1970. – № 1. – С. 5-8.

2.Абдураҳимов, С. Ибораҳои исмии забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн] / С. Абдураҳимов. – Душанбе: Дониш, 1973. – 164 с.

3.Абуалӣ ибни Сино. Донишнома [Матн] / А. Сино. Осори мунтахаб. – Душанбе: Ирфон, 1980. – Ҷ. 1. – С. 29-139.

4. Абуалӣ ибни Сино. Донишномаи Алоӣ [Матн] / А. Сино; бо муқаддима, ҳавошӣ ва тасҳеҳи С. М. Машкут. – Ҳамадон: Интишороти Донишгоҳи Буалӣ Сино, 1383 [2005]. – 196 с.

5.Абуалӣ ибни Сино. Махориҷ-ул-ҳуруф [Матн] / А. Сино. Осори мунтахаб. – Душанбе: Ирфон, 1983. – Ҷ. 2. – 560 с.

6.Абурайҳони, Берунӣ. Осор-ул-боқия [Матн] / А. Берунӣ – Душанбе, 1990. – 421 с.

7.Азизӣ, Б. Ба муносибати тақсимоти минтақагӣ [Матн] / Б. Азизӣ // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 94-96.

8.Азизӣ, Б. Ба алифбои нав забони куҷоро асос гирифта шавад [Матн] / Б. Азизӣ // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 272-276.

9.Азизӣ, Б. Ба забони дарӣ дурри суханро суфтан мехоҳем [Матн] / Б. Азизӣ // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 357–363.

10. Азизӣ, Б. Дар бораи забони адабии тоҷик [Матн] / Б. Азизӣ // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 653-664.

11. Айнӣ, С. “Таҳзиб-ус-сибён” [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Маориф, 1994. – 51 с.

12. Айнӣ, С. Сарфу наҳви тоҷикӣ [Матн] / С. Айнӣ // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 69-70.

13. Айнӣ, С. Дунёи нав ва алифбои нав [Матн] / С. Айнӣ // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 121-124.

14. Айнӣ, С. Дар атрофи забони форсӣ ва тоҷикӣ [Матн] / С. Айнӣ // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 162-267.

15. Айнӣ, С. Масъалаи таърихӣ дар гирди алифбои нави тоҷикӣ [Матн] / С. Айнӣ // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 211-215.

16. Айнӣ, С. Забони тоҷикӣ [Матн] / С. Айнӣ // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 318-326.

17. Айнӣ, С. Ҷавоби ман [Матн] / С. Айнӣ // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 406-413.

18. Айнӣ, С. Алифбои нав дар миқёси ҷумҳурияти ҷавони мо [Матн] / С. Айнӣ // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 571-573.

19. Айнӣ, С. Дар бораи Фирдавсӣ ва Шоҳнома [Матн] / С. Айнӣ. – Сталинобод, 1940. – 35 с.

20. Айнӣ, С. Мактуби кушода ба рафиқ Д. Тоҷиев [Матн] / С. Айнӣ // Асарҳо. – Ҷилди II, китоби дуввум. – Душанбе, 1964. – С. 385-386.

21. Акрамов, М. Ибораҳои сифатӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн] / М. Акрамов. – Душанбе, 1977. – 124 с.

22. Ализода, Ғ. Лотинонидан қадами калон ба иҷтимоиёт аст [Матн] / Ғ. Ализода // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 447–452.

23. Ализода, С.С. Сарфу наҳви тоҷикӣ [Матн] / С.С. Ализода. – Душанбе, 2006. – 88 с.

24. Аминзода, А. Масъалаи лотинӣ кардани алифбо [Матн] / А. Аминзода // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 126–129.

25. Андреев, М. С. Краткие сведения об этнографической экспедиции, предпринятой летом 1924 г. к горным таджикам Матчи, Каратегина, Гиссарского края и Ягноба [Текст] / М. С. Андреев // Известия ТОРГО. – Ташкент, 1924. – Т. 15.

26. Андреев, М. С. Краткий обзор некоторых особенностей таджикских говоров: (материалы) [Текст] / М. С. Андреев. – Сталинабад; Ташкент, 1930. – 63 с.

27. Андреев, М. С. Таджики долины Хуф: (верховья Аму-Дарьи) [Текст] / М. С. Андреев. – Сталинабад, 1958. – Вып. 2.

28. Арендс, А.К. Краткий синтаксис современного персидского литературного языка [Текст] / А. К. Арендс. – Москва; Ленинград: Изд-во АН СССР, 1941. – 190 с.

29. Арзуманов, С.Д. Забони тоҷикӣ: учебник таджикского языка для взрослых [Матн] / С. Д. Арзуманов. – Душанбе, 1951. – 120 с.

30. Арзуманов, С. Zaboni tojiki: учебник таджикского языка для взрослых [Текст] / С. Арзуманов, С. Нестеренко. – Сталинобод, 1938. – 384 с.

31. Атобуллоев, С. Ҷумлаҳои пайрави мубтадо ва хабар дар забони адабии тоҷик [Матн] / С. Атобуллоев. – Душанбе, 1975. – 206 с.

32. Аълозода, Ф. Дар гирди забони адабии тоҷик [Матн] / Ф. Аълозода // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 574-577.

33. Аълозода, Ф. Боз ҳам дар атрофи масъалаи алифбои нави тоҷикӣ [Матн] / Ф. Аълозода // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 596–602.

34. Бакиханов, Аббас-Кули Ага. Краткая грамматика персидского языка [Текст] / А. Бакиханов. – Тифлис, 1841. – 97 с.

35. Бақозода, Ҳ. Дар гирди алифбои нави тоҷикӣ [Матн] / Ҳ. Бақозода // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 517-519.

36. Бақозода, Ҳ. Забони тоҷикӣ [Матн] / Ҳ. Бақозода, Ҳ. Каримов. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1936. – 134 с.

37. Бартольд, В. В. К вопросу о языках согдийском и тохарском [Текст] / В. В. Бартольд. – Москва, 1964. – 461 с.

38. Басистов, П. Е. Система синтаксиса [Текст] / П. Е. Басистов. – Москва, 1848. – С. 48.

39. Баҳор, Муҳаммадтақӣ. Сабкшиносӣ [Матн]. Ҷ. 1 / Муҳаммадтақии Баҳор. – Теҳрон: Амири Кабир, 1384 [2005]. – 420 с.

40. Бегбуди, Н. Говор самаркандских таджиков: автореф. дис. ... канд. филол. наук [Текст] / Н. Бегбуди. – Москва, 1956. – 25 с.

41. Бектош, Н. Дар атрофи забони тоҷикӣ [Матн] / Н. Бектош // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 529-530.

42. Беленицкий, А.М. Наҳви забони тоҷикӣ: барои синфҳои VI–VII [Матн]. Қ. 2 / А.М. Беленицкий, Б. Ҳоҷизода. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, Шуъбаи таълимӣ-педагогӣ, 1936. – 140 с.

43. Берёзин, Ф.Н. Грамматика персидского языка [Текст] / Ф.Н. Берёзин. – Казань, 1853. – С. 441-478.

44. Бертельс, Е. Э. Учебник персидского языка [Текст] / Е. Э. Бертельс. – Ленинград, 1932. – 408 с.

45. Бертельс, Е. Э. Пути создания таджикских словарей [Текст] / Е. Э. Бертельс // Труды первой конференции по изучению производительных сил Таджикской ССР. – Ленинград, 1934. – С. 179.

46. Бертелс, Е. Э. Дар бораи забони адабии тоҷик [Матн] / Е. Э. Бертелс // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо: (маҷмуаи мақолаҳои солҳои 20-ум). – Душанбе, 2007. – С. 473-480.

47. Боголюбов, М. Н. [Рецензия на кн.: Расторгуева В.С. Очерки по таджикской диалектологии. Вып. 1. Варзобский говор таджикского языка. – М., 1952] [Текст] / М. Н. Боголюбов // Советская книга. – 1953. – № 5. – С. 113-117.

48. Богорад, Ю.И. Южнокулябские диалектизмы [Текст] / Ю.И. Богорад // Масъалаҳои шевашиносии тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1970. – Ҷ. 1. – С. 245-257.

49. Болдырев, А.Н. Бадахшанский фольклор [Текст] / А.Н. Болдырев // Советское востоковедение. – Москва; Ленинград, 1948. – Т. V.

50. Бузургзода, Л. Фонетикаи забони адабии тоҷик [Матн] / Л. Бузургзода. – Сталинобод, 1940. – 54 с.

51. Бузургзода, Л. Чорбайтҳои халқӣ ва хусусиятҳои шеваи Конибодом [Матн] / Л. Бузургзода // Ахбороти филиали тоҷикистонии АФ СССР. – Сталинобод, 1941. – № 1. – С. 23-30.

52. Бузургзода, Л. Синтаксиси мухтасари забони тоҷикӣ [Матн] / Л. Бузургзода. – Сталинобод, 1942. – 142 с.

53. Буслаев, Ф.И. Опыт исторической грамматики русского языка [Текст] / Ф.И. Буслаев. – Москва : Изд-во АН СССР, 1959. – 622 с. – С. 329-330.

54. Бухорӣ, Н. Дар гирди масъалаи забони адабии тоҷик [Матн] / Бухорӣ Н. // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 602-606.

55. Ваҳобзода, Т. Масоили сохтмони забони адабӣ дар солҳои 20–90-уми садаи XX. Китоби V: Баҳси атрофи имло дар забоншиносии тоҷик [Матн]. Ҷ. 1 / Т. Ваҳобзода. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2020. – 471 с.

56. Виноградов В. В. Из истории учения русского синтаксиса. – М., 1958. – 400 с.

57. Воҷидалии, Муҷмалӣ. Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун [Матн] М. Воҷидалӣ. – Калкатта: Нувалкишур, 1913. – 437 с.

58. Гаффаров, Р. Синтаксис таджикских говоров в сравнительном освещении (простое предложение): автореф. дис. ... д-ра филол. наук [Текст] / Р. Гаффаров. – Душанбе, 1980. – 49 с.

59. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷикӣ [Матн]. Ҷ. 1: Фонетика ва морфология. – Душанбе, 1956. – 267 с.

60. Григорьев, В. В. О некоторых событиях в Бухаре, Коканде и Кашгаре [Текст] / В. В. Григорьев. – Казань, 1861. – 56 с.

61. Григорьев, В. В. Обозрение диалектических отличий, употребительных у бухарских таджиков персидского языка [Текст] / В. В. Григорьев. – Казань, 1861. – 73 с.

62. Ғафуров, Б. Таърихи мухтасари халқи тоҷик [Матн]. Ҷ. 1 / Б. Ғафуров. – Сталинобод, 1947. – 390 с.

63. Ғаффоров, А.О. Нахустмуҳақиқи грамматикаи забони тоҷикӣ [Матн] / А. О. Ғаффоров // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2012. – № 1 (17). – С. 165-170.

64. Ғаффоров, А.О. Саҳми Абдусаттор Мирзоев дар таҳқиқи ибораҳои забони тоҷикӣ [Матн] / А.О. Ғаффоров // Сомонаи ДДОТ ба номи С. Айнӣ. – 2026. – 20 февр.

65. Ғаффоров, Р. Калимаҳои шевагӣ дар романи Раҳим Ҷалил “Одамони ҷовид” [Матн] / Р. Ғаффоров // Ахбороти АФ РСС Тоҷикистон. Шуъбаи фанҳои ҷамъиятӣ. – 1962. – № 3 (30). – С. 67-75.

66. Ғаффоров, Р. Забон ва услуби Раҳим Ҷалил: (дар асоси материали романи “Одамони ҷовид”) [Матн] / Р. Ғаффоров. – Душанбе: Дониш, 1966. – 225 с.

67. Ғаффоров, Р. Синтаксиси ҷумлаҳои сода [Матн] / Р. Ғаффоров // Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ: (проспект). – Душанбе: Дониш, 1973. – С. 98-138.

68. Ғаффоров, Р. Хабарҳои феълии мураккаб ва тарзи ифодаи онҳо дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ [Матн] / Р. Ғаффоров // Забоншиносии тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1977. – С. 109-123.

69. Ғаффоров, Р. Нависанда ва забон [Матн] / Р. Ғаффоров. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 203 с.

70. Ғаффоров, Р. Устоди бузурги сухан: (ба олими шинохта-забоншиноси маъруф Н. Маъсумӣ бахшида шудааст) [Матн] / Р. Ғаффоров. – Душанбе: Дониш, 1978. – 61 с.

71. Ғаффоров, Р. Революцияи Октябр ва инкишофи забони адабии тоҷик [Матн] / Р. Ғаффоров. – Душанбе: Дониш, 1979. – 72 с.

72. Деҳотӣ, А., Ҳоҷизода Б. ва Бузургзода Л. “Сарфу наҳв” [Матн] /А. Деҳотӣ, Б. Ҳоҷизода ва Л. Бузургзода. – Сталинобод, 1932. – 131с.

73. Деҳотӣ, А. Дар бораи имло, алифбо, истилоҳ ва забони адабии тоҷикӣ [Матн] / А. Деҳотӣ // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 672-678.

74. Деҳотӣ, А. Куллиёт [Матн].Ҷилди V / А. Деҳотӣ. – Душанбе: Нашрдавтоҷ, 1965. – 464 с.

75. Джалолова, Ф. А. Языковедческие воззрения в “Гияс-ал-луготе” Мухаммада Гиясиддина Ромпури: автореф. дис. ... канд. филол. наук [Текст] / Ф. А. Джалолова. – Душанбе, 2011. – 23 с.

76. Джураев, Р. Очерки по истории грамматики таджикского и персидского языков [Текст] / Р. Джураев. – Душанбе : Ирфон, 1972. – 172 с.

77. Думбол. Оё лозим аст, ки забони адабии тоҷикӣ аз нав эҳё шавад [Матн] / Думбол // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 295-303.

78. Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо [Матн]. – Душанбе, 2007. – 583 с.

79. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Синтаксис [Матн] Барои студентони факултетҳои филологии мактабҳои олӣ. – Душанбе : Ирфон, 1970. – 267 с.

80. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика ва морфология [Матн]. Қисми 1: китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ. – Душанбе : Ирфон, 1973. – 450 с.

81. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Синтаксис [Матн] Қисми 2: китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ. – Душанбе : Маориф, 1984. – 325 с.

82. Закариёи, Розӣ. Мунтахаби осор [Матн] Р. Закариё. – Душанбе: Адиб, 1989. – 156 с.

83. Залеман, К.Г. Краткая грамматика новоперсидского языка с приложением метерки и библиографии [Текст] / К.Г. Залеман, В.А. Жуковский. – Санкт-Петербург, 1890. – 108 с.

84. Зарубин, И. И. Этнологические задачи экспедиции в Таджикистане [Текст] / И. И. Зарубин // Известия АН СССР. – Москва, 1925. – 97 с.

85. Зарубин, И. И. Отчёт об этнологических работах в Средней Азии летом 1926 г. [Текст] / И. И. Зарубин // Известия АН СССР. Серия VI. – 1927. – № 5–6. – С. 256-360.

86. Зарубин, И. И. Очерки разговорного языка самаркандских евреев [Текст] / И. И. Зарубин // Иран. – Ленинград, 1928. – Вып. II. – С. 91-180.

87. Зеҳнӣ, Т. Мубоҳиса дар бораи забон ва адабиёт [Матн] / Т. Зеҳнӣ // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 81-92.

88. Зеҳнӣ, Т. Забони “Овози тоҷик” [Матн] / Т. Зеҳнӣ // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 96-99.

89. Зеҳнӣ, Т. Дар бораи алифбои нав [Матн] / Т. Зеҳнӣ // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 200-202.

90. Зеҳнӣ, Т. Вазифаи матбуоти тоҷик дар бораи забон [Матн] / Т. Зеҳнӣ // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 305-307.

91. Зеҳнӣ, Т. Фикри ман дар бораи забони чопӣ [Матн] / Т. Зеҳнӣ // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 334-347.

92. Зеҳнӣ, Т. Маслиҳатҳои ман дар бораи забон [Матн] / Т. Зеҳнӣ // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 431-443.

93. Зеҳнӣ, Т. Таҷрибаи аввалин аз сарфи забони тоҷикӣ [Матн] / Т. Зеҳнӣ. – Сталинобод, 1930.

94. Зеҳнӣ, Т. Аз таърихи лексикаи забони тоҷикӣ [Матн] / Т. Зеҳнӣ,– Душанбе: Дониш, 1987. – 236 с.

95. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан [Матн] / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе : Адиб, 2007. – 400 с.

96. Зеҳнӣ, Т. Дар дилу дидаи дӯстон [Матн] / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе, 2007. – 183 с.

97. Зеҳнӣ, Т. Сарфи забони тоҷикӣ [Матн] / Т. Зеҳнӣ, Ҳ. Бақозода. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 152 с.

98. Зикриёев, Ф. Ҷумлаҳои туфайлӣ ва муносибати онҳо бо ҷумлаҳои пайрави тарзи амал [Матн] / Ф. Зикриёев // Маҷмӯаи илмӣ: (материалҳо оид ба забони адабии тоҷик). – Душанбе, 1967. – Ҷ. 55. – С. 83-109. – (Серияи филологӣ).

99. Зикриёев, Ф. Хусусияти грамматикии воҳидҳои туфайли [Матн] / Ф. Зикриёев // Масъалаҳои забони тоҷикӣ: (маҷмӯаи илмӣ). – Душанбе, 1978. – С. 24-34.

100.Зикриёев, Ф. Ҷумлаҳои пайрави тарзи амал ва монандӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн] / Ф. Зикриёев. – Душанбе, 1977. – 43 с.

101.Зикриёев, Ф. Структурно-семантические особенности сложносочиненных предложений в современном таджикском литературном языке. Дисс. док. филол. наук. [Текст] / Ф. Зикриёев. – Душанбе, 1986. – 320 с.

102.Иброҳимӣ, М. Масъалаи алифбои нав [Матн] / М. Иброҳимӣ // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 262-372.

103.Икромӣ, Б. Дар гирди масъалаи забони матбуоти тоҷикӣ [Матн] / Б. Икромӣ // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 349-357.

104. Исматуллоев, М. Прямое дополнение в современном таджикском литературном языке: автореф. дис. ... канд. филол. наук [Текст] / М. Исматуллоев. – Сталинабад, 1953. – 28 с.

105. Исматуллоев, М. Пуркунандаи бевосита дар забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн] / М. Исматуллоев. – Сталинобод : Нашриёти давлатии адабиёти таълимӣ-педагогии Вазорати маорифи РСС Тоҷикистон, 1961. – 64 с.

106. Исматуллоев, М. Оид ба ҷумлаи пайрави истисноӣ [Матн] / М. Исматуллоев //Маҷмӯаи илмӣ (Материалҳо оид ба забони адабии тоҷик). Ҷ. 12. Серияи филологи. – Душанбе, 1963. – С. 3-8.

107. Исматуллоев, М. Мухтасар оид ба ҳоли вазифа [Матн] / М. Исматуллоев //Маҷмӯаи илмӣ (Материалҳо оид ба забони адабии тоҷик). Ҷ. 73. Серияи филологи. – Душанбе, 1970. – С. 3-7.

108.Исматуллоев, М. Очеркҳои грамматикӣ оид ба ҳолшарҳкунандаҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн]. Қ. 1: (ҳоли макон ва замон) / М. Исматуллоев. – Душанбе : Маориф, 1986. – 276 с.

109.Исматуллоев, М. Очеркҳои грамматикӣ оид ба ҳолшарҳкунандаҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн]. Қ. 2 / М. Исматуллоев. – Душанбе: Маориф, 1986. – 126 с.

110.Кабиров, Ш. Ҷумлаҳои беаъзо дар забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн] / Ш. Кабиров // Масъалаҳои забон ва адабиёт: силсилаи мақолаҳои филологӣ. – Душанбе, 1975. – Қ. 1–2. – С. 307-315.

111. Камолиддинов, Б. Дар бораи ҷумлаҳои яккалимагӣ [Матн] / Б. Камолиддинов // Межвузовская научная конференция по иранской филологии. Тезисы докладов. – Душанбе, 1966. – С. 165-168.

112. Камолиддинов, Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим [Матн] / Б. Камолиддинов. – Душанбе : Ирфон, 1967. – С. 127-163.

113. Камолиддинов, Б. Роҳҳои гуногуни ифодаи як муносибати ҳолӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн] / Б. Камолиддинов // Забоншиносии тоҷик. – Душанбе, 1984. – С.110-120.

114. Камолиддинов, Б. Муродифоти синтаксисӣ ва ҳусни баён [Матн] / Б. Камолиддинов. – Душанбе, 1986. – 117 с.

115. Камолетдинов, Б. Синтаксическая синонимия в современном таджикском литературном языке: автореф. дис. ... доктора филол. наук [Текст] / Б.. Камолетдинов– Душанбе, 1988. – 46 с.

116. Камолиддинов, Б. Хусусиятҳои услубии сарфу наҳви забони тоҷикӣ [Матн] / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Маориф, 1992. – 128 с.

117. Каримов, А. Предлог APAR в среднеперсидском языке [Текст] / А.Каримов. – Душанбе, 1972. – 115 с.

118. Касимова, М. Н. Синтаксис простого предложения таджикской прозы XI в.: автореф. дис. ...д-ра. филол. наук [Текст] / М. Н Касимова. – Душанбе, 1979. – 41 с.

119. Касимова, М. Н. Принципы написания учебника «Исторический синтаксис таджикского языка» [Текст] / М. Н Касимова. – Душанбе, 1978. – 114 с.

120.Керимова, А. А. Говор таджиков Бухары [Текст] / А. А. Керимова. – Москва : Изд-во восточной литературы, 1959. – 162 с.

121.Кисляков, Н. А. Очерки по истории Каратегина [Текст] / Н. А. Кисляков. – Сталинабад, 1954. – 224 с.

122.Климчитский, С. И. Дарвазский фахлавиёт [Текст] / С. И. Климчитский // Труды Таджикской базы АН СССР. – Сталинабад, 1940. – Т. IX. – С. 142-148.

123.Кузнецов, П. Е. О таджиках Ташкентского уезда [Текст] / П. Е. Кузнецов // Известия Туркестанского отдела Русского географического общества. – Ташкент, 1900. – Т. 2, вып. 2. – 110 с.

124.Кузнецов, П. Е. О таджиках Наманганского уезда [Текст] / П. Е. Кузнецов // Известия Туркестанского отдела Русского географического общества. – Ташкент, 1915. – Т. XI, вып. 2, ч. 1. – 91 с.

125.Кузнецов, П. Е. Сравнительный грамматический очерк таджикского и сартовского наречий [Текст] / П. Е. Кузнецов // Известия Туркестанского отдела Русского географического общества. – Ташкент, 1915. – Т. XI, вып. 2, ч. 1. – С. 26-44.

126. Қаландаров, К. Ташаккул ва такомули ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии тоҷик (асрҳои X–XIX) [Матн] / К. Қаландаров. – Душанбе, 2004. – 264 с.

127.Қосимова, Л. Фикри ман дар бораи алифбои нави тоҷикӣ [Матн] / Л. Қосимова // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 520-521.

128.Қосимова, М. Н. Ҷумлаи пайрави шартӣ дар забони адабии тоҷик [Матн] / М. Н. Қосимова. – Сталинобод: Нашриёти АФ Тоҷикистон, 1962. – 77 с.

129.Қосимова, М. Н. Суффикси “-ча” [Матн] / М. Н. Қосимова // Масъалаҳои филологияи тоҷик. – Душанбе, 1974. – С. 156- 159.

130.Қосимова, М. Н. Ҳиссачаи “-ми” [Матн] / М. Н. Қосимова // Масъалаҳои филологияи тоҷик. – Душанбе, 1976. – С. 86-94.

131.Қосимова, М. Н. Очеркҳо оид ба синтаксиси ҷумлаҳои содаи насри асри XI [Матн] / М. Н. Қосимова // Душанбе: Ирфон, 1976. – 215 с.

132.Қосимова, М. Н. Практикум аз забони адабии тоҷик [Матн] / М. Н. Қосимова // Душанбе: Ирфон, 1976. – 175 с.

133.Қосимова, М. Н. “Хат ва имлои матни классикии тоҷик”, [Матн] / М. Н. Қосимова // Душанбе: Ирфон, 1976. – 283 с.

134.Қосимова, М. Н. “Маҷмуаи машқҳо оид ба синтаксиси забони тоҷикӣ” [Матн] / М. Н. Қосимова // Душанбе: Ирфон, 1976. – 137 с.

135.Қосимова, М. Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои 1X-X). Қисми 1. [Матн] / М. Н. Қосимова. – Душанбе, 2003. – 490 с.

136.Қосимова, М. Н. Ганҷи сухан [Матн] / М. Н. Қосимова // Маҷмуаи мақолаҳо. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. – 620 с.

137.Қурбонов, П. Дар бораи баёния [Матн] / П. Қурбонов // Маҷмӯаи корҳои илмии аспирантон. – 1961. – Ҷ. XXXVI. – С. 52-59.

138.Қурбонов, П. Дар бораи баёнияи изофӣ [Матн] / П. Қурбонов // Маҷмӯаи илмии ИПА. – 1963. – Ҷ. 42. – С. 41- 67.

139.Қурбонов, П. Як типи нави ҷумлаи пайрав дар забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн] / П. Қурбонов // Маҷмӯаи илмӣ: (материалҳо оид ба забони адабии тоҷик). – Душанбе, 1967. – Ҷ. 55. – С. 51-67.

140.Қурбонов П. Ифода ёфтани муносибати баёниягӣ ба воситаи ҷумлаи пайрав [Матн] П. Қурбонов //Маҷмӯаи илмӣ//. Материалҳо аз забони адабии тоҷик).Ҷ. 90. Серияи филологӣ . – Душанбе, 1974. – С. 69-70.

141.Қурбонов П. Баёнияҳои истисноӣ аз ҷиҳати ифодаи маъно ва муносибати синтаксисӣ [Матн] (Маҷмӯаи илмӣ//. П. Қурбонов Материалҳо оид ба забони адабии тоҷик. Серияи филологӣ. – Душанбе, 1970. – С.12-33.

142.Қурбонов, П. Баёния дар забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн] / П. Қурбонов. Душанбе, 1974. – 154 с.

143.Ларин Б.А. Очерк по фразеологии [Текст] /Б.А Ларин. //Уч. записки ЛГУ, №198, 1965 г. Стр. 200.

144.Лившиц, В. А. О внутренних законах развития таджикского языка [Текст] / В. А. Лившиц // Известия Отделения общественных наук АН Таджикской ССР. – 1954. – № 5. – С. 87-102.

145.Лившиц, В. А. Согдийские слова в таджикском языке [Текст] / В. А. Лившиц // Известия АН Таджикской ССР. Отделение общественных наук. – Душанбе : Дониш, 1957. – № 12. – С. 31-43.

146.Лоҳутӣ, А. Дар гирди лоиҳаи алифбои нави тоҷикӣ [Матн] / А. Лоҳутӣ // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 146-149.

147.Маджидов, Х. К вопросу о классификации фразеологических единиц таджикского языка [Матн] / Х. Маджидов // IV всесоюзная научная конференция по иранской филологии. – Ташкент, 1964. – С. 19-20.

148.Маджидов, Х. Некоторые вопросы фразеологии современного таджикского языка [Матн] / Х. Маджидов // Сборник работ аспирантов. – Душанбе, 1966. – Вып. V. – С. 75-91.

149.Маъсумӣ, Н. Нишондодҳои методӣ ва супоришҳо аз забони модарӣ [Матн]. Қисми 2 / Н. Маъсумӣ. – Сталинобод : Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1949. – 94 с.

150.Маджидов, Х. Об особенностях предикативных фразеологических единиц таджикского языка [Матн] / Х. Маджидов // Проблемы иранской филологии. – Баку, 1979. – С. 30-31.

151.Маджидов, Х. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка [Матн] / Х. Маджидов. – Душанбе, 1995. – 48 с.

152.Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик [Матн] / Н. Маъсумӣ. Сталинобод: Нашр.давл.Тоҷ., 1959. – 353 с.

153.Маъсумӣ, Н. Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат [Матн] / Н. Маъсумӣ. – Душанбе, 1967. – 211 с.

154.Маъсумӣ, Н. Асарҳои мунтахаб [Матн] / Н. Маъсумӣ. Ҷ. 2: Забоншиносӣ / Н. Маъсумӣ. – Душанбе : Ирфон, 1980. – 352 с.

155.Маҷидов, Ҳ. Ибораҳои фразеологӣ дар романи Раҳим Ҷалил “Одамони ҷовид” [Матн] / Ҳ. Маҷидов // Сборник докладов межвузовской научной конференции. – Душанбе, 1963. – С. 206-213.

156.Маҷидов, Ҳ. Хусусиятҳои лексикӣ-семантикии воҳидҳои фразеологии феълии забони адабии ҳозираи тоҷик (рисолаи номзадӣ) [Матн] / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 1968. – 249 с.

157.Маҷидов, Ҳ. Аломатҳои фарқкунандаи воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ [Матн] / Ҳ. Маҷидов // Масъалаҳои забони тоҷикӣ. – Душанбе, 1967. – С. 61-78.

158.Маҷидов, Ҳ. Сабабҳои бавуҷудоӣ, роҳҳои ташаккул ва инкишофи минбаъдаи воҳидҳои фразеологии феълии забони ҳозираи тоҷик [Матн] / Ҳ. Маҷидов // Иранская филология: материалы V Всесоюзной межвузовской научной конференции. – Душанбе, 1970. – С. 39-51.

159.Маҷидов, Ҳ. Фразеологияи забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн] / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 1982. – 102 с.

160.Мейе, А. Введение в сравнительное изучение индоевропейских языков [Текст] / А. Мейе. – Москва ; Ленинград, 1938. – 510 с.

161.Мещеряков, В. Н. Акустические характеристики подчинительного союза “ки” в современном таджикском языке [Текст] / В. Н. Мещеряков // Сборник работ аспирантов. – Душанбе, 1965. – Вып. 2. – С. 237-244.

162.Мирза Джафар. Краткая грамматика персидского языка [Текст] / Мирза Джафар. – Казань, 1884. – 109 с.

163.Мирзоев, А. Дар гирди алифбои нави тоҷикӣ [Матн] / А. Мирзоев // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 583–590.

164.Мирзоев, А. Дар атрофи палеонтологияи забон [Матн] / А. Мирзоев. – Ленинград, 1936. – 56 с.

165.Мирзоев, А. Духтархона чист? [Матн]: тадқиқоти лингвистӣ-таърихӣ / А. Мирзоев. – Сталинобод, 1940. – 70 с.

166.Мирзоев, А. Грамматикаи забони тоҷикӣ [Матн]. Қисми 2: Синтаксис / А. Мирзоев, Ш. Ниёзӣ, М. Ғафуров. – Сталинобод, 1942. – 95 с.

167.Мирзоев, А. Доир ба ибора ҳамчун воҳиди мустақили синтаксис [Матн] / А. Мирзоев // Ахбороти Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон. Шуъбаи фанҳои ҷамъиятӣ. – 1965. – № 3 (41). – С. 48-60.

168.Мирзоев, А. Ибораҳои феълии замонӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн] А. Мирзоев. – Душанбе, 1972. – 123 с.

169.Мирзоев, А. Масъалаҳои ибора дар забони тоҷикӣ [Матн] А. Мирзоев. – Душанбе : Деваштич, 2002. – 308 с.

170.Мунзим, А. Дар бораи забони тоҷикӣ [Матн] / А. Мунзим // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 377-380.

171.Мунзим, А. Забони бухориён тоҷикӣ ё узбекӣ? [Матн] / А. Мунзим // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 380-383.

172.Мунзим, А. Дар бораи забони адабии тоҷикӣ [Матн] / А. Мунзим // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 400-406.

173.Мунзим, А. Ба роҳ мондани алифбои нав дар Тоҷикистон [Матн] / А. Мунзим // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 397-399.

174.Мунзим, А. Аз кӯи хомушӣ як овоз [Матн] / А. Мунзим // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 490-493.

175.Муҳиддинов, А. Фикрҳои мо дар бораи забони адабии тоҷикӣ [Матн] / А. Муҳиддинов // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 383-397.

176.Муъинзода. Дар атрофи масъалаи забони китобӣ-адабӣ [Матн] / Муъинзода // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 377-380.

177.Набавӣ, Абдухолиқ. Баҳсҳои илмӣ ва мафкуравӣ оид ба забони тоҷикӣ дар солҳои 20-ум [Матн] / Абдухолиқи Набавӣ // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 11.

178.Набиев, М. Сложные предложения усложнённого типа в современном таджикском литературном языке (на материале прозы Айни): автореф. дис. канд. филол. наук [Текст] /М. Набиев. – Душанбе, 1975. – 22 с.

179.Назарзода, С. Пажуҳише дар таърихи забони тоҷикӣ [Матн] / С. Назарзода. – Душанбе, 2021. – 589 с.

180.Назарзода С. Истилоҳоти забони тоҷикӣ: таърих, гаройиш ва дурнамо [Матн] /С. Назарзода. – Душанбе: Бухоро, 2013.– 371 с.

181.Назарзода С. Забони тоҷикӣ ва худшиносии миллӣ [Матн] /С. Назарзода. – Душанбе, 2018. – 208 с.

182.Наливкин, В. П. Русско-персидский словарь [Текст] / В. П. Наливкин. – [Б. м.], 1888. – 476 с.

183.Наливкин, В. П. Руководство к практическому изучению персидского языка [Текст] / В. П. Наливкин. – Самарканд, 1900– 87 с.

184.Неменова, Р. Л. Итоги и задачи диалектологических работ в Таджикистане в свете трудов И. В. Сталина по вопросам языкознания [Текст] / Р. Л. Неменова // Известия АН Таджикской ССР. Отделение общественных наук. – Сталинабад, 1952. – № 1. – С. 37-45.

185.Неменова, Р. Л. Некоторые особенности бальджуванских говоров таджикского языка [Текст] / Р. Л. Неменова // Известия АН Таджикской ССР. Отд. общ. наук. – 1954. – № 5. – С. 137-145.

186.Неменова, Р. Л. Краткий очерк грамматики таджикского языка [Текст] / Р. Л. Неменова // Краткий таджикско-русский словарь. – Москва : Гос. изд-во иностр. и нац. словарей, 1955. – С. 527–604.

187.Неменова, Р. Л. Фонетика [Текст] / Р. Л. Неменова // Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ (Проспект). – Душанбе : Дониш, 1973. – С. 20-39.

188.Нестеренко, С. Н. Таджикский новый алфавит [Текст] / С. Н. Нестеренко // Известия Таджикского филиала АН СССР. Сталинабад,– 1941. – 67 с.

189.Ниёзӣ, Ш. Н. Оид ба ҳиссаҳои номии нутқ дар забони тоҷикӣ [Матн] / Ш. Н. Ниёзӣ // Ахбороти АФ РСС Тоҷикистон. Шуъбаи фанҳои ҷамъиятӣ. – 1954. – № 5. – С. 147-153.

190.Ниёзӣ, Ш. Н. Исм ва сифат дар забони тоҷикӣ [Матн] / Ш. Н. Ниёзӣ // Очеркҳо оид ба грамматикаи забони тоҷикӣ. – Сталинобод, 1954. – 40 с.

191.Ниёзмуҳаммадов, Б.Н. Лутфулло Бузургзода “Фонетика ва морфологияи забони тоҷикӣ” [Матн] / Б. Н. Ниёзмуҳаммадов. – Сталинобод, 1941. – 145 с.

192.Ниёзмуҳаммадов, Б.Н. Синтаксиси ҷумлаҳои сода дар забони адабии тоҷик [Матн] / Б. Н. Ниёзмуҳаммадов. – Сталинобод, 1948. – 340 с.

193.Ниёзмухаммедов, Б.Н. Канибадамское наречие таджикского языка [Текст] / Б. Н. Ниёзмухаммедов. – Сталинабад, 1951. – 56 с.

194.Ниёзмуҳаммадов, Б. Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик [Матн] / Б. Н. Ниёзмуҳаммадов. – Душанбе, 1959. – 145 с.

195.Ниёзмуҳаммадов, Б. Н. Очеркҳо оид ба баъзе масъалаҳои забоншиносии тоҷик [Матн] / Б. Н. Ниёзмуҳаммадов. – Сталинобод, 1960. – 118 с.

196.Ниёзмуҳаммадов, Б. Н. Ҷумлаҳои сода дар забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн] / Б. Н. Ниёзмуҳаммадов. – Душанбе, 1960. – 145 с.

197.Ниёзмуҳаммадов, Б. Н. Шеваи Конибодоми забони тоҷикӣ [Матн] / Б. Н. Ниёзмуҳаммадов. – Душанбе, 1961. – 56 с.

198.Ниёзмуҳаммадов, Б. Н. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Синтаксис [Матн] / Б. Н. Ниёзмуҳаммадов, Ш. Ниёзӣ. – Нашри нуҳум. – Сталинобод : Нашриёти давлатии адабиёти таълимӣ-педагогӣ, 1961. – 120 с.

199.Ниёзмуҳаммадов, Б. Н. Забони тоҷикӣ [Матн]. Қ. 2: Синтаксис. / Б. Н. Ниёзмуҳаммадов, Ш. Ниёзӣ, А. Каримов. – Нашри сеюм. – Душанбе : Ирфон, 1964. – 164 с.

200.Ниёзмуҳаммадов, Б.Н. Баъзе масъалаҳои забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн] / Б. Н. Ниёзмуҳаммадов. – Душанбе, 1965. – 92 с.

201.Ниёзмуҳаммадов, Б.Н. Вазъияти забоншиносӣ ва вазифаҳои забоншиносони тоҷик [Матн] / Б. Н. Ниёзмуҳаммадов // Баъзе масъалаҳои забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе, 1965. – 219 с.

202.Ниёзмуҳаммадов, Б. Н. Баъзе масъалаҳои синтаксиси забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн] / Б. Н. Ниёзмуҳаммадов, Ш. Рустамов. – Душанбе : Ирфон, 1968. – 198 с.

203.Ниёзмуҳаммадов, Б. Н. Забони тоҷикӣ [Матн]. Қ.2 / Б. Н. Ниёзмуҳаммадов, А. Каримов, Ш. Рустамов. – Душанбе : Маориф, 1968. – 197 с.

204.Ниёзмуҳаммадов, Б. Н. Забоншиносии тоҷик: асарҳои мунтахаб [Матн] / Б. Н. Ниёзмуҳаммадов. – Душанбе: Дониш, 1970. – 386 с.

205.О, Дол. Алифбои лотинӣ дар мамлакатҳои Шарқ [Матн] / О. Дол // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 184-188.

206.Одилзода, А.Ҳ. Дар гирди масъалаи алифбои нави тоҷикӣ [Матн] / А. Одилзода // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 505-508.

207.Оранский, И. М. Введение в иранскую филологию [Текст] / И. М. Оранский. – Москва : Изд-во восточной литературы, 1960. – 390 с.

208.Оранский, И. М. Научная командировка в Гиссарскую долину [Текст] / И. М. Оранский // Народы Азии и Африки. – Ленинград, 1962. – № 4. – С. 243-245.

209.Орфинская, В. К. Материалы к характеристике фонетического состава таджикского языка [Текст] / В. К. Орфинская // Иранские языки. – Москва ; Ленинград, 1946. – Ч. 1. – С. 87-106.

210.Осимӣ, Қ. Дар бораи алифбои нави тоҷикӣ [Матн] / Қ. Осимӣ // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 452-455.

211.Пейсиков, Л. С. Лексикология современного персидского языка [Текст] / Л. С. Пейсиков. – Москва, 1975. – 206 с.

212.Поливанов, Е.Д. Вокализм говора Самарканда [Текст] / Е. Д. Поливанов // Докл. АН СССР. – 1920. – № 124.

213.Поливанов, Е. Д. Образцы самаркандско-таджикской речи [Текст] / Е. Д. Поливанов // Научная мысль. – Самарканд ; Ташкент, 1930. – Вып. 1. – С. 25-28.

214.Расторгуева, В. С. Очерки по таджикской диалектологии [Текст] / В. С. Расторгуева. – Москва, 1952. – 788 с.

215.Расторгуева В. С. Об устойчивости морфологической системы языка (по материалам северных таджикских говоров) // Вопросы теории и истории языка. -М., 1952. – С. 225-236.

216.Расторгуева, В. С. Краткий очерк грамматики персидского языка [Текст] / В. С. Расторгуева // Персидско-русский словарь. – Москва : Гос. изд-во иностр. и нац. словарей, 1953. – С. 613-657.

217.Расторгуева, В.С. Изучение таджикского языка в СССР [Текст] / В. С. Расторгуева // Очерки по истории изучения иранских языков. – Москва, 1962.

218.Расторгуева, В.С. Система таджикского глагола [Текст] / В.С. Расторгуева, А. А. Керимова. – Москва : Наука, 1964. – 289 с.

219.Расторгуева, В.С. Опыт сравнительного изучения таджикских говоров [Текст] / В. С. Расторгуева. – Москва : Наука, 1964. – 240 с.

220.Расулӣ, М. Масъалаи алифбо ва имлоро ба зудӣ ҳал кардан даркор [Матн] / М. Расулӣ // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 678-684.

221.Рауфов, Ҳ. “Фарҳанги ҷаҳонгирӣ” ҳамчун сарчашмаи лексикографии тоҷику форс [Матн] / Ҳ.Рауфов. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 191 с.

222.Раҳими Мим. Мирзо Фатҳолӣ Охундов [Матн] / Раҳими Мим // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 149-155.

223.Раҳими Мим. Ба муносибати конференсияи алифбои нав [Матн] / Раҳими Мим // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 257-262.

224.Раҳим, Ҳошим. Ба мо забони оммафаҳм даркор аст [Матн] / Раҳим Ҳошим // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 307-318.

225.Раҳими Мим. Дар гирди забони адабии тоҷик чӣ менависанд? [Матн] / Раҳими Мим // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 327-334.

226.Раҳими Мим. Дар атрофи масъалаи алифбои нав дар Эрон [Матн] / Раҳими Мим // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 422-431.

227.Раҳими, Ҳошим. Забони меҳнаткашони форсизабон [Матн] / Раҳим Ҳошим // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 526-529.

228.Раҳим, Ҳошим. Дар арафаи ҳал кардани масъалаҳои забон, алифбо ва имло [Матн] / Ҳошим Раҳим // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 555-562.

229.Раҳматова, С. Воҳидҳои хулосакунанда дар забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн] / С. Раҳматова. – Душанбе, 1965. – 132 с.

230.Раҳмон, Эмомалӣ. Забони миллат – ҳастии миллат [Матн]. Китоби 1: Ба сӯйи пояндагӣ / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе : Эр-граф, 2016. – 491 с.

231.Раҳмон, Эмомалӣ. Забони миллат – ҳастии миллат [Матн]. Китоби 2: Забон ва замон / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе : Эр-граф, 2020. – 431 с.

232.Резник, Д. Г. Пословицы и поговорки таджиков Кулябской области как диалектологический материал [Текст] / Д. Г. Резник // Учёные записки пед. ин-та. – 1957. – Вып. 2. – С. 102-128.

233.Рубинчик, Ю. А. Современный персидский язык [Текст] / Ю. А. Рубинчик. – Москва, 1950. – 89 с.

234.Рубинчик, Ю. А. Сложные предложения с придаточными определительными в современном персидском языке [Текст] / Ю. А. Рубинчик. – Москва : Восточная литература, 1959. – 114 с.

235.Рустамов, Қ. Таърихи методикаи таълими забони тоҷикӣ дар мактаб [Матн] / Қ. Рустамов. – Душанбе, 2001. – С. 129.

236.Рустамов, Ш. Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави сабаб дар забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн] / Ш. Рустамов. – Душанбе : Дониш, 1968. – 165 с.

237.Рустамов, Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн] / Ш. Рустамов. – Душанбе, 1972. – 70 с.

238.Рустамов, Ш. Таснифоти ҳиссаҳои нутқ ва мавқеи исм [Матн] / Ш. Рустамов. – Душанбе, 1972. – 98 с.

239.Рустамов, Ш. Исм [Матн] / Ш. Рустамов. – Душанбе : Дониш, 1981. – 220 с.

240.Рустамов, Ш. Академик забоншинос [Матн] / Ш. Рустамов. – Душанбе, 1989. – 71 с.

241.Сабзаев, С. Забон ва услуби шоирони маорифпарвар [Матн] / С. Сабзаев. – Душанбе : Маориф, 1991. – 80 с.

242.Семёнов, А. А. Материалы для изучения наречий горных таджиков Центральной Азии. Вып. 1–2 [Текст] / А. А. Семёнов. – Москва, 1900–1901. – 189 с.

243.Семёнов, А. А. Образцы таджикских официальных документов [Текст] / А. А. Семёнов. – Ташкент, 1923. – 109 с.

244.Семёнов, А. А. Краткий грамматический очерк таджикского языка [Текст] / А. А. Семёнов. – Ташкент, 1927. – 116 с.

245.Семёнов, А. Лоиҳаи алифбои лотинӣ барои забони тоҷикӣ [Матн] / А. Семёнуф // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 140-146.

246.Сибивайҳ, Амру бини Усмон. Ал-китоб [Матн]: шарҳи Абусаид ибни Сайрофӣ. – Қоҳира, 2009. – 430 с.

247.Собит, М. Тоҷикон ва алифбои нав [Матн] / М. Собит // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 370-377.

248.Солиев, А. Доир ба ибораҳои номии пешояндӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн] / А. Солиев // Масъалаҳои забони тоҷикӣ: (маҷмӯаи илмӣ). – Душанбе, 1978.

249.Сталин, И.В. Марксизм ва масъалаҳои забоншиносӣ [Матн] / И.В. Сталин. – Сталинобод : Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1951. – С. 34-35.

250.Страчевский, А. Б. Словарь таджикского (или бухарского) языка [Текст] / А. Б. Страчевский. – Санкт-Петербург, 1878. – 228 с.

251.Сулаймонова, М. Дар гирди алифбои тоҷикӣ [Матн] / М. Сулаймонова // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 521-522.

252.Сухарева, О.А. Забони адабии тоҷикӣ [Матн] / О.А. Сухарева // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 606-610.

253. Таджиев, Д.Т. Слово “об” – вода в современном таджикском языке [Текст] / Д. Таджиев // Труды ИЯ АН СССР. – М., 1952. – Т.1. – С. 42-60.

254. Таджиев, Д.Т. О парадигматике таджикского гипотаксиса [Текст] / Тоҷиев, Д. Т. // Осори мунтахаб. – Душанбе: Деваштич, 2005. – С. 225-228.

255. Таджиев, Д.Т. Проблема изучения сложноподчиненного предложения [Текст] / Тоҷиев, Д. Т. // Осори мунтахаб. – Душанбе: Деваштич, 2005. – С. 229-240.

256.Талбакова Ҳ. “Истеъмоли калимаҳои ифодакунандаи касбу ҳунар (дӯзандагӣ) дар “Маъвои дил”-и Р. Ҷалил” [Матн] / Ҳ.Талбакова // Масъалаҳои забон ва адабиёт: силсилаи мақолаҳои филологӣ. – Душанбе, 1973. – С. 71-80.

257.Терентьев, М. Грамматики турецкая, персидская, киргизская и узбекская [Текст] / М. Терентьев. – Санкт-Петербург, 1875. – 118 с.

258.Тоҷиев, Д. Т. Сифати феълӣ дар забони адабии тоҷик [Матн] / Д. Т. Тоҷиев. – Сталинобод, 1954.

259.Тоҷиев, Д. Т. Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиба [Матн] / Д. Т. Тоҷиев. – Душанбе : Ирфон, 1966. – 140 с.

260.Тоҷиев, Д. Т. Калимаҳои ҳамнисбат дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ [Матн] / Д. Т. Тоҷиев // Иранская филология. – Душанбе, 1970. – С. 9-31.

261.Тоҷиев, Д. Т. Воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн] / Д. Т. Тоҷиев. – Душанбе, 1971. – 52 с.

262.Тоҷиев, Д. Т. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн] / Д. Т. Тоҷиев. – Душанбе, 1981. – 215 с.

263.Тоҷиев, Д. Т. Осори мунтахаб [Матн] / Д. Т. Тоҷиев. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 484 с.

264.Тӯсӣ, Насируддин. Меъёр-ул-ашъор [Матн] / Насируддини Тӯсӣ. – Душанбе, 1992. – 152 с.

265.Улуғзода, М. Алифбои тоҷикӣ чи гуна бояд шавад? [Матн] / М. Улуғзода // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 508–514.

266.Успенская, Л. В. Каратагский говор таджикского языка: автореф. дис. ... канд. филол. наук [Текст] / Л. В. Успенская. – Сталинабад, 1949. – 20с.

267.Фитрат, А. Қоидаҳои забони тоҷик [Матн] / А. Фитрат. – Сталинобод; Тошканд, 1930. – 65 с.

268.Фитрат, А. Мунозара [Матн] / А. Фитрат. – Душанбе, 1992. – 123 с.

269.Фитрат, А. Масъалаи алифбо [Матн] / А. Фитрат // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 111-106.

270.Фитрат, А. Дар гирди алифбои тоза [Матн] / А. Фитрат // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 155–162.

271.Фитрат, А. Дар гирди алифбои нав [Матн] / А. Фитрат // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 215-222.

272.Фитрати Бухоройӣ, Абдурауф. Қоидаҳои забони тоҷик [Матн]: (сарф ва наҳв) / Абдурауфи Фитрати Бухоройӣ. – Душанбе : Сино, 2009. – 128с.

273.Халимов, С. Айни как языковед: автореф. дис. канд. филол. наук [Текст] / С. Халимов. – Душанбе, 1964. – 24 с.

274.Ходжаев, Д. Сложноподчиненные предложения с придаточными определительными в современном таджикском литературном языке: автореф. дис. канд. филол. наук [Текст] / Д. Ходжаев. – Душанбе, 1980. – 19 с.

275.Хоҷа Ҳасани Нисорӣ. Чаҳор гулзор [Матн] – Душанбе, 1998. – 116с.

276.Ҳоҷаев, Валӣ. Дар масъалаи сода кардани забони китобии тоҷик [Матн] / Валӣ Ҳоҷаев // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 413-422.

277.Хоҷаев, Д. Як хели ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар “Ғуломон”-и устод Айнӣ [Матн] / Д. Хоҷаев // Масъалаҳои назариявӣ ва амалии таълими забон ва адабиёти тоҷик. – Душанбе, 1977. – С. 117-125.

278.Хоҷа, Давлатбек. Ташаккул ва таҳаввули илми забоншиносии форсу тоҷик дар асрҳои миёна [Матн] / Давлатбеки Хоҷа. – Душанбе : Диловар – ДМТ, 1998. – 152 с.

279.Хоҷаев, Д. Ба ҷойи пешгуфтор ба китоби “Сарфу наҳви тоҷикӣ”-и С. Ализода [Матн] / Д. Хоҷаев. – Душанбе, 2006. – С. 3-8.

280.Хоҷаев, Д. Саҳми академик Абдулғанӣ Мирзоев дар рушди илми забоншиносии тоҷик [Матн] / Д. Хоҷаев // Ёдномаи академик Абдулғанӣ Мирзоев. – Душанбе, 2008. – С. 282-287.

281.Хоҷаев, Д. “Наҳви забони тоҷикӣ”-и М. Белинитский ва Б. Ҳоҷизода – беҳтарин китоби дарсии мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ дар солҳои 30–40-уми асри XX [Матн] / Д. Хоҷаев // Белинитский М., Ҳоҷизода Б. Наҳви забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2010. – С. 4-14.

282.Хоҷаев, Д. Гуфтори наку куҳан нагардад [Матн] / Д. Хоҷаев. – Душанбе : Шуҷоиён, 2011. – 230 с.

283.Хоҷаев, Д. Сайидризо Ализода дар сари дастгоҳи забон [Матн] / Д. Хоҷаев // Гуфтори наку куҳан нагардад. – Душанбе, 2011. – С. 90-95.

284.Хоҷаев, Д. Назари устод Айнӣ дар бораи афкори забоншиносии гузаштаи тоҷик [Матн] / Д. Хоҷаев // Гуфтори наку куҳан нагардад. – Душанбе, 2011. – С. 96-99.

285.Хоҷаев, Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X–XVI [Матн] / Д. Хоҷаев. – Душанбе : Маориф ва фарҳанг, 2013. – 344 с.

286.Хоҷаев, Д. Анвои ҷумлаи пайрав аз назари Лутфулло Бузургзода [Матн] / Д. Хоҷаев // Дурахши ахтари сӯзон. – Душанбе : Матбуот, 2013. – Ҷ. 2. – С. 418–427.

287.Хоҷаев, Д. Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн] / Д. Хоҷаев. – Душанбе, 2021. – 140с.

288.Хоҷазода, Д. Забони тоҷикӣ: китоби дарсӣ барои хонандагони синфи 9 [Матн] / Д. Хоҷазода, Ф. Зикриёев, М. Саломиён. – Душанбе, 2022. – 183 с.

289.Хоҷаев, Д. Таърихи афкори забоншиносии тоҷик [Матн] / Д. Хоҷаев, О. М. Додаров. – Душанбе, 2022. – 303 с.

290.Хоҷаев, Д. Афкори забоншиносии устод Айнӣ дар таҳқиқи Сайид Ҳалимиён [Матн] / Д. Хоҷаев // Забон – рукни тоат. – 2022. – № 13. – С. 17.

291.Хоҷаев, Д. Сермаъноии ҷумлаҳои пайрав ва омилҳои луғавию дастурии он дар забони адабии тоҷик [Матн] / Д. Хоҷаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2023. – № 3. – С. 5–22.

292.Хромов, А. Л. Об одном таджикском предлоге [Текст] / А. Л. Хромов // Известия АН Таджикской ССР. Отд. общ. наук. – 1957. – № 12. – С. 73-75.

293.Хушенова С. Ф. Изофетные фразеологические единицы таджикского языка [Текст] / С. Ф. Хушенова. – Душанбе, 1971. – 89 с.

294.Ҳалимов, С. С. Айнӣ – лексикограф” [Матн] / С. Ҳалимов. – Душанбе, 1964. – 162 с.

295.Ҳалимов, С. “С. Айнӣ ва баъзе масъалаҳои инкишофи забони адабии тоҷик” [Матн] / С. Ҳалимов. – Душанбе, 1974. – 134 с.

296.Ҳалимов, С. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои IX-X) [Матн] / С. Ҳалимов. – Душанбе, 1979. – 95 с.

297.Ҳалимов, С. Забони ҳозираи тоҷик (ҳиссаҳои номии нутқ) [Матн] / С. Ҳалимов. – Душанбе, 1988. – 100 с.

298.Ҳасанзода А. Асолати забон ва маҳорати баён [Матн]. Ҷ.1 / А Ҳасанзода. – Хуҷанд: Ношир, 2018. – 512 с.

299.Ҳасанзода А. Сурати дигари забони аслии куҳан [Матн]. Ҷ.1 / А Ҳасанзода. – Хуҷанд: Ношир, 2024. – 340 с.

300.Ҳодизода, Р. Як гӯшаи маданияти нави мо [Матн] / Р. Ҳодизода // Зеҳнӣ дар дилу дидаи дӯстон. – Душанбе, 2007. – С. 24.

301.Ҳоҷиев, С. Забони адабии тоҷик дар ибтидои асри XX [Матн] / С. Ҳоҷиев. – Душанбе : Дониш, 1987. – 167 с.

302.Ҳоҷи Муҳаммад Каримхони Кирмонӣ. Рисола дар сарфу наҳв ва имло [Матн]. – Теҳрон, 1839. – 109 с.

303.Ҳусейнзода, Ҳ. Дар бораи имлои муваққатии алифбои нав [Матн] / Ҳ. Ҳусейнзода // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – С. 464-466.

304.Ҳусейнов, Х. Муносибати замонии сарҷумла ва ҷумлаҳои пайрави замон [Матн] / Х. Ҳусейнов // Ахбороти шуъбаи фанҳои ҷамъиятии АФ РСС Тоҷикистон. – 1958. – С. 103-116.

305.Ҳусейнов, Х. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави замон дар забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн] / Х. Ҳусейнов. – Сталинобод : Нашриёти АФ Тоҷикистон, 1960. – 121 с.

306.Ҳусейнов, Х. Забон ва услуби “Одина”-и устод Айнӣ [Матн] / Х. Ҳусейнов. – Душанбе, 1973. – 254 с.

307.Ҳусейнов, Х. Луғати терминҳои забоншиносӣ [Матн] / Х. Ҳусейнов, К. Шукурова. – Душанбе: Маориф, 1983. – 256 с.

308.Шарифова, Ф. Х. Составление персидских грамматик в XIX веке в России [Текст] / Ф. Х. Шарифова. Словесность. – Душанбе, 2022. – С. 6-15

309.Шарипова, Ф. Х. Эволюция простого предложения таджикского языка: дис. д-ра филол. наук [Текст] / Ф. Х. Шарипова. – Душанбе, 2013. – 394 с.

310.Шарофов, Н. Калимаҳои русию интернатсионалӣ дар забони адабии тоҷик [Матн] / Н. Шарофов – Душанбе, 1972. – 132 с.

311.Шакурӣ, М. Забони мо ҳастии мост [Матн] / М. Шакурӣ. – Душанбе: Маориф, 1991. – 232 с.

312.Шакурӣ, М. Хуросон аст ин ҷо [Матн] / М. Шакурӣ. – Душанбе, 1997. – 170 с.

313.Шакурӣ, М. Яке аз муборизони роҳи худшиносии миллӣ [Матн] / М. Шакурӣ // Зеҳнӣ дар дилу дидаи дӯстон. – Душанбе, 2007. – 184 с.

314.Шакурӣ, М. Як воситаи муҳимми инкишофи маданияти нутқ [Матн] / М. Шакурӣ // Масоили сохтмони забони тоҷикии адабӣ дар солҳои 20–90-уми садаи ХХ. Китоби ІІІ. Ҷ. 1. – Хуҷанд : Нури маърифат, 2013. – 343с.

315.Шакурӣ, М. Шаммае аз аҳоиботи забони матбуот [Матн] / М. Шакурӣ // Масоили сохтмони забони тоҷикии адабӣ дар солҳои 20-90-уми садаи ХХ. Китоби ІІІ. Ҷ. 1. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2013. – 343 с.

316.Шакурӣ, М. Ном ва табиати нозукписанди забон [Матн] / М. Шакурӣ // Масоили сохтмони забони тоҷикии адабӣ дар солҳои 20–90-уми садаи ХХ. Китоби ІІІ. Ҷ. 1. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2013. – 343 с.

317.Шамси Қайси Розӣ. Ал-муъҷам [Матн] / Розӣ Шамси Қайс. - Душанбе: Адиб, 1991. - 462 с.

318.Шахобова, М. Б. Подчинительный союз “ки” в современном таджикском литературном языке: автореф. дис. ... канд. филол. наук [Текст] / М. Б. Шахобова. – Сталинабад, 1954. – 17 с.

319.Шукуров, М. Ҳар сухан ҷоеву ҳар нуқта мақоме дорад [Матн] / М. Шукуров. – Душанбе, 1985. – 458 с.

320.Эшонҷонов, А. Хабарҳои номӣ ва тарзи ифодаёбии онҳо дар забони адабии тоҷик [Матн] / А. Эшонҷонов // Маҷмӯаи илмии Институти давлатии педагогии ба номи Т. Г. Шевченко. – Сталинобод, 1959. – Ҷ. 18. – 124 с.

321.Эшонҷонов, А. Аъзоҳои чидаи ҷумла дар забони ҳозираи тоҷик [Матн] / А. Эшонҷонов // Маҷмӯаи илмии Институти давлатии педагогии ба номи Т. Г. Шевченко. – Душанбе, 1965. – 26 с.

322.Эшонҷонов, А. Ҷумлаҳои чидааъзо ва баъзе хусусиятҳои грамматикии он [Матн] / А. Эшонджонов // Маҷмӯаи илмӣ: (Материалҳо оид ба забони адабии тоҷик). – Душанбе, 1967. – Ҷ. 35. – 14 с.

323.Эшонджонов, А. Именное сказуемое в современном таджикском литературном языке: автореф. дис. ... канд. филол. наук [Текст] / А. Эшонджонов. – Сталинабад, 1959. – 30 с.

324.Эшонджонов, А. Именное сказуемое и способы его выражения в таджикском литературном языке [Текст] / А. Эшонджонов // Научный сборник ТПИ. Сер. филологическая. – Сталинабад, 1959. – Т. 2. – С. 88 – 102.

325.Эшниёзов, М. Диалектологияи тоҷик [Матн]. Қисми 1 / М. Эшниёзов. – Душанбе, 1977. – 113 с.

326.Эшниёзов, М. Диалектологияи тоҷик [Матн]. Қисми 2 / М. Эшниёзов. – Душанбе, 1979. – 128 с.

327.Юнусов, А. Таърихи забоншиносии тоҷик [Матн] / А. Юнусов. – Душанбе, 1973. – 135 с.

II. Сарчашмаҳо

328. Айнӣ, С. Намунаи адабиёти тоҷик [Матн]/ С. Айнӣ. – Москва: Нашриёти марказии халқҳои Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ, 1926, – 626 с.

329.Айнӣ, С. Куллиёт [Матн] Ҷилди 1 / С. Айнӣ. – Душанбе: Нашрдавтоҷ, 1958. – 360 с.

330.Айнӣ, С. Куллиёт [Матн].Ҷилди 11, китоби дуюм / С. Айнӣ. – Душанбе: Нашрдавтоҷ, 1964. – 436 с.

331.Айнӣ, С. Ёддоштҳо [Матн]: (чаҳор қисм) / С. Айнӣ. – Душанбе: Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2009. – 680 с.

332.Айнӣ, С. Одина [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Дониш, 1992. – 204 с.

333.Айнӣ, С. Марги судхӯр [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 2011. – 127с.

334.Айнӣ, С. Дохунда [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе, 2017. – 381 с.

335.Айнӣ, С. Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе, 2017. – 72 с.

336.Икромӣ, Ҷ. Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро [Матн] / Ҷ. Икромӣ. – Душанбе: Ирфон, 1969. – 474 с.

337.Икромӣ, Ҷ. Тахти вожгун [Матн] / Ҷ. Икромӣ. – Душанбе: Адиб, 1989. – 336 с.

338.Икромӣ, Ҷ. Духтари оташ [Матн] / Ҷ. Икромӣ. – Душанбе: Адиб, 2009. – 557 с.

339. Намунаҳои адабиёти тоҷик [Матн] / Тартибдиҳандагони тазкира – Х. Мирзозода, Ҷ. Суҳайлӣ, Ҷ. Икромӣ, М. Турсунзода, Лутфуллоева Кибриё ва Л.Бузурзода. Дар зери таҳрири умумии С. Айнӣ, С. Улуғзода, А. Деҳотӣ, М. Турсунзода, М. Раҳимӣ ва И. Брагинский. Сталинобод, Нашриёти давлатии Тоҷикистон. 1940. – 637 с.

340.Наршахӣ, Муҳаммад ибни Ҷаъфар. Таърихи Наршахӣ [Матн] / Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ. – Теҳрон: Тӯс, 1363 [1984]. – 380 с.

341.Носир, Хусрав. Сафарнома [Матн] Н. Хусрав. – Душанбе, 1970. – 117 с.

342.Рӯдакӣ, Абуабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммад. Девон. [Матн] А. Рӯдакӣ. – Душанбе: Бухоро, 2015. – 388 с.

343.Саъдӣ, Шерозӣ. Девон. Муҳаммадалии Фурӯғӣ. [Матн] Ш. Саъдӣ– Теҳрон: Ҷовидон, 1319. – 370 с.

344.Турсунзода, Мирзо. Баро, ситораи ман. [Матн] М. Турсунзода. – Душанбе: Адиб, 2015. – 480 с.

345.Улуғзода, С. Субҳи ҷавонии мо [Матн] / С. Улуғзода. – Сталинобод, 1956. – 354 с.

346.Улуғзода, С. Навобод [Матн] / С. Улуғзода. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 368 с.

347.Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома [Матн] Ҷ. 1 / А. Фирдавсӣ ба кӯшиши Зоҳир Аҳрорӣ, Камол Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 2008. – 427 с.

348.Ҳофизи, Шерозӣ. Куллиёт [Матн] / Ҳ. Шерозӣ. – Душанбе: Адиб, 2008. – 346 с.

349.Ҷалил, Р. Одамони ҷовид [Матн] / Р. Ҷалил. – Душанбе: Ирфон, 1979. – 448 с.

350.Ҷалил, Р. Асарҳои мунтахаб [Матн] Ҷ. 1: Шӯроб / Р. Ҷалил. – Душанбе: Адиб, 1988. – 304 с.

III. Рӯзномаю маҷаллаҳо

351.Айнӣ, С. Тақриз ба китоби «Сарфу наҳви тоҷикӣ»-и Сайидризо Ализода [Матн] / С. Айнӣ // Овози тоҷик. – 1926. – 16 авг.

352.Айнӣ, С. Мактуби кушода ба рафиқ Толис [Матн] / С. Айнӣ // Шарқи Сурх. – 1948. – № 11. – С. 38.

353.Айнӣ, С. Оид ба вазъияти забоншиносии тоҷик [Матн] / С. Айнӣ // Шарқи Сурх. – 1952. – № 6. – С. 3-8.

354.Асоев, Р. Ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа бо маънои иловагии шарт [Матн] / Р.Асоев // Дар кит: Маҷмуаи илмӣ. Серияи филологӣ. – Ҷ. VI. – Душанбе, 1976. – С. 27-33.

355.Асоев, Р. “Ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа ё натиҷа?” [Матн] / Р. Асоев // Мактаби советӣ. – 1978. – №1. – С. 19-23.

356.Бектош, Н. Садриддин Айнӣ дар адабиёти инқилобии тоҷик [Матн] / Н. Бектош // Тоҷикистони сурх. – 1931. – 3, 5 август

357.Ғаффоров, Р. Дар боби ҳусни сухан [Матн] / Р. Ғаффоров // Садои Шарқ. – 1969. – № 5.

358.Ғаффоров, Р. Меъёри истифодаи унсурҳои лаҳҷа дар асарҳои бадеӣ: маърӯза дар конференцияи илмӣ оид ба маданияти сухан [Матн] / Р. Ғаффоров // Маориф ва маданият. – 1974. – 25 май.

359.Зеҳнӣ, Т. Забони халқ сарчашмаи мӯътамадест [Матн] / Т. Зеҳнӣ // Комсомоли Тоҷикистон. – 1975. – 12 декабр

360.Қаландаров К. Ҷумлаи пайрави шартӣ дар “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Восифӣ [Матн] / К.Қаландаров // Мактаби советӣ. – 1971. – № 2. – С. 22- 24.

361.Қаландаров К. Ҷумлаи мураккаби омехта (Аз рӯйи материалҳои“Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Восифӣ) [Матн] / К. Қаландаров // Дар кит: Маҷмуаи илмӣ. Серияи филологӣ.-Душанбе, 1974. – С. 64-69.

362.Карамшоев, Д. Муносибати С. Айнӣ бо забони умумихалқӣ ва шеваҳо [Матн] / Д. Карамшоев // Бадахшони советӣ. – 1972. – 20 август

363.Капранов, В. А. Дар бораи баъзе хусусиятҳои луғатҳои қадимаи тоҷикӣ (форсӣ) [Матн] / В. А. Капранов // Шарқи Сурх. – 1957. – № 4.

364.Қосимова, М. Н. Ибораҳои изофии масдарӣ [Матн] / М. Н. Қосимова // Мактаби советӣ. – 1965. – № 8. – С. 34-41.

365.Қосимова, М. Н. “Мухтасар оид ба як хели ҳол дар забони адабии тоҷик [Матн] / М. Н. Қосимова // Мактаби советӣ. – 1966. – № 2. – С. 16-18.

366.Қосимова, М. Н. Як навъи ибораҳои феълӣ [Матн] / М. Н. Қосимова // Мактаби советӣ. – 1971. – № 10. – С. 18-28.

367.Қосимова, М. Н. Доир ба ибора дар забони тоҷикӣ [Матн] / М. Н. Қосимова // Маҷмуаи мақолаҳои илмию методӣ оид ба таълими забон ва адабиёти тоҷик. ИДПД ба номи Т.Г. Шевеченко. Душанбе, 1973. – С. 17-33.

368.Қосимова, М. Н. “Мухтасар оид ба ибораҳои изофии номӣ” [Матн] / М. Н. Қосимова // Ганҷи сухан. Душанбе, 2013. – С. 46-82.

369.Қурбонов, П. Дар бораи баёнияи истисноӣ [Матн] / П. Қурбонов // Мактаби советӣ. – 1960. – № 7. – С. 54-60.

370.Маъсумӣ, Н. Баъзе мулоҳизаҳо оид ба забон ва услуби А. Дониш [Матн] / Н. Маъсумӣ // Шарқи Сурх. – 1948. – № 11. – 38 с.

371.Маҷидов, Ҳ. Ибораҳои фразеологии феълӣ [Матн] / Ҳ. Маҷидов // Мактаби советӣ. – 1967. – № 10. – С. 45-48.

372.Маҷидов, Ҳ. Ҷумлаҳои фразеологӣ [Матн] / Ҳ. Маҷидов // Мактаби советӣ. – 1978. – № 5. – С. 15-19.

373.Маҷидов, Ҳ. Тартиби фразеологӣ [Матн] / Ҳ. Маҷидов // Мактаби советӣ. – 1980. – № 1. – С. 21-24.

374.Мирзоев, А. Фарқҳои семантикии суффикси «ак» / А. Мирзоев // Барои адабиёти сотсиалистӣ. – 1936. – № 11 (47). – С. 22-27.

375.Мирзоев, А. Семантикаи функсиявии академик Марр / А. Мирзоев // Мактаби советӣ. – 1939. – № 10.

376.Мирзоев, А. Баъзе мулоҳизаҳо дар атрофи калимаҳои нумеративӣ / А. Мирзоев // Мактаби советӣ. –1940. – № 1.

377.Мирзоев, А. Забони адабиёти классикӣ ва муносибати он ба забони имрӯзаи тоҷик / А. Мирзоев // Шарқи Сурх. – 1949. – № 4. – С. 7-15.

378.Муллоқандов, Э. Ҳусни забон ва талаби замон [Матн] / Э. Муллоқандов // Маориф ва маданият. – 1969. – 12 август.

379.Набиев, М. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави якхелаи ғайричида [Матн] / М. Набиев // Мактаби советӣ. – 1976. – № 11. – С. 9-11.

380.Набиев, М. Чор қолаби синтаксисӣ бо ҷумлаҳои пайрави якхелаи ғайричида [Матн] / М. Набиев // Мактаби советӣ. – 1979. – № 4. – С. 31-34.

381.Ниёзмуҳаммадов Б. “Мулоҳизаҳо дар бораи як китоб” [Матн] / Б. Ниёзмуҳаммадов // Мактаби советӣ. – 1971. – № 1.

382.Рустамов, Ш. Исмшавии сифат [Матн] / Ш. Рустамов // Мактаби советӣ. – 1970. – №3. – С. 25-28.

383.Рустамов, Ш. Калимасозии факки изофат [Матн] / Ш. Рустамов // Мактаби советӣ. – 1971. – №12. – С. 24-36.

384.Рустамов, Ш. Калимасозӣ ва услуб [Матн] / Ш. Рустамов // Садои Шарқ. – 1971. – № 6.

385.Рустамов, Ш. Як қолиби калимасозии исм [Матн] / Ш. Рустамов // Масъалаҳои забоншиносӣ. – Душанбе, 1975. – С. 42-48.

386.Рустамов, Ш. Забоншиносии тоҷик дар даврони советӣ [Матн] / Ш. Рустамов // Мактаби советӣ. – 1982. – № 12.

387.Тоҷиев, Д. Т. Ҷумлаи пайрави натиҷа [Матн] / Д. Т. Тоҷиев // Мактаби советӣ. – 1964. – № 12. – С. 26-29.

388.Тоҷиев, Д. Т. Ҷумлаҳои пайрави миқдору дараҷа [Матн] / Д. Т. Тоҷиев // Мактаби советӣ. – 1966. – № 7. – С. 18-23.

389.Тоҷиев, Д. Т. Ҷумлаҳои пайрави тарзи амал [Матн] / Д. Т. Тоҷиев // Мактаби советӣ. – 1966. – № 6. – С. 17-23.

390.Тоҷиев, Д. Т. Ҷумлаи пайрави монандӣ [Матн] / Д. Т. Тоҷиев // Мактаби советӣ. – 1966. – № 8. – С. 7-11.

391.Тоҷиев, Д. Т. Доир ба сермаъноии ҷумлаҳои пайрав [Матн] / Д. Т. Тоҷиев // Мактаби советӣ. – 1970. – № 1. – С. 12-15.

392.Хоҷаев, Д. Калимаҳои ҳамнисбат ва ҷумлаи пайрави муайянкунанда [Матн] Д. Хоҷаев Дар кит: Масъалаҳои филологияи тоҷик. (Маҷмуаи мақолаҳои аспирантон) / – Душанбе, 1976, – С. 115-122.

393.Хоҷаев, Д. Тобишҳои маънои иловагии ҷумлаи пайрави муайянкунанда [Матн] / Д. Хоҷаев // Мактаби советӣ. – 1976. – № 10. – С. 14-18.

394.Хоҷаев, Д. “Таълими ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар синфи VIII» [Матн] / Д. Хоҷаев // Мактаби советӣ. – 1979. – № 7. – С. 29-33.

395.Ҳалимов С. “Муборизаи С. Айнӣ барои тозагии забони адабии тоҷикӣ” [Матн] / С. Ҳалимов // Шарқи Сурх. – 1964. – № 1. – С. 3-8.

396.Ҳусейнов, Х. Ҷумлаи пайрави макон [Матн] / Х. Ҳусейнов // Мактаби советӣ. – 1960. – № 12. – С. 7-12.

397.Ҳусейнов, Х. Ҷумлаи пайрави андозаю миқдор [Матн] / Х. Ҳусейнов // Мактаби советӣ. – 1961. – № 8. – С. 26-31.

398.Ҷӯраев, Ғ. Чанд мавриди эзоҳталаб дар тарзи баён” [Матн] / Ғ. Ҷӯраев // Маориф ва маданият. – 1974. – 16 март.

399.Шукуров М. Сухан аз забон ва тарзи баёни аҳли матбуот [Матн] / М. Шукуров // Садои Шарқ. – 1965. – № 10, саҳ. 90-145.

400.Эшонҷонов, А. Феълҳои тасрифшаванда дар мавқеи хабарҳои номӣ [Матн] / А. Эшонҷонов // Мактаби советӣ. – 1958. – № 10.

401.Эшонҷонов, А. Хабарҳои номии маъмул [Матн] / А. Эшонҷонов // Мактаби советӣ. – 1959. – № 5.

402.Эшонҷонов, А. Ҷумлаи пайрави муайянкунанда ва хусусиятҳои он дар забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн] / А. Эшонҷонов // Маориф ва маданият. – 1960. – 26 май.

403.Эшонҷонов, Р. Ҷумлаи мураккаби тобеи пайваст ва баъзе тафовутҳои он аз ҷумлаҳои тобеи сертаркиба [Матн] / Р. Эшонҷонов // Мактаби советӣ. – 1974. – № 2. – С. 40-44.

IV. Фарҳангу луғатномаҳо:

404.Асадии Тӯсӣ. Луғати фурс [Матн] / Асадии Тӯсӣ; бо эҳтимоми Аббос Иқбол. – Теҳрон : Чопхонаи Маҷлис, 1319. – 584 с.

405.Донишномаи мухтасари таърихи афкори забоншиносии тоҷик [Матн]. – Душанбе, 2017. – 320 с.

406.Ғозиуддин Ҳайдар Подшоҳи Ғозӣ. Ҳафт қулзум [Матн]: (ҷ. 1–7). – Лакҳнав, 1822. – 360 с.

407.Луғати русӣ-тоҷикӣ [Матн] / / Зери таҳрири Асимова М. С. – М., 1985. – 1280 с.

408.Луғати терминҳои забоншиносӣ [Матн] – Душанбе, 1983. – 256 с.

409.Муҳаммад, Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот [Матн]: дар 3 ҷилд. Ҷ.1. / Ғиёсуддин Муҳаммад; таҳияи матн бо муқаддима ва тавзеҳоти А. Нуров. – Душанбе: Адиб, 1987. – 416 с.

410.Муҳаммад, Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот [Матн]: дар 3 ҷилд. Ҷ.2. / Ғиёсуддин Муҳаммад; таҳияи матн бо муқаддима ва тавзеҳоти А. Нуров. – Душанбе : Адиб, 1988. – 416 с.

411.Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ [Матн]. Ҷ. 1 / Бурҳон Муҳаммадҳусайн; таҳияи матн бо муқаддима ва тавзеҳоти А. Нуров. – Душанбе: Адиб, 1993. – 416 с.

412.Розенфельд, А. З. Таджикско-русский диалектный словарь (Юго-Восточный Таджикистан) [Текст] / А. З. Розенфельд. – Ленинград: Изд-во ЛГУ, 1982. – 240 с.

413.Рубинчик, Ю. А. Персидско-русский словарь [Текст]: в 2-х томах. Том I / Ю. А. Рубинчик. – Москва: Русский язык, 1985. – 800 с.

414.Сироҷиддин, Алихони Орзу. Чароғи ҳидоят [Матн] / Орзу Алихони Сироҷиддин; таҳияи матн ва тавзеҳоти А. Нуров. – Душанбе: Ирфон, 1992. – 288 с.

415.Фарҳанги забони тоҷикӣ [Матн]: дар 2 ҷилд. Ҷ. 1 / зери таҳрири М. Ш. Шукуров ва диг. – Москва: Советская энциклопедия, 1969. – 951 с.

416.Фарҳанги забони тоҷикӣ [Матн]: аз асри X то ибтидои асри XX. дар 2 ҷилд. Ҷ. 2 / зери таҳрири М. Ш. Шукуров ва диг. – Москва: Советская энциклопедия, 1969. – 949 с.

417.Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ [Матн]: дар 2 ҷилд. Ҷ. 1 / зери таҳрири С. Назарзода ва диг. – Душанбе: Пажуҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ, 2008. – 950 с.

418.Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ [Матн]: дар 2 ҷилд. Ҷ. 2 / зери таҳрири С. Назарзода ва диг. – Душанбе: Пажуҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ, 2008. – 945 с.

419.Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ [Матн]. – Душанбе: Адиб, 1992. – 496 с.

420.Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик [Матн]. – Душанбе, 2004.

ИНТИШОРОТ АЗ РЎЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

I. Монография:

[1-М]. Вализода, Ҳ.С. Ташаккули забоншиносии навини тоҷик дар солҳои 20-30-юми асри XX. Монография [Матн] / Ҳ.С. Вализода. – Душанбе, 2026. -120с.

II. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[2-М]. Вализода, Ҳ.С. Баъзе мулоҳизаҳо оид ба истифодаи аъзои истисноӣ дар повести «Одина»-и устод Айнӣ [Матн] / Ҳ.С. Вализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2008. – №2 (48). – С. 9-11.

[3-М]. Вализода, Ҳ.С. Маъно ва муносибати синтаксисии аъзоҳои истисноии ҷумла бо аъзоҳои асосӣ дар забони тоҷикӣ [Матн] / Ҳ.С. Вализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2008. – №8. – С. 43-52.

[4-М]. Ходжаев, Д., **Вализода, Ҳ.С.** Синтаксическая концепция профессора Д.Т. Таджиева о сложноподчиненных предложениях [Матн] / Д. Ходжаев, Х.С. Вализода // Паёми Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2015. – №3 (50). – С. 236-241.

[5-М]. Вализода, Ҳ.С. Нахустин таҳқиқ оид ба ҷумлаи мураккаби тобеъ дар забоншиносии навини тоҷикӣ [Матн] / Ҳ.С. Вализода // Фурӯғи илм: маҷаллаи байналмилалии илмӣ. – Душанбе, 2024. – №001 (1). – С. 189-198.

[6-М]. Вализода, Ҳ.С. Мубоҳисаҳои солҳои 20-30-юми асри XX дар атрофи забони тоҷикӣ ва арзиши забоншиносии онҳо [Матн] / Ҳ.С. Вализода // Фурӯғи илм: маҷаллаи байналмилалии илмӣ. – Душанбе, 2024. – №2 (). – С. 180-190.

[7-М]. Вализода, Ҳ.С. Сайидризо Ализодаи Самарқандӣ ва афкори забоншиносии ӯ [Матн] / Ҳ.С. Вализода // Фурӯғи илм: маҷаллаи байналмилалии илмӣ. – Душанбе, 2024. – №3 (3). – С. 231-237.

[8-М]. Вализода, Ҳ.С. Баъзе мулоҳизаҳо оид ба андешаҳои Лутфулло Бузургзода дар китоби дарсии «Синтаксиси мухтасари забони тоҷикӣ» [Матн] / Ҳ.С. Вализода // Фурӯғи илм: маҷаллаи байналмилалии илмӣ. – Душанбе, 2024. – № 4 (04). – С. 160-166.

[9-М]. Вализода, Ҳ.С. «Қоидаҳои забони тоҷик» (сарфу наҳв)-и Абдурауфи Фитрат ва мақоми он дар илми забоншиносии тоҷик [Матн] / Ҳ.С. Вализода // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2024. – №4 (56). – С. 36-42.

[10-М]. Вализода, Ҳ.С. Китоби дарсии «Наҳви забони тоҷикӣ»-и М. Беленитский, Б. Ҳоҷизода ва ҷойгоҳи он дар таърихи афкори забоншиносии навини тоҷикӣ [Матн] / Ҳ.С. Вализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – №9. – С. 20-24.

[11-М]. Вализода, Ҳ.С. Доир ба арзиши забоншиносии ду таҳқиқи академик Абдулғанӣ Мирзоев [Матн] / Ҳ.С. Вализода // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. –Кӯлоб, 2025. – №1. – С. 211-219.

[12-М]. Вализода, Ҳ.С. Пасвандаки «-ак» дар таҳқиқи академик Абдулғанӣ Мирзоев ва арзиши забоншиносии он [Матн] / Ҳ.С. Вализода // Суханшиносӣ: маҷаллаи илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – №2 (51). – С. 64-71.

[13-М]. Вализода, Ҳ.С. Арзиши забоншиносии як китоби дарсӣ [Матн] / Ҳ.С. Вализода // Фурӯғи илм: маҷаллаи байналмилалии илмӣ. – Душанбе, 2025. – №2 (06). – С. 307-314.

[14-М]. Вализода, Ҳ.С. Саҳми Бектош дар илми забоншиносии тоҷик [Матн] / Ҳ.С. Вализода // Фурӯғи илм: маҷаллаи байналмилалии илмӣ. - Душанбе, 2025. - №3 (07). – С. 187-193.

[15-М]. Вализода, Ҳ.С. Баъзе мулоҳизаҳо оид ба афкори забоншиносии академик Бобоҷон Ниёзмуҳаммадов [Матн] / Ҳ.С. Вализода // Фурӯғи илм: маҷаллаи байналмилалии илмӣ. – Душанбе, 2025. – № 4 (08). – С. 346-353.

[16-М]. Вализода, Ҳ.С. Саҳми Носирҷон Маъсумӣ дар рушди афкори забоншиносии навини тоҷикӣ дар солҳои 40-70-уми асри XX [Матн] / Ҳ.С. Вализода // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2025. – №5 (56). – С. 36-42.

[17-М]. Вализода, Ҳ.С. Таърихи ташаккули забони адабии тоҷик аз назари академик Абдулғанӣ Мирзоев [Матн] / Ҳ.С. Вализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2025. – № 8. – С. 15-21.

[18-М]. Вализода, Ҳ.С. Абдулвоҳиди Мунзим ва нақши ӯ дар мубоҳисаҳои солҳои 20-30-юми асри XX дар атрофи забони тоҷикӣ [Матн] / Ҳ.С. Вализода // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Кӯлоб, 2026. – №1 (42). – С. 285-290.

[19-М]. Вализода, Ҳ. С. Саҳми профессор Додоҷон Тоҷиев дар рушди илми забоншиносии навини тоҷик [Матн] / Ҳ.С. Вализода, Д. Хоҷаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2026. – №3. – С. 5-11.

III. Мақолаҳое, ки дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[20-М]. Абдусалом Деҳотӣ ва нақши ӯ дар таҳқики баъзе масъалаҳои забони адабии тоҷикӣ” [Матн] / Ҳ.С. Вализода // Маводди конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба рӯзи Забони давлатӣ таҳти унвони “Забон дар масири Истиқлол: мушкилот ва дурнамо”. – Душанбе, 2025. – С. 12-21.

[21-М]. Вализода, Ҳ.С. Додоҷон Тоҷиев ва ташаккули забоншиносии навини тоҷикӣ [Матн] / Ҳ.С. Вализода // Маводди конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба рӯзи байналмилалии забони модарӣ таҳти

унвони “Истиқлол, забонҳои модарӣ ва арҷгузорӣ ба онҳо”. – Душанбе, – С. 23-30.

[22-М]. Вализода, Ҳ.С. Нақши Худойдод Ҳусейнов дар шаклгирии забоншиносии навини тоҷик [Матн] / Ҳ.С. Вализода // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ бахшида ба 35 солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 95 солагии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таҳти унвони “Забони модарӣ ва истиқлоли миллӣ” ба ифтихори рӯзи байналмилалии забони модарӣ. – Душанбе, 2026. – С. 45-52.

[23-М]. Вализода, Ҳ.С. Андешаҳои забоншиносии Нарзуллоҳ Ҳайдарӣ дар китоби «Дар атрофи забони адабии тоҷик» [Матн] / Ҳ.С. Вализода // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Масъалаҳои мубрами филологияи Шарқ ва робитаҳои забониву адабӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ”. – Душанбе, 2026. – С. 61-72.

[24-М]. Вализода, Ҳ.С. Баҳриддин Азизӣ ва мавқеи ӯ дар мубоҳисаҳои солҳои 20–30-юми асри XX дар атрофи забони тоҷикӣ [Матн] / Ҳ.С. Вализода // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Масъалаҳои мубрами филологияи Шарқ ва робитаҳои забониву адабӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ”. – Душанбе, 2026. – С. 11-21.

[25-М]. Вализода, Ҳ.С. Шаклгирии афкори забоншиносии навини тоҷик то Инқилоби Октябр [Матн] / Ҳ.С. Вализода // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони “30-юмин хонишҳои славянӣ” бахшида ба 35 солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 30 солагии Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон ва Рӯзи илми тоҷик. – Душанбе, 2026. – С. 67-73.